# ФАРҲАНГИ ИБОРАҲОИ РЕХТА

АКАДЕМИЯИ ФАНҲОИ РСС ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ БА НОМИ А. РӮДАКӢ

# ФАРҲАНГИ ИБОРАҲОИ РЕХТАИ ЗАБОНИ ҲОЗИРАИ ТОҶИК

(ФАРҲАНГИ ФРАЗЕОЛОГӢ)

Ҷилди якум

Тартибдиҳанда
*М. ФОЗИЛОВ*

НАШРИЕТИ ДАВЛАТИИ ТОҶИКИСТОН
*Душанбе — 1963*

4 Тоҷик
Ф 41

*Дар «Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони тоҷикӣ» наздики ҳашт ҳазор ибораи рехта ё ин ки ибораҳои фразеологӣ ба монанди «Мурч хӯрондан», «Ҳасан задан», «Ба сари касе, чизе об рехтан» ва як қисм зарбулмасал ва мақолҳо дар асоси мисолҳои бисьёре аз адабиёти бадеии даврай советӣ маънидод карда шудаанд.*

*Ин фарҳанг (луғат) барои беҳтар омӯхтани забони адабии тоҷик як василаи хубе мебошад. Фарҳанг аз ду ҷилд иборат аст.*

---

М. ФАЗЫЛОВ

ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИЙ СЛОВАРЬ СОВРЕМЕННОГО ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА

*Том I*

*(на таджикском языке)*

Муҳаррири техникӣ *Р. Анисимова*
Мусаҳҳеҳ *Р. Охунова*

Ба матбаа супурда шуд 7/I-1963. Ба чопаш имзо карда шуд 3/IV-1963. Коғази 84×108 1/32. Ҷузъи чопӣ 30,25. Ҷузъи чопии шартӣ 49,61. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 35,36. Адади нашр 3000. Нархаш 1 с. 26 т. КЛ 00611 Супориши № 64.

Душанбе. Комбинати полиграфии Вазорати маданияти РСС Тоҷикистон.

# САРСУХАН

## 1. Фразеология ва тартиб додани фарҳанги фразеологӣ

Яке аз қисмҳои муҳимми лексикография фразеология мебошад. Ин қисми лексикография, яъне лексикографияи фразеологӣ нисбат ба дигар соҳаҳои забоншиносӣ ҷавон аст. Ҳартарафа омухтани умуман фразеология, агар баъзе қайдҳои ба идиома, ибораҳои маъмули вирди забонгашта (крылатые слова), зарбулмасал ва мақолҳо оиди дар китобҳои дарсӣ, мақолаҳо ва фарҳангҳо чопшударо ба ҳисоб нагирем, бе хато гуфтан мумкин аст, ки дар солҳои охир, пас аз мақолаҳои академик В. В. Виноградов, сар шуд. Хусусан пас аз мақолаи у «Об основных типах фразеологических единиц в русском языке»[1] забоншиносони советӣ бе муболиға ба монанди занбурҳои асале, ки пас аз ташнагии зиёде тасодуфан ба ягон гули хушбуй дучор омада бошанд, ба ин соҳа ру оварданд. Натиҷаи ин рағбати пурқимат сабаби ба майдон омадани даҳҳо диссертацияи кандидатӣ ва докторӣ, даҳҳо мақолаҳо оид ба хусусиятҳои фразеологияи забонҳои гуногун ва ҳатто ба вуҷуд омадани ду фарҳанги дузабони гардид.

Агар он чиро ки дар ин соҳа навишта шудааст, як дараҷа аз назар гузаронем, ба чунин натиҷа меоем:

1. Манбаи ибораҳои фразеологӣ забони халқ мебошад.
2. Дар тамоми забонҳо ибораҳои фразеологӣ фаровон ҷой доранд.
3. Фразеология як категорияи таърихӣ буда, қонун ва қоидаҳои ба худ хос дорад. Дар асоси ибораҳои фразеологии мавҷуда ибораҳои нави фразеологӣ ба вуҷуд меоянд.
4. Фразеология хусусияти ҳар як забон буда, бе омухтани он донистани руҳ ва табиати забон ва худи он забои мумкин нест.

---

[1] *А. А. Шахматов* (1864—1920) «Сборник статей и материалов АН СССР», Труды комиссии по истории АН СССР вып. 3, М.—Л., 1947.

5. Фразеологияи ҳар забон хусусиятҳои грамматики, услубии ба худ хос дорад.

Агарчи дар натиҷаи омухтани фразеология дар солҳои охир баъзе масъалаҳои муҳимми он ҳал шудааст, боз якчанд масъалаҳои дигари он ҳал нашуда мондааст, ки фарҳангнависон ин масъалаҳоро бояд худашон дар вақти тартиб додани фарҳанг муайян кунанд. Муҳимтарини ин масъалаҳо инҳоанд:

1. Дар тартиб додани фарҳанги фразеологӣ яке аз масъалаҳои муҳимми ҳалнашудаи фразеология пеш аз ҳама ҳаҷму ҳудуди худи он мебошад. Дар адабиёти забоншиносӣ дар бораи ин ки кадом ибораҳо ибораҳои фразеологӣ мебошанд, ҳануз як фикри қатъӣ дида намешавад. Масалан, дар бораи фразеологӣ шудан ё нашудани ибораҳои маъмули вирди забонгашта (крылатые слова) зарбулмасал, мақол, ибораҳои истилоҳӣ, афоризмҳои таърихӣ ва ғайра ду фикри ба ҳам муқобил вуҷуд дорад. Баъзе аз забоншиносон онҳоро бечуну чаро ба фразеология дохил мекунанд ва баъзеҳо, баръакс, онҳоро ибораҳои фразеологӣ ҳисоб намекунанд.

С. И. Ожегов роҳи мобайниро интихоб намуда, чунин мегуяд: «Ба ҳамин тариқ ибораҳои вирди забонгашта (крылатые слова) мақол ва зарбулмасал, формулаҳои афсонавӣ, афоризмҳои таърихӣ, латифаҳо ва дигар анвои гуногуни осори эҷодӣ фақат ба ҳиссаҳо ҷудо шуда, нишонаҳои структуравии худро гум карда, аз ҷиҳати сохт (структура) ба воҳидҳои фразеологӣ монанд гардида, ба ин тариқ ба қатори фразеологияи хоси забон медароянд»[1].

2. Ҳудуди ибораҳои фразеологӣ ва ибораҳои оддӣ то алҳол ба таври бояду шояд муқаррар карда нашудааст.

3. Дар адабиёти забоншиносӣ як таърифи ҳартарафае ки аз моҳияти ибораҳои фразеологӣ маълум гардад, то алҳол вуҷуд надорад. Баъзе аз олимон ибораҳои фразеологиро чун ибораҳои «маҷоздор» ва ё чун «айиан тарҷиманашаванда» ҳисоб мекунанд.

4. Дар набудани фарҳангҳои фразеологӣ габиӣ аст, ки тартиб додани фарҳанги аввалин хеле мушкил аст. Агар мо ду фарҳанги фразеологии дузабонаи «Англо-русский фразеологический словарь» (1955) ва «Немецко-русский фразеологический словарь» (1956)-ро ба назар нагирем, қайд кардан лозим меояд, ки то ҳол дар мо фарҳангҳои фразеологии забонҳои гуногуни Иттифоқи Советӣ тартиб дода нашудаанд.

Нашриёти фарҳангҳои хориҷӣ ва миллӣ дар солҳои охир ба тартиб додани «Фарҳанги фразеологии забони русӣ» шуруъ намудааст,

---

[1] *С. И. Ожегов.* О структуре фразеологии, **Лексикографический сборник,** вып. 2, стр. 40, М., 1957.

албатта, истифода бурдани таҷрибаи бои коллективи тартибдиҳан-дагони ин фарҳанг боиси як дараҷа сабук шудани кори фарҳанг-нависон мегардад.

## II. Хусусиятҳои фразеологияи забони тоҷик

Фразеологияи забони тоҷик хусусиятҳои барҷастаи ба худ хос дорад ва бо ин хусусиятҳои худ аз фразеологияи забонҳои дигар, ҳатто аз фразеологияи забони форсӣ фарқ мекунад. Хусусиятҳои фарққунандаи фразеологияи забони тоҷик пеш аз ҳама дар инъи-кос намудани ҳаёт ва муҳити реалии халқи тоҷик мебошад. Онҳо ба тафаккури халқи тоҷик, забон, таърих, маданият ва маишати он вобастагии зич доранд. Фразеологияи забони тоҷик дар асоси имко-ниятҳои забони тоҷик сохта шуда, хусусиятҳои онро дарбар гирифта, садҳо сол маъно ва мавқеи худро гум накарда, то ба имрӯз вирди забон шуда омадааст.

Албатта ин хусусиятҳои хоси ҷудогонаи забони тоҷик бо фра-зеологияи забони форс ва дар баъзе мавридҳо бо фразеологияи за-бонҳои дигар умумиятҳое доранд, ки онҳо бояд муқаррар карда шаванд.

Пас, он хусусиятҳои барҷастаи фразеологияи забони тоҷик ка-домҳоанд?

1. Сарчашмаи фонди асосии ибораҳои фразеологии имрӯзаи за-бони тоҷик забони аҷдодҳои тоҷикони имрӯза ва адабиёти бадеии онҳо мебошад.

Гарчанде ки забони арабӣ зиёда аз ҳазор сол чун забони ҳоким, чун забони дуйуми олимон ва классикони тоҷик ва забони дину ша-риат шуда омада бошад ҳам, калимаҳои асосии (опорные, стержено-вые слова) ибораҳои фразеологӣ, ҳамчун қоида, калимаҳои арабӣ ё туркӣ набуда, балки калимаҳои тоҷикӣ мебошанд. Онҳо ҳатто дар таркиби ибораҳои фразеологӣ низ ниҳоят кам истеъмол ме-гарданд.

2. Калимаҳои серистеъмоли ибораҳои фразеологии забони тоҷи-кӣ пеш аз ҳама калимаҳое мебошанд, ки бо ҳаёт ва меҳнати ҳарру-заи инсон алоқа доранд. Хусусан аз калимаҳои ифодакунандаи аъзои бадани инсон ибораҳои фразеологии зиёде ба вуҷуд омадаанд (ниг. ба «Фарҳанг»).

3. Қисми асосии фонди ибораҳои фразеологии забони тоҷикиро ибораҳои фразеологии пешоянддор ташкил медиҳанд. Сабаби мик-доран зиёд будани инҳо ба табиати забони тоҷик вобаста мебошад.

4. Пас аз иборaҳои фразеологии пешояндцор як қисми маълуми иборaҳои фразеологиро иборaҳои фразеологии феълӣ ташкил медиҳанд. Ин иборaҳо ба воситаи феълҳои серистеъмол ба монанди: «шудан», «задан», «хурдан», «гирифтан», «додан», «рафтан», «баромадан» ва ғайраҳо сохта шуда, бо ҳамаи шахсҳои феълӣ тасриф мешаванд (ниг. ба «Фарҳанг»).

5. Фарқи иборaҳои фразеологии феълии забони ҳозираи тоҷик аз иборaҳои фразеологии феълии забони адабиёти классикӣ дар ин ҷост, ки дар иборaҳои ҳозира шаклҳои мураккаби феълӣ зиёд дида мешаванд.

6. Баъзан дар як қисми иборaҳои фразеологие ки хабари онҳо номӣ мебошад, бандаки феълии «аст» истеъмол намегардад.

7. Элементҳои иборaҳои фразеологӣ чунон сермаҳсуланд, ки дар натиҷаи ҷойивазкунӣ ва ё омадани онҳо бо ҳамроҳии калимаҳои дигар иборaҳои бисьёри нави аз ҷиҳати маъно тамоман дигар ва ё каме фарқноке пайдо гаштаанд.

8. Боз як хусусияти барҷастаи фразеологияи забони тоҷик ин аст, ки дар он муродифот (синонимика) бисьёр кор фармуда мешавад. Дар иборaҳои фразеологӣ, аз як тараф, бо ивазшавии як калима бо калимаи дигар муродифоти ибораи фразеологӣ ба вуҷуд оянд, аз тарафи дигар, бисьёр иборaҳои фразеологӣ аз ҷиҳати шакл ва таркибашон аз ҳамдигар фарқ доранд, онҳо ба ҳамдигар муродиф мебошанд, ки миқдори зиёдиро ташкил медиҳанд.

## III. Вазифаи «Фарҳанг» ва баъзе қайдҳо оид ба он

«Фарҳанги иборaҳои рехта» аз фарҳангҳои дигар фарқ дорад. Ин фарҳанг ба маъноҳои аслии иборaҳо кордор набуда, балки бо маъноҳои маҷозии онҳо, бо маъноҳои тамоман гуногуне ки дар натиҷаи ба ҳам пайвастани калимаҳо ба вуҷуд меоянд, кордор мебошад. Вазифаи асосии фарҳанги иборaҳои рехта маҳз шарҳу баёни ҳамин маъниҳои ғайриасосӣ, маҷозии иборaҳост.

Пас сухан дар бораи кадом маъниҳои ин иборaҳо меравад? Мисолҳо меоварем:

1. Даст дароз кардан ба зан ва фарзандони фуқаро аз ҷумлаи корҳои муқаррарии ин «шербачагон» шуда монда буд.

*С. Айнӣ*

2. Ба молу ҷони шумо даст дароз мекунанд, ҳатто зану фарзандонатонро зуран кашида мегиранд.

*Ҷ. Икромӣ*

3. Англисҳо ба Боку, Ашкобод даст дароз карда, одамҳои худашонро ба маслиҳати амири Бухоро ҳам фиристоданд...

*Ҷ. Икромӣ*

4. Ба маблағҳои давлатӣ ноинсофона даст дароз карданд.

*„Тоҷикистони советӣ"*

Аз ин мисолҳо маълум мегардад, ки иборахои фразеологии «ба касе, чизе даст дароз кардан» маънохои: «1. ҷабру ситам намудан, 2. таҷовуз, тааддӣ кардан, 3. қасд ва нияти ғасб доштан, 4. ғорат. хиёнат кардан»-ро пайдо кардааст.

Мисоли дигар меоварем:

1. Ҳоҷиумар бо раис гапаш гурехта ба колхози «Ситораи сурх» кучида рафт.

*С. Улуғзода*

2. — Ба шумоён чӣ шуд, ё ягон мероси аз бобоятон мондагӣ буд, ки дар болои тақсимаш гапатон гурехт?

*Ф. Ниёзи*

3. Мо аз якдигар розием, 14 сол мешавад, ки боре ҳам гапамон нагурехтааст.

*Ғ. Абдулло*

Чунон ки маълум мегардад, ибораи фразеологии «гап гурехтан» маънохои «дар байн нохушӣ, норизогӣ, ҷанҷол руй додан»-ро қабул кардааст.

Шарҳи ана чунин маънихои иборахои фразеологӣ вазифаи асосии фарҳангҳои фразеологӣ мебошад.

Вазифаи асосии «Фарҳанги иборахои рехтаи забони тоҷик» маънидод намудани иборахои фразеологии гуногуни забони ҳозираи адабиёт ва матбуот мебошад.

Чунон ки қайд намудем, иборахои фразеологӣ дар адабиёти бадей, забони гуфтугузор, хусусан дар забони халқ фаровон мебошанд. Иборахои фразеологӣ дар забон як ҳодисаи тасодуфӣ набуда, қонунӣ ва ҳатмӣ мебошанд. Онҳо садҳо сол чун як қисми барҷастаи лексикаи забон, мувофиқи қонун ва қоидаҳои забони тоҷикӣ инкишоф ва такмил ёфта омадаанд. Албатта, дар давоми асрҳо ҳам дар маъно ва ҳам дар шакли онҳо тағьироти куллӣ руй додааст. Маънои як қисми иборахои фразеологӣ хусусан дар зери қалами устодони адабиётамон васеъ ва ё бо мурури замон маҳдуд гардидаанд.

Акнун, аз сабаби дур будани муҳит ва сабабҳои пайдоиши иборахои фразеологӣ, маънидод намудани онҳо кори чандон осон нест. Ҳаматарафа маънидод намудани тамоми иборахои фразеологии за-

бони адабии тоҷик дар давраи инкишофи зиёда аз ҳазорсолаи вай кори ниҳоят мушкил буда, тадқиқоти чандинсолаи коллективи калонеро талаб менамояд.

Барои ҳамин ҳам тартибдиҳандаи ин фарҳанг «аз нуги хамир фатир» гуфта, танҳо давраи советиро интихоб намуд. Вазифаи асосии «Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони тоҷик» танҳо маънидод намудани ибораҳои фразеологии адабиёти бадеӣ ва қисман матбуоти давраи советӣ мебошад. Аз чунин интихоб намудани як давраи муддатан кутоҳи ниҳоят бойшавии забони тоҷик чунин хулоса намебарояд, ки ибораҳои дар фарҳанг овардашуда танҳо дар давраи советӣ ба вуҷуд омадаанд ва ё ба он хосанд. Барои ин ки чунин шубҳае ба вуҷуд наояд, якчанд мисолҳо меоварем.

**1. «Даст ёзидан»**

Қунун ман шавам дар шаби тиргун
Яке даст ёзам бар эшон ба хун.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

— Ба маҳрами мардум даст меёзонӣ?

*С. Улуғзода*

**2. «Сар ба бод додан»**

Бад-он мастӣ андар диҳад сар ба бод,
Туро руз ҷуз шоду хуррам мабод.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Хост душман по ниҳодан бар замину оби мо,
Сар ба бод уро диҳад шамшери оташоби мо.

*С. Ҷавҳаризода*

**3. «Миён (камар) бастан»**

1. Наёяд чунин кораш аз ту писанд,
Миёнро ба хун рехтан дар мабанд.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

1. Ба фикри ман,— гуфт Сафар Ғулом,— он дастаро аз дасти ӯ баргашта гирифтан муносиб нест. Ӯ дар пиронсолӣ, аз сари нав ҷавон гардида, сар то пояш ғайраги муҷассам шуда, барои то охир ниқоргирӣ аз душманони синфӣ миён мебастааст.

*С. Айнӣ*

2. Қ-аз ӯ Қорани размзан хаста буд,
Ба хуни бародар камар баста буд.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

2. — Ҳар чи ҳам бошад, мо хизматгор, ба хизмататон камар бастаем ва бе каму кост онро адо карда меравем...

*Ҷ. Икромӣ*

### 4. «Сар тофтан»

Супорам кунун ҳарчи хоҳад бад-уй,
Натобам сар аз рою фармони уй.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ман то ҷон дар баданам дорам, аз хизмати ту сар наметобам.

*С. Айни*

### 5. «Даст кашидан»

Дили Қоран озурда гашт аз Қубод
Миёни далерон забон бар кушод,
Ки соли ту акнун ба ҷое расид,
Ки аз ҷанг дастат бибояд кашид.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ҳукумати амир ва полицияи махфии подшоҳи рус аз он гуна чизҳо нестанд, ки баъд аз таъкид кардани касе ба осонӣ аз у даст кашанд.

*С. Айнӣ*

### 6. «Ба кор омадан»

Куҷо у бувад ман наёям ба кор,
Ки у паҳлавон асту гурду савор.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

...акнун ман ба ту (кордро — *М. Ф.)* ҳадья мекунам, писари азиз, ягон вақт ба кор меояд.

*Ф Ниёзӣ*

### 7. «Дил шустан»

Ба-ду гуфт: «Паймон хоҳам нахуст
Ба чора дилашро зи кина бишуст»

*Абулқосими Фирдавсӣ*

— Дер нашудаст, ки Адолатро аз дасти ин деви бадкирдор халос кунаму доғи бевафоиро аз дил шуста партоям ва узри гуноҳро аз ин духтари нотарс пурсам.

*„Занони Тоҷикистон"*

### 8. «Аз даҳон буи шир омадан»

Хабар шуд ба наздики Афросиёб,
Ки афганда Суҳроб киштӣ бар об.
Ҳанӯз аз даҳон буи шир оядаш,
Ҳаме рои шамшеру тир оядаш.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

— Ҳоло аз даҳони Барака буи шир меояд-ку! — гуфт масхараомез.

*Ҷ. Икромӣ*

Ибораҳои ин фарҳанг танҳо дар асоси мисолҳое, ки муаллиф дар натиҷаи мутолиаи адабиёти давраи советӣ дар зарфи 4 сол ба даст даровардааст, маънидод карда шудаанд. Барои ҳамин ҳам аз камбудиҳо холӣ набудани онҳо худ аз худ маълум мегардад. Мо инкор намекунем, баъзе шарҳҳои додашуда, шояд нопурра, яктарафа ва баҳспазир бошанд.

Давом додани ин кор, пурра намудан, таҳриру такмил додани фарҳанг ҳатман лозим аст.

Мо китоби худро «Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони тоҷикӣ» номидем. Ба ҷои калимаи «луғат» кор фармуда шудани истилоҳи «фарҳанг» ба ҳамин мулоҳиза аст, ки истилоҳи «луғат» одатан маънои «лафз — калима»-ро ифода намуда, маънои «маҷмуаи маънидоди калимаҳо ва ибораҳо»-ро дарбар намегирад.

Инро ҳам бояд қайд кард, ки «ибораҳои рехта» шартан ба ҷои истилоҳи «фразеология» кор фармуда шудааст. Баъзе фарҳангнависони пештара дар ин маврид калимаи «мусталаҳот»-ро истеъмол кардаанд, ки мо барои ба гуши хонандагони тоҷик ношинос буданаш аз кор фармудани он худдорӣ намудем. Илова бар ин фарҳангнависони пештара бештар ибораҳои маҷозиро дар таҳти ин унвон шарҳу баён мекарданд, ҳол он ки ибораҳои маҷозӣ фақат як қисми ибораҳои фразеологиро ташкил медиҳанд.

Дар ин китоб ба ғайр аз асарҳои бадеӣ аз адабиёти халқӣ-фольклор, аз матбуоти ҳаррузаи тоҷик ва аз забони гуфтугуи адабӣ низ мисолҳои зиёде гирифта шудаанд. Бинобар ин мо ин фарҳангро «Фарҳанги ибораҳои рехта»-и фақат забони адабии тоҷик наномида, фарҳанги ибораҳои рехтаи умуман забони тоҷик номидем.

## IV. Хелҳои ибораҳои фразеологии дар «Фарҳанг» зикрьёфта аз руи сохт ва таркибашон

Хелҳои асосии ибораҳои фразеологии дар «Фарҳанг» зикршуда иборат аз инҳо мебошанд:

1. а) Ибораҳои фразеологии феълӣ: «Гушти якдигарро хурдан», «Буи пилта баромадан», «Дасти касе боло шудан», «Гулуи касеро равған кардан», «Сари калобаи худро гум кардан», «Сари касеро хурдан», «Мурч хурдан», «Ҳасан задан», «Гап чидан», «Хун хурдан», «Дарди сар додан», «Даст дароз кардан», «Қабоб шудан», «Сабук шудан», «Руз дидан», «Миён (камар) бастан»...

б) Ибораҳои фразеологии феълии пешоянддор: «Аз пой афтодан», «Аз чашм мондан», «Сари касе ба осмон расидан», «Аз касе, чизе сар кашидан», «Ба ош пашша шудан», «Табарро ба як ҷо

задан», «Дар таги гап мондан», «Дар тарозуи ақл баркашидан», «Аз роҳ задан», «Хоби худро ба об гуфтан»...

2. Ибораҳои фразеологии сифати феълӣ: «Дидаву дониста», «Гашта-баргашта», «Набурда-наоварда», «Нарезонда-начаконда», «Рафта-рафта», «Сухтаю пухта»...

3. а) Ибораҳои фразеологии номӣ: «Алихуҷаю Хуҷаалӣ», «Ду понздаҳ — як сӣ», «Олам гулистон», «Сиру пиёз»...

б) Ибораҳои фразеологии пешоянддор: «Санг дар дил», «Сар то по», «Аз хок берун», «Ба чашм», «Ранг ба ранг», «Аз чор тараф», «Худ аз худ», «Дар таги коса нимкоса»...

4. Ибораҳои фразеологии гуногуни изофӣ: «Чашми танг», «Хаёли хом», «Ноомоди кор», «Бо чашми чор», «Худи гап чист?»...

5. а) Иборахои фразеологии гуногуни такрор: «Андак-андак», «Ҷаҳон-ҷаҳон», «Ҷон-ҷон», «Тап-тапи зоғома», «Хол-хол будан», «Чақ-чақ», «Шарт-шарт гуфтан», «Така-така кардан»...

б) «Қаму беш», «Сару сомон», «Тахтаю тирак», «Ҳарҷу марҷ», «Солу замон», «Овозаю дарвоза кардан», «Росту орост кардан»...

в) «Чала-чулпа», «Пулабой-шулабой», «Паттӣ-саттӣ», «Чирпирри касеро баровардан»...

6. Зарбулмасал ва мақолҳо: «Аз анбори холӣ сад ман шолӣ», «Давидани гусола то каҳдон», «Хас каму ҷаҳон пок», «Давои қурут оби гарм», «Қайвонӣ бисьёр шуд, дегу табақ мурдор шуд», «Дар коса бошад, ба қошуқ мебарояд», «Дарди кампир ғуза»...

7. Панду ҳикматҳо: «Девор муш дорад, муш гуш дорад», «Тири аз камон ҷаста боз гашта намеояд», «Ҷои гул гул бошу ҷои хор-хор», «Ба курпаи худ нигоҳ карда, пои худро дароз кун», «Бо моҳ шинӣ, моҳ шавӣ, бо дег шинӣ, сиёҳ шавӣ», «Дар ноумеди басе умед аст, поёни шаби сиёҳ сафед аст»...

8. Ҳар гуна формулаҳои хоҳиш, нияти нек, қасам, дашном, нафрин: «Роҳи сафед», «Нағз равед», «Нагз монед», «Аз саратон гардам», «Муроди бачагони худро бинед», «Саратро аз санг кунад», «Хок гиру зар бардор», «Аз камари падарам нашуда бошам», «Номи худро гардондан», «Афташ хушк шавад». «Аз сарат монад»...

Як қисми зарбулмасал ва мақолҳо ба фразеология алоқаманд мебошанд. Он зарбулмасал ва мақолҳое ки маънои маҷозӣ доранд ва аз ҷиҳати сохташон рехтаю тағьирнашаванда буда, вирди забон гаштаанд, бешубҳа ба фразеология дохил карда мешаванд. Боз як гуруҳ ибораҳое ҳастанд, ки онҳо ба адабиёти бадеӣ дахл доранд. Он ибораҳо гуфтори арбобони адабиёт ва худи халқ мебошанд, ки бо сабабҳои пурмаъноию маҷоздор буданашон маъмул гаштаанд. Онҳо ҳам инчунин фразеология мебошанд.

Яке аз масъалаҳои муҳимми фразеология, чунон ки дар боло қайд карда шуд, ҳудуди он мебошад. Хусусан фразеологияи забони тоҷик, ки ҳеҷ мавриди диққати забоншиносони тоҷик нагардидааст, на танҳо ҳудуди фразеология, балки бисьёр масъалаҳои он то алҳол дар торикӣ мондааст. Хусусан, дуруст муайян карда шудани ҳаҷму ҳудуди фразеология, хелҳои фразеология ва сабабҳои фарқияти онҳо аз ҳамдигар вазифаи муҳимми навбатии тоҷикшиносон мебошад. Он 8 хели ибораҳои фразеологие, ки дар боло қайд ёфт, ин кушиши аввалини ба гуруҳҳо тақсим карда шудани онҳо мебошад. Албатта, ин таснифи мо холӣ аз нуқсон нест ва мо ҳаргиз пуррагии онро иддао намекунем. Хусусан, агар фразеологияи забони адабии классикони тоҷик дар давоми зиёда аз ҳазор сол омухта шавад, бешубҳа, ин тақсимот нопурра ва ислоҳталаб мегардад.

## V. Сохти «Фарҳанг»

1. Ҷои ибораҳои фразеологӣ дар асоси ҳарфи якуми калимаи аввалини маънидор (мустақил) муқаррар карда шудааст.

2. Пас аз муайян кардани дар зери кадом ҳарф будани ибораҳо тартиби алфавитии дарунии калимаҳои якум, дуйум, сейум (инчунин пешоянд, бандаки «ки») ба назар гирифта шуда, ҷои ибораҳо муқаррар карда мешавад.

3. Барои бо осонӣ ёфта шудани ибораҳо чунин калимаҳои номустақилмаъно ва баъзе калимаҳои мустақилмаъно ба ҳисоб гирифта намешаванд:

а) тамоми пешояндҳои содда, яъне: ибораи фразеологии «касе, чизеро аз даст додан» дар боби «А» (аз) дода нашуда, дар боби «Д» дода мешавад.

Эзоҳ: пешояндҳои номӣ ба монанди пушти, болои, зери, тахти ва ғайраҳо аз ин пункт истисно мебошанд. Яъне: ибораи «аз таҳти (сидқи) дил гап задан», дар боби ҳарфи «Д» дода нашуда, дар боби ҳарфи «Т» (таҳт) дода мешавад.

б) Агар шумораҳо доимӣ набошанд, онҳо низ аз эътибор соқит мебошанд. Масалан, ибораҳои «як, ду, се, чор даҳан сухан (гап) ба касе доштан» бояд ба боби «Д» афтад. Агар онҳо тағйирнашаванда бошанд, дар он сурат ба ҳисоб гирифта мешаванд: ибораи «Ду понздаҳ — як сӣ» бояд ба боби ҳарфи «Д» афтад.

в) Ҷонишинҳои шахсӣ ҳам айнан ба монанди пункти «а» ва «б» мебошанд.

4. Агар калимаҳои «касе, чизе, фалон» дар аввал ва ё дар байни ибораҳои фразеологӣ оянд, дар вақти муайян кардани ҷои ибо-

раҳо онҳо ба назар гирифта намешаванд. Масалан, ибораҳои «Чизеро аз ақли худ баровардан», «Ба касе ақл шудан», дар боби «А» («ақл») ҷойгир шудаанд.

5. Бандаки изофӣ ва пайвандаки «у» (-ю, -ву) дар байни калимаҳои ибораҳои фразеологӣ инчунин аз назар соқит мебошанд. Масалан, иборан «дилу бедилон» дар фарҳанг чун «Дил бедилон» ҷой ёфтааст.

6. Дар охири «Фарҳанг» руйхати ибораҳои фразеологӣ дода шуда, дар он дар зери кадом боби ҳарф, бо кадом рақам зикр ёфта шудани ибораҳо қайд карда мешавад.

7. Мувофиқи анъанаи фарҳангсозӣ бештари ибораҳои фразеологӣ бо шакли масдарӣ дода шуданд. Дар баъзе мавридҳо ин (ба монанди «нону намак кур кардан») ба гуш як қадар ношинос мерасида бошад ҳам, барои нигоҳ доштани як системаи муайян ба шакли масдарӣ дода шудаанд. Як қисми дигарашон азбаски шакли масдарӣ надоранд, мувофиқи шакли дар матн истеъмолшудаашон дода шуданд.

8. Қалимаҳои аввалини маънидори ибораҳои фразеологӣ аз тарафи чап дар болои ибораҳои фразеологӣ дода шудаанд.

9. Маъноҳои шарҳшуда гуногун бошанд, бо рақамҳо (1, 2, 3), агар аз ҳамдигар на чандон дур бошанд, ба воситаи нуқтавергул ва агар синонимҳо бошанд, ба воситаи вергул аз ҳамдигар ҷудо карда мешаванд.

10. Контекстҳои аз сараш ихтисорьёфта бо ҳарфи калон навишта шудаанд. Агар онҳо аз мобайн ва охир кутоҳ карда шуда бошанд, ба воситаи се нуқтаҳо нишон дода мешаванд.

11. Агар шарҳи маънои ибораҳои фразеологӣ аз тарафи муаллифи матн бошад, дар қавсайн ҳарфи аввали ном ва номи падар ва ё тахаллусаш навишта мешавад (*С. А.*— Садриддин Айнӣ, *Ҷ. И.*— Ҷалол Икромӣ...).

12. Барои ҳар як иборан фразеологӣ мисолҳо оварда шуда, дар зери он муаллифаш, номи асар, дар журнал ва ё газета чоп шуда бошад, номи онҳо қайд ёфтаанд. Дар як қисм мисолҳое, ки дар онҳо муаллиф ва маъхазҳояшон қайд наёфтаанд, онҳо ба қалами муаллифи фарҳанг тааллуқ доранд.

* * *

Ниҳоят, сохти (структураи) фарҳанг, макети якчанд ҳарфи он дар солҳои 1959—60 дар шуъбаи забонҳои эронии Институти забоншиносии АФ СССР, дар кафедраи забонҳои эронии Университети давлатии ш. Ленинград, Нашриёти давлатии фарҳангҳои хориҷи

ва миллӣ ва соли 1962 тамоми фарҳанг дар Институти забон ва адабиёти АФ Тоҷикистон муҳокима гардида буд. Дар ин муҳокимаҳо доктори фанҳои филологӣ В. И. Абаев, кандидатҳои фанҳои филологӣ В. С. Расторгуева, А. Қаримова, М. И. Исоев, Т. Н. Пахалина, Р. Л. Цаболов, Ч. Х. Бакаев, коркуни илмии хурд Д. И. Эдельман (Москва), докторҳои фанҳои филологӣ А. Н. Болдырев, М. Н. Боголюбов, кандидатҳои фанҳои филологӣ А. З. Розенфельд, В. А. Лившиц, С. Н. Соколов, И. М. Оранский, А. Т. Тоҳирҷонов, В. И. Завьялова (Ленинград), роҳбари Нашриёти давлатии луғатҳои хориҷӣ ва миллӣ ва муҳаррирони лексикограф К. А. Марцишевская, М. В. Лазова, О. В. Головкина, М. И. Қарпова, Н. М. Жданова, В. В. Самокрудкина, Л. Л. Шмаёнок (Москва), докторҳои фанҳои филологӣ В. Н. Ниёзмуҳаммадов, О. Ҷ. Ҷалолов, кандидатҳои фанҳои филологӣ Н. А. Маъсумӣ, В. А. Қапранов, С. Д. Арзуманов, Р. Амонов, М. Шукуров, коркуни илмӣ Р. Ҳошим, Т. Зеҳнӣ (Душанбе), Қомиссаров С. Д. (Институти халқҳои Осиё) ва дигарон иштирок дошта, барои хуб шудани сифати фарҳанг маслиҳатҳои пурқимат доданд. Ба ҳамаи онҳо муаллиф аз самими дил миннатдории худро баён менамояд.

*Муллоҷон Фозилов.*

# А

## АБРА

### 1. Абраю астари касе чаппа карда шудан

сир, ҷиноят ва хиёнати касе ё моҳияти чизе ошкор гардидан.

Вале кор ранги дигар гирифт. Пас аз се рӯз дар газетаи районӣ «Пиёлаи қадоқин» ном фельетоне баромад, ки дар он абраю астари Усмонқул ака чаппа карда шуда буд.

*Б. Ортиқов «Пиёлаи қадоқин»*
*(«Тоҷикистон»)*

### 2. Абраю астари касеро чаппа кардан (намудан)

*Ниг.* Абраю астари касеро чаппаю роста кардан.

Танқид карда абраву астари тураҳо, хушомадгуйҳо, танбалҳо, ҳаромхурҳо, économ дуздҳо ва ҳомиёни онҳоро чаппа мекунем.

*«Хорпуштак»*

### 3. Абраю астари касеро чаппаю роста кардан

сир, ҷиноят, хиёнати касеро ошкор намудан, ягон кори норавоеро фош намудан; камбудии касеро гуфтан, моҳияти масъалаеро кушодан.

1. Вай абраву астари мудири маорифро чаппаю роста карда партофт.

*«Маориф ва маданият».*

2. Аҷаб корҳо! Слёти пешқадамон гуфта эълон мекунанду баъд абраю астари қафомондагонро чаппаю роста намуда, корро ланҷ карда мепартоянд.

*«Хорпуштак»*

**АБРӮ**

### 4. Абру хам нахӯрдан

ба ташвиш наафтидан; парво надоштан, аз чизе боке надоштан, парвои чизе накардан.

Чунон ки ба нолаву зории бевазанони шавҳармурда ва фарзанд ба зиндонафтода ҳеҷ кас парвое надорад, аз ин кори шумо ҳам абруи ҳеҷ бадкирдор хам намехурад.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

**АБҶАД**

### 5. Абҷад ёд кардан

чизеро, хуб ёд кардан.

Дуст надоранд, агар сад кунӣ,
Сад ҳунар аз ёд чу абҷад кунӣ.

*Ғ. Мирзо «Тоҷи давлат»*

**АБҶАҚ**

### 6. Абҷақи касеро баровардан

1. касеро сахт задан, зада беҳол намудан, 2. касеро сахт танқид кардан.

Зада абҷақатро мебарорам...

*Р. Ҷалил «Шуроб»*

**АВВАЛ**

### 7. Аввал андеша в-он гаҳ (баъд) калом (гуфтор)

пеш аз гуфтани сухане фикр бояд кард, ба андеша сухан гуфтан; ба саволе фикр карда, бо мулоҳиза ҷавоб додан.

1. Лек зи меҳмон шуданат гап задӣ,
Фикр накарда ба сухан лаб задӣ.
«Аввал андешаву в-он гоҳ калом!»
Ҳаст зи зарбулмасали хосу ом.

*С. Ҷавҳаризода «Гулшани афрӯхта».*

2. — Зарбулмасали худатон мегуяд, ки аввал андеша, баъд гуфтор. Ту таклифи маро аввал нағзакак майна кун. Пагоҳ ҳамин вақт ба таки дарат ҳозир мешавам, ана ҳамон вақт ҷавоб медиҳӣ.

*Ф. Муҳаммадиев «Меҳри диёр».*
*(«Чароғи ирфон»)*

### 8. Аввал бубин ҷои худ, баъд бимон пои худ

кореро бо андеша ва дониста кардан, бо мулоҳиза ба коре шуруъ намудан, бо эҳтиёт рафтор кардан.

Акнун замонаҳо охир шуда, мардум ба ин маъниҳо эътиборе надода монданд, ки мегуянд: «Аввал бубин ҷои худ, баъд бимон пои худ».

*Р. Ҷалил «Шуроб»*

### 9. Аввал кор, баъд бозор

аввал кор, баъд тамошо, пеш аз ҳама кору вазифа, баъд корҳои дигар.

Ҳамин тавр-куя, ҳақиқатан аввал кор, баъд бозор! Лекин мардаки узбек одами нағз-дия, ба маъюс карда-ни вай дили кас намешавад.

*Ҷ. Икромӣ «Сафари Кулоб» («Шарқи Сурх»)*

### 10. Аввал кор, баъд гуфтор

пеш аз ҳама кор, баъд гуфтугу, кори амалӣ муқаддам аз гапи холӣ.

Онҳо қанор-қанор гап мефурушанд ва фаромуш мекунанд, ки «аввал кор, баъд гуфтор» гуфтаанд.

*«Хорпуштак»*

### 11. Аввал нон, баъд имон

ҳар кор пас аз шикамсерӣ, то шикам сер набошад, гап ба гуш намедарояд.

— Як шиками маро сер карда, баъд ҳар қадар ки савол диҳед, додан гиред!

— Ой амак, гуед, подшоҳи ин мамлакат духтар дорад ё не?

— Оббо э! Охир аввал нон, баъд имон гуфтаанд.

*М. Миршакар «Афсонаҳои куҳистон»*

### 12. Аввал пурсиш, баъд кушиш

пеш аз ҷазо ё танбеҳ додан бояд таҳқиқ кард, аввал тафтишу таҳқиқ, баъд ҷазо.

1. Мулозимони раис дар кучаҳо гашта, баногоҳ чашмашон ба Мушфиқӣ афтиду дар сару тани вай саллаю

ҷомаи раисро шинохтанд ва уро кашолаю пуштора карда ба раисхона бурданд. Раис Мушфиқиро дида дарғазаб шуду дуғ зад:

— Саллаю ҷомаи ман аз куҷо ба ту, муттаҳам, расид? Мушфиқӣ бо оромӣ ҷавоб дод:

— Тақсир, аввал пурсиш, баъд кушиш гуфтаанд.

*«Латифаҳои тоҷикӣ»*

2. — Чӣ гап шудааст, охир? Қанӣ, аввал ба ман гуфта диҳед, аввал пурсиш, баъд кушиш гуфтаанд, аввал воқеаро ман фаҳмам.

*А. Усмонов ва Ҳ. Обидӣ*
*«Пионер дар сарҳад»*

### 13. Аввал таом, в-он гаҳ (пас, баъд) калом

гуфтугу, суҳбат пас аз таом, дар шикамгуруснагӣ сухан ба гуш нохуш аст.

1. Дар ин миён хизматгор ош кашида оварда, ба пеши мо монд. Аммо бой ба ош ҳам нигоҳ накарда, кори худро давом дод. Ман, ки гурусна монда будам, ба у гуфтам:

— Биёед, аввал таом хурем, «аввал таом, в-он гаҳ калом» гуфтаанд.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

2. — Тоҷикҳо «аввал таом, баъд калом» мегуянд, ки маънои ин, модар, аввал хуроку сонӣ гапу калоча аст.

*Р. Ҷалил «Шуроб»*

### 14. Аввал хеш, баъд дарвеш

аввал ғами худро, баъд ғами дигаронро хурдан даркор; пеш аз ҳама кори худро ба анҷом расонда, баъд ба кори дигарон пардохтан лозим.

1. — Азим, ту аҷаб одаме ҳастӣ! «Аввал хеш, баъд дарвеш», ба пахтаи колхози дигар корат чӣ?

— Ин зарбулмасалатон куҳна шуда, аҳамияташро гум кардааст,— гуфт табельчӣ-комсомолец Мирзоҷон...— Онро ба зарбулмасали нав иваз кардан даркор: «аввал ҳамаю баъд мо!»

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

2. Инчунин ба мақоли «аввал хешу баъд дарвеш» амал карда, молҳои камчинро ба воситаи ёру ошноҳояш ба росту чап обу лой мекунад.

*«Хорпуштак»*

### 15. Аввал чӣ буди, гурба, ки лунҷи ту варам кард

дар бораи касе нотавон, ноуҳдабарое ки даъвои иҷро кардани кори бузургеро кунад, гуянд: аз уҳдаи чӣ коре баромада будӣ, ки акнун аз уҳдаи ин кор мебароӣ.

— Ҷаноби олӣ дар шаҳри Душанбе пойтахти худро барқарор намуданд, акнун дар он ҷо лашкару тупу тупхонаи пурзуре тартиб дода, пеши роҳи большевикро мегиранд! Намемонанд, ки ба сари шумо балои большевик расад.

— Аввал чӣ будӣ, гурба, ки лунҷи ту варам кард!

— Бале, дар Бухоро ҳеҷ кор аз дасташ наомаду акнун дар ин ҷо мекардааст?!

*Ҷ. Икромӣ «Дохунда» («Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

### 16. Аввал як буса, баъд самбуса

аввал хизмате карда баъд музд талабидан даркор.

— Рақс кун, суруд хон! Аввал як буса, баъд самбуса гуфтаанд.

*М. Рабиев «Орзуи ҷавонӣ» («Маҷмӯаи пьесаҳои якпардагӣ»)*

## АВЗОЪ

### 17. Авзои касе бечо намудан

аҳволи касе парешон будан.

— Ман ҳозир аз Чорсу гузашта омада истода будам, ки савдогаронро дидам. Авзоашон хеле бечо намуд.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 18. Авзои касе беҷо (дигар) шудан

вазъияти касе парешон шудан, хиратабъ гардидан; дигаргун шудани ҳолати касе.

1. Баробари баромадани хату саводаш авзоаш беҷо шуд, акнун он дидадароиҳои пештарааш нест; агар ягон кор фармоед, худашро ба нодонӣ мезанад...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Бачагон ба руи падарашон нигоҳ карда, пай бурданд, ки авзои ӯ дар як дам дигар шудааст.

*«Хорпуштак»*

3. — Авзои Маҳбуба тамоман дигаргун шуда буд.

*П. Толис «Ҳикояҳои даҳ сол»*

### 19. Авзояш беҷо барин

1. аҳволи руҳияи касе ба назар парешон намудан, парешонҳол. мушавваш будан, 2. нияти бад доштагӣ барин.

— Лекин Ҷураи шумо супоришҳоро нағз ба ҷо наоварда истодааст, авзояш беҷо барин.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

**АВҚОТ**

### 20. Авқоти касеро талх намудан

1. димоғи касеро сузондан, 2. айши касеро вайрон кардан.

Хабареро ба ман расонд, ки лаззати нақли мазкурро тамоман аз ман рабуду авқотамро талх намуд.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

### 21. Ба авқот (ақвот) ҷунбидан

ба пухтани хурок шуруъ намудан.

Ба авқот ҷунбидан гиред.

**АВҶ**

### 22. Авҷ гирифтан

1. ру ба тараққӣ овардан, боло рафтан, пеш рафтан, 2. нашъу намо кардан, қад кашидан, 3. ривоҷ ёфтан, тафсидан.

1. — Мусобиқаи социалистӣ дар ҳама ҷо авҷ гирифта истодааст, ҳама мехоҳанд, ки пешқадам бошанд...

*М. Миршакар «Мӯйсафеди серкор»*
*(«Пьесаҳои якпардагӣ»)*

2. Қор торафт авҷ мегирифт.

*«Тоҷикистони советӣ»*

3. Мо хеле нишастем, суҳбат авҷ гирифт.

*«Маориф ва маданият»*

**АГАР**

### 23. Агар монӣ

хотирҷамъ гузорӣ, бесаранҷом накунӣ, ба ихтиёри худ гузорӣ, агар монеъ нашавӣ.

— Агар монӣ, сар бардошта, даромада-баромада гардам, не гуӣ, аз шаҳр баромада равам.

*Қ. Наими «Рӯзи равшан»*

### 24. Агар тарсӣ аз хатар, накун орзуи сафар

агар дар орзуи иҷрои мақсаде бошӣ, набояд аз мушкилиҳои он битарсӣ.

Агар тарсӣ аз хатар, накун орзуи сафар, мегуянд, ин рост будааст. Бинобар он туро пешакӣ огоҳ мекунам, ки агар дилат ваҳмнок бошад, зинҳор ба автобусҳои «Вокзал — Политехникум», «Посёлкаи Советӣ — Вокзал» савор нашав!

*«Хорпуштак»*

**АДАБ**

### 25. Адаби касеро додан

1. касеро танбеҳ ва сарзаниш кардан, 2. ҷазои касеро додан.

1. — Ба гапҳои вай аҳамият надиҳед, худи ман адаби вайро медиҳам,— гуфт Юнусбой.

*С. Улуғзода «Навобод»*

2. Ба мо нишон диҳед, ки босмачӣ дар куҷост, то ки мо адаби онҳоро диҳем.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 26. Ба касе адаб ёд додан

*Ниг.* Адаби касеро додан.

— Домулло, шумо ҳамаи онҳоро ба Турдӣ ном ба ном гуфта диҳед, фардо оварда адаб ёд дода мефиристонад.

*Р. Ҷалил «Гулрӯ»*

### 27. Адаби худро хурдан

1. сарзаниш шунидан, дар зери танқид мондан, гап шунидан, 2. ҷазои худро дидан.

Ба хотир доред, мо, Ҳошим ако, чӣ хел як бор дар масъалаи участкаҳои наздиҳавлигӣ адабамонро хӯрда будем?

*С. Улуғзода «Навобод»*

**АДО**

### 28. Адо кардан

иҷро намудан, ба ҷо овардан.

Қори-Нурулло, ки вазифаи ошпазии Абдулхалил-маҳдумро адо мекард...

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

### 29. Адо кардан (чизе, касеро).

1. касеро азоб додан, 2. ба дараҷаи ҳалокат расондан.

1. — Ин канал маро адо кард. Ман акнун аз вай даст кашидам.

*С. Улуғзода «Навобод»*

2. Аз писарҳоям ҳам хату хабар нест, ғами онҳо ҳам маро адо карда истодааст.

*«Тоҷикистони советӣ»*

3. «Бечора species бобоатро ғами Латиф адо кард»...

*П. Толис «Тобистон»*

### 30. Адо шудан

1. азоб дидан, 2. ба дараҷаи ҳалокат расидан.

— Айб, айб гуфта ҳамаашро пинҳон нигоҳ дошта адо шудам, охир. Агар ба ҷои ман дигар кас мешуд, кайҳо сарашро гирифта аз хона баромада мерафт...

*Р. Файзӣ «Модаршу»*
*(«Шарқи сурх»*

**АЁН**

### 31. Аёнро чӣ баён

он чизе ки маълум, бе шубҳа аст, ҳоҷати гуфтану далел овардан нест.

1. Аммо Қобилҷон хашмро фуру бурду дигар гап нагардонд. Ба зарбулмасали «Аёнро чи баён?» риоя кард.

*Р. Ҷалил «Гап дар ҳамин аст!»*
*(«Шарқи сурх»)*

2. «Аёнро чӣ баён?», одамони диёри мо ҳам дар ғаму ҳам дар шодӣ шарики якдигаранд.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

**АЗМ**

### 32. Аз азми худ гаштан

ба аҳди худ вафо накардан, дар қавли худ наистодан; ба қавли худ бевафоӣ кардан; аз нияти худ гаштан.

Аммо Солиҷон аз азми худ нагашт, дудила нашуд, қарори вай дар бораи ба колхоз рафтан қатъӣ буд ва у ҳамин тавр ҳам кард.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 33. Азми худро шикастан

аз қарор, қавли худ баргаштан, аз ният, роҳи худ баргаштан.

Бо вуҷуди он аскарони сурх азми худро нашикаста, ба болои кӯҳ баромадан гирифтанд...

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 34. Азми ҷазм

иродаи қатъӣ

Колхозчиён домани ғайратро барзада, бо азми ҷазм ба саҳро баромаданд.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 35. Азмро ҷазм кардан

1. қарор додан, 2. ба коре миён бастан, 3. қатъӣ ирода намудан.

Ҳоло Шодӣ ва рафиқони у азмро ҷазм кардаанд, ки дар бистуми моҳи ноябрь ҳар чӣ кор карда станцияи электрикии нави байни колхозиро ба кор андозанд...

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

**АЗОБ**

### 36. Азоби гур

азоби ниҳоят сахт, азобу укубати тоқатнопазир.

— Ҳа, ин гап дуруст-куя, танҳой аз азоби гур ҳам зиёдтар...

*Ф. Ниёзӣ «Духтари ҳамсоя»*

### 37. Ба азоб мондан

машаққат кашидан; нохушиҳо дидан; мушкилӣ кашидан.

Лекин аз тарафи дигар халқи бечора ва меҳнаткаш ба азоби дутарафа мемонад...

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 38. Азоби сагро кашидан

1. озору азияти сахт доштан, 2. хорию зорӣ кашидан.

Марди безан тезтар зан гираду зани бешу тезтар шуй кунад, ки набошад, азоби сагро мекашад.

*Р. Амонов «Дар доманаи куҳҳои кабуд»*

### 39. Азобаш ба сари худаш

ҳар кас барои кардаи ношоистааш азоб мебинад.

— Мастию ростӣ гуфтаанд, отун,— ҷавоб дод зани раис,— хайр, азобаш ба сари худаш.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

**АЙБ**

### 40. Айб аз касе гузаштан

айбе аз тарафи касе содир шудан.

1. — Айб аз ман гузашт.

*П. Толис «Ҳикояҳои даҳ сол»*

2. Мумкин аст, ки айб аз худат гузашта бошад.

*Ф. Ансорӣ «Имтиҳон»*

**41. Айбро ба гардани касе задан**

айбро ба болои касе мондан.

— Ту айби худатро ба гардани колхозчиҳо назан, бекорхуҷа!

*С. Улуғзода «Навобод»*

**42. Айбро ба гардан мондан**

айби касеро исбот намудан, касеро ба айбаш иқрор кунондан.

— Ба суд дода шуданаш лозим нест,— гуфт Қутбия,— лекин ҳар вақт ки дар маҷлиси умумии колхоз музокира намуда, айби уро ба гарданаш монанд, ман метавонам, ки бо обруи калон аз вай ҷудо шавам.

*С Айнӣ «Ғуломон»*

**43. Айберо ба гардани худ гирифтан**

гуноҳро ба гардан гирифтан, ба айбе иқрор шудан.

Акои Олим айбҳои дар материали идораи газета қайдьёфтаро боз ба гардан нагирифт...

*С. Улуғзода «Навобод»*

**44. Айб дар гардан будан**

айбдор будан, айб доштан.

Салимбой чору ночор ба пеш даромад, айбаш дар гарданаш буд. Миршаб вайро ба маҳкамаи полиция бурд.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. I*

**45. Айб дар дег аст ё дар кафлес**

*Ниг.* Айб дар ош аст ё дар мош.

Агар обруи ман дар пеши ҷумҳурият обруи он кас барин мебуд, кори дах Пулодро саранҷом мекардам. Намедонам, ки айб дар дег аст ё дар кафлес.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. II*

### 46. Айб (иллат) дар ош аст ё дар мош

1. номаълум будани айбдор, 2. ин гунаҳгор аст ё он; айбдор ин аст, ё он аст.

1. — Лекин агар аҳволи хонаи Холматовро бинӣ, худат ҳам ҳақро ба ҷониби у мегуӣ.

— Гуфта наметавонам, ҳануз намедонам, ки айб дар ош аст ё дар мош.

*Ҷ. Икромӣ «Зуҳра»*

2. Ҳануз намедонам, ки айб дар ош аст ё дар мош? Ба ҳар ҳол гуноҳи нахонда мондани зан ба шавҳар дахл дорад.

*Р. Ҷалил «Достони Остон ва Мастон» («Шарқи сурх»)*

3. — Иллат ё дар ош аст ё дар мош,— гуфт яке аз пахтакашон, ки пахтаи тоза ва пунбадонаро аз тахмини аввалӣ камтар дид...— Инро гуфтан мехоҳам, ки,— гуфт деҳқоне ки пахтааш кам омада буд,— ё гузаи бой баркашида додагӣ аз як ман кам, ё ба ғуза гузаи паст ҳамроҳ шудааст.— Яъне гуфтан мехоҳетон, ки бой ё дузд аст, ё фиребгар...

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 47. Айби ошро ба мош партофтан

айби худро ба гардани каси дигар гузоштан.

У худро бо ҳеҷ чиз сафед карда натавониста айби ошро ба мош мепартояд ва «ман чӣ кор кунам, ёрдамчиҳо нормаро иҷро намекунанд?» — гуён варсоқӣ мехонад.

*«Хорпуштак»*

### 48. Айбро кӣ кунад (монад)? — Маиб

ба касе айб гирифтани касе, ки худ ҳамон айбро дорад.

1. — Ҳеҷ осуда намонди-да, пучуқ.

— Чӣ, чӣ гуфтӣ? Айба кӣ кунад? — Маиб.

*Ғ. Абдулло ва Ш. Қиёмов «Тӯфон»*

2. — Айба кӣ монад? — Маиб,— гуфтагӣ барин ин қадар дуғ мезанӣ, бибӣ кайвонӣ.

*С. Саидмуродов ва М. Рабиев «Саодат» (Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»*

3. — Мо чандин бор гуфтем, хафа шуд. «Шумоён худатон забонро расво мекунетон» мегуяд. Аҷаб... Айба кӣ кунад? — Маиб.

*Ф. Ачсорӣ «Имтиҳон»*

**АЙН**

### 49. Айни долу зарби...

ҷушу хуруши...; ҳангоми авҷи..., дар гармогармии...

1. Худат ҳам дар айни долу зарби пахтачинӣ боз расида меой.

*«Тоҷикистони советӣ»*

2. Ҳозир айни долу зарби обмонӣ.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 50. Дар айни замон

худи хамин вақт, дар баробари ин.

1. — Тақсир, оё дуруст аст, ки як шахс моли бисьёре ғун карда ҳар шаб палав хурад, мехурдагиаш дар пеш ва намехурдагиаш дар пушт бошад ва дар айни замон дар атрофи ин одам садҳо хонадони луч бошад, ки ба сарашон ёбанд, пояшон луч, ба пояшон ёбанд, сарашон луч бошад.

*«Намунаи адабиёти тоҷик»*

2. Дар айни замон лозим буд, ки ақибгоҳи фронтро таъмин кунад...

*«Маориф ва маданият»*

### 51. Айни муддао

мувофиқи хоҳиш, табъ, табъи дил, мувофиқи мақсад.

1. — Ҳозир обу хаво айни муддао...

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

2. Онҳое ки ба мо лозиманд, ҳастанд. Ин айни муддао.

— Маҷлисро сар мекунем! — гуфт.

*«Хорпуштак»*

### 52. Дар айни ҳол

1. худи дар ҳамин вақт, дар вақти ҳозир, дар як вақт, 2. баробари ин...

1. Бар зидди он душманон меҷангид ва дар айни ҳол хоҷагии тороҷгаштаи республикаи мухтори навзоди худро барқарор мекард.

*«Мактуби халқи тоҷик ба Комитети Марказии Партияи Коммунистии Иттифоқи Советӣ» («Шарқи сурх»)*

2. Шубҳае нест, ки ин гуна танқиди хайрхоҳона ва дар айни ҳол сахтгирона адибони ҷавонро таълиму тарбия дода, онҳоро водор мекунад, ки доираи ҷаҳонбиниашонро васеъ карда, маҳорати нависандагиашонро баланд бардоранд...

*М. Муллоҷонов «Танқиди адабӣ ва тарбияи нависандагони ҷавон» («Шарқи сурх»)*

**АЙШ**

### 53. Айши касеро талх кардан (намудан)

хурсандии касеро халалдор кардан, табъи касеро хира намудан.

1. Мерақсидаму ашула мехондам, айши маро талх кардӣ!

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

2. — Сабр кунед, ака! — гуфт вай.— Шумо чӣ кор кардан мехоҳед? Ақлатон дар ҷояш ё не?

— Ман намегузорам, айшашонро талх мекунам!

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

3. Вале Шариф ҳар вақт ба оши онҳо пашша шуда, айшашонро талх менамуд.

*«Хорпуштак»*

**АККА**

### 54. Аккаи ало барин

1. чизе, ки аён фарқ карда меистад, 2. бегона барин, ноҳамранг, фарқнок, ҷудо шуда истанда.

Ман аз мардум шарм медорам, ки модарарусам як аспи тотуро савор шуда, ба кубкориҳо равад ва аз дунболи бузкашон аккаи ало барин ин тараф, он тараф бефоида давад.

*С. Айнӣ «Ятим»*

### 55. Аккаи лаби бом

хабар паҳнкунанда, хабаркаш.

— Ҳануз аз синфи панҷум сар карда ба Фотима ҳар кас ҳар хел номҳо монда буд: «духтари шаттох», «аккаи лаби бом», «бадхулқ» ва ғайра.

*А. Мусаввада «Иштибоҳи Фотима»*
*(«Занони Тоҷикистон»)*

**АККАХОНА**

### 56. Аз аккахона булбул руидан

аз оилаи назарногир, камбағал, ночиз пайдо шудани каси ба назар намоён, фавқулодда, аз камбағалҳо баромадани одамони шоёни диққат; аз ноаҳл руидани фарзанди аҳл.

— Бар падаратон раҳмат! — гуфт,— шумо аз саҳро, аз аккахона булбул руидагӣ барин, даҳ ангуштатон даҳ ҳунар шуда омада будед...

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III*

**АКС**

### 57. Акси калла ба шурбо задан

таъсири бади касе ба касе задан, ба таъсири бади касе афтодан.

Чӣ шуд, чӣ нашуду якбора акси калла ба шурбо зад. Мудири собиқи анбор... ҳам ба монанди у чаппаву роста қадам мемондагӣ шуд.

*«Хорпуштак»*

### 58. Акси кор

ноомади кор, пеш нарафтани кор.

— Акси кора тамошо кунед, ки имруз навбати кори Савсанҷон будааст...

*Ҷ. Икромӣ ва Е. Мительман*
*«Гуноҳи кӣ?»*

### 59. Дар акси ҳол

1. ҳамин хел нашуда, дигар хел шавад, ҳамин тавр накарда, дигар хел карда шавад, 2. вагарна.

1. Дар акси ҳол мо мавқеи таърихии намояндагони адабиётамонро таъмин карда наметавонем.

*А. Мирзоев «Оид ба баъзе масъалаҳои мероси адабӣ ва омӯхта шудани он» («Шарқи сурх»)*

2. Аз ҳамин соат аз гушат набарор, ки ту маро намешиносию ман туро, мо бо ҳамдигар бегонаем. Дар акси ҳол дар байни мардум чунон шарманда мекунам, ки ба як умр сар бардошта наметавонӣ.

*А. Сидқӣ «Иродаи зан» («Занони Тоҷикистон»)*

**АЛАМ**

### 60. Алами Исоро аз Мусо гирифтан

алами худро аз каси аламрасонида нагирифта, аз каси дигари зӯр мерасидагӣ гирифтан; қасди худро аз каси бегуноҳ гирифтан; гунаҳкорро монда, бегуноҳро ба ҷазо кашидан.

1. Пионерон пахтаҳои пошхурдаро ғундошта ба қанорҳо ҷой карданд, камбағалон пахтаҳои дар курпаҳо андохташударо бо абраву астараш бардоштанд, ҳаллоҷӣ ва чарху дукҳоро ҳам аз чуқурӣ баровcareданд... Аммо Навруз бо Ҳамид чӣ кор карданашонро надониста, ҳанӯз ҳам дар лаби чуқурӣ рост меистоданд. Бой бошад, ба онҳо: — Чӣ рост меистед, муфтхӯрон? Чуқуриро гӯронида, рӯи ҳавлиро ҳамвор кунетон! — гуён дашном дода, хост, ки «алами Исоро аз Мусо гирад»...

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

2. Ҷонро дареғ надошта хизматкунии Бибисолеҳа ба онҳо хуш омада, уро ба канизии доимии дарбори қозӣ даъват намуданд. Аммо у ин марҳамати хонимҳоро рад кард ва барои ин «беадабӣ» қозӣ ба воситаи оқсақол «алами Исоро аз Мусо гирифта», шавҳари вайро муддаои табъ занонд.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

### 61. Алам кардан

1. ба касе сахт расидан, сахт таъсир кардан, 2. ба хашм овардан, 3. ранҷонидан.

Хусусан ба гуши Норзода расидани ҷанҷоли байни Мансурову вай ба у хеле алам кард.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

### 62. Алам кашидан

азобу уқубат кашидан, коҳидан, ғам хурдан.

Қорӣ Ишкамба ҳарчанд фикр мекард, аз ин «қазои осмонӣ» роҳи халоси намеёфт ва ғайр аз хун хурдан, алам кашидан... чораи дигаре надошт.

*С Айнӣ «Марги судхур»*

### 63. Алам кунад, биниашро газад

аламаш ба худаш, алам карда бошад, худашро коҳиш кунад.

— Майлаш, ман духтари дигарро таги чашм карда гаштаам. Аз Муяссара даҳ маротиба беҳтар. Алам кунад, биниашонро газанд.

*Ш. Киёмов ва А. Мороз «Дил дили Зайнаб» («Шарқи сурх»)*

### 64. Алами ошро аз мош гирифтан

*Ниг.* Алами Исоро аз Мусо гурифтан.

Очилбой нисфишабӣ аз чойхона баргашта, писаршро дар хона наёфт ва алами ошро аз мош гирифтани шуда бо занаш моҷаро сар кард.

*А. Мусаввада «Гаҳворабахш» («Шарқи сурх»)*

### 65. Алами (куҳнаи) касеро тоза кардан

ранҷу нохушиҳои гузаштаро ба хотир овардан, азобу уқубати гузаштаро нақл кардан.

1. —Аламамро тоза накун, духтар,— гуфт хола,— акнун ток ҳам мешаваду ангур ҳам.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

2. Бед, монед, алами куҳнаро тоза накунем.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

### 66. Алами худро гирифтан

1. касеро ба ивази рафтор ё гуфтораш кохиш намуда, ранҷиши дили худро фуру нишондан, 2. ниқор гирифтан, 3. машғули коре шуда, андуҳи худро сабук кардан.

1. Вай омада буд, ки ба Шодигул гапҳои таҳқиромез гуфта, уро ранҷонад, шарм доронад, аламашро аз вай гирад, аммо ҳозир ин нияташро фаромуш карда, ба илтиҷо даромад...

*С. Улуғзода «Навобод»*

2. Ман бо у боз гапзанон карда, аламамро мегирам.

*А. Сидқӣ «Иродаи зан»*
*(«Занони Тоҷикистон»)*

3. Азбаски у шабу руз аз хавлӣ баромада наметавонист, тамоми вақти холиашро ба китобхонӣ сарф мекард ва ҳар шаб то омадани шавҳараш ба қавли худи вай «аламашро аз китоб мегирифт»...

*Ҳ. Содиқ «Пушаймонӣ суд надорад» («Қаламҳои пурумед»)*

## АЛАНГА

### 67. Ба алангаи касе бод задан

1. касеро ба ҷушу хуруш овардан, касеро барангезонидан, 2. ҷаҳли касеро хезондан, ба қаҳру ғазаб овардан.

— Аз барои ҳамин ҳам дилам ба шумо месузад,— ба алангаи Каримбой бод зад Бибифазилат ва давом кард: — аз ин ҷо равем, як рузамо бошад, дар ҳама ҷо мегузарад.

*Қ. Наимӣ «Роҳи дуруст»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 68. Аланга гирифтан

ба қаҳру ғазаб омадан, асабонӣ, оташин шудан; шуридан.

1. Модарам низ аланга гирифта, доду фиғон бардошт.

*Қ. Наимӣ «Ман бо шумо»*

2. Модарам дид, ки падарам аз сари нав аланга гирифт.

*«Машъал»*

**АЛИФ**

### 69. «Алифро» аз «бе» ҷудо карда натавонистан

*Ниг.* Алифро таёқ гуфтан.

Ту ҳануз «алиф»-ро аз «бе» ҷудо карда наметавонистӣ.

*Ҳ. Карим «Ҳикояҳо»*

### 70. Алифро аз таёқ фарқ карда натавонистан

*Ниг.* Алифро таёқ гуфтан.

Рости гап, муаллиме ки худаш алифро аз таёқ фарқ карда наметавонад, ба бачаҳо чӣ гуна таълим медиҳад?

*«Хорпуштак»*

### 71. Алифу беро надонистан

бесавод будан, аз ҳар гуна дониш бебаҳра будан.

Дар урфият мегуянд, ки агар илмро об карда хурда бошӣ ҳам, оташин шудӣ, алифу беро намедонӣ!

*Ҷ. Икромӣ «Ситора» («Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

### 72. «Алиф», «бе» то се

1. навбат то се бор, 2. нодонро то се бор танбеҳ дода, баъд ҷазо медиҳанд.

— Не, тайёр! — гуфт махдум,— «алиф», «бе» то се гуфтаанд. Бояд шумо се бор ҳунари худро нишон диҳед!

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III*

### 73. Алифро таёқ (калтак) гуфтан

1. тамоман бе хату савод будан, аз дониш бебаҳра будан, 2. ишора ба бесаводӣ, нодонӣ, бефаҳмӣ, бемаданиятӣ.

1. Зиёданисо мисли шавҳараш алифро таёқ намегуяд, вай нимча-ерсак бошад ҳам, савод дорад.

*А. Деҳотӣ «Асарҳои мунтахаб»*

2. Дар аксари мавридҳо ин муллонамоҳо одамоне буданд, ки худ алифро таёқ мегуфтанд.

*«Хорпуштак»*

3. Ҳар чӣ қадар заҳмат кашед ҳам, ман боз алифро калтак гуфтан мегирам.

*Ҳ. Карим «Ҳикояхо»*

**АЛИХОҶА**

### 74. Алихоҷаю Хоҷаалӣ

ҳар ду як хел, ҳар дуяш яке, аз ҳамдигар бе фарқ.

1. — Ҳамаи инҳо «Алихоҷаю Хоҷаалӣ»,— гуфт як муйсафеди қаддароз,— гапро ба як ҷо монда, фуқароро фиреб медиҳанд!

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. I*

2. — Худат омадӣ ё вай, рубоҳ туро фиристодааст — чӣ фарқ дорад? Алихоҷаю Хоҷаалӣ!..

*П. Толис «Тобистон»*

**АЛОВ**

### 75. Алов (алав) гирифтан

оташин шудан, якбора ба хашм омадан, шуридан.

Холо ҳам гапҳояш ба хотирам биёяд, алов мегирам.

*«Маориф ва маданият»*

### 76. Алову чароғ кардан

пас аз марги касе дар хонаи у зиндагӣ кардан; пас аз марги касе хонаву ҳавлии уро обод карда нишастан.

Баъд аз сари мо ба ҳамин як бурда ҳавлии вайронаю валангорамон соҳибию алаву чароғ карда мешиштагист охир.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. I*

**АЛОВГИРӢ**

### 77. Ба аловгирӣ омадан (рафтан)

ба ҷое омада дарҳол рафтанӣ шудан, дар ҷое таваққуф накарда дарҳол рафтанӣ шудан, барои муддати кутоҳе омадан.

1. — Хуш омадӣ. Амонат нашину аз болои палос гузар. Ба қавли занҳо ба алавгирӣ наомадаӣ.

*Р. Ҷалил «Ҳамида»*

2. Он китобхое, ки баъди сафархо сафарҳои, албатта, дуру дароз (на он гуна сафарҳое, ки бисьёр нависандагони мо машинасавору гуё ба аловгирӣ рафта бошанд, ду-серуза мекунанд) навишта шудаанд, асарҳои хуб баромаданду мақбули хонандагон шудаанд.

*Р. Ҷалил «Дар роҳи иҷрои вазифаҳои муқаддас» («Шарқи сурх»)*

**АМАК**

### 78. ...Амакат намешавад

каси беаҳамият набуда, лоиқи эътибору диққат аст, фалонӣ одами саҳл нест.

Хизмат кардааст, қандаша хурад! Аммо духтари ман ҳам чакана не, депутати райсовет! Амакатон намешавад!

*М. Зокиров «Шодиёна» («Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

**АМАЛ**

### 79. Ба амал баровардан

ба иҷро расондан, дар амал татбиқ намудан.

Нақшаи рафиқ Неъматов ба амал баровардa шуд.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 80. Ба амал овардан

1. чизеро ба вуҷуд овардан, муҳайё намудан, ба майдон овардан; барои истеъмол ҳозир намудан, ба истеъмол даровардан, ба кор даровардан, 2. иҷро кардан, 3. барпо намудан, сохтан.

У дар аввалҳои кори худ хафт-хашт моҳ пеш дар кори трест ва шахтаҳо дигаргунии калон ба амал овард.

*Р. Ҷалил «Шуроб»*

### 81. Ба амал омадан

1. ба вуҷуд омадан, пайдо шудан, 2. муҳайё, омода гардидан.

Дар вақти сардори собиқи трест як бор не, чандин бор хирворҳои калони ангишт ба амал меомаданд...

*Р. Ҷалил «Шуроб»*

**АМИРӢ**

### 82. Амирии охиратро бахшидан

ба касе марг хостан.

Ба шумо амирии охиратро бахшад...

*«Хорпуштак»*

**АМР**

### 83. Амри маҳол

1. номумкин, имконнопазир, 2. мушкил.

Ба теғи нози ту бояд, ки ман ҳалок шавам,
Вагарна бе ту маро зиндагист амри маҳол.

*Л. Обидхуҷаев «Асарҳои мунтахаб»*

### 84. Амри маҳол будан

1. номумкин, имконнопазир будан, ҳеҷ мумкин набудан, 2. мушкил будан, душвор будан.

1. «Аз рафиқи ту рафоқати самимиро чашм доштан амри маҳол аст...»

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

2. Дар мактаби ин ҷо (мактаби куҳна — *М. Ф.*) хонда тез саводнок шудани фарзанди одами бечора медонам, ки амри маҳол аст.

*Р. Ҷалил «Шуроб»*

3. Аз афту башараи ин мардак муайян кардани синну солаш амри маҳол буд.

*К. Носиров «Орият»*

### 85. Амр муқаддам бар одоб аст

иҷро намудани кор ё фармоиш аз риояи одоб ва такаллуф зарууртар аст, амрро бояд ҳатман иҷро намуд.

— Махдумҷон, туро ҷеғ мезананд, зудтар рав!

Аммо ман нарафтам. Ман ба пеши як одами калонзодаи шаҳрӣ, ки ҳама уро ҳурмат мекунанд ва хидматгоронаш ҳам либоси озодаи шаҳрӣ доранд, бо либоси даридаи чиркини саҳроӣ чӣ гуна рафта метавонам?!

Баъд аз ду дақиқа акаам аз меҳмонхона баромад, маро ҷеғ зад: — Шарм накун, биё «амр муқаддам бар одоб аст»,— гуфт.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. I*

### 86. Амри хайр

кори нек (одатан туй).

Бетаъхир даст бардошта ба ин амри хайр фотиҳаи қуюқ медиҳам.

*«Занони Тоҷикистон»*

**АНА**

### 87. Ана гапу мана гап

во аҷабо, аҷабо, ё тавба; ана халос.

1.— Дина Пулод ба дасти босмачиҳо афтидааст гуфта хабар оварданд-ку.

— Ана гапу мана гап! — гуфт Салимбой қаҳ-қаҳ зада хандида...

*Р. Ҷалил «Гулру»*

2. — План доред-мӣ? — пурсид Қаламфур. — Канӣ шумо чӣ корҳо карда истодаед?

— Ана гапу мана гап,— гуфт дар ҷавоби саволи Қаламфур хандида у

*«Маориф ва маданият»*

### 88. Ана-мана гуфтана (нагуфта)

саҳл нагузашта, дар андак вакт, дере нагузашта.

1. Агар корам ҳамин тавр рафтан гирад, тамошо кунед, ки станцияи электрикии навамонро ҳам ана-мана гуфтана ба роҳ медарорад.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

2. То ана-мана гуфтана руз сафед шуд...

*Ҷ. Икромӣ «Аз Душанбе то ба Киев («Шарқи сурх»)*

3. Ана-мана нагуфта, дар муддати 13 руз аз майдони 35 гектар 420 центнер пахтаро чида гирифтанд.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 89. (То) ана-мана кардана

то ба ҷо овардани коре, то иҷро кардани коре, ҳануз кореро ба иҷро нарасонида, фурсате нагузашта.

1. Он ҷо рафту то ана-мана кардана як духтари дигарро нагз дида, занашро партофт.

*Р. Амонов «Ду қатра ашк»*
*(«Шарқи сурх»)*

2. Ана-мана накарда расида мегирад!

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

### 90. Ана халос

ё тавба, аҷабо; анаю мана, ана тамошо кунед.

1. — Ана халос! — монанди касе ки ягон кори душворро ба анҷом расонида бошад, хандида гуфт Зайнаб.

*С. Улуғзода «Ёрони боҳиммат»*

2. Ана халос, ҳоло даҳ-понздаҳ немисро куштагӣ барин, дуғат баланд-ку.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

**АНБОР**

### 91. Аз анбори холӣ сад ман шолӣ

1. ваъдаи хушку холӣ додан, беасос ваъда додан, ваъдаҳои зиёде дода, вафо накардан, 2. ваъдахилофӣ.

1. Хулоса, дарбориён гушу кисаи онҳоро бо суханҳои хуби хушк ва «чормағзҳои пучи бемағз» пур карда, рузро ба шаб расониданд ва бо таъбири мақоли халқ ба онҳо «аз анбори холӣ сад ман шолӣ» инъом намуданд.

*С. Айнӣ «Еддоштҳо», қ. III—IV*

2. Аз анбори холӣ ба ман сад ман шолӣ инъом доданду сарамро гардонда духтарамро никоҳ карда гирифтанд.

*С. Улуғзода «Диёри навобод»*

3. Домодшаванда, ки ҳарчанд «аз анбори холӣ сад ман шолӣ» набошад хам, ба духтар берун аз имконияти худ «биҳишти руи заминро» ваъда карда буд...

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

**АНГУР**

### 92. Ангур ангура дида ранг мегирад

*Ниг.* Ангур ангурро дида чумак мезанад.

— «Ангур ангура дида ранг мегирад» гуфтаанд, аввал худатон сар кунед, сонӣ мо ҳам забондароз шуда, ба модарҳоямон чор даҳон гап занем.

*Қ. Наимӣ «Ҳабиба» («Айёми мо»)*

### 93. Ангур ангурро дида чумак (чашмак) мезанад

ба чизи, кори нағз пайравӣ кардан, тақлид ба хуб намудан, таассуб кардан, ибрат гирифтан.

1. Дар мактабҳо зану духтарон намехонданд, ҳозир дар ҳар маҳалла курсхои нест кардани бесаводии занон ҳастанд ва садҳо нафар занон хонда истодаанд. «Ангур ангурро дида чумак мезанад».

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. II*

2. Ангур ангурро дида чумак мезанад. Мисли ҳамин роҳбарони колхози «Қизил Йулдуз» низ аз ин колхоз ибрат гирифта, ба дарьёи беғамӣ шино карда гаштаанд.

*«Хорпуштак»*

3. Чи тавре ки «Ангур ангурро дида чумак мезанад» гуфтаанд, якта-нимта дустдорони пули бемеҳнат фавран худро муриди Саримсоқов эълон карданд.

*«Хорпуштак»*

### 94. Ангурро хуру боғаша напурс

кунҷковӣ накун, сабаби чизеро напурс, асл, моҳияти кореро ҷустуҷу накарда тайёрашро бин.

1. — Ин чист, аз куҷо овардед?

— Чоркув, зан, чоркув!

— «Ангура хуру боғаша напурс» гуфтаанд.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. I*

2. — Маълумоти миёна?.. чӣ тавр зуд ба даст даровардед? — Қоратон чӣ? «Ангура хур, боғаша напурс» гуфтаанд,— ҷавоб дод бо табассум.

*А. Деҳотӣ «Паёмҳои дустӣ»*

3. Ин молҳои камчинро аз куҷо меёбӣ?
— «Ангурро хуру боғаша напурс»,— гуфтаанд.

*«Тоҷикистон»*

4. Ҳеҷ кас фикр ҳам накард, ки Хайруллохуҷа ин ҳама харҷу хароҷоти туйро аз куҷо ёфт, кадом тахмони тунукро зад. ««Ангура хурда боғаша напурсиданд».

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

**АНГУШТ**

### 95. Ангушт дар даҳон

дар ҳолати таассуф, ҳайрон; моту мабҳут.

«Аз ин диёри бахту саодат чӣ сон равам?»
Мегуфт дар дили худ ангушт дар даҳон.

*С. Ҷавҳаризода «Гулшани афрухта»*

### 96. Ангушти итоат бар дида (чашм) ниҳодан

қабул кардан, розӣ шудан, пазируфтан, ба амр итоати худро изҳор кардан.

Аҳли маҷлис дасти қабул бар сина ва ангушти итоат бар дида ниҳода, он ғазалҳоро навишта гирифтанд...

*С. Айнӣ «Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ»*

### 97. Ангушти ҳайрат (таҳайюр) (ба дандон) газидан

1. ҳайрон шудан, дар ҳайрат мондан, тааҷҷуб кардан, 2. моту хомуш шуда мондан.

1. — Аз хусуси навигариҳои гуногун ва ҳайратовари илму техникаи советӣ хабарҳои аҷоибро мешунавид ва ангушти ҳайрат газида мемонд.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

2. Оре, тафсили ҳар як воқеаи нимасрраро у чунин дар оинаи хотир нигоҳ медошт, ки кас аз он ангушти таҳайюр мегазид.

*«Маориф ва маданият»*

3. Майнушии дугонаашро дида, ангушти ҳайрат ба дандон газид.

*Ҳ. Аскар «Нишони одамият»*
*(«Шарқи сурх»)*

4. Дар лагери душман ангушти таҳайюр ба дандони тафаккур мегазиданд...

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

### 98. Ангушти ҳайрат ба лаб бурдан

*Ниг.* Ангушти ҳайрат газидан.

Пас аз он ки чӣ будани воқеаро фаҳмиданд, ангушти ҳайрат ба лаб бурданд.

*«Тоҷикистони советӣ»*

## АНГУШТНОМА

### 99. Ангуштномаи мардум шудан (гардидан)

1. вирди забони одамон шудан, боиси гапи одамон шудан, 2. машҳур гардидан.

1. Даҳшате ба дилам афтод ва хиҷолате ҳам ба он зам шуд, хиҷолати он ки аммазода ва хоҳархондаи ман Зебӣ ангуштномаи мардум шудааст.

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

2. Ҳануз дар рузҳои сейум, чоруми концертҳоямон санъаткорони тоҷик вирди забон ва ангуштномаи кобулиён гардиданд.

*А. Деҳотӣ «Ҳаёт қадам мезанад»*

## АНДАК-

### 100. Андак-мундак

1. як миқдор, як миқдори даркорӣ, 2. шоистаи диққат будан, кас ё чизи беаҳамият набудан.

1. Кошки бо андак-мундак пул роҳи халосӣ ёфт шавад...

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

2. Модарам ҳам ба миёни беақлон монда, андак-мундак ақлу ҳуши будагиашро гум кардагӣ.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

3. Инҳоро, ки дар кабинети доктор Тоҷиев медидам, ба худ мегуфтам, ки профессори мо ҳам одами андак-мундак не. Бедарак нест, ки уро беморон ин қадар дуст медоранд ва ҳурмат мекунанд.

*Ҷ. Икромӣ «Онҳое ки маргро мағлуб мекунанд» («Маориф ва маданият»)*

**АНДЕША**

### 101. Дар андеша афтодан

дар фикру мулоҳиза мондан, ба фикру хаёл ғутидан.

Ман дар андеша афтодам, ки «ба ман чӣ кор дошта бошад?..»

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

### 102. Дар андеша фуру рафтан

фикр карда мондан, дар фикру хаёл ғутидан.

Дар андеша фуру рафт ва чизе нагуфт.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

**АНОЙ**

### 103. Аноӣ набудан

соддалавҳ набудан, оддӣ, муқаррарӣ набудан.

Душман аноӣ не. Вай ҳам зур, маккор, чолок, хулоса гурги борондида аст.

*Ф. Муҳаммадиев «Тири хокхурда»*

**АНЧА**

### 104. Анча гап будан

1. хело вақт будан, 2. хело дур будан.

Зеро ки онҳо аз истироҳате ки тирамоҳи соли гузашта сар карда буданд, ҳануз сар набардоштаанд ва аз кайфияти «то баҳор анча гап ҳаст!» халос нахурдаанд.

*«Хорпуштак»*

**АНҚО**

### 105. Анқо будан

ноёб, камьёб будан.

Ҳозир тухми кадр анқо мебошад, рафиқ Воҳидов.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

**АНҶОМ**

### 106. Анҷом додан

чизеро иҷро кардан, ба охир расонидан.

— Ҳамин корро дар як рӯз анҷом додан мумкин нест...

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 107. Анҷом ёфтан

иҷро шудан, тамом шудан.

Бо ҳамин баромадҳои мо дар Эрон анҷом ёфтанд.

*«Тоҷикистони советӣ»*

**АПАҚ**

### 108. Апақ-чапақ будан

дӯст, меҳрубон будан, ба ҳам хеле наздику маҳрами роз будан.

Ҳамаашон ҳам бо калонҳои ҳукумат апақ-чапақанд.

*Ҳ. Карим ва Дунган «Соли 1916»*
*(«Шарқи сурх»)*

**АРАҚ**

### 109. Араќи ҷабин

меҳнати ҳалол, меҳнати пуразобу машаққат.

— Самараи араќи ҷабин, шабу рӯз аз қафои пахта медавем.

*Қ. Наимӣ «Роҳи дуруст»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 110. Аз (бо) араќи ҷабин ёфтан

чизеро дар натиҷаи меҳнат ба даст даровардан, дар сояи меҳнати ҳалол ёфтан, бо азобу машаққат пайдо намудан.

Бар замми ҳамаи ин фиребҳо худро шайх метарошанд, гуё як бурда нон аз арақи ҷабин ёфта, чизе аз касе тамаъ надошта бошанд.

*«Маориф ва маданият»*

### 111. Арақи ҷабин рехтан

1. меҳнат кардан; меҳнати ҳалол кардан, 2. азобу машаққат кашидан.

1. Ман арақи ҷабин мерезам, донаҳои гандуми тиллоранг насиби ин одам мешавад...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Хеле арақи ҷабин рехта, пахтаро нав неш занонда аз замин баровarda будем...

*«Тоҷикистон»*

**АРБОБ**

### 112. Арбобро бин, деҳро тоз

агар дили арбоб — калони деҳро ба даст орӣ, ҳар кор карда метавонӣ.

1. — Ба он деҳ рафта дар назди арбобу калонони он ҷо васиқа кардан лозим аст,— гуфт ноиб.— «Арбобро бину деҳро тоз» гуфтаанд, коре ки дар деҳот бехабардории арбоб ва калоншавандагон карда шавад, натиҷаи хуб намедиҳад.

*С. Айнӣ «Марги судхур»*

2. — Ман ба гушаш хонда монда будам,— гуфт оқсаққол дар ҷавоби амин,— «ин ғуломонро як тарсонда мондан даркор» гуфта будам. Вагарна ҳокими мамлакат бе савобдиди мову шумо кореро карда наметавонад... Агар мо набошем ва ҳилаву найранги мо набошад, ин мардуми сару по бараҳна дар як руз линги инҳоро аз осмон меоранд «Арбобро бин, деҳро тоз!» масали тоҷикист, ки аз таҷрибаҳои чандинсолаи ҳакимон баромадааст...

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

## АРВОҲ

### 113. Ба арвоҳи касе (чизе) фотиҳа хондан

1. касеро гӯрондан, 2. касеро мурда ҳисоб кардан, 3. касеро нест ҳисоб кардан, 4. тамом фаромуш кардан.

1. Ба ҳамин тариқ, ба арвоҳи ҳашт зан фотиҳа хондам (онҳоро сар дода буд — *М. Ф.*), акнун навбати ту!

*«Хорпуштак»*

2. Дар ёди ту ҳануз зинда ҳастам, набошад кайҳо Азимшоҳ ба арвоҳи ман фотиҳа мехонд.

*Ҷ. Икромӣ «Дохунда» («Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

### 114. Арвоҳи касеро шод кардан

касеро баъди маргаш ба хайр ёд кардан, ба боқимондагони марҳум некӣ карда, гуё арвоҳи мурдаро хурсанд кардан.

— Хуб, ҷаноби бой, арвоҳи падари ин бачаро шод кунед! Фармоед банди дасту пояшро сусттар кунанд.

*Ҷ. Икромӣ «Дохунда» («Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

## АРЗ

### 115. Арзи касеро пурсидан

илтимоси касеро ба ҷо овардан; шикояти касеро шунидан, ба доди касе расидан.

— Шуморо ба ин стол барои он шинонда мондаанд, ки арзи одамонро пурсед...

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 116. Ба арзи (доди) касе расидан

шикояти касеро шунидан, ба касе додрасӣ кардан.

1. — Ба арзи бечорагон кӣ мерасад?

*Қ. Наимӣ «Соли 1916»*

2. Ба арзу додам нарасиданд.

*Ҳ. Ирфон «Ду ёр аз ду диёр» («Шарқи сурх»)*

### 117. Арзи ҳол намудан

аҳволи худро маълум, баён кардан.

— Қанӣ фаҳмем,— кампире, ки Хайринисо ном бурданд, арзи ҳол намуд.

## АРЗОН

### 118. Арзон бе иллат нест, гарон (қимат) бе ҳикмат

1. арзон ва ё қимат будани чизе бе сабаб нест, харидани моли қимат беҳ аз арзони бедавом, 2. ҳар чиз ҳам мувофиқи арзиши худ бақо дорад.

1. Харидор нархи сабзиро фаҳмида «қимат» гуфт...

— Арзон бе иллат нест, гарон бе ҳикмат! Ин сабзӣ камтар қимат бошад ҳам, худаш сабзии нағз...

*«Зарбулмасалҳои тоҷикӣ (дар контекст)»*

2. Ба молҳои пасте дучор шудем, ки корчаллонҳо ба онҳо бебаркаш нарх мондаанд. Моро бовар кунонидани мешаванд, ки зарбулмасали «арзон бе иллат не, қимат бе ҳикмат не» куҳна шуда, ба ҷои он зарбулмасали «арзон бе қимат не, қимат бе иллат не» ҷорӣ шудааст.

*«Хорпуштак»*

### 119. Арзони болонишин

моли арзони аълосифат, моли арзон, вале хуб.

— Ба мо шоҳивор даркор, бояд ки арзони болонишин бошад.

*«Хорпуштак»*

## АРОБА

### 120. Аробаи касеро аз лой баровардан

дар вақти дармондагии касе ёрӣ расондан, касеро аз вазъияти бад (мушкил) халос кардан.

Аз дигар звеноҳо омада, ду-се бор ба ин кас ёрӣ расонда, аробаашонро аз лой бароварда ҳам доданд.

*Қ. Наимӣ «Роҳи дуруст» («Шарқи сурх»)*

### 121. Аробаи равған карданашуда ҳаракат намекунад

1. то пора надиҳӣ, корат барор намегирад, 2. то чизе надиҳӣ. фонда намебинӣ.

— Бояд ба ноиб ҳам ягон чиз дода бошӣ?

— Албатта,— гуфт Муҳсин,— «аробаи равған карданашуда ҳаракат намекунад» — гуфтаанд, бо дусад танга гулуи ноибро ҳам равған кардам.

*С. Айнӣ «Марги судхур»*

### 122. Аробаи худро кашола кардан

1. аз паи кори худ шудан; кори худро саришта кардан, 2. рӯзгори худро ба навъе таъмин намудан.

1. — Қасри ҷамъиятиро ҷамъият месозад, ба ману шумо чӣ? — ситеза мекард модарам,— аробаи худамонро кашола карда гардем ҳам, хуб гап.

*Ҳ. Содиқ «Ҳазли падар»*
*(«Шарқи сурх»)*

2. — Шумо худатонро донед, ҳар кас аробаи худро кашола кунад.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 123. Аробаи хушк (холиро) гирифта гурехтан

1. беҳуда, беасос гап задан; моҳияти масъалаеро нафаҳмида талош кардан, 2. ҳавоидаҳан кардан, лаққидан.

1. Вагон надиҳанд, ман чи кор кунам? Сарамро ба куҷо занаму ба кӣ дод гуям, канӣ гуй? Ин бошад, ба ҷои ин ки омада аввал ба сарфаҳми кор равад, аробаи хушку холиро гирифта мегурезад.

*Р. Ҷалил «Шуроб»*

2. Акнун чӣ мегуӣ, Одил? Беҳуда ин хел аробаро холӣ гирифта гурехтан нағз не...

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

**АРОБАЧА**

### 124. Чизеро (касеро) аробача карда гаштан

1. овораи чизи беҳуда шуда гаштан, 2. иҷрои чизеро кашол додан, 3. касеро кудаквор бозӣ доштан.

Вай як бор чиққи мекунаду (фотограф — *М, Ф.*) кор тамом, вассалом. Ту барин шабу руз аробача карда намеғардад.

*Ш. Қиёмов ва А. Мороз*
*«Дил дили Зайнаб» («Шарқи сурх»)*

**АРШ**

### 125. Ба арши аъло баровардан

аз ҳад зиёд таъриф кардан.

Одаме, ки маро нағз пешвоз гирифту аҳволпурсиро ба «арши аъло» баровард... ногаҳон хомуш шуда монд.

*Р. Ҷалил «Шуроб»*

**АРШИН**

### 126. Бо аршини худ чен кардан

1. ба касе мувофиқи андозаи худ баҳо додан, касеро ба монанди худ пиндоштан, 2. аз руи фаҳми худ муҳокима кардан.

— Ман худамро ба ҳеҷ кас зуракӣ маъқул кунониданӣ нестам... ба меҳмонӣ хабар карданд, омадам.

— Шумо маро бо аршини худатон чен накунед!

*Ф. Ансорӣ «Ҳаёт ва ишқ»*
*(«Шарқи сурх»)*

**АРҒАМЧИН**

### 127. Арғамчинро аз миён буридан

риштаи дустиро кандан; алоқаи худро (бо касе) қатъ кардан.

Акою ука сурху сафед шуданд. Дар ҳамин вақт вай ба пеши акааш буду шуди масъаларо гуфт, арғамчинро аз миён бурид.

*Ҳ. Карим «Ҳикояҳо»*

### 128. Арғамчинро дароз партофтан

1. ҳалли масъалаеро ба таъхир андохтан, интизори вақти мусоид шудан, 2. барои равшан кардани моҳияти масъала то як муддат ба кор мудохила накардан.

1. — Ин «каждуми таки бурьё» то кай ба идораи шуро шишта мегирад гуфта, ҳайрон будам.
— Аргамчинро хеле дароз партофта будем.

*Р. Ҷалил «Субҳи саҳро»*
*(«Шарқи сурх»)*

2. Раису парторг ҳамаро нағз медонанд, ҳозир арғамчинро дароз партофта монда, вақташ ки омад, таноби ин хел одамонро якбора сахтакак кашида мемонанд.

*Қ. Наимӣ «Роҳи дуруст»*
*(«Шарқи сурх»)*

**АРӮС**

### 129. Аруси модараш набусида

духтари покдоман, бокира.
Барои шумо барин бачамарди муҷаррад якто не, дахто аруси модараш набусида ёфт мешавад...

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

### 130. Арус чӣ гуна аст? — Додарарус намуна аст

додар дар ҳусн намунаи хоҳар аст.
Агар он писарбача ҳамшираи қадраси ҳануз ба шавҳар набаромада дошта бошад, уро маъшуқаи ғоибонаи худ қарор медод. Мувофиқи мақоли машҳур, ки мегӯянд: «Арус чӣ гуна аст? — Додарарус намуна аст», он писарбачаро намунаи ҳамширааш фарз карда, дар хаёли худ ба у муҳои дарози сиёҳмушкин мебаст ва либосҳои хуби занона пушонда, дар тасаввури худ уро ошиқона парастиш мекард.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

**АСАБ**

### 131. Аз асаб фаромадан

аз қаҳру ҷаҳл фаромадан, ором шудан, таскин ёфтан.
— Аз ту айб не-ми, ки худат ба пои худат теша мезанӣ,— гуфт хола камтар аз асаб фаромада.

*Ҷ. Икромӣ «Муҳаббат»*

**АСАЛ**

### 132. Бо асал гуфтан даҳон ширин намешавад

1. бо нағз гуфтани касе (чизе) вай нағз намешавад, 2. бо гапи хушкухолӣ кор иҷро намешавад.

Бо асал гуфтан даҳон ширин намешавад. Дар ин соҳа кори бисьёре кардан лозим аст. Қувва намерасад.

*«Хорпуштак»*

**АСЛО**

### 133. Асло монед

1. ҳаргиз напурсед, 2. дуруст аст, айнан ҳамин тавр аст.

— Хоҳарам, беором ҷиринг-ҷиринг кардан гирифта, ба ҷонатон сер мекардагист-дия?..

– Асло монед,— гуфт шикоятомезона Людмила Ивановна,— нисфи умрам ба ҷавоби телефон сарф мешавад.

*«Занони Тоҷикистон»*

**АСО**

### 134. Асои касе будан

ёрдамчии касе будан, ҳимоягар будан; такьягоҳи касе будан.

— Ҳар кадомашон асои як хонадонанд.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

### 135. Асои касе шудан

ба касе ёрдамчи шудан, дастгири касе шудан, ҳимоягари касе гардидан; пуштупаноҳи касе шудан.

Аҷаб хуб мешавад, ки ба мани дар фироқи фарзандонам парешонхотир ёрӣ расонӣ, асои дастам шавӣ.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 136. Асои пир ба ҷои пир

ба ивази каси ҳозирнабуда наздиконашро ба ҷои у дидан, ҷои каси набударо бо каси дигари наздики у иваз кардан.

1. — Бурӣ Батоши дузд, Шароффбои қаршигӣ! — мегуфт амир,– инҳо намояндаи ду гурӯҳ дуздон ва боёнанд, ки ба онҳо эътимод ва такья кардан мумкин аст. Ин як фоли нек аст, ки маро ба устуворӣ ёфтани салтанати дубораам умедвор мекунад; ҳайфо ки ёбандаи ин фикр аз миён рафтааст (яъне Мирзои урганчӣ мурдааст). Хуб, зарар надорад, «асои пир ба ҷои пир» гуфтаанд, вай мурда бошад, писарашро дар Душанбе ва Ҳисор ҳоким таъин мекунем.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. — «Асои пир ба ҷои пир» гуфтаанд. Ҷаноби олӣ ҳануз наёмада бошад ҳам, бекҳо аз ҷониби он кас кор кардан мегиранд.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

3. — Колхоз ташкилкунӣ омадам, Гуларус. Котиби ҳавзаи фирқа Усмон Баротовро ҷустуҷу кардаму наёфтам. Дар шаҳр будаасту пагоҳ меомадааст. «Асои пир ба ҷои пир» гуфта ба назди котиби комсомол омадам.

*Р. Ҷалил «Субҳи саҳро»*
*(«Шарқи сурх»)*

**АСП**

### 137. Аспи бахти касе ба ҳар ду по лангидан

ҳеҷ барор накардани кори касе.

Барои ба шуъбаи ғоибонаи институт... дохил шудан якчанд бор миёнашро аз ҳафт ҷо баста қувваозмоӣ карда будааст. Лекин чунон ки мегуянд, аспи бахташ ба ҳар ду по лангидааст.

*«Маориф ва маданият»*

### 138. Ба асп наъл зананд, қурбоққа (буз) ҳам пояшро бардоштааст

тақлиди номувофиқ, ба касе аз худ калону тавонэ тақлид кардан.

1. Ба асп наъл зананд, қурбоққа ҳам пояшро бардоштааст, мегуянд. Тую маъракае нест, ки дар он Аҳмадови доирачӣ бе пуш-пуш наояд...

*«Хорпуштак»*

2. Ман шумо барин корамро давом додан мегирам.

— Шумо барин, шумо барин...

— Вақте ки ба асп наъл мезаданд, буз ҳам пояшро бардошта будааст.

*А. Баҳорӣ «Сабоҳат аз кор нарафт»*
*(«Занони Тоҷикистон»)*

### 139. Ба аспи бад сад қамчин

*Ниг.* Ба аспи нағз як қамчин, ба аспи бад сад қамчин.

Суди халқии райони Ҳисор «ба аспи бад сад қамчин» гуён уро муддати як сол ба дорулахлоқ меҳмон кард.

*«Хорпуштак»*

### 140. Ба аспи нағз як қамчин, ба аспи бад сад қамчин

ба одами нағз, бофаҳм як ишора бас аст, вале барои одами бад сад бор таъкид кардан ҳам кам аст.

Аммо ба аспи нағз як қамчин, ба аспи бад сад қамчин гуфтагӣ барин ин гарданшаххои якрав боз нонҳои нимхомро бебаркаш пул карда истодаанд.

*«Хорпуштак»*

### 141. Аз асп фуроянд ҳам, аз узангу намефароянд

1. аз мансабе ва ё мартабае фаромада бошад ҳам, боз аз калонигариаш намефарояд, ҳавобаландии гузаштаи худро давом медиҳад, 2. шарманда шавад ҳам, сирро бой намедиҳад.

1. Олимро кайф парид, ҳавосаш парешон шуд, вале у сир бой надода, аз асп фурояд ҳам, аз узангу намефарояд.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо, ҷ. II*

2. Суди рафиқона ташкил намудем. Чанд касро ҳам муҳокима кардем. Шахтёрони ақибмонда акнун дигархелтар, ба меҳнат ҷиддитар муносибат мекардагӣ шуданд. Вале Мурод ҳамоно аз асп фарояд ҳам, аз узангу намефарояд.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 142. Ба аспи чубин савор шудан

мурдан, вафот кардан.

Пагоҳ-фардо ба аспи чубин савор мешавию ҷонат халос.

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

### 143. Аспи қашқа

каси ба ҳама маълум (дар мавриди манфӣ).

Ин шахс ҳамчун аспи қашқа дар Ӯротеппаю Ғарм, дар Душанбеву Тошканд, Ленинободу Норак маълум аст.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 144. Ба аспи ҷаҳл савор шудан

дар хашму ғазаб будан; оташин шудан, якраҳагӣ, исрор кардан.

1. Ҳошимҷон Ҳошимҷони аввала набуд. У ба аспи ҷаҳл савор шуда буд.

*Б. Ортиқов «Ду нишона» («Шарқи сурх»)*

2. Мехостам ба пиразан фаҳмонам, ки гапи вай ноҳақ аст, вале у ба аспи ҷаҳл маҳкам савор шуда, тири ғазабашро бар зидди Меҳрӣ равона намуда буд...

*Р. Амонов «Меҳрӣ» («Шарқи сурх»)*

**АСФАЛАССОФИЛИН**

### 145. Ба асфалассофилин рафтан

мурдан, ба дузах рафтан (дар ҳаққи одами бад гуфта мешавад).

— Дастонатро аз остинат барор! Вагарна ба асфалассофилин рафтӣ! — гуён фармони даҳшатноке дод.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 146. Ба асфалассофилин фиристодан

куштан.

Яроқатонро супореду таслим шавед, набошад, ҳозир ҳамаатонро ба асфалассофилин мефиристонем.

*Л. Саид «Пеш аз субҳ» («Шарқи сурх»)*

**АТО**

### 147. Атои уро ба лиқои ӯ бахшидам

барои надидани дидори одами бад, аз баҳри фоидае, ки аз ӯ манзур аст, гузаштам.

1. — Модом ки ӯ ин гуна одами бадгумон будааст, дигар на руи уро мебинам ва на аз вай ҳуҷра мепурсам, на ҳуҷраи ӯ ба ман даркор аст ва на мулоқоташ. Ба қавли Саъдӣ «атои уро ба лиқои ӯ бахшидам»,— гуфтам ва аз ӯ ҷудо шуда, паси кори худ рафтам.

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

2. «Агар Ҳоҷӣ-Абдулазиз ҳамин одами манфур бошад, ман аз вай даст кашидам ва ба қавли Саъдии Шерозӣ «атои уро ба лиқои ӯ бахшидам».

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

**АФСОНА**

### 148. Афсона гардидан (шудан)

вирди забон шудан, овоза шудан, ба бадӣ ном баровардан.

1. Чаро бефатҳ суи хона гардам?
Ба номардӣ чаро афсона гардам?

*М. Турсунзода «Ман аз Шарқи озод»*

2. Ҳар чӣ бошад, дилбари номеҳрубон,
Ишқи мову ту ба шаҳр афсона шуд.

*Ф. Ансорӣ «Гулдастаи дӯстӣ»*

**АФСӮС**

### 149. Афсус хӯрдан

дилсӯзӣ, тараҳҳум намудан, мутаассиф шудан, пушаймон шудан.

Аз аҳли маҷлис яке ба ҷони Аҳмад афсус хӯрда мегуфт:

— Ҳайф аст, ҷавоне ки аз сад гулаш як гулаш нашукуфтааст, худро бо як беандешагӣ нобуд кунад.

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

**АФТ**

### 150. Афти чизе беҷо будан

ба вазъияти бад афтодан, дар вазъияти таҳлуканок будан.

Ман ба лаби Зарафшон омада дидам, ки дарьё обхез шудааст, афти кӯпрук беҷост ва ҳар вакт, ки аз болояш харе ва ё аспе мегузарад, он меларзад.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 151. Аз афти кор

1. маълум мешавад, дида мешавад, яқин, 2. шояд, эҳтимол, мумкин аст, ки...

1. Аз афти кор, вай ба ягон қароре омада буд.

*П. Толис «Ҳикояҳо»*

2. Аз афти кор, ҷавонон машғули омӯзишанд.

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

3. Аз афти кор, ба вай он дарьё ҷудо маъқул шуда буд.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

### 152. Аз афташ

1. эҳтимол, 2. ба гумон.

1. Аз афташ, имсол бригадаи Тошмирзоев ҷои якумро хоҳ-нохоҳ аз дасти бригадаи Отахидиров кашида мегирад.

*«Тоҷикистони советӣ»*

2. Аз афташ, ҳамин хел карда хотирҷамъ шуда нагирем, намешудагӣ барин.

*М. Сайфиддинов «Ҳусни оламоро»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 153. Афташ дар гӯр

мурад, гумном шавад, аз дидани ӯ безорам, дидорашро набинам.

— Афташ дар гӯр, рафтем, Юсуф.

*П. Толис «Ҳикояҳои даҳ сол»*

### 154. Афташ пусад

дар мавриди норозигӣ аз касе гуфта мешавад.
«Афти шуй пусад» — мегуяд...

*Ч. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 155. Афташ хушк шавад

*Ниг.* Афташ дар гур.
— Афти ин тавр шавҳар хушк шавад.

**АФТОДА**

### 156. Афтода мондан

тасодуфан даромада мондан, банохост дохил шудан.
Иттифоқо Нуралӣ дар фронт ба ҳамон бригадаи артиллерия, ки Боровиков сардори шуъбаи сиёсии он буд, афтода монд.

*С. Улуғзода «Навобод»*

**АФТОДАҲОЛ**

### 157. Афтодаҳол шудан

1. беҳолу бедармон шудан, оҷиз шуда мондан; пиру нотавон шудан, 2. камбағал шудан.
Падарам пас аз мурдани бародарам афтодаҳол шуда монд.

**АФШОНДА**

### 158. Касеро афшонда партофтан

касеро сахт маломат, сарзаниш кардан.
Маҳбуба уро афшонда партофт:
— Ин қадар наханд! Одамон чӣ мегуянд?..

*П. Толис «Ҳикояҳои даҳ сол»*

**АШК**

### 159. Ашки дида — радди бало

гирья нохуши, мусибати касро сабук мекунад, баъзан одамон ба оби дида бовар карда ба касе марҳамат мекунанд.

Шумо бошед, инженер-электрики муҳтарам, ба мақоли «ашки дида — радди бало» такья карда, фиреб хўрдед.

*«Тоҷикистони советӣ»*

**АҚИБ**

### 160. Аз ақиби касе афтодан

касеро (чизеро) таъқиб кардан, касеро ҳамеша дар зери назар доштан.

1. Вақте ки Озодамоҳ ба хондан рафт, Султон аз ақиби ман афтид.

*Қ. Носиров «Орият»*

2. Пас маълум мешавад, ки аз ақибамон (ҷосусон — *М. Ф.*) афтодаанд.

*К. Наимӣ «Соли 1916»*

### 161. Ақиб партофтан

кореро ба таъхир андохтан, иҷрои кореро кашол додан.

«Ту ҳоло ҷавонӣ, кордх овехта гаштан барвақт аст» гуфта, кордхариро якзайл ақиб мепартофт.

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

**АҚЛ**

### 162. Ақлро ба кор андохтан

фикру мулоҳиза кардан, аз рўи ақл кор кардан.

Наход ки вай шавҳари дилсахти ноинсофаш ба худ омада, ақли гурмондаашро ба кор наандозад?

*Р. Амонов «Ду қатра ашк»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 163. Ақли ... ба як маҳалла кифоя мекунад

хеле боақл аст.

Ақлаш ба як маҳалла кифоя мекард...

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

### 164. Ақли касеро ба ҷояш овардан

танбеҳ кардан, чашми касеро кушода мондан; огоҳонида мондан.

— О, пештар мефаҳмондӣ намешуд,— аз Мамараҷаб норозигӣ кард Юнусбобо.

— Ду-се даҳан гапҳои бамаънӣ зада, ақлашро ба ҷояш оварда мемондам.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

### 165. Ақл ба ҷояш омадан

1. чизеро фаҳмидан, 2. ислоҳ шудан.

Ана дар ҳамон вакт ақлаш ба ҷояш меояд.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 166. Аз ақл бегона будан

ақл надоштан; девона будан.

— Эҳтимол ту аз ақл бегонаӣ, ки шеърҳои бо хуни дил навиштаи маро то ин дараҷа ғалат мехонӣ.

*«Латифаҳои тоҷикӣ»*

### 167. Аз ақл бегона шудан

ақли худро гум кардан; девона шудан.

Хонуми бечора қариб аз ақл бегона шуда буд...

*Ф. Муҳаммадиев «Тири хокхурда»*

### 168. Аз ақл берун

ақл бовар намекардагӣ, ғайри ҳақиқӣ; бемаънӣ; беасос.

Дар тасвирҳо муболиғаҳои аз ақл берунро бисьёр кор мефармояд.

*С. Айнӣ «Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ»*

### 169. Ақли касе, чизеро гирифтан

бовар кардан, боварӣ доштан.

Аммо ақли кӣ мегирад, ки ин қадар молро барои иваз кардан оварда мондаанд?

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 170. Ақлро гум кардан

1. гаранг шудан, ошуфта шудан, 2. девона шудан.

1. Гоҳҳо ҳамин тавр ҳам мешавад, ки одам ақли худ ро гум карда мемонад...

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

2. Ман ақламро гум накардаам...

*Ҷ. Икромӣ «Тори анкабут»*

### 171. Ақл дар ҷояш будан

ақлнок будан, ақли комил доштан.

— Кори хуб мекунад, ақли у дар ҷояш аст.

*М. Рабиев «Орзуи ҷавонӣ»*
*(«Маҷмуаи пьесаҳои якпардагӣ»)*

### 172. Ақл даромадан

1. беҳудагариро партофта аз руи ақл кор кардан, оқилона рафтор намудан, 2. чизеро фаҳмидан, бофаҳму фаросат шудан.

1. Мана акнун ақлат даромада истодааст.

*С. Улуғзода «Қалтакдорони сурх»*

2. — Ту, писарам,— гуфт у,— каппа-калон, соҳиби хонаю ҷою зану фарзанд шудаию лекин ҳоло ҳам ақлат надаромада будааст-дия!

*Р. Амонов «Меҳрӣ»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 173. Ақли (ақлу ҳуши) касеро дуздидан

1. касеро мафтун карда, сахт ба худ ҷалб кардан, 2. фиреб додан.

1. Шумо-ку ақли чанд ҷавононро якбора дуздидаед.

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

2. — Ақламро дуздида будааст, ука,— яки якбора шурида рафт. Шитоб,— гарму хунук карда чашмамро баста будааст,

*П. Толис «Ҳикояҳои даҳ сол»*

3. Нурали сурх шуда рафт. Дар ҳақиқат, он рузҳо тамоми ақлу ҳуши уро Шодигул дуздида буд.

*С. Улуғзода «Навобод»*

### 174. Ақл ёд додан

ба касе чизеро омухтан, роҳ нишон додан.

— Ҳа, ҳастанд ҳамин хел маҳмаддоно мухбирчаҳо! Ба ҳама ақл ёд додани мешаванд.

*С. Улуғзода «Навобод»*

### 175. Ақл занг задан

ақл хира шудан; камақл шудан, бефаросат шудан.

— Ақлат занг занад-дия, Мушфиқӣ! Дар куҷо дидӣ, ки алав дар замин бошаду чойҷуш дар шохи сафедор истода ҷушад?!

*«Латифаҳои тоҷикӣ»*

### 176. Ақл кутоҳӣ кардан

ақли касе ба чизе нарасидан, чизеро дуруcттар фикру андеша накардан, чизеро нафаҳмидан.

— Ман хато кардам, Нодира, ақлам кутоҳӣ кард.

*С. Улуғзода «Шодмон»*

### 177. Ақл нагирифтан

чизеро надонистан, нафаҳмидан, сарфаҳм нарафтан, бовар накардан.

1. — Ҳануз ақли у намегирад,— гуфт бародарам ва гирья карда сар дода илова намуд,— намефароям!

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. I*

2. Медонистам, ки Зебиро ба як шавҳари гунгу кар додаанд, аммо инро ақлам намегирифт.

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

### 178. Ақли нодон пас аз пешин (шом) медарояд (кор мекунад)

баъзе одамон моҳияти ҳодисаеро пас аз ба вуқуъ омадани воқеа мефаҳманд, баъди кор аз кор гузаштан чӣ будани масъаларо дарк мекунанд.

1. Ин кор аз дасти вай меомад ва инро ман акнун фаҳмида истодаам,— ақли нодон пас аз пешин кор мекардааст!

*Ҷ. Икромӣ «Тори анкабут»*

2. Ақли подабон баъд аз шом медароянд, мегӯянд, гапи ҳаққу рост будааст! Охир ман бо ин кампир дар як болишт сар монаму панҷ фарзанд калон кунаму наход ки бетамизии вайро ҳанӯз нафаҳмам!

*Қ. Носиров «Орият»*

## 179. Ба ақл омадан

ақлнок шудан.

— Қамтар дар байни девонаҳои мо истиқомат кун, ҳам нотарс мешавӣ, ҳам ба ақлат меой!

*Ҷ. Икромӣ «Тори анкабут»*

## 180. Ақли касеро рабудан

1. касеро мафтун кардан, 2. девона кардан.

Аммо доғи фарзанд тоқати уро шикаста ва ақлашро ҳам рабудааст.

*С. Ӯлуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

## 181. Ақл расидан

1. чизеро фаҳмидан, донистан, 2. аз уҳдаи чизе баромадан, 3. гумон кардан, эҳтимол доштан.

1. Инҳо нодонанд, ақлашон ба ҳеҷ чиз намерасад, бинобар ин ман аз ханда ва масхара доштани инҳо он қадар намеранҷам ва маъзурашон медорам, ки ақлашон намерасад.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

2. Эй, ба ту чӣ гуям, ақли ту ба ин чизҳо намерасад.

*С. Улуғзода ва В. Виткович «Ибни Сино»*

3. — Охир, ба ақли кӣ мерасид, ки Қудратҷон дар ин вақт пайдо мешавад.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

## 182. Ақл расо шудан

боақл шудан, кордон, пуртаҷриба гардидан.

Ақлат расо мешавад.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

## 183. Ба ақл рост омадан

1. мувофиқи ақл будан, 2. чизи асоснок, бовар карданӣ, мантиқан дуруст будан.

1. — Ин таҷриба нағз, кори ба ақл рост меомадагӣ мебошад.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

2. Не, не... ки дуруғ! Ин сохтакориест, ки ба ақл рост намеояд.

*Ф. Ансорӣ «Имтиҳон»*

## 184. Ба ин ақлу тамиз аз таги зимистон чӣ тавр баромадӣ?

ту ба ин ақли ноқисат чӣ тавр зиндагӣ мекунӣ?

— Бай, бай, ту бо ин ақлу тамиз аз таги зимистон чӣ тавр баромадӣ?

*С. Айнӣ «Дохунда»*

## 185. Ақлу фаросот пеш гирифтан

фикру андеша кардан, мулоҳиза намудан.

Ақлу фаросот пеш гир, хазинаи халқро барбод макун, то ки рузе дасти надомат ба сар назанӣ...

*«Хорпуштак»*

## 186. Ба ақл халал расидан

тира гаштани ақлу идрок.

1. Аҷаб нест, ки ба ақли ин одам халал расида бошад?

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. IV*

2. Андак васвосӣ шудаанд, ба ақлашон халал расидагӣ.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 187. Ақли (ҳуши) худро ба ҷояш овардан

фикру мулоҳиза кардан, диққат намудан.

1. — Ақлата ба ҷояш биёр, аз афташ, имшаб хоб накардаӣ ё бо дасти чапат хестӣ.

*М. Зокиров «Шодиёна» («Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

2. Хуб шуд, ки хизмати аскарӣ маро аз вай ҷудо карду ақлу ҳушамро ба ҷояш овард.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

### 188. Чизеро аз ақли худ баровардан

чизеро мустақилона эҷод кардан, фикр карда баровардан.

Ана ҳамин майдакориро ба 12 гиреҳи қадимӣ ман аз ақли худ баровардa ҳамроҳ кардам.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. I*

### 189. Ақли худро давоидан

ақли худро ба кор андохтан, мулоҳиза кардан, фикр кардан.

Вай ба ҳар чиз ақлашро давонда бо мулоҳиза кор мекунад.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 190. Ақли (ақлу майнаи) худро хурдан

1. беақл, бетамиз шудан, 2. девона гардидан.

1. Ман ҳоло ақламро нахурдаам, ки аз барои ту шуда дар пеши мардум обруи муи сафедамро ба замин занам.

*С. Улуғзода «Дар оташ»*

2. Магар вай ақлашро хурдааст!

*Ҳ. Карим «Ҳикояҳо»*

### 191. Ақли худро шинохтан

1. боақл шудан, 2. таҷриба ҳосил намудан.

1. Вақто ки бачаҳои хурдсол ба воя расида, ақли худро шинохтанд...

*«Тоҷикистони советӣ»*

2. — Ақлаша шинохта гирифт акнун ҷиянам!..

*П. Толис «Тобистон»*

### 192. Ба касе ақл шудан

1. ба касе роҳнамо, маслиҳатдиҳанда шудан, 2. кор, одоб омухтан.

1. Ситора нодон аст, ба вай ту мебоист ақл мешудӣ.

*Ҷ. Икромӣ «Ситора» («Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

2. — Эҳ, муйсафед, муйсафед, ба ҳама ақл мешавию чаро ба худ омада дармондӣ?!

*Ҷ. Икромӣ ва Е. Мительман «Гуноҳи кӣ?»*

### 193. Ақл қабул кардан

бовар намудан, дар доираи боварӣ будан, имконпазир будан.

Магар ба як пул ё ду пул як табақ палав тайёр мешавад, инро ақл чӣ гуна қабул мекунад.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

### 194. Ақлу хуш рафтан

1. саросема, мушавваш, ҳаросон шудан, 2. камақл, камхуш гардидан.

— Ақлу ҳуш аз ман рафтааст. Чи кор кардан даркор буданро ҳам намедонам.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

## АҲАМИЯТ

### 195. Аз аҳамият холӣ набудан

аҳамиятнок, ба аҳамият молик будан.

Дар айни замон омузиши таърихи пайдоиши Тоҷ. АПП, ки дар соли 1930 ташкил шуда буд, аз аҳамият холӣ нест.

*Ш. Ҳусейнзода «Масъалаи танқиди адабӣ дар адабиёти советии тоҷик» («Шарқи сурх»)*

## АҲВОЛ

### 196. Аҳволи касе вазнин будан

бад будани ҳолати касе; дар вазъияти сахт будани бемор.

Назар ба шунидам аҳволаш вазнин будааст.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 197. Аҳволи руҳияи касеро тарҷима кардан

аҳволи руҳияи касеро баён кардан.

— Эшони Раис! Халифа ва даррадастҳоятон куҷоанд? Чаро одамонро намезанед? — ин суханҳо аз даҳони як бачаи 10-сола баромад, ки гӯё аҳволи руҳияи онрузаи оммаро тарҷима мекард.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 198. Аҳволи касе сахт будан

1. сахт касал будан, 2. дар хатар будани ҳаёти касе.

— Гирья накун, мард бош! Писари падарат шав, ки одами сахтибардор аст! Аҳволаш хеле сахт аст.

*С. Айнӣ «Мухтасар тарҷимаи ҳоли худам»*

### 199. Аҳволи касе танг будан

1. касали сахт, буҳронӣ будан, дар арафаи марг будан, 2. гирифтори мушкилӣ будан.

— Аҳволи додаракам бисьёр танг аст, эшон ҳам то ҳол наёмад.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 200. Ба аҳволи танг афтидан

ба мушкилӣ дучор шудан, ба азобу уқубат мондан, азият дидан.

Қорҳои мактабу маориф аз нарасидани муаллимон ва ходимони маориф ба аҳволи танг афтида буд.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

**АҲД**

### 201. Аҳд бастан

1. шарт кардан, 2. як забон шудан.

Дар миёни худ аҳд бастанд...

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

### 202. Аҳди худро шикастан

ба аҳди худ вафо накардан, аз қавли худ баргаштан.

Ман аҳди худро нашикастаам.

*М. Миршакар «Қишлоқи тиллоӣ»*

**АҲЛ**

### 203. Аҳли дард

ҳамдард, шарики дард, ҳолдон.
Як-дуто аҳли дард ёфтам...

*А. Деҳотӣ «Паёмҳои дустӣ»*

### 204. Аҳли салла шудан

ба табақаи уламо даромадан.
Аҳли салла шудам.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 205. Аҳли фаҳм баромадан

одами боақл, бофаросат будан.
Ба гумони у меҳмон низ аҳли фаҳм баромад.

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

### 206. Аҳли фаҳм будан

каси доно, бофаҳм, бофаросат будан.
«Сардорамон аҳли фаҳм аст, ҷавоб медиҳад».

*Ф. Муҳаммадиев «Тири хокхӯрда»*

**АҲМАД**

### 207. Аҳмади порина

ба монанди пештара, чи хеле ки буд, ҳамон тавр мондааст, бетағьир.

1. Чи тавре ки худатон гуфтед, котиби ташкилоти партиявӣ як бор бо у гапзанон карда, уро ба давом додани кори худ розӣ кунонда, чӣ мурод ҳосил кард? Ана, оқибат боз ҳамон Аҳмади порина.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

2. Дигар дар руяш аз ҳайрату тааҷҷуб осоре намонда, вай боз ҳамон Аҳмади порина, боз ҳамон Шокиртарошаи пештара шуда буд...

*П. Толис «Тобистон»*

**АҶАБ**

### 208. Аҷаб гуфтӣ

нағз, хуб гуфтӣ, гапро дар ҷояш, ба мавқеъ гуфтӣ.

— Аҷаб гуфтед,— гуфт Фируза табассум карда,— дар Қогон ғазовот шуда бошад, ба шумо, мусафед, чӣ дахл дорад?!

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 209. Аҷаб кардӣ

нағз кардӣ, хеле хуб кардӣ.

Аҷаб кардӣ, ки аз рӯзи аввал ба дунъё омада пӯстини баъзе камкору сертараддудҳоро афшонда, кайкашонро паррондӣ.

*«Хорпуштак»*

### 210. Аҷаб шудааст

нағз шудааст, хеле хуб шудааст, сазои ту ҳамин аст.

«Аҷаб шудааст!» гуфта фикр кард Зайнаб...

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

**АҶАЛ**

### 211. Аҷали буз расад, худашро ба калтаки чӯпон мемолад

дидаву дониста худро ба фалокат ва ҳалокат андохтан.

— Дул ва чархи наврo хуҷаин дид ё не? Дар сояи ин сабабҳои табиӣ, дучанд зиёд шудани ҳосили меҳнати моро ба вай фаҳмондӣ?

— Оре,— гуфтам.

— Бешубҳа, аҷали буз расад, худашро ба калтаки чӯпон мемолад...

*Ҳ. Ирфон «Ду ёр аз ду диёр»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 212. Аҷал расидан

умр ба охир расидан, фаро расидани марг.

1. — Эй хар, аҷалат расидааст, ман туро мехӯрам.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

2. Агар аҷалатон расида бандагии худро бар ҷо биёред...

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

# Б

## БАД

### 1. Бад ба бадхоҳ мерасад

бадкарда бадӣ хоҳад дид, бадкарда ҷазояшро мебинад.

Баръакс, барои бешарафиаш вай нокасро ҳама лаънат мекунанд, на маро. «Бад ба бадхоҳ мерасад» — мегӯянд, аммаҷон!

*С. Саидмуродов «Ибрат»*
*(«Занони Тоҷикистон»)*

### 2. Бад дидан

дӯст надоштан, нафрат кардан.

1. Улпонпулии соли гузашта ва имсоларо дода натавонистему вай моро бад дида монд.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. I*

2. Насруллоҳ қушбегиро ҷаноби қозӣ бисьёр бад мебинанд...

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 3. Бад нигоҳ кардан

1. ба чизе, касе дилсардона рафтор намудан, бад дидан, ба чизе хунукназарона нигоҳ кардан, нисбат ба чизе ҳусни таваҷҷуҳ надоштан.

Аз сабаби ба кор бад нигоҳ карданашон аз ҳар кас гап мешунавидагӣ шуда мондагӣ.

*У. Умаров «Кӣ айбдор?»*
*(«Пьесаҳои якпардагӣ»)*

### 4. Бади касе омадан

нисбат ба касе, чизе нафрат доштан.

Намедонам чаро аз таъзим кардан ба он бекораҳои нокас ва харҳои хаз пушида, бадам меомад.

*А. Лоҳутӣ «Саргузашти ман»*
*(«Шарқи сурх»)*

**БАДАН**

### 5. Ба бадани касе гармӣ давидан

ба ҷуш омадан, ба ҳаракат даромадан.

Ба бадани роҳбарони колхози ба номи Фрунзе гармӣ давида, онҳо барои ба кор андохтани движоки мағорбастаи станцияи электрики миён бастаанд.

*«Хорпуштак»*

### 6. Бадани касе об гирифтан

*Ниг.* Ба бадани касе об давидан.

Ҳамин тавр соли навбатии таҳсил Шарофат ба мактаби шабона даромад. То ин муддат баданҳояш об гирифта, сандуқи дилаш баланд шуда, уро боз ҳам дилработар намуда буд.

*А Баҳорӣ «Одамони шинос»*

### 7. Ба бадани касе об давидан

1. фарбеҳу тару тоза шудан; аз касалӣ сиҳат ёфтан, 2. ривоҷ ёфтани кори касе.

Харидорони доруҳои домулло торафт зиёд шуда, уро тез-тез аз тасбеҳгардонӣ боз медоштанд. Ба бадани домулло андак об ҳам давида буд.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

### 8. Дар бадан одамгарӣ будан

хислатҳои неки инсонӣ доштан, олиҳимматӣ, ҷавонмардӣ, мардонагӣ доштан.

— Пул надошта бошед, заррае дар баданатон одамгарӣ будагист!

*С. Ғанӣ ва Ф. Ниёзӣ «Ватандустон»*

### 9. Бадан як қабат (қабат-қабат) гушт гирифтан

натиҷаи кори худро дида ё таърифи худро шунида хурсанд шудан.

Орифҷон самараи меҳнати пахтакоронро дида, дар ин субҳи босафо баданаш як қабат гушт мегирад.

*«Тоҷикистони советӣ»*

2. Акнун, баъди хашт сол, ки бори дуйум ба он чо рафтам, тағйироти азими ҳар як соҳаашро дида, баданам қабат-қабат гушт гирифт.

*А. Деҳотӣ «Ҳаёт қадам мезанад»*

**БАДАСТА**

### 10. Бадаста чизеро додан

1. чизеро бо дасти худ, шахсан додан, 2. чизеро бо ҳисоб кам-кам додан, 3. дар додани чизе хасисӣ кардан.

Бой дар рузи зиёфат мувофиқи он касоне, ки шумораи онҳоро медонист, аз хона бадаста биринчу равғап ва нони хонагӣ медод.

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

**БАДГИРӢ**

### 11. Бадғирӣ кардан

бадрафторӣ кардан, муомилаи бад кардан.

Бинобар ин Қаршибег ва Юсуфбой ба ман бадгирӣ карданд...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

**БАДГУМОНӢ**

### 12. Аз бадгумонӣ баровардан

шубҳаи касеро нисбат ба касе нест кардан, назари нек ба вуҷуд овардан.

Сороро аз бадгумонӣ барор!..

*С. Айнӣ «Ятим»*

**БАДНОМ**

### 13. Бадном кардан

номи неки касеро ба бадӣ баровардан; обруи касеро рехтан, расво кардан.

1. Амакам ва писари вай ҳикояти падарамро шунида, сахт ошуфта шуданд ва «Ту маро бадном кардӣ!» гуён мушт кашида ба болои Исмат ҳамла карданд.

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

2. Вай духтари мардумро бадном кард...

*«Маориф ва маданият»*

**БАДНОМӢ**

### 14. Аз бадномӣ баровардан

номи неки касеро барқарор намудан, нағз будани касеро исбот кардан.

Ин на фақат ба мо, балки барои аз бадномӣ баровардани худи Салим ҳам даркор аст.

*Ҳ. Карим «Писар»*
*(«Шарқи сурх»)*

**БАДРОҲӢ**

### 15. Ба касе бадроҳӣ додан

ба касе роҳи бад нишон додан, ба роҳи бад далолат намудан, касеро аз роҳ задан.

— Ман ҳилаҳои мисли ту занҳои девсириштро ба хубӣ мефаҳмам, албатта, Одинаро худ бадроҳӣ дода гурезондӣ!

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

**БАДҲАВОӢ**

### 16. Бадҳавоӣ кардан

ҳавобаландӣ кардан, калонгирӣ намудан.

Монанди бойбачагони дигари Бухоро калонгарӣ ва бадҳавоӣ намекард...

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

**БАЗМ**

### 17. Базми осмонкаф

базми калон, базми пурдабдаба.

Чӣ шабе буд, ки дар он манзил
То саҳар базми осмонкаф шуд...

*М. Турсунзода «Асарҳои мунтахаб»*

### 18. Базми тагикурпагӣ

базм, кайфу сафо бо ҳамхобагӣ — бо зан.

— Нагуфтам, ки базми таги курпаги даркор аст?

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 19. Базми ҷамшедӣ

*Ниг.* Базми осмонкаф.

Фардо дар ин ҷо як базми ҷамшедӣ барпо мекунем.

*С. Улуғзода «Қисмати шоир»*

**БАЙН**

### 20. Аз байни касон баровардан

касеро беобру, шарманда, расво кардан, радди маърака намудан.

— Маро дар пиронсолагиам ба зери ору номус мондӣ, аз байни мардум баровардӣ...

*Р. Ҳайдаров «Ду дилдода»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 21. Дар байни гап (сухан) даромадан

ба гап мудохила кардан, ба гапи касе аралаш шудан, миёни сухани касеро буридан.

Сад бор гуфтам, ки туро
Дар байни ҳар гап надорӯ.

*М. Турсунзода «Ман аз Шарқи озод»*

### 22. Ба байни гап (сухан) лагад задан

сухани касеро буридан; ба давоми сухани касе халал расонидан.

Ба байни гапаш бетоқатона лагад задем.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 23. Аз байн гурбаи ало (сиёҳ) гузаштан

миёни ду кас хунукӣ афтодан.

— Чӣ шуд? Магар аз байнатон гурбаи ало гузашт?

*С. Ғанӣ «Магнитофон»*
*(«Маориф ва маданият»)*

### 24. Дар байн даромадан

барои бартараф намудани ҷанҷоли ду нафар миёнаравӣ кардан, барои ҳалли масъалае восита шудан.

1. — Монед, Сафар ако,— гуфт Ҳошимҷон,— дар байни мо надароед.

*Б. Ортиқов «Ду нишона»*
*(«Шарқи сурх»)*

2. «Шумо дар байни ин кор надароед, ки саҳв мекунед...»

*«Газетаи муаллимон»*

### 25. Байни... дилхунукӣ афтидан

байни якдигар хафагӣ руй додан, аз якдигар дилмонда шудан.

Байни ману ӯ дилхунукӣ афтид.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 26. Аз байни ду ангушти худ арши худоро нишон додан

ниҳоят доно, олим будан, тақводор будан.

— Ту дар ҳаққи ҳама муллоёни вайрон ва мурдор гап задӣ, чунон ки «беша бе шеру дарьё бе моҳӣ намешавад», инчунин дар байни муллоён ҳам мардони худо ёфт мешавад. Дар байни онҳо чунон шайхҳо ҳастанд, ки аз байни ду ангушти худ арши худоро нишон медиҳанд...

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

### 27. Дар байни ду оташ мондан

дар байни ду фикри бо ҳам зид мондан, дар байни ду каси ба якдигар зид мондан, дар миёнаи ҷанҷол мондан.

Чӣ кор кунам: ман дар байни ду оташ мондаам.

*С. Ғанӣ «Туй»*

### 28. Дар байни ду роҳ истодан

на ин тарафу на он тараф будан, мутараддид будан, харосон мондан, беқатъият будан.

Ё тамоман ғолиб баро, ё мағлуб шав. Дар байни ду роҳ истодан кори мубориз нест.

*М. Миршакар «Шаҳри ман»*

## 29. Ба байни мардум даровардан

*Ниг.* Қасеро ба қатори одам даровардан.

Мақсади асосии онҳо ба чашма ғусл кардан ва ё духтари ҷавони худро, камтар бошад, ҳаво хуронда, ба байни мардум даровардан буд.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

## 30. Дар байни мардум сар бардошта гаштан

аз касе забонкутоҳӣ надошта, сарбаланд, бообру гаштан.

1. Ман дар байни мардуми ин ҷо сар бардошта гашта наметавонам, модарат ва укаҳоятро гирифта ба ягон тараф кучида меравам...

*С. Улуғзода «Навобод»*

2. Боз аз уҳдааш набаромада, шарманда шуда, дар байни мардум сар бардошта гашта натавонӣ, чӣ мешавад?

*«Газетаи муаллимон»*

## 31. Аз байни ноҳун чирк кофтан

камбудӣ, ноқисӣ ҷустан, айб кофтан, айбҷӯӣ кардан, ба камбудиҳои хеле ҷузъӣ баҳонаҷӯӣ кардан.

Аммо журналисти буржуазии беҳаё аз ин ҳол (хандаи одамон — *М. Ф.*) ҳеҷ ба ташвиш наафтода, аз як лавҳа ба лавҳаи дигар мегузашт, аз байни ноҳун чирк мекофт.

*«Хорпуштак»*

## 32. Аз байни панҷа нигоҳ кардан

ба чизе бепарво рафтор кардан, аҳамият надодан, саҳлангорона рафтор намудан.

Дар Ленинобод ба масъалаи ободонӣ ана ҳамин хел аз байни панҷа нигоҳ мекунанд.

*«Хорпуштак»*

### 33. Аз байн рафтан

1. нест шудан, рафъ, бартараф шудан, 2. мурдан.

Фақат як қадар гарданшахӣ дорад, ки он ҳам бо андак гушмол аз байн меравад.

*А. Ҳамидӣ «Машъали ҷовидон» («Шарқи сурх»)*

### 34. Дар байн тухми нифоқ коштан

ду касро бо ҳам ҷанг андохтан, якеро бар зидди дигаре шурондан.

Халқҳоро бо ҳам ҷанг меандохтанд, дар байн тухми нифоқ мекоштанд.

*Ҷ. Икромӣ «Дар меҳмонии бародарони ўзбек («Шарқи сурх»)*

### 35. Дар байн хунукӣ афтидан (пайдо шудан)

*Ниг.* Дар байн дилхунукӣ афтидан.

1. Баъд аз гуфтугуи имшаба дар байни Нуралӣ ва Юнусбой хунукӣ афтод.

*С. Улуғзода «Навобод»*

2. Пас аз ин дар байни зану шавҳар хунукӣ афтод.

*«Маориф ва маданият»*

3. Сониян сифатҳои бадтарини Рокиа паи ҳам зоҳир гардида, дар байни зану шавҳар хунукӣ пайдо шуд.

*Р. Ҷалил «Шуроб»*

### 36. Дар байн ягон гап ҳаст

эҳтимоли будани сирре ё мақсаде.

Эҳтимол дар байни онҳо ягон гапе ҳаст. Набошад, ҷаро ин қадар дуру дароз сӯҳбат карданд? Ана ҳамин тавр мардум фақат ба бади мебаранд ва шубҳа мекунанд.

*Ҷ Икромӣ ва А. Одинцов «Аҷоиботи сафар» («Шарқи сурх»)*

### 37. Аз байн (муй) қил нагузаштан

Дусти хеле наздик будан, дусти як дилу як забон будан.

1. Дар рузҳои аввал Лаҳад бо Миршаб чунон дуст буд, ки аз байнашон қил намегузашт.

*Т Усмон «Робиа қаҳрамони даврон шуд» («Машъал»)*

2. — О, аз байнамон қил намегузашт, як мавизро ду ҳисса карда мехурдем.

*«Тоҷикистон»*

**БАЙТ**

### 38. Байти чизеро хондан

дар бораи чизе сухан рондан, гап кушодан.

Модарам оҳиста-оҳиста аз орзую умедҳояш гап кушод. Байти хонадоркунии маро хондан гирифт.

*Р. Ҷалил «Ҳамида»*

### 39. Байту ғазал

гапу гапча, гап-гап.

Ба қавли худи Иззатбибӣ «байту ғазали фаранҷипартоӣ» аз дари ӯ ҳам даромада омад.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

### 40. Байту ғазал шудан

боиси гапу калоча шудан, овоза гардидан.

Ман ба даҳони мардум байту ғазал шудаам.

*С. Саидмуродов ва М. Рабиев «Саодат» («Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

**БАЙЪ**

### 41. Байъи аввал, халоси охир

дар аввали ҳар кор бояд ба як қарор омад, то ки дар охир нохушӣ нахезад; масъаларо дар аввал пазонда хотирҷамъ шудан даркор.

Ман хавотир, ки баногоҳ ҳам дилварзинчӣ шуда намонед.

— Не, не, хавотир нашавед. «Байъи аввал, халоси охир» гуфтаанд. Дилварзин он тараф истад, аз дари куча берун намебарояд, хизмати падараму модарамро мекунад.

*М. Сайфиддинов «Ду ҳусну ду ишқ»*
*(«Заночи Тоҷикистон»)*

**БАКАВУЛ**

### 42. Бакавули оши тайёр

каси ба чизи тайёр ҳозиршуда, одами ба тайёр айёр.

Ду сол аст, ки бисьёрии таҷҳизоти Шаршара бо қувваи электрики Душанбе кор мекунад. Бинокорон гоҳ-гоҳ дар ҷояш эътироф мекунанд, ки ҳоло муваққатан аҳволашон ба аҳволи бакавули оши тайёр монанд аст.

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷироч»*

**БАЛАНД**

### 43. Ба касе баланд гап задан

бо дуғу пуписа гап задан, гапҳои пасту баланд гуфтан, муомилаи бад кардан.

Агар ба мо баландтар гап занад, мо дарҳол қаҳр карда ба бобохонаамон меравем.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 44. Баланд омадан

ҳавобаландӣ кардан, шасти худро нашикаста гап задан.

1. — Эҳе!..— гуфт Солеҳа баланд омада,— ман кай қафо монда будам, ки акнун мемондаам?

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

2. — Вай то бегоҳ монда нашуда бо ман музокира мекард, қадре баландтар биёям, ҷаста ҷеста даст ба гиребон ҳам шудан мегирифт.

*«Машъал»*

### 45. Баланд рафтан

аз ҳадди худ гузаштан, гапҳои калон задан; худро таърифу тавсиф намудан.

1. Имшаб дар пеши мардум ман ба шумо ҳеҷ чиз нагуфтам, лекин хеле баланд рафтед, ки ин нағз не, ука!

*Ҷ. Икромӣ «Ситора» («Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

2. Ҳамчун сарлашкари ислом амр медиҳам, ки...

— Бисьёр баланд наравед, ман аз он одамоне нестам, ки кӣ будани худро надонад.

*Ғ. Абдулло ва Ш. Қиёмов «Туфон»*

**БАЛАНДИҲО**

### 46. Баландиҳо аз бекаландӣ

камбудию нуқсонҳо аз набудани назорату роҳбарӣ, ба сабаби меҳнат накардан.

1. Ҳамаи ин баландиҳо аз бекаландӣ мегӯянд. Мо мехоҳем Вазорати молия каланд шаваду ҳамаи ин ноҳамвориҳоро ҳамвор карда, даромади ин машинаҷаллобонро ба тартиб орад.

*«Хорпуштак»*

2. — Инро аз ман чӣ мепурсед? Аз худи ҳофизон пурсед.

— Аз шумо (роҳбари филармония — *М. Ф.*) пурсидан лозим, зеро ки баландиҳо ҳама аз бекаландианд.

*«Маориф ва маданият»*

**БАЛЕ**

### 47. Бале ба бало рафтан

хубӣ ба бадӣ баромадан, ба сахл гап дар зери сарзаниш мондан, ба ивази хубӣ бадӣ дидан.

— Бедарак лаққидан гаштани шумо хуб не, Ҳалимҷон! Ин вакт чунон шудааст, ки бале ба бало меравад!

*Ҷ. Икромӣ «Тори анкабут»*

### 48. Бале (балле) гуфтан

қоил шудан, моту мабҳут гардидан; ҳайрон шудан.

1. Набошад чунон одобатро медиҳам, ки балле мегуӣ.

*Р. Ҷалил «Шуроб»*

2. Ӯро одами ҳавобаланду худписанд гуён чунон ба газета расво кун, ки худаш «бале» гуяд.

*«Тоҷикистони советӣ»*

3. Аз чашм сурма ва аз даҳан сақичро чунон мегирад, ки худатон бале мегуед.

*«Тоҷикистони советӣ»*

**БАЛО**

### 49. Бало аз пои касе баромадан

аз тарафи касе ба амал омадани ҳодисаи ногувор, мусибат, нохушӣ.

— Ҳозир ҳар бало аз пои одамони фақиру бечора баромада истодааст.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 50. Балои азим будан

маккор, шайтон будан, доно, пуртаҷриба будан.

— Чӣ хел танбеҳ медиҳӣ? Вай балои азим аст...

*Қ. Наимӣ «Соли 1916»*

### 51. Бало ба паси касе, чизе

ҳар балое ки бошад, бо худаш шавад: бало занад.

1. Дигар он ки агар ман корро саҳл гирифта «бало ба пасаш» гуфта монам, думчаи ҳамаи хидматгорон об мегирад...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. — Бало ба паси гушт, қариб ба даст афтода будам..

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

3. — Инсон баъзан саҳв мекунад, маро бубахшед, ки саҳв кардаам, биёед ягон ғазал хонед, фурсат ғанимат аст, бало ба паси дунё! — гуфт.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

### 52. Бало барин

хеле хуб, бисьёр нағз.

1. Забони тоҷикиро бало барин ёд гирифтааст, шаррусӣ гап мезанад.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

2. Ба забони русӣ бало барин гап мезад.

*«Маориф ва маданият»*

### 53. Балою бадтар

1. ҳар гуна чиз, чизҳои гуногун, ҳар гуна чизҳои даркору нодаркор, 2. ва ғайра, монанди... ва ҳоказо.

— Ҳамаи буду шудамонро-ку фурушонда ба улпонпулию обпулӣ, балову бадтарпулӣ дод.

*Р. Ҷалил «Гулрӯ»*

### 54. Бало будан

1. маккор, шайтон, 2. доно, кордон будан.

— Ту бало будӣ, Навруз.

*М. Миршакар «Муаллими ишқ»*

### 55. Ба бало гирифтор кардан

касеро ба нохушӣ, бадбахтӣ, мусибат гирифтор намудан.

Ин марди қавоқовезони руяш суп-сурх, ки аз даҳшати овозаш гуши кас баста мешавад, маро ба чӣ балоҳо гирифтор мекарда бошад?

*П. Толис «Тобистон»*

### 56. Бало задан

нохушӣ, мусибат, бадбахтие ба сари касе омадан; руй додани ҳодисаи ногувор.

1. — Боз чӣ бало зад, кайфат паридааст...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. — Яъне фармудӣ, ки имомро аз руйхат берун кунад?

— Ҳа, ако, ҳамин хел кор кардам...

— Бало зад туро!

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. II*

3. — Худаш аҳмақ, беҳунар, ба чор тарафаш дурустакак нигоҳ карда кор мекард, ҳеҷ бало намезад.

*Р. Амонов «Зиндагӣ» («Шарқи сурх»)*

### 57. Ба бало мондан

гунаҳкор шудан, ба ҷавобгарӣ кашида шудан; гирифтори ногуворӣ, бадбахтие гардидан; боиси сарзаниш, танқиди касе гардидан.

1. Дар ягон ҷо ягон бех ғумой ё «саломалайкум»-ро дида монд-мӣ — тамом! Сардори звено ё бригадир ба бало мемонданд.

*С. Улуғзода «Навобод»*

2. Чӣ лозим, мабодо дар оқибат кори маслиҳат додаатон барор нагирад, баъд гуноҳаш ба гардани худи кас афтода, ба бало мемонад.

*Ф. Ниёзӣ «Духтари ҳамсоя»*

3. Эй, бародар, ба шумо аз дили соф як гап зада, ба бало мондем-мӣ?

*Ф. Ансорӣ «Ҳаёт ва ишқ» («Шарқи сурх»)*

### 58. Бало шудан

кордон шудан, ҳунарманд шудан; ҳушьёр будан.

1. Сағираҳо бало мешаванд, худат бехабар мемонӣ...

*Ҷ. Икромӣ «Тори анкабут»*

2. — Чӣ, худат пухтӣ?
— Бало шудай ту! — ханда кард Сайёра.

*П. Толис «Ҳикояҳои даҳ сол»*

### 59. Аз бало ҳазар

аз бад дур будан, худро аз бадҳо дур доштан, аз кори бад худдорӣ кардан.

1. — Ӯро бисьёр одамон дар Исфара ҳам медонистанду ба зарбулмасали «аз бало ҳазар» амал намуда, хомушӣ ихтиёр мекарданд.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

2. — Ҳамин шуду шахтёрҳо тарсида монданд ва то имрӯз ҳама хона ба хона буданд. «Аз бало ҳазар» — мегӯянд одамони маҳаллӣ, Петр, ту ҳушьёр шав!

*Р. Ҷалил «Шуроб»*

### 60. Балоро ҳам надонистан

ҳеҷ чизро надонистан, тамоман надонистан.
Студентон мегуфтанд, ки балоро ҳам намедонад.

*Ҳ. Аскар «Нишони одамият»*
*(«Истеъдодҳои ҷавонон»)*

### 61. Балои ҷон будан

боиси кулфат, ногуворӣ будан, безоркунанда, бадилзананда, озордиҳанда будан.
— Ин Давлат одам не, балои ҷон аст.

*Қ. Наимӣ «Соли 1916»*

### 62. Балои ҷон шудан (гардидан)

боиси ногуворие шудан, озордиҳанда, дилгиркунанда, безоркунанда шудан.
1. Ана ҳамон пули қарз ба мо балои ҷон шуд.

*Ҷ. Икромӣ «Тори анкабут»*

2. Напарвар саг, ки чун девона гардад.
Балои ҷони соҳибхона гардад.

*М. Турсунзода «Ман аз Шарқи озод»*

**БАЛОТОН**

### 63. Балотонро гирам

тасаддуқат шавам, қурбонат шавам.
1. — Мансурҷон, балота гирам, ғуломат шавам, ҳар чизе ки хоҳӣ, аз ман ситон...

*«Хорпуштак»*

2. — Балотона гирам, ин қадар тез мегардед?

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 64. Балоят ба ҷонам

*Ниг.* Балотона гирам.

— Ака Сурхак, балоят ба ҷонам, қасам ба арвоҳи поки падарам, як ман симулант не.

*М. Миршакар «Духтари фавқулодда»*
*(«Маҷмуаи пьесаҳо»)*

**БАНД**

### 65. Банд карда шудани сари касе

*Ниг.* Сари касе банд шудан.

Мо якдигарро дуст дошта мондем. Носир аз хабариислоҳоти замин олам-олам шод буд, ки заминдор мешаваду барои туй чизу чора меғундорад. Шумхабари ба каси дигар банд карда шудани сари маро шунида тамом рузаш сиёҳ шудааст.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид»*

### 66. Касеро банд кардан

касеро (дар суҳбат, мунозира ва ғайра) мағлуб кардан.

1. — Лекин Соро як гап заду мана банд карда монд.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

2. Баъзеашон даҳ нафар ману шумо барин шаҳриҳоро дар мунозира банд мекунанд.

*Ҷ. Одинаев «Колхозчидухтар»*
*(«Шарқи сурх»)*

**БАНДАГӢ**

### 67. Бандагии худро баҷо (барҷо) овардан

вафот кардан, мурдан.

1. — Баъд аз ду сол падарамон бандагии худро баҷо оварданд.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

2. «Агар аҷалатон расида бандагии худро барҷо биёред, дар паҳлуи гури падарам як сағонаи васеъ сохта шуморо бурда он ҷо мегуронам» гуфта буд.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

**БАР**

### 68. Бари касе ба бараш нарасидан

дахл ба харҷ кифоя накардан, муҳтоҷӣ кашидан.

Аз пушти ҳамин бадмастӣ бараш ба бараш нарасида мегардаду дар ягон ҷо ягон соли таъин кор карда наметавонад.

*Р. Ҷалил «Ҳамида»*

**БАРАКА**

### 69. Барака диҳад

зиёд гардонад, афзун кунад, фаровонӣ диҳад.

1. Саломат бошу худо ба умру ҷонат барака диҳад.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

2. Ба ин коратон набошад, ба хирман барака диҳад.

*«Хорпуштак»*

### 70. Барака ёфтан

хайр дидан; баҳраманд шудан; муваффақият ёфтан.

1. Ҳалол меҳнат кард, аз меҳнати ҳалол барака мeёбад...

*Ф. Ниёзӣ «Духтари ҳамсоя»*

2. — Аз саракат гардам, якта ашула гуй, Равшанак. Илоҳӣ барака ёбӣ!

*С. Улуғзода «Ҷуяндагон»*
*(«Шарқи сурх»)*

3. — Оишахола, илоҳӣ барака ёбед, чӣ мешуд, ки боз панҷ суми дигар қарз медодед, ба кудакам ширу ба худам нон биёрам.

*«Маориф ва маданият»*

### 71. Барака паридан

кам шудан (миқдоран), ривоҷу барор надоштан.

1. Акнун аз он хонадонҳое, ки ман пештар ин чизҳоро аз он ҷоҳо мехурдам, ҳарчанд бойтар шуда бошанд ҳам, барака паридааст.

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

2. Ман розӣ нашудам, зеро одамҳо мегуфтанд, ки агар ҳаққи осиёбон дода нашавад, баракаи орд мепарад.

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

3. Нашуморед... (донаҳои кураки пахтаро — *М. Ф.*) боз баракааш напарад.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

**БАРБОД**

### 72. Барбод додан

несту нобуд кардан, барҳам додан.

1. Вале Армияи Сурх ҳамаи умедҳои онҳоро барбод медод.

*«Тоҷикистон»*

2. Номуси бисьёр оилаҳоро барбод доданд.

*С. Улуғзода «Аҳмада Дониш»*

### 73. Барбод рафтан

талаф, несту нобуд, торумор шудан; беҳуда сарф шудан.

1. Афсус ки меҳнати шумо барбод рафт.

*М. Миршакар «Қишлоқи тиллоӣ»*

2. Ҳамаи тарҳу нақшаи вай дар як дам барбод мерафт.

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

**БАРГ**

### 74. Барги сабз

туҳфа, туҳфаи ночиз; раҳовард.

1. Нагиред меранҷам. Ин фақат... Ҳамин тавр як барги сабз, барои омадани Ҳайдарҷон.

*Ҷ. Икромӣ ва Е. Мительман «Гуноҳи кӣ?»*

2. — «Барги сабз»-и аз Чорҷуй овардаатон бад нест...

*С. Айнӣ «Еддоштҳо», қ. III—IV*

**БАРДОР**

### 75. Бардор-бардор кардан

касеро аз ҳад зиёда таърифу тавсиф кардан, иззату ҳурмат намудан.

Мухлисонаш уро шахси «табаррук» номида, бардор-бардор мекунанд...

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 76. Бардору зан кардан

мағал бардоштан, харҳаша, ҷангу ҷадал кардан.

Охир, ба наздикӣ дар хонаи мо меҳмони нав пайдо мешавад, вай худро ин қадар бардору зан кардан гирад, оқибат чӣ мешавад?

*С. Ғанӣ «Табассум»*

**БАРДОШТ**

### 77. Бардошт кардан

1. таҳаммул, сабр, кардан; тоб овардан, тоқат кардан, 2. нигоҳ карда истодан.

1. Чаро бардошт накунам, агар зинда бошам, соли дигар қусури инҳоро мебарорам.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. — Хайр, ҳоло бардошт кун! Ба очам гуфта назанонам, ман одам не!.,

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

**БАРДОШТА**

### 78. Бардошта тавонистан

1. тоқат кардан, тоб овардан, 2. қабул намудан.

1. Лекин ҳама медонистанд, ки Бадал ака якраҳагӣ ва гарданшахӣ дорад ва ин феъли уро фақат Саврихола бардошта метавонаду бас.

*М. Рустамова «Зайнаб» («Шарқи сурх»)*

2. Мусафед қину азсби миршабхонаро бардошта натавонист..,

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

3. Чунки дар он вақт «ба санг бархӯрдани тири одамкушиашон ба ҳар кас маълум шуда, сабаби шикастани шаънашон мешуд. Ин корро бошад «бузургвории муллоии онҳо» бардошта наметавонист.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

4. «Модоме ки бардошта наметавонӣ, нушиданат чӣ ҳоҷат!»

*«Хорпуштак»*

**БАРОИ**

### 79. Барои хотир

барои иззату ҳурмат, барои хурсандӣ, барои дилбардорӣ.

— Барои хотирам шуда ягон бор ҳам таклифамро қабул накард! — гуфт Ҷӯра.

### 80. Аз барои як нахуд як ҳавз обро хӯрдан

1. барои андак манфиат шуда зарари калон дидан,
2. аз ҳад зиёд мумсикӣ намудан.

— Шумо то ҳол саводи дуруст надоред. Чи тавре ки мегӯянд: «Аз барои як нахуд як ҳавз обро хӯрд». Ман дар бораи тақдири шогирдонатон хавотирам.

*«Газетаи муаллимон»*

**БАРОБАР**

### 81. Баробар кардан

1. ҳисобро яктарафа кардан, бо касе ҳисобӣ кардан,
2. додан, пардохтан.

1. Аз хонаи дарун дафтарашро овард ва бо бойбача ҳисобашро баробар карда, пули нақдро қабул намуд...

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

2. — Ҳамин рӯз арбоби деҳаи мо меояд, ба вай таъин мекунам, ки ягон судхӯрро дида гарави замини маро баробар кунад...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

3. Гӯед, ки нағз табобат кунанд, харoҷоташро баъд ман баробар мекунам.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 82. Баробар омадан

рост, мувофиқ омадан.

— Не, ин кор ба ман баробар намеояд ва дар он вақт ман қариб чорьяки пули тоқиҳоямро аз даст медиҳам...

*С. Айнӣ «Марги судхур»*

### 83. Бо касе баробар шудан

бо каси аз худ камтар ҷангу ҷидол кардан, часпу талош намудан.

1. Сабоҳат шаттоҳии модаршуяшро нағз медонист, бинобар ин бо вай баробар нашуда, кудаки аз шавқуну мағал бедоргаштаашро бардошта ба хона даромад.

*А Мусаввада «Сабоҳат»*
*(«Занони Тоҷикистон»)*

2. — Айб аст, айб аст, бой, монед, баробар нашавед...

*С. Саидмуродов «Раъно»*

**БАРОБАРӢ**

### 84. Баробарӣ кардан

истодагарӣ кардан, муқобил истода тавонистан.

Гуё танҳо худаш ба даҳ нафари онҳо баробарӣ карда метавонист.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

**БАРОВАРД**

### 85. Бо бароварду фуровард

бо иловаҳо, ботафсил, ба гап лаб монда; бо росту дуруғ; овозашро баланду паст карда.

1. Пагоҳ Холиддин воқеаи имшабаро нарезонда-начаконда бо бароварду фуроварди зиёд ба раис ва дигар активони колхоз гуфта дод.

*Р. Ҳайдаров «Ду дилдода»*
*(«Шарқи сурх»)*

2. Бо ҳазору як бароварду фуровард гуфт, ки худи ҳамон шаб ҳафт шеъри лирики иншо кардааст.

*«Маориф ва маданият»*

3. «Саломномаи» аз бисьёр хондан ёдшударо монда бо бароварду фуровардаш мехонд ва ба қавли одамон қад-қади чав қадам мемонд, то ин ки маросим ҳар чӣ зиёдтар тул кашаду аз ҳозирон ба «саломномахон» касе пул надода намонад.

*Р. Чалил «Ҳикояҳо»*

**БАРОМАДАН**

### 86. Аз касе чизе баромадан

аз тарафи касе чизе зоҳир гардидан, фикреро изҳор намудан.

Аз шумо баромадани ин хел фикрҳои зидди нишондоди фирқа нағз намешавад.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

**БАРОР**

### 87. Барор гирифтан

1. мувофиқ омадан, соз шудан, 2. пеш рафтан, авҷ гирифтан; ривоҷ ёфтан, омад кардан.

1. Имруз кораш барор гирифт.

*А. Баҳорӣ «Одамони шинос»*

2. Якчанд дақиқа пеш Сулаймон Одинаев дар бораи барор гирифтани сафараш боварии комил дошт.

*«Тоҷикистони советӣ»*

**БАРТАРАФ**

### 88. Бартараф кардан (намудан)

барҳам додан, дур кардан, аз байн бардоштан.

1. Ҳомидов ҳануз барои бартараф кардани камбудиҳои кори радиошунавӣ чорае наандешидааст.

*«Тоҷикистони советӣ»*

2. Лек бовар кун, намегардам, талаф,
Мушкилиро менамоям бартараф.

*А. Баҳорӣ «Сарахбори зиндагӣ»*

### 89. Бартараф шудан

1. пасанда гаштан, хомуш шудан, 2. ҳал шудан.

Дар он вақт дарди сараш бартараф хоҳад шуд.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. II*

**БАРФ**

### 90. Аз барф манора сохтан

кори беҳуда, бемаънӣ кардан, ба кори бенатиҷа, беоқибат машғул шудан.

1. Агар хаёли бо трубаҳои сафолин водопровод гузаронданро бо мақоли халқ таъбир кунем, монанди «аз барф манора сохтан» як хаёли хом аст.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. IV*

2. Шумо аксаран аз барф манораю аз лой халво месозед.

*«Хорпуштак»*

**БАРЪАКС**

### 91. Баръакси чашмдошт

бар хилофи интизор, баръакси умед, ғайричашмдошт.

1. Маълум шуд, ки Домуллоҷон дар фронти Ҷанги Бузурги Ватанӣ мавқеи худро ёфта, баръакси чашмдошти баъзеҳо ба қаҳрамонӣ нишон додан сар кардааст.

*Ҷ. Икромӣ «Қаҳрамони канори Днепр»*

2. Аммо баръакси чашмдошти онҳо баромад.

*Ф. Ниёзӣ «Духтари ҳамсоя»*

**БАРҲАЁТ**

### 92. Барҳаёт будан

дар қайди ҳаёт, зинда будан.

— Ҳоло ки ману модарат ба сарат зинда ва барҳаёт ҳастем, хондан намегирӣ?!

*Ҷ. Икромӣ «Ғусса» («Шарқи сурх»)*

**БАРҲАМ**

### 93. Барҳам хурдан

аз миён рафтан, нест шудан.

Ҳоло бо роҳбарии фирқа ва ҳукумати шуроӣ ин гуна зиддиятҳои миллӣ барҳам хурд...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

**БАРҶОМОНДА**

### 94. Барҷомонда шудан

1. аз кор мондан, хастаю афтода шуда мондан, 2. пири фартут гаштан, касали бистарӣ шудан.

Акнун шумо барҷомонда шудед.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

**БАСМАБАС**

### 95. Басмабас (баҳс ба баҳс) омадан

1. зурозмоӣ намудан, часпу талош кардан, 2. гапгузаронӣ, мунозира намудан.

Ҳар яке онҳо бо чандин кас басмабас меомад.

*Р. Ҷалил «Гулру»*

**БАСТ**

### 96. Басту банд

1. баҳампайвандӣ, алоқамандӣ, 2. композиция.

Ва ҳол он ки очеркҳои «Як рӯз» ва «Муҳоҷирон»-ро, ки ҳам аз ҷиҳати ҳаҷм, басту банд ва сохти худ, ҳам аз ҷиҳати дарбаргарии воқеаҳои ҳаёт аз якдигар фарқи калон дошта, барои равшантар муайян кардани симои Ф. Муҳаммадиев ҳамчун очеркнавис материали хубе медиҳанд...

*М. Муллоҷонов «Танқиди адабӣ ва тарбияи нависандагони ҷавон» («Шарқи сурх»)*

**БАСТА**

### 97. Касеро ба касе баста мондан

касеро ба касе барои роҳбарӣ, омӯзонидани чизе во баста намудан.

— Набошад,— гуфт Қосимҷон,— Фозилҷонро ба шумо баста мемонем. Вай бисьёр таҷриба дорад...

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

## БАСТАН

### 98. Бастани пеши об

барои руй надодани ҳодисае пешакӣ чора дидан, пеши ҳодисаро гирифтан, пешгирӣ кардани ногуворӣ.

Ин марди ботадбир барои бастани пеши об ҳангоме ки 15 ҳазор суми шаракқосӣ аз таги бинии у гузашта, ба ҷойҳои даркорӣ рафт, ба у ҳуҷҷатҳои яккулочӣ сохта дод...

*«Хорпуштак»*

### 99. Бастани роҳи касе, чизе

ба иҷрои нияти касе имконият надодан, ба кори касе мамониат кардан.

Албатта ин кор барои бастани роҳи ишқбозии Ҳабиба бо писари косагар будааст.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. I*

### 100. Бастани чашм (одамон, мардум)

авомфиребӣ кардан; қаллобӣ кардан.

Ин кор руякӣ хушкондан буда, фақат барои бастани чашми одамони контора аст.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III*

## БАХТ

### 101. Бахт ба коми касе

созгории бахт, мувофиқи хоҳиши дили касе, мувофиқи табъ ва орзу.

Обу ҳаво ҳам созгор, хулоса, гуё ки бахт ба коми Бозор.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 102. Бахти касе баландӣ кардан

омад кардани кори касе, ба мақсади худ ноил шудан, нағз пеш рафтани кори касе.

Дар дигар чиз ҳам бахти Усмон баландӣ кард. Ба вай муяссар гардид, ки спортсмен-боксёри бомаҳорат шавад.

*«Газетаи муаллимон»*

## 103. (Барои) бахт бахтҷунбон даркор

барои бахтьёр шудан воситае лозим, барои ба мақсад расидан ташаббускор лозим аст.

Элак баҳона дидор ғанимат! Майлаш, ин корро худам пеш мегирам. Бедарак нагуфтаанд, ки барои бахт бахтҷунбон даркор.

*Ҷ. Икромӣ «Ситора» («Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

## 104. Бахт гаштан (баргаштан)

ру гардондани бахт аз касе; ноомади кор, пеш нарафтани кори касе.

1. — Бахт аз мо гашт! Филҳои Маҳмуд моро поймол карданд, ҳама гурехтанд.

*С. Улуғзода ва В. Виткович «Ибни Сино»*

2. «Қасеро бахт баргардад, шикаст андар шикаст хоҳад шуд».

*П. Толис «Тобистон»*

## 105. Бахт ёр будан

ҳамеша хушбахт будан, ҳамеша пешрав будани кори касе.

— Илоҳӣ бахтат ҳамеша ёр бошад, духтарам.

*К. Носиров «Орият»*

## 106. Бахти касе кушода шудан

ба хушбахтӣ расидани касе, барор гирифтани кори касе; ба худ ҳамсари муносиб ёфтани духтар ё ҷавонписар.

1. — Бахти шумо ҳам кушода шуда меравад,— гуфт Барака табассумомезона.— Шояд рафиқи муносиб пайдо шуда монаду шумо ҳам хонадор шавед.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

2. «Ба сабабҳое, ки арз карда шуд, бахти ҳамшираатон ба зудӣ кушода нашуда истодааст».

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. II*

### 107. Бахти касе лаб задан

пешрафт кардани кори касе, барор ёфтани кори касе, ба мақсад ноил шудани касе.

1. — Чӣ мегуй, зан, ки бахти мо лаб зада, аз кунда параха парида истодаасту домулло боғи дар лаби сой будагиашонро ба мо инъом карданд.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. II*

2. — Эй занак, бахтамон лаб мезадагӣ барин, ба Адолат як одами калон талабгор шудааст.

*Р. Ҳайдаров «Духтари бебок»*
*(«Истеъдодҳои ҷавонон»)*

### 108. Бахтро пеши по задан

аз он чи ки боиси хушбахтӣ шуда метавонист, ру гардондан.

— Бахтро пеши по назану аз хешии қозӣ руй нагардон!

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

### 109. Бахти сафед

1. бахти нек, толеи баланд, 2. комьёбӣ ва муваффақият.

Ба шумо дорам аз худо уммед,
Ки диҳад рузи неку бахти сафед.

*М. Турсунзода «Ман аз Шарқи озод»*

### 110. Бахти касеро сафед кардан

1. касеро хушбахт, хуштолеъ кардан, 2. ба муваффақият, комьёбӣ расондан.

— Гулнор! Акнун ту калон шудай, худо бахтатро сафед кунад.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 111. Бахти касе сиёҳ будан

бадбахт, бетолеъ будан, барор надоштани кори касе.

Бечораро бахташ сиёҳ будааст, ҳар боре ки маро бинад, ҳасрату гирья мекунад...

*Р. Амонов «Ду қатра ашк»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 112. Бахт тобидан (тофтан)

ру овардани хушбахтӣ, омад кардани кори касе.

1. Бахмал беақл не, лекин намедонам, ки барои чӣ бахташ наметобад.

*Ғ. Абдулло «Қарзи виҷдон»*

2. Пахтакори кишварам, аслан туӣ эъҷодкор,
Қимиёи асл кору заҳмати поки ту шуд,
Қонҳои нуқраю зар оби ту, хоки ту шуд!
Тофт бахтат ба саъю ҳимматат шуд илм ёр.

*А. Деҳотӣ «Ҳаёт қадам мезанад»*

### 113. Бахту толеъ руй овардан

кори касе барор, омад кардан.

— Ака Рустам! Ба хонаводаи ту бахту толеъ руй овардааст, хабарчии ин ҳам ман шуда омадам...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 114. Бахт тохтан

*Ниг.* Бахт тобидан.

1. Агар «бахташ тохта» бой надиҳад, он пул камкам ба номи чутал ба кисаи одамони миршаб меравад.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. IV*

2. — Эҳ, агар бахтамон тохта, писардор мешудем, забони Тошабобо расо кутоҳ мешуд.

*М. Зокиров «Шодиёна («Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

### 115. Ба бахти касе хазон омадан

ба бахти касе завол омадан, ру гардондани бахт.

Аммо аз он рузе ки Гулбаҳор омад, ба бахти у хазон омад.

*Ҷ. Икромӣ «Дар меҳмонии бародарони узбек» («Шарқи сурх»)*

### 116. Бахт хандидан

*Ниг.* Бахт тобидан.

1. Исто, саросема нашав, ба мо ҳам бахт механдад.

*Ҳ. Содиқ «Қумрӣ» («Шарқи сурх»)*

2. — Ҳеҷ гап не, барои ин хел духтарҳо бахт аз ҳар дар механдад.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», ҷ. II*

**БАХТАШ**

### 117. Бахташ таваккал

аз руи таваккал, оё шавад ё нашавад, ҳар чи бодобод гуён ба коре иқдом намудан, ба муваффақияти тасодуфӣ умед бастан.

1. — Ҷони акеш, мо дар бригадаи Таваккал ако аз руи «бахташ таваккал» кор мекунем...

*«Хорпуштак»*

2. Аммо магар бо гумонбари делаи ҷинояти кушода, дар кучаҳои сарбаста гаштан ва ё «бахташ таваккал» аз домани касе кашидан аз руи қонун мешавад?

*«Хорпуштак»*

**БАХЬЯ**

### 118. Бахьяи руи кор рафт

сирри коре фош шуд, ошкор гардидани сирре.

Ман мегуям: холи ҳозир, ки бахьяи руи корамон нарафтааст, ғами худамонро хурем...

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», ҷ. II*

**БАЧА**

### 119. Бача бо ризқи худаш ба дуньё меояд

гуё бо зоида шудани фарзанд дар оилаи камбағал ризқу хуроки вай ҳам худ аз худ муҳайё мешавад.

Падару модарам орзу мекунанд, ки фарзанди бисьёр дошта бошанд. Дар шароити камбағалию нодорӣ ҷӣ гуна поидани фарзандро фикр ҳам намекарданд ва мегуфтанд, ки «бача бо ризқи худаш ба дуньё меояд».

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

### 120. То бача гирья накунад, модараш шир намедиҳад

барои ба даст даровардани мақсаде бояд кушишу ғайрат кард.

— Оҳ Сабоҳҷон, ба ҳалво гуфтан даҳон ширин намешавад, канӣ ман ба гуфтаи ту дароям, ту ҷӣ кор мекунӣ?

— Ба ҳалво гуфтан даҳон ширин нашавад ҳам, «то бача гирья накунад, модараш шир намедиҳад»-ро на шунидӣ-мӣ?

*Б. Азизӣ «Никоҳи дилхоҳ»*
*(«Занони Тоҷикистон»)*

## 121. Бача дар камар (сафар), номаш Музаффар

ба бачаи нозода ном мондан, пеш аз руй додани коре, ҷанҷолу мунокишаи онро кардан, пеш аз ба вуҷуд омадани чизе дар хусуси он гап задан ё таърифи онро кардан.

1. — «Бача дар камар, номаш Музаффар» гуфтагӣ барин, ту аз ҳозир дар ғами номмонӣ нашав.

*А. Деҳотӣ «Паёмҳои дустӣ»*

2. — Бача дар сафар, номаш Музаффар, гуфтагӣ барин ҳоло кудак аз шиками модараш набаромада, дар ҷустуҷуи номи писар гаштани шуморо бинед-а.

*Ф. Ниёзӣ «Духтари ҳамсоя»*

3. — Бача дар сафар, номаш Музаффар. Шафтолу ҳануз калон нашуда ва напухта шумоён аз ҳоло ғавғои онро карда истодаед.

*Ш. Киёмов «Талоши бахт»*
*(«Маҷмуаи пьесаҳо»)*

## 122. Бача-кача

фарзанд, аҳли оила, бачагони гуногун.

1. Мо як зимистони озод ҳезумкашӣ карда барои хурокворин бача-качагонамон тайёр карда будем...

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

2. Бача-качаи бешуморе ҷамъ шуда буданд...

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

## 123. Бачаи мор мор аст

аз бад бад меруяд.

Бобою бобокалонаш хуҷа буданд. Падараш колхозчӣ шуда кор мекунад. Худаш ҳам баъд аз тамом кардани мактаби миёна ба колхоз аъзо шуда меҳнат мекунад, — гуфт Азимҷон гуё худро муҳофизакунон.

— Ҳоло ту бача. Қай медонӣ, ки аз дунъё чӣ мегузарад. «Бачаи мор мор аст» фаҳмидӣ?

*«Занони Тоҷикистон»*

### 124. Бачаи талабидаву харида

ягона фарзанд, фарзанди ниҳоят азиз.

Барои чӣ шах шуда монди, тезтар ба духтур телефон кун. Бачаи талабидаву харидаам нобуд нашавад.

*С. Ғанӣ «Тӯӣ»*

### 125. Бача чӣ гуна? — Оча намуна

ҳар хислати хубу некро бача аз оча мегирад; бача ба калон тақлид мекунад.

— Дидӣ, писари ман чӣ хел доно... Пурсанд, ки бачаат чӣ гуна, гуед, ки очааш намуна.

*С. Ғанӣ «Тӯӣ»*

### 126. Бачаи угай шудан

дар назари касе бегона, номаҳбуб гардидан, аз назар афтодан.

— Не, сонӣ ҳама моро фаромуш карданд, ба қавли баъзеҳо «бачаи угай» шуда мондем.

*«Тоҷикистони советӣ»*

## БАЧАГӢ

### 127. Бачагӣ кардан

сабукӣ, сабукандешагӣ кардан, беақлӣ кардан.

— Аҳмад, бачагӣ накун!

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

## БАЪД

### 128. Баъд аз ид ҳино

*Ниг.* Баъд аз туй нағора.

Аз ҳоло корро чунон ташкил намояд, ки баъд аз туй нағораю баъд аз ид ҳино нашавад...

*«Хорпуштак»*

### 129. Баъди аз лой гузаштани хар

баъди аз эҳтиёҷ баромадан, пас аз ба анҷом расидани кор, пас аз ҳосил шудани мақсад.

1. Дар ҳама ҷо мо борҳои Ҳоҷиро аз киштӣ ба киштӣ ва сонӣ аз киштӣ ба поезду ароба кашонда то Тифлис расондем, вале баъди аз лой гузаштани хари Ҳоҷӣ вай муомиларо бо мо дигартар намуд.

*Ҳ. Ирфон «Ду ёр аз ду диёр»*
*(«Шарқи сурх»)*

2. Раиси колхоз то кӯчонида овардани деҳқонони балҷувонӣ ҷувол-ҷувол ваъдаҳои тумтароқ дода, баъди аз лой гузаштани хараш, бо ҷудо кардани як устои дуредгару як гилкор, қаноат карду бас.

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

### 130. Баъд аз сари касе

баъд аз вафоти касе.

1. Аммо падарам баъд аз сари онҳо ҳам истиқомати дуҷоягиро тарк накардааст.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. I*

2. Баъд аз сари мо ба ҳамин як бурда ҳавлии вайронаю валангорамон соҳибию алову чароғ карда менишастагист охир.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. I*

### 131. Баъд аз тобу тез — қайла куну рез

дар вақти даркорӣ барои дафъи ҳодисае чора надида, пас аз ру додани он ҳаракат намудан бефоида аст.

— Э, исбот чӣ даркор? Бе он ҳам ҳама медонад! «Машинаи кӣ ифлос? Машинаи Дадоев!» мегуянд! Акнун чӣ дод мезанӣ? «Баъд аз тобу тез — қайла куну рез» ҷура!

*П. Толис «Ҳикояҳо»*

### 132. Баъд аз туй нағора (нақора) задан

баъд аз руй додани воқеае илоҷ ҷустан, чорабинӣ баъди кор аз кор гузаштан.

1. Вале, баъд аз маълум ва равшан гардидани нуқсонҳо ва хатоҳо ба майдон бо шамшери чубин баромадан ба мисли «баъд аз туй нақора задан» аст.

*Ш. Ҳусейнзода «Масъалаҳои танқиди адаби дар адабиёти советии тоҷик» («Шарқи сурх»)*

2. Соатҳои 10—11 автобус меояд, ки ин зарбулмасали «баъд аз туй нақора»-ро ба хотир меорад.

*«Маориф ва маданият»*

**БАҒАЛ**

### 133. Бағал ба бағал дарафтидан

ғуштӣ гирифтан, зурозмоӣ кардан.

Ба ман мубориза даркор аст, ки мардинавор бағал ба бағал дарафтед.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 134. Аз бағали касе бардоштан

дар афтодагӣ, муҳтоҷӣ ба касе ёрдам расонидан, дастгирӣ кардан.

Шумо дустони бисьёре доред, ки сафедро аз сиёҳ нағз фарқ карда метавонанд ва вақташ ояд, аз бағалатон мебардоранд.

### 135. Бағали касеро бо чормағзи пуч пур кардан

*Ниг.* Қисаи касеро бо чормағзи пуч пур кардан.

— То кай бағали маро бо чормағзи пуч пур карда мегардед?

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

**БАҲОР**

### 136. Баҳор, куҷо будӣ? — Таги тути бедона

1. дар вақташ кореро иҷро накардан, фурсатро дар иҷрои коре аз даст додан, дар вақти иҷрои коре танбалӣ кардан, 2. бепарво.

Баҳор, дар куҷо будӣ? — Таги тути бедона, гуфтагӣ барин Қобилҷон аз соз омадани тирамоҳ хотирҷамъ шуда, ба зимистон тайёрӣ ҳам надид. Аз ин ҷост, ки ҳавои сарди ногаҳонӣ ӯро дар ғафлат ёфт.

*«Хорпуштак»*

### 137. Ба баҳори орзу расидан

ба мақсади худ расидан, хушбахт гардидан.
Ба баҳори орзуятон мерасед, тую тамошо мекунед.

*Ҷ. Икромӣ ва Г. Мительман*
*«Гуноҳи кӣ?»*

### 138. Баҳори умр хазон шудан

1. умри ҷавонии касе бо азобу машаққат, бехушию хурсандӣ гузаштан, 2. рӯ ба пирӣ ниҳодан, 3. мурдан.

Баҳори умри мо охир хазон шуд,
Ҷавонӣ рафту пирӣ ҳамьинон шуд...

*М. Миршакар «Шеърҳо ва достонҳо»*

## БАҲР

### 139. Аз баҳри касе, чизе баромадан (гузаштан)

чизе, касеро рад, тарк намудан, сарфи назар кардан, аз касе, чизе даст кашидан.

1 — Агар аз баҳри базм гузаред, маро кушта аз хонаи ман баромада равед,— гуфт Миршаб...

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. IV*

2. Вай асло аз баҳри завод нахоҳад баромад!

*А. Баҳорӣ «Одамони шинос»*

3. Ту акнун аз баҳри ин тавр духтар гузар! Ман худам ба ту як зан меёбам.

*Ҷ. Икромӣ «Ситора» («Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

4. Вай ранҷид ва аз баҳри хондани ҳуҷҷати Умар баромада онро ба рӯи стол гузошт.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 140. Баҳри дили касеро кушодан

касеро шодмон кардан, аз ғаму ғусса озод кардан, хурсанд кардан.

Вай дар вақтҳои дилтанг шудан хондани ғазалҳои Ҳофиз, достонҳои Низомиро дуст медошт. Онҳо баҳри дили уро мекушоданд.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. II*

### 141. Баҳри касе кушода (во) шудан

1. табъи кас кушода шудан; рӯҳи кас тоза шудан, 2. хушнуд, мамнун гардидан.

1. Баҳри кас во шуд аз назораи он,
Дида бигирифт лаззати бисьёр.

*М. Турсунзода «Асарҳои мунтахаб»*

2. Ғайрати аъзоёнашро дида, баҳр-баҳри Ғафурҷон-ака кушода мешуд.

*«Тоҷикистони советӣ»*

3. Агар аз дарвозаи калон дохили ҳавлӣ гардед, баҳратон кушода мешавад.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 142. Аз баҳри ҷон гузаштан

барои коре худро фидо кардан, ба мурдан тайёр будан.

1. Агар аз баҳри ҷонатон нагузашта бошед, аз ин ҷо равед!

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

2. Аз баҳри ҷонаш мегузараду маро хурсанд мекунад...

*«Хорпуштак»*

**БАҲС**

### 143. Баҳс-мабаҳс

тараф ба тараф; қасд ба қасд.

Гуё ки бо онҳо баҳс-мабаҳс мехонда бошанд...

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

**БАХУДА**

### 144. Баҳудаю беҳуда

даркору нодаркор.

— Не бошад, хап дар хона шинад. Баҳудаю беҳуда ба куча набарояд.

*Қ. Наимӣ «Рузи равшан»*

**БАҶО**

### 145. Баҷо будан

сиҳату саломат, дуруст, нағз будан.

— Очаатон гардад, баҷо будед-ку?

*«Маориф ва маданият»*

### 146. Бе аҷал куштан

пеш аз вақт ба мурдани касе сабаб шудан.

Ба воситаи ин шухиҳои бемаврид уро бе аҷал кушад...

*С. Айнӣ «Марги судхур»*

### 147. Бе гап набудан (не, нест)

бе сабаб набудан, ягон сабаб доштан.

1. Касе ки даромадан нахоҳад, албатта бе гап не!

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

2. Ин ки немис дар гузаргоҳи асосӣ муқобилияти хеле суст нишон дод, бе гап нест.

*С. Улуғзода «Дар оташ»*

3. — Э-э, ин хоби дидагии ман бе гап набудаастдия...

*К. Носиров «Орият»*

### 148. Бе гузашт

бе сабукӣ, бе имтиёз.

Ба андешаи ман, номҳои нависандаю шоирони ҷавон, асарҳои хеле аз онҳо бе ҳеҷ гузашт ҷолиби диққат мебошанд, дар газетаю журналхо ҳеҷ гоҳ ба ин дараҷа бисьёр во намехурданд.

*Р. Ҷалил «Дар роҳи иҷрои вазифаҳои муқаддас» («Шарқи сурх»)*

## 149. Бе дарди саре нишаста будам, пул (зар) додаму дарди сар харидам

*Ниг.* Пул дода дарди сар харидам.

1. Лаънат ба он бузаки миҷморуқ... Бе дарди саре нишаста будам, пул додаму дарди сар харидам. Биллои азим ки ин дафъа ёфт шавад, садқаи сар гуён кушта мехураму ҷонама халос мекунам.

*С. Улуғзода «Калтакдорони сурх»*

2. Оре, дар ин гуна мавридҳо ҳамин зарбулмасалро такрор мекунад:

Бе дарди саре нишаста будам, пул додаму дарди сар харидам. Тафовут фақат дар ин буд, ки Хоҷаназар пул надода дарди сар ёфт.

*Ф. Муҳаммадиев «Меҳри диёр»*
*(«Чароғи ирфон»)*

3. Бе дарди саре нишаста будам, зар додаму дарди сар харидам гуфтаги барин як гапи беҳударо гуфтаму сарамро ба бало мондам.

*М. Миршакар «Суҳбати натиҷанок»*
*(«Маҷмуаи пьесаҳо»)*

## 150. Бе дуд сухтан

дарунакӣ азоб кашидан, азоби руҳии сахт кашидан, аз ҳасрату ғам сахт дар азоб будан.

Бечора модар ба онҳо (ба сурати фарзандони дар фронт кушташудаи худ — *М. Ф.* ) менигаристу дилаш пур шуда, лабонаш пир-пир парида дарунакӣ гирья мекард, бе дуд месухт.

*«Маориф ва маданият»*

## 151. Бе ин чӣ будӣ (амма), ки лунҷи ту варам кард

*Ниг.* Аввал чӣ будӣ, гурба, ки лунҷи ту варам кард.

Аз хоб лабкаҷ шуда бархост. «Бе ин чӣ будӣ амма, ки лунҷи ту варам кард!» Сохту сумоти бе ин ҳам гирьяангези у, чунон ки мегуфтанд, турфа намуде шуда буду руи вайро мурда бинад ҳам метарсид.

*Р. Ҷалил «Шуроб»*

### 152. Бе чизе набудан

бе сабаб набудан, ягон мақсад доштан.
Ба ин ҷо омадани у ҳам бе чиз нест.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. II*

### 153. Бе нордбон ситораи осмонро гирифтан

ниҳоят қаллоб, фиребгар будан.
Вай дар айёрӣ аз Мирзоев зиёдасту кам нест, бе нордбон ситораи осмонро мегирад.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 154. Бе парда гап задан (гуфтугу кардан)

1. ошкоро сухан гуфтан, кушоду пусткanda гап задан, 2. бешармона гуфтугу кардан.
1. Ҳама хайрон мешаванд, ки Шариф чаро бе парда гап мезанад.

*Ф. Ансорӣ «Имтиҳон»*

2. — Ман бо шумо чанд даҳан гап доштам ва аз ин ки бе парда ғуфтугу хоҳам кард, маро бахшед.

*А. Ҳамидӣ «Машъали ҷовидон»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 155. Бе пир марав, ки дар амонӣ, ҳар чанд Сикандари замонӣ

дар ҳама кор бояд бо пирон, куҳансолон маслиҳат кард.
1. Дар ҳама ҷо аз пирамардон фоида бурдан даркор аст. «Бе пир марав, ки дар амонӣ, ҳар чанд Сикандари замонӣ»-ро нашунидед-мӣ?

*А. Ҳамидӣ «Машъали ҷовидон»*
*(«Шарқи сурх»)*

2. — Шодӣ ҳатто ба корҳои муҳим, ба корҳои ҳукуматӣ ва аз тарафи фирқа супоридашуда ҳам мову шумо барин муйсафедхоро чеғ зада маслиҳат мекунад...
— Бе пир марав, ки дар амонӣ,— гуфт Бобосафар ба Шодӣ хитоб карда,— ҳар чанд Сикандари замонӣ!

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

### 156. Бе пул гурба ҳам ба офтоб намебарояд

бе пул ҳеҷ кас ҳеҷ чизе намекунад, ҳеҷ коре муфт иҷро намешавад.

Модоме ки пул бошад, ба ҳар роҳ машҳур шудан мумкин аст. Бе пул ҳатто гурба ҳам ба офтоб намебарояд.

*«Хорпуштак»*

### 157. Бе ресмон бастан

1. беҳуда, бенатиҷа касеро мунтазир (маътал) доштан, 2. овораву саргардон кардан.

1. Лекин ҳоло муфаттиш бе ресмон баста мондааст ва наметавонад, ки ба қишлоқ равад.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. I*

2. — Ту агар худписанди беандеша набошӣ, ҷуръатро, ки туро гуфта омадааст, бе ресмон баста худ ба тӯйхурӣ меравӣ?!

*Ф. Муҳаммадиев «Дар роҳи нав»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 158. Бе шамол шохи дарахт намеҷунбад

*Ниг.* Шамол набошад, шохи дарахт намеҷунбад.

Беҳуда нест, ки дар урфият «бе шамол шохи дарахт намеҷунбад» мегуянд. Ҳамин ки мо аз дарвозаи ҳавлии анбори марказии аптекаҳои шаҳри Душанбе даромадем, ба дуруст будани шикояти Каттабеков бори дигар боварӣ ҳосил кардем.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 159. Бе қилу қол

бе ҳеҷ гап, бе ҷанҷолу хархаша, бечуну чаро.

«Агар шумо дар ҳақиқат аз сари савдои босмачигарӣ гузаштанӣ бошед, бе қилу қол бо ҳама навкар ва яроқҳои худ омада ба мо таслим шавед» мегуянд.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 160. Бе ҳисобу китоб

ҳисобӣ накарда, бемулоҳиза, чут додан ё чут надодани чизеро ба назар нагирифта.

Акнун деҳқониро бе ҳисобу китоби дақиқ пеш бурда намешавад.

*Ф. Муҳаммадиев «Дар роҳи нав» («Шарқи сурх»)*

**БЕАРМОН**

### 161. Беармон мурдан

ба мақсад расида мурдан, ба орзуи худ расида вафот кардан.

Агар якто ҳамин хел писар медоштам, аз дунъё беармон мурда мерафтам.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. I*

**БЕВАҚТ**

### 162. Бевақт шудан

вақт гузаштан, дер шудан, гузаштани вақти муайяншуда.

Ба идора бевақт шуд.

*Ҷ. Икромӣ «Зуҳра»*

**БЕГАП**

### 163. Бегапу калоча

бечуну чаро, бе шубҳа, бе ҳеҷ гап.

1. «Ҷояшон бегапу калоча зиндону Сибирь мешавад».

*Р. Ҷалил «Шуроб»*

2. — Мо ба талошу савдо ҳақ надоштем,— ҷавоб дод Сангинов,— деҳқон меомаду ба қаду басти ҳар бача нигоҳ карда, «ба ту ним танга, ба ту — се мирӣ, ба ту — як танга» гуён ба ҳар кадоми мо нарх мемонд ва мо ҳам бегапу калоча аз қафои у мерафтем.

*Қ. Носиров «Орият»*

3. Мо ҳам бегапу калоча аз қафои у равон шудем.

*«Тоҷикистони советӣ»*

**БЕГОНА**

### 164. Бегона бегонагиашро мекунад

аз бегона некӣ намебарояд, аз бегона мадад, умед кардан бечост.

«Бегона боз бегонагиашро мекардааст-дия!» гуфтам ман бо димоғи сухта ва дигар аз бargaштани у умедамро кандам.

*П. Толис «Тобистон»*

### 165 Бегона нашавад

ба дасти бегона наафтад.

Падарарусамон бегона нашавад, гуфта. гови моро харида гирифт.

**БЕДАВЛАТ**

### 166. Бедавлат агар кишт кунад, об намеёбад, бодавлатро киштаву нокишта баробар

камбагал ҳамеша дар шиканчаи муҳтоҷӣ мебошад, кори камбағал ҳамеша пеш намеравад, камбағал бетолеъ аст.

1. Худо маро ба давлат муносиб диду дод, «бедавлат агар кишт кунад, об намеёбад, бадавлатро киштаву нокишта баробар» гуфтаанд.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Чи тавре ки зарбулмасал мегуяд,— «Бедавлат агар кишт кунад, об намеёбад» мекиштанд, об намеёфтанд.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

**БЕДАРАК**

### 167. Бедарак шудан

хеле вақт ба чашм нанамудан, бе хабару бе асар ба ҷое рафтан, беному нишон, бехату хабар гум шуда рафтан.

— Салом, духтарам. Рузҳои охир ин қадар бедарак шуда рафтӣ? Маро фаромуш кардӣ-мӣ, мегуям?

*«Маориф ва маданият»*

**БЕДАРД**

### 168. Чизи бедарди миён

он чи ки беранҷу бе меҳнат ба даст дароварда шудааст, даромади ғайри меҳнатӣ.

1. Нафақа барои Рауф ганҷи беранҷ, пули бедарди миён буд.

*«Тоҷикистони советӣ»*

2. Аз ин фоидаи бедарди миён албатта дасти онхо ҳам хушк намонд.

*«Хорпуштак»*

### 169. Бедардҳо барин гап задан

чизеро намефаҳмидагӣ, намедонистагиҳо барин гап задан, мисли одами аз кор бехабар гап задан.

— Бедардҳо барин гап мезанӣ-я, Зуфар! Муҳтоҷ намешудам агар каллапушам ба хонаи хуҷаинат меафтод ҳам, рафта намегирифтам, муҳтоҷӣ ва нобудагист, ки рангамро зард карда маро ба дари ӯ мебарад.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

**БЕДАСТ**

### 170. Бедасту по кардан

касеро бе ёрдамчӣ гузоштан, дастьёр ё яроқи касеро гирифта уро оҷизу ногавон кардан.

Ба ин (яроқ — *М. Ф.*) нигоҳубин кардан наистед, дар айни долу зарби кор аз хизмат сар кашида, касро бедасту по ҳам карда мемонад...

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

### 171. Бедасту по шудан

1. беёрдамчӣ, бемададгор мондан, 2. оҷизу нотавон шудан.

1. Ҳоло у нест ва чунон соҳиби пуриқтидори як кон, бои калоне, ки уро на фақат дар ин гирду атроф, балки дар шаҳрҳои калон ва дур ҳам медонанд, бедасту по барин шуда монда буд,

*Р. Ҷалил «Шуроб»*

2. Акаам ва янгаам аз ин бадбахтии ногаҳонӣ бедасту по шуда монданд.

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

**БЕДИЛӢ**

### 172. Бедилӣ кардан

тарсидан, ба воҳима афтидан; тарсончакӣ кардан.

— Ҷаноби олӣ бедилӣ карда гурехтаанд...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

**БЕДОМ**

### 173. Бедому дарак

беному нишон, номаълум.

Дар мусофирию гуруснагӣ бедому дарак мурда рафт.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ I*

### 174. Бедому дарак шудан

1. беному нишон шудан, ғайб задан, 2. дер кардан.

1. Ана, худаш ҳам дар оқибат бедому дарак шуд...

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ I*

2. Бо ҳамин баромада рафтанаш тағоиям даҳ соли расо бедому дарак шуда меравад.

*П. Толис «Тобистон»*

3. — Ин духтарамон об мебиёрам гуфта рафта буд, бедому дарак шуда рафт...

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

**БЕДОРХОБӢ**

### 175. Бедорхобӣ кашидан

шабона хоб карда натавонистан.

Ман ҳамин шаб бедорхобӣ кашида баромадам.

### 176. Бедхои куҳна аз решаашон пусиданд

1. кухна шудан, 2. аз миён рафтан, 3. корҳо битамом нав, дигар хел шудаанд, тартиботи кухна аз байн рафтааст.

— Бедҳои куҳнаи шумо мегуфтагӣ аз решаашон пусиданд, инро дар ёд доред, тақсир.

**БЕЗ**

### 177. Без чиндан

кори пасттаринро иҷро кардан.

— Хуб, ману ту чӣ, дар қассобӣ без чинда гаштем-мӣ?

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

**БЕЗОР**

### 178. Безор шудан

дилгир, дилбазан шудан, ба танг омадан.

1. Ту аз ман безор шавӣ ҳам, ман аз ту безор шуда наметавонам.

*М. Миршакар «Шарқи ман» («Шарқи сурх»)*

2. Аз шумо тамоман безор шудаам.

*«Тоҷикистони советӣ»*

**БЕКАФАН**

### 179. Бекафан шудан

хору зор шудан, бечизу муҳтоҷ гардидан.

Барҳам зи дасти онҳо Гитлери шумтан шуд,
Ҳам лашкари душманаш беҷону бекафан шуд.

*«Фольклори тоҷик»*

**БЕКОР**

### 180. Аз бекор худо (ҳама) безор

бекорро ҳеҷ кас дӯст намедорад.

— Қампир,— гуфт бобо,— «аз бекор худо безор» мегӯянд, рост аст. Хусусан дар ҳамин рӯзҳои ҷанг.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

**БЕКОРӢ**

### 181. Аз бекорӣ кадукорӣ

аз бекорӣ ба кори дӯйумдараҷа машғул шудан, кори беаҳамиятеро кардан, худро ба коре машғул намудан.

1. Аммо агар дар мактаб ва мадрасаҳои мо дарси забон мебуд ва шумо чизҳоеро, ки дар ин ҷо омӯхтед, ба

шогирдон ёд медодед, ё чопхона ва рузнома мебуд, ки шумо натиҷа ва хулосаҳои ҳаррузаи ин суҳбатҳои хуби худро чоп карда бароварда, ба омма пешкаш мекардед, дар он вакт ин машғулияти шуморо пурфоида гуфтан мумкин буд. Ҳоло чӣ? Ҳоло ин кор, чунон ки навакак гуфтам, «аз бекорӣ кадукорӣ» аст.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. IV*

2. Духтарам Баҳринисо, ресмон ресида чӣ мекунӣ?..
— Аз бекорӣ кадукорӣ гуфтаанд,— ҷавоби кутоҳ дод Баҳринисо.

*Қ. Наимӣ «Рузи равшан»*

**БЕЛ**

### 182. Ба бел наистодан

сухани беасос, бемаънӣ.

Аз риштаи фикрам ҳамел,
Шуд хай дуруғи хел-хел,
Зору сабил монад, вале
Ҳаргиз намеистад ба бел!

*С. Ҷавҳаризода «Ҳадья ба диловари ватан»*

**БЕЛАБ**

### 183. Белабу даҳон

шаттоҳ, пургуй, ҳарзагуй.
— Ҳа, вай кампири белабу даҳон ҳамин тавр мегӯяд...

*С. Саидмуродов ва И. Исмоилов «Тӯҳмат»*

**БЕМАЗА**

### 184. Бемаза кардан

чизеро ланҷ кардан, бемароқ, бемаънӣ намудан.
Онҳо суҳбатро чунон бемаза карданд ва чунон суханҳо ва латифаҳои ғайриадабӣ гуфтанд, ки муйҳои бадани Анвар рост хест.

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

### 185. Бемаза шудан

бе маъни, шарманда, расво шудан.

«Худро дошта наметавонистагӣ шудаам; бемаза шуда мондаам, бемаза!..»

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

**БЕМОР**

### 186. Бемор афтидан

касал шудан, бистарӣ шудан.

Модарам маро қариб нашинохт ва бадии аҳволи ман ба вай асар карда бемор афтод...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 187. (Агар) бемор дуруст шуданӣ бошад, табиб ба дари хона меояд

агар коре дуруст шуданӣ бошад, асбоби он фароҳам мешавад.

— «Агар бемор дуруст шуданӣ бошад, табиб ба дари хона меояд» гуфтаанд, эшони Султонхони дарвозӣ, ки аз эшонҳои машҳури замонаанд, имшаб ба ҳавлии Яъқуббой меҳмон шудаанд, ана ҳамин касро оварда мехононам,— гуфта аз паи эшон рафт.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 188. Бемор канда шуд

дуруст сиҳат нашуда, боз аз нав сахт касал шуд, такрор ёфтани беморӣ.

Худаш аз беморӣ нав хестааст, аҷаб нест, ки канда шавад.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. 1*

**БЕМОРӢ**

### 189. Бемориро касе пинҳон кунад, табаш уро ошкор кунад

камбудӣ, нуқсони руйдода ҳаргиз пинҳон намемонад.

Бемориро касе пинҳон кунад, табаш ошкор хоҳад кард,— мегуянд. Баъди як сол райком пинаки роҳбарони колхозро вайрон кард. Аз фактҳои содиршуда ҷои гурез набуд...

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

### 190. Аз бемори сар бардоштан

аз касалӣ раҳой ёфтан, сиҳат шуда хестан.

Аммо дар рузи даҳуми аз беморӣ сар бардоштанаш дубора ғалтид

*С. Айнӣ «Мухтасар тарҷимаи ҳоли худам»*

**БЕНОМ**

### 191. Беному нишон шудан

*Ниг.* Бедому дарак шудан.

— То ду-се сол аз ҳар кас мешунавидам, ки дар кадом як райони дур ба касби худ машғул шуда мегаштааст, баъд вай дигар беному нишон шуд.

*Ф. Ниёзӣ «Духтари ҳамсоя»*

**БЕОВОЗА**

### 192. Беовозаю дарвоза

1. бекарру фар, бедабдаба, хомушона; 2. хоксорона, бо хоксорӣ.

— Барои ҳамин ҳам ман маслиҳати дустона медиҳам, ки корро оҳиста, беовозаю дарвоза буд кунед.

*Ш. Қиёмов ва А. Мороз «Дил дили Зайнаб» («Шарқи сурх»)*

**БЕПАРДА**

### 193. Қасеро бепарда кардан

касеро шарманда намудан, ба бадномӣ баровардан.

Агар зудтар пеши ин корро нагирӣ ва духтаратро ба касе номзад карда, даҳани мардумро набандӣ, росту дуруғ ҳикоятҳо бофта ба муфт бадном ва бепардааш мекунанд.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

**БЕПОЙ (бепо)**

### 194. Бепову сар

1. бараҳна, бехонумон, 2. сарсарӣ, авбош, шурапушт.

Дастае аз пойбараҳнагони бепову сарро ба атрофи худ ғун карда ҳамин қадар корро карданд...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 195. Бепой шудан

*Ниг.* Бедасту по шудан.

— Чаро аз дидани ин зан бепой шудӣ, магар аз ин пеш бо вай алоқае доштӣ?..

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 196. Бепою қадам (будан)

одами бешарофат, касе ки гуё пои қадамаш шум аст.

Ҳайронам, ки чаро Қурбон магазинчӣ ба шумо маъқул не.

— Вай одами бепою қадам, тақсир, чанд бор зан гирифт, сар дод.

*«Занони Тоҷикистон»*

**БЕРАҲА**

### 197. Қасеро бераҳа кардан

корҳои бадро ба касе омухтан, гумроҳ кардан, касеро аз роҳ баровардан.

Ҳамаи ин бачаҳоро ана ҳамин духтари Пулод бераҳа карда мегардад.

*С. Саидмуродов «Раъно»*

**БЕРУН**

### 198. Аз беруни бало будан, дар даруни он будан беҳтар аст

дар дохили фалокате будан беҳтар аз он аст, ки кас дар хориҷи он тамошочӣ шуда истода азоб кашад.

— Ман,— гуфт Урмон-Полвон,— фиреб хурда, ё ин ки хурсанд шуда ба кори ҳукумат надаромадаам. Балки барои ин даромадаам, ки то вазидани боде аз тарафе «оре», «бале» гуфта гардам. Магар нагуфтаанд, ки «аз беруни бало будан, дар даруни он будан беҳтар аст».

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 199. Берун ялтар-юлтур, дарун қалдар-қулдур

аз берун зебою аз дарун зишт, зоҳир пуртумтароқу ботин хушку холӣ, хушсурату бадтинат.

Дар як гушаи боғи афсонавии у кинотеатр ҷой гирифтааст, ки он беихтиёр зарбулмасали аз берун ялтар-юлтур, аз дарун қалдар-қулдурро ба хотир меоварад.

*«Хорпуштак»*

**БЕРӮЙ**

### 200. Берӯй будан

бешарму ҳаё будан.

Ин духтар берӯй будааст.

**БЕРӮЙ**

### 201. Берӯй шавад ҳам

гарчи гуфтан ҷоиз набошад ҳам, гарчи густохӣ шавад ҳам.

Берӯй шавад ҳам, худи ҳамин хел одамон бемазаанд!

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 202. Берӯй шудан

бешарму ҳаё шудан.

— Вай беру шудагӣ, гандагард шудагӣ, ба ҳеҷ кас сар намефурорад..,

*Р. Амонов «Меҳрӣ»*
*(«Шарқи сурх»)*

**БЕСАР**

### 203. Бесару бар

1. носаришта, бепарастор, 2. бехонаю дар, бепулу бемол.

1. Зан мехост гуяд... худат бесару барӣ, ҳоло ҳам сари кореро нагирифтаӣ ва худат чӣ тавр умр ба сар мебарӣ, муайян несту ба парасторӣ чаро бача мегирӣ?

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

2. Ман чил руз зиёд ин тараф дар турма будам, ғилмаку ширмакҳои бе ҳеҷ сару бари ба хона мондагӣ дорам...

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

### 204. Бесару бепо

*Ниг.* Бепову сар.

Барои як бесару бепо мо ба ҳукуматдорон муқобил шуда, худро дар ташвиш намеандозем.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 205. Бесару бун

бемаънӣ, беасос.

Пайрав бо ин байт дар болои асарҳои худ меҳнати зиёд кардани худро, дар натиҷаи кор ва ҷустуҷӯи зиёди эҷодӣ ва ба майдон баромадани онҳоро гуфта, ба касоне, ки ба суханони бесару буни худ чунин номҳои холиро медоданд, таъна мезанад.

*Р. Ҳошим «Едат бахайр, Пайрав!»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 206. Бесару нуг

1. дарҳам-барҳам, печ дар печ, чигил, 2. бемантиқ, бемаънӣ.

1. Сурудҳои бесару нуг мехонд.

*Ф. Муҳаммадиев «Тири хокхӯрда»*

2. Илоҷи кадом яктаашро мекунад, ҳама коратон бесару нуг.

*Б. Раҳимзода ва М. Рабиев*
*«Бе парво набошед»*

### 207. Бесару сомонӣ

1. парешонӣ, бетартибӣ, ҳараҷу мараҷ, 2. бехонумонӣ.

Бесару сомонии мактабро танқид карда буд.

*«Тоҷикистони советӣ»*

**БЕСАРИШТА**

### 208. Бесаришта кардан

1. парешонхотир кардан, бесаранҷом намудан, 2. саросема, шитоб кунонидан.

Сонӣ, падару модарам ҳам маро бесаришта карда истодаанд.

*Р. Амонов «Орзуи нав»*
*(«Туҳфаи ҷавонон»)*

### 209. Бесаришта шудан

парешонхотир шудан, бесаранҷом, саросема шудан.

— Холаҷон, ба шумо чӣ шуд? — гуфт Зебӣ аз гапҳои бечои Умрихола бесаришта шуда.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

**БЕТАГ**

### 210. Бетаг баромадан

беасос баромадан.

Гуфтаҳои Зуфар ҳам дар ҳаққи бой бетаг баромад.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

**БЕТАРАФ**

### 211. Бетараф намондан

бепарво нашудан, хунсардона назар накардан; ба чизе беэътиборона нигоҳ накардан.

Мактабдор ба ин аҳвол бетараф намонд: дар пушти у дарозу кутоҳ чанд чуб ба девор рост гузошта шуда буд, яке аз ин чубҳоро, ки тахминан 5 оршин дарозӣ дошта, нуги он ба гушаи дигари хона ба девор хобондагӣ буд, гирифта ба сари бачагони бе он ки яке аз онҳоро интихоб кунад, задан гирифт.

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

**БЕТОБ**

### 212. Бетоб шудан

бемор шудан.

«Шояд бетоб шуда бошад?»

*«Маориф ва маданият»*

БЕХ

### 213. Беху буньёд

асос, пойдевор.

Инқилоби бузурги коргарон,
Беху буньёди зулм яксар канд.

*П. Сулаймонӣ «Асарҳои мунтахаб»*

БЕХАЗОН

### 214. Бехазон будан

пойдор будан, доимӣ, абадӣ будан.
Дустиамон безаволу бехазон аст...

*«Тоҷикистони советӣ»*

БЕХОНУМОН

### 215. Бехонумон шудан

1. бехонаву чой мондан, торочу толон гардидан, 2. қашшоқу дар ба дар шудан.

— Ман дидам, ки мардуми туман тамоман бехонумон мешаванд ва руди нав ҳам намебароянд.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо» қ. I*

БЕХУД

### 216. Бехуд шудан

аз ҳол рафтан, беҳуш шудан.

Як лағад зад бар сарам,
Бехуд шуда афтодам...

*С. Ҷавҳаризода «Гулшани афрухта»*

БЕЧИЗ

### 217. Бечиз нест

бесабаб, беасос нест.
Ту ба ман хунук шуда мондӣ! Ин бечиз нест...

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

**БЕЧОРА**

### 218. Бечора агар кишт кунад, об наёбад

*Ниг.* Бедавлат агар кишт кунад, об намеёбад, бадавлатро киштаву нокишта баробар.

«Ташна дар хоб об мебинад» ва «бечора агар кишт кунад, об наёбад» гуфта шудааст дар зарбулмасалҳои гузашта, ки гуяндагонашон бешубҳа шурбахтони ба об зор буданд.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

### 219. Бечораро саг аз болои уштур мегазад

бало одами бечораро дар ҳама ҷо гаъқиб мекунад.

1. Вале бадбахтиро бинед, ки «бечораро саг аз болои уштур мегазад» гуфтагӣ барин шпаргалкаи Ғуломов навиштаги ба у нарасид.

*«Маориф ва маданият»*

2. «Бечораро саг аз болои уштур газидааст»,— мегуянд, рост будааст, занак. Агар ин тавр набошад, чаро баъзеҳо ким-чӣ хел номаъқулиҳо кунанд ҳам, ҳеҷ гап намешаваду мани бечора муй барин гуноҳ накарда, ҳамин қадар гап шунавам?

*«Маориф ва маданият»*

### 220. Бечора хар орзуи дум кард, Ноёфта дум ду гуш гум кард

ба орзу ва матлаби худ нарасида боз ба фалокате афтодан, зарару осеби нав дидан.

Маълум шуд, ки ҳамон шаби бисту ҳафтуми лайлатулқадрро хоб дида, хоболуд аз бом афтида, пои чапашро шикастааст.

Бечора хар орзуи дум кард,
Ноёфта дум ду гуш гум кард.

*А. Деҳотӣ «Паёмҳои дӯстӣ»*

**БЕЧОРАГӢ**

### 221. Бечорагӣ кардан

дар шароити бад руз гузаронидан, дар қашшоқӣ ва азоб умр ба сар бурдан; бо касбу кори ҳақиронаи худ машғул шудан.

Хадича ва модараш дар хона дарзи касонро медухтанд, бечорагӣ мекарданд.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

### 222. Бечорагии худро карда гаштан

овораи зиндагии камбағалонаи худ будан, фақирона зиндагӣ ба сар бурдан, ба касбу кори худ машғул будан.

Ҳукумат замин дод, ҷой дод, гову пул дод. Бечорагиашро карда баҳузур гаштааст.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. I*

### 223. Аз бечорагии худ мондан

аз кору бору худ, аз зиндагии камбағалонаи худ мондан.

1. — Беҳуда маро аз бечорагиам — аз кирокашиам намонетон, тақсирҳо!

*С. Айнӣ «Еддоштҳо», қ. III—IV*

2. Мардикорро бошад, худашон кофта ёбанд ва ҳа гуфта аз кӯҳ то ба ин ҷо тор танида маро аз бечорагиам намонанд.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. II*

**БЕЧУН**

### 224. Бечуну чаро

бе гуфтугӯ, бе гапу калоча; ҳатман.

1. Вай дар вақти машқ ва бозиҳои ҳарбӣ аз мо итоати бечуну чаро талаб мекард...

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

2. Ризоев илтимоси дӯсташро бечуну чаро баҷо овард.

*«Тоҷикистони советӣ»*

**БЕШ**

### 225. Беш аз беш

зиёдтар, бештар, рӯз ба рӯз зиёдтар.

Аз ин сабаб ба ободонӣ ва марказият додани қувваҳои адабӣ, илмӣ беш аз беш кӯшиш менамояд.

*А. Мирзоев «Биной»*

**БЕША**

**226. Беша бе шер нест, дарьё бе моҳӣ (бе наҳанг)**

дуньё аз одамони хуб холӣ нест, одамон ҳар гунаанд, дар байни хубон бадон, дар байни бадон хубон ҳам ҳастанд.

1.— Ту дар ҳаққи ҳама муллоёни вайрон ва мурдор гап задӣ, чунон ки «беша бе шеру дарьё бе моҳӣ намешавад», инчунин дар байни муллоён ҳам мардони худо ёфт мешаванд.

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

2. «Беша бе шер нест ва дарьё бе наҳанг» гуфтаанд. Дар ҳар деҳа монанди мову шумо шерҳо ва наҳангҳое, ки кори вакилхоҳиро ба дасти худ гиранд, ёфт мешавад.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

3. Вай донист, ки аз аҳли замона ва мардуми Бухоро ин қадар нафрат кардан ва ноумед шудан намешоистааст. Маълум мешавад, ки беша бе шер набудааст.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

**БЕҶО**

**227. Беҷо набудан**

1. бамаънӣ, бофаросат, бағайрат будан, 2. бад набудан.

— Қандата зан, духтарам! Ту ҳам беҷо набудӣ!

*«Тоҷикистони советӣ»*

**БИЁРӢ**

**228. Биёрӣ, мехӯраму набиёрӣ, мемурам**

одами нотавон, оҷиз; муҳтоҷи таъминот.

Дар ҳавлии ман чордаҳ нафар хуранда ҳаст. Чордаҳ ҷони «биёрӣ, мехӯраму набиёрӣ, мемурам».

*Р. Ҷалил «Шуроб»*

**БИНО**

**229. Бино мондан**

ба касе (чизе) бисьёр аҳамият додан, касеро таърифу тавсиф намудан, кореро бодиққат баҷо овардан.

— Хайр, бас-дия, ба набераатон ин қадар бино мондед, бозоргир карда фурӯхтанӣ-мӣ?

*Ф. Файзӣ «Модаршӯ» («Шарқи сурх»)*

**БИНО**

### 230. Бинои рӯзӣ шудан

ба касе, чизе сабаби зиндагӣ шудан, рӯзирасони касе будан.

Шодии ману боботон ҳадду канор надошт. Бинои рӯзиамон Абдусаттор шуда монд.

*«Тоҷикистони советӣ»*

**БИНӢ**

### 231. Бинии касеро ба замин (хок) молидан (совидан)

ҷазои касеро додан, адаби касеро додан, касеро коҳишу сарзаниш намудан, мулзам намудан.

1. Баъди ин ба воқеаҳои байналхалқӣ гузаштанду яке бинии Даллесро чун моҷароҷӯи ашаддии байни халқҳо ба замин мемолид...

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

2.— Албатта, то ба он ҷо расидан бинии фрицро чандин бор ба замин месовем...

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

### 232. Чизеро аз бинии касе баровардан

хурсандии касеро ба хафагӣ табдил додан, қусури чизеро аз касе гирифтан.

1.— Қусури ин «некии» туро мебарорам, лекин аз биниат мебарорам...

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

2. Аммо имрӯз хурсандии вайро ҳам аз биниаш баровардам.

*Р. Ҷалил «Ҳамида»*

### 233. Чизе аз бинии касе баромадан

ба нохушӣ ва хафагӣ табдил ёфтани хурсандии гузашта, ҷазои амали нодурусти худро дидан.

1. Хурдагию пушидагии онҳо аз биниашон баромад.

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

2. Ин вақтхушиҳо ҳамааш муваққатӣ, пагоҳ-фардо борхалтаатро бардошта ба Тоҷикистон ки омадӣ, боз кор, боз даводавӣ, ана дар ҳамин вақт ҳамааш аз биниат мебарояд...

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

3. Аммо афсӯс, ки шодиву хурсандии ман аз биниам баромад.

*П. Толис «Тобистон»*

4. Акнун барои ба дом афтидани ин муши дупо ба мо, колхозчиён, ёрӣ расон, то ки хӯрдагиаш аз биниаш барояд.

*«Хорпуштак»*

## 234. Аз бинӣ боло гап задан

аз ҳадди муқаррарии худ берун гап задан, ба касе гапи сахттар задан.

1. Агар як авом ба як мулло андак аз бинӣ боло гап занад, даррав муллоҳо ба сари у аккаи ало барин ғун шуда, «кофир шудӣ» гуён уро каллакубак мекунанд.

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

2.— Онҳо, агар рост ояд, аз дуздӣ ва роҳзанӣ ҳам руй намегардонанд, аммо онҳо ин корро дар ҳаққи бечорае мекунанд, ки бо худашон даст ба гиребон шуда наметавонанд, ба ман барин одам, ки ба як тирашон ду тир холӣ мекунад, аз бинӣ боло гап зада наметавонанд.

*С. Айнӣ «Ятим»*

3. Ману Ҳайдарҷон, ки аз айёми бачагӣ то он рузҳо бо якдигар аз бинӣ боло гап назада будем, рузи тую сури шумо қариб даст ба гиребон шудем.

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

4. Ҳатто занаш Шарофат наметавонист, ки ба Аминҷон аз бинӣ боло гап занад.

*«Газетаи муаллимон»*

### 235. Бинии касе боло гаштан

мағрур шудан, ҳавобаланд гардидан.

Дасти Исмоил пул медидагӣ шуд ва рафта-рафта бинии ӯ аз ҳад боло гашта, бадмаст, худписанд ва ҷӯрабоз шуда монд.

*А. Мусаввада «Гаҳворабахш»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 236. Бинӣ боло кардан

ҳавобаландӣ, калонигарӣ кардан, фуки худро ба осмон намудан.

Ман бисьёр бофандаҳоро дидаам, ки андак пеш рафта, биниҳояшонро боло мекунанд.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 237. Бинӣ боло шудан

назарбаланд, ҳавобаланд шудан.

— Вай акнун чучабон...

— Барои ҳамин ҳам биниаш як ваҷаб боло шудагӣдия,— аз қафо киноя мекарданд бачаҳо.

*«Машъал»*

### 238. Бинии касе бӯй бурдан

чизеро ҳис намудан, ба чизе пай бурдан; ба балоғат расида, орзуи ишқу муҳаббат кардан.

Бинии ин кас ҳам бӯй бурдаасту ба Лутфияҷон ошиқ шудаанд.

*Ҷ. Икромӣ «Тори анкабут»*

### 239. Бинӣ дар осмон

*Ниг.* Бинӣ боло кардан.

Ҳама вақт ба ҳар ҷо ки равад, аз думаш ду-се думравак овезону биниаш дар осмон...

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. I*

### 240. Бо бинӣ заминро хат кашидан

1. бо азобу машаққат, кашолаву пуштора, сари ҳам, фармонбардорона кореро кардан, 2. сарҳам шудан, ночор гаштан.

1.— Аз бистари бемори хеста, бо биниам заминро хат кашида, дар туи шумо хизмат кунаму мукофоти мани бадбахт ҳамин шуд?!

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

2. Вале ӯ мурад ҳам, ақиб нишастан намехост. Бо биниаш ба замин хат кашида пеш рафтанӣ мешуд.

*«Тоҷикистони советӣ»*

3. Ман ҳам бо биниам заминро хат кашида аз паси у равон шудам.

*П. Толис «Тобистон»*

**241. Чизеро аз бинии касе кашида баровардан**

*Ниг.* Чизеро аз бинии касе баровардан.

Ту ҳоло нигоҳ карда ист, рубоҳи маккор, агар ман ошу нони колхозро, ки муфт хурда гаштӣ, аз биниат кашида набарорам, номам Раҳим набошад!

*С. Улуғзода «Навобод»*

**242. Ба бинии касе хода нарасидан**

мағрур, мутакаббир, худписанд, гапногир будан.

Ҳозир ҳамин хел ҳавобаланд шудагӣ, ки ба биниаш хода намерасад.

*Ф Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

**243. Аз бинии худ дуртарро надидан**

тангназар будан, дурандеш набудан, дар дониш маҳдуд будан.

«Одами бесавод мисли кӯр аст» мегӯянд, рост будааст! Аз бинии худ дуртарро намебинӣ.

*С. Сайфиддинов «Ду ҳусну ду ишқ»*
*(«Занони Тоҷикистон»)*

**244. Бинии худро кашида ба ҷое ё ба пеши касе рафтан**

аз ноилоҷӣ ба пеши касе ё ҷое рафтан, маҷбур шуда ба пеши касе рафтан, бо гардани хам, фурӯтанона рафтан.

Мо бошем, бинихоямонро кашида ба пеши ҳукумат меравем.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. I*

### 245. Биниашро доред, ҷонаш мебарояд

ниҳоят лоғар, нотавон.

Хуш, гуфтам, ки падарсаг худаш ғурба барин мадор надораду биниашро доред, ҷонаш мебарояду ба чӣ корхо машғул мебошад?

*Ф. Муҳаммадиев «Тири хокхурда»*

**БИРИНҶ**

### 246. Биринҷро аз мош ҷудо кардан

бадро аз хуб фарқ карда тавонистан, фаросати нағзу гандаро доштан.

Лекин беҳуда зӯр назан, мардум ба гапи ту то абад гӯш карда намегарданд. Ҳар кас калла дорад, фикру андешаи мустақил дорад, биринҷро аз мош ҷудо карда метавонад.

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

### 247. Биринҷ бе курмак намешавад

1. ҳар хуб ҷиҳати бадӣ ҳам дорад, 2. одам аз камбудӣ холӣ нест; ҳар роҳат азобе дорад.

Чи тавре ки биринҷ бе курмак намешавад, дар ҷамъияти мо низ ҳар хел одамон ҳастанд.

*«Хорпуштак»*

### 248. Биринҷи касе об набардоштан

зудранҷ будан, ғапнобардор, нозуктабиат будан.

1.— Акои Саркор, майлатон, ҳозир ин коғаз дар дасти шумо монаду аммо хоҳиш мекунам раис нафаҳманд, ки инро ба шумо ман оварда додаам.

— Фаҳмад чӣ?

— Худатон нағз медонед, ки биринҷи акои Олим об намебардорад.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

2. Аммо Ҳанифа ҳиққақ зада, оби дида пок мекарду аз ҷои худ намеҷунбид. Қамол дид, ки аҳвол ҷиддӣ, биринҷ об намебардорад, ба модараш рӯ овард.

*Л. Саид «Фарзанди ҳазрати одам»*
*(«Шарқи сурх»)*

**БИСМИЛ**

### 249. Бисмил кардан

сар буридан.

Вақте ки ҷаллод бо шитоб ва саросемагӣ онҳоро бисмил (одамонро — *М. Ф.*) мекард, Музаффар аз тамошои он ҳангомаи хунин бемисол лаззат мебурд.

*С. Улуғзода «Аҳмади Дониш»*

**БИСМИЛЛОҲ**

### 250. Бисмиллоҳи чизе

аввал, ибтидо, оғоз, саршавии чизе.

Ин «як порча хати дилпурӣ» бисмиллоҳи ҳамин кор аст

*С. Айнӣ «Дохунда»*

**БИСТАР**

### 251. Дар бистари нози касе парвариш ёфтан

эрка калон шудан, бо ноз, дар неъмату фаровонӣ парвариш дидан.

Қорӣ-Нурулло писари ягонаи ӯ буда, дар бистари нози падару модар парвариш ёфта буд.

*С Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

### 252. Бистари касеро сӯхтан

*Ниг.* Бистари касеро хушк кардан.

— Абдуллобойбачаи ғиҷдувониро надидаӣ? Чанд касро хонавайрон кард, бистари чанд хонаводаро сӯхт...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 253. Бистари касеро хушк кардан

касеро ба қатл расонидан.

1. Маълум мешавад, ки онҳо имшаб шаҳри Ҳисорро тохта, бистари чанд касро хушк карда омаданд.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Зеро агар чизҳо ёфт шаванд, он латтаи баста (мурочиатнома бар зидди амир — *М. Ф.*) ҳам ба даст меафтад, ки ба сабаби он чаллодон ба болои ин ки моро мекушанд, дар шубҳа афтода, бистари нимаи туманро ҳам хушк хоҳанд кард.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

**БОБ**

### 254. Боб кардан

1. касеро шарманда кардан, 2. таъзири касеро додан.

1.— Қирокаши худобехабар шуморо хуб боб кард-а?

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

2. Аскарони сурх босмачиҳоро боб мекунанд.

*«Шуъла»*

### 255. Боб шудан

1. шарманда шудан, 2. чазои худро дидан.

Як руз ба пахтачинӣ баромада баҳои «3» гирифт. Боб шуд.

*Б. Умарӣ «Ду рафиқ»*
*(«Тӯҳфаи чавонон»)*

**БОВАРӢ**

### 256. Бовариам намеояд

бовар карда наметавонам.

Вале бовариаш намеомад, ки чавони дустдоштааш уро фиреб медиҳад.

*«Газетаи муаллимон»*

2. Рости гап, ба ин рафтори ғайриинсонии Қамо-модараш ва холааш бовариам намеомад.

*«Тоҷикистони советӣ*

**БОД**

### 257. Ба бод додан

несту нобуд кардан, исроф намудан.

1.— Агар ба ин гуфта амал намояд, тамом дуруст нашавад ҳам, аз мурдан халос мешавад ва умри дароз

мебинад, вагарна бо андак беэҳтиётӣ ба зуди зиндагии худро ба бод хоҳад дод.

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

2. Пулро ба чор тараф бод медод.

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

БОДИНҶОН

### 258. Бодинҷон арзон, вале харҷако дорад

ҳарҷи ичрои чизе аз худи он чиз зиёд будан, кор саҳл намояд ҳам, лекин харҷу ташвиши зиёд дорад.

1. «Бодинҷон арзон, вале харҷако дорад» ғуфтаанд. Шаробнушиҳои доимӣ ҳам даста-даста червонҳои беҷарди миёнро талаб мекард.

*«Хорпуштак»*

2. Онҳо «сари беғурбатамонро ба ғурбат монда мегардем-ми? бодинҷон арзону харҷако дорад» гуён дасташонро ба оби хунук намезадаанд.

*С. Ғанӣ «Табассум»*

БОЗ

### 259. Боз мондан

даст кашидан.

Бояд мо ба сухани эшон ҳеҷ гуш надиҳем ва бо иғвоҳояшон аз иттиҳод ва иттифоқи худ боз намонем.

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

### 260. Боз онҳо зану шӯ, мо шудем кали мурдашӯ

ба ҷанги зану шӯ мудохила кардан боиси шармандагӣ аст.

— Беҳтар ки равему ба миёни зану шӯ надароем. Беҳуда нагуфтаанд, ки: «Боз онҳо зану шӯ, мо шудем кали мурдашӯ».

*Ҳ. Раҳим ва М. Ғиёс «Гурба ва рашк»*
*(«Истеъдодҳои ҷавонон»)*

### 261. Боз ҳамон тосу ҳамон ҳаммом

ҳеч тағьир наёфтан, дигаргун нашудан, ба аҳволи пештара мондан.

Бисьёр вокеъ мегардад, ки ин гуна одамон ба вазифаи роҳбарии хоҷагии ақибмонда омада се-чор сол кор мекунанду ягон дигаргуние ба вуҷуд оварда наметавонанд, яъне боз ҳамон тосу ҳамон ҳаммом мемонад.

*«Тоҷикистони советӣ»*

**БОЗДИД**

### 262. Боздид намудан

вохӯрӣ кардан.

Қудрат бо модар ва хоҳараш боздид намуд.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

**БОЗОР**

### 263. Бозори касе, чизе авҷ гирифтан

*Нигч.* Бозори чизе гарм будан.

1. Бозори ман (у карасин мефурухт — *М. Ф.)* зуд авҷ гирифт.

*П. Толис «Тобистон»*

2. Дар буфет, дар сари шишаҳои лимонад ва қатори стаканҳои чой бозори гап авҷ гирифт.

*Ҳ. Карим «Ҳикояҳо»*

### 264. Бозор будан

серодам, пурғавғо, пурмағал будани ҷое.

Фабрика не, бозор буд,
Бозори орувон буд.

*Ғ. Мирзо «Қиссаи орувони ҳаромкор»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 265. Бозори чизе гарм будан

дар авҷ будани чизе, ривоҷ доштани чизе; бисьёр толиб, харидор доштан.

1. Дар дигар вилоятҳои қаламрави амир ҳам бозори одамкушӣ гарм аст.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Ӯ ин дафъа бозори зулми худро аз пештара ҳам гармтар кард.

*С. Айнӣ «Исьёни Муқаннаъ»*

### 266. Бозори чизеро гарм кардан

чизеро равнақ, ривоҷ додан.

— Баъд аз мурдани ӯ (Абу Алӣ ибни Сино — *М. Ф.*) хостанд аз номи бузурги ин донишманди ҷаҳонӣ фоида баранд ва ба номи ӯ «кароматҳо» баста бозори мардумфиребии худро боз ҳам гармтар кунанд.

*С. Айнӣ «Шайх-ур-раис Абу Алӣ Сино»*

### 267. Бозори чизе гарм шудан

толиб, харидори зиёд доштан; дар равнақ, авҷ будан.

1. Бозори пахта аз одат берун гарм шуда рафт...

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

2. Имрӯз бозори тамошои Ёдгор гарм шуда буд, вай гоҳо ба даҳони сурох чашм дӯхта аҳволи Регистонро медид, гоҳо ба тарқиши дар гӯш ниҳода, гуфтугузорҳои дар долони арк рафтаистодаро мешунавид.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 268. Бозоргир кардан

ба фурӯш раванда кардан, диққати харидоронро ҷалб мекардагӣ кардан.

— Хайр, бас-дия, ба набераатон ин қадар бино мондед, бозоргир карда фурӯхтанӣ-мӣ?

*Ф. Файзӣ «Модаршу» («Шарқи сурх»)*

### 269. Бозори касе гирифтан

*Ниг.* Бозори касе гарм будан.

Акнун ба азон ва азонгӯйҳо аз ҳар тараф (моҳ гирифта буд — *М. Ф.*) заказ меомад. Як хел нимчамуллоҳо, ки дар вақташ алифро таёқ гуфта, хоки мадраса лесида баромада бошанд ҳам, дар давра аз пушти муллогнашон нон хӯрда наметавонистанд, ҳамин шаб бозори онҳо гирифта монд.

*А. Деҳотӣ «Асарҳои мунтахаб»*

### 270. Бозорро дар миён дидан

фоидаи чизеро баробар тақсим карда гирифтан.

— Набошад ист, ман ғиҷҷакамро гирифта бароям, хамрох бозорро дар миён мебинем.

*«Хорпуштак»*

### 271. Бозори калоба

1. мағал, сершавкун, серғавғо, бесаришта, бетартиб, 2. серодам.

1. Қас гумон мекард, ки ин ҷо бозори калоба аст.

*«Хорпуштак»*

2. Қори дружинаи халқӣ дар райони Душанбе ҳам монанди бозори калоба аст.

*«Хорпуштак»*

### 272. Аз бозор мондан

аз фоида маҳрум мондан; аз чизи муфт бебаҳра мондан.

Инро гуфту рафт саросема доктор,
Гумон мекунед, мемонад аз бозор.

*М. Аминзода «Шеърҳо»*

### 273. Бозори касе тафсидан

*Ниг.* Бозори касе гарм шудан.

Хама (харидорон — *М. Ф.*) худашонро ба тарафи бодиринги ман заданд ва бозори ман зуд тафсида рафт.

*П. Толис «Тобистон»*

### 274. Бозори касе, чизе чаққон будан

*Ниг.* Бозори касе гарм будан.

Шукр бозори тарҷумонҳо чаққон аст...

*А. Деҳотӣ «Паёмҳои дустӣ»*

### 275. Бозори ҷон арзон шудан

одамкуши осон шудан, одамкушӣ авҷ гирифтан.

Дар ним соат босмачӣ монанди муру малах атрофи кишлокро фаро гирифт, бозори ҷон арзон ва кор ба фидоиён гарон шуд...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

**БОЗӢ**

### 276. Бозӣ додан

1. касеро гул кардан, фиреб додан, 2. масхара кардан.

Дигар он ки чаро дӯсти ман маро барои ҳуҷра умедвор карда ба пеши ин гадои бекасукӯй фиристод, ё ин ки ӯ маро бозӣ додан мехост?

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

### 277. Бозӣ дорондан

*Ниг.* Бозӣ додан.

Бо кадом мақсад маро то ин вақт бозӣ доронда гаштед?

*Р. Амонов «Ду қатра ашк»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 278. Бозии касе нагузаштан

пеш нарафтани фанду фиреби касе.

1. — Аммо шумо мехоҳед, ки аз ман ба наваду шаш ҳазор танга ҳар моҳ ду ҳазор танга фонда гиред. Ин бозиатон ба ман намегузарад.

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

2.— Фақат ман аввал бо роҳи хато даромада ошкоро танбалӣ ва вайронкорӣ кардан гирифта будам. Лекин ин бозии ман нагузашт; қариб буд, ки сиррам фош гардад...

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

**БОЙ**

### 279. Чизеро бой додан

чизеро аз даст додан.

1. Ҳар чанд дасти чапи худро бой дода бошад ҳам, аз дигарон қафо намонда дар колхоз кор мекунад.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

2. Вале духтар сипоҳигариро бой надод. гап назад.

*Қ. Наимӣ «Ҳабиба»*
*(«Айёми «о»)*

**БОЛ**

### 280. Болу пар баровардан

1. қувва пайдо намудан, 2. ба ҷушу хуруш омадан.

Болу пар мебаровардаму ба Шуроб, ба суи заминканамон парвоз мекардам.

*Р. Ҷалил «Шуроб»*

### 281. Аз болу пар ҷудо шудан

1. аз фарзанд ҷудо шудан, бе фарзанд гардидан, 2. бе ёру ёвар, бе дастьёр мондан.

Вақте ки амакат ва амакбачагонат асир шуда рафтанд, бечора амак-бобоат аз болу параш ҷудо шуд.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

**БОЛИШТ**

### 282. Ба болиште, ки сар гузоштан ҷоиз нест, сар нагузор

1. коре ки нокарданист, нашояд кард, 2. қадами хӯдро дониста мон.

— Ман ғами туро мехурам! Инро фаҳм, охир! Ба болиште ки сар гузоштан ҷоиз нест, сар нагузор!

*С. Улуғзода ва В. Виткович («Ибни Сино»)*

**БОЛО**

### 283. Қасеро боло бардоштан

1. касеро таърифу тавсиф кардан, 2. мартабаи касеро зиёд кардан.

Баъзеҳо баромада уро чунон боло мебардоштанд, ки ҳатто худаш ҳам тасаввур карда наметавонист.

*Ҷ. Икромӣ «Муҳаббат»*

### 284. Аз болои касе, чизе баромадан

ба болои чизи тайёр расида омадан; ба ҷое омада касеро дар он ҷо дидан.

1. Ман ҳам аз болои Бозор баромада дар ҳайрат афтидам, намедонам, ки ту чӣ фикр мекунӣ?

*С. Айнӣ «Лохунда»*

2. Нақл кард, ки вай барои даст монда гирифтани акти шикасту рехти мактаб ба хонаи Зебӣ рафта, аз болои давраи душманони раис баромад.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

3. Модаруси ҳар дуятон ҳам домодони худро дуст медоштаанд, аз болои ош баромадед.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

### 285. Болоро бод бараду поёнро сел

бепарво, фориғбол будан.

— Ба Арабови мо ҳар пагоҳӣ як коса қаймоқ бошад, бас аст, дигар болоро бод бараду поёнро сел, парвое надорад...

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

### 286. Аз болои бом тароша афтидагӣ барин

нозеб, ночаспон, бемуносибат.

1. Ба ҳар ҳол у гапро аз бом тароша афтидагӣ барин не, балки аз дур оварда, худашро бегуноҳ нишон додани шуд.

*Р. Файзӣ «Модаршу» («Шарқи сурх»)*

2.— Духтарон,— гуфт (дар давоми дарс — *М. Ф.*) у аз бом тароша афтидагӣ барин чашмони тангашро нимпуш карда,— шумо вақте ки мактабро ба охир мерасонед, куртаҳои шоҳӣ, туфлиҳои пошнабаландро пушида, ҳамроҳи ҷавонон ба сайру гашт мебароед.

*«Маориф ва маданият»*

3. Он қисми лекция, ки аз газетаю журналҳо руйнавис карда гирифта шуда буд, андак равон буда, қисме ки худи лектор эҷод кардааст, аз бом тароша афтидагӣ барин туққосзанон ба сари шунавандагон мерасиданд.

*«Хорпуштак»*

### 287. Ба болои чизе бор шудан

ба балои чизе зам шудан, ба ҳисоби чизе даромадан.

Ана ҳамаи инҳо (қарзҳо — *М. Ф.*) ба болои ҳамин ғуза бор шуда монд.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. II*

### 288. Болои гапро кушодан

матлаби рупушидаро ба миён гузоштан.

Чаро шумо ба пеши Шоҳназар барин як одам, ки дар курсҳои шурой хонда вайрон шудааст, рафта болои ин гуна гапро кушодед?

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 289. Болои гапро пушидан

сирреро пушидан; матлаберо пинҳон кардан.

Чизеро ҳис карда болои гапро пушиданӣ шуда...

*А. Қосимов «Ваъдаи бевафо»*

### 290. Аз болои гапи худ баромадан

қавл, ваъдаи худро иҷро намудан, ба қавли худ вафо кардан.

— Мебинем, Шомурод, канӣ чӣ хел аз болои гапатон мебароед?

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

### 291. Боло гирифтан

авҷ гирифтан, зиёд шудан, тараққӣ кардан; ғолиб омадан.

1. Мулло бо ин тасаллӣ кушода нашуд, то рафт оташи ғазаби у боло мегирифт...

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

2. Замони Аҳмад-махдуми Дониш замони бениҳоят пусидани феодализм, боло гирифтани ҷабру зулми амирон, амалдорон ва мустамликачиёни подшоҳӣ бар халқ буд.

*С. Улуғзода «Аҳмади Дониш»*

3. Дар он вақт ҳусни хатти вай бисёр боло гирифта буд.

*С. Улуғзода «Аҳмади Дониш»*

4. Агар норозигии мардум аз ҳокиме ва амалдоре боло гирад, уро аз кор гирифта, ба ҷои вай аз вай бадтарашро мегузорад...

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

### 292. Аз боло гузаштан

дар пешгоҳ нишастан.
Канӣ, аз боло гузаред, хуш омадед!

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 293. Ба болои касе даромадан

1. ба сари ҷамъомаде ё воқеае ҳозир шудан, 2. ба ҷое пахш карда даромадан.

— Эй... магар шумоён дуздӣ ҳам кардаед? — гуфт як камбағал бо оҳанги шухӣ.

— Мо дуздӣ накарда бошем ҳам, ба болои бойҳо, дузд ва босмачиён бо ҳамин роҳ (аз болои девор фаромада омада буданд — *М. Ф.*) даромадем,— гуфт Сафар Ғулом...

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 294. Қасеро болои даст доштан

касеро иззату ҳурмат кардан, эъзозу икром намудан.

Ҳар куҷо ки мерафтем, мардум, колхозчиёни оддӣ, моро болои даст медоштанд, меҳмоннавозӣ мекарданд.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

### 295. Болои дида

марҳамат, қадаматон ба болои чашм (дар мавриди азиз ва киромӣ доштани меҳмон гуфта мешавад).

— Хуш омадетон, болои дида...

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 296. Аз болои (пушти) касе калонӣ кардан

1. ба мансаб ва мартабаи каси наздики худ болидан, ба дастгирии ягон кас умед баста ҳавобаландӣ ва калонигарӣ кардан, 2. аз ҳисоби касе хароҷот ё кайфу сафо кардан.

1. Дар ҳаққи Қутбия: «бадмуомила, бадгап, калонгир ва аз болои падару модараш калонӣ мекунад» мегуфтанд.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо, қ. I»*

2. Муллоҳо ҳозир аз пушти амиру вазир ба болои ҳама калонӣ карда истодаанд.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

3. Ҳушатро ба чояш биёр, амак... Аз болои дигарон калонӣ накун!

*«Маориф ва маданият»*

4. Вай ин қадар айшу ишратро аз болои кӣ мекунад?

*С. Айнӣ «Дохунда»*

## 297. Ба болои кор баромадан

мансабдор шудан, ба сари кор омадан, роҳбариро ба дасти худ гирифтан.

Вале Одилбой бо ҳилаву найранг ва бо ёрии як қисм одамони душман, ки ҳамон вақтҳо ба болои кор баромада гирифта буданд, зиндагӣ карда, ба кори худ давом додан гирифт.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

## 298. Дар болои чизе, касе кор кардан

1. чизеро омухтан, санҷидан, 2. дониши худро зиёд намудан, маълумоти худро такмил додан.

Дар болои худ кор кунам.

*А Баҳорӣ «Одамони шинос»*

## 299. Болои чизе кушода шудан

1. кушода, фош шудани сирре, 2. равшан шудани моҳияти масъала.

Ана акнун болои кор кушода шуд.

*«Хорпуштак»*

## 300. Ба болои мақсад омадан

ба гуфтани асли мақсад оғоз намудан.

Ӯ аз ин тарафу он тараф сухан карда, ба болои мақсад омада гуфт, ки аз ҳамаи саргузашти ман хабардор аст.

*Р. Ҷалил «Ҳамида»*

### 301. Ба болои мурда сад чуб

ба болои мусибат боз мусибат, ба болои нохушӣ боз нохушии нав.

1. Ӯ ба коре даст назада, мероси аз падараш мондаро пеш-пеш фурухта хурдааст, ки дар дасташ танҳо як ҳавлии вайрона монда буд. Дар он миён мани нобино таваллуд ёфтаам, ки ин барои вай «болои мурда сад чуб» шудааст.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III*

2. — Дар ин гуруснагӣ ин қадар роҳи барзиёдро, ки ба касофати Азимшоҳи ту тай кардем, «болои мурда сад чуб шуд».

*С. Айнӣ «Дохунда»*

3. Қори ин руди нав ба болои он харобие ки ба сари мардуми он ҷо аз регпахшкунӣ омада буд, «болои мурда сад чуб» шуд.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. I*

4. Вазифаи мо пеш аз ҳама то имкон ҳаст ин хел рафиқонро тарбия кардан аст, на ин ки ба болои мурда сад чуб гуфта, задан гирем.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

5. — Мо аз асли гап бехабар будаему ба болои мурда сад чуб гуфтагӣ барин Меҳриякро ин қадар азоб додем...

*Р. Амонов «Меҳрӣ» («Шарқи сурх»)*

### 302. Аз (ба) болои касе об(и хунук) рехтан

1. чизеро барҳам додан; ба касе шикаст расондан, 2. касеро аз чизе дилхунук кардан; ҳаваси касеро паст намудан; аз чизе боздоштан.

Ҳозир бошад, ба болои ташаббусашон оби хунук рехтааст.

*«Хорпуштак»*

### 303. Ба болои чизе (хуроке) омадан

*Ниг.* Аз болои касе, чизе баромадан.

— Ба болои шурбо омада мондед,— гуфт Афандӣ.— Акнун бо ҳам мебинем.

*«Хорпуштак»*

### 304. Болои нур нур пошидан

ба ҳусни чизе ҳусн зам кардан, чизеро боз ҳам зеботар кардан.

Шоир ҳам ин ҳусни хотимаи мазмунии достонро бо як ҳусни хотимаи шоиронаи халқӣ ороиш медиҳад, ки ин ба болои нур нур мепошад.

*С. Айнӣ «Мирзо Абдулқодири Бедил»*

### 305. Аз болои чизе, касе паридан

*Ниг.* Аз болои (пушти) касе, чизе калонӣ кардан.

1. Барои чӣ аз болои пули падар ва раҳмдилии модар паридед?

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

2. Дилором... ялмоғузатон кайҳо хуроки мору каждумҳо шуда рафт, боз аз болои ки мепаред?

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 306. Болои чизеро пушидан

сиррero пушидан, пинҳон доштан.

Эшони ноиб ҳам фуқародори карда болои ин корро пушондан хостанд.

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

### 307. Боло рафтан

1. ривоҷу равнақ ёфтан, пеш рафтан, тараққӣ кардан, 2. калонигарӣ кардан; дар коре муболиға ва ифрот кардан.

1. Дар соли таҳсили 1895—96 корҳои дарсхонӣ ва адабии ман хеле боло рафт.

*С. Айнӣ «Мухтасар тарҷимаи ҳоли худам»*

2. Масалан, касе лоф занад, яке аз онҳо мегуфт: «Бисьёр боло нарав, ки аз баландӣ афтодагон аз ҷояшон хеста наметавонанд!»

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

3. Пас аз он аҳволи моддии халқ якбора боз боло меравад.

*Ҷ. Икромӣ «Аз Душанбе то ба Киев» («Шарқи сурх»)*

4. Ҳеҷ набошад даҳцентнери зиёд медиҳем. Ниҳоли пахтаро намебинед, аз вазнинии бор коматаш ҳам шуда мондааст.

— Ин қадар боло нарав,— бо оҳанги ранҷиш гуфт Зокир.

*«Тоҷикистони советӣ»*

## 308. Бар болои реш намак рехтан

*Ниг.* Ба болои сухта намакоб.

— Гирья чӣ лозим?.. бар болои решам намак нарез!..

*М. Миршакар «Қишлоқи тиллоӣ»*

## 309. Дар болои чизе рост истодан

ба андак чиз хасисӣ кардан.

1. Худи аз кисаи худашон медодагӣ барин дар болои як тин рост меистанд, раис.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

2. Дар Бухоро Боқимумсик ном бои хасиси чиркидандонхӯре буд, ки дар болои як мирӣ пул рост меистод.

*«Латифаҳои тоҷикӣ»*

## 310. Болои роҳ

*Ниг.* Сари роҳ.

Пагоҳ барвақттар баромада, болои роҳ ба ҳавлии шумо даромада, баъд қатӣ-қатӣ ба чашмаи Айюб меравем.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

## 311. Болои сар бардоштан (касеро)

касеро аз ҳад зиёд иззату ҳурмат намудан; навозиш кардан.

1. — Ана, шуморо ҳама ҳурмат мекунад. Ман бошам, ба болои сарам мебардорам.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

2. Вай ҳануз дар аввалин аризаи худ изҳор кардааст, ки ӯ кӯдаки оддӣ набуда, балки бузургворзодае будааст, барои ҳамин ӯро доимо ба болои сар бардошта гаштан лозим.

*«Хорзуштак»*

### 312. Ба болои сари касе баромадан

касеро зери дасти худ карда гирифтан, касеро мутеи худ намудан, ба касе фармонравоӣ кардан.

1. Ман, ки гап назада, фақат ба вазифаи завхозӣ қаноат карда гаштам, акнун ба болои сарам баромадан мехоҳад, набошад ҳамин завхозӣ ҳам кор-мӣ?

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

2. Гап назанам ба болои сарам баромаданӣ аст...

*К. Наимӣ «Ман бо шумо»*

### 313. Аз болои чизе сарсарӣ гузаштан

ба моҳияти чизе диққат накардан, ба чизе руякӣ нигоҳ кардан.

Мо се сол боз дар ин мактабхон миёна хонем ҳам, аз болои ин гуна масъалаҳо сарсарӣ гузаштем.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 314. Болои сӯхта намакоб

як азобу уқубат ду шудан, ба болои як мусибат мусибати дигар омадан.

1. «Ба болои сӯхта намакоб» омад: бороне ки аввал дона-дона сар шуда буд, дар як дақиқа, чунон ки аз сӯи ҳаво фаввора сар дода бошанд, шуррос зада боридан гирифт.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

2. Ӯ дар рӯзҳои охир хароботар шуда, бо ифодаи халқӣ, ба дандонков мубаддал шуда буд. «Болои сӯхта намакоб» приставн силтабиати дилтанг уро зур зада аз ҳаллочӣ мегузаронду дар пеши назари ҳама обу адо мекард.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

3. Ман ба як гапи кали Замони найрангбоз даромада шармандаву расво шудагем бас набуд, ки боз шумо ба газетаи девориатон навиштаед? Ин кори шумо ба болои сухта намакоб шуд.

*Б. Азизӣ «Бедонабозӣ»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 315. Аз болои уштур алаф даравидан

фармонфармоӣ, калонигарӣ кардан.

— Ҳой олуфтаи чамбаршох! Тамоми сол аз болои уштур алаф даравида, доимо кори имрузаро ба фардо мегузоштӣ.

*«Хорпуштак»*

### 316. Аз болои уштур ба чизе нигоҳ кардан

1. ба чизе бедиққатона, дилсардона нигоҳ кардан, 2. моҳият ва мазмуни чизе ё ҳодисаеро дуруст нафаҳмида хулоса баровардан.

Бисьёр рассомон ба ҳаёт аз болои уштур нигоҳ мекунанд, пасту баландиҳои онро намеомузанд...

*«Хорпуштак»*

### 317. Дар болои худ кор кардан

барои бардоштани савияи илмии худ мунтазам кор кардан, омузишро давом кунонидан.

Ман бояд хонам, омузам, устуворона ва мунтазам омузам, дар болои худ кор кунам.

*А. Баҳорӣ «Одамони шинос»*

### 318. Болои чашм

ба ҷону дил (дар мавриди изҳори итоат кор фармуда мешавад).

— Хайр, ба мир салом ва пайғоми маро расонед.

— Болои чашм!

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид»*

### 319. Дар болои қаҳр (ғазаб, чаҳл)

дар вақти қаҳр, дар сари чаҳл.

1. «Мон, хафа нашав, дар болои қаҳр аз даҳонам баромада рафт» мегуфт.

*Р. Файзӣ «Зебо» («Шарқи сурх»)*

2. Вай дар болои қаҳру ғазаб чунин мепиндошт, ки акнун фарзанди худаш... ба руяш по монда истодааст.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

### 320. Ба болои касе ҳафтларз будан

ба касе сахт ғамхорӣ, парасторӣ кардан.

Охир, ман чиян, ман аъзои оила, ман «фарзанд»... аз ин чиҳат тағои ман бояд ба болои ман ҳафтларз бошад, бояд саломатӣ ва тандурустии маро хоҳад.

*Ч. Икромӣ «Тори анкабут»*

### 321. Аз болои ҳунар нон хурдан

аз ҳисоби бозьёфти ҳунари худ зиндагӣ кардан.

Муқим бошад, аз болои ҳунараш нон мехурад.

*Ч. Икромӣ «Шодӣ»*

**БОЛОБАРДОР**

### 322. Касеро болобардор кардан

касеро таърифу тавсиф кардан.

1. — Ин қадар болобардор накунед, ман худамро гум карда мемонам.

*С. Ғанӣ «Табассум»*

2. Одил Саркор аз ҳушьёрӣ ва пухтагапии қаровул шод шуда, уро болобардор мекард.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», к I*

**БОЛОДАСТ**

### 323. Болодаст шудан

1. ғолиб гардидан, пешдаст шудан, 2. гапи худро мегузарондагӣ шудан.

1. Ҳар касе ки дар таги чимилиқ аввалин бор пои тарафашро зер кунад, гуё дар зиндагӣ низ болодаст мешудааст.

*Ч. Икромӣ «Духтари оташ»*

2. — Аввалаш ин ки болодаст шуданатон гумон!

*Ҷ. Икромӣ «Ситора»*
*(«Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

### 324. Болодастӣ дар тарафи касе шудан

муваффақият, ғалаба дар тарафи касе шудан.

— Агар худо накарда болодастӣ дар тарафи онхо шавад, лозим мешавад, ки тарки ватан кунам.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. I*

**БОЛОКОРӢ**

### 325. Ба болокорӣ

*Ниг.* Болокории ин.

Зимистон Раҳимҷон ба тангӣ афтода монд. Ба болокорӣ модари кампираш мурду азову такфин боиси хароҷоти зиёде шуд.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

### 326. Ба болокории ин

ба болои ин, илова бар ин, ба замми ин.

1. Чунон монда шудам, ки... ба болокории ин боз гармии ҳаво...

*С. Ғанӣ «Табассум»*

2. Ба болокории ин, беғамии у як балои дигар.

*«Тоҷикистони советӣ»*

**БОМ**

### 327. Касеро боми пастак кардан

касеро зери даст кардан, гапдарои худ намудан, ба итоати худ даровардан.

— Дугонаҷон, маро ин занаки шаттоҳ хуб боми пастак карда буд. Раваду гапи гуфтаашро тезтар буд накунам, хонаро ба сараш мебардорад.

*«Маориф ва маданият»*

### 328. Боми ҳар кас беш — барфаш ҳам бештар

оила, хоҷагии калонро ташвиш ҳам зиёд.

Боми ҳар кас беш—барфаш ҳам бештар гуфтаанд. Мебоист ба ин колхоз диққати зиёд дода мешуд...

*«Хорпуштак»*

## БОР

### 329. Бор ба манзил нарасидан

ба мақсад муваффақ нашудан, ҳосил нашудани мақсад.

1. Дар роҳи вайрон кардани он сахт ва пойдор исти, як кор карда метавонӣ, агар ту танҳо барои чашмони сиёҳ ва абрувони сиёҳи... ман кор кунӣ, ин борро ба манзил расонида наметавонӣ.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

2. Мабодо дар мизоҷи шариф оразе руй диҳад, дар он сурат кори мо тамоман бурида шуда, борамон ба манзил нарасида мемонад.

*С. Айнӣ «Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ»*

### 330. Бор вазнин мешавад

мушкилтар шудани кор; бад гардидани вазъияти касе.

— Ҳар руз, ҳар соате ки мегузарад, борат вазнинтар мешавад.

*Ҷ. Икромӣ «Дохунда»*
*(«Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

### 331. Бор дар борхона азиз

ҳар чиз дар ҷояш хуб, ҳар чиз дар мавридаш беҳ, ҳар кас барои наздиконаш азиз.

Ғаму ғусса, асирию шаллоқ як тараф буду ёди ин ятимчаҳо як тараф. «Бор дар борхона азиз»...як дам ғанаб кунам, ба хоб ҳаминҳо медароянду як нафас чашм пушида истам, ба назарам ҳаминҳо меомаданд.

*Р. Ҷалил «Ҳамида»*

### 332. Бори касе дар мобайни роҳ намемонад

мададгор, дастгирикунандае ёфт мешавад.

Ман барин падар дошта бошӣ, борат ҳеҷ гоҳ дар мобайни роҳ нахоҳад монд, ҷон гараву ҷома гарав, баъди ду-се рӯз бароварда (аз ҳабс — *М. Ф.*) мегирем.

*«Хорпуштак»*

### 333. Бори мусофир дар кӯча намемонад

ба ҳар касе дар вазъияти бад мададгору хайрхоҳе ёфт мешавад, дар вақти дармондагӣ дастгирикунандае пайдо мешавад.

— Лекин борамон вазнин шуд.

— «Бори мусофир дар кӯча намемонад» гуфтаанд,— дилдори дод пирамард.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

**БОРОН**

### 334. Аз борон гурехта ба новадон (ҷола) дучор шудан (афтидан, вохӯрдан)

аз як бало, азобу уқубат халосӣ ёфта ба дигаре гирифтор шудан.

1. Ман бо чӣ умедҳо сарбоз шуда будам ва аз пешам чи фалокатҳо баромад, ман аз дасти Азимшоҳ гурехта ба доми амир афтодам, гӯё «аз борон гурехта, ба новадон дучор шудам»...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. — Ӯ одами ростқавл, соддаи зудбовар аст, бинобар ин аз қабили «аз борон гурехта ба новадон афтодан», аз судхӯрони саҳро гурехта ба доми шумо афтодааст.

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

3. Мирсаидтағо худ ба худ ғут-ғут карда, «аз борон гурехта ба ҷола вохӯрдам» гуён пули чойро ба руи лаъли гузошту аз ҷояш хестанӣ шуд.

*«Маориф ва маданият»*

### 335. Борони суол

суоли пайпай.

Дигарон бо борони суолҳо вайро аз ҷонаш сер карданд.

*Ҳ. Карим «Ҳикояҳо»*

**БОСАР**

### 336. Босару сомон будан

босаришта, дар кори рузғор моҳир.

Зани меҳрубону босару сомон буд.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

**БОФАНДА**

### 337. Бофанда — кафангадо

ҳунарманд аз маҳсули ҳунари худ маҳрум, доимо дар эҳтиёҷ.

Чуноне ки дар зарбулмасали он замон гуфта мешуд: «кулол дар мундӣ об мехураду бофанда — кафангадо», хонаи у ҳатто аз чизу чораҳое ҳам, ки худи у месохт, таъмин набуд.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

**БОФТА**

### 338. Бофта баровардан

хаёл карда баровардан, аз худ баровардан, дуруғ бофтан.

Шояд инро Муслима барои қасосгирӣ бофта бароварда бошад...

*«Маориф ва маданият»*

**БОШАД**

### 339. Бошад будагист

эҳтимол, шояд, мумкин аст, ки...

— Ана он аскарбачаро бинед. Моро аз Оҳангари гузаронида мондагӣ ҳамин не-мӣ?..

— Бошад будагист,— гуфту рафтан гирифт...

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии м...»*

### 340. Бояду шояд

ба дараҷаи лозимӣ, кофӣ, чунон ки мебояд; нағзакак,

1. Албатта, Низомулмулк, баъд аз ба кори вазорат мустақил шуданаш, аз Маҷиддидин бояду шояд интиқом гирифта, молҳои у ва наздикони уро мусодира кард.

*С. Айнӣ «Алишер Навоӣ»*

2. Бале, ҳамон оташе, ки дар вақташ Восеъ барин диловарон афрухта буданду аз боди тунди рузгор ба тарзи бояду шояд рушноӣ ва ҳарорат дода натавониста буд...

*Ҷ. Икромӣ ва А. Одинцов «Аҷоиботи сафар» («Шарқи сурх»)*

3. Бодиққат парвариш кардани пахтаро бояду шояд пухта омухтан.„

*Ф. Ниёзӣ «Духтари ҳамсоя»*

**БОҒ**

### 341. Аз боғу роғ

*Ниг.* Яке аз боғу яке аз роғ.

Раис ба саломи Хабиба оҳиста алек гирифту зуд трубкаи телефонро бардошт ва аз боғу роғ гап кушод.

*К. Наимӣ «Ҳабиба» («Айёми мо»)*

**БОҲАМ**

### 342. Боҳам дидан

1. чизеро дар байни худ тақсим кардан; ҳамроҳ хурдан, 2. аз манфиати чизе баробар истифода кардан.

1. Як лаби нони бозьёфти худро бо онҳо боҳам мебинад.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

2.— Ба болои шурбо омада мондед,— гуфт Афандӣ,— акнун боҳам мебинем.

*«Хорпуштак»*

**БУБИН**

### 343. Бубин тафовути раҳ аз куҷост то ба куҷо

дар байни ду чиз, ду кас, фарқ калон, фарқ аз замин то осмон, фарқи қиёснопазир.

1. Донишеро, ки донишкадаҳои мо медиҳанд, ба дониши мактабҳои кӯҳна медодагӣ магар муқоиса кардан мумкин аст? «Бубин тафовути раҳ аз куҷост то ба куҷо!»

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

2.— «Бубин тафовути раҳ аз куҷост то ба куҷо!» гуфтанӣ ҳастед. Аммо, бобо, мобайн он қадар дур не. Биёяду биёяд, ним фарсанг меояд.

*Р. Ҷалил «Субҳи саҳро»*
*(«Шарқи сурх»)*

**БУД**

### 344. Буду бори касе

*Ниг.* буду шуд.

Буду бораш аз ҳаёти панҷоҳу чанд солааш як нафар писари ба қад расидааш... Солеҳ буд...

*«Барои адабиёти социалистӣ»*

### 345. Буди гап

*Ниг.* Буду шуди гап.

— Оре, буди гап ҳамин.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. 1*

### 346. Буду нобуд

молу мулк, чизу чора; ҳастӣ, дору нодор.

1. Кам-кам ҷуфти гов ва асбоби деҳқонӣ ҳам аз дасти падарам ба дасти бой мегузарад, падарам, ки буду нобудаш аз даст рафта, дасту пояш аз замину осмон меканад, ночор ба хизмати бой медарояд...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Охир, ҳамаи буду нобуд, хурсандӣ ва шодкомии Савсан шавҳараш буд-ку!

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

### 347. Буду шуд

1. ҳама чиз, ҳамаи дорой, молу мулк, пулу давлат, чизу чора, ҳастӣ; 2. моҳият.

1. Босмачиён ҳамаи буду шуди онҳоро кашида гирифта буданд.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. I*

2. Падар буду шудашро барои хонондани онҳо сарф кард...

*«Тоҷикистони советӣ»*

3.— Хеле худдонам,— илова намуд Искандаров.
— Бале, буду шуди ман ҳамин.

*А. Сидқӣ «Ҷӯрасаркор» («Айёми мо»)*

4.— Ҳамин-мӣ буду шуди ҳунаратон? Бо ҳамин умед шуморо домод кардани будам-мӣ.

### 348. Буду шуди гап

ҳамаи гап, тамоми воқеа; мақсад.

1. Вай буду шуди гапро гуфтанӣ буд...

*Р. Ҷалил «Гулрӯ»*

2. Ман ба вай буду шуди гапро гуфтам...

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

**БУДААСТ**

### 349. Будааст, набудааст (буд, набуд)

формулаи оғози афсонаҳо, сарафсона.
Будааст, набудааст як рубоҳ будааст.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

**БУДАГӢ**

### 350. Будагӣ гап

бечуну чаро, ҳатман, албатта, муқаррар.
— Планп пахтаро ба 150 фоиз расониданамон будагӣ гап!

*Ҷ. Икромӣ «Як қаҳрамони асри мо»*

### 351. Будагию шудагиаш

ҷамъаш, ҳамааш.

— Ҳисоб кардед-мӣ?

— Будагию шудагиаш ҳамин 95 процент...

*Қ. Наимӣ «Тағьирот»*
*(«Шарқи сурх»)*

**БУЗ**

### 352. Буз агар хирман мекуфт (кубад), ҳоҷати барзагов набуд

ҳар кас мувофиқи қобилияти худаш кор мекунад, аз уҳдаи кори мушкил танҳо кордон мебарояд.

1. Ба ёдам меояд, ки духтари яке аз ҳамсоябоғҳои мо ба каландзанӣ ва кишту кор ҳаваси калон дошт. Аммо падари хурофотпарвараш вайро манъ карда, писхандкунон гуфт:

— Аз чарху дукат намон! «Буз агар хирман кӯбад ҳоҷати барзагов набуд» гуфтаанд.

*А. Деҳотӣ «Гвардиячиёни меҳнат»*
*(«Роҳи пуршараф»)*

2. — Дигарон ҳам номи хизматгорӣ доранд ва нону намаки шуморо мехӯранд, ба онҳо ҳам кор фармоед, гуфта густохӣ кардам. Ҷаноби мир: — Алимардон дар дунъё дута нест, «ҳар буз агар хирман мекуфт, ҳоҷати барзагов набуд» — гуфта аз уҳдабароии ман хурсанд буданашонро маълум карданд.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 353. Буз барин бозӣ доштан (дорондан)

1. касеро масхара доштан, 2. сарсону саргардон кардан.

1. Агар ин Пулод дар ҳамин шаҳр сари ягон кори калонтарро гирифта монад, одамонро, ки ба вай маъқул намешаванд, буз барин бозӣ медорад.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. II*

2. — Мана акнун мо онҳоро буз барин бозӣ медоронем.

*Қ. Носиров «Орият»*

### 354. Бузро бо (аз) пои худаш меовезанд, гусфандро бо пои худаш

ҳар кас ба кардаи худаш ҷавобгар аст, гуноҳи ҳар кас ба сари худи он, на ба сари каси дигар.

1. — Ёдгор! Чаро дам намезанӣ, магар сухани падаратро дар нафаси вопасинаш ба замин мемонӣ?

—...«Бузро бо пои худаш меовезанд, гусфандро бо пои худаш», агар падарам қарздор бошад, ба ман чӣ? — гуфт.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. — «Бузро аз пои худаш меовезанд, гусфандро ҳам аз пои худаш» гуфтаанд одамони таҷрибакор... агар муллоён ин корро ноҳақ карда истода бошанд, «гӯри худашону аъмоли худашон», баману ту чӣ?..

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

### 355. Бузро (дар) ғами ҷон, қассобро (дар) ғами чарбу

ҳар кас дар ғами худ, ба ҳар кас манфиати худаш манзур.

1. — Албатта, то ҷон дорам, хизмат мекунам; барои ман додарам беҳтар шавад, мешавад, ҳамин вақт молу чиз ба назарам наменамояд.

— Ин эшон аз эшонҳои муқаррарӣ не, ин кас як эшони бисьёр калонанд, ба ин кас қушбегии Ҳисор ва ҷаноби олӣ муриданд, агар ин касро ба хонаат барӣ, ҳеҷ набошад, як асп савор карданат даркор аст, ва ҳол он ки ту асп надорӣ.

— Аспам набошад, модагов ва барзаговам ҳаст, беҷорапарварӣ кунанд, бо маслиҳати шумо «ҷон гарав, ҷома гарав», як навъ карда хурсанд мекунам.

— Яке аз барзаговонро назр карданӣ шавӣ, ман гирифта мебарам.

Ятими бой Зуфар, ки дар пеши роҳрав истода буд, худ ба худ ба зери лаб:

— «Буза ғами ҷон, қассоба ғами чарбу»,— гуфт.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. — Ҳар кас дар ғами худ. Бузро ғами ҷон, қассобро ғами чарбу... «Қасби ман табобат аст, на тиҷорат». Баъд ман ваъда додаам, ки сирри ин доруро ошкор кунам.

*С. Улуғзода ва В. Виткович*
*«Ибни Сино»*

3. «Буз дар ғами ҷон, қассоб дар ғами чарбу!» мегӯянд, рост аст. Ҳануз кампир намурдааст, Фируза ҳам бекас намондааст, аммо оқсаққол аз ҳоло дар паи фурӯхтани вай ва ба даст даровардани «маблағ» аст.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

**БУЗАК**

**356. Бузак (бузам, бузакам) намур, ки баҳор меояд**

ваъдаи хом, ваъдаи хушку холӣ, ваъдае ки иҷроаш амри маҳол аст.

1. Бузак намур, ки баҳор меояд! То қарзи ту баробар шудана думи уштур ба замин мерасад.

*Ҷ. Икромӣ «Дохунда»*
*(«Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

2. — Имсол правленияи колхоз маро ба Москва фиристоданӣ аст...

— «Бузакам намур, ки баҳор меояд, алаф мехурӣ»,— гуфтаанд, имсол тирамоҳ будагист, то тирамоҳ кӣ ҳасту кӣ нест.

*«Барои адабиёти социалистӣ»*

3. — У-у-у...— сар хорид Ашрафпартизан,— «бузам намур, ки баҳор мешаваду алаф мехурӣ»... Қай онро заказ мекунию кай меравию кай мебиёрӣ...

*П. Толис «Ҷавонӣ»*

**БУЗБОЗӢ**

**357. Бузбозиро бас кардан**

ҳилаю найрангбозиро бас кардан.

— Ҳамшира,— сар кард Эшонхуҷа,— бузбозиро бас кунед. Агар гап таъсир накунад, ман аз уҳдаи ҳар чӣ баромада метавонам... ҳа, метавонам.

*Қ. Наимӣ «Рузи равшан»*

**БУЗДИЛ**

### 358. Буздил будан

тарсончак будан.

— Рустам! Номат Рустам бошад ҳам, аз занат ҳам буздилтар будаӣ!

*С. Айнӣ «Дохунда»*

**БУЗДИЛӢ**

### 359. Буздилӣ кардан

тарсончакӣ кардан.

1. — Буздилӣ мекунед? — заҳрханда кард шоҳ дар ҷавоби илтимоси вазир.

*Р. Ҷалил «Ҳамида»*

2. — Абдусалом, ҷаро ту буздилӣ карда истодаӣ, ё аз имтиҳонҳои қабулӣ метарсӣ?..

*«Маориф ва маданият»*

**БУЗЕ**

### 360. Бузе надорам дар рама, не ғам дорам, не ғамхона

касе ки молу чиз надорад, ғаму ташвиши онро ҳам надорад.

1. Ман гуфтам, ки, бародар, ман чӣ дораму кӣ дорам, ки гурезам, бузе надорам дар рама, не ғам дорам, не ғамхона!

*Ҷ. Икромӣ «Тори анкабут»*

2. Магар Махсумов ба зан гирифтан тан додааст? Не, вай аз ин хел зотҳо нест. Охир, ҳануз дар вақтҳои ҳамроҳ кор карданашон вирди забони Мухтор ҳамеша ҳамин шиор буд: «Ман зан намегирам — бузе надорам, дар рама, не ғам дорам, не ғамхона!»

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

**БУЗУРГОН**

### 361. Бузургон дер оянд

агар касе ба ҷое дер карда ояд, ба тариқи шӯхӣ мегӯянд.

Ё мухбир ба зарбулмасали «бузургон дер оянд» риоя карда, дер меомада бошад-мӣ?

*Ҳ. Содиқ «Саркор ва мухбир»*
*(«Овози ҷавонон»)*

**БУЛБУЛ**

### 362. Булбул аз хонаи акка

*Ниг.* Аз аккахона булбул руидан.

— Тақсир, духтари Рустам хеле соҳибҷамол шудааст-мӣ? «Булбул аз хонаи акка»...

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид»*

### 363. Булбули гуё шудан

1. суханварӣ кардан, бисьёр гап задан, сергап шудан, 2. суруд хондан.

1. Бе ту дар тую тамошоҳо шудам,
Бе ту гоҳо булбули гуё шудам...

*М. Турсунзода «Асарҳои мунтахаб»*

2. Магар дар куҷо буданашро фаромуш кард, ки ин хел булбули гуё шуда монд, дар пеши ин одами муъта бар хомуш буданаш магар беҳтар набуд?!

*Р. Амонов «Дар доманаи куҳҳои кабуд»*

### 364. Булбули касе хондан

*Ниг.* Булбули касе гуё шудан.

Имруз булбулатон хонда истодааст, плани пилла иҷро шуд-дия!

*А. Деҳотӣ ва Б. Раҳим*
*«Фоизҷон Таърифхуҷаев»*
*(«Маҷмуаи пьесаҳои якпардагӣ»)*

### 365. Булбули шайдо шудан

ошиқ шудан, ошиқи беқарор гардидан.

Вай дар он ҷо ба Оим Абдуллоева ном духтаре дом партофта, шабу руз булбули шайдо шуда гашт.

*«Хорпуштак»*

**БУН**

### 366. Ба буни гардан фаровардан

1. ба паси гардани касе задан, 2. касеро сарзаниш, танбеҳ кардан.

То ба буни ғарданат нафаровардаид, иқрор нашудӣ...

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

**БУРД**

### 367. Бурд кардан

фоида ба даст овардан, кори худро пеш бурдан.

Ака гуед, ука гуед, як навъ карда кори худатонро пеш бурдан гиред; ана дар ҳамин вақт бурд мекунед...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 368 Бурду бойшуда

пули бурду бохтшуда дар аснои гаравбандӣ ва қимор.

Ҳарифон бо якдигар гарав мебастанд ва тамошобинон бологарав мемонданд, ки дар натиҷа маблағи бисьёр бурду бой шуд.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. I*

### 369. Бурду овард кардан

чиз дода чиз гирифтан.

Ман ҳеҷ вақт ин ятимаи бекасро ба худ келин намекунам, келини мо бояд ба худи мо муносиб бошад, туққуз фиристонем, туй фиристонем, бурду овард кунем...

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

**БУРРАНДА**

### 370. Буррандаю дузанда

каси балабу даҳан, гапгузарон; гапдон.

— Магар дар ин хона ягон зани буррандаю дузанда нест, ки ин духтарро ба гап дарорад?

*Ҷ. Икромӣ «Дохунда»*
*(«Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

**БУРУТ**

### 371. Бурути касеро табар набуридан

мағрур, ҳавобаланд будан, аз касе бок надоштан.

1. — Замона ҳар касро нарм мекунад, — гуфт Қулмурод, — дар замони амир бурути инро табар ҳам намебурид. Пас аз инқилоб хеле нарм шуда мондааст.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

2. Чубакова ҳис кард, ки бурути Ҷабборовро табар намебурад.

*«Тоҷикистони советӣ»*

**БУХС**

### 372. Бухси (буғзи) дилро баровардан

аз хафагӣ, ғамгинӣ фориғ гардидан; дил холӣ кардан, ҳасрат карда тасалло гирифтан.

Ба як тарафи ҳавлӣ рафту андак ашк рехт ва бухси дилашро баровард.

*«Тоҷикистони советӣ»*

**БУҒ**

### 373. Буғи корро баровардан

сирри чизеро ошкор кардан.

Ҳанифа худро таскин дода, ба ҳамин хулоса омад, ки то рафтанаш ба назди падару модари худ буғи корро набарорад.

*Л. Саид «Фарзанди ҳазрати Одам»*
*(«Шарқи сурх»)*

**БУҶУЛ**

### 374. Буҷули касе олчӣ хестан (омадан)

кори касе ба муваффақият ру овардан, кори касе пеш рафтан, бахти касе тофтан.

1. Вақте ки бо ифодаи худи у «буҷулаш олчӣ омада» пулдор мешуд, калон-калон мехурд ва мепушид.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. II*

2. Акнун, чи хеле ки мегӯянд, «бучули Маъмуров олчӣ хеста буд». Охир, духтаре ки ӯ як ҳафта пеш дида, ба вай «ошиқи шайдо» шуда буд, имрӯз ба пои худаш ба пеши ӯ даромада омад ва аз ӯ ёрӣ мепурсад.

*Р. Ҳайдаров «Ду дилдода» («Шарқи сурх»)*

**БУҶУЛАК**

### 375. Ба буҷулаки пои касе баробар шуда тавонистан

дар коре ба касе баробар шуда тавонистан, ба касе ҳамто ва ҳампоя шуда тавонистан.

1. Дар коргурезӣ дар ин гирду атроф касе набуд, ки ақаллан ба буҷулаки пои ӯ баробар шуда тавонад.

*С. Ғанӣ «Табассум»*

2. — Э, мегӯянд, ки дар дуздию гургӣ ҳеҷ кас ба буҷулаки пои вай баробар шуда наметавонистааст.

*«Хорпуштак»*

**БУЙ (БУ)**

### 376. Бу гуфтан

1. муттаҳамӣ кардан, мункир шудан, 2. таслим шудан (дар қиморбозӣ).

Қошкӣ он пули ба чизе наарзандаро надода, монанди қиморбозони номард «бу» мегуфтанд...

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

### 377. Буи чизеро баровардан

сирреро ошкор намудан; дар бораи чизи номаълуме гап задан.

1. — Ҳаргиз буи ин тӯҳфаро ба пеши младший лейтенант набаоред...

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

2. Ба ҳеҷ кас бӯяшро набароваред. «Саги худам, хоназод» гуед.

*«Машъал»*

### 378. Буи чизе баромадан

ошкор, маълум шудан, хабари чизе ба гӯш расидан.
Агар мувофиқи эҳтимоли шумо дар ҳақиқат дар ҳамин ҷо ё дар атроф бошад, имрӯз-фардо бӯяш мебарояд.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. II*

### 379. Бӯй бурдан

пай бурдан, донистан.
Раҳими Қанд аз ин гуфтаҳои ман нисбат ба ҳикояи худ нобовариро бӯй бурда якбора ба шӯр омад...

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

### 380. Буи чизеро гирифтан

хабари чизеро шунидан, аз чизе бохабар шудан, чизеро пай бурдан.
Аҷаб не ки онҳо буи ягон тӯи равғанинро гирифта бошанд.

*«Хорпуштак»*

### 381. Буи чизе ёфт шудан

дараки чизе ёфт шудан.
— Чӣ?.. аз ягон ҷой бӯяш ёфт шуд-мӣ?

*С. Саидмӯродов ва И. Исмоилов «Туҳмат»*

### 382. Буи кабоби равғанӣ омадан

осори кори фоиданокеро фаҳмидан.
Номи автомобили «ЗИС»-ро фаҳмида, Мухтор зуд ҳис кард, ки буи кабоби равғанӣ меояд.

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

### 383. Буи мушк пинҳон намемонад

ҳеҷ сирре, амали хуб ё бад пинҳон нахоҳад монд.
Аммо то ба кай мегурезад? Осиёбон Саломатшоҳ беҳуда намегуфт, ки «буи мушк пинҳон намемонад».

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

### 384. Аз касе буи неки наомадан

қобили некукорӣ набудани касе, аз касе умеди некӣ набудан.

— Инро яқин донед, ки аз онҳо ҳеч гоҳ буи некӣ намеояд.

*Ҳ. Назаров «Дар ҷустуҷуи Карим-Девона»*

### 385. Буи пилта баромадан

ошкор шудани сирре.

Вай нав доду бедод карда омад, қариб буд, ки буи пилта барояд, ҳар чи ба зуди Фатҳуллоҳ иморо гирифт, ки хокпуш карда гузарондем.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 386. Буи пилтаро фаҳмидан

сирри ҳодисаеро донистан, пай бурдан ба чизе.

1. Навкаронаш диданд, ки вай мехоҳад ба Афғонистон гурезад, хостанд ӯро дастгир карда бо дасти худ ба ҳукумат пешкаш кунанд ва бо ин восила афви гуноҳи худро талабанд, аммо Фузайл «буи пилтаро фаҳмида» барои ин кор фурсат надода, бо бародари худ Садод ва се одами дигараш шабошаб аз об гузашта ба тарафи Афғонистон бадар рафт.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. — Магар солдатон буи пилтаро фаҳмидаанд, ки роҳбари худашонро кушта партофтаанд, акнун худамонро дар гӯшаи дигаре кашиданамон даркор аст.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 387. Буи умед будан

ноумед нашудан, ба шудани коре ҷои умед будан.

1. — Додош, чӣ даъво кунам? Ягон буи умед ҳаст-мӣ?

*Қ. Наимӣ «Роҳи дуруст»*
*(«Шарқи сурх»)*

2. — Эй домулло, аз ин колхозчиҳо акнун бӯи умед нест.

*«Хорпуштак»*

### 388. Бӯи чизеро фаҳмидан (шунидан)

чизеро донистан, ба чизе пай бурдан.

1. — Ман бӯи ин духобаро шаб фаҳмида будам...

*«Тоҷикистон»*

2. — Оббо, кӯри фаранг-е, ту ҳам бӯи тӯйро шунавидай...

*«Хорпуштак»*

3. Аз барои як даҳон нон гӯсфандвор боз ҳар ҷо, ки бӯи коре шунаванд, мерафтанд.

*Ҳ. Ирфон «Ду ёр аз ду диёр»*
*(«Шарқи сурх»)*

## БӮРЬЁКӮБОН

### 389. Бӯрьёкӯбон кардан

ба муносибати кӯчидан ба манзили нав зиёфат оростан.

Падари Ҳалимҷон хона гирифтаанд. Имшаб бӯрьёкӯбон мекунанд.

*«Пионер»*

## БӮСА

### 390. Бӯса задан

бӯсидан.

Пиразан аз ҷой ба таъзим ҷаст,
Бӯса зад аз пою зи доману даст.

*С. Ҷавҳаризода «Гулшани афрӯхта»*

**БУҲТОН**

### 391. Буҳтон задан

туҳмат кардан.

Медонам, ки ба сад бадбахт ҳазор буҳтон зада омадаӣ.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

# В

**ВАЗНИН**

### 1. Вазнин шудан

1. ботамкин, бомулоҳиза, бовиқор, боадаб шудан, 2. ланҷ шудан, 3. бемории касе шиддат кардан.

1. Зебӣ аз ин вазъияти Бобо пай бурда, ба ӯ чашмакзанон «шумо вазнин шавед» гуфтагӣ барин кард.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

2. — Хой, ҳой, Мардонҷон, ба шумо чӣ шуд? Вазнин шавед!

*М. Рабиев «Орзуи ҷавонӣ»*
*(«Маҷмуаи пьесаҳои якпардагӣ»)*

3. Пагоҳӣ пас аз дидани хобҳои парешон вазнин шуда аз хоб бедор мешуду чизе ба даҳан накарда аз паси кор медавид.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

**ВАЗНИНӢ**

### 2. Вазнинии касе ба касе афтидан

ба сари каси дуюм афтодани азоб, кулфат ва дарди сари касе.

Даҳ сол дар хонаи мо зиндагӣ кунед ҳам, вазнинии шумо ба мо намеафтад.

### 3. Вазнинӣ кардан

1. ботамкинӣ кардан, мулоҳизакорӣ намудан, 2. бардошт кардан; дар рафтор ва гуфтор ботаанӣ будан.

Мо вазнинӣ кардему каму беш ваъдаҳои росту дурӯғ дода, аз ҷанҷол халос хӯрдем.

*«Хорпуштак»*

### 4. Ќасе ба ќасе вазнинӣ кардан

*Ниг.* Вазнинии ќасе ба ќасе афтидан.

Ҳанӯз қувват дорам, дар кучое ки бошӣ, ман ба ту вазнинӣ намекунам, бачекам.

*С. Саидмуродов ва М. Рабиев «Саодат»*

**ВАЙ**

### 5. Вай (вой) ман мурам

дар мавриди тааччуб, ҳайронӣ ва руй дидани ягон ҳодисаи ногувор одатан занон мегӯянд.

1. — Вай ман мурам,— гуфт келинчак ба шавҳараш,— эшон ба хона луккас зада биёяд, ман чӣ кор мекунам?

*«Хорпуштак»*

2. — Вой мурам, ба Точинисо чӣ шуд?

*«Занони Точикистон»*

**ВАЙРОН**

### 6. Ќасеро вайрон кардан

ќасеро аз роҳ баровардан, бероҳа кардан; ќасеро ба роҳи бад кашидан.

Онҳо бародари худашон Маҳмудро ҳам вайрон карда ба кор андохтаанд.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 7. Вайрон шудан

1. бадкор, бадахлоқ шудан, 2. аз раъи худ гаштан.

1. Агар ман ин корро ба суботаш нарасонам, на танҳо хизматгорони ман, балки хизматгорони дигарон ҳам вайрон мешаванд.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

2. — А, ба ин Салим Қамолӣ чӣ бало зад? Ба ҳама панду насиҳат карда мегашту ба иморатсозӣ сар кард? — Маълум мешавад, ки ин кас ҳам вайрон шудаанд.

*Ҳочӣ Содиқ «Ҳазли падар»*
*(«Шарқи сурх»)*

3. — Дар миёни деҳқонони заминдор ҳам вайрон шудагон ҳастанд.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

**ВАЛАД**

**8. Валади зино**

ҳаромзода.

— Музаи мана аз пеши дар биёр, ҳароми, валади зино.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

**ВАРСОҚӢ**

**9. Варсоқӣ хондан**

бисьёр гап задан; гапҳои беҳуда ва бемаврид гуфтан.

— Шумо ба ҷои ёрӣ додан ба ман гапҳои сахт мезанед ва варсоқи мехонед...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

**ВАСВАСА**

**10. Ба васвасаи шайтон афтидан**

ғалаба кардани майлу хоҳиши бад дар касе.

Гоҳ падар, гоҳ бародари М. ба васвасаи шайтон афтида, барои катл намудани духтаре, ки «шаъни оиларо паст фаровардааст», нақшаҳо мекашиданд.

*«Тоҷикистони советӣ»*

**ВАСЛ**

**11. Ба васли касе расидан**

ба дидори маҳбубаи худ ноил гардидан, бо маҳбуби худ пайвастан.

Эҳ, наход, ки орзуҳои подшоҳшавӣ ва ба васли Гулқурбон расиданам барбод меравад?

*М Миршакар «Афсонаҳои кӯҳистон»*

**ВАССА**

**12. Вассаи шифти хонаро шумаридан**

хомуш нишастан.

Ёрдам пурсам дуғ мезанад, ё вассаи шифти хонаро мешуморад...

*Қ. Наимӣ «Ҳабиба»*
*(«Айёми мо»)*

**ВАТАН**

### 13. Аз ватани худ овора шудан

тарки ватан кардан, ба муҳоҷират рафтан.

— Бародарон, ба иғвои онҳо гуш надиҳед ва аз ватани худ овора нашавед, ки большевикон дӯстдорони факиронанд.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

**ВАЪДА**

### 14. Аз ваъдаи худ ғузаштан

ваъдахилофӣ кардан, аз қавли худ гаштан.

— Вагарна ман на аз ваъдаам гузаштаам ва на ба касе дил додаам...

*С. Айнӣ «Ятим»*

### 15. Ваъдаи хушку холӣ

сухани беҳуда, беасос.

Бо ваъдаҳои хушку холӣ, чамоқҳои пуч, бағаламро пур карданд.

*«Барои адабиёти социалистӣ»*

**ВАҚ**

### 16. Вақ-вақ кардан

сафсата, ҳарза гуфтан, лаққидан.

1. — Хуб, бисьёр вақ-вақ накун.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

2. Муфаттиш омада дар як тараф делаҳоро элак-элак кунаду ман ба шумо дар бораи ким-кадом чиз вақ-вақ карда шинам?

*«Тоҷикистони советӣ»*

**ВАҚТ**

### 17. Вақту бевақт

ҳар вақт, гоҳо.

— Дигар ба пеши пошшот хоб накун, ба руи суфа алоҳида хоб кун, вақту бевақт ба ман лозим мешавӣ.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари ноком»*

### 18. Вақти гармии чизе

ҳангоми авҷи чизе, айни ҷушу хуруши чизе.

— Шумо чаро дар вақти гармии бозор дуконро партофта ба хона омадед?

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

### 19. Вақти касеро гирифтан

касеро бемаврид андармон кардан; касеро аз кор монондан.

1. Расо як соат вақтамро гирифт.

*С. Ғанӣ «Тӯй»*

2. Вақтамро беҳуда нагиред, ман ба вазорат мешитобам!

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 20. Вақти чизе нагузарад...

бевақт нашавад, фурсат аз даст наравад.

— Хез, зуд рав, ки вақт нагузарад.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

### 21. Вақти дегу табақ шудан

расидани вақти хурокпазӣ.

— Келин, шумо дар куҷо? — бо овози баланд фарьёд кард модаршуяш,— о, вақти дегу табақ шуду намедонам дар кучоҳо мегардед, бо чӣ корхо овора?

*А. Мусаввада «Сабоҳат»*
*(«Занони Тоҷикистон»)*

### 22. Дар вақти кушода будани чашм

дар вақти зинда будан, ҳануз дар замони зинда будан.

Имруз ману ту ҳастем, фардо кӣ медонад, кӣ ҳасту кӣ нест; дар вақти кушода будани чашмамон дасти бачаро ҳалол карда, аз пеши дусту душман гузаштанамон беҳтар аст.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 23. Вақт рафтан

вақт гузаштан, бевақт шудан.
— Қанӣ, хезед! — гуфт Скворцов,— вақт наравад.

*П. Толис «Ҳикояҳои даҳ сол»*

### 24. Вақти сар хоридан надоштан

ниҳоят серкор будан.
Маро ба он ҷо таклиф накунед, ман ҳоло, ҳатто вақти сар хоридан ҳам надорам.

### 25. Вақту соат

вақти мувофиқ, бо фаро расидани вақт.
1. Дар дигар ҷойҳо вақту соаташ катӣ сохта хоҳад шуд.

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

2. Вақту соаташ ки расид, мефаҳмед.

*Ш. Қиёмов «Хоҳӣ нашавӣ расво, ҳамранги ҷамоат шав» («Пьесаҳои якпардагӣ»)*

### 26. Вақту соат доштан

иҷрои ҳар кор вақти мусоиди худро дорад.
— Ҳар кор вақту соат дорад, ҳар гоҳ ки ҳамон вақту соат расид, ӯ ҷазои сазоворашро хоҳад дид.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

### 27. Вақту соат расидан

вақти мусоиди иҷрои коре омадан.
Умуман вақту соати он расидааст, ки ҷавононро ба азхудкунии мероси бои адабӣ ҷалб намоем...

*М. Муллоҷонов «Танқиди адабӣ ва тарбияи нависандагони ҷавон» («Шарқи сурх»)*

### 28. Вақт танг

фурсат кам.
Лекин ҳозир вақт танг, гап зада гирем мегӯям.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

### 29. Вақт танг омадан

вакт кам мондан.

— Дурусташ, ки имрузҳо бисьёр чиз хонда наметавонам, фикру хаёлам ба пахта банд, худи вақт танг омада монд.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

### 30. Вақт — теғи бурранда

бо гузашти замон ҳама корҳо дуруст шуда мераванд; бо мурури замон ғаму аламҳо фаромуш шуда мераванд.

Дар ин гуна маврид гуфту гузори бисьёр вақтро муфт аз даст меравонад. «Вақт — теғи бурранда» гуфтаанд. Бисьёр корҳоро вақт ҳал мекунад.

*С. Айнӣ «Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ»*

### 31. Вақти касе хуш шудан

хурсанд, хушнуд.

Агар рузе се истакон (чой) ҳам нушам, ба мудири банк малол намеояд, балки вақташ хуш мешавад.

*С. Айнӣ «Марги судхур»*

### 32. Вақти касе чоқ будан

хурсанд, хушнуд будан.

Шаб вақташ чоқ буд.

### 33. Вақт ғанимат

фурсатро аз даст надеҳ, фурсат ғанимат.

— Ҷиянам, вақт ғанимат, ҳозир танаффуси коргарон мешавад, ту мана ин сангу тарозуро гиру бодирингатро фурухтан гир.

*П. Толис «Тобистон»*

## ВАҲМ

### 34. Ваҳм зер кардан

тарсидан, ҳаросидан, ба воҳима афтодан.

Маро ваҳм зер кард ва ноилоҷ ба асп савор шуда, ба хонаи амлокдор рафтам.

*Ҳ. Назаров «Дар ҷустуҷӯи Карим-Девона»*

### 35. Аз вахми чон

аз тарси марг.
Аз вахми чон ба окопи худ ғалтону хезон медавид.

### 36. Ба вахми чон афтидан

дар хавфи мурдан шудан, тарс аз расидани осебе
Тупу оташи инқилоб онҳоро аз лонаҳояшон зада баровардаасту акнун ба ваҳми ҷонашон афтодаанд.

*Ҷ. Икромӣ «Тори анкабут»*

**ВАҶД**

### 37. Касеро ба ваҷд овардан

1. касеро ба завқу шавқ овардан, ниҳоят хурсанд кардан, касеро руҳнок кардан, 2. моту мабҳут намудан.
Амон, ки як вақтҳо дар кунҷи тираю тори девонахонаи хоҷаубониҳо нишаста, аз ҳаёт ва дунъё дасту дилашро шуста буд, уро ба ваҷд оварда буданд.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

**ВАҶҲ**

### 38. Ваҷҳ гуфтан

1. далел овардан, 2. ҳисобӣ кардан.
Имсол бошад, ҳар чӣ ёбам, ба бой дода қарзи худро сабук мекунам, агар тавонам, тамоман ба бой ваҷҳ мегуям.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

**ВИРД**

### 39. Вирди забон будан

дар забони одамон будан.
Ба ҳар хол дар маҷлиси ҳисоботӣ номи Амиров ва пайравони у вирди забони ҳама буд.

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

ВИСОЛ

## 40. Ба висоли касе расидан

ба ҳам расидан, ба ҳам пайвастан; ба дидори дилдор расидан.

1. — Ба каси дигар дил бастааст, бояд ба висоли у расад.

*Р. Ҳайдар «Хати беимзо»*
*(«Шарқи сурх»)*

2. Агар шумо маро дуст доред, ба ман гуфта диҳед, ки вай кист, чӣ ном дорад ва чӣ хел ба висолаш расидан мумкин аст?

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

ВОЙ

## 41. Вой бар ҳоли касе!

дарег, афсус ба ҳоли бади касе!

1. Бенавоён сар бардошта хонаи бойҳоро тороҷ хоҳанд кард. Дар он вақт вой ба ҳоли шумо!

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

2. Лекин, уко, агар сардорони мо ҳамин Салоҳиддини танбалу Бобоеви беғаму бепарво бошанд, вой бар ҳоли мо!

*Қ. Наимӣ «Роҳи дуруст»*
*(«Шарқи сурх»)*

## 42. Вой нагуфта

бо сабру тоқат; эътирозе накарда, ба сахтӣ тоб оварда.

Маҷбур буд, ки ҳамеша кор кунад, дуруст чиз нахурда ва дуруст нахобида кор кунад, дар зери дашноми бой ва занони у ва дар зери зарбу лати тоқатгудози онҳо «вой» нагуфта кор кунад.

*С. Айнӣ «Ятим»*

ВОЛА

### 43. Волаву шайдо гардидан

ошиқ шудан, мафтуну шефтаи касе гардидан.

Ин ҳолати Гулнорро дида аз аввал ҳам зиёдтар волаву шайдои вай мегардид...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

ВОҚЕА

### 44. Воқеаи аз сар гузашта

ҳодисаи ба касе руйдода, саргузашт.

Духтар тамоми воқеаи аз сараш гузаштагиро ҳикоя карда медиҳад.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

ВОҲИМА

### 45. Ба воҳима афтодан

тарсидан, ҳаросидан; ба ҳаяҷон омадан.

1. Ман онро дида ба воҳима афтодаму халос!

*Ҷ. Икромӣ «Сафари Кӯлоб»*
*(«Шарқи сурх»)*

2. Фируза аз ин ғавғо ва гулдур-гулдури тупу милтиқ ба воҳима афтод.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

ВУҶУД

### 46. Бо вуҷуди ин (он)

ҳамин тавр бошад ҳам, ба... нигоҳ накарда, қатъи назар аз, сарфи назар аз.

1. Бо вуҷуди ин мо палос ва бисоти болохонаро дида тавонистем...

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

2. Бо вуҷуди ин ки ҳоло нимаи аввали август аст, анорҳо суп-сурх шуда ба пухтан наздик шудаанд.

*А. Деҳотӣ «Ҳаёт қадам мезанад»*

# Г

## ГАДО

### 1. Гадо душмани гадост

ҳамкасб ҳамкасбро дида наметавонад, нотавонбинии ду тарафи ба як чиз манфиатдор ба ҳамдигар.

Хулоса, хусусан дар байни гурезагон ва маҳаллиён мазмуни мақоли тоҷикӣ, ки мегуянд: «гадо душмани гадост», тамоман ҳукмфармо буд.

*С. Айнӣ «Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ»»*

## ГАЗ

### 2. Гази гапро дароз кардан

бисьёр гап задан, сергапӣ кардан.

— «Ба болои сухта намакоб» гуфтагӣ барин, гази гапро ин қадар дароз кардӣ?..

*Ҳ. Содиқов «Саркор ва мухбир» («Овози ҷавонон»)*

### 3. Гази гапро кутоҳ кардан

суханро мухтасар кардан, кам гап задан; хулласи каломро гуфтан.

Гази гапро кӯтоҳ кунеду тезтар роҳ равед.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ II*

### 4. Гази умри касеро кутоҳ кардан

1. касеро ба қатл расонидан, 2. ҷазои касеро додан, одоби касеро додан.

Дар вақти ба даст афтиданаш гази умри ин хел ноҷинсонро кутоҳ кардан даркор буд, ки дигар маишати мардумро талх накунад.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ II*

### 5. Бо гази худ чен кардан

1. қимат ва мавқеи касе (чизе)-ро аз нуқтаи назари худ, бо меъёри худ муайян намудан, 2. аз нуқтаи назари худ муҳокима рондан.

*Мо одамҳои содда ҳастем. Ҳар чизро бо гази худ чен мекунем.*

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. II*

**ГАЗАД**

### 6. Қасеро газад, маро (туро) чӣ ғам?

бепарвогӣ, беаҳамиятӣ ба ғаму мусибати дигарон, мусолиҳакорона рафтор намудан ба хоҳишу талаби касе.

1. — Қори тарбиявиро пурқувват кун, газетаю журналҳо хонда деҳ, ба лекцияҳо гирифта бар, умуман коре кун, ки занат аз нав тарбия гирифта, одами ҳаминруза шавад. «Аз пагоҳ то бегоҳ дар хона нашинаду ба корҳои ҷамъиятӣ ҳам иштирок кунад». «Маро газад, туро чӣ ғам?» гуфтагӣ барин кор накун.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

2. — Туро газад, маро чӣ ғам? Таги дили Шарофака ҳамин асту бас,

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

**ГАЗАК**

### 7. Газаки чизеро баровардан

қусури чизеро аз чизе баровардан.

Ғам нахуред, газаки пулҳои сарфшударо, худо хоҳад, садчанд карда мебарорем.

*«Хорпуштак»*

### 8. Ба газак даво

ба дарди касе даво шудани чизе, манфиат доштани чизе ба коре.

Намедонам, ба ҷои як совхоз ташкил кардани ду ё се совхозу идора ба газаки кӣ даво бошад?

*С. Ғанӣ «Табассум»*

**ГАНДА**

### 9. Ба касе ганда нигоҳ кардан

*Ниг.* Ба касе бо назари бад нигоҳ кардан.

— Пошшо, ҷонакам, ман аз бобом метарсам, ин вақтҳо ба ман ганда нигоҳ мекунад...

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

**ГАНДАГАРД**

### 10. Гандагард шудан

беҳудагард, бадахлоқ шудан.

— Вай беру шудагӣ, гандагард шудагӣ, ба ҳеҷ кас сар намефурорад, обруи хешу таборашро ба хок яксон кард.

*Р. Амонов «Меҳрӣ» («Шарқи сурх»)*

**ГАНДУМНАМО**

### 11. Гандумнамои ҷавфуруш

касе ки намунаи хубро нишон дода моли бадро мефурушад; фиребгар, қаллоб.

Ҷавфуруш аст он ситамгари симтан,
То ба ман гандумнамоӣ мекунад.

*«Рубоиёт ва дубайтаҳои халқи тоҷик»*

**ГАНҶ**

### 12. Ганҷ дар вайрона

чизи нағз, гаронбаҳо дар ҷои назарногир ҳам буда метавонад, одами доно ва зебо аз оилаи камбағал ҳам мебарояд.

— Тақсир, духтари Рустам хеле соҳибҷамол шуда-аст-мӣ? «Булбул аз хонаи акка»-ку...

— Магар нашунидед, ки некон «ганҷ дар вайрона» гуфтаанд?

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. I*

**ГАП**

### 13. Гап аз байн берун набарояд

*Ниг.* Гап дар байн бимонад.

Ин гап аз байни мо берун набарояд, мегуям.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

### 14. Гап аз чизе гузаштан

гап аз доираи маълум баромадан.

— Ба хонаи Шокир равед,— гуфта хандид Замира.

— Гап аз ҳазл гузашт, қизим!..

*Ҷ. Икромӣ «Тирмор»*

### 15. Гап аз гап кушода шудан

боиси ба вуҷуд омадани гапи дигар шудани гапе, дар давоми сӯҳбат оид ба ягон мавзуъ ба хотир омадани чизе.

Гап аз гап кушода шуду Абдуллои зирак пай бурд, ки нуги ресмон дароз ва тораш хеле мустаҳкам аст...

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

### 16. Гапи касеро аз даҳонаш гирифтан

*Ниг.* Сухани касеро аз даҳонаш гирифтан.

— Гӯш кун аввал,— бо тезӣ гапи раисро аз даҳонаш гирифт Ашрафпартизан...

*П. Толис «Ҷавонӣ»*

### 17. Гапи касеро аз миён буридан

*Ниг.* Сухани касеро буридан.

— Не, сабр кун, гапамро аз миён набур! — гуфт сахт карда Мухтор...

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

### 18. Гапи касеро аз пеши гӯш гузаронидан

ба гапи касе диққат накардан, гӯш накардан, ба сухани касе эътибор накардан.

Ман ҳам дигар гапашро аз пеши гӯшам гузаронида, ба фикру хаёлҳои худ овора шудам.

*П. Толис «Тобистон»*

### 19. Гапро аз решаю бехаш донистан

маънии гапро нағз донистан, фаҳмидан, асос ва манбаи воқеаро донистан.

Агар ҳар гапро аз решаю бехаш диниста нагирам, намемонам ва дилам ҳам қарор намегирад.

*«Барои адабиёти социалистӣ»*

### 20. Гап аз як ҷо баромадан

баҳам як будани фикр, қарори ду кас, якдилона гап задан.

1. — Ин чӣ гап, ки ҳар дуятон одамони масъули як колхоз ҳастеду аммо гапҳоятон аз як ҷо намебарояд?

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

2. Онҳо ба ҳамдигар самимона рози дил гуфтанд ва, шояд, аввалин бор буд, ки гапи ин ду ҳамсар аз як ҷой мебаромад.

*«Тоҷикистони советӣ»*

3. Гап агар аз як ҷо набарояд, мардум ҳайрон мешаванд.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

### 21. Ба гап андармон кардан

бо гап касеро (аз кор, роҳ...) боз доштан, ба гап овора кардан, машғули гап кардан.

Вале дар ҳамин вақт касе уро ба гап андармон кард...

*М. Шарқӣ «Марҳабо» («Шарқи сурх»)*

### 22. Гап андохтан

дар бораи коре, масъалае гап кушодан.

Ман мехостам, ки гап андохта, ба вай тасалло дода, сураги воқеаро аз вай фаҳмам...

*«Маориф ва маданият»*

### 23. Касеро ба гап андохтан

1. Касеро ба гап даровардан, ба гап задан маҷбур намудан, 2. ба раъй даровардан.

1. Юнусбобо боз Сафарро ба гап андохт.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

2. Ман ба дасти духтарча конфет дода, уро ба гап андохтам.

*П. Толис «Ҳикояҳои даҳ сол»*

3. Аммо ҳеч вақт муваффақ намешуданд, ки пирамардро ба гап андозанд.

*Т. Усмон «Кашфи асрор»*

### 24. Ба гап афтидан

1. ба гап, ба фиреб бовар кардан, 2. розӣ шудан.

Вай одами хеле пухта будааст, ҳеч ба гап наафтид.

### 25. Ба гап афтодан

гапи худро ба касе маъқул кунондан, касеро бо гап ба роҳи худ даровардан.

Падару модари духтарро чунон ба гап меафтонад, ки фарзандашонро рузи дигар худашон ба мактаб оварда мемонанд.

*«Маориф ва маданият»*

### 26. Гапи касе ба касе алам кардан

гапи касе ба касе сахт расидан, таъсир кардан.

— Худат номаъқул кардӣ...
Назокат паст наомад:
— Гапам алам кард-мӣ?

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 27. Гапро ба гап мондан

ба гап, суҳбати касе халал нарасонидан.

1. Ҳой, ту, Ҷамила, як дам гапро ба гап мон ва ин қадар бардору зан накун.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

2. Мепурседу одам ҷавоб диҳам гӯяд, гапро ба гап намемонед.

*Р. Ҷалил «Шуроб»*

### 28. Гапи касеро ба гӯш гирифтан

1. гаперо дар хотир доштан, 2. гуфтаи касеро ба иҷро расонидан, 3 итоат кардан; ба гуфтаи касе эътибор додан.

1. Сангин ҳам ҳамон гапҳоро сахт ба гушаш гирифтааст...

*«Хорпуштак»*

2. — Агар, бародар, хешу ақрабо даркор гӯӣ, гапи маро ба гуш гир!

*Қ. Наимӣ «Рӯзи равшан»*

3. Шумо бошед, гапи маро ҳаргиз ба гуш нагирифтед.

*Қ. Наимӣ «Тағьирот»*
*(«Туҳфаи ҷавонон»)*

### 29. Гап ба гӯши касе надаромадан

сухани касеро гӯш накардан, ба гапи касе эътибор надодан; итоат накардан.

Акнун шикамат чунон сер шудааст, ки гап ба гӯшат намедарояд...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 30. Гап ба гӯши касе расидан

аз хабаре огоҳ шудан, суханеро шунидан.

— Ин гапҳо ба гӯши рафиқ Рустамов расидааст...

*Р. Амонов «Дар доманаи кӯҳҳои кабуд»*

### 31. Гаперо ба гӯши касе расондан

хабаре, гаперо ба касе гуфтан, маълум намудан.

Лекин ҳозир ин гапро ба гӯши касе нарасонда истед.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

### 32. Гапро ба гӯши касе рехтан

ба касе гаперо бо таъкид ё ботафсил гуфтан, касеро аз хабаре огоҳонида мондан, дар бораи чизе таъкид намудан.

— Набошад ба ҳамон касе ки ин гапҳоро ба гӯши ту рехтаасту чашми туро аз дидани ҳақиқат бастааст...

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

### 33. Гапро ба гӯши касе чакондан

хабаркашӣ кардан.

— Аз афташ, Саркор, ким-кадом худобехабар гапҳои беҳударо хуб ба гӯшатон чакка кондааст, ки ин қадар феълатон чаппа гаштагӣ?

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

### 34. Гапи касе ба даҳони мардум афтидан

овоза шудани кирдор ё рафтори касе, бадном ва мавриди маломат шудани касе.

Бо тамоми дилу ҷон дар орзуи он буд, ки дар байни зану шӯ нифоқ афтад, гапашон ба даҳони мардум афтад, расво шаванд.

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

### 35. Гапро ба дигар тараф бурдан

*Ниг.* Гапро ба суи дигар тофтан.

Рисолатхола дид, ки сухан ба суи гайри матлаб рафта истодааст, фикре карду гапро ба дигар тараф бурд.

### 36. Гапро ба дил гирифтан

аз гапи касе озурда, дилгир шудан.

— Аммо ту хафа нашав, духтарам, гапҳои мана ба дилат нагир!

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 37. Гап ба дил нағунҷидан

1. гаперо шунидан нахостан, майли шунидан надоштан, 2. гаперо дар дили худ нигоҳ дошта натавонистан.

Тамоми гапаш ба руи забонаш аст, ҳеҷ як гап ба дилаш намеғунҷад, аҷоиб бача.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

### 38. Гапи касеро ба замин задан

*Ниг.* Сухани касеро ба замин задан.

Ман намехоҳам, ки вай гапи маро ба замин занаду обруи маро резонад, маро шарманда кунад!

*А. Мусаввада «Гаҳворабахш»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 39. Гапи касеро ба инобат гирифтан

гуфтаи касеро ба эътибор гирифтан, гапи касеро шунида ба он амал кардан.

Фақат гапи шуморо ба инобат мегиранд?

*М. Рабиев «Орзуи ҷавонӣ»*
*(«Маҷмуаи пьесаҳои якпардагӣ»)*

### 40. Гапи ба об нарасида(гӣ)

гапи нав, гапи тоза, гапи гушрас нашуда.

— Дар «бюрои ахбороти махсус» ин сафар ҳам ягон гапи обнарасида ёфт мешудагист?

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

### 41. Гапи касеро ба... пули пуч нагирифтан

гап, хоҳиш, маслиҳати касеро тамоман ба эътибор нагирифтан, ба сухани касе ҳеҷ аҳамият надодан.

Ту гапи маро ба ду пули пуч нагирифтӣ.

*С. Саидмуродов «Ибрат» («Занони Тоҷикистон»)*

### 42. Гапи касеро ба касе расондан

*Ниг.* Сухани касеро ба касе расондан.

Ин гапҳоро аллакай ба додараш расондааст.

### 43. Гапро ба руи касе шарта-шарта гуфтан

камбудӣ ё айби касеро ба руяш беистилоҳа гуфтан, гаперо ба касе беруихотир ва ошкоро гуфтан.

— Не, ман аввал писаратонро чеғ мезанаму ҳама гапро ба руяш шарта-шарта мегуям...

### 44. Гап ба руи забон будан

ҳеҷ чиро пинҳон накарда матлабро гуфтан; софдил будан.

Тамоми гапаш ба руи забонаш аст, ҳеҷ як гап ба дилаш намеғунҷад, аҷоиб бача!

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

### 45. Гапро ба суи (тарафи) дигар тофтан (бурдан)

мавзуи гапро тағьир додан, давом додани матлаберо нахоста, сари гапро ба ҷои дигар бурдан.

1. — Борон-мӣ?—гуфта вай гапро ба суи дигар тофт.

*Ҷ. Икромӣ «Муҳаббат»*

2. Шумо гапро ба тарафи дигар бурдед...

*Ҷ. Икромӣ «Раис» («Шарқи сурх»)*

### 46. Гапро ба худ харида гирифтан

бо сухан ё рафтори худ боиси маломати худ гардидан.

Агар мо онҳоро ба мактаби шабона ҷалб кунем, контингенти мактабҳо чӣ мешавад? Дар ин сурат плани толибаҷалбкунӣ пур нашуда мемонад. Гапро ба худамон харида мегирем.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 47. Гапро ба як нуқта овардан

*Ниг.* Суханро бо касе ба як ҷо мондан.

Ҳикматҷон роҳи халосиро, ки бо ҷураҳои худаш маслиҳат карда ёфта буд, ба Нисо гуфта ҳар дуяшон гапро ба як нуқта оварданд.

*«Барои адабиёти социалистӣ»*

### 48. Гап ба ҷояш афтидан

ба маврид будани гап, эрод ё эзоҳ.

— Ин гапатон хеле ба ҷояш афтид.

### 49. Гапро ба ҷояш хурондан

дар ҷои даркорӣ сухани мувофиқ гуфтан, бамавқеъ гап задан.

Агар одам гапро ба ҷояш хуронда тавонад, ҳар касеро мот мекунад...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 50. Гапи баланду паст задан

*Ниг.* Гапи пасту баланд задан.

— Аз падараш мурдан боз як даҳон гапи баланду паст назад.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 51. Касеро ба гап банд кардан

касеро дар суҳбат, мунозира мағлуб намудан, бо як гап ҳарифро бастан.

«Маро ба гап банд карда наметавонед, ман илми боғдориро об карда хурдагӣ»...

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

### 52. Гапи касеро бардоштан

ба пичинг, маломат ва сарзаниши касе тоб овардан

1. Талхаю пичингҳоятонро эҳтиёт карда монед, ба хона рафта ба укаҳоятон мегуед. Гапи шуморо онҳо мебардоранд.

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

2. Беҳтар ки ба ҳавлияш гузашта шинад, мо ҳам гапи дусту душманро бардошта наметавонем.

*Қ. Наимӣ «Рӯзи равшан»*

3. Ман одами пусттунук, гап бардошта наметавонам.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 53. Гап баровардан

Аз худ гап бофта гуфтан.

— Дар ҳаққи ман ягон буҳтони дигар наёфтӣ? Акнун ин гапро баровардӣ?

*Ҷ. Икромӣ «Дохунда»*
*(«Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

### 54. Ба гап баромадан

нутқ гуфтан, баромад кардан, баромада гап задан.

Мудири ҳосилот — Муҳаммадҷон ва бухгалтери калони колхоз Неъматовҳо ба гап баромада маърузаи ҳоларо пурра карданд.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

### 55. Аз гапи касе баромадан

мувофиқи гуфтаи касе кор накардан, ба гуфтаи касе амал накардан, хилофи гуфтаи касе рафтор кардан.

1. Ҳоло ман зинда истода писарам аз гапам мебаромадааст-мӣ?

*«Роҳбари дониш»*

2. Фарзанд набояд аз гапи падару модар барояд.

*Ҳ. Карим «Ҳикояҳо»*

3. Аз гапи ман баромада аз даст ҷудо шудӣ.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. I*

### 56. Аз касе гапе баромадан

гаперо аз худ бофта баровардан.

1. Ҳеҷ гумон намекардам, ки аз ту ҳамин хел гап мебарояд, хешамо!

*П. Толис «Ашрафпартизан»*
*(«Шарқи сурх»)*

2. — Эй, зан нагуед,— эътироз кард Ҳикмат,— ҳама гап аз зан мебарояд.

*Ҷ. Икромӣ «Тирмор»*

### 57. Гап бахья нахӯрдан

1. начаспидани гап, маъқул нашудани гап, 2. таъсире набахшидани сухан.

1. Ин гапҳо бахья намехурад, агар ту то ҳол чизе медодӣ, дар хатчуб ишорат мешуд, ва ҳол он ки дар ин хатчуб ягон хат ҳам кашида нашудааст.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. — Не, гапзанон кардам, аммо гапам бахья нахӯрд.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 58. Гапи бесару нӯг

гапи бемантиқ, беасос, сухани бемаънӣ.

— Ҳой зан, гапҳои бесару нӯг нагӯ, ин ҷо идора!

*Қ. Наимӣ «Роҳи дуруст»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 59. Аз гап бехабар гаштан

аз ҳодиса, воқеае гофил мондан, чизеро надонистан.

Ман ҳам ба вай меҳр монда, дугонаи ҷонӣ гуфта будам ва аз гап бехабар мегаштам.

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

### 60. Гапи беҷо

гапи бад, гапи сахт, гапи аз одоб берун, сухани бемаврид.

Канӣ, ягон кас ба шумо ягон гапи беҷо занад-чӣ!

*С. Улуғзода «Навобод»*

### 61. Гапро бинед!

инро бинед! ба ин нигоҳ кунед! ин гапро мулоҳиза кунед!

Гапатонро бинед-а!

*М. Сайфиддинов «Ду ҳусну ду ишқ»*
*(«Занони Тоҷикистон»)*

### 62. Гапи бисьёр ба хар бор

гапи бисьёр фоида надорад.

1. — Як бор гуфтам, ки дар хона меҳмон ҳаст; даромадан мумкин нест, «гапи бисьёр ба хар бор» гуфтаанд, агар рӯзи бозор дастат нарасад, кадом вакт ки фурсат ёфтӣ, омада мегирӣ.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Гуфт: — Беҳуда хун макун дилро,
Гапи бисьёр ҳаст як хара бор.

*М. Турсунзода «Асарҳои мунтахаб»*

3. Бобо Шукур баёноти дуру дарозро табиатан дуст намедорад. «Гапи бисьёр ба хар бор» мегуяд у. Бинобар ин суханро зудтар ба тамматаш расонд.

*А. Деҳотӣ «Ҳаёт қадам мезанад»*

### 63. Гап бисьёр (будан)

барои расидан ба ҷое ё ба мақсаде даркор будани вақти зиёд.

1. То ба Султонов расидани Қодиров гап бисьёр буд.
2. Ба хаёлам то тамом шудани ҷанг гап бисьёр.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

### 64. Гапро боб карда мондан

ба як қарор, ба як маслиҳат омадан, мақсадро пазонда мондан.

— Ман ба меҳмонҳо аз Қамол шикоят кардам, гапро боб карда мондам.

*Ҷ. Икромӣ «Ситора»*
*(«Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

### 65. Гапи болохонадор

*Ниг.* Сухани болохонадор.

— Ассалом, ой духтарони нозанин,
Шод мебошам зи дидори шумо.
— Мо куҷову нозанин гулҳо куҷо,
Баҳри чӣ гапҳои болохонадор?

*Ф. Ансорӣ «Офтоб дар роҳ»*

## 66. Гапи бофта

гапи беасос, гапи сохта, гапи аз хаёл бароварда.

Ба гапи бофтаи мардум гуш накун.

*«Хорпуштак»*

## 67. Гап бофтан (бофта баровардан)

гап баровардан, гап сохта баровардан, дуруғ гуфтан.

1. Баъзе одамон гапҳое бофта мебароранд, ки кас моту мабҳут мешавад...

*К. Носиров «Орият»*

2. Ин гапҳоро Мирзо Саъдулло бофта баровардагӣ, мо вайро хуб мешиносем...

*Ҳ. Карим «Писар»*
*(«Шарқи сурх»)*

## 68. Гапи будагӣ

1. гапи рост, гапи дуруст, 2. бешубҳа, яқинан, албатта.

1. — Гапи набудагиро монед, бобо,— боз рад кард.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. 1*

2. «...Ё аз рафиқонам ягон камӣ дорам?» гуфтанаш гапи будагӣ.

*Ҷ. Икромӣ «Хурсанда»*
*(«Шарқи сурх»)*

## 69. Гап-гапи касе

гап танҳо дар бораи касе; дар ҳама ҷо гапи фалониро мезананд.

— Ҳа, ҳоло гуфтагӣ барин, мудир, дар марказ ва ҳама ҷо гап-гапи шумо...

*К. Носиров «Орият»*

## 70. Гапи касе гап

1. ҳатман ба иҷро расидани гап, амри касе, 2. гап якта, қарор якта.

Агар хоҳам, худи ҳозир уро аз кор холӣ мекунам. Гапи ман гап!

*«Хорпуштак»*

## 71. Аз гап гап баромадан

1. дар аснои суҳбат ба миён омадани матлаби нав, мавзӯе ба хотир расидан, 2. гап зада, гап шунавидан.

1. Гап аз гап баромада Ҳикматбобо ба ман як саргузашти худро нақл карда дод.

*Ҷ. Икромӣ «Ҳикматбобо»*
*(«Шарқи сурх»)*

2. Аҳмад «аз гап гап мебарояд» гуфтагӣ барин оташи ғазаби уро тит карда монд.

*Ҳ. Карим «Ҳикояҳо»*

## 72. Гап-гап будан

миш-миш, овоза; тахмин карда шудан.

1. — Не, бародар,— гап-гап ҳаст, ки ба курси офицерӣ ба хондан мефиристонанд.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

2. Ҳеҷ як гушае набуд, ки дар ин бора гап-гап набошад.

*Р. Ҳайдаров «Ду дилдода»*
*(«Шарқи сурх»)*

## 73. Гап-гап кардан

бо ҳамдигар дар бораи чизе, касе гуфтугӯ кардан.

— Парируз, раис, парторг ва одами райком дар байни худ гап-гап карда истода буданду имрӯз аллакай тайёр ҳам шудааст-дия.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

## 74. Гапу гапча

миш-миш, гапҳои майда-чуйда, ғайбат.

1. «— Аз ин ғавғою ҷанҷол, аз ин расвоӣ ва беобруӣ, аз ин гапу гапча ва иғвоҳо ва аз дасти ин мардҳои беҳаё гурехтан, гурехтан лозим!»

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

2. — Эй бригадирҷони азиз, ба ҳар гуна гапу гапча дилатонро сиёҳ накунед! — гуфт гуфт-дия, ҳеҷ воқеа не.

*Ҷ. Икромӣ «Ситора»*
*(«Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

3. — Одамҳо намегуянд-мӣ, ки фалонӣ зану бачаҳояшро поида натавониста, акнун занашро бибӣ отун карда мондааст? Мон, ба гапу гапча тобам нест.

*С. Улугзода «Субҳи ҷавонии мо»*

## 75. Гапу гапча кардан

дар бораи касе ғидӣ-ғидӣ, гап кардан, ғайбат намудан, касеро таъна кардан.

1. — Гапатон дуруст, лекин мардуми колхозамон ба қадри меҳнати кас намерасанд, гапу гапча мекунанд.

*Ҷ. Икромӣ «Ситора»*
*(«Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

## 76. Гапи касеро гардондан

ба касе эътироз кардан, сухани касеро рад кардан.

1.— Қори саҳро заруру лекин гапи шуморо гардондан ҳам як амри маҳол аст,— ҷавоб дод мард.

*Қ. Наимӣ «Роҳи дуруст»*
*(«Шарқи сурх»)*

2. Ман пештар ҳеҷ гоҳ ба амакам гап нагардонда будам.

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

3. Аммо Қобилҷон хашмро фуру бурду дигар гап нагардонд.

*Р. Ҷалил «Гап дар ҳамин аст»*
*(«Шарқи сурх»)*

## 77. Гапу гаштак шудан

мавриди муҳокимаю маломати мардум шудан.

Мон, се-чор руз ба мардум гапу гаштак нашуда, аз дуньё гузарам,

*Қ. Наимӣ «Ҳабиба» («Айёми мо»)*

### 78. Қасеро ба гап гирифтан

*Ниг.* Ба гап андармон кардан.

1. Ман ба сари роҳ рафта чупони аз ҳама охир меомадагиро ба гап мегирам...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2.— Дер кардам-чӣ?— бо табассум пурсид Фируза.— Оимбика, Муҳаррами Ғарчро дида мондам... Ҳамин кас андак ба гап гирифтанд.

*Ҷ Икромӣ «Духтари оташ»*

3. Қотиб ӯро дигар ба гап нагирифта, ба колхозчиён рӯ оварда. гуфт...

*Қ. Наимӣ «Роҳи дуруст»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 79. Аз касе гап гирифтан

сирри ягон воқае, мақсади касеро фаҳмидан; чизеро аз касе донистан.

1. — Баъд ҳушьёр шав, ки аз ту кас гап гирифта натавонад.

*Ҷ. Икромӣ «Тирмор»*

2. Вале аз ӯ як даҳон ҳам гап гирифта натавонистанд.

*П. Толис «Ҳикояҳои даҳ сол»*

3.— Як даромада гап гир, чӣ мегуяд...

*«Тоҷикистон»*

### 80. Ба гапи гузашта салавот хондан

гапи гузаштаро фаромӯш кардан, дигар ба забон нагирифтан.

Ҳозир ҳам ба гапҳои гузашта салавот хонему беҳбудии кори мактабро бинем.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

### 81. Гап гузаштан

*Ниг.* Гап гурехтан.

Дар чеҳрааш аломатҳои оташинӣ, гуё дар хона гап гузаштааст.

*С. Улуғзода «Шодмон»*

## 82. Гапи касе гузаштан

маъқул шудани сухан, фикр (таклиф)-и касе.

1. Шумо гумон мекунед, ки фақат гапи шумо мегузарад-мӣ?

*М Рабиев «Орзуи ҷавонӣ» («Маҷмуаи пьесаҳои якпардагӣ»)*

2. Дар бораи Замира як маротиба ба шумо гуфта будам. Аммо нашуд, гапам нагузашт.

*Ҷ. Икромӣ «Тирмоҳ»*

3.— Гапи ин кас мегузараду гапи мо не-мӣ? Ман надонистаю нафаҳмида гап намезанам...

*Қ Наимӣ «Роҳи дуруст» («Шарқи сурх»)*

4. — Ин дуғатона ба худатон кунед. Акнун ба ман гапатон намегузарад.

*С. Улуғзода «Шодмон»*

## 83. Гапро гурезондан

гапро дигар кардан, гапро ба ҷои дигар бурдан.

1. — Гапро нагурезон, гӯй навбататро!

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. — Худатро ба нофаҳмӣ зада гапро нагурезон, хоҳ ҳазл бошад, хоҳ рост, ба наздики туят мешавад.

*Ҷ. Икромӣ «Ҳаёт ва ғалаба»*

## 84. Гап гурехтан

дар байн нохушӣ, норизоӣ, ҷанҷол руй додан.

1. Ҳоҷиумар бо раис гапаш гурехта ба колхози «Ситораи сурх» кучида рафт.

*С Улуғзода «Навобод»*

2. — Ба шумоён чӣ шуд, ё ягон мероси аз бобоятон мондагӣ буд, ки дар болои тақсимаш гапатон гурехт?

*Ф Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

3. Мо аз якдигар розием, 14 сол мешавад, ки боре ҳам гапамон нагурехтааст.

*Ғ Абдулло «Дар водии бахт» («Маориф ва маданият»)*

### 85. Гапи касеро гуфтан

дар бораи касе гап задан.
Ҳама гапи ману шуморо мегӯянд...

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

### 86. Ба гапи касе гӯш андохтан

гапи касеро шунидан, маслиҳати касеро писандидан, ба гуфтаи касе амал, итоат кардан.

1. Шокир бо диққат ба гапи муаллими худ гӯш меандохт.

2. Агар ҳар кас ба ихтиёри худ шавад, ба гапи инҳо кӣ гӯш меандозад...?

*С. Айнӣ «Дохунда»*

3. Акнун гапамро гӯш намекунад...

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 87. Ба гапи касе гӯш додан

ба гапи касе диққат кардан, ба гӯши худ гирифтан, ба гапи касе эътибор додан.

— Ман дуруст кардан хостам, аммо ӯ ба гап гӯш надод, маҳмаддонӣ кард...

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 88. Гап дар байн бимонад

сир ошкор нашавад, дар байн пинҳон монад.

1. — Гап дар байни худамон монад.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. II*

2. — Ин гап ҳоло дар байни худамон монад.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

### 89. Гап дар даҳон мондан

дар аснои гап якбора аз гуфтор боз мондан, сухани худро буридан, ба сабаби монеае суханро ба охир нарасондан.

Ҳамсуҳбатам қалмоқи (шасти) маро дида гапаш дар даҳон монд.

*«Хорпуштак»*

### 90. Гапи касеро дар замин мондан

*Ниг.* Сухани касеро ба замин задан.

Хусусан ки дар бораи «кашфу каромоти шайх» дар пеши муридони беруна ҳикоятҳо кунед, ҳеҷ гоҳ гапи шумо дар замин намемонад...

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

### 91. Гап дар куҷо

масъала дар ин ҷо, мақсад дигар.

1. Аз яку якбора «ана гап дар куҷост» гуфтани ӯ пай бурдан душвор набуд, ки вай ягон сирру асрори пинҳонии дастгоҳро ёфтааст.

*«Тоҷикистони советӣ»*

2. — Ё тавба! Ман дар чӣ хаёл будаму гап дар куҷо будааст.

*М. Рабиев «Орзуи ҷавонӣ»*
*(«Маҷмуаи пьесаҳои якпардагӣ»)*

### 92. Гапи дар нуги забон буда

гапе ки кас нағз медониста бошад ҳам, лекин дар он лаҳза ба хотир оварда ифода карда наметавонад.

Ҳатто гапи дар нуги забонаш бударо ҳам фаромуш кард.

*«Машъал»*

### 93. Гап дар сари (болои) чизе, касе будан

1. ба чизе ё ба касе оид будани сухан, 2. ба чизе ё ба касе вобаста будани масъала.

1. — Гап дар сари он ки аз инқилоб мурод чӣ буд?

*Ҷ. Икромӣ «Тори анкабут»*

2. Гап дар сари он аст, ки кам меҳнат сарф карда, бисьёртар маҳсулот гирем...

*«Тоҷикистони советӣ»*

3. Ҳама гап дар сари падараш Холбутаев аст.

*С. Ғанӣ «Тӯй»*

### 94. Гап дар сурат не, дар сират

масъала дар зоҳири кас набуда, балки дар кирдор ва хислати он аст.

— «Гап дар сурат не, дар сират» гуфтани мардум бе чиз набудааст, Рауфҷон.

*Р. Ҷалил «Ҳамида»*

### 95. Гап дар худи...

вобаста ба худи кас.

1. Агар намеравем гуфта истед, ҳеҷ кас шуморо ба зурӣ фиристода наметавонад. Ҳамааш ба худамон вобаста аст.

1. — Гапаш ҳақ аст. Гап дар худи фуқаро.

*Ҳ. Карим ва Дунган «Соли 1916»*
*(«Шарқи сурх»)*

2. Бунафша, чаро уро меранҷонад?

— Ҳама гап дар худаш.

*Ғ. Абдулло «Қарзи виҷдон»*

### 96. Гап дар чист

масъала дар чист, моҳияти гап дар куҷост; ҳақиқати ҳол дар чист.

1. — Ҳа, ана гап дар чист, фаҳмидам, ҳоло Шариф Исматӣ ба Адолат ошиқ гуед.

*Ф. Ансорӣ «Имтиҳон»*

2. — Агар дар ҳар бутта 45-тагӣ курак кушода шавад, ман бе ҳеҷ гап 35-центнерӣ пахтаи дарознах медиҳам, рафиқ Фармонов.

— Пас гап дар чист? Барои чӣ мегуед, ки корҳо бад?

*Ҷ. Икромӣ «Сангалӣ»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 97. Қасеро ба гап даровардан

1. касеро гап занондан, 2. касеро ба чизе розӣ кунондан.

1. — Аз афташ, ин муйсафед, бисьёр воқеаҳоро аз сар гузаронидааст. Уро ба гап дарор.

*«Тоҷикистони советӣ»*

2. Ман борҳо уро ба гап даровардани мешудам, ки назди ман кучида биёяд...

*П. Толис «Ҳикояҳои даҳ сол»*

3. Марҳаматхола модари духтарро ба гап даровард.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

## 98. Гапро дароз кардан

бисьёр гап задан, пургуӣ кардан, суханро кашол додан, гапфурушӣ кардан, лаққидан.

— Нигина?

— Бале. Уро ба касе ки ман номзадаш кунам, медиҳӣ.

— Ба Рудакӣ?

— Гапро дароз накун, Саҳл!

*С. Улуғзода «Қисмати шоир»*

## 99. Ба гап даромадан

ба гап сар кардан.

1. Дохунда як дақиқа хомуш монда боз ба гап даромад.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Нихоят Олимҷон ба гап даромад. Лекин суханҳои у аз муддао дур буданд.

*Ҳ. Карим «Ҳикояҳо»*

## 100. Ба гапи касе даромадан

гапи касеро маъқул донистан, ба гапу хоҳиши касе розӣ шудан, мувофиқи гуфтаи касе рафтор намудан.

1. Вай ҳамин хел ба гапи модараш даромада, як дарахти сермеваи зардолу парвариш карду кайф карда хурда гашт.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

2. — Ту агар ба нағзӣ ба гап надароӣ, диниста мон, ки мо туро ба иқрор маҷбур мекунем...

*Р. Ҷалил «Шуроб»*

3. Ҳар дам ба писараш таъкид мекард, ки мабодо ба занаш суст наояд, ба гапи у надарояд.

*А. Мусаввада «Сабоҳат»*
*(«Занони Тоҷикистон»)*

### 101. Дар гап дармондан

дар сухбат, мунозира банд шудан, ба гап банд шудан; дар чавоби сухане очиз шудан.

— Шумо хам бало,— ба навбати худ табассум кард Яъкубамак,— на дар гап дармемонеду на дар кор.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 102. Гапи дахони мардум шудан

*Ниг.* Гап шудан.

— Келини ман гапи дахони мардум шудааст.

*С. Саидмуродов ва М. Рабиев «Саодат»*
*(«Пьесаҳои драматургони «Тоҷикистон»)*

### 103. Гапи дигар

ин кори дигар, ин масъалаи дигар.

1. Агар конунӣ чавоб диханд, ана сонӣ гапи дигар.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», . I*

2. Худи хамин руз рафта харида мебиёрам, тақдим мекунам... ба хама.

— Ин гапи дигар...

*Р. Амонов «Дар доманаи кухҳои кабуд»*

3. — Хеч кас кафили бачагони туро нагирифтааст, хозир ту сарбоз мешавӣ. Баъд аз он онхо мемуранд, ё зинда мемонанд, вай гапи дигар аст.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

4. Ана, агар рафик Баротов аъзои колхози мо мешуданд, гап дигар буд.

*С. Улуғзода «Навобод»*

### 104. Гапро дигар кардан

мавзуи суханро дигар намудан, суханро ба чои дигар бурдан.

Аммо вай худашро гум накарда, даррав гапро дигар кард.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

### 105. Гап дигару кор дигар

1. вазъият тағьир ёфтааст, вазъият ба монанди пештара нест, 2. байни гап ва кор фарқи калон аст, 3. кор ба гап тӯғрӣ намеояд, кор мувофиқи гап не.

1. — Медонам, ҳамаашро медонам. Ҳозир гап дигару кор дигар. Ҳатто меҳмонхонаҳои колхози мо аз хонаи бойҳои пештара беҳтар ва озодатар.

*«Тоҷикистон»*

2. Дар ҳар як маҷлис ва ҷамъомад арз мекунанд, ки мо хизмати аҳолиро дуруст баҷо меоварем. Гап дигару кор дигар аст.

*«Хорпуштак»*

### 106. Бо гапи дигар кас кор кардан

бо нишондоди каси дигар кор кардан, бо гуфтаи дигарон амал кардан.

— Акнун имрӯз, ки нону намаки маро хӯрда, бо гапи дигарҳо кор мекарда бошӣ, чор тарафат қибла...

*П. Толис «Тобистон»*

### 107. Ба гап дигар хел ҷома пӯшондан

ба гап обуранги дигар додан; гапро дигар хелтар кардан.

Боз баъзеҳо ба гап дигар хел ҷома пӯшонда мегӯянд, ки...

*«Газетаи муаллимон»*

### 108. Гап дода гаштан

беҳуда гап зада гаштан, лаққидан.

Масалан, дар ҳар бригада чор-панҷ кас ёфт мешавад, ки ҳеҷ кор накарда, чойхона ба чойхона гап дода мегарданд.

*М. Рабиев «Орзуи ҷавонӣ»*
*(«Маҷмуаи пьесаҳои якпардагӣ»)*

### 109. Гап додан

бисьёр гап задан; лаққидан.

— Чашмони шаҳлоро мегӯед-мӣ, лабу дандонро-мӣ! — Гап додан гирифт Мулло Ҳошим.

*«Занони Тоҷикистон»*

## 110. Гап доштан

1. бо касе матлабе, ягон сухани гуфтанӣ доштан, 2. сабаб доштан, бе сабаб набудан.

1.— Ман ба шумо чанд даҳон гап доштам.

*А. Ҳамидӣ «Машъали ҷовидон»*
*(«Шарқи сурх»)*

2. — Ҳеҷ боке не, ман аслаш ба модарат гап доштам.

*М. Рустамова «Зайнаб»*
*(«Шарқи сурх»)*

3. — Хона омадани ман ҳам гап дорад-мӣ?

*Ҷ Икромӣ «Шодӣ»*

## 111. Гапи касеро ду кардан

хоҳиш, фармони касеро рад кардан; ба сухани касе итоат накардан.

1. — Чаро гапамро ду мекунӣ? Хез, рав гуфта истодаам ба ту!

*«Тоҷикистон»*

2. Ҳар давлату ҳашамати ин гуна одамон аз болои ҳоким аст; чунон ки ҳоким инҳоро риоя мекунад, инҳо ҳам як гапи ҳокимро ду намекунанд...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

3. — Қурбон ба Сабоҳат таъкид мекард, ки мабодо гапи модарашро ду накунад...

*А. Мусаввада «Сабоҳат»*
*(«Занони Тоҷикистон»)*

## 112. Гап ду (дуто) шудан

дар қавли худ сахт наистодан, ба ваъдаи худ вафо накардан, беқавл будан.

Як гапи вай ҳеч вақт дуто нашудааст. Ҷавони боғайрату ҷиддӣ аст, ба қавлаш доимо вафо мекунад.

*Қ. Наимӣ «Роҳи дуруст»*
*(«Шарқи сурх»)*

## 113. Гапи касе дуруст баромадан

гуфтаи касе рост баромадан, тасдиқ шудан, ҳақ будани сухани касе.

— Гапи шумо дуруст баромад...

*«Тоҷикистон»*

## 114. Гап ёд додан

1. чизеро ба касе талқин кардан, ба касе тарзи иҷрои коре ё гуфтани суханеро ёд додан, 2. касеро аз роҳ задан.

1. Падарам ба онҳо гап ёд медод...

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

2. Ё ба вай ягон кас гап ёд медиҳаду аз роҳ мебарорад ва ё умуман бетоб ва асабонӣ шудааст.

*С. Ғанӣ «Табассум»*

## 115. Гап ёфт шудан

1. барои гуфтугу мавзуъ ёфт шудан, 2. мавзуи ғайбат пайдо гардидан.

1. Барои ҳангоматалабон гап ёфт шуда буд.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

2. Ана аз ҳамин рӯз сар карда, ба даҳанкалонони қишлоқи Чингон гап ёфт шуд. «Аҳмадҷон девона шудааст, магар дар он ҷо тут мерӯяд» мегуфтанд, ба кори у ханда карда.

*«Газетаи муаллимон»*

## 116. Гап ёфта баровардан

барои баҳона далелҳои беасос овардан.

— Самолётронӣ?..— Аҷаб гапҳое ёфта мебарорӣ!

*П. Толис «Ҳикояҳои даҳ сол»*

## 117. Гап зада, гап гирифтан

бо касе натарсида саволу ҷавоб кардан.

Аз байн яке аз рафиқонамон, ки дар сӯҳбатҳои худ бебоктар буду беистиҳола гап зада, гап мегирифт, ҷилави суханро ба тарафи дилхоҳи худ гардонда, аз раиси комитети иҷроияи районӣ пурсид...

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 118. Гап зада гирифтан

шароит, вақтро ғанимат диниста, бо касе суҳбат ё маслиҳат кардан.

Лекин ҳозир вақт танг, гап зада гирем мегуям.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

### 119. Гап зада дидан

фикр, мақсади касеро фаҳмидан, озмуда дидан.

Бо вай гап зада бин!..

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

### 120. Ба касе гап зада тавонистан

ба касе эрод гирифта тавонистан, ба касе муқобилат карда тавонистан.

— Гап задан гир, касеро, ки ба мо гап зада тавонад, ҳанӯз модараш назоидааст.

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

### 121. Гап зану муомила (гап) шунав

ба саволи касе ҷавоби бемантиқ додан, ба саволи касе дағалона ҷавоб гардондан.

1. — Гап зану муомила шунав,— мегуфт Саодатбӣбӣ ба муқобили ин далелҳои бебаҳси духтараш далели дурусте ёфта натавониста...

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. II*

2. — Ана гап зану муомила шунав!.. «Қирғизҳо бародарони мо мебошанд, ту фикр мекунӣ, ки ба кандани ангишташон розӣ мешаванд?..»

*Р. Ҷалил «Шуроб»*

3. — Ҳим-м! Ба ин кас гап занеду гап шунавед!

*Ҷ. Икромӣ «Зуҳра»*

### 122. Гап зану рузата бин

агар эрод гирӣ, гапи зиёд занӣ, ҷазоятро мебинӣ, ҳаддатро нишон медиҳам.

Агар касе даҳон кушояд, вай «гап зану рузата бин» гуёч таҳдид мекунад.

*«Хорпуштак»*

### 123. Гапи зиёдати ба хар бор аст

*Ниг.* Гапи бисьёр ба хар бор.

— Агар мабодо барои бачаат нафақа умед кунӣ, ин даъвоят ҳам пуч аст, зеро ки мову ту загс надорем... Дигар гапи зиёдатӣ ба хар бор аст.

*С. Саидмуродов «Ибрат»*
*(«Занони Тоҷикистон»)*

### 124. Гапи кадучадор

*Ниг.* Сухани такдор, ки ғайр аз маънои зоҳирӣ матлаби дигареро дар назар дорад.

— Шумо ба ман ин хел гапҳои кадучадор назанед.

*М. Рабиев «Орзуи ҷавонӣ»*
*(«Маҷмуаи пьесаҳои якпардагӣ»)*

### 125. Гапи калон

чизи муҳим, дорои аҳамият, кори калон, кори шоёни таҳсин.

1. Синфи даҳумро тамом кард, бас, худи ҳамин ҳам гапи калон.

*М. Рабиев «Орзуи ҷавонӣ»*
*(«Маҷмуаи пьесаҳои якпардагӣ»)*

2. Боз директори мактаб гуфта буд, ки «дар байн як гапи калон ҳаст».

*«Маориф ва маданият»*

### 126. Гапу калоча

*Ниг.* Гапу гапча.

Меҳрӣ ба ҷангу заданҳои амаку модараш, гапу калочаи мардум нигоҳ накарда, ба мулоқоти ошиқаш мешитобидааст.

*Р. Амонов «Меҳрӣ» («Шарқи сурх»)*

### 127. Гапу калоча баромадан

миш-миш шудан, боиси гуфтугузор ва маломату таъна шудан.

Аз чор атроф гапу калоча баромадан мегирад. Аллакай овоза паҳн кардаанд, ки гуё ман машинаҳоро ба руи хотири хешу таборӣ ба куҳистон фиристода бошам.

*К. Носиров «Орият»*

### 128. Гапу калоча кардан

*Ниг.* Гапу гапча кардан.

1.— Монед, боз одамон ҳаминро ҳам (майнуширо — *М. Ф.*) гапу калоча карда нагарданд.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

2. Дуйум ин ки Ашраф бамавқеъю бемавқеъ дар бораи падараш гапу калоча карда мегардад.

*Ғ. Абдулло «Шери занҷиршикан»*

### 129. Гап кардан

чизеро мавриди маломат қарор додан.

1.— Шумо, ки мулло ҳастед, шоир ва бофазл ҳастед, газетахонии шуморо гап мекунанд.

*С. Айнӣ «Мухтасар тарҷимаи ҳоли худам»*

2.— Ман туро диданӣ будам, чаро ба хона намеоӣ?
— Бе ин ҳам аллакай мардум гап кардаанд...

*А. Баҳорӣ «Одамони шинос»*

### 130. Гапро кашол додан

*Ниг.* Гапро дароз кардан.

Гапро кашол намедиҳаму мақсадро кутоҳ карда ҳаминро мегуям...

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

### 131. Бо гапи касе кор кардан

аз руи нишондоди касе кореро ба анҷом расондан, мувофиқи гуфтаи касе амал кардан.

— Шумо кай бо гапи ман кор карда будед?

*Ф. Ансорӣ «Ҳаёт ва ишқ» («Шарқи сурх»)*

### 132. Гап кор накардан

гап таъсир накардан.

— Беҳуда насиҳат карда нашинед, ба вай гап кор намекунад.

### 133. Гапу кор чӣ

чӣ будани моҳияти чизе, аз чӣ иборат будани масъала.

— Агар бовар накунед, марҳамат, як сари қадам рафта бинед, сонӣ мефахмед, ки гапу кор чӣ будааст.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 134. Гап кофта наёфтан

барои таъна, маломат, сарзаниши касе баҳона наёфтан.

— Ака Баракаатон ба худатон насиб кунад! Одамҳо гап кофта, наёфта гаштагӣ барин, тавба!

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

### 135. Гап кофтан

барои фаҳмидани чизе касеро ба гап андохтан, кунҷковӣ, тагпурсӣ кардан.

Бинобар он бо ҳамин мақсад гап кофта, аз Мушаррафа фикри шавҳарашро фаҳмиданӣ шуд...

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 136. Гап кушода шудан

1. дар бораи касе, чизе гап ба миён омадан, 2. кушода шудан, маълум гардидани сирре.

1. Бегоҳ дар сари дастархон боз дар хусуси ба тӯй рафтану нарафтан гап кушода шуд.

*Ҷ. Икромӣ «Дохунда («Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

2. — Акнун, ки гап кушода шуд, майлаш, ба ту мегӯям.

*«Маориф ва маданият»*

### 137. Гап кушодан

сухан оғоз кардан, гап сар кардан, бо мақсаде гаперо ба миён овардан.

1. Духтар бар худ осори мондагӣ намедид, бо ҳисси духтаронаи худ пай бурд, ки мақсади ин ҷавон, аз ин сухан, танҳо гап кушодан ва бо таклифи хизмате хушомад гуфтан аст...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Дар ин бора гап ҳам накушоед, хуб-ми?

*«Занони Тоҷикистон»*

3. Маҳбуба гапро кушоданӣ буд.

*«Маориф ва маданият»*

### 138. Гапи куҷо

ибораест, ки ҳайрат, тааҷҷубро ифода мекунад; аҷабо, ё тавба!

Ин гапи куҷо, ки аз писарат руидагӣ фарзанд ба ту гап ёд медиҳад?

*«Машъал»*

### 139. Ба гапи касе лаққи афтидан

ба гапи касе бечуну чаро бовар кардан, ба доми фиреби касе афтидан.

Ба гапи у лаққи афтодаму роҳи ҳамин ошхонаро пеш гирифтам.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 140. Гапро лунда кардан

гапро мухтасар, фаҳмо карда гуфтан, хулосаи матлабро гуфтан.

Мо гапро лунда карда мақсадамонро ба раис фаҳмондем,

*«Маориф ва маданият»*

### 141. Гапро майда кардан

бисьёр гап задан, гапро кашол додан, хурдагирӣ кардан.

— Гапро майда накардӣ, гум шав!

*«Занони Тоҷикистон»*

### 142. Гапи ман гап гуфтан

дар гап, фикри худ истодагӣ кардан, танҳо гап, фикри худро маъқул ҳисоб кардан; якравӣ, гарданшахӣ намудан.

Ин хел одамон зоҳиран якраву гарданшах ҳам мешаванд, гапи ман гап гуфта шиштан мегиранд...

*Р Амонов «Дар доманаи куҳҳои кабуд»*

### 143. Гап маъқул кунонидан

касеро ба гап розӣ кунонидан, чизеро ба касе маъқул кунонидан.

Ба вай гап маъқул кунонида мешавад-ми?

### 144. Гап маъқул шудан

писанд шудани гап.

Ана ин дафъа ҳам гапи шумо маъқул шуду гапи моро ҳеҷ кас ба се пули пучак нагирифт.

*А. Сидқӣ «Иродаи зан»*
*(«Занони Тоҷикистон»)*

### 145. Гап нагазондан

дар аснои гапи касе луқма напартофтан, хомуш истодан.

Дарья, ки то ин дам ба миёни дарду ҳасрати Хол гап нагазонду бесаброна ба анҷоми сухани у интизор буд, паи ҳам саволҳо медод.

*Р. Ҷалил «Шуроб»*

### 146. Гапи касеро нагирифтан

ба гапи касе гуш накардан, хоҳиш, амри касеро иҷро накардан, маслиҳати касеро қабул накардан, гапи касеро ба эътибор нагирифтан.

1. Шодигул дар умраш аввалин бор гапи падару модарашро нагирифт.

*С. Улуғзода «Навобод»*

2.— Ман қозии шаҳр бошаму як беваи бекас гапи маро намегирифтааст!

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

### 147. Гап назада

бечуну чаро, бегуфтугу.

— Агар ҳозир ба ҷои ту шахси дигар мебуд, гап назада ба ҷаҳаннам мефиристодам.

*«Тоҷикистон»*

## 148. Гапи намешудагӣ

фикр, хоҳиши беҳуда, гапи беҳуда, хоҳиши иҷрояш ғайримумкин.

1. Дар шуъбаи маорифи райони мо гапҳои намешудагӣ паҳн шудааст.

*Р. Амонов «Дар доманаи кӯҳҳои кабуд»*

2. Ман хоҳам духтарамро ба шавҳар медиҳам, хоҳам ба кор мемонам, хоҳам ба куча баромадан намемонам.

— Гапи намешудагӣ...

*У. Умаров «Кӣ айбдор» («Пьесаҳои якпардагӣ»)*

## 149. Аз гап намондан

1 бадлафзиро тарк карда натавонистан, 2. ба андозаи сухани ҳариф ҷавоб гардондан.

— Асло аз гапи бад намемонед!

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

## 150. Ба касе гап нарасидан

1. ба сухан гуфтан ҳақ надоштан, 2. ба касе навбати сухан, эътироз нарасидан.

1. Ҷомаҷиғдаҳо чӣ тавр шуда «лому мим» — гуфта монанд, даханкалонҳои маҳаллаашон: «ба ту гап нарасидааст, дам шав, ки даҳонатро аз пушти гушат мекушоянд!» — гуён нафаси онҳоро дар гулуяшон мепечониданд...

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

2.— Холо ба ту гап нарасидааст, ту дам шин...

*С Саидмуродов «Раъно»*

## 151. Гапи нағз морро аз хонааш мебарорад

*Ниг.* Бо сухани нарм мор аз хонааш мебарояд.

Боз ба роҳи шайтон даромада, ягон тарсакӣ назанед, ки баъд ҳам аз оилаю ҳам аз мактаб дилхунук мешавад. «Гапи нағз морро аз хонааш мебарорад» гуфтаанд.

*«Маориф ва маданият»*

### 152. Гапи обдор задан

1. гапи бамаънӣ, пухта гуфтан, 2, гапи сахт задан, суханҳои тезутунд гуфтан.

1. Умраш монад парторгамон Раҳматов ҷавони хеле боқавл-дия, чорта гапи обдор заду аз хамир муй кашидагӣ барин карда фиристод.

*Ҳ. Содиқ «Саркор ва мухбир» («Овози ҷавонон»)*

2. Модом ки аз ҳадди худаш гузашта маҳмаддоногӣ кардааст, бо се-чор даҳон гапи обдор зада танбеҳашро намедиҳад, ки минбаъд вай қадамашро paniista монад?

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. II*

### 153. Гапро пазондан

масъалаеро ҳал намудан, ҳартарафа муҳокима намуда, ба як қарор омадан.

Ана ин ҷо шумо, падарам, ака Истад, Қосимҷон баринҳо якҷоя шуда, гапро пазонетон.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

### 154. Ба гап пай бурдан

моҳиятро фаҳмидан, аз гап ба асли масъала пай бурдан.

Рауф дар ин вақт меояду ба гап пай набурда ба хандаи онҳо шарик мешавад.

*Ф. Ансорӣ «Имтиҳон»*

### 155. Гап паррондан

1. таъна, сарзаниш, коҳиш кардан, неши забон задан, гапи нешдор гуфтан, 2. бо киноя ба ягон чиз ишора кардан, 3. луқма додан.

1. «Ин дар замони амир иноқ буд; ин туқсабо буд; ин ясавулбошӣ буд» гуфта як қисм одамони «паст» ба амалдорони кӯҳна гап мепарронанд..,

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Ба сабаби монеъ омадани Қозикалон ҳарчанд уро аз мадраса пеш карда натавониста бошанд ҳам, аз таҳқир кардани у, аз гап паррондан ба у боз намеистоданд.

*С. Айнӣ «Еддоштҳо», қ II*

3. Ман як руз ба у ҳазл карда гап паррондам, у маро бисьёр шарманда кард.

*А. Усмонов «Мубориза»*

### 156. Гап партофтан

1. бо киноя ба чизе ишора кардан, 2. луқма додан.

1. Бой мувофиқи он заминае ки зани калонаш тайёр карда истода буд, ба Соро муомилаи «дустона» ва «меҳрубонона» мекард, ба вай гап мепартофт, гоҳо ин гуна гаппартоиҳоро ба дараҷаи ҳазлу шухӣ меовард.

*С. Айнӣ «Ятим»*

2. Вай — ман имруз,— гуфта ба сухани худ давом кард Неккадам,— худам ба у гап партофта дидам.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

3. Аз хар чо-ҳар ҷои зал одамон «Юнусбобо қоил кард, офарин! муйсафеди пухта!» — гуён гап мепартофтанд.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ I*

### 157. Гапи пасту баланд

гапи дурушт, зишт; гапи масхараомез, таҳқирнок; гапхои беҳуда, беасос.

1. Аз ин гапҳои пасту баланд мақсад чист?

*Ф. Ансорӣ «Имтиҳон»*

2. Ба гапҳои пасту баланди одамон беҳуда бовар карда, ба гуноҳи каси дигар зомин нашаву аз пода пеш чанг нахезон.

*«Хорпуштак»*

### 158. Гапи пасту баланд задан

1. гапи бемаънӣ, беҳуда, дурушт, зишт задан, 2, сухани таҳқиромез гуфтан.

1. Дониста бошед, ки агар ҳар кадоми шумо ҳаракати бечо кунед ва ё гапи пасту баланд занед, бе пурсиш ба куштан меравед.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2.— Ин хел фикр ба каллаи хом меояд,— бо қаҳр ғур-ғур карда гуфт Аҳмадчон.

— Ту дар ин чо гапҳои пасту баланд назан, ин фикр фикри ман аст...

*С. Улуғзода «Навобод»*

### 159. Гап пурсу чавоб шунав

*Ниг.* Гап зану муомила шунав.

— Аз ин одам гап пурсу чавоб шунав!

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 160. Гапи пухта

сухани бамаъни, оқилона, бомулоҳиза; сухани аниқ, саҳеҳ.

Ман омадам, ки аз ту як гапи пухта шунавам...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 161. Гап пухтан (байни ду кас)

ба як қарор омадан, созиш кардан.

1. Аз омадани раис хушҳол шудам, зеро бо вай гапамон мепухт.

*«Тоҷикистони советӣ»*

2.— Дастбагиребон нею,— гуфт Шодӣ,— лекин бисьёр вақт боз гапамон намепазад.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

3. Барои чӣ бошад, ки ман ҳамроҳи Валӣ худро ҳамеша ногувор ҳис мекардам, гапам намепухт ва аксар хомуш меистодам.

*А. Баҳорӣ «Одамони шинос»*

### 162. Гапро пусту калла кардан

*Ниг.* Пусту каллаи гапро гуфтан.

— Гапро пусту калла кард. Ман номзад дорам,— гуфт.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

### 163. Гап расида мондагеш не

эҳтиёҷ ба гап задани ту нест.

— Ҳуй пирсаги беимон! — мегуфт мулло бо овози дупуста,— ба ту гап расида мондагеш не, қиссонда шин, бодаш набарояд!

*Р. Ҷалил «Гулру»*

### 164. Гап расидан

1. ба сабабе мавриди маломат гардидан, 2. ҳақорат, дашном шунавидан.

1. Қорро ту мекунию гапаш ба ман расад. «Ҳалворо Ҳаким хураду калтакро ятим» гуфтагӣ барин мешавад.

*П. Толис «Ҳикояҳои даҳ сол»*

2. Ман ҳам ҷиян, ҳам хизматгор ҳастам. Аз ҳамин сабаб ба тағоям гап намерасад.

*Ҷ. Икромӣ «Тори анкабут»*

3.— Агар ба ман гап нарасонда боб кунед, ҳар чӣ гуед, ман розӣ, ҷонон.

*М. Сайфиддинов «Ду ҳусну ду ишқ»*
*(«Занони Тоҷикистон»)*

### 165. Гап рафтан

дар бораи касе, чизе гуфтугу шудан.

1. Дар сари дастархон, албатта, аз ҳар тараф гап мерафт.

*Р. Ҷалил «Ҳамида»*

2. Ҳануз дар байни мардумони қишлоқ дар бораи девона шудани вай гап мерафт.

*«Маориф ва маданият»*

### 166. Гап рост наомадан

1. ба касе гап маъқул нашудан, 2. суханеро написандидан, ба гапе розӣ нашудан, мувофиқат накардан.

1. Ба духтарҳои ин замон гап рост намеояд, қадашон аз замин як ваҷаб нахеста, ба дигарон дарс медиҳанд...

*С. Ғанӣ «Туй»*

2. Гапи вай ба гуфтаҳои шавҳараш рост наомад.

*«Хорпуштак»*

### 167. Гапро руда барин кашол додан

*Ниг.* Гапро дароз кардан.

Ман гапро руда барин кашол надода, ба сари мақсад меоям.

*«Хорпуштак»*

### 168. Ба гап сар кардан

ба сухан оғоз кардан.

1. Бо чеҳраи кушод гап сар кард...

*«Тоҷикистони советӣ»*

2. Яке аз мардҳо чои гармро қулт-қулткунон нушида истода, бо овози паст, ки мабодо занро бедор накунад, ба гап сар кард.

*«Занони Тоҷикистон»*

### 169. Гапи сарбаста

1. гапи борамз, гапи пушида, 2. кинояомез.

— Ҳамеша гапатон сарбаста!

*М. Сайфиддинов «Ду ҳусну ду ишқ»*
*(«Занони Тоҷикистон»)*

### 170. Гапи сахт задан

1, гапи дурушт, нешдор задан, 2. касеро дашном, ҷанг кардан.

1. Бой Мирзоро ба сусткорӣ ва бетартибӣ айбдор карда, ба у гапҳои сахт мезад.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. IV*

2.— Шумо ба чои ёрӣ додан ба ман гапхои сахт мезанед...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 171. Аз касе гапи сахт шунавидан

аз касе сухани дурушт, нохуш, дашном шунавидан.

Тошмурод қариб чор сол боз бо Узокбибӣ кор карда аз у ягон гапи сахте нашунавидааст.

*«Занони Тоҷикистон»*

### 172. Гап таг доштан

асос, маънӣ доштани гапе; сабаб доштани чизе.

— Ана акнун фаҳмидӣ, бача. Гапхои ман таг доштааст.

*С. Саидмуродов ва М. Рабиев «Саодат» («Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

### 173. Гап таъсир кардан

фоида, асар бахшидани сухане.

Барои ислоҳи у ва ислоҳи косалеси у — муаззин, ки аз у ҳам аҳмақтар аст, гап таъсир намекард.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

### 174. Гап фурухтан

лаққидан, харзагуй кардан; лоф задан.

1. — Ба ман гап нафурушед,— гуфт боз бо ҳамон қаҳру алам Латофат, ман бача нестам!

*А. Мусаввада «Печкаи беалав» («Шарқи сурх»)*

2. Онҳо қанор-қанор гап мефурушанд ва фаромуш мекунанд, ки «аввал кор, баъд гуфтор».

*«Хорпуштак»*

### 175. Гапро хоида гаштан

гаперо ҳамеша гуфта гаштан, такрор карда гаштан.

— Нимсол боз як гапро хоида мегардед.

*М. Зокиров «Шодиёна» («Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

### 176. Гапро хоида додан

ҳама гарафи гапро гуфтан, масъалаеро тамоман ҳал карда, тайёр карда додан, ҳама гапҳои гуфтаниро пешакӣ як ба як гуфта додан.

Вале ҳама медонист, ки умуман ибораи «гапро хоида додан» уро ба хашм меоварад...

*С. Улуғзода ва В. Виткович «Ибни Сино»*

### 177. Гапро хоидан

дар бораи чизе бисёр гап зада, моҳияти онро нагуфтан, мақсадеро норавшан баён кардан; сухани худро нимкола монондан.

— Гапро хоида монд... На розӣ шуданашро фаҳмидем ва на норозигиашро...

*Қ. Носиров «Орият»*

### 178. Гапи хона ба бозор (куча) рост намеояд

дуруст наомадани маслиҳати пешаки ба сабаби дигар шудани вазъият.

1. Ҷуи калонро бо чӣ мекобед? бо даст? Бо даст ин кор дар як сол ҳам тамом намешавад.

— Район экскаватор медиҳад.

— Дар сандали шишта, нақша кашидан осон. Аммо «гапи хона ба бозор рост намеояд».

*С. Улуғзода «Навобод»*

2. «Гапи хона ба кӯча рост намеояд» гуфтагӣ барин ин кампирон хабар надоштанд, ки дар беруни ҳавлиашон чӣ гапҳо хаст.

*Ҳ. Карим «Ҳикояҳо»*

### 179. Гапи худро гузаронидан

гапи худро ба касе маъқул кунонидан; касеро ба чизе розӣ кунонидан, дар гуфтаи худ исрор кардан.

1. Чӣ тавр карда гапи худро ба амиру вазир мегузаронанд?

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Дар пеши бой гапашро гузаронида натавонист...

*С. Айнӣ «Ятим»*

3. Гулруи якрав боз ҳам якравӣ кард, гапи худро гузаронд.

*Р. Ҷалил «Гулру»*

### 180. Гапи худро гум кардан

гаперо фаромуш кардан, риштаи гапро гум кардан, чӣ гуфтанро надониста мондан.

— Ман ҳозир дар байни ин қадар комиссия гаранг шуда, гапамро гум кардам.

*«Газетаи муаллимон»*

### 181. Аз гапи худ дармондан

дар вақти ғапзанӣ сирри худро банохост фош намудан, дар гапи худ ба зиддият роҳ додан.

Ҳоло худаш аз гапаш дармемонад.

*С. Саидмуродов «Ҳамшира»*
*(«Маҷмӯаи пьесаҳо»)*

### 182. Гапи худро ба касе додан

1, ба касе тобеъ, мутеъ шудан, 2. аз касе забонкутоҳ гардидан.

1. — Ин акнун ба ту сабақи нағз шавад ва дониста мон, ки ба Пулод барин одамҳо гапи худро додан, лаҷоми худро хам ба вай супурдан мешавад.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. II*

2. Азбаски дар заминҳои худ меҳнат мекарду ҳосили хуб меруёнд, ба худаш тинҷ буд, як сар аспи хуб ҳам дошт. Бинобар ин ба касе гапашро ҳам намедоду миннати касеро низ намебардошт.

*Т. Усмон «Робиа қаҳрамони*
*даврон шуд» («Машъал»)*

### 183. Гапи худро дониста задан

фикр, андеша карда гап задан.

1. — Уй ясавул! Гапатро дониста зан!

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. — Барои чӣ падари ин дузд будааст, гапатро дониста зан!

*С. Саидмуродов «Раъно»*

3. Гапатро дониста зан, ман писари аммаат нестам.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

### 184. Ба гапи худ истодан

дар гуфтаи худ барқарор мондан, қавли худро дигар накардан.

1. — Агар мард бошед, ба ҳамин гапатон истед!

*«Маориф ва маданият»*

2. Як бор, ки ба гапат наистодӣ, ба ту бовар намекунам.

*«Машъал»*

### 185. Гапи хунук

суханҳои нозеб, дағал, дурушт, бемаънӣ, аз одоб берун.

Ман, ки аз Шокиртароша ғайр аз гапи хунук дигар чизе нашунида будам, бовар накарда пурсидам...

*П. Толис «Тобистон»*

### 186. Гапи хунук задан

суханҳои нозеб, дағал, бемаънӣ, аз одоб берун задан.

1. Барои чӣ ҳамин вақт бо Зайнаб кашмакаш кард, гапҳои хунук зад?!

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

2. Гапи хунук зада, аламашро паст мекард.

*«Маориф ва маданият»*

### 187. Гапи хушк ба гуш намефорад

*Ниг.* Сухани хушк шунида намешавад.

— Барои ин камтар пул лозим, пул — мушкилкушои ҳамаи душвориҳо. Мирзохуҷа маро барои маслиҳат ба пеши домулло фиристодаӣ шуд. Ман аз таҷрибаи худам медонам, ки ғапи хушк ба гуш намефорад.

*Р. Ҳайдаров «Духтари бебок»*
*(«Истеъдодҳои ҷавонон»)*

### 188. Гапи касеро хурдан

ба гуфтаи касе тан додан, ба фармони касе мутеъ шудан.

1 Ҳайдарчаро барои гап задан акнун ҳеҷ ҳавсала ва димоғ намонда бошад ҳам, гапи Қодир-бузро хурда мағлуб шуда монданро нахост.

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

2. Яхьё ҳам ин гапи халифаро хурда хомуш намонд ва дар ҷавоби у гуфт...

*С. Айнӣ «Исьёни муқаннаъ»*

3. Дар муддати нисбатан на чандон зиёд он қадар ба фаҳми кор рафта, нуқтаҳои нозук ва мураккаби онро омухтааст, ки на танҳо аз ягон инженер, ё мутахассис гап мехурад, балки ҷояш биёяд ба онҳо сабақ ҳам медиҳад.

*Ғ. Абдулло «Дар водии бахт»*
*(«Маориф ва маданият»)*

### 189. Гап хурондан

1. ба матлаб, ба мақсаде ишорат кардан, 2. пичинг ва киноя гуфтан, 3. сухани худро гузаронидан.

Эсанпай боз омин карда истода, дар байни дуоҳояш ҳамин гапҳои рупуши хостгориро хуронда гузашт.

*Р. Ҷалил «Шуроб»*

### 190. Гап чидан

хабаркашӣ, суханчинӣ кардан.

Доимо аз паси мо — калонҳо мегардаду гап мечинад.

*«Маориф ва маданият»*

### 191. Гап шудан

вирди забон гаштан; сабаби миш-миш, бадгуии одамон шудан.

— Ту мехоҳӣ, ки ман имсол ҳам ба мардум гап шавам?

*Қ. Наимӣ «Роҳи дуруст» («Шарқи сурх»)*

### 192. Аз касе гап шунидан

мавриди сарзаниши касе гардидан, ба зери маломат мондан, аз барои касе сухани ногувор шунидан.

1. Якчанд бор аз дарс монда, аз муаллимамон гап ҳам шунавидам.

*С. Ғанӣ «Туй»*

2. Ман намехоҳам, ки дар бораи як хулиган аз шумо гап шунавам.

*Ҷ. Икромӣ «Зуҳра»*

3. Одамҳо аз кори ту норозӣ, ман аз қафои ту гап шунавидан гирифта, безор шудам.

*С. Улуғзода «Навобод»*

### 193. Гапи касеро шунидан

1. ба арз, доди касе расидан, 2. насиҳати касеро қабул кардан.

Чунки ин ҷо мамлакати худамон буда, дар сояи давлати ҷаноби олӣ дар ҳар куҷо гапи мову шуморо мешунаванд.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III*

### 194. Гапро (ба) як ҷо мондан

ба як қарор омадан, якдил, якзабон шудан.

1. Як шаб ҳамаашон гапро як ҷо монда, баъд аз хобидани соҳибонашон ба тарафи чул гурехтаанд.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. II*

2. Агар эшон бо Қаробой ва Темур пешакӣ гапро ба як ҷо мемонд, ҳозир дар пеши мо қасам намехурд.

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

3. Ба пеши шумо омадани мо бо ҳамин мақсад, ки дар ин бора маслиҳат кунем, гапро ба як ҷо монем, аз як гиребон сар бароварда, комиссияро пешвоз гирем.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

### 195. Гап якта (якто)

қавл як, қарор як.

1.— Гапи ман якта, гуфтам — мекунам.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

2.— Гап якто, ҷойҳои холии атрофро боғу бустон, канору лабҳои дарьё ва каналҳоро, пастию баландиҳоро дарахтзор мекунем...

*Қ. Наимӣ «Фикри ояноа»*
*(«Овози ҷавонон»)*

### 196. Гап яла кардан

*Ниг.* Гап кушодан.

— Ҳарчи сафари Бухоро барои ман нағз нашуда бошад ҳам, барои ту беҳтар гузашт,— гуфта рузе хуҷаин ба Бозор гап яла кард...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 197. Гап яла шудан

*Ниг.* Гап кушода шудан.

Ин воқеаро нагуфта будам, имрўз ки гап яла шуд, гуфтам...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 198. Ба гап ғалтидан

ба сухани касе фирефта шудан, фиреб хўрдан.

Мани нодон ба гапи онҳо ғалтидам.

### 199. Гап қарор гирифтан

1. ба як ҷо қарор гирифтани гуфтугў, маслиҳат, 2. ба як хулоса омадан.

Ниҳоят гап ба ҳамин қарор гирифт: Ғаюрзода дигар сабру тоқат надорад.

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

### 200. Гап қаҳат шудан

бе маврид гап задан, сухани дигар барои гуфтан наёфтан.

Гап қаҳат шуд, ки ту ҳамин гапҳоро гуфта нишастай?

*«Маориф ва маданият»*

### 201. Гап қур гирифтан

барор гирифтан, тафсидани гуфтугў.

— Хуб гапҳоятон, аз афташ, қур гирифт...

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

### 202. Гап ҳам якта, худо ҳам якта

қавл, ваъда як аст.

1. Ба қавли худи шумо «гап ҳам яктаю худо ҳам якта аст». Бекора овора шуда ҷонатона накоҳонед.

*Р. Ҷалил «Гулрў»*

2.— Э, хотирҷамъ бошед, гап ҳам яктаю худо ҳам!

*«Хорпуштак»*

### 203. Гапу ҳарфи бисьёр шудан

боиси бадгуӣ, миш-миши одамон шудан, боиси маломату таъна гардидан.

«Агар шумо ба ман, ки шогирди понздаҳрузаам, даҳьяк диҳед, гапу ҳарфи бисьёр мешавад, ҳам ба шумо ва ҳам ба ман зарар мекунад».

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

### 204. Ба гап ҷома пӯшондан

1. суханварӣ кардан, бо обу ранг гап задан, бо алфози пуртумтароқ сухан оростан; бо муболиға гап задан.

1. Аз хусуси ину он бештар дар таърифи иморатҳои муҳташаме, ки дар солҳои охир қомат рост намуда, ин шаҳри монанди мавҷи баҳр баланду паст, фарозу нишебро хеле зебо намудаанд, ба гап ҷома мепӯшонд.

*Р. Ҷалил «Ҳамида»*

2. Ягон духтар ва ҷавонзанро бинад, ба гап ҷома мепӯшонаду бо суханҳои ширин морро аз хонааш берун мебарорад.

*С. Ғанӣ «Табассум»*

### 205. Гап ҷон дорад

асос, мантиқ доштани гап.

— Синну сол ва риши сиёҳи ту ба эшонӣ мувофиқ намеояд.

— Лекин ҳамин гап ҳам ҷон дорад.

*С. Улуғзода «Қалтакдорони сурх»*

**ГАПАТОН**

### 206. Гапатон дар даҳонатон

дар мавриде гуфта мешавад, ки агар кас дар давоми сухангуии шахси дигар уро аз сухан боздошта сухане илова карданӣ шавад: илова, эзоҳ ба суханатон.

— Гапатон дар даҳонатон! Баъд, охир, назар ба шунидам, дар Бухоро аҳвол чандон хуб не барин...

*Ҷ. Икромӣ «Дохунда»*
*(«Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

## ГАПАШ

### 207. Гапаш гап, гуфтааш (гуфтагеш) гуфта

*Ниг.* Гапи касе гап.

— Лекин, Қомилҷони мо, умраш зиёда шавад, аҷоиб писар! Худи одамҳои руздидаю калонсол барин рафтор мекунад, одамҳоро мешиносад, гапаш гап, гуфтааш гуфта!

*Ҷ. Икромӣ «Ситора» («Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

2. — Қалони консулхона уруси базарба! Гапаш гап, гуфтагеш гуфта!

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

## ГАПГАРДОНӢ

### 208. Гапгардонӣ кардан

*Ниг.* Гапи касеро гардондан.

1. Хола ба ин гапаш аз Фазилатой, ки то ин вақт гапгардонӣ карда, алами уро тоза мекард, дигар ҷавоб нагирифт.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

2.— Ҳазор бор гуфтам, ки гапгардонӣ накун.

*С. Ғанӣ «Туй»*

## ГАПГУЗАРОНӢ

### 209. Гапгузаронӣ (гапгузаронак) кардан

гапи худро маъқул кунонидан; баҳсу ҷавоб намудан.

1. Бо овози хастаю хиррӣ бо ҳамдигар гапгузаронӣ мекарданд.

*«Тоҷикистони советӣ»*

2. Ягон ҳафта пеш аз ин ҳар дуи онҳо дар бораи вазъияти Франция гапгузаронӣ мекарданд.

*П. Толис «Ҳикояҳои даҳ сол»*

3.— Хайр, биё, гапгузаронак накун, кампир, ин туйро чунон кардан лозим, ки мардум солҳо фаромуш накунанд.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

## ГАПЗАНӢ

### 210. Аз гапзанӣ даҳон (забон) муй баровардан

ниҳоят бисьёр гап задан, ба касе бисьёр гап зада ҳеч натиҷа наёфтан, аз гап задан хаста шудан.

— Аз гапзанӣ ба даҳонам муй баромаду вай бошад, маро дар руи ҳавлиаш монда, ба хонааш даромада рафт.

*Р. Ҷалил «Фаранҷии охирин»*
*(«Шарқи сурх»)*

## ГАРД

### 211. Гарди касеро ба осмон баровардан

касеро несту нобуд, хоку туроб кардан.

«Ман марди майдони ин одам нестам, агар руйрост дар байни мо задухурд руй диҳад, у гарди маро ба осмон мебарорад» — гуфт.

*С. Айнӣ «Ятим»*

### 212. Гарди ҷоеро хурдан

дар ҷое таълим гирифтан; дар ҷое одоб ёд гирифтан.

1. Майлаш, дар давраи калонҳо шинад, гарди меҳмонхона хураду одам шавад.

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

2. Бо ҳар гуна дуғу пуписаҳо, аз қабили «ту ҳоло гарди китобхона нахурдаӣ, фалон нусхаи китобхонаҳои ғарбро надидаӣ» ва фалону беҳмадон уро ба нодонӣ мебароранд.

*А. Деҳотӣ «Чанд сухан дар бораи омӯзиш*
*ва нашри осори гузаштагони мо»*
*(«Шарқи сурх»)*

## ГАРДАН

### 213. Чизе ба гардани касе (будан)

ба масъулияти касе, ҷавобгарии касе, ба зиммаи касе.

1. Акнун нигоҳубини онҳо (гулҳо — *М. Ф.*) ба гардани шумо.

*«Тоҷикистони советӣ»*

2. — Лекин, бача, ту ҳамин қадар дониста мон, ки ба ин ҷанҷол хар чӣ хароҷот шавад, хама ба гардани ту аст.

*Ҷ. Икромӣ «Дохунда»*
*(«Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

### 214. Чизе ба гардани касе афтидан

1. дар зиммаи касе будан, ба уҳдаи касе будан, 2. исбот шудан.

1. Бинобар ин вазифаи барҳам задани босмачиён аввал ба гардани ману ту меафтад...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Duздиҳояш пеши «қозии ислом» дайн шуда, ба гарданаш афтод...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 215. Чизеро аз гардани касе бардоштан

касеро аз чизе халос намудан, чизеро аз сари касе соқит кардан.

1. Барои кори барзиёд музди ҷудогона муайян карданро, ҳеҷ набошад, ин кори барзиёдро аз гарданашон бардоштанро талаб кардани шуданд...

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

2. Вале бачаҳо, ҳамкорҳо тараддуд карда, ҳабсро аз гарданам бардоштанд...

*Ҷ. Икромӣ «Аз Москва чӣ овардӣ?»*

### 216. Бо гардани баста

дилу бедилон; маҷбуран.

1. Аввалҳо мевафурӯшӣ ба ман ҳеҷ маъқул набуд, онро як кори маҷбурӣ медонистам, ба бозор бо гардани баста мерафтам.

*П. Толис «Тобистон»*

2.— Бечора бо гардани баста розӣ шуд.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 217. Ба гардани касе чизе бор кардан

чизеро ба ӯҳдаи касе гузоштан, иҷрои чизеро ба касе супурдан, касеро ба иҷрои чизе вазифадор кардан.

1. Виҷдонам вазифаи тарбияи ин кудаконро аз ҳамаи орзуҳои ман болотар карда ба гардани ман бор карда буд.

*С. Айнӣ «Еддоштҳо», қ. I*

2. Дигар хел карда гуем, ба гардани духтар шавҳари намехостагиашро бор карданд.

*С. Улуғзода «Навобод»*

3. Собиров аз дил гузаронд, ки «шояд таъмири мактабро... ба гардани у бор кунад».

*Р. Ҷалил «Ҳамида»*

### 218. Чизе ба гардани касе бор шудан

иҷрои чизе ба ӯҳдаи касе вогузор карда шудан.

Корҳои рузгорӣ, нигоҳубини ҳайвонот ва рамачарронӣ — ҳамагӣ ба гардани Соро бор шуда буд...

*С. Айнӣ «Ятим»*

### 219. Ба гардан гирифтан

1. чизеро ба ӯҳда, ба зиммаи худ гирифтан, ба чизе розӣ шудан, чизеро қабул кардан, 2. иқрор шудан.

1. Ба ҳар сад танга моҳе панҷ танга фоида доданро ба гардан мегирам.

*С. Айнӣ «Марги судхур»*

2. Парвардигорхоҷа бошад, тарк кардани асоро ҳеч ба гардан нагирифт...

*С. Айнӣ «Еддоштҳо», қ. III*

3.— Розӣ кардани падаратро ман ба гардан мегирам.

*С. Ғанӣ «Туй»*

4. Назар ба қавли худаш у вазъияте надошт, ки одамон уро муҳтоҷ гумон кунанд ва инчунин у ҳеҷ гоҳ аз касе чизе пурсиданро ба гардан нагирифта буд.

*С. Айнӣ «Мирзо Абдулқодири Бедил»*

5.— Ин тавр бошад, хаторо ба гардан гирифтан даркор.

*А. Сидқӣ «Ҳабиба»*
*(«Айёми мо»)*

### 220. Гардан дароз кардан

барои ба даст даровардани чизе кушиш намудан, ҳаракату ғайрат кардан.

— Ба уштур янтоқ даркор бошад, гарданашро дароз мекунад...

— Агар овози маро шуниданӣ бошед, марҳамат ба туи Ҳамроқул-ака биёед.

*«Хорпуштак»*

### 221. Гардан додан

1. розӣ шудан, 2. итоат намудан, таслим гардидан; тан додан.

1. — Шумо, ки,— гуфт акаам ба у,— худатонро калон мегирифтед, ҳеҷ касро назаратон намегирифт ва аз руфта тоза кардани ҷои хоби худатон ор мекардед, чӣ навъ шуд, ки ба ин кори паст гардан додед?

*С. Айнӣ «Еддоштҳо», қ. I, II*

2. Ба интизоми ҳарбӣ гардан додан даркор аст...

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

3. Агар Махдум аз кифти мо ҳам гузаранд (аз таноб ҷаҳида — *М. Ф.*), ман дар ҳамон вақт ба ин кас гардан медиҳам.

*С. Айнӣ «Еддоштҳо», қ. II*

### 222. Гардан ёрӣ надодан

ба иҷрои чизе майлу хоҳиш надоштан, нахостан, розӣ нашудан, ба иҷрои коре гардан нафаровардан.

1. Ман, ки то он вақт ба касе қасидае навишта аз вай чизе напурсида будам, ба ин кор гарданам ёрӣ надод.

*С Айнӣ «Еддоштҳо», қ IV*

2. Агар ин ҳеҷ чиз надошта бошад ҳам, ё ин ки ба рои чиз додан гарданаш ёрӣ надиҳад ҳам, ба у як мил тиқи шохдори кадимӣ харида медиҳам.

*С. Айнӣ «Ғуломон*

3. Зебӣ хост, ки дар бораи Сафар аз у чизе пурсад, вале гарданаш ёрӣ надода, дигар ҳеҷ хизмат надошта ни худро изҳор карду хеста рафтанӣ шуд.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

4. «Одам, ки танбал, гарданғафс шуд, ба кор кардан гарданаш ёрӣ намедиҳад».

*Қ. Наимӣ «Роҳи дуруст»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 223. Чизеро ба гардани касе задан

*Ниг.* Чизеро ба гардани касе мондан.

— Ин ҳавлӣ, худатон медонед-ку, ба зани хурдии бой мерос афтидагӣ; ба хеч кас ҳам даркор не, дуруст кардани шикасту рехташро ба гардани мо зада, шинонда монда буданд.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 224. Гардан кашидан

*Ниг.* Гардан тофтан.

Дар айни ҷанг Қодирови паҳлавони мо
Шуд ру ба ру бо Амшуну гуфто чӣ содаӣ?
Гардан кашидан ба ғурур ин қадар чаро?
Таслими мо бишав!
зи чӣ саркаш ситодаӣ?

*С. Ҷавҳаризода «Мўъҷизоти халқ»*

### 225. Ба гардан кашидан

*Ниг.* Ба гардан гирифтан.

1. Акнун, ки ин қадар беандешагиро худ кардӣ, чунончи худ кардаро даво нест, гуфтаанд, ҷазояшро ҳам бояд ба гардан кашӣ.

*Ҷ. Икромӣ «Дохунда»*
*(«Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

### 226. Бо гардани кaҷ

маъюсона, фурутанона, итоаткорона, бо илтиҷову илтимос.

1. — Хуш, канӣ сағира, номат чӣ?

— Номам Саидмурод,— ҷавоб додам бо гардани каҷ.

*«Тоҷикистони советӣ»*

2. Боз ба гардани каҷ ба назди Саида рафта, уро ба Душанбе даъват кард...

*«Хорпуштак»*

### 227. Гардан каҷ кардан

дар пеши касе изҳори аҷз ва фурутанӣ кардан, илтимос кардан.

Қорхонаи мо майдончаи бор боркунию борфарорӣ надорад. Аз ҳамин сабаб ҳам мо маҷбурем, ки дар назди роҳбарони станция гардан каҷ кунем.

*«Хорпуштак»*

### 228. Гардан лав кардан

*Ниг.* Гардан каҷ кардан.

Салима, аз карда пушаймон шудагӣ барин, гардан лав карда ба ҷои худаш рафт...

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 229. Чизеро ба гардани касе мондан

ба касе иҷрои чизеро супоридан, касеро уҳдадор кардан, касеро гунаҳгор намудан.

1. Иҷрои ин супоришро ба гардани ман монданд.

2. Ҳар туҳмат ва буҳтонро ба гардани ман хоҳанд монд.

*«Роҳбари дониш»*

### 230. Чизе дар гардани касе мондан

1. аз касе қарздор будан, 2. чизеро ба зимма, ба уҳдаи касе гузоштан.

Чӣ навъе ки дар ёдам ҳаст, моли ҳеҷ кас дар гардани ман намондааст ва ҳеҷ кас ҳам аз ман қарздор нест.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

**231. Ба гардани касе мор ҳалқа задан**

ба касе худро зоҳиран ниҳоят меҳрубон, қарин нишон дода, дар амал ба зарари ӯ кор кардан.

— Ба гарданам мор ҳалқа зада будаасту бехабар мондаам,— мегуяд Тошхон.— Хайр, зан гирифтан мақсад доштааст, чаро аввал аз ман қонунӣ ҷудо намешавад?..

*«Тоҷикистони советӣ»*

**232. Гардани касеро мулоим кардан**

касеро гапдаро, мутеъ, ром кардан.

— Лекин гарданам ҳамин хел тароша барин шах шуда намонад гуфта метарсам, Зояхон, чӣ мегуед?

— Чораи гардани шахро мулоим кардан ёфт мешавад, ғам нахуред.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

**233. Ба гардани касе овезон шудан**

вазнинӣ, дарди сар ва кулфати худро ба сари касе мондан.

Гарчанде ки ман пир шуда монда бошам ҳам, ба гардани шумо овезон нахоҳам шуд.

**234. Чизе(айбе)-ро ба гардани касе партофтан**

гуноҳи худро ба сари дигар кас гузоштан.

1.— Яъне айби носозиро ба гардани Навоӣ партофтан мехост.

*С. Айнӣ «Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул вақоеъ»*

2. Худат ягон бетартибиро сар мекунию айбро ба гардани каси дигар мепартоӣ.

*Б. Умарӣ «Ду рафиқ» («Туҳфаи ҷавонон»)*

**235. Аз гардан соқит кардан**

халос шудан, аз масъулияте худро халос намудан.

1. Бо вуҷуди ҳамин ҳам Маъруф ако тамоми масъулияти ин «вайронкориро» аз гардани худ соқит карда, ба зиммаи ташаббускоронаш партофт.

*Ф. Муҳаммадиев «Дар роҳи нав» («Шарқи сурх»)*

2. Аз гарданаш тамоман (карзро — *М. Ф.*) сокит кард.

*«Хорпуштак»*

**236. Гардани таслим пеш овардан**

1. мутеъ шудан, сари итоат фуру овардан, 2. қонеъ шудан.

Уро таҳсин ва офарин гуфта, ба вай гардани таслим пеш оранд...

*С. Айнӣ «Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ»*

**237. Гардан тофтан**

1. чизеро қабул накардан, ба чизе розӣ нашудан, не гуфтан, 2. итоат накардан.

1. Ҳар кас, ки аз ин кор гардан тобад, монанди он ки аз машқ гурехта бошад, ҷазои сахт мебинад.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Аз кору бори хона гардан метофт...

*С. Улугзода «Субҳи ҷавонии мо»*

3. Одил саркор камтар фикр карда монд ва аз ҷавоби руйрост гардан тофтани раисро дида, маънидор киноя намуд...

*С. Улуғзода «Навобод»*

**238. Ба касе гардан фаровардан**

*Ниг.* Гардан додан.

1. Духтари Шукурбек ба амлокдор гардан нафаровард.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III*

2. Ин бадбахт ба ҳеч кас гардан намефаровардагӣ шудагӣ.

*Р. Амонов «Меҳрӣ» («Шарқи сурх»)*

**239. Гардани касе хам гардидан**

забонкутоҳ шудан; мутеъ шудан.

Пас аз он бо директиви партия усули киштгардон ба амал омад, фикри Содиқ дуруст баромад ва гардани Шошмақул хам гардид.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 240. Гардани хамро теғ (шамшер) намебуррад

хоксор, фурутан ҳамеша осуда аст, итоаткор аз нохушиҳо фориғ аст.

— Бе дарак аз толеат нанол, ки кур мешавӣ, Зебӣ! Бедарак нагуфтаанд, ки зани хонаю марди куча! Гардани хамро теғ набуридааст!

*Ҷ. Икромӣ ва Е. Мительман*
*«Гуноҳи кӣ?»*

### 241. Гардан хорида-хорида (хорон-хорон)

хайрон, дар ҳолати тафаккур.

1. Онҳо худашонро ба канор кашида, гарданашонро хорида-хорида ба мо нигоҳ накарда рафтан гирифтанд.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

2. Ҳар се гардан хорон-хорон бо алам аз бозор баромада рафтем.

*А. Деҳотӣ «Ҳаёт қадам мезанад»*

3. Вале дар ҳама ҷо ҷавоб якто буд: «Нест!» Вай гардан хорон-хорон ба хона гашта омад...

*С. Ғанӣ «Табассум»*

### 242. Гардани худро об кардан

меҳнат кардан; азобу уқубат кашидан.

Ҳайфи китфу бозу не-мӣ, эй ба муфташ паҳлавон,
Гарданатро об кун бо кор мисли дигарон!

*М. Аминзода «Шеърҳо»*

### 243. Гардани касеро шикастан

касеро мағлуб намудан.

— «Ҳоло вақти дамгирӣ не, писару додар, ёру бародарҳо гардани душманро шикаста сиҳат-саломат баргашта биёянд, баъд ором гиред, меарзад».

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

**ГАРДАНКАШӢ**

### 244. Гарданкашӣ кардан

1. итоат накардан, аз итоат сар тофтан, 2. якраҳагӣ кардан, худсарӣ намудан.

1. Касеро, ки гарданкашӣ мекард, ба ҳабс меандохтанд.

*«Барои адабиёти социалистӣ»*

**ГАРДАНТОБӢ**

### 245. Гардантобӣ кардан

*Ниг.* Гарданкашӣ кардан.

1. Аз хукми ноиб гардантобӣ накарда, заминхошонро бо ҳосилоташон ба Арбоб супурданд.

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

2. Ман аз ҳама аввал аз меҳнати зури саҳро гардантобӣ накардам, чунки ба замин чи қадар меҳнат сарф кунед, аз вай ҳамон қадар ҳам самар меёбед.

*Ф. Ниёзӣ «Духтари ҳамсоя»*

**ГАРДАНШАХ**

### 246. Гарданшах будан

ноитоаткор, гапнодаро, якраҳа будан.

Аммо бачаи хеле гарданшах будааст...

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

**ГАРДАНШАХӢ**

### 247. Гарданшахӣ доштан

сифати ноитоаткорӣ, гапнодарой, якраҳагӣ доштан.

Фақат як қадар гарданшахӣ дорад...

*Ҷ. Икромӣ «Тори анкабут»*

### 248. Гарданшахӣ кардан

итоат накардан, якравӣ кардан.

1. Мегуянд, ки агар фуқаро гарданшахӣ кунад, худи император омада ҳамаро аз дами теғ мегузаронидааст.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

2. — Ман гумон карда будам, ки ин дафъа ҳам гарданшахӣ мекунӣ.

*Р. Ҷалил «Ҳамида»*

3. Сангинҷон ҳафт синфро бад-мӣ, нағз-мӣ, ба ҳар ҳол хонда ба охир расонид, баъд гарданшахӣ кардан гирифт.

*Ҷ. Икромӣ «Ғусса»*
*(«Шарқи сурх»)*

**ГАРДАНҒАФСӢ**

### 249. Гарданғафсӣ кардан

1. танбалӣ кардан, 2. якравӣ кардан.

Агар боз гардангафсӣ карда ба сухан гуш надиҳӣ, на ин ки танҳо забонатро кашида мегирам, ҳатто саратро ҳам канда ҳаво медиҳам.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

**ГАРДИШ**

### 250. Гардиши фалак

тақдир, қазову қадар.

1. — Гардиши фалак! — гуфта Остонақул сир бой додани набуд...

*Ҷ. Икромӣ «Тори анкабут»*

2. Аз «гардиши фалак» онҳо баъди якуним сол боз дар госпитали Тошкент бо ҳам вохурданд.

*С. Улуғзода «Ёрони боҳиммат»*

**ГАРМ**

### 251. Гарми чизе будан

андармони чизе будан, ба чизе сахт дода шудан, тамоман бо чизе машғул будан.

1. Вақте ки муллоён бо эшон гарми чақ-чақ буданд, касе бо поёни суфа омада дар сояи чароғ истода Яъқуббойро имо кард...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Бачагони хурду калон... гарми гап буданд.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. II*

## 252. Гарм кардан

1. майлу рағбати касеро ба касе зиёд намудан, назари нагз, дилбастагӣ пайдо кунонидан, 2. ба коре ҷалб ва ҷазб кардан, 3. авҷ, равнақ додан, тафсондан.

1. Шавҳаратро гарм кардан даркор.

*«Тоҷикистон»*

2. Акнун деҳа ба деҳа гашта, бо одамон сухбат кардан, ба онҳо вазифаҳои нави ба миён гузоштаи Комитети Марказии партия ва ҳукуматро фаҳмонда додан, онҳоро ба кори колхоз аз сари нав гарм кардан зарур.

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

3. Норозиёни дарбор ба гирди у ғун шуда, бозори шикояти амиру вазирро гарм мекарданд.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III*

## 253. Гарму сарди дуньё (зиндагӣ)-ро дидан (чашидан)

1. некию бадӣ, азобу роҳати дуньё (зиндагӣ)-ро аз сар гузаронидан; меҳнату роҳатро дидан, 2. бо таҷриба пурдон гардидан.

1. — Ту ҳануз бачаи нодон ҳастӣ. Гарму сарди дуньёро надидаӣ ва намедонӣ...

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

2. Ту ҳар чӣ ҳам бошад, ҳоло ҷавон ҳастӣ, гармию сардии замонро камтар дидаӣ.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

3. Чунки гармию сардии зиндагиро бисьёр чашидааст.

*«Тоҷикистони советӣ»*

## 254. Гарму сузон

*Ниг.* Гарму ҷушон.

Бо онҳо гарму сузон вохурдӣ кард...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

## 255. Касеро гарму хунук кардан

бо дуохонӣ касеро ба касе ошиқ ва ё дилхунук кардан.

Занон ва мардонро (эшон — *М. Ф.*) гарму хунук мекард...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

## 256. Гарму хунук шудан

шамол хурдан, хунук занондан.

Поятонро ба оташи гарми сандали дароз карда мешинеду якбора ба хунук мебароед, ба устухони аз ҳад зиёд тасфидаи поятон хунук расида гарму хунук мешавед.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

## 257. Гарм шудан

1. мароқовар, шавқангез шудан, 2. тафсидани бозӣ, сухбат.

1. Як шаб бозӣ бисьёр гарм шуд, аз сари шом то қариби руз давом кард.

*С. Айнӣ «Марги судхур»*

2. Агар хона аз одам пур шавад, базм гарм мешавад..,

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

3. Дар айни гарм шуда истодани суҳбатамон маҷлис тамом шуд.

*Ҷ. Икромӣ «Дар колхози ба номи Ленин» («Шарқи сурх»)*

## 258. Бо касе гарм ҷушидан

1. бо касе пухтан, 2. наздик ва дусти самимӣ шудан.

У бо онҳо гарм меҷушад, хандон ва шукуфон суҳбат мекунад.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

### 259. Гарму ҷушон

1. бо ҷушу хуруш, 2. бо меҳру муҳаббат, аз тахти дил, самимона.

1. Монанди бародар ва хешовандони наздики худ гарму ҷушон қабул кард.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. IV*

2. Юнусбой аз ин боварӣ худро сарфароз ҳис карда, гарму ҷушон ба кор часпид.

*С. Улуғзода «Навобод»*

3. Халқи мо сиёсати сулҳҷуёнаи Ҳукумати Советии ҷоноҷони худро гарму ҷушон маъқул диниста, ҳарҷониба дастгирӣ мекунад.

*«Тоҷикистони советӣ»*

**ГАРМПУРСӢ**

### 260. Гармпурсӣ кардан

аз таҳти дил, самимона аҳволпурсӣ кардан.

Эшон ба онҳо гарму сузон вохурдӣ кард, онҳо ҳам эшонро гармпурсӣ карданд...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

**ГАРМӢ**

### 261. Барои гармии дили касе коре кардан

барои ҷалб намудани эҳтиром, ҳурмат, меҳри касе коре кардан.

Дар дами аз хона баромада рафтан бошад, ақаллан барои гармии дили шавҳар ба вай ним нигоҳ ҳам накард.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

**ГАРОН**

### 262. Гарон тамом гардидан

анҷом ёфтани чизе барои касе бо натиҷаи ногувор; вазнин шудан, ба даст даромадани чизе бо нархи гарон.

Камолиддин Биноӣ аз ин ҷанҷолҳои дохилии феодалӣ зохирян дар канор будааст, зеро агар у ҳамроҳ мебуд табиист, ки барои вай низ гарон тамом мегардид.

*А. Мирзоев «Биноӣ»*

ГАШТА

### 263. Гашта-баргашта

такроран.

Дугонаҳо Шарифро гашта-баргашта мебусиданд...

*«Занони Тоҷикистон»*

### 264. Гашта ҷон гирифтан

ба қувват, мадор, ҳаракат омадан; аз нав зинда шудан.

Халқи тоҷик, ки пеш аз Революцияи Октябрь дар торикии ҷаҳолат ва дар зери зулм монда буд, гашта ҷон гирифт.

*Ҷ. Икромӣ «Муҳаббат»*

ГАҲВОРА

### 265. Гаҳвораи касе аз осмон афтидан (фуромадан, ғалтидан, омадан)

муҳтарам, азиз, ягона, нодир будан.

1. Агар писарҳои бойҳоро мегирифтанд... гапи дигар буд.— Гаҳвораи онҳо аз осмон афтидааст...

*Қ. Наимӣ «Соли 1916»*

2. Сухта хокистар шуда мегардӣ-мӣ? Дигар шуй ёфт мешавад. Гаҳвораи шуй аз осмон нафаромадааст-ку!

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

3. Гаҳвораат аз осмон ғалтида бошад ҳам, ту акнун дар дасти ман ҳастӣ!

*Ф. Ансорӣ «Ҳаёт ва ишқ»*
*(«Шарқи сурх»)*

5. Дигар шу ёфт мешавад. Гаҳвораи шу аз осмон нафаромадааст-ку!

*Ҳ. Раҳмон ва М. Ғиёс «Гурба ва рашк» («Истеъдодҳои ҷавонон»)*

ГАҲВОРАБАХШ

### 266. Гаҳворабахш будан

духтару писарро ҳануз аз кудакӣ ба якдигар номзад карда мондан.

Онҳо аз хурдӣ бо ҳам гаҳворабахш буданд.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

**ГИЛА**

### 267. Гила аз ҷои даркорӣ

гила дар мавқеаш беҳ.

— Аз шумо гила дорам. .

— Марҳамат, гила аз ҷои даркорӣ, гуфтаанд.

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

**ГИР**

### 268. Гиру мон

кордорӣ, ҳаракат, рафтор.

Лекин аз гиру монаш маълум, ки вай ором намеистодагӣ барин.

*«Тоҷикистони советӣ»*

**ГИРЕД**

### 269. Гиреду ғиред...

хеле бахтатон тобад... ёбед агар... тавонед агар...

— Гиреду гиред, ҳамин духтар барин зан мегиреддия...

*Р. Ҷалил «Гулру»*

**ГИРДГИТТОН**

### 270. Гиргиттони касе шудан

қурбони касе шудан, ба даври сари касе гардидан.

— Гирдгиттонатон шавам ба шумо, оймуллоҷон! — гуфт хурсанд шуда Фируза.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

**ГИРД**

### 271. Аз гирду атроф даромад кардан

аз дур гап сар карда ба сари мақсади худ омадан.

Шабе модар аз гирду атроф даромад карда, оҳиста дили Султонро фаҳмиданӣ шуд.

*Қ. Наимӣ «Ман бо шумо»*

### 272. Гирд омадан

1. ҷамъ шудан, 2. халқа зада нишастан.

Дар шурои деҳа ҳамаи деҳқононе, ки дар он шуро тобеъ буданд, гирд омада буданд.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 273. Гирду пешро ғундоштан

хонаю ҳавлиро ба тартиб овардан, руфта тоза кардан.

Вай акнун гирду пеши худро ғундошта буд, ки як офицери алоқа даромада омад.

*Ф. Муҳаммадиев «Тири хокхурда»*

### 274. Ба гирди сари касе будан

1. дар наздики касе будан, 2. ба касе сахт вобаста шудан.

Аз ҳамин дам ин ҷониб ин духтарак ба гирди сари вай аст.

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

### 275. Ба гирди касе танида гаштан

*Ниг.* Ба гирди сари касе будан.

Ту аз номи «колхозчии фаъол» будани худ фоида бурда, ба гирди у танида гард..

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 276. Чизе аз гирди хаёли (хотири) касе нагузаштан

1. чизе ба хаёли касе наомадан, ба хотири касе нарасидан, 2. пай набурдан.

1. Ба ман кор фармудан аз гирди хаёли вай ҳам намегузашт.

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

2. Онҳо аз муҳаббати мо хабар надоштанд ва ҳеҷ аз гирди хотирашон ҳам намегузашт, ки дар байни мо чунин як вобастагие шуда метавонад.

*Ҷ. Икромӣ «Лаҳзае ки дигар такрор нашуд» («Маориф ва маданият»)*

**ГИРДУҒУН**

### 277. Гирдуғун кардан

1. чизеро ба тартиб овардан, 2. касеро идора намудан, саришта кардан.

— Ин тавр бошад, аввал Оимбикаи худатонро гирдуғун кунед...

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 278. Гирдуғун нишастан

нағз, боодоб нишастан, часпон, устувор нишастан.

Вай савори хуб буд, дар болои асп чаққон ва гирдуғун нишаста, ба далерӣ асп меронд.

*Ҷ. Икромӣ «Сафари Кулоб» («Шарқи сурх»)*

**ГИРЕБОН**

### 279. Аз гиребони касе гирифтан (доштан)

1. ба касе даъво кардан, бо касе ҷангу ҷидол намудан, 2. касеро таъқиб намудан (дар коре).

1. Падари ман чӣ гуноҳи азим кард, ки ҳатто шумо ҳам аз гиребони вай гирифтед.

*Ҷ. Икромӣ «Сафари Кулоб» («Шарқи сурх»)*

2. — Ҳамин Сангали аз гиребони ман гирифтагеш гирифтагӣ...

*Ҷ. Икромӣ «Сангалӣ» («Шарқи сурх»)*

3. — Албатта, ин гапи шумо ҳам ҷон дорад, аммо понздаҳ сол аз ҳеҷ кас як даҳон гапи бад нашунида, акнун омада-омада дар ҳар ҷо аз гиребони ман доштани вай ба ман алам мекунад.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

### 280. Гиребони касеро сар надодан

ба касе часпида гирифтан, касеро маҳкам доштан; таъқиб намудан.

Бемории зикинафас дер боз гиребони мулло Муҳаммад Сабурро сар намедод.

*«Хорпуштак»*

### 281. Гиребони худро аз дасти касе раҳо кардан

аз даъво, таъқиб, сарзаниш, маломати касе худро халос намудан.

— Хуб! хуб, гуфти шумо шавад! — Гуён хостааст, ки гиребони худро аз дасти ин хасми беамон раҳо кунад, аммо ҳарифи шухчашми теззабон ба қозикалон амон надода, сухани худро давом кунонидааст...

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III*

## 282. Гиребони худро буй кардан

пеш аз сарзаниш кардани касе аввал айби худро бояд ба хотир овард.

1. — Шумо, ки ин қадар боҳарорат дар бораи бадбахтию фалокату бераҳмӣ гап мезанед, чаро гиребони худатонро буй намекунед?!

*Р. Амонов «Ду қатра ашк»*
*(«Шарқи сурх»)*

2. Минбаъд гапатонро хоида занед. Аввал гиребонатонро буй кунед, агар бе буй бошед, баъд дигаронро таъна занед.

*«Маориф ва маданият»*

## 283. Гиребони худро доштан

дар тааҷҷуб мондан, ҳайрон шудан.

1. Ман суханҳои Маҳмадиро ба ёд оварда, гиребонамро дошта мондам, ки «дили одамро донистан кори мушкил будааст».

*П. Толис «Ҳикояҳои даҳ сол»*

2. Чунин рафтори коркунони савдоро дида, кас гиребонашро медорад.

*«Маориф ва маданият»*

3. Баъзеҳо беҳтар шудани феъли уро дида ҳайрон мешуданду гиребони худро мегирифтанд.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

## 284. Гиребони худро халос кардан

*Ниг.* Гиребони худро аз дасти касе раҳо кардан.

— Ҳам мехостааст 15 ҳазор тангаро бигирад ва ҳам ба номуси ман даст ёзонад. Аз хушбахтии ман ба ҳеҷ кадоми онҳо ноил нашуда, гурехта гиребони худро халос кардааст.

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

### 285. Ба гиребони касе часпидан

*Ниг.* Аз гиребони касе гирифтан.

— «Бибиҷон, бечора шавҳарам маро азоб надиҳад, доимо меҳрубонӣ кунад, боз ба гиребони он кас часпам-мӣ?..»

*С. Ғанӣ «Табассум»*

### 286. Гиребонаш кам

наздик ба... қариб, андак кам.

— Дидӣ, гиребонаш кам сесад сум кор кардӣ.

*П. Толис «Тобистон»*

**ГИРЕБОНГИР**

### 287. Гиребонгир шудан

ба касе даъвогар шудан.

1. — Биё мон, ба вай мо чӣ кор дорем! Бинад, ба гап сар мекунад, ё ки рашки ту гиребонгир мешавад.

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

2. Номус сахт гиребонгираш шуда буд.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

3. Акнун аҷал бо ту гиребонгир шудааст.

*Ҳ. Мақсудов «Аз хотираҳои он айём»*
*(«Шарқи сурх»)*

**ГИРЕҲ**

### 288. Ба чизе гиреҳ андохтан

1. чизеро бе сару нуг кардан, 2. кореро печ дар печ ва мушкил кардан.

— Имрӯз ба райком рафта будам, рафиқон Собирову Норзода ҳам аз паи тафтиши кори Сафар машғуланд, ягон кас ба ин масъала гиреҳи калон андохтагӣ барин.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

### 289. Гиреҳи дилро кушодан

дили худро холӣ кардан; фикр, мақсад, дарди дил ва ё ягон мушкили худро ба касе гуфта додан.

Собиров гиреҳи дилашро накушод.

*Ф. Муҳаммадиев «Тири хокхӯрда»*

### 290. Гиреҳи забони касе кушода шудан

ба гап задан шуруъ намудан, ҳамаи гапи худро гуфтан.

Духтарҳо пеш-пеш, Асо аз қафо ба долони бекас, ки дар он қарибӣ буд, рафтанд ва дар он ҷо гиреҳи забони Асо кушода шуд...

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 291. Гиреҳро кушодан

мушкилиеро бартараф кардан, масъалаи сарбастаеро ҳал намудан.

Вале ба ҳар ҳол мо кӯшиш кардем, ки гиреҳро кушоем.

*«Тоҷикистони советӣ»*

**ГИРИФТ**

### 292. Гирифту гир (мон)

*Ниг.* Гиру мон.

1. Аз гуфтугу ва гирифту гираш маълум буд, ки касбаш ва мансабашро хеле дӯст медорад ва бо он фахр дорад.

*Ҷ. Икромӣ «Сафар кардан — ҷаҳон дидан» («Шарқи сурх»)*

2. Қисса кӯтох он рӯз Раҷаб дид, ки ин дафъа тираш ба ҳадафи ҳамешагӣ нахурд, бо як гирифту мони мулоимхунукона ба назди ман омад...

*«Хорпуштак»*

**ГИРИФТА**

### 293. Гирифта бурдан

идора намудан, саришта кардан.

Корҳои хона ва рузғорро вай гирифта мебурд.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

**ГИРИФТОР**

### 294. Гирифтор омадан

1. дучор гардидан, 2. дастгир шудан.

Дастгир шудани Гулнор монанди гирифтор омадани Ёдгор кори саҳле набуд...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 295. Гирифтор шудан

1. ба чизе мубтало, дучор шудан, 2. ба дасти касе афтидан.

У мехоҳад, ки ба воситаи фол рост ё дуруғ будани ҳамаи хабарро фаҳмад, агар рост бошад, дигар ба Афғонистон нарафта, ба ҷои дигар гурезад ва агар дуруғ бошад, нагурехта ба Афғонистон равад, то ки ба сабаби гурехтани вай бародараш дар ташвиш наафтад ва ба бозхости ҳукумат гирифтор нашавад.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III*

**ГИРЬЯ**

### 296. Гирья карда (гириста) сар додан

гирья карда фиристодан, якбора ба гирья сар кардан.

1. Ҷавон сухани худро тамом кард ва гирья карда сар дод.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Ҳикоякунанда гириста сар дод.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

**ГОВ**

### 297. Гови ало якта-мӣ?

1. дар дуньё аз як ном якта не, 2. касе ки бо ягон рафтори бади худ ба ҳама маълум гардидааст, яккаю ягона нест.

1. — «Охир гови ало якта-мӣ?» Дар қишлоқ дигар Пулод ҳам будагист.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. I*

2. Ба ҷойҳои дахлдор ҷеғ зада, уро аз ғалбер гузаронидаанд.

— «Гови ало дар колхоз якто не!» — гуён фарьёд задааст.

*«Хорпуштак»*

### 298. Гов барин хурдан

баднафсӣ кардан, пурхурӣ кардан, аз андоза зиёд хурок хурдан.

Дар вақти хурок гов барин мехурӣ, кор фармоям, хари ланг...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 299. Гови бешохбанд шудан

бетартиб, беинтизом, ноитоаткор шудан.

— Ин хел бошад, ана ҳамон ҳаромӣ аз роҳ мебарорад, ки гови бешохбанд шуда рафтай.

*Р. Ҷалил «Ҳамида»*

### 300. Гови касе гусола зоидан

бахт ба касе рӯ овардан, аз чизе хурсанд будан.

— Ҳамон рӯз говашон гусола зоида будааст-мӣ, ба ман дилаш сӯхта ва бо раҳму шафқат сар ҷунбонда гуфт..,

*П. Толис «Тобистон»*

### 301. Гови пир кунҷора хоб мебинад

*Ниг.* Гурусна дар хобаш нон мебинад.

— Маро мекушӣ, ҳокимияти советиро кушта наметавонӣ-ку. Ман танҳо нестам. Дӯстони ман хуни маро аз ту мегиранд.

— Баъд аз ду-се моҳ ҳокимияти советиро нест у нобуд мекунем...

— «Гови пир кунҷора хоб мебинад», фаҳмидӣ?

*«Тоҷикистон»*

### 302. Гови худою хари Мустафо

одами нодон, бефаросат, дабанг.

1. Мурод дар кораш ба мартабаи баланд соҳиб шуда бошад ҳам, лекин мисли пештара гови худою хари Мустафост.

2. — Ту бошӣ гови худою хари Мустафо барин дар кӯҳу дашт мегардию намедонӣ, ки аз олам чӣ мегузарад.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

### 303. Аз гови шохзан оғили холӣ беҳ

аз будани каси бад набудани он беҳ.

1. — Тез бош, ҳайвон! «Аз гови шохзан оғили холӣ беҳ» — гуфтаанд. Аз Шуроб рафтани ту хуб мешавад.

*Р. Ҷалил «Шуроб»*

2. Хуб кардӣ, ки аз баҳри ин хел амаки сияҳдил гузаштӣ. Аз гови шохзан дида оғили холӣ беҳ, мегуянд.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

### 304. Аз гов ғадуд

аз чизи калон як қисми ночиз, аз ҳиссаи калон андаке.

1. Агар толеашон тозаду усто шуда бароянд, миёнашонро бандонда тавонанд ва дар устохонаи ман як-ду сол ба ним музд кор кунанд, дар ҳамин сурат «аз гов ғадуд» барин нимаи пуле ки ман дар усто шудани онҳо харч кардаам, мебарояд.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III*

2. Барои бандиёне, ки дар берун кас доштанд, ошу нон меомад; лекин аз ин ошу нон ҳам саҳми калонро бандибонон хурда, «аз гов ғадуде» ба худи бандиён медоданд, ки инҳо ин як луқмаро бо бандиёни бекас бо хам медиданд.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

**гоҳ**

### 305. Гоҳ аз Ашт, гоҳ аз дашт

беробита, парешон, дарҳам-барҳам.

Вай ба синф даромада, гоҳ аз Ашт сухан меронду гоҳ аз дашт.

*«Хорпуштак»*

### 306. Гоҳ аз боғ, гоҳ аз роғ

*Ниг.* Гоҳ аз Ашт, гоҳ аз дашт.

Лектор гоҳ аз боғ сухан меронду гоҳ аз роғ.

*«Хорпуштак»*

### 307. Гоҳ аз Машриқ, гоҳ аз Мағриб

*Ниг.* Гоҳ аз Ашт, гоҳ аз дашт.
У гоҳ аз Машриқ гап мезаду гоҳ аз Мағриб.

*«Хорпуштак»*

### 308. Гоҳ аз осмон, гоҳ аз ресмон

*Ниг.* Гоҳ аз Ашт, гоҳ аз дашт.
«Гоҳ аз осмону гоҳ аз ресмон» гап мезад.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 309. Гоҳ аз роғу гоҳ аз боғ

*Ниг.* Гоҳ аз Ашту гоҳ аз дашт.
Гоҳ аз роғу гоҳ аз боғ ҳарф зада мегуфт...

*«Газетаи муаллимон»*

### 310. Гоҳ пушт бар зин, гоҳ зин ба пушт

гоҳ осоиштагию гоҳ сарсонӣ, гоҳ хушбахтию гоҳ бадбахтӣ.

Тамошо дар ҷоест, ки 15 рӯз пеш аз ин ба воситаи прокурори давлатӣ як қисми истиқоматчиёнро он идора аз хона берун карда буд. Ана, акнун акси ҳамин мешавад, «гоҳе пушт бар зин, гоҳе зин ба пушт?»

*П. Сулаймонӣ «Аз мактубҳои Пайрав Сулаймонӣ ба Раҳим Ҳошим»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 311. Гоҳ ғамзаю усул, гоҳ худою расул

гоҳ кору гоҳ хурсандӣ, ҳар кор дар ҷои худ.

— Тақсир,— гуфт шахси садрнишин ба имом,— айб нафармоед-дия. «Гоҳ ғамзаю усул, гоҳ худову расул» — гуфтаанд, мо шабу рӯз дар роҳи дини ислом ҷиҳод мекунем, гоҳ базме тартиб дода, димоғро чоқ накунем, намешавад.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

**ГУЗАР**

### 312. Гузари касе ба ҷое афтидан

ба ҷое даромада мондан, дар асной роҳ ба ҷое омадан.

1. — Гузаратон ба ҳамон тарафҳо афтад, духтар, ба хонаи мо дароед.

*Р. Ҷалил «Шуроб»*

2. — Қанӣ, чӣ тавр шуд ба ин тарафҳо гузаратон афтод?

*Ҷ. Икромӣ «Ситора»*
*(«Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

**ГУЗАШТ**

### 313. Гузашт кардан

бахшидан, додан; сабукӣ додан.

1. Шумо бо ҳамдигар гузашт мекунед, ҳамдигарро ҳурмат мекунед, дуст медоред...

*Ҷ. Икромӣ «Муҳаббат»*

2. Лекин бо мо, мардони аъзои дастаи санъаткорони тоҷик, бинобар меҳмон буданамон, гузашт карданд, яъне моро ба клуби худ роҳ доданд ва руй аз мо пинҳон нанамуданд.

*А. Деҳотӣ «Ҳаёт қадам мезанад»*

3. Хуб, биёед, зиёдатии кимати масолеҳро ва музди духтро ба шумо гузашт кунем.

*С. Айнӣ «Марги сидхӯр»*

**ГУЗАШТА**

### 314. Ба гузашта салавот

гузаштаро дигар ба хотир овардан даркор нест.

— Мебахшед, рафиқ Аҳмадов, хоки кухнаро бод надиҳед. Ба гузашта салавот.

*М. Зокиров «Шодиёна» («Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

**ГУЛ**

### 315. Аз гул баромадан

тамом шудани давраи гулкунӣ, гул карда шудан.

Дар Фарғона ва Бухоро барин ҷоҳои пахтакори кухна ҳануз заминҳои пахта аз хишова набаромада бо-

шанд ҳам, дар ин ҷо аз гул баромада ба курак бастан даромада буданд.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 316. Гул ба гул намеафтад

одам ба одам монанд нест, фарзанд ба падару модар монанд намешавад.

Айби модараш? Фикри Адолатро вай чигил кардааст... Падараш чӣ хел одами нағз!.. Мардум «Гул ба гул намеафтад» мегуянд, рост будааст-дия...

*Ф. Ансорӣ «Имтиҳон»*

### 317. Гули бахт шукуфтан

кори касе пеш рафтан, омад кардани кори касе, кушоиш ёфтани кори касе.

— Маълум мешавад, ки гули бахти мо ҳам шукуфтааст...

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

### 318. Гул бе хор намешавад, гушт бе устухон

1. роҳат бе азоб, хурсандӣ бе хафагӣ намешавад, 2. ҳар чизи хуб ҷиҳати баде ҳам дорад ва баръакс.

— Гул бе хор намешавад, гушт бе устухон, дояатон садқа, ҳар кас як хулқу одат дорад. Усто ҳам одами зинда, албатта, дар зиндагӣ ин хел ҷанҷолу хархашаи марду зан мешавад...

*Ф. Ниёзӣ «Духтари ҳамсоя»*

### 319. Гул-гул шукуфтан

1. нашъунамо ёфтан, тараққи кардан, равнаку ривоҷ ёфтан, 2. хурсанд, мамнун гардидан, болидан.

1. Эҳе, зиндагӣ гул-гул мешукуфад.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

2. Ҷавон аз шодии дидани ин гулистон гул-гул мешукуфт.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

3. Ҳама гоҳ-гоҳ ба Малик менигаристанду лабашон ба табассуми миннатдорона моил мегардид, ки аз ин Малик гул-гул мешукуфт.

*П. Толис «Ҳикояҳо»*

## 320. Гул гуфта гул шунидан

ба якдигар сухани хуб гуфтан.

— Чӣ мешуд агар ҳар шаб бо ҳам менишастем, гул гуфта гул мешунидем?

*А. Ҳамидӣ «Машъали ҷовидон» («Шарқи сурх»)*

## 321. Гул кардан

1. шукуфтан, 2. пеш рафтан, тараққӣ кардан, нашъунамо ёфтан, авҷ гирифтан, боло рафтан.

1. Дарахтон гул мекарданд...

*«Тоҷикистони советӣ»*

2. Пас аз Революцияи Кабири Октябрь имконият пайдо шуд, ки ҳамаи санъат ва ҳунари халқ ба руи об бароянд ва гул кунад.

*Ҷ. Икромӣ «Дар меҳмонии бародарони узбек» («Шарқи сурх»)*

## 322. Гули сари сабад

1. беҳтарин, писандидатарин, 2. зинатбахши ҷамъият ё ягон маҷлис.

1. Рузҳои таътил дар он ҷо маҷлиси адабӣ ва сурудхонӣ ташкил меёфт; дар маҷлисҳои адабӣ зинатбахши давраи дустон, монанди «гули сари сабад»-и бустон Муҳаммад Сиддиқи Хайрат буд.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. IV*

2. Ҳар кас ки... ба ҳукумат содиқона хизмат кунад, ҳамеша гули сари сабади... ҳукумат аст.

*Ҷ. Икромӣ «Дохунда» («Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

3. Як зиёфати туймонанде ташкил ёфта буд, гули сари сабади ин зиёфат Қорӣ Ишкамба ва ноиби дар деҳаи Галаосиё бошандаи Қозикалон Мирзохуҷаи шикамбанда буданд.

*С. Айнӣ «Марги судхур»*

### 323. Гули хонаи касеро хурдан

беҳтарини хуроки касеро хурдан.

— Худатон ки ҳеҷ кор намекунед, лоақал ин сакалтуро (ба Фотима ишорат карда), ки гули хонаи моро хурда гаштааст, кор ҳам намефармоед!..

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 324. Гул хор дорад, асал ору

*Ниг.* Гул бе хор намешавад, гушт бе устухон.

— Ин корхо, ин ҳодисаҳо аз аввал маълум буд, «Гул хор дорад, асал ору!» Фаҳмиди, роҳат бе меҳнат муяссар намешавад. Кори колхоз кунондан ҳазл-ми? Дар ин роҳ ба муқобилиятҳо кас дучор мешавад. Чунки ин кор гӯри падари душманонамонро месузонад. Албатта, онхо ҳам ором намешинанд-дия.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

**ГУЛӮ**

### 325. Гулӯ афшондан

сулфа кардан.

Фируза гулӯ афшонду ба маҷлис чашм давонд...

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 326. Гулӯ даррондан

бо овози баланд гап задан, дод задан.

Ин қадар гулӯ даррондан чӣ ҳоҷат?

*«Маориф ва маданият»*

### 327. Аз гулу нагузаштан (хурок)

хурок хурда натавонистан, ба сабаби нохушие, ҳаяҷон ё интизории касе.

1. — Эй, ҳамин вақт хурок ҳам аз гулуям намегузарад.

*С. Ғани «Туй»*

2. Бе ту нагзашт аз гулуям об ҳам,
Бе ту дар чашмам наёмад хоб ҳам.

*М. Турсунзода «Асарҳои мунтахаб»*

3. — Дар болои арк имруз мотам будагист, аз гулуяшон об ҳам намегузаштагист?

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

4. — Нонатон ҳам аз гулуям намегузарад.

*С. Саидмуродов ва М. Рабиев «Саодат»*
*(«Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

### 328. Гулуи касеро обод кардан

касеро аз хурок таъмин кардан, шиками касеро сер кардан.

Бачагон намедонанд, ки падарони онҳо гулуяшонро обод карда наметавонанд, онҳо бошанд, либоси нав талаб мекунанд.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», ҷ. I*

### 329. Гулу равшан кардан

*Ниг.* Гулу афшондан.

Мусохоҷа гулу равшан карду боз ба хондан шуруъ намуд.

*«Маориф ва маданият»*

### 330. Гулуи касеро равған кардан

ба касе пора додан.

1. Гулуи қозиро равған кардам, Қозӣ розӣ шуд, ки ба фоидаи ман ҳукм кунад.

*«Латифаҳои тоҷикӣ»*

2. Бо дусад танга гулуи ноиброн ҳам равған кардам.

*С. Айнӣ «Марги судхур»*

### 331. Гулуи касе хоридан

тамаи пора ва ришва доштан.

1. Аммо гулуи юзбошӣ хорид.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. II*

2. Гулуи оқсаққоли балохӯр хорида рӯз дар миён ба ӯ рӯ ба рӯ шуда аз хусуси хатгирӣ сухан сар кардан гирифт.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. I*

### 332. Гулуи касе хориш кардан

ба иштиҳо омадан, тамаъ ҷӯш задан.

Қорӣ Ишкамба ин «гусфанди фарбеҳи ба пои худ омада»-ро дида (қарзгирандаро — *М. Ф.*), оби даҳонаш рафта, гулуяш хориш кардан гирифт.

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

**ГУМНОМ**

### 333. Гумноми охират шудан

беному нишон шуда рафтан, нест шуда рафтан.

Вай хирси шофу ғилофдор ҳам гумноми охират шавад...

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

**ГУМОН**

### 334. Гумон аз имом ҷудо мекунад

гумон касро ба роҳи хато меандозад; шубҳа ва гумон касро аз одами дӯстдоштааш ҷудо мекунад.

1. Бо вуҷуди ин на ман ва на Арбобрузӣ «гумон аз имон ҷудо мекунад» гӯён туро ба қозихона накашидем.

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

2. Мардуми мо сухани китобро зери пой андохт, аз рӯи гумон калонони худро бадном карданд: «гумон аз имом ҷудо мекунад» гуфтаанд...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

3. Аммо ин ҳам гумон аст. «Гумон аз имом ҷудо мекунад». Бояд ин корро амалан ва шахсан санҷида дид...

*Р. Ҳайдаров «Хати беимзо»*
*(«Шарқи сурх»)*

## 335. Гумон рафтан

гумон карда шудан, дар ҳаққи чизе гумонбар шудан.

Гумон мерафт, ки аз барги лола,
Дар он ҷо сохтаст одам пиёла.

*М. Турсунзода «Асарҳои мунтахаб»*

**ГУМОНБАР**

## 336. Гумонбар шудан

чизеро аз касе гумон кардан, аз касе бадгумон шудан.

Дар он дақиқа дили ман аз орди гумшуда ҳам зиёдтар ба Зебӣ месухт, ман аз модарам норозӣ будам, ки чаро вай аз Зебӣ гумонбар шуд.

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

**ГУМРОҲ**

## 337. Гумроҳ кардан

касеро аз роҳ задан, бо фиреб ба роҳи бад бурдан.

1. Мегуянд, ки духтар барои пулу мол шуда пирамардро гумроҳ карда буд.

*Р. Ҷалил «Ҳамида»*

2. Баъзе такризнависон бо асарҳои худ ба нависандаву хонандаҳо на танҳо ёрӣ расонда наметавонанд, балки онҳоро гумроҳ мекунанд.

*«Маориф ва маданият»*

**ГУНОҲ**

## 338. Гунохро ба гардани касе бор кардан

гуноҳро ба касе мондан, касеро гунаҳкор кардан.

Ӯ мехост, ки гуноҳи худашро ба гардани ман бор кунад.

### 339. Гуноҳро ба гардан гирифтан

ба гуноҳ иқрор шудан.
Ман ҳамаи гуноҳи худро ба гардан мегирам.

### 340. Гуноҳро ба худ харидан

дониста истода худро ба бало ва гуноҳ гирифтор кардан.
Ин духтари ноқисулақл гуноҳро ба худаш харида гаштааст.

*Қ. Наими «Рузи равшан»*

### 341. Гуноҳи бача ба гардани оча

тарбияи нағзу бад вобаста ба модар аст, ҷавобгари рафтору гуфтори бади бача падару модар мебошанд.
— Ҳамаи гуноҳҳо бар гардани ҳамин модагов аст, агар ин ҳароммурда ба вай ресмон канда давида бозӣ карданро ёд намедод, вай ин ҳама шумиро аз куҷо ёд мегирифт. «Гуноҳи бача ба гардани оча» гуфтаанд.

*«Латифаҳои тоҷики»*

### 342. Аз гуноҳи касе гузаштан

гуноҳи касеро афв намудан, бахшидан.
1. — Ман беадабиҳои Ёдгорро бахшидам, шумо ҳам аз гуноҳаш гузаред ва аз зиндонаш раҳоӣ диҳед...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. — Хушомад мекунад, ки аз гуноҳаш гузарам! — гуфт раис.

*Т. Усмон «Кашфи асрор»*

### 343. Ба гуноҳи касе зомин шудан

ба гуноҳи касе сабабгор шудан, сабаби руй додани гуноҳе шудан.
Ба гапҳои пасту баланди одамон беҳуда бовар карда, ба гуноҳи каси дигар зомин нашав...

*«Хорпуштак»*

### 344. Гуноҳи худро харида гирифтан

хизмате, кори хубе карда худро ба сафедӣ баровардан.

Ман ин ҷо ниҳонӣ гашта пайт мекофтам, ки хизмате карда гуноҳи худамро харида гирам.

*Ҷ. Икромӣ «Дохунда» («Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

### 345. Гуноҳи худро шустан

худро бе гуноҳ, сафед кардан, бо кори нағзи худ гуноҳро аз гардани худ соқит кардан.

— Гуноҳатонро худатон мешуед-мӣ ё дигар кас, ман намедонам...

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

## ГУНҶИШК

### 346. Гунҷишкро кӣ кушад? — Қассоб

ҳар корро одами медонистагиаш кунад, корро кордон кунад.

1. Мо нақшаро бе иштироки мутахассиси ин кор — бе иқтисодчии маълумотнок, фақат бо ёрии сарбухгалтер кашида будем. Албатта, ин хел нақша бекаму кост намешавад. Охир «Гунҷишкро кӣ кушад? — Қассоб».

*Ф. Муҳаммадиев «Дар роҳи нав» («Шарқи сурх»)*

2. — Дар ҷое ки хуҷаин бошанд, ба дасти ман ҷамъ шудани пул муносиб нест, «Гунҷишкро кӣ кушад? — Қассоб» гуфтаанд, тарики сарфу харҷро аз дигарон бой беҳтар медонанд...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 347. Аз гунҷишк тарсӣ, арзан накор

агар кореро кардани бошӣ, аз мушкилӣ, хавфу хатараш натарс.

1. Хуҷаин, саги бугири вай Петухов ва дигарон аз рафтору гуфтори имрузаи шахтёрҳо шод нашудагистанд, охир. Махсусан лаънатӣ Петухов баъди он ҳако-

ратҳое, ки шаб шунид ва дамаш дар дарунаш монда баромада рафт, албатта аз паи мо ҳам меафтад.

— Дар Помир тоҷикон «аз гунҷишк тарсӣ, арзан накор» мегуянд... Мардуми меҳнаткаш то ба кай тарсад?

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

2. — Магар аз дуои бади ӯ наметарсӣ! — гуфта Ширинниёз ҳам ба гап ҳамроҳ шуд.

— Аз гунҷишк метарсидагӣ арзан намекорад.

*(«Намунаҳои адабиёти тоҷик»)*

**ГУРБА**

### 348. Гурба барин газида (лесида) калон кардан

касеро бо эҳтиёт, ғамхорӣ, меҳру муҳаббат парваридa ба воя расонидан.

1. Падару модар уро гурба барин газида калон кардаанд. Худашон гурусна, аммо вайро сер карданд, худашон луч, вале уро пушониданд.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. I*

2. Хола ин духтарашро гурба барин лесида калон кард.

*Ҳ. Карим «Ҳикояҳо»*

### 349. Гурба беҳуда ба офтоб намебарояд

ба иҷрои хизмати касе бояд чизе дод, ҳеҷ хизмат бе додани музде ё туҳфае намешавад.

Модоме ки ин одам «худо ба умраш барака додагӣ» ҳамин қадар кард, ба ӯ чизе додан лозим. Гурба беҳуда ба офтоб намебарояд.

### 350. Гурбаи ноумедшуда ба шер ҷанг меандозад

касе ки умедашро аз ҷон канд, далер мегардад, дар вақти тангӣ аз ҳар имконият истифода мебарад.

«Гурбаи ноумедшуда ба шер ҷанг меандозад» гуфтаанд; вай медонад, ки имруз набошад, фардо ҳамаи

молу мулкаш аз дасташ хоҳад рафт. Дар ин сурат аз ҳавли ҷон дур нест, ки ҳар гуна ҳаракатҳои аҳмақона кунад.

*«Роҳбари дониш»*

### 351. Ба гурбаи касе пишт гуфта натавонистан

1. ба ҳеҷ кори касе эроде расонида натавонистан, касеро сарзаниш карда натавонистан.

— Гумон мекунӣ, ки Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ шудию дигар гурбаи туро ҳеҷ кас пишт гуфта наметавонад.

*А. Сидқӣ «Იродаи зан»*
*(«Занони Тоҷикистон»)*

**ГУРГ**

### 352. Гурги борондида

1. одами гарму сардии ҳаётро чашида, пуртаҷриба, кордида, пухта, 2. маккор.

1. Рюмин дар ин санатория гурги борондида. Вай бори якум набуд, ки ба ин ҷо ба истироҳату муолиҷа омадааст.

*Р. Ҷалил «Ҳамида»*

2. Чӣ шавад, ки онро (коньякро — *М. Ф.*) гирифта, номаълумакак як-ду қулт нушаду андак ба ҳол ояд? Абдулло, ки гурги борондида буд, табассум карда монд. Вай мақсади Мухторро фаҳмид.

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

3. «Ин мардак аҷаб гурги борондида аст, ҳам ба наъл мезанаду ҳам ба мех».

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

### 353. Гург дар ҷомаи меш

душмане, ки зоҳири худро дигар кардааст.

Душмани камбағалон боз ба пеш омадааст,
Гург ин мартаба дар ҷомаи меш омадааст,
Дузд ба аслиҳаи миллату кеш омадааст,
Халқро то бикунад бандаи хеш омадааст.

*А. Лоҳутӣ «Куллиёт», ҷ. II*

### 354. Гурги хонадон

каси бегонае, ки аз сирри хонадон бохабар аст.

Ман дар он ҷо на меҳмон, балки як аъзои оилаи мутаваллӣ барин шуда мондам... агар кутоҳ карда гӯям, ман дар он ҷо «гурги хонадон» шуда будам...

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. II*

### 355. Гургро шағол — дӯсти бемалол

бад бо бад дӯсти нағз аст, бадҷинс бо бадҷинс ба хубӣ созиш мекунад.

— Ошноёни раҳматӣ ба пеши хуҷаин даромада, ақаллан, харҷи гӯру кафанро деҳ ғуфтаанд. Вай бошад, аҳа шумоҳо ҳоло барои мурдаатон аз ман кафанпулӣ пурсида меоед-мӣ,— гуфта, ба духтари вай ҳам ақсум шуда мондааст ва тӯҳматҳо карда, ба одамони оқпошо дар ҳаққи инҳо гапҳои беҳуда гуфтааст, «Гургро шағол — дӯсти бемалол» гуфтаанд.

Ана акнун онҳо шофу камон овехта омадаанду беинсофона инҳоро дастгир карда, ба зиндон бурдани.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

### 356. Гург шудан

зарардрасон шудан.

Дар он вақт роҳи халосии аз вай ба даруни он (колхоз — *М. Ф.*) даромада гург шудан ва роҳ надодан аст, ки он пеш равад.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

## ГУРГОШТӢ

### 357. Гургоштӣ кунондан

ду касро руякӣ ба муросо овардан.

Фоидаи холисро дар байни онҳо баробар тақсим намуда, он ду судхӯри сагшудаистодаро «гургоштӣ» кунонд.

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

**ГУРДА**

### 358. Гурда доштан

ҷуръат, мардонагӣ доштан.

— Аз ҳамин тарсида шинед, ҳеҷ гурда надоштаед-дия.

### 359. Гурда кафидан

сахт тарсидан, аз тарс қариб дилкаф шудан.

1. Метарсам, ки одами ярокдорро дида гурдааш накафад.

*Ф. Муҳаммадиев «Тири хокхурда»*

2. — Гурдем кафид-е, писарам, гур соддагӣ ҳам шавад...

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

**ГУРДАКАФ**

### 360. Гурдакаф кардан

сахт тарсондан.

— Уфф! Муред, Махсум нашуда, пок гурдакаф карда будед.

*С. Саидмуродов «Шуҳрати «Хорпуштак» («Маҷмуаи пьесаҳои якпардагӣ»)*

**ГУРЕХТА**

### 361. Гурехта намеравад

вақташ намегузарад, дер намешавад, ин корро сонитар ҳам кардан мумкин аст.

— Не, писари азиз,— гуфт Маҳинхола.— Дар он вақт дер мешавад, футболбозӣ гурехта намеравад.

*Д. Раҷаб «Хӯшачинон» («Қаламҳои пурумед»)*

**ГУРЕХТАН**

### 362. Гурехтани гап

*Ниг.* Гап гурехтан.

Дар аснои бахсу мунозираҳо, дар аснои гурехтани гап Сурайё дарҳол оташ намегирифт...

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

## ГУРУСНА

### 363. Гурусна (гушна) ба шер задааст

гурусна аз ҳеҷ касу ҳеҷ чиз бок надорад.

1. Охир «гурусна ба шер задааст» мегуянд. Тарбиягирандагон чун диданд, ки дигар илоҷе нест, аз тирезаи анбор даромада, нону қанд гирифта хурданд.

*«Маориф ва маданият»*

2. Хуҷаин, гоҳе бегоҳ, ҳарчанд бо фойтун бошад ҳам, ба Шуроб рафту омад накунед. «Гушна ба шер мезанад» — мегуем мо.

*Р. Ҷалил «Шуроб»*

### 364. Гурусна дар хобаш нон мебинад

ҳар касе ки хоҳони чизе аст, он чизеро мегуяд.

«Гурусна дар хобаш нон мебинад» мегуянд. Дар Ёвон аҳолӣ дар орзуи об бошанд ҳам, роҳбарон ба ин зарбулмасал аҳамияте намедиҳанд.

*Б. Шоҳин «Шунав» («Тоҷикистон»)*

## ГУРУСНАГӢ

### 365. Аз гуруснагӣ шикам танбур менавозад

*Ниг.* Шиками касе танбур навохтан.

Дар бозгашт мадори Аҳмадҷон хушк шуда, аз гуруснагӣ шикамаш танбур навохт.

*«Хорпуштак»*

## ГУФТ

### 366. Гуфту шунид кардан

бо касе гуфтугу, суҳбат намудан.

Рост ба Қогон равед ва бо Умарҷону Амонҷон вохурда, баъзе маслиҳат ва гуфту шунидҳоро кунед.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

## ГУФТА

### 367. Касеро ё чизеро гуфта

аз барои касе, ба хотири касе.

1. Баъд тамоми меҳру муҳаббати худро ба Анвар бахшидам, аз ҳама даст кашидаму шавҳари меҳрубон гуфтам... ба як меҳри вай сад меҳр бахшидам...

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

2. — Ту агар худписанди беандеша набошӣ, ҷуръатро, ки туро гуфта омадааст, бе ресмон баста худ ба туйхурӣ меравӣ?

*Ф. Муҳаммадиев «Дар роҳи нав» («Шарқи сурх»)*

### 368. Аз гуфтаи касе баромадан

ба сухани касе амал накардан.

1. Аз гуфтаи ана ҳамин рафиқат асло набаро...

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

2. — Духтарат аз кори бади худ тавба кард ва ба ман ваъда дод, ки пас аз ин аз гуфтаи падару модараш намебарояд...

*Б. Сирус «Мусобиқа» («Шарқи сурх»)*

### 369. Аз гуфтаи касе берун баромадан

*Ниг.* Аз гапи касе баромадан.

— Ман аз гуфтаи агроном берун намеравам, рафиқ бригадир.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

### 370. Гуфта гаштан (касеро)

дар умеди касе будан, ба хотири касе ҳаёт ба сар бурдан.

Модар, бечора модар! дар дуньё танҳо ду писар гуфта гаштааст...

*Ҷ. Икромӣ «Ҳаёт ва ғалаба»*

### 371. Гуфтаи касе гуфта

*Ниг.* Гапи касе гап.

Маҳмудҷон медонист, ки дигар ба хола гап задан намешавад, гуфтаи вай гуфта.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

## 372. Ба гуфтаи касе даромадан

*Ниг.* Ба гапи касе даромадан.

1. Аз дасти мо, бечорагон, чӣ меояд, бинобар ин «имруз гузарад, фардо худо подшост» гуфта ба гуфтаи ҳаминҳо даромада рафтан мегирем.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

## 373. Гуфтаи муллоро кун, кардаашро накун

гуфтаи мулло ба кирдораш рост намеояд, мулло мардумро аз корҳои бад манъ намуда, аммо худаш он корҳоро мекунад.

Ин одам ҳамон одам буд, ки ба ҳавлии Норбой шабона даромада пулҳои уро дуздидан ва мирзои уро пахш кардан мехост... Худ ба худ мегуфтам: чаро он вақтҳо дар ёди ин одам худо, пайғамбар, шариат наёмадааст ва имруз якбора соҳиби шариат шуда баромадааст...

— Бинобар ин аст, ки «гуфтаи муллоро кун, кардаашро накун!» гуфтаанд-дия...

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

## 374. Гуфта нагашта...

аз паи коре ё чизе овора нашуда, ба чизе умедвор шуда нанишаста...

1. Охир, агар Бевзюк конро тарконидан мехост, самосвалу ангишт-пангишт гуфта нагашта, минаро дар бағал ё кисааш меоварду ба ҷои дилхоҳаш гузошта, дар вақти дилхоҳаш метарконид.

*Ф. Муҳаммадиев «Тири хокхӯрда»*

2. — Ҳамшира, ташвиш чӣ даркор, алову ҳезум гуфта нагард, ман чой нушида омадам.

*Қ. Наимӣ «Рӯзи равшан»*

## 375. Гуфта намешавад

эҳтиётан.

1. — Гуфта намешавад-дия, хатти фронт наздик аст,

2. — Лекин эҳтиёт шав, ки наафтӣ, капсул надорадку, ба ҳар ҳол гуфта намешавад.

*П. Толис «Тобистон»*

### 376. Аз гуфтаи худ гаштан

*Ниг.* Аз гапи худ гаштан.

Ҳама медонистанд, ки подшоҳ аз гуфтааш намегардад ва пагоҳ ҳамаро мекушад.

*«Гови тилло»*
*(Шарқи сурх»)*

### 377. Ба гуфтаи худ истодан

*Ниг.* Ба гапи худ истодан.

Лекин занак медонист, ки ака Аҳмад якраҳа ва ба гуфтааш меистодагӣ одам аст...

*Ҷ. Икромӣ «Муҳаббат»*

### 378. Аз гуфтаи худ намондан

дар гап, фикр, хоҳиши худ истодагарӣ кардан, дар кавли худ собит будан.

— Ман аз гуфтаам намемонам, ака раис.

**ГУФТАГӢ**

### 379. Гуфтагӣ барин

воқеан.

Гуфтагӣ барин, Саодат ба ҳамин қарибӣ фарзанд мебинад.

*С. Саидмуродов ва М. Рабиев «Саодат»*
*(«Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

### 380. Гуфтагии мо нагуфтагӣ

мебахшед, хато кардаам, андеша накарда гуфтаам, гапамро гашта гирифтам.

— Рафиқ Давронов, ба касе ки барои ба район рафтан қарор додааст, монеъ шудан, ёрдам надода, халал расонидан кори хуб нест.

— Хайр, гуфтагии мо нагуфтагӣ.

*А. Сидқӣ «Ироδаи зан»*
*(«Занони Тоҷикистон»)*

### 381. Гуфтагиатон гуфтагию мондагиатон мондагӣ

*Ниг.* Гапи касе гап.

— Ғайр аз ин, дустам, чунон ки маълум шуд, дар мактаб гуфтагиатон гуфтагию мондагиатон мондагӣ будааст.

*«Тоҷикистони советӣ»*

**ГУФТАМ**

### 382. Гуфтам ки нашуд, монам ки равад

гуфтам, исбот намудам, нафаҳмид, розӣ нашуд, акнун чи ки хоҳад, кардан гирад.

Ба кучаи ҳозира чӣ шудааст? Ҳоли ҳозир ки дар шаҳр ғайр аз аробаву извош чизи дигар нест, кучаи калон чӣ даркор? Бари куча понздаҳ метр мешудааст! Чӣ кунам, «гуфтам ки нашуд, монам ки равад».

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», ҷ. II*

**ГУФТАН**

### 383. Гуфтан гир

ҳисоб кун, шумор, пиндор.

1. Ба одамҳои қозию миршаб нағзтар хуронед, кор пухт ғуфтан гиред!

*Ҷ. Икромӣ «Духтари ноком»*

2. — Ин хел одам, ҳамшира, дар об ғарқ намешаваду дар оташ намесузад. Хизр назар кардагӣ гуфтан гир.

*Р. Ҷалил «Шуроб»*

### 384. Ба гуфтан рост намеояд

гуфтан, ифода кардан номумкин; ниҳоят, аз ҳад зиёд.

Ясавул чунон хурсанд шуд, ки ба гуфтан рост намеояд.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

**ГУФТАШ**

### 385. Гуфташ гуфту кардаш кард

*Ниг.* Гапи касе гап.

Марди яккавлест, чи тавре ки дар урфият мегӯянд, гуфташ гуфту кардаш кард.

*«Тоҷикистони советӣ»*

**ГУФТЕД**

### 386. Гуфтеду мондед

1. кам гуфтед, пурра нагуфтед, 2. аз паи ислоҳаш нашудед, фақат бо гуфтан қонеъ шудед.

— Бемулоҳизагӣ гуфтеду мондед, аҳмақӣ кард, аҳмақӣ.

*Р. Ҷалил «Ҳамида»*

**ГУФТЕМ**

### 387. (Мо) гуфтему шумо шунидед

ба ҳар ҳол огоҳонидем, гуфта мондем...

Мо гуфтему шумо шунидед: зарра барин нуқсон наёфта, ду даст дар бинӣ хоҳед баргашт.

*С. Ғанӣ «Табассум»*

**ГУФТУГУЗОР**

### 388. Гуфтугузори касе бурида шудан

*Ниг.* Сухани касе бурида шудан.

Дар ҳамон вақт аз дарвоза як савор даромада омад ва гуфтугузори бой бо Набӣ-Полвон бурида шуд.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

**ГУФТУШУНИД**

### 389. Гуфтушунид кардан

1. дар атрофи масъалае гапзанон кардан, саволу ҷавоб, суҳбат, машварат кардан, 2. ба як қарор омадан.

1. Охир навакак ману шумо гуфтушунид кардем, ман ба шумо ҳамаи гапро фаҳмонда додам...

*Ҷ. Икромӣ ва Е. Мительман*
*«Гуноҳи кӣ?»*

2. — Ман намехоҳам туро бе музд кор фармоям, бинобар ин як чиз гуфтушунид карда монем, беҳтар аст.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

**ГУШНАГӢ**

### 390. Гушнагӣ кашидан

дар гушнагӣ рӯз ба сар бурдан, азоби гушнагиро аз сари худ гузаронидан.

Ман гушнагӣ кашидагӣ, ман балою батари бисьёрро дидагӣ...

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

**ГӮЛ**

### 391. Гӯл додан

фиреб додан.

Ӯ имрӯзу фардо карда гӯл дода гашта буд.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

**ГӮЛАХ**

### 392. Ба... гӯлах оташ (алов) задан (сар додан)

ниҳоят фиребгар, қаллоб будан.

1. Правленияи колхоз ба корҳои масъулиятнок одамонеро таъин кардааст, ки кадомаш ба чил гӯлах оташ зада, бист бор аз дарьёи ҷиноят бо завраќи макр пой тар накарда гузаштаанд.

*«Хорпуштак»*

2. Ба қавли баъзеҳо гӯё ман ба хафтоду ду гӯлах алов сар дода бошам.

*«Тоҷикистони советӣ»*

**ГӮР**

### 393. Гур ба сари...

бало ба пасаш, садқаи сар...
Аммо гур ба сари худам, танакашон обод набошад ҳам, кошки шикамаки ин бачаҳо сер мешуд.

*Р. Ҷалил «Шу̣роб»*

### 394. Гур ба чизе

марг ба..., нест шавад.
1. Гур ба сари беодамӣ.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. II*

2. — Гур оби дидаи ман ҳам шавад, ҳамин вақтҳо гап ки ду шуд, дарров дар милки чашм ҳозир.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

### 395. Гур (ба чизе) шавад

несту нобуд шудан, лаънатӣ шудан.
1. — Гур ба ин феълу хуи зормондаам шавад, ҳамеша аз пушти он дакка мехурам.

*П. Толис «Тобистон»*

2. Гур фаранҷию чашмбанд ҳам шавад...

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

### 396. Аз гур берун гаштан

як навъ умр ба сар бурдан.
— Ҳа, бачам, аз гур берун гаштаам-дия.

*«Занони Тоҷикистон»*

### 397. Гури бетаку тук

чизи беташвиш; ҷои беғурбат.
Гури бетақу туқ ҳаст-мӣ? Охир хонаву ҷо, рузгор шудан баъд ин гапҳо мешавад-дия.

*«Барои адабиёти социалистӣ»*

### 398. Аз гур гирифта ба гӯр задан

шармандаю расво намудан; дашном додан.

1. — Не гуфт-мӣ?

— Не ҳам гап-мӣ? Шуморо аз гур гирифта ба гӯр зад, падаратон намонд, боботон намонд...

*Ф. Ниёзӣ «Духтари ҳамсоя»*

2. Қампири бадҷаҳл, ки дар дигар маврид Фирӯзаро аз гӯр гирифта ба гӯр мезад, он дам ҳеҷ гапе на зад...

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 399. Гуру кафан наёфтан

хору зор мурдан.

— Илоҳӣ гӯру кафан наёбанд ин золимҳои бемурувват!..

*Ҷ Икромӣ «Духтари оташ»*

### 400. Гури кӯҳнаро кофтан

воқеаи гузаштаро ба хотир овардан, воқеаҳои гузаштаро нақл кардан.

— Ҳозирашро дидан гирӣ-чӣ? — гуфт оқсаққол,— гӯрҳои кӯҳнаро кофта чӣ мекунӣ?

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 401. Ба гӯру лаҳад рафтан

1. мурдан, 2. нест ва гум шуда рафтан.

Наомадааст гуй! Нестон шуд гӯй! Ба гӯру лаҳад рафт гӯй!

*К. Носиров «Орият»*

### 402. Гури модари касеро нишон додан

ба сари касе фалокате овардан, ҷазои касеро додан.

— Гури модари инҳоро нишон додам.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо» қ. I*

### 403. Гур сузаду деги (қаландар) чушад

ҳар чӣ ба касон шавад шаваду манфиати шахсӣ аз даст наравад, манфиати худро аз зарари каси дигар болотар донистан.

— Ин ва касоне, ки уро пеш андохтаанд, ба хонавайрон шудани мардум чӣ парво доранд, коре шавад, ки хеч набошад, чанд рузе давр ронад. «Гур сузаду дег чушад» мегуянд.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 404. Гури худ, аъмоли худ

ҳар кас чазои кардаи худро мебинад; ҳар кӣ бад кунад, бад мебинад, нек кунад — некӣ.

1. — Ҳайф аст, чавоне ки аз сад гулаш як гулаш нашукуфтааст, худро бо як беандешагӣ нобуд кунад.

Дигаре мегуфт:

— Кур шавад, «гури худ, аъмоли худ» гуфтаанд. Ба вай кӣ мондааст даҳонкалониро! Бачаи пешхез чӣ мешавад мегуед?

— Як руз не, як руз худашро нобуд мекунад-дия!

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

2. — Агар муллоён ин корро ноҳақ карда истода бошанд, «гури худу аъмоли худашон», ба ману ту чӣ?..

*С. Айнӣ «Еддоштҳо», қ. III—IV*

### 405. Гуру чуб кардан

мурдаеро зуд гуронидан, бо шитоб дафн кардан; несту нобуд намудан.

Вай ҳамсари меҳрубонашро гуру чуб карду пас дар паи қасосгирӣ шуд.

*«Гови тилло» (Шарқи сурх»)*

### 406. (Ба) гури Ҳотами Той лағат задан (кардан)

сахигӣ кардан, чавонмардӣ намудан, аз ҳад зиёд саховат нишон додан.

1. Ҳатто Қосимчон гап назада бошад ҳам, ба гури Ҳотами Той лағад зада, як курта-эзори нав карда дод.

*П. Толис «Тобистон»*

2. — Ҳа,— гуфт кашол карда кампир,— Ғаничон гури Ҳотамро лағад карда, бо чӣ мақсад ин пулҳоро фиристода бошад!

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

**ГӮСОЛА**

### 407. Гусола аз болои (сари) мех мепаррад

аз паси касе калонӣ кардан, аз паси касе болидан.

1. Консул бошад, «Гусола аз болои мех мепаррад» гуфтагӣ барин аз болои Николай калонӣ мекард, акнун ки вай бекор шуд, ба гапи консул кӣ гуш меандозад?

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Лекин ҳозир аз дасташ ҳеҷ кор намеояд; гусола аз сари мех мепаррад гуфтагӣ барин, ин одам хам аз болои Иброҳимбек мепаррад...

*С. Айнӣ «Роҳбари дониш»*

### 408. Гусола бо гусола — ошноёни садсола

ҳар табақа бо табақаи худ ошнои дорад, ҳамҷинс бо ҳамҷинс соз аст.

— Дар асл барои духтари Ӯрунбой Қалъачӣ, гумоштаи Ӯрунбой Қалъачӣ муносиб буд, «Гусола бо гусола — ошноёни садсола» гуфтаанд.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 409. То гусола гов шавад, дили соҳибаш об шавад

то ба камол расидани фарзанд падару модар ранҷи бисьёре мекашанд, барои ин ки коре ба натиҷае бирасад, солҳо бояд азоб кашид.

— Кас духтарҳои ин солу замонро ин тавр ба ихтиёри худ карда намемонад. То одаму оламро донистани инҳо думи шутур ба замин мерасад. То гусола гов шавад, дили соҳибаш об шавад.

*Ҷ. Икромӣ «Ситора» («Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»,*

### 410. Гусола чаппа омадан

бадбахтӣ руй додан, кор ноомад кардан, вазъият бад гардидан, акси чашмдошт шудани коре.

Вале у ба ин ҷо роҳбари нав шуда омаду аз пою қадами номубораки у «гусола чаппа омад».

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 411. Гусолаи шуданӣ — аз пояш маълум

аз кордорӣ ва саъю кушиши касояндаи у маълум шуда меистад.

1. «Гусолаи шуданӣ — аз пояш маълум» — мегўянд. Хайр, мулло нашуд чӣ шуд. Сари ягон касбро гирад, гушна намемондагист, охир.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

2. Қайюм Амиров ин хел одам набуд. Раиси нав дигар навъ менамояд. «Гусолаи шуданӣ — аз пояш маълум».

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

### 412. (То) гусолаҳо гов шаванд (шудана), ҷигарҳо хун шаванд (мешаванд)

*Ниг.* То гусола гов шавад, дили соҳибаш об шавад.

1. — Оҳ бачема, ҷувориро тамоман орд карда фиристондӣ-ку! «Гусолаҳо гов шаванду ҷигарҳо хун шаванд».

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», к. I*

2. «То гусолаҳо гов шудана ҷигарҳо хун мешаванд» гуфтаанд. Ана ҳамин барин шумо ҳам то ин бачаҳоро азоб кашида калон мекунед, ки умри ҷавонатонро адо мекунед.

*«Занони Тоҷикистон»*

### 413. Гусфанди фарбеҳ

ягон чизи муфт, сердаромад, бофоида.

Қори-Ишкамба он «гусфанди фарбеҳи ба пои худ омада»-ро дида, оби даҳонаш рафта, гулуяш хоридан гирифт.

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

**ГӮШ**

### 414 Гӯши касе ба гӯши касе будан

ба сухани касе гӯш кардан, сухани касеро шунида истодан.

— Гап зан, азизам, гӯшам ба ту аст.

*К. Носиров «Орият»*

### 415. Гӯш ба даҳони касе дӯхтан

хозири шунидани сухани касе будан, ба сухани касе бо диққат гӯш додан.

Ҳама якбора гӯш ба даҳони кампир дӯхта, мунтазир буданд, ки чӣ будани он номи «зебои бемаънӣ»-ро шунаванд.

*А. Деҳотӣ «Паёмҳои дӯстӣ»*

### 416. Гӯши касеро ба дод овардан

касеро аз сергапӣ, ҳарзагуии худ ба танг овардан, дилгир намудан.

Халили хиёнатгар гӯши Иззатулини камгапро ба дод оварда, техникаи сутунгузории шахтаҳоро зӯр зада нақ мезад.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

### 417. Гӯши касе ба дод омадан

аз сергапӣ, ҳарзагуии касе дилгир, безор гардидан.

Аз шунидани қиссаҳои арӯскобии модараш гӯши Одил ба дод омад...

*А. Деҳотӣ «Паёмҳои дӯстӣ»*

### 417. Гуш ба қимор

ба шунидани хабаре бисьёр ташна ва толиб будан.

1. Ҳамсоязанони кунчков ва ҳангоматалаб, ки ҳамеша «гуш ба қимор» истода, ба маншаю моҷарои инхо гуш мекарданд, медонистанд, ки оташи рашки Моҳру доим аланга зада меистад.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

2. Ҳамеша фикру андешаи худро пинҳон доштан, ҳамеша гуш ба қимор — хусон зиндагӣ кардан, ба мардум дуруғ гуфтан... ба руҳ ва димоғи у бетаъсир намемонад, албатта.

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

3. Акнун мардуми ҷамоа ҳар пагоҳ гуш ба қимори кароматй нав ба нави эшон шуда меистоданд.

*А. Деҳотӣ «Паёмҳои дӯстӣ»*

### 418. Дар гуш будан

чизеро дар хотир доштан, фаромуш накардан.

Хуб дар гушат бошад, ки ту аз ин куҳсори мо халосӣ намеёбӣ.

*Ғ. Абдулло ва Ш. Қиёмов «Тӯфон»*

### 419. Гуш вазнин шудан

бадшунав шудан, нағз нашунидани гуш.

— Ҳамин қадар гушатон вазнин шудааст?

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 420. Ба гуш гап надаромадан

ҳеҷ майли гап шуниданро надоштан, ғапнодарой кардан.

1. Ба гуши рузадорони Бухоро ҳеҷ гап намедароянд...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Ба гуши шумо ин гапҳо намедаромаданд.

*К. Наимӣ «Роҳи дуруст»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 421. (Ҳама тан) гуш гардидан

ба диққати тамом гуш кардан.

Ман ҳам сар то по чашм гашта ба суи онҳо духта ва ҳама тан гуш гардида ба тарафи онҳо дода шудам.

*С. Айнӣ «Марги судхур»*

### 422. Ба гуш гирифтан

1. маслиҳат, гапи касеро пазируфтан, 2. гаперо дар хотири худ доштан.

1. Гуфтаи худат барин ман сухани пурқимати «хари лулиро об деҳу пулашро гир»-ро ба гуши худ маҳкам гирифтаам.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Шумо ду чашм дошта бошед, одамон сад чашм доранд, Улфатов, инро маҳкам ба гуш гирифта монед...

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

3. «Насиҳати маро ба гуш намегирад».

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 423. Гуш даркор бошад, бурида гир

дар мавриди бисьёр лаққидани мусоҳиб гуфта мешавад.

— Аз лаққиданат ба танг омадам, бас кун! Ҳуй, агар гуш даркор бошад, бурида гир!

*М. Сайфиддинов «Ду ҳусну ду ишқ»*
*(«Занони Тоҷикистон»)*

### 424. Ба гуш даромадан

шунидан, фаҳмидан.

1. — Писарам, овозе ба гушам даромаду аммо дуруст фаҳмида натавонистам.

*Қ. Наимӣ «Рузи равшан»*

2. Халқ талотуб карда ғавғо бардошт, одамҳо фарьёдкунон ким-чиҳо мегуфтанд, аммо ба гуши ман ҳеҷ чиз намедаромад.

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

### 425. Гуш (хуш) додан

шунидан, диққат кардан, эътибор додан.

1. Аммо ҳеҷ кас гуш намедод.

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

2. Охир, ҳеҷ набошад, ба насиҳати ду-сета мо барин муйсафедон гуш медодагист...

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

3. Ба суханони ӯ чун ба суханони одами аз худаш калон гушу хуш медод...

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

### 426. Дар гуш доштан

дар ёд, хотир доштан, фаромуш накардан.

Ба фарзандаш падар мегуфт такрор,
Ки ин панди маро дар гуши худ дор...

*М. Турсунзода «Ман аз Шарқи озод»*

### 427. Гуши касеро канда ба дасташ додан

ба касе бисьёр лаққида уро ба танг овардан.

— Хуб тамошо карда гир, ки вай чӣ ҳуру париро ёфтагӣ будааст у ману ту бошем, беҳуда ҷон коҳонда, рузе даҳ бор гуши ӯро канда ба дасташ медодем, ки духтари Алӣ таннозу духтари Вали кокулдароз.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

### 428. Гуши касеро кашида мондан

*Ниг.* Гуши касеро тофтан.

1. Ҳозир ба комитети иҷроия рафта гуед, гуши раисатонро кашида монанд.

*Қ. Наимӣ «Ҳабиба» («Айёми мо»)*

2. Чаро ин одамҳо бемалол кайфу сафо карда, туппиашонро нимта монда мегардаңду касе гуши онҳоро кашида намемонад?

*«Хорпуштак»*

### 429. Гушу майнаи касеро осуда мондан

лаққида касеро безор накардан.

— Агар ҳамин вақт,— Исомиддин гуфт,— худо як хум май мерасонд, ту аз даъвои ба Накбатхуҷа доштаат гузашта гушу майнаро осуда мемондӣ?

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 430. Гушу майнаи касеро хурдан

аз сергапӣ, беҳудагӯӣ касеро безор кардан.

1. — Аз афташ, Мирбадал дар ин ҷо нестанд, ба он кас ҳам як хат ҳаст, он кас ҳам чанд рӯз боз аз хатпурсӣ гӯшу майнаамро хӯрда буданд.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

2. — Чӣ кор кунам, Фирӯзаҷон, як моҳ боз ин ҷавонмарг нашудагӣ гушу майнаи маро мехӯрад, ки ҳоло ба сайли Чашмаи Айюб меравам...

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 431. Гӯши ману девори қиёмат

*Ниг.* Пушти ману табари қассоб.

Рустамамак бошад сарашро бо ҷомаи худ маҳкам печонида хоб мерафт. «Пушти ману табари қассоб, гӯши ману девори қиёмат» — мегуфт ӯ.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. I*

### 432. Ба гӯши мурда азон хондан

гап таъсир накардан.

Ин ҳукмро шунида модару духтар гиристанд, фиғон бардоштанд, аз қозии шариат адолат хостанд ва дод зада гуфтанд, ки онҳо аз шавҳару падарашон хабаре надоранд ва қарздории уро низ намедонанд. Ин суханҳо ҳама «ба гӯши мурда азон хондан» буд.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 433. Аз гуш набаровардан

дар хотир нигоҳ доштан, фаромуш накардан.

Аз ҳамин соат аз гушат набарор, ки ту маро намешиносию ман туро...

*А. Сидқӣ «Иродаи зан» («Занони Тоҷикистон»)*

### 434. Гуш наҷунбондан

1. хомуш будан, сухане нагуфтан, 2. ба тақдири худ тан додан.

Находки одам то мурданаша калтак хураду гушаша наҷунбонида истодан гирад...

*Р. Ҷалил «Гулрӯ»*

### 435. Гуш ниҳодан

*Ниг.* Гуш додан.

«Ҳар чӣ бифармоиям, омодаам,
Гуш ба фармони ту биниҳодаам»

*С. Ҷавҳаризода «Баҳорӣ ватан»*

### 436. Ба гуш сахт расидан

аз сухани касе ранҷидан.

— Агар гуфтаи ман ба гушатон сахт расида бошад, узр мехоҳам, лекин ин ҳақиқат аст.

*Ғ. Абдулло «Шери занҷиршикан»*

### 437. Гуш сахт шудан

ба шунидани сухани бад ё тунд одат кардан.

Акнун гушҳоям сахт шуд, ин садо маро наметарсонад.

*Ҷ. Икромӣ «Ҳаёт ва ғалаба»*

### 438. Гуш сих намудан (кардан)

ба шунидани садое ҳозир шудан.

1. Гушашонро барои шунидани супорише ки бояд у бароварда бошад, сих карданд.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

2. — Ин садо гуши хобандагони хонаро сих намуд.

*Ҳ. Карим «Ҳикояҳо»*

### 439. Гуши касеро тоб додан

*Ниг.* Гӯши касеро тофтан.

1. Агар рафиқ Норзода гуши баъзе аъзоёни комиссияро пешакӣ тоб намедоданд, ҳама тарафдори акои Олим мешуд.

*С. Улуғзода «Навобод»*

2. «Гуши ин махлуқонро боз сахтакак тоб дода монанд».

*Р. Ҷалил «Шуроб»*

### 440. Гӯши касеро тофтан

касеро танбеҳ кардан.

1. Ҳар чӣ бошад, гӯши ӯро ҳам дар бобати нигоҳ доштани сир сахт тофта, ӯро ба пуштам бардоштам.

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

### 441. Дар гӯши касе форидан

хуш омадан, маъқул шудани сухан ё садое.

Вале дар гӯши он зан
Ин суханҳо нафорид...

*С. Ҷавҳаризода «Гулшани афрӯхта»*

### 442. Ба гӯши хар танбур навохтан

чизеро ба каси нофаҳм зӯр зада исбот намудан; кори беҳуда кардан.

— Тоза ҳам нодон будай! Ман то ҳол ба гӯши хар танбур навохта истодаам-мӣ?

*С. Ғанӣ «Табассум»*

### 443. Ба гуши касе хондан

ба касе чизеро талқин, таъкид кардан.

1. — Ман ба гушаш хонда монда будам...— «Ин ғуломонро як тарсонда мондан даркор аст» — гуфта будам.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

2. Вай ҳар рӯз «харидҳои беҳудаи Музаффар туро хонахароб мекунад» гуфта ба гӯши подшоҳ мехонд.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

### 444 Гӯши худро ба карӣ задан

нисбат ба сухани касе худро ба нофаҳмӣ задан, ба сухани касе эътибор надодан.

1. — Ту мегӯӣ, ки ман гӯшамро ба карӣ мезанам?

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

2. Вай набинаму насӯзам гуён чашмро пӯшида, гӯшашро ба карӣ зада менишастааст.

*«Хорпуштак»*

### 445. Гӯши худро девор кардан

1. гап, маслиҳати касеро қабул накардан, сухани ҳеҷ касро гӯш накардан, 2. ба суханҳои неку бад эътино накардан.

Аз ҳар тараф «мактаб рав» гуфта нихта мекардагиҳо бисьёр шуданд. Аввал сардори бригада, сонӣ раиси колхоз вайро ба хондан ва ба саводнок шудан таклиф карданд.

Охир ки вай гӯши худро девор кард, парторг вайро дар сари замин дошта ба гап гирифт.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

### 446. Ба гӯши худ ҳалқа карда овехтан

чизеро ҳамеша дар хотир доштан, нағз дар хотир доштан.

— Дониста бош, ба гӯшат ҳалқа карда овез, ки маро фиреб медодагӣ одам ҳоло аз шиками модараш зоида нашудааст.

*П Толис «Тобистон»*

### 447. Ба ғуши худ ҳалқа кардан

дар ёду хотири худ нағз нигоҳ доштан, ба хотири худ гирифтан.

1. Гап ки аз даҳон баромад, ба гушаш ҳалқа карда мегирифт.

*«Тоҷикистони советӣ»*

2. Маслиҳати мудирро ба гушаш ҳалқаи заррин кард.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 448. Гуши касеро хурдан

*Ниг.* Гушу майнаи касеро хурдан.

— Намемонӣ, ки кас хабарҳои охиринро шунавад. Аз як тараф худат, аз тарафи дигар бачаат вақ-вақ карда, гуши одамро мехуред...

*Ҷ. Икромӣ «Зуҳра»*

### 449. Ба гуш чаккондан

*Ниг.* Ба касе гушрас кардан.

Ба гушам чакконда истодаанд, ки мабодо дар вакти тақсимот моро фаромуш карда намонед.

*Р. Амонов «Дар доманаи куҳҳои кабуд»*

### 450. Гушу чашм шудан

аз ҷониби касе ба коре назорат кардан.

Вай гуфтаҳои Андрейро уҳдабароёна ба ҷо оварда, гушу чашми эътимодноки штаби яке аз отрядҳои партизанӣ шуд.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

### 451. Гушу ҳушам ба ту

сухани туро бодиққат гуш мекунам.

— Марҳамат, гушу ҳушам ба шумо!

*Ҷ. Икромӣ «Аз Душанбе то ба Киев» («Шарқи сурх»)*

**ГӮША**

### 452. Гуша гирифтан

*Ниг.* Қанора гирифтан.

Зани бечора пас аз мурдани шавҳараш гуша гирифтааст.

### 453. Гушаи хонаро иҷора гирифтан

хонашин шудан.

Чаро ман гушаи хонаро иҷора гирам?

*К. Наимӣ «Ман бо шумо»*

**ГӮШАМ**

### 454. Гушам ба шумо

ман гапҳои шуморо гуш мекунам.

— Гушамо ба шумо, муаллим,— бесаброна илова кард сейум.

*Қ. Носиров «Орият»*

**ГӮШРАС**

### 455. Гушрас кардан

хотиррасон кардан.

Вай ин гапро чандин бор гушрас карда буд.

**ГӮШТ**

### 456. Гуштро аз нохун ҷудо карда намешавад

аз они худи, ҳар чӣ бошад ҳам, аз они худӣ аст, алоқаи хешовандиро буридан номумкин аст.

1. — Ако, гуштро аз нохун ҷудо карда намешавад.

*Қ. Наимӣ «Рӯзи равшан»*

2. Онҳо «гушт аз нохун ҷудо шавад, дегу табақи мо ҳам ҷудо мешавад» мегуфтанд.

*Р. Ҷалил «Гулру»*

### 457. Гушти бадан дар коре пухтан

обу тоб ёфтан, пухта шудани кас дар коре.

— Ман аз он ҷо, ки гушти баданам дар ҷангҳои ҳамватанӣ ва дар оташи муборизаи муқобили аксулинқилобчиён пухта аст...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 458. Гушти бадан об шудан

хароб шудан, лоғар шудан.

Муи сар қариб тамоман сафед шуда, ба руй ва пешонӣ оҷингҳо афтода, гушти бадан об шуда, пустҳо халта гаштаанд.

*Ҷ. Икромӣ «Ишқу вафо»*
*(«Тоҷикистони советӣ»)*

### 459. Гушти бадани худро хурдан

харобу лоғар шудан — (дар ғам ё ҳасрати касе ё чизе).

Писаратон руз то руз хароб шуда, гушти баданашро хурда рафта истодааст.

*Ҷ. Икромӣ «Шоӣ»*

### 460. Гушт бе устухон намешавад

одам аз камбудӣ холӣ нест, кор бе камбудӣ намешавад, ҳар чизи хубу мукаммал ҳам дар зимн нуқсе дорад.

— Охир ғушт мағар бе устухон мешудааст,— мегуфт ӯ асосан ба одамони атрофаш.— Агар колхози мо камбағал намешуд, валло ки яктои дигараш камбағал мешуд.

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

### 461. Гушти нағз — шурбои нағз, шири нағз — ҷурғоти нағз

аз одами нағз фарзанди нағз меруяд, аз масолеҳи нағз чизи хуб ҳосил мешавад.

Раҳматӣ падари эшони Қозикалон ҳам одами соҳибтадбир бӯданд, аз он тавр падар ин тавр писар меруяддия, «Гушти нағз — шурбои нағз» гуфтаанд,— ғуфта Қозикалонро таъриф кард.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 462. Гушти касеро тушбера карда хур

дар ҳаққи... ҳар коре ки карданӣ бошӣ, кардан гир.

— Бар, гушташро тушбера карда хур, пул ва одами бекор нест, ки аз дунболи он биравад...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 463. Гушти уштур хурда

кори деркашида, кори бисьёр кашольёфта.

1. Дар ҳақиқат станцияи электрикӣ чандин сол боз гушти уштур хурда хоб кардааст.

*«Хорпуштак»*

2. Хайрият, савобталабе пайдо шуда, ба мо фаҳмонд, ки ин купруки гушти уштур хурдаро чор моҳ ин ҷониб сохта истодаанд.

*«Хорпуштак»*

### 464. Аз гушт (пӯст) фуромадан

харобу лоғар шудан.

1. Ғайр аз хун хурдан, алам кашидан, аз гушт фуромадан ва шикамбаи худро то рафт хурд кардан чораи дигаре надошт.

*С. Айнӣ «Марги судхур»*

2. Дар бадали як шаб хеле аз гушту пуст фуромада буд.

*П. Толис «Тобистон»*

### 465. Гушти хар, дандони саг

ба каси бад ҷазои бад, ба амали бад рафтори бад.

1. — Бо ин ривоят гуфтаи худро дуруст баровардам ва имомро дар пеши мардум шарманда кардам. Муллоҳои мо ҷоҳиланд... Гуфтаҳои мо барин касон маъкул бошад ҳам, писанд намекунад ва сухани пурқимати «мангар кӣ мегуяд, бингар, ки чӣ мегуяд»-ро намедонанд, агар донанд ҳам, худро ба нодонӣ мезананд. Даҳони инҳоро бо муҳри муфтӣ муҳр кардан даркор аст, «Гушти хар, дандони саг» гуфтаанд.

*С. Айнӣ «Еддоштҳо», қ. I*

2. Чунки дар аввали кор як-ду нафар бо мақсади ҷудокуни ба миён даромада аз ду тараф ҳам мушт хурда, даст афшонда, худро канор кашида буданд. Баъд аз он ҳар кас ки мехост ба миён дарояд, дигаре фарьёд

мекард: «Гушти хар, дандони саг» гуфтаанд, дидӣ ки нашуд, мон ки ин сагон гушти якдигарро ба ҷои гушти хар «нуши ҷон кунанд».

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. IV*

### 466. Гушти якдигарро хурдан

бо ҳам ҷангу ҷанҷол кардан, занозанӣ кардан, бо ҳам дарафтодан, бо ҳам доимо дар ҷангу херхаша будан.

Ба онҳо кордор нашавед, монед, гушти якдигарро хуранд.

## Д

**ДАВ**

### 1. Даву ғеҷ

даводавӣ, такудав.

1. Танҳо худи масъалаи аз нақлиёт таъмин кардани як қисми талабагони синфҳои боло, ки аз ҷойҳои дур, аз деҳоти атрофи посёлка меомаданд, чӣ қадар даву геҷро талаб карда буд.

*Ф. Муҳаммадиев «Меҳри диёр» («Чароғи ирфон»)*

2. Ба ҳамин ҷо омада чой менӯшад ва шоҳмотбозӣ карда, кӯфтагии роҳ ва даву ғеҷи рузонаро бартараф менамояд...

*«Тоҷикистони советӣ»*

**ДАВИДАН**

### 2. Давидани гусола то каҳдон

1. ҷаҳду кӯшиш то ҳосил шудани мақсади шахсӣ, ягон кори камаҳамият, кӯшиш то буд шудани кори худ, 2. дурандеш набудан, дар коре оянддаро андеша накардан.

1. Ҷадидҳо ҳеҷ кор карда натавонистанд ва пас аз ин ҳам хеҷ кор карда наметавонанд, дар асл ҳам онҳо ягон кори дуруст карданӣ набуданд, «давидани гусола

то каҳдон» гуфтаанд: ниҳоят матлаби инҳо «ислоҳи мактаб», «ислоҳи мадраса» ва ислоҳи ҳукумати амир буд. Худ аз худ маълум мешавад, ки ислоҳи як чиз нест кардани он чиз не, балки дурусттар карда пойдор намудани он чиз аст...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Се сол боз дар шаҳри мусофирӣ хонда гаштааст, дар газетаҳо таърифу тавсиф карда заданд, писари Савринисоатон бошад, давидани гусола то каҳдон гуфтагӣ барин, якуним сол ҳам тоб оварда натавонист.

*П. Толис «Ҳикояҳои даҳ сол»*

**ДАВЛАТ**

### 3. Давлати касе сахт будан

1. пойдор будани сарвати касе, 2. мушкил будани руёндани чизе аз касе.

— Хуб, садқаи суханатон, тақсир,— гуфт даҳбоши,— вақте ки ин бача хӯҷаини ман меҳмони Фатҳуллобой аст гуфт, ман умедвор шуда будам, ки фардо пули як дегҷуш меруяд, давлати хӯҷаинаш сахт будааст, ки шумо расида омадед.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 4. Аз давлати шолӣ курмак об мехӯрад

*Ниг.* Аз пушти шолӣ курмак об мехӯрад.

— Хуб, шумо намехӯрда бошед, ман хӯрам,— гӯён зани калон пиёлаи наботчойро аз пеши палонҷаш гирифт ва илова кард: — амакаш аз барои келин фиристода бошанд ҳам, «аз давлати шолӣ курмак об мехӯрад» гуфтагӣ гапҳо ҳаст.

*С. Айнӣ «Ятим»*

**ДАВО**

### 5. Давои курут — оби гарм (ҷуш)

1. бо бадон бояд бад рафтор кард, ҷазои рафтори бад бадӣ аст, бо одамони бад рафтори бил-мисл бояд кард, 2. нест намудани ҳаракате, ҳолате бо ҳамон роҳ ва воситаи ҳамон чизе ки сабаби ба вуҷуд омадани он шудааст,

1. Дуруст аст, ки ман дар мунозираҳо пеш аз ҳама ба муқобира ва муғолата намедароям ва аз ҳама пештар даъвои худро бо далелҳои мантиқӣ исбот мекунам. Лекин медонам, ки ин муллоҳоро бо роҳи мантиқ ва бо роҳи илмӣ хомӯш кардан мумкин нест, дар охири кор суханони обдори ба ҷон расонанда зада, ҳарифро ба хомӯш мондан маҷбур мекунам. «Давои қурут оби гарм» гуфтаанд, ки бесабаб нест.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

2. — Вақте ки золим зулм кардан мехоҳад, ҳеҷ гоҳ аз ягон муфтӣ намепурсад, ки дар шариат равост ё не? Он мазлум аҳмақ аст, ки интиқомгирии худро ба шариат мувофиқ кардан хоҳад. Мазлуми боақл он аст, ки «давои қурут — оби гарм» гӯён худ бо фикри худ амал карда кор барад, на ба фикри муфтӣ...

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

3. Энахон ба духтаракон оби хунук хӯрданро манъ карда буд, чунки оби хунук аъзои баданро суст мекунад ва ҳатто боиси беморӣ ҳам мешавад. «Давои қурут— оби гарм» гуфтагӣ барин давои ҳавои гарм чои кабуди талх аст!

*А. Деҳотӣ «Асарҳои мунтахаб»*

**ДАВР**

### 6. Давр рондан

1. ҳукмронӣ кардан, 2. бо айшу ишрат, хушвақтона рӯз гузаронидан.

1. Инҳо ҳамон одамонеанд, ки дар даври амир давр меронданд, соҳиби мамлакат буданд, заминҳои хуб, рамаҳои калон аз они инҳо буд...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Дам ғанимат. Ҳоло ки пой дар узангу аст, аз шуҳрати раиси колхози пешқадам истифода бурдан, каме давр рондан даркор.

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

**ДАВУЧА**

### 7. Давуча нашуда ғулунг шудан

1. давраи хушбахтонаи ҷавониро аз сари худ нагузаронида, пеш аз вақт пир шудан, 2. пеш аз вақт дилмурда гардидан.

— Ман дар умри худ ягон бор бошад ҳам, на танҳо ба назари муҳаббат, ҳатто ба назари оддӣ ҳам ба рӯи марде нигоҳ накарда будам,— гуфт духтар ва эзоҳ дод: — Ман дилмурда шуда будам ва чунончи мардум мегӯянд «давуча нашуда ғулунг шуда» будам...

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. II*

**ДАМ**

### 8. Дами касе ба (дар) дарун афтодан (гаштан)

дар муқобили даъво, эроди касе хомӯш шуда мондан, оҷиз мондан, чизе гуфта натавонистан; забонкутоҳ шудан.

1. Дамаш ба дарунаш афтода чизе гуфта натавонист, агар замони амир мешуд, медиди чӣ кор мекард.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Бо ҳамин акнун дами муқобилони раис ҳам ба дарун афтода, ҳамаи кор хуб анҷом хоҳад ёфт.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

3. — Баъди исбот нашудани ҳӯ ҳамон рӯйхати қалбакии чойкогаз дами саркор ба дарун афтода монд-ку.

*Ф Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

### 9. Дами беғам задан

1. лаҳзае аз ғаму ташвиш осуда будан, 2. оромона, беташвиш суҳбат кардан, 3. хушвақтӣ, роҳат намудан.

1. — Рав, бо зану бачаҳоят ҳам камтар дами беғам зан.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

2. — Саргардониҳои дунъё ҳеҷ фурсат намедиҳад, ки ягон рӯз бо дӯстон як дами беғам занем...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

3. Шукуров бо дили нохоҳам, монанди он ки «намемондед як дами беғам занем» — гуфта ҳасрат мекарда бошад, гушаки телефонро ба гуш гирифта, чеҳраи худро турш намуд.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

## 10. Дами касеро гардондан

1. ҳаври касеро паст кардан, 2. сухани касеро бо далел рад кардан, 3. касеро танбеҳ дода ба хомушшавӣ маҷбур намудан.

Аммо Ёразиз аз наъракашии худ бознаистод. Вақто ки хишт аз қолибаш кучид, мардум дами Ёразизро гардонда, ӯро маҳкам дошта, ба дасти суд супориданд.

*«Хорпуштак»*

## 11. Дами дируза намондан

дабдаба, калонигарӣ, калонгапии пештара намондан, аз ваҷоҳат ва дабдабаи пештараи худ фуромадани касе.

Имрӯз бояд комиссияи аз Бухоро омадаро шунида бошад, ки дами дирузааш ҳам намондааст.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

## 12. Дами корди касе гаштан

1. кам шудани нуфузи касе; бетаъсир гаштани сухани касе.

Дар ин мунозира хам, ки дами корди Шокир гардид, суханро аз болои «улпон» бардошта ба болои «ҳуррият» бурда гуфт...

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

## 13. Дами кордро тез кардан

ба муборнза омода шудан; ба ҷанг тайёрӣ дидан.

Хоҷагии мо боз бойтар шуд. Хуб, гуш мекунам... албатта... албатта дами кордро тез карда истодаем...

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

### 14. Дами касеро паст кардан

1. касеро аз қаҳру ҷаҳл фаровардан, 2. ғурури касеро паст кардан.

1. — Ҳар чи ки аз дастатон меояд, кунед! — нохост оҳанги сулҳҷуёнаро ба истеҳза бадал карда ҷавоб дод Зайнаб, ба умеди ин ки шояд ба ин тариқа уро ба худ оварда дамашро паст кунад.

*С. Улуғзода «Ёрони боҳиммат»*

2. Шумо дар ҷавоб чизе нагуфта, ба он духтар сарзанишомез назар афкандед. Ин нигоҳатон дами он дугонаатонро паст кард. Аммо дигарон ором нанишастанд.

*Ф Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

### 15. Дам рост кардан

нафаси ором гирифтан; истироҳат кардан, осудан, оромидан.

— Охир, шумо аз хамон қадар роҳи дур омадеду як нафас даматонро рост накарда куҷо меравед!

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

### 16. Дами табарро пахта гирифтааст

ба воситаи додани пора ё зиёфат касеро мулоим намуда, бо мақсади худ ноил шудан.

Аъзоёни колхозҳои ба номи Ленин ва ба номи Куйбышев дар ин бора борҳо ба потребсоюзи вилоятӣ муроҷиат карда бошанд ҳам, натиҷае ба даст оварда натавониста гаштаанд. Намедонем айб дар ош аст ё дар мош, ба ҳар ҳол метарсем, ки дар натиҷаи чапдастии корчаллонҳо дами табарро пахта гирифта набошад.

*«Хорпуштак»*

### 17. Дам фуру бастан

хомуш шудан, чизе нагуфтан, лаб накушодан.

Юнусбой дид, ки ҳар суханаш боиси ҳаҷву кинояҳои нави ногувор мешавад, қаҳролуд дам фуру баст ва рафтанӣ шуда аз ҷо бархост.

*С. Улуғзода «Навобод»*

### 18. Дами худро (берун) набаровардан

1. хомӯш будан, овоз набаровардан, ҳеҷ чиз нагуфтан, 2. шикоят накардан.

1. Охир чӣ кор кунам ман?.. Боз монанди ҳарбора дамамро берун набароварда шинам. Боз ба шаттаву шаллоқ тоб оварам?

*А. Мусаввада «Печкаи беалов»*
*(«Шарқи сурх»)*

2. Қодиров бошад, дар ин хусус дамашро ҳам намебаровард.

*«Тоҷикистони советӣ»*

3. — Ха! Сагбача, ту дар ин ҷо-мӣ? Даматро ҳам намебарори-а?

*«Занони Тоҷикистон»*

### 19. Аз дами худ фуромадан

1. аз қаҳру ҷаҳл фуромадан, ором шудан, 2. аз шаст ва ғурури худ гаштан, 3. ба муросо омадан.

1. Ҳошимҷон аз дамаш фуромада, авзояш торафт парешон мегашт.

*Б. Ортиқов «Нишона»*
*(«Шарқи сурх»)*

2. Муаллима бовар карда, каме аз дамаш фуромад.

*«Газетаи муаллимон»*

### 20. Ба дами худ ҳалвоитар (ош, шӯла) пухтан

1. ҳавобаландона, мутакаббирона гап задан, 2. калонгарӣ кардан.

1. Вай ҳамеша сару либоси рангоранги тангу борик ва туфлиҳои ғарчи нулдарози кучошинам пушида, бо кибру ғурур мегашт, ки ба дамаш бемалол халвоитар пухта мешуд.

*«Газетаи муаллимон»*

2. Ин колхоз дар район аз ҳама қафо бошад ҳам, ба дами ҳавобаландии раис ва котиби ташкилоти партиявӣ дег-дег ош пухтан мумкин аст.

*«Хорпуштак»*

3. Аз ду кунҷи даҳонаш кафк бароварда, фақат гап задагеш гап задагӣ. Ба ибораи одамони Исфара, ба дами у оши палав мепазад.

*«Газетаи муаллимон»*

4. Ба акаатон гуед, ки корашон бошад худашон биёянд. Ба дами он кас шула мепухтагӣ вақтҳо гузашта рафт.

*С Улуғзода «Навобод»*

**ДАНДОН**

### 21. Дандон ба чизе гузаштан

1. чизеро ба дандон шикаста, майда карда, тавонистан; чизеро ҳазм карда тавонистан, 2. чизеро аз они худ карда тавонистан, 3. аз уҳдаи чизе баромадан, 4. чизеро донистан, фаҳмида тавонистан.

1. — О-о! Қошки ба ин чизҳо дандони ман гузарад! — мегуфт модар.

*С. Улуғзода «Навобод»*

2. Ба ин хел хатҳо ғайр аз дандони худат аз они каси дигар намегузарад.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

### 22. Дандон ба дандон мондан

1. бардошт кардан, таҳаммул кардан, тоқат кардан, 2. маҷбур шуда, лоилоҷ ба чизе тоб овардан.

1. Ман як ошно доштам, занаш болои ҳам шаш духтар зоид. Бечора дандон ба дандон монда гаштан гирифт.

*Ф. Ниёзӣ «Духтари ҳамсоя»*

2. Азоб чонгудоз буд, аммо ман шарм доштам, ки ба назди усто ва ба пеши тамошобинони бедард, ки дари дуконро иҳота карда истода буданд, фарьёду фиғон барорам ва гирья кунам. Ночор дандон ба дандон монда сабр кардам.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. IV*

3. Чӣ чора? Дандон ба дандон монда қабул кардам ва дар пеши ноиб васиқаро нав кардем, ки ба вай ҳам хароҷот шуд.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III*

4. Ман ду моҳи дигар дандон ба дандон монда дар ҳавлии Шарифҷон-махдум истодам...

*С. Айнӣ «Мухтасари тарҷимаи ҳоли худам»*

### 23. Ба касе дандон доштан

ба касе ғараз, хусумат доштан; кина варзидан.

— Худат, ки ба шавҳарат дандон дорӣ, мехоҳӣ, ки ҳамаи шавҳарон...

*Ҷ. Икромӣ ва Е. Мительман «Кӣ айбдор?»*

### 24. Чизеро (ба) дандон зада дидан

чизеро хуб санҷидан, озмудан, муоина кардан.

Вай аз купрукҳо вақти гузаштан,
Ба рафтан, ҳам ба вақти бозгаштан,
Зада дандон, тамоми меххоро
Қаме ҷунбонда мебинад ба ҳар ҷо...

*М. Аминзода «Шеърҳо»*

### 25. Дандон задан

маломат кардан, ба касе гап расонидан.

Каҷҷу килеб рафтан
Бар у шудаст одат,
Бар сару пои мардум
Дандон занад зи ғайбат.

*С. Ҷавҳаризода «Шеърҳои ҳаҷвӣ»*

### 26. Дандон нағутидан

1. дастрас, имконпазир набудани чизе ба касе, 2. нарасидани зӯри касе ба чизе.

1. — Не, лозим нест, саломат бошед! Ман ҳозир ба банк рафта чой менушам,— гуфт Қорӣ Ишкамба ва бо

оҳанги шӯхӣ илова намуд: — ба чое, ки аз болои пули тоқияҳои ман муҳайё мешуда бошад, на дандони шумо меғутад ва на дандони ман.

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

2. — Эй аҳмақ, даҳонат яла шуда монд-мӣ! — гуфт писханд зада назоратчии подшоҳ,— ба ин меваҳо дандонат намеғутад.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

### 27. Дандон тез кардан (намудан)

1. бо касе хусумат, кина варзидан, 2. тамаъ доштан.

1. Аммо Мағфират зани хурдии бой бошад, ҳамаи ин номҳо, ин гуфтугуҳоро мешуниду оташин мешуд ва сӯи Фирӯзаи бегуноҳ ва сарсахт дандон тез карда ба ӯ «...лӯчи Гулхонон» ном монда буд.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

2. Аммо, душман барои замини Волга чи қадар дандон тез кунад ҳам, ба мақсад ноил шуда натавонист.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

## ДАНДОНКОВ

### 28. Ба дандонков мубаддал шудан

сахт хароб, лоғар шудан.

Ӯ дар рӯзҳои охир харобтар шуда, бо ифодаи халқӣ, ба дандонков мубаддал шуда буд.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

## ДАР

### 29. Дар ба дар кардан (касеро)

1. бехонумон кардан, 2. овораю саргардон кардан.

Ҷанг чӣ қадар бераҳм буд. Ин қадар мардумонро хонахаробу дар ба дар кард.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 30. Дар гуи, девор мегуяд

1. акси гуфтаи касеро гуфтан, ҷавоби номувофиқ додан, 2. одами бефаҳм, бефаросат.

Қошки ин духтар урфи мардумро донад ва гапдаро бошад! Дар гуи, девор мегуяд.

*Ҳ. Карим «Ҳикояҳо»*

### 31. Дару девор механданд

боиси ханда ва масхараи умум гардидани чизе.

Ба ғумонаш, ба кордории дирузааш дару девор механданд ва уро сарзаниш мекунанд.

*Ҷ. Икромӣ «Равои озори туро надоштам» («Шарқи сурх»)*

### 32. Дарро (дара) задам, девор кафид

ҷавоби тамоман ғайриқаноатбахш ба суол ё ба матлабе.

1. Гуфто ки «Баъд, як дам шинед!»
Гуфтам ки «Вокзалро диҳед!»
Баъд аз каме телефон кунам,
Дарро задам, девор кафид:

— Вокзал-мӣ?
— Не, ҳаммоми шаҳр!

*М. Аминзода «Шеърҳо»*

2. «Дара задам девор кафид!» — мебахшед, рафиқ... дар газета дар бораи ваннаҳои электрикӣ не, балки дар бораи яхдонҳои электрикӣ навишта шуда буд...

*«Тоҷикистони советӣ»*

3. — Ҳа, боз чӣ шуд? — гуён пурсид ва илова намуд Усмонқул ака.— Дилат харбуза кашида бошад, ба дукон рав, уко. Ҳозир дар анбор харбуза нест.

— Ана халос,— гуфта хандид Шодӣ.— Ман ош гуям, шумо мош мегуед. «Дарро задам, девор кафидаш» ҳамин будагист-дия.

*Б. Шоҳин «Пиёлаи қадоқин» («Тоҷикистон»)*

### 33. Дари чизе, касеро охурча кардан (намудан)

1. ба ҷое бисьёр рафтан, 2. касеро аз омаду рафти худ безор кардан.

1. Аз ҳамон рӯз сар карда, ӯ дари хонаи Офтобро аз даву ғеҷ охурча намуд.

*«Тоҷикистони советӣ»*

2. Ба шарофати вай остонаи осиёро охурча мекардагӣ шуда мондӣ.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

**ДАРАХТ**

### 34. Дарахт дар як ҷо сабз мешавад

ҳар як кор давом ва саботро талаб мекунад, барои муваффақ шудан ба коре устуворӣ лозим аст.

— Шумо гумон накунед, ки фоидаи бунак барои коркунон танҳо ҳамин аст, ки онҳо бо ин тарфбозии худро давом медиҳанд. Ин тавр нест. Ин як фоидаи дилхушкунии бунак аст. Фоидаи асосии бунак дар он аст, ки коркунон ба ин восита ба як корхона баста мешаванд, «дарахт дар як ҷо сабз мешавад» гуфтаанд ва рӯз ба рӯз ҳунар ва малакаашон зиёд мешавад.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. I*

**ДАРД**

### 35. Дард аз ҷон гузаштан

тоқатфарсо шудани дард, сахт будани дард.

Вай қамчинро бардошта ба пушти ман, ба миёнаи ду шонаам фуровард. Дард аз ҷонам гузашт.

*Ҷ. Икромӣ «Тори анкабут»*

### 36. Дарду алами худро кафондан

1. ғаму ғуссаи худро ба касе гуфтан, арзи ҳол намудан, дил холӣ кардан, 2. шикоят намудан.

Маҳбуба ба пагоҳ ҳам тоқат карда натавонист. Вай дарду аламашро худи ҳамон дам ба Рустамча кафонд.

*«Маориф ва маданият»*

### 37. Ба дарди касе ба кор рафтан (чизе)

даркор шудани чизе ба эҳтиёҷи касе.

Ба ман чизеро ёд намедоданд ё чизеро ёд медоданд, ки ба дарди ман ба кор намерафт.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

### 38. Дарди бадро давои бад

1. сазои рафтори бад бадӣ аст, 2. *Ниг.* Давои қурут оби гарм.

1. Илоҷи дарди Ҳакимови холабеғамро худат ёфта мон, чунки «дарди бадро давои бад» гуфтаанд оқилон. Чунон боб кун, ки ӯ минбаъд вақти қимати хонандагонро бефоида нагузаронад.

*«Маориф ва маданият»*

2. Дарди бадро давои бад мегӯянд. Ҳа, чӣ? Дошта мезанам ҳам!

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

### 39. Дарди бахайр

1. дарди бехатар, дарде ки илоҷ ва давояш мумкин аст, 2. чизи тоқатпазир.

1. — Лекин ришта ҳеҷ гоҳ одамро намекушад. Бинобар ин дарди риштаро «дарди бахайр» мегӯянд.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. IV*

2. Лекин ин ҳам дарди бахайр, ҳоло давомашро шунавед.

*Ҳ. Назаров «Дар ҷустуҷӯи Карим-Девона»*

3. Агар духтарашро ба нағзӣ диҳад, дарди бахайр.

*С. Ғанӣ «Тӯй»*

### 40. Дарди бедаво

1. мушкилӣ, нохушие ки илоҷаш имконнопазир аст, вазъияти баде, ки аз он халосӣ маҳол аст, 2. муҷмал.

Аҷаб, ба дарди бедавое гирифтор шудем.

## 41. Ба дард даво ёфтан

барои ҳалли масъалае илоҷу чорае ёфтан.

Албатта аз он ҷо ба дардамон даво меёбем.

*Ҷ. Икромӣ «Аз Москва чӣ овардӣ?»*

## 42. Ба дард даво (дармон) шудан

1. мурод ҳосил шудан, 2. сабаби ислоҳи камбудие гардидан, 3. боиси комьёбӣ гаштан.

1. Шодӣ даромада бо вай вохӯрдӣ ва пурсуҷӯ намуд, баъд дар бораи механик-инженер гап кушод.— Хуб майлаш,— гуфт вай.— Сабр карда истед, ман Виноградовро чеғ занам, ба дардатон даво мешавад.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

2. — Мана ин бист метр чучунча ба дардат даво мешавад...

*«Хорпуштак»*

3. Музди кори якмоҳааш фақат ба харҷи рӯзғор мерасаду ба дигар дардҳо ҳатто дармон намешавад.

*«Хорпуштак»*

## 43. Дарди дил

1. ғам, ғусса, мусибат, ҳасрат, 2. мушкилии ба сар афтода, 3. хоҳиш, мақсад.

1. — Кошкӣ дарди диламро медонистӣ!

*Ғ. Абдулло ва Ш Қиёмов «Тӯфон»*

2. Агроном дарди дили Сатторро фаҳмидагӣ барин шуду барои тасаллии хотири ӯ гуфт: — Пахтаро аз офатҳо муҳофиза кардан вазифаи мо. Наход монем, ки пахтаҳои шуморо кирмҳо хӯрда раванд?

*Ҷ. Икромӣ «Ситора» («Шарқи сурх»)*

### 44. Дарди дили касе бартараф шудан

аз ғаму андуҳ фориғ шудан, аз миён рафтан, барҳам хурдани ғам, ғусса, нохушӣ, мусибати касе.

«Шояд бо он гуле, ки ман хоҳам овард, дарди дили ӯ бартараф шавад ё сабук гардад ва он орзуе, ки дар вақти ғазалхонии ӯ дар дили ман гузашта буд, ба вуҷуд ояд».

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. I*

### 45. Дарди дил гуфтан

1. ғаму мусибати худро изҳор кардан, ҳасрат кардан, рози дил гуфтан, 2. мақсади худро баён намудан.

1. Садқаи сарат гардам, ба ман нигоҳ кун, дарди дилатро ба ман бигӯ.

*А. Ҳамидӣ «Машъали ҷовидон»*
*(«Шарқи сурх»)*

2. Ба ту барин аҳмақи нодон гап зада, дарди дил гуфта худамро расво карда мондам...

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

3. — Рафиқон, чаро хомӯш меистед? Чаро дарди дилатонро намегӯед?

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

### 46. Дарди дили касеро донистан

аз замири дили касе огоҳ будан; орзуи касеро донистан.

Аз дили ҳама хабар дорӣ, дарди дили ҳамаро медонӣ.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

### 47. Дарди дил кардан

*Ниг.* Дарди дил гуфтан.

1. — Аҳволи додаракам бисьёр танг аст, эшон ҳам то ҳол наёмад,— гуфта Бозор ба зани худ дарди дил мекард...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Ман девона шудаам, ки ба падари духтар дарди дил кунам.

*Ф. Ансорӣ «Имтиҳон»*

3. — Ман мехостам, ки бо ту камтар нишаста дарди дил кунам,— гуфтам.

*Ҷ. Икромӣ «Муҳаббат»*

## 48. Дарди дил кушодан

рози дили худро ошкор кардан.

Акнун ки поям ба лаби гур расидааст, мехоҳам дарди диламро ба шумо, ҷавонони қобил, кушоям, то ки сирҳо бо ман ба гур наравандъ...

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

## 49. Дарди дили касеро сабук кардан

ба касе дилбардорӣ кардан.

Ба онҳо тасалло медод, дарди дили онҳоро ба қадри имкон сабук карданӣ мешуд...

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

## 50. Дарди дили худро кафондан

*Ниг.* Дарди дил кушодан.

Акои Олим дарди дилашро кафонд.

*С. Улуғзода «Навобод»*

## 51. Дарди кампир ғуза

ҳар касе хоҳиш, орзу ва мақсаде дорад.

1. — Ба мо,— гуфт Ҳақбердӣ,— дузд даркор не, агар ба ту даркор бошад, худат ба пеши вай рафтан гир, агар Иброҳим зур барояд, боз ба сари мо амирро меорад, ки мо ҳануз ҷабру зулми уро аз ёд набаровардаем.

— «Дарди кампир ғуза», бой ҳам омадани амирро мехоҳад,— дигаре гуфт.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. — Дарди кампир ғуза мегуянд, писарам, лекин дарди модарат келин шуда мондааст.

*Ҷ. Икромӣ «Достони марди танкшикан»*

## 52. Ба дард марҳам шудан

1. ба кори заруре ёр шудан, 2. ҳоҷати касеро баровардан.

1. Машинаҳои пахтачинӣ ба дарди мо марҳам шуданд.

*«Тоҷикистони советӣ»*

2. — Ман ба кадом дард марҳам шавам? Равед ба колхоз муроҷиат кунед.

*«Хорпуштак»*

## 53. Дарди сар

1. ташвиш, саргардонӣ, 2. хархаша.

1. Дарди сари ман мувофиқи худам аст.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Қошкӣ танҳо як пахта мешуд. Ясли дуруст кун, тарбузу харбуза кор, шипангро оро деҳ ва ким-чӣ хел дарди сарҳои дигар.

*Б. Раҳимзода ва М. Робиев «Дар сояи шипанг» («Маҷмуаи пьесаҳои якпардагӣ»)*

3. Аз мактабу дарди сари он дида, ба сари кори давлат нишастан хуб нест?

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

## 54. Касеро дарди сар додан

1. касеро ташвиш додан, бесаранҷом кардан, 2. безор кардан.

1. — Мо чаро бе гувоҳии корвонбоши ва калонтарини савдогарон ва бе нишон додани вексель ба як одами баобруй дарди сар диҳем.

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

2. — Не, ман аз барои пули дуньё мир ва шуморо дарди сар дода намегардам...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

3. Ба гап хуш надорам, ба ҳолам бимон,
Мадеҳ дарди сар бо гапи одамон.

*С. Ҷавҳаризода «Шеърҳои ҳаҷвӣ»*

### 55. Дарди сар доштан

ташвиш доштан, бесаранҷом будан.

— Лекин ту... лоақал барвақттар хеста ҷойхобатро намеғундорӣ, намегуӣ, ки шавҳарам ба кор меравад, идора дорад, маҷлис дорад, ҳазор дарди сар дорад.

*Ҷ. Икромӣ «Зуҳра»*

### 56. Дарди сари зиёдатӣ шудан

ғурбат ва ташвиши барзиёд гардидани чизе ба касе.

Кори саҳроро ҳам базур меҷунбонидем, ба болои ин каналковӣ ва сарбандсозӣ ба мо як дарди сари зиёдатӣ шуда монда буд.

*С. Улуғзода «Навобод»*

### 57. Касеро дарди сар кардан

*Ниг.* Касеро дарди сар додан.

1. Бинобар ин шумоёнро дарди сар дода, ҷеғ зада овардам, ки миёнаравӣ кунетон...

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III*

2. Ту маро бисьёр дарди сар накун ..

*Ҷ. Икромӣ «Ситора» («Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

### 58. Ба касе дарди сар шудан

боиси ташвиши касе гаштан.

Чӣ кор кунад, Зайнаб барои вай як дарди сар шуд!

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

### 59. Чизе ба дард хурдан

1. ба касе даркор будани чизе, 2. ба дарде дармон шудани чизе, 3. мувофиқи матлаб будани чизе.

1. Калимаҳои баъзе байтҳоро, ки ҳарфи аввалинашон ба дарди ман мехурд, боло-поин карда, ба матлаб мувофиқ карда мехондам.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. I*

2. Ва гаҳе медид, ки на ваъзу насиҳаташ, на лоиҳаи ислоҳот ва тадқиқоташ ба ҳеҷ дарде намехурд ва ҳамчун мушти ба пахсадевор задашуда садое намебаровард...

*С. Улуғзода «Мутафаккир, халқдӯст, тараққипарвар» («Тоҷикистони советӣ»)*

### 60. Дарду ҳасрат кардан

*Ниг.* Дарди дил гуфтан.

— Ба ҳавлии ака Хуҷаназар рафта қадре ба вай дарду ҳасрат кунем...

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

**ДАРМОН**

### 61. Дармон хушк шудан

хаста, куфта, беқувват шудан, аз мадор рафтан, беҳол шудан.

1. Илоҷе карда хӯрок хӯрдан даркор. Набошад дармонат хушк мешавад...

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

2. Дар ин дам Амон ҳам падарамро сахт бағал карда, як бор бардошта, лекин, гӯё ки дармонаш хушк шуда ва ҳарифро на фақат барои ғалтондан, балки барои дар ҳаво нигоҳ доштан ҳам зӯраш нарасида монда бошад, уро боз дарҳол ба замин фуровардааст.

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

3. — Аммо ба гирифта омадан қувва нарасид,— гуфт Ғулом,— хунам бисьёр рафта дармонам хушк шуд.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид»*

**ДАРОЗ**

### 62. Чизеро ба касе дароз кардан

чизеро ба касе барои гирифтан додан.

Марьям Қосимова ба рӯи коғазе ким-чиҳоро тез-тез навишту онро ба Абдураҳим дароз кард.

*«Тоҷикистон»*

### 63. Дарозро мону кӯтоҳро бур

1. гунаҳкорро монда, бегуноҳро ба ҷазо кашидан, 2. кори ҳақро монда ноҳақро кардан.

1. Мулозим Юсуфро гирифта бурд, магар қозӣ ишорате кард, ки маро мулозими дигаре ба зинхонаи қозихона бурд ва пас аз шом мирохурбошии қозикалон ба ман одам ҳамроҳ карда сиҳат, саломат ба хонаам фиристод.

Ҳаит гуфт:

— «Дарозро мону кӯтоҳро бур» гуфтаанд, ки бисьёр рост аст.

— Агар ман барин дарозҳоро буридан мегирифтанд, ту барин кӯтоҳҳо аз гуруснагӣ мемурдед, ҳатто шиками эшони Қозикалонат ҳам аз давлати ман барин дарозҳо сер мешавад...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Вай рӯйхати як қатор колхозчиёни фаъолро хонда дода, «дарозро мону кӯтоҳро бур» гуфтагӣ барин, барои «коргурез» буданашон якбора аз колхоз баровардани онҳоро таклиф кард.

*«Хорпуштак»*

**ДАРУН**

### 64. Даруни касеро гург дарронидан

*Ниг.* Дили касеро гург тала кардан.

Аммо ман Сурайёи худро нағз медонам; тамкину осудагии онвақтаи ӯ ба осонӣ муяссар намешуд, даруни ӯро гургон медарронданд.

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

### 64. Даруни касеро гург дарронидан

1. серпул будан, пули бисьёр доштан, 2. пули зиёдеро ҳавоӣ сарф кардан.

1. Ба ман пул писанд не... Дар даруни пул бозӣ мекунам.

*«Газетаи муаллимон»*

2. Мана, маро бин, аз бахтам гардам, дар даруни пул бозӣ карда, дар чаҳор гӯшаи шаҳр ҷоҳу ҷалол дорам.

*«Хорпуштак»*

ДАРЬЁ

### 66. Ба дарьё ташна бурда, ташна овардан

*Ниг.* Ба лаби дарьё ташна бурда, ташна овардан.

Вай савод надошт ва дар мактаб намехонд, духтарчаи шухи чобук, зирак ва маҳмаддоно буд, ки ҳатто баъзе писарбачаҳои аз худаш калонро ҳам «ба дарьё ташна бурда, ташна меовард».

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

### 67. Аз дарьё (баҳр) як коса (қатра) об

аз бисьёре каме.

— Мардонбой, бо ин пулҳо давлати Шарофбой кам намешавад, аз дарьё як коса об гуфтагӣ барин.

*Б. Азизӣ «Таҷриба» («Шарқи сурх»)*

### 68. Аз дарьё қатра (об) бахшидан

1. аз бисьёре каме додан, дар додани чизе мумсикӣ кардан, 2. хасис, мумсик будан.

1. Бо ҳамин, аз дарьё ба ман қатрае бахшида, Ҳамдамча баромада рафт.

*Ҷ. Икромӣ «Тори анкабут»*

2. Вақте ки хабари ин воқеа дар байни коргарони пункт паҳн шуд, ӯ аз дарьё об бахшида, ба 2,75 гектар ҷаву гандум кишт кунонда, маҳсулашро ба коргарон «садақа» кард.

*«Хорпуштак»*

ДАСТ

### 69. Даст аз чизе барнадоштан

*Ниг.* Аз касе, чизе даст бардоштан.

Саъдӣ дар ин хайрхоҳӣ ва инсондустии худ чунон устувор ва пойдор будааст, ки то охирин дақиқаи умрӣ худ даст аз он барнадошта, баръакс, ин ҳиссиёти неки худро ҳар дам орзу менамуд.

*И. Ализода «Мунтахаби куллиёти Саъдии Шерозӣ»*

### 70. Даст аз домани касе накашидан

1. аз касе дил накандан, ҷудо нашудан, 2. аз паи касе гаштан.

1. Ҳеҷ гоҳ даст аз домани ту нахоҳам кашид... бовар кун, ман ояндаи худро бе ту тасаввур карда наметавонам, ту шарики умрии ҳаёти ман мешавӣ!

*Р. Амонов «Ду қатра ашк»*
*(«Шарқи сурх»)*

2. Дар охир қатъӣ қарор додам, ки ҳеҷ гоҳ даст аз домани ту нахоҳам кашид.

*Р. Амонов «Ду қатра ашк»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 71. Дасти касе аз кор канда набудан

ҳамеша кор кардан, пайваста машғули коре будан.
Дасташ аз кор канда набуд.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 72. Дасти касе аз кор кутоҳ гардидан (шудан)

аз коре маҳрум шудан, бекор мондан.
Моҳҳои май буд, ки нағмаи наве баромаду дасти мо аз ин кор ҳам кутоҳ гардид.

*Ҳ. Ирфон «Ду ёр аз ду диёр»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 73. Даст аз кор мондан

дигар кор карда натавонистан, хаста шудан.
Дастони хурдтараке, ки пеш аз он киштӣ норонда буданд, дар аввали кор ба ду-се бел задан суст ва карахт шуда аз кор мемонданд...

*С. Айнӣ «Ятим»*

### 74. Дасти касеро аз чизе кутоҳ кардан

1. касеро аз чизе маҳрум ва бенасиб кардан, 2. ба таарруз ва таҷовузи касе монеъ шудан.

1. Акнун аскарони сурх ва отряди худмуҳофизаткунӣ дасти роҳзанонро аз деҳаи мо кутоҳ карда буданд.

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

2. Хадичабегим, ки зани маҳбубаи Ҳусайн Бойқаро буд, мехост, ки писари худро пешбарӣ карда, дасти дигар писарони ӯро, ки аз занони дигараш руида буданд, аз кор кутоҳ кунад, то ки баъд аз сари Ҳусайн Бойқаро подшоҳӣ ба фарзандони у қарор ёбад.

*С. Айнӣ «Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ»*

### 75. Дасти касеро аз чизе нигоҳ доштан

касеро аз ҳарахате боздоштан, дар иҷрои коре ба касе монеъ шудан.

Ҷураҳои ман аъзои он ҷамъият набошанд ҳам, хайрхоҳӣ мекунанд ва дасти маро нигоҳ дошта истодаанд, ки сабр кун!

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 76. Дасти афсусу надомат газидан

афсус хурдан, пушаймон шудан.

Кимиёгарҳо ба афсуну дуоҳои дароз,
Ҳар як аз мардум ниҳонӣ кура меафрухтанд,
Ким-чӣ доруву давоҳоро бо ҳам месухтанд,
Аз намак то сурмаю симобу кибриту пиёз...
Ҳосиле аз он набуд ҷуз дуди бадбу оҳи ғам,
Дасти афсусу надомат мегазиданд аз алам.

*А. Деҳотӣ «Ҳаёт қадам мезанад»*

### 77. Ба даст афтидан (афтодан, галтидан)

1. дастгир шудан, дар аснои иҷрои коре ё ҷинояте дастгир шудан, 2. нохост ба касе дучор шудан.

1. Фиреби Мухтор ошкор шудааст ва бачаи нодон ба даст афтидааст.

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

2. У бори дигар, боз ҳам чашми модарро хато карда, хост, ки ба духтар як нигоҳ карда гирад, лекин ба даст афтод.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

3. Дарҳол хонаро кофтуков мекунем ва агар ҳамин хел чизҳо ба даст афтанд, ёфта менӯшем.

*С. Ғанӣ «Табассум»*

4. Ба куча баромадаму ба дасти як дӯсти қадими худ афтодам, ки ҳамроҳ дар институт хонда будем.

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

5. Як ҷуфт гови боқимондаашро ҳам мехост фурӯшад, аммо бо сабаби ноуҳдабарории ятимонаш — Шодим ва Истад — ба даст афтод.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 78. Ба даст афтондан

1. дастгир кардан, қапидан, 2. ба дом афтондан; фиреб додан.

— Вой фиребгар-е, хуб моро ба даст афтонд! — вай хандида сар ҷунбонда мегуфт.

*С. Улуғзода «Навобод»*

### 79. Даст афшондан

1. аз баҳри чизе баромадан, 2. аз чизе умеди худро кандан.

1. «Мактабдор агар ҳамон бошад, туро нахонондам»— гуфта даст афшонда буд.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

2. Пассажироне ки соатҳо дар интизори машина нишаста буданд, даст афшонда пароканда шуданд...

*А. Баҳорӣ «Хотираи саёҳати бистрӯза» («Шарқи сурх»)*

### 80. Даст ба чизе банд будан

1. дар даст коре, чизе доштан, 2. машғули коре будан, андармони коре будан.

1. — Ин ҷо чеғ зан!

— Дасташ банд. Хоҳед, худатон рафта гап занед.

*Р. Ҷалил «Ҳамида»*

2. Ҳар боре ки ман оям, дасти шумо ба кор банд аст.

*«Занони Тоҷикистон»*

3. — Имрӯз дастам банд аст, фардо, албатта, қанотшро қайчӣ карда медиҳам.

*«Пионер»*

### 81. Аз дасти касе ба бало мондан

ба сабаби касе ба ногуворие дучор шудан.

«Аз дасти он муаллимон ҳам ба бало мондем...»

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

### 82. Даст ба бинӣ омадан

1. бо дасти хушку холӣ бозгаштан, 2. ба мақсади худ нарасида баргаштан.

Дар ҷустуҷӯи вай ва дастгираки дарҳо то ба Ленинобод рафтам, вале даст ба бинӣ омадам.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 83. Дастро ба болои даст монда (ниҳода) нишастан

*Ниг.* Дасти худро ба бағал андохта нишастан.

Даст болои даст монда намешинанд, барои шаъну шараф ва обрӯи колхоз мубориза мебаранд.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 84. Даст ба гиребон будан

1. бо шиддат мубориза бурдан; дар талош будан, 2. сахт андармон будан.

1. Ҷамолӣ намедонист, ки кадом соати шаб аст, зеро муддатҳо боз бо афкор ва хаёлоти бепоёне даст ба гиребон буд.

*А. Ҳамидӣ «Машъали ҷовидон»*
*(«Шарқи сурх»)*

2. Деҳқони ҷафокаш бо сангу санглох, жолаю сел, боду туфон ҳамеша даст ба гиребон буд.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

## 85. Даст ба гиребон бурдан

ҳайрон будан, дар таҳайюр мондан.

Одаме ки якчанд дақиқа пеш вохурии гарму ҷӯшони онҳоро медид, ҳоло ба якдигар ин тавр теғ кашида назар андохта истоданашонро дида, аз ҳайрат даст ба гиребони худ мебурд.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

## 86. Даст ба гиребони касе нарасидан

аз ӯҳдаи ба касе осиб расонӣ ё даъвогаршавӣ набаромадан, зӯри касе ба касе нарасидан.

1. — Дам шин, эҳтиёт кун! Дасти ин золим ба гиребони Ҳоҷӣ — махдум нарасад ҳам, ки дар ин ҷо ғун шуда истодагонро аз ёд нахоҳад баровард...

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

2. Ҳоло дасти ту ба гиребони Раҳмон намерасад. Бисьёр даҳонкалонӣ накун, бача!

*А. Усмонов «Мубориза»*

## 87. Даст ба гиребон шудан

1. ҷанҷол ва занозанӣ кардан, ба ҳам дарафтодан, 2. баҳс, талош, мунокиша намудан.

1. Сабаби бо ман даст ба гиребон шудани ӯ ҳам кори ӯро партофта ба кори Ҷилвон баромадани ман буд.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

2. Агроном ба пахтакор ва пахтакор ба агроном даст ба гиребон мешаванд. Лекин ҳамааш аз дили соф ва барои кор, барои фоидаи кор.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

3. Бо табиати сангдили бераҳму бесаховат даст ба гиребон шуда, ҳаёти вазнине мегузарониданд.

*Р. Амонов «Дар доманаи кӯҳҳои кабуд»*

4. Босмачиён ва аскарони сурх бо ҳам омехта даст ба гиребони якдигар шуданд; акнун бештар ба ҷои милтиқ сарнайза ва ба ҷои таппонча шамшер кор мекард.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 88. Даст ба даст гаштан

аз дасте ба дасти дигар гузаштан.

1. «Шуроб» ҳам ба руи об баромада, ҳоло даст ба даст гаштааст.

*«Хорпуштак»*

2. — Шумо медонед-мӣ, ки газетаҳои урусию тоторию туркӣ даст ба дасти мардум мегардад?

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 89. Даст ба (бар) даст дода кореро иҷро кардан

кореро дустона, аҳлона, якҷоя иҷро намудан, 2. аҳду паймон кардан.

1. — Зуд биё, омро даст ба даст кунем, ки ҳамин замон хостгорон меоянд,— гуфта ба сари деги табақ рафт.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Акнун, ки сиҳат ва саломат омадед, даст ба даст дода кор мекунем, ки зиндагониамон аз пештара ҳам нағзтар шавад.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

3. Омаданд одамон гуруҳ-гуруҳ
Чун сипоҳи азими пур зи шукуҳ,
Даст бар даст ҳамдигар доданд,
Зури бозуи коргар доданд.

*М. Турсунзода «Асарҳои мунтахаб»*

### 90. Даст ба даст нарасидан

1. чолокона кор кардан, 2. серкор будан.

1. Салимбой бошад, дасташ ба дасташ нарасида, дар як дам боз се донаи дигар карнайча сохт, ки инҳо назар ба аввала хеле хубтар ва зеботар буданд.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. I*

2. Ҳайдарқул ҳам дар он миён, дасту остин бар задагӣ, гоҳо биринҷ тоза мекард, гоҳо ба таи дегҳо, ки ҳоло дар онҳо фақат об буд, оташ мемонд, гоҳо чой кашида худаш менушид ва ба бакавул медод... дасташ ба дасташ намерасид.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

3. Эшон бошад, дасташ ба дасташ намерасид. Аз серкорӣ сараш хум барин варам карда буд. Вай ба ҳар дар даромада: «Ба худо нола кунетон, тавба гуетон...» мегуфт.

*А. Деҳотӣ «Паёми дустӣ»*

### 91. Аз дасти касе ба дод омадан

1. аз рафторҳои бади касе ба танг омадан, 2. аз зулм ва таҷовузи касе фарьёду фиғон кардан; безор шудан.

1. Халқ аз дасти босмачиён ба дод омадааст.

*Ғ. Абдулло ва Ш. Қиёмов «Туфон»*

2. Дар ҳавлии мо зану мард, хурду калон аз дасти ин кулакдухтар ба дод омадааст...

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

### 92. Даст ба домани касе задан

ба касе илтиҷо бурдан; ба ҳимояи касе паноҳанда шудан.

Як қисми қурбошиён ва босмачиён аз дасти ғазаби омма ба танг омада, даст ба домани бахшоиши ҳукумат зада, бо яроқҳои худ таслим мешуданд.

*С. Айнӣ «Дохунда*

### 93. Дасти касеро ба оби хунук нарасонидан

1. касеро ба кор, меҳнат кардан нагузоштан, 2. нисбат ба касе ниҳоят эҳтиёткорӣ кардан.

Дасти писар ё духтари худро ба оби хунук нарасонида, эрка калон менамоянд.

*«Маориф ва маданият»*

### 94. Дасти касе ба ҷое расидан

ҷорӣ будани ҳукми касе ба ҷое, дар қаламрави касе будани ҷое.

Аммо Одина дар он ҷой набуд, ки дасти ҳокимони Қаротегин ба он ҷо бирасад.

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

### 95. Дасти касе (ба ҳар чиз) расидан

аз ӯҳдаи ҳар коре баромадан, ба ҳар кор қодир будан.

Акнун мо дар сояи колхоз он қадар зӯр ва тавоно шудаем, ки аз ин офатҳо наметарсем ва тақдиру насиба гуфта намешинем. Дар колхози мо дасти деҳқон ба ҳама кор мерасад.

*Ҷ. Икромӣ «Қадри инсон»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 96. Дасти касеро ба чизе ром кардан

касеро ба чизе омӯзондан, дар касе ба коре малака ба вуҷуд овардан.

Акаам баъд аз он ки ду-се бор ба ман палав пазонда, дасти маро ба ошпазӣ ром кард, маро ба хидмати ин се нафар супурд.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. II*

### 97. Дасти касе ба чизе ром шудан

ба чизе одат кардан, малака пайдо намудан, ба коре омил шудан.

Вақте ки дасташ ба қалам ром шуд, аз пеши худ ҳам баъзе чизҳоро навиштан гирифт.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. II*

### 98. Аз дасти касе ба касе рӯз набудан

аз зулму фишор, баҳонаҷӯӣ ва эроди касе осудагӣ, оромӣ надоштан.

— Хӯш ки бошад, аз дасти ин қонунбозҳо рӯз нест, ҷӯраҷон.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 99. Даст ба сар хоридан нарасидан

ниҳоят серкор будан.

Дасташон ҳатто ба сар хоридан намерасад.

*С. Ғанӣ «Табассум»*

### 100. Дасти касе баланд гардидан (шудан)

1. кори касе пеш рафтан, 2. болодаст, комьёб шудан, дар коре ғолиб омадан.

1. Ҳамин ки деҳа ба қабзаи босмачиён медаромад, дасти бою мулло баланд мегардид, мардуми бечора ба танг меомад.

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

2. Ин мубориза аст. Дар мубориза дасти одам гоҳо баланд мешаваду гоҳо паст шуда мемонад.

### 101. Дасти касе банд шудан

1. машғул, овораи коре будан, андармони коре будан, 2. имконияти иҷрои кори дигареро надоштан.

Ҳар дуякамон дасташро бастем, дигарамон ба даҳонаш руймолча андохта, ба пасти фуровардем.— «Акнун чӣ мекунем?» — гуфта пурсидам ман аз старший сержант,— дастамон банд шуда монд.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

### 102. Аз касе, чизе даст бардоштан

1. аз касе, чизе, дил кандан; ноумед шудан, 2. касе, чизеро ба ҳол, майли худ гузоштан, кордор набудан, 3. касе, чизеро тарк кардан.

1. — Аз фикри зараррасонандагӣ даст бардоштан ҳам даркор аст...

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

2. Нагардад то ҷаҳон озодаю ҷумла башар яксон,
Аз ин мақсуди олӣ даст ҳаргиз барнамедорам.

*А. Лоҳутӣ «Асарҳои мунтахаб»*

3. — Аммо Шокиртароша аз ман даст бардоштан намехост.— Уй, ман ба ту гап задам! — гуфт у.

*П. Толис «Тобистон»*

4. Кутоҳфикрӣ на рузу на шаб, на дар хонаю на дар бозор, на дар назди зану на дар назди мард аз вай даст намебардошт.

*Ҳ. Аскар «Нишони одамият»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 103. Дасти касеро барнагардондан

хоҳиши касеро рад накардан, илтимоси касеро барои гирифтани чизе рад накардан.

— Бигиред, Дашаҷон, дасти маро барнагардонед.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

### 104. Чизеро аз даст баровардан

кореро ба анҷом ва ба охир расонидан, тамом кардан, буд кардан.

1. Обидзода хеле ғайрат карда, як боби китобро аз даст бароварда буд.

*Р. Амонов «Дар доманаи кӯҳҳои кабуд»*

2. Шумо имрӯз ҳамин шаш гектарро аз даст бароретон...

### 105. Аз дасти касе баромадан

маҳсули меҳнати касе будан.

— Ҳа, фаҳмидам, мақолаи Мардон аз дасти шумо баромадааст.

*М. Рабиев «Орзуи ҷавонӣ» («Маҷмӯаи пьесаҳои якпардагӣ»)*

### 106. Касе, чизеро аз даст бой додан

бенасиб мондан, аз касе, чизе маҳрум гаштан.

Ба Шарифҷон духтари «не» мегуфтаги нест. Аз даст бой дода, баъд пушаймон шуда нагард. Тезтар туйро-ҷунбону орзую ҳавасро бин...

*М. Сайфиддинов «Ду ҳусну ду ишқ» («Занони Тоҷикистон»)*

### 107. Дасти касе боло

1. ғолиб, музаффар, фирӯз, 2. нағз омад кардани кори касе.

1. Ин замон дасти одамони меҳнаткаш боло, хоҳ мард бошад, хоҳ зан.

*С. Улуғзода «Шодмон»*

2. — Э, раис, асло парво накунед, як зўр зада дар мобайни ду-се рўз ҳамаи камбудиҳои мактабро ки буд кардем, хуш-мӣ, боз дасти шумо боло, сари дигарон ҳам шуда мемонад.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

3. Ҳамеша дастатон боло, шамшератон бурро бошад!..

*Ф. Ниёзӣ «Духтари ҳамсоя»*

### 108. Дасти касе боло будан

1. комёб ва музаффар будан, 2. кори касе пешрав будан.

1. Илоҳӣ сафаратон бехатар, дар ҳар кор дастатон боло, шамшератон бурро бошад, фарзандонам!

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

2. — Қадом меҳнат? Мо ҳануз меҳнат накардаем ва барои ҳамин ҳам коре нашуд. Агар дуруст меҳнат мекардем, дасти мо боло буд.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

3. Дар он ҷо дасти хунин буд боло,
.Фалак мекард аз ин даст парво.

*М. Турсунзода «Асарҳои мунтахаб»*

4. З-он ки роҳи синфию миллии ленинӣ дуруст,
Дасти мо аз дасти душман доимо боло бувад.

*М. Раҳимӣ «Роҳи равшан»*

### 109. Дасти касе боло ғардидан (шудан)

1. ғолиб шудан, ғалаба кардан, 2. муваффақият ҳосил кардан.

1. Вақте ки дасти камбағалон боло шуд, ба рўи об бароmаданд, боён босмачигиро сар карданд.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

2. Истед, ки акнун дасти кадоми онҳо боло мешуда бошад?

*Ҷ Икромӣ «Ситора»*
*(«Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

3. — Дар мусобиқа-ку, насиб бошад, дастамон ҳамеша боло мешавад...

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

### 110. Ба касе, чизе даст боло кардан

бар зидди касе ё чизе баромадан.

1. — Ҳошим ако ҳоло якта ҳам ҷомаи раисиро надаронда аллакай ба илм даст боло мекунанд,— шӯхӣ кард агроном.

*С. Улуғзода «Навобод»*

2. Забонашро ҳам буриданд, лаънатиҳо, ва қасдан озод карданд, ки дигарон ӯро дида ба воҳима афтанд ва бар зидди онҳо даст боло накунанд.

*Ҷ. Икромӣ «Дохунда («Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

### 111. Дар чизе дасти касе будан

1. дар коре иштирок доштани касе, 2. дар ҷое хабаркаш доштан.

1. Дар вақти он суханҳоро гуфтани ӯ ман дар дили худ гузаронида будам, ки «вай дар ҳаққи шайх ягон кор хоҳад кард». Аҷаб нест дар ин кор дасти ӯ бошад.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III*

2. Вай инро аз куҷо фаҳмидааст? Наход дар байни мардикорон ягон дасти ӯ бошад?

*П. Толис «Ҳикояҳои даҳ сол»*

### 112. Дар дасти касе (будан)

дар ихтиёр ва тобеияти касе (будан).

1. Розӣ кардани падару модар дар дасти худат!

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

2. Ана акнун ҳам мӯйсафеду ҳам кампир дар дасти шумо.

*К. Носиров «Орият»*

### 113. Даст варам кардан

аз ҳад зиёд касеро ҷустуҷӯй карда, хаста шудан.

1. — Саломат! — гуфт Замира,— шуморо кофта-кофта дастҳоямон «варам кард».

*Ҷ. Икромӣ «Тирмоҳ»*

2. Раисро кофтан гирифта дастҳоям варам кард...

*С. Улуғзода «Шодмон»*

### 114. Ба даст гирифтан

1. ба итоати худ даровардан, фармонбардор, гапдаро намудан, 2. машғул шудан, 3. ба қабзаи худ даровардан, истило кардан; чизеро нигоҳ доштан.

1. Аз рӯзи аввал синфро ба даст гиред.

*Р. Амонов «Дар доманаи кӯҳҳои кабуд»*

2. Ғурбат карда нагардеду шавҳаратонро оҳиста-оҳиста ба даст гиред.

*С. Ғанӣ «Маориф ва маданият»*

3. Вай, чун гурги борондида, хост, ки аввал бо китоби пав шинос шавад, то мумкин аст, уро ба даст гирад.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

4. Агар шумо пас аз тамом кардани мактаб ягон касбу ҳунарро ба даст мегирифтед, ё ки боз ба хондан ҳаракат мекардед, дар байн ҳеҷ руйхунукӣ намешуд.

*Ҷ. Икромӣ «Ғусса» («Шарқи сурх»)*

5. Балҷувон ва музофотҳои дигарро ба даст гирифтанд.

*Ҷ. Икромӣ «Сафари Кулоб»*
*(«Шарқи сурх»)*

6. Дар наздикии комитети районии партия Нуралиро шиноси вай инженер-гидротехник Набизода... даст гирифт.

*С. Улуғзода «Навобод»*

7. — Асир ба штаби дивизия фиристода шудааст?

— Не, ҷаноби полковник. Шумо дируз «то пагоҳ даст гиред» гуфта будед.

*С. Улуғзода «Дар оташ»*

## 115. Дасти касеро гирифтан

1. ба касе кўмак расондан, 2. эҳтиёҷи касеро баровардан, 3. ба касе дар коре халал расондан, 4. касеро аз чизе боздоштан.

1. Ба ман ин гуна рўзӣ гашта тақдир.
Бигир дасти маро имрўз, тақсир.

*С. Вализода «Назми ватан» («Шарқи сурх»)*

2. — Бозӣ кардан гир, дасти туро касе нагирифтааст.

— Чӣ тавр бозӣ мекунам? Ба ман роль надиҳанд, ки бозӣ кунам.

*Ҷ. Икромӣ «Муҳаббат»*

## 116. Аз дасти касе гузаштан

1. аз тахти назорат, диққати касе чизе гузаштан, 2. ба воситаи касе сарф ва харҷ шудани чизе.

1. Аллакай як гурўҳ ин «азиатҳо» (мардикорони осиёи миёнагиро онҳо ҳамин хел меномиданд) аз дасти ў гузашта буданд.

*П. Толис «Ҳикояҳои даҳ сол»*

2. Ҳазор андар ҳазор тонна оҳану бетон, ки дар ин ҷо рехта шудаанд, тахтабетонҳои ҳар кадомаш аз боми як хона калони рўйкаши деворҳои сохтмонро, ки фақат кранҳо бардошта метавонанд, мо тайёр мекардем, мо мерехтем, ҳама аз дасти мо мегузашт.

*Р. Ҷалил «Ҳамида»*

## 117. Чизеро аз даст гурезондан

1. аз чизе маҳрум шудан, бе насиб мондан, 2. ба мақсад нарасидан.

Агар санҷидакориҳои ту намешуд, мумкин буд, ки мо шикори худро аз даст гурезонем.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

## 118. Ба даст даровардан

1. соҳиб шудан, аз худ кардан, ба тасарруфи худ даровардан, 2. дастгир кардан.

1. — Исто ки, усто Оқил, писари ту чӣ тавр? Ҳар чӣ ягон касбу ҳунарро ба даст даровард?

*Ҷ. Икромӣ «Ғусса» («Шарқи сурх»)*

2. Бой аз рӯзи зиёфат сар карда дар паи ба даст даровардани Соро гардид.

*С. Айнӣ «Ятим»*

3. Онҳо ният доштанд, ки тамоми Эрон ва Хуросонро ба даст даророанд.

*С. Айнӣ «Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ»*

4. — Хуб, ҳозир ин гуна ҷанҷолҳоро монда аз нуги кор ҳушьёрии синфиамонро кор фармуда, ҳамин шаб Бобомуродро ба даст дароварданамон даркор аст...

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

5. Куҷо рафтанамро ба ӯ нагуфта, аз вай ҷудо шудам, то ки Арбоб шунида аз дунболам кас фиристода маро ба даст надарорад.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

## 119. Дасти касе дароз будан

тавоно, пуриқтидор, қудратнок, пурзӯр будан, ҳар кореро карда тавонистан.

Дасти ин кас як вақтҳо дароз буд.

## 120. Даст дароз кардан

1. таарруз кардан, 2. таҷовуз намудан

1. Ба молу ҷони шумо даст дароз мекунанд, ҳатто зану фарзандонатонро зӯран кашида мегиранд.

*Ҷ. Икромӣ «Дохунда» («Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

2. Англисҳо ба Боку, Ашқобод даст дароз карда, одамҳои худашонро ба маслиҳати амири Бухоро ҳам фиристодаанд.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

3. Даст дароз кардан ба зан ва фарзандони фуқаро аз ҷумлаи корҳои муқаррарии ин «шербачагон» шуда монда буд.

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

### 121. Ба даст даромадан

1. соҳиб шудан, 2. ҳосил шудан.

1. Ҷою манзили азизатон боз ба дастатон даромад.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. I*

2. Баъди ин сухан ман зуд аз суфача бархостам, зеро нишонаи ҳавлии Қорӣ Ишкамба, ки мақсади асосии онрӯзаам буд, аз ғайри чашмдошти ман аз он суҳбат ба даст даромада буд.

*С. Айни «Марги судхӯр»*

3. Дар натиҷа як маҷмӯаи ҳикояҳои воқеӣ, ки хонандаро ба як қисми муҳимми аҳволи гузашта воқиф мегардонанд, ба даст даромад.

*С. Айнӣ «Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ»*

### 122. Дасту дил нарафтан (ба коре)

ба иҷрои чизе хоҳиш, рағбат, майл надоштан.

Худро беҳолу бемадор ҳис мекард. Дасту дилаш ба кор намерафт.

*М. Хуҷаев «Додомонанд» («Шарқи сурх»)*

### 123. Дасту дил хунук шудан

дилмонда, дилгир шудан.

Дасту дили деҳқонон аз ин кор хунук шуд. «Қай аз ин бодапарастон халос мехӯрда бошем?» — мегуфтанд онҳо бо ғусса.

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

### 124. Дасту дил шустан (аз коре, чизе)

1. аз касе, чизе рӯ тофтан, 2. нисбат ба касе, чизе меҳру муҳаббати худро гум кардан, дилхунук шудан, 3. ба чизе, касе боварӣ, эътиқоди худро гум кардан, 4. аз чизе, касе ноумед шудан, умеди худро кандан.

1. Вале, бояд ман эътироз намоям, ки дар сафҳои армия боз ихтиёрӣ монданам на аз он сабаб аст, ки ман

гуё дигар аз диёри азизи худ, аз одамони меҳрубони вай, аз касбу кори бошарафи муаллимӣ ва шахсан аз шумо дасту диламро шуста бошам.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

2. Салимбой аз ин касб дасту дилашро шуста, тахтаю тиракашро ғундошт.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. I*

3. Аз ҳаёт ва дунъё дасту дилашро шуста буд.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 125. Аз дасти касе дод гуфтан

1. аз касе шикоят намудан, 2. аз ҷабру зулми касе ба фиғон омадан.

1. Аз дасти ҳама ва аз ин ҷумла аз дасти ман ҳам дод мегӯӣ.

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

2. Юсуф аз дасти духтараш дод гуфта омадааст.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

3. Ҳар чи бодобод, ба Гуларӯс рафта аз дасти инҳо дод мегӯям.

*Р. Ҷалил «Субҳи саҳро»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 126. Аз даст додан

1. гум кардан, 2. бой додан, 3. маҳрум мондан, 4. дар вақту ҷояш истифода набурдан, 5. гурезондан.

1. Маълум шуд, ки Сангин ҳушьёрии синфиро аз даст додааст.

*Ҷ. Икромӣ «Тирмор»*

2. — Не, ин кор ба ман баробар намеояд ва дар он вақт ман қариб чорьяки тоқиҳоямро аз даст медиҳам.

*С. Айнӣ «Марги судхур»*

3. — Йигити нағз буд. Беҳтарин, ҷасуртарин шофёри худро аз даст додем.

*К. Носиров «Орият»*

4. Шодигул пас аз хабар ёфтанаш аз ошкор шудани сирри худ сахт ғамгин шуда, қарору оромро аз даст дод.

*С. Улуғзода «Навобод»*

5. — Ҳамин тавр як мавриди муносибро аз даст додӣ?!

*С. Улуғзода ва В. Виткович «Ибни Сино»*

6. — Аммо худи Иброҳимбек куҷо шуд? Наход аз даст додем?

*Ҷ. Икромӣ «Дохунда» («Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

### 127. Касе ба касе даст додан

1. розигӣ додан, кабул кардан, 2. мурид, мухлис шудан.

1. Зайнаб пас аз ин ба ҷустуҷӯи кор даромад, ӯро Ғаюрзода ба шуъбаи маориф ба кор гирифт. Шояд барои он буд, ки Зайнаб дар идора ӯро бисьёр мебинад ва омухта мешавад ва пас таклифи вайро рад накарда, ҳамхона мешавад. Лекин Зайнаб даст надод.

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

2. Ашрафхон ҳам хуҷаини мо ва ҳам пири мост, ҳар дуи мо ба вай даст додаем...

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

### 128. Чизе ба касе даст додан

1. ба даст даромадани чизе, 2. пайдо шудани имконият, муяссар шудани чизе.

1. Ҳар чанд шиносони ман ба калонтарин асари Аҳмади Дониш — «Наводир-ул-вақоеъ» баъд аз се-чор соли вафоти ӯ даст дода бошанд ҳам, барои бо ҳам марбут доштани воқеаҳо ман хостам он ҳодисаро бевосита баъд аз қайди вафоти муаллиф ёдоварӣ намоям.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

2. Дар охир вай худ ба худ чунин қарор дод, ки боз чанд рӯз ин ҷо монда, худро ба ин тарҷумони немис аз

ҳар ҷиҳат нағз нишон хоҳад дод ва баъд мавриде ки даст дод, пинхонӣ байракро аз чоҳ гирифта, ба деҳаи аммааш хоҳад гурехт.

*Ф Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

3. Ниҳоят имсол — соли 1952 маро фурсате даст дод, ки ин асарро дубора кор карда бароmадам...

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

### 129. Даст доштан

1. аз чизе бохабар будан, 2. дар коре иштирок доштан.

Онҳо мекӯшанд, ки илм омӯзанд, маданиятро аз худ кунанд, дар сиёсат даст дошта бошанд...

*Т. Усмон «Авлоде ки сазовори аҷдод аст» («Маориф ва маданият»)*

### 130. Даст ёзондан

*Ниг.* Ба касе, чизе даст дароз кардан.

— Ба маҳрами мардум даст меёзонӣ?

*С. Улуғзода «Қисмати шоир»*

### 131. Дасти ёрӣ додан

ба касе ёрӣ додан, кӯмак расонидан, мададгорӣ кардан.

Ҳар ду ҳам барои зер кардани ҳаракати озодихоҳии меҳнаткашон заҳру ханҷару чӯбаи дорро дареғ намедоранд. Ҳар ду ҳам дар ин роҳ ва дар ин мазҳаб ба ҳам дасти ёрӣ медиҳанд..,

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 132. Даст ёфтан

1, ба даст даровардан, 2. тасаллут ёфтан, ҳукмрон шудан, ба итоати худ даровардан, 3. ғолиб омадан.

1. — Ман бо чӣ умедҳо сарбоз шуда будам ва аз пешам чӣ фалокатҳо баромад, ман аз дасти Азимшоҳ гурехта ба доми амир афтодам, гуё «аз борон гурехта ба

новадон дучор гардидам», ман ба ин дилхушӣ сарбоз шуда будам, ки бо моҳонаи ин рӯз ба хушӣ мегузарад ва худам ҳамроҳи даста ба куҳистон рафта ба тарзе ки Азимшоҳ ба ман даст ёфта натавонад, ба маҳбубаи дилороми худ хоҳам расид.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Оқибат Қутайба Нахшаб ва Кешро танҳо-танҳо хомӯш карда, ҳамаи қувваҳояшро ба Шумон ғун карда шаҳрро ба муҳосира андохт ва баъд аз бо сулҳ ба шаҳр даст ёфтан на танҳо исьёнкоронро, балки ҳамаи аҳолиро кушта, шаҳрро толон кард ва сӯхта хароб гардонд.

*С. Айнӣ «Исьёни Муқаннаъ»*

3. Агар туву «ҷаноби олиат» ба мо даст меёфтед, то ҳол умри бештарини мардони мо дар зиндони Ҳисор ва Бухоро мепусид...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

4. Ба вилоятҳои арабҳо даст ёфтагӣ дастаҳои аскарӣ фиристод ва Гардункинро ба Бухоро фиристод, ки дар он ҷо ташкилоти Сафедҷомагонро аз сари нав барпо кунад.

*С. Айнӣ «Исьёни Муқаннаъ»*

5. Зи бас Пардаҷон бар аду ёфт даст,
Силоҳаш гирифту ду дасташ бубаст.

*С. Ҷавҳаризода «Гулшани афрухта»*

### 133. Даст задан

1. ба коре мудохила кардан, 2. ба чизе шурӯъ кардан, 3. машғули чизе шудан.

1. Зотан максад аз истилои Туркистон ҳам ба дини шумо даст задан ва шуморо аз динатон баровардан набуда, балки аз ҳамин молҳои хом ва коргари арзон фоида бурдан аст.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

2. Ту чунон зӯрманд мебошӣ, ки ба ҳар касбукор ки даст занӣ, рӯзат ба подшоҳӣ мегузарад.

*С. Айнӣ «Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ»*

3. Оқибатандешӣ ҳаминро тақозо мекунад, ки бояд дар ин гуна корҳо даст назанем.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ II*

4. Мактаби он ҷоро мебанданд ва муаллимро ҳай мекунанд, ана баъд ба мактабҳои ин ҷо даст мезананд.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

5. Занаш ҷавон ва аз хоҷагони хатчагӣ буда, хеле калонтар буд, ғайр аз пухтупаз ба дигар кор даст намезад.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ I*

### 134. Даст зиёд шудан

дар коре зиёд шудани иштироккунандагон—рақибон.

Дасти савдо зиёд шуд, молҳое, ки аз онҳо мо пештар ба як даҳ фоида мекардем, ҳоло ба як ним ҳам фоида карда наметавонем...

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 135. Дасти камӣ

1. камбудӣ, норасогӣ, 2. эҳтиёҷ.

Аммо ҳеҷ як дасти камӣ чеҳраи беғубори ишқи ононро хира карда наметавонист, ҷои ҳар як камиро ишқ пур мекард.

*«Занони Тоҷикистон»*

### 136. Даст кашидан

1. аз коре худро боз доштан, аз ҳаракате бозистодан, 2. аз баҳри касе, чизе баромадан, умед, алоқаи худро кандан.

1. Ҳукумати амир ва полицияи махфии подшоҳи рус аз он гуна чизҳо нестанд, ки баъд аз таъкид кардани касе ба осонӣ аз у даст кашанд.

*С. Айнӣ «Мухтасар тарҷимаи ҳоли худам»*

2. Оқибат қарахитоиён маҷбур шуданд, ки аз самарқандиён даст кашида ба вилояти худ баргашта раванд.

*С. Айнӣ «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик»*

3. «Агар Ҳоҷӣ-Абдулазиз ҳамон одами манфур бошад, ман аз вай даст кашидам...»

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III*

4. — Ман ба ту охирин бор мегӯям,— таҳдидкорона гуфт Мусоев.— Аз Шодигул даст каш! Агар даст накашӣ, аз худат гила кун.

*С. Улуғзода «Навобод»*

5 Аз молу ҷони мардум даст кашед! Худро шармсор накунед!

*С. Улуғзода ва В. Виткович «Ибни Сино»*

6. — «Қоратон бисьёр зарур бошад ҳам, як дам аз вай даст кашед, аз «нӯги хамир» гӯён ба ҳар дуи мо ду ангуштарин диҳед».

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. II*

7. Фирӯза шарм карда гуфт, ки вай рақсида наметавонад. Аммо Мағфират аз вай даст накашид, гуфт, ки ҳамаи канизҳо ва каниззодаҳо мерақсанд ва ҳунар медонанд, ҳеҷ мумкин нест, ки Фирӯза ягон ҳунар надошта бошад.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

## 137. Дасти касе каҷ будан

дузд, хиёнаткор будан.

Лекин агар машкоб қаллобӣ кунад, дасташ каҷ бошад, ба зану фарзанди мардум бо чашми бад нигоҳ кунад, он вақт ҳар чӣ кор карда метавонем.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

## 138. Аз дасти касе кор меомадагӣ шудан

1. аз ӯҳдаи иҷрои кор мебаромадагӣ шудан, кор карда метавонистагӣ, ӯҳдабаро шудан, 2. ба камол расидан.

1. Вакте ки аз дастам кор меомадагӣ шуд, баъд ба хотиратон омадам-мӣ?

*«Тоҷикистони советӣ»*

2. Акнун, ки аз дасти ман кор намеомадагӣ шуда монд, маро пеш кардан мехоҳад...

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

3. Аммо ҳангоме ки аз дасти бачаи пухтаю чолок кор меомадагӣ мешавад, дар қатори ду хизматгори калонсолаш корҳои вазнин-вазнинро супурдан мегирад.

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

## 139. Аз дасти касе кор омадан

кореро иҷро карда тавонистан, аз уҳдаи иҷрои коре ва ё амале баромадан.

1. Худатон ягон кор накунед, аз дасти мо одамони омӣ чӣ кор меомад?

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

2. — Модарҷон, парво накунед, аз дасти тағоиям ҳеҷ кор намеояд. Овора шуда нагарданд. Зури беҳуда миён шикастааст.

*Қ. Наимӣ «Рӯзи равшан»*

3. — Ту ҳофизи хушовоз ҳастӣ,— тасдиқ кард Саидов. — Аз дасти ту ҳар кор меояд, Сафарҷон.

*Б. Шоҳин «Қаҳрамон» («Тоҷикистон»)*

4. Аз дасти ин дев ҳар кор меояд...

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

## 140. Даст кофтан

ба чизе даҳолат кардан, кордор шудан.

1. Баҳодур, ки таншарики доздон буд, ҳиссае аз молу пули дуздӣ барои худ гирифту ба дуздон даст накофт.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

2. Як шаб дуздон хонаи ҳамсояҳои Шарофатро заданд, аммо ба хонаи Шарофат даст накофтанд.

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

3. Аз ҳамин рӯз сар карда, ҳар рӯз ба мактаб рафтан гирифтам, амакам ва янгаам дигар ба ман даст накофтанд.

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

4. Даст кофтан ба ҳаққи ятимон гуноҳи азим аст.

*А. Баҳорӣ «Хотираҳои саёҳати бистрӯза» («Шарқи сурх»)*

### 141. Дасти кӯтоҳ

1. оҷизӣ, нотавонӣ, 2. камбағалӣ.

1. Дар ин сурат ман ба ин қади дуто ба дари кӣ кор кофта меравам ва бо ин дасти кӯтоҳ аз куҷо нон ёфта мегирам?

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

2. — Пӯлодҷон-уко, охир чӣ кор кунам! Дастам кӯтоҳ, сарам хам аст, чунки пул надорам.

*Қ. Наимӣ «Соли 1916»*

### 142. Дасти касе дар ҷое, коре кӯтоҳ будан

1. аз ихтиёри касе берун будан, ба ҷое қудрати касе нарасидан.

— Ба Самарқанд... дар он ҷо дасти зулми ин мутаваллӣ кӯтоҳ аст...

*Ҷ. Икромӣ «Духтари ноком»*

### 143. Дасти касеро кӯтоҳ кардан

касеро аз иқтидор маҳрум намудан, имконият надодан.

1. Ба қарибӣ рӯзи саёҳат ба охир мерасад, дасти зулми Азимшоҳ кӯтоҳ мешавад, ҳокимияти нав пеши роҳи уро мегирад.

*Ҷ. Икромӣ «Дохунда» («Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

2. Кӯтоҳ кунад дасти ситамро зи сари халқ,
Ташкили ҳамин фаълаи бинову дигар ҳеҷ.

*А. Лоҳутӣ «Куллиёт», ҷ. 1*

### 144. Дасти касе кӯтоҳӣ кардан

1. аз ӯҳдаи коре, чизе набаромадан, 2. дар коре оҷиз, нотавон будан.

1. — Барои харҷу хароҷоти оймулло дасти мо кӯтоҳи мекунад..,

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

2. Баъзеҳо мегӯянд, ки ба ғалла нигоҳ кунем, кори пахта мемонад, ба пахта зӯр диҳем, ба кори ғалла дастамон кӯтоҳӣ мекунад...

### 145. Дасти надомат ба (бар) сар задан

1. пушаймон шудан, 2. худро сарзаниш кардан.

Ақлу фаросатро пеш гир, хазинаи халқро барбод макун, то ки рӯзе дасти надомат бар сарназанӣ!

*«Хорпуштак»*

### 146. Ба дасти касе об рехта натавонистан

дар ҳунар, дониш, фиребу найранг ва ғайра ба касе баробар шуда натавонистан, касе аз касе дар чизе хеле паст будан.

1. Аммо сартароши ман бошад бо як забони махсуси ихтироъкардаи худ ҳақиқатан маро «қоил карда», бовар кунонд, ки он «қаҳрамон»-и дар «Алфалайла» буда ба дасти ин шахс об ҳам рехта наметавонад.

*«Тоҷикистони советӣ»*

2. Шумо бо тамоми таҷрибаю донишатон ба дасти ман об рехта наметавонед.

*«Хорпуштак»*

### 147. Чизеро ба даст овардан

1. ба чизе соҳиб шудан, чизеро аз худ кардан, 2. чизеро ёфтан.

1. — Дар муддати каме соҳаҳои асосии дониши замони худро ба даст оварда, дар миёни аҳли илм шуҳрат пайдо мекунад...

*А. Мирзоев «Биноӣ»*

2. Одамоне ҳам буданд, ки нони хоҷагиро «бедардимиён» ба даст меоварданд.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

3. Аз ким-куҷо «Муш ва гурба»-и Убайди Зокониро ба даст оварда буд...

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

### 148. Дасти одам гул (аст)

одамизод қобил аст. ки ҳар кореро ба хубӣ иҷро намояд, неъмату зебогии ҳаёт маҳсули меҳнати одамон аст.

1. «Дасти одамизод гул аст» — мегӯяд зарбулмасали тоҷик. Мо ба ин калимаи озодиро ҳамроҳ карда мегуем: «Дасти одамизоди озод гул аст». Чунки меҳнати озод набудагӣ барои одамизод ранҷу кулфат аст. Меҳнати озод бошад, гул аст, ки димоғи одамизоди меҳнаткашро муаттар мекунад.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

2. Ана ҳамин тавр, замин паси замин, саҳро паси саҳро пур аз зару гавҳар аст. Ҳар кас, ки тамошои онро мекунад, руҳаш тоза гарднда, дилаш ба ҷуш меояду беихтиёр чунин як мақоли халқро ба ёд меоварад: «Дасти одам — гул».

*Ф. Ниёзӣ «Духтари ҳамсоя»*

3. Се сол аз миён нагузаштаасту биёбон ба гулистон табдил ёфтааст. Мо дарҳол зарбулмасали «дасти одам гул аст»-ро ба хотир оварда, ба буньёдкунандагони боғ офарин гуфтем...

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 149. Чизе аз дасти касе омадан

1. кореро иҷро карда тавонистан, аз ӯҳдаи иҷрои коре баромадан, 2. қодир будан.

1. — Як кор дорам, намедонам мекунед ё не?

— Агар аз даст ояд, мекунам.

*С. Айнӣ «Марги судхур»*

2. Лекин аз дастам ҳар чӣ ояд, мекунам гуфт.

*Р. Ҷалил «Субҳи саҳро»*
*(«Шарқи сурх»)*

3. — Аз шумо миннатдор ҳастем, хайрхоҳи шумо ҳастем, то аз дастамон омадан ба шумо ёрӣ медиҳем.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. I*

4. Ман камбағал ҳастам, ба ту ёри додан аз дастам намеояд.

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

5. Вай духтар хурд не, ҳар кор аз дасташ меояд.

*Алихуш «Шестопалов»*
*(«Шарқи сурх»)*

6. Рав, ҳар чӣ аз дастат биёяд, кардан гир!

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

## 150. Чизе ба даст омадан

ҳосил шудан, ба вуҷуд омадан.

1. Колхози шумо колхози пахтакор аст, боигарии он асосан аз пахта ба даст меояд.

*С. Улуғзода «Навобод»*

2. Муваффақият худ аз худ ба даст намеояд.

*«Тоҷикистони советӣ»*

## 151. Дасту остин барзадан

1. барои иҷрои коре тайёру омода шудан, 2. нағз, чаққон, боғайрат кор кардан, 3. кушиш кардан, ғайрат нишон додан.

1. Ҳаман ин ғапҳо барои ба кор баромадани ман бошад, майлаш, ман аз худи пагоҳ дасту остинро бармезанам.

*Ҷ. Икромӣ «Шоди»*

2. «Хоста рӯзи беҳтаринамро,
Барзада дасту остинамро,
Туй сар мекунем аз сари нав,
Ки арӯси ман ояд аз Маскав».

*М. Турсунзода «Ман аз Шарқи озод»*

## 152. Дасту панҷаи касе ба кор нарафтан

*Ниг.* Ба чизе дасту дил нарафтан.

Лекин дасту панҷаи Бибичоргул ба кор намерафт...

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 153. Дасту панҷаи касе дуруст (будан)

тавоно, соҳибҳунар будан.

— Дасту панҷаат дурусту лекин забонат ганда-дия, бача!

*Ҳ. Карим ва Дунган «Соли 1916» («Шарқи сурх»)*

### 154. Бо дасту по (будан)

1. дар коре чобуку чолок будан, ба кор моҳир будан, 2. соҳибҳунар будан.

1. — Духтарам хеле бо дасту по.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

2. Маълум мешавад, ки падари Абдусаттор марди бо дасту пой будааст.

*«Маориф ва маданият»*

### 155. Дасту пои касеро аз замину осмон кандан

1. касеро аз ҳама чиз маҳрум кардан, 2. ноумед намудан, 3. оҷиз, нотавон кардан.

1. Вақте ки қарзи падарам вазнинтар мешавад, бой барои «эҳтиёт» заминҳоро ҳосилгарав мекунад, кам-кам ҷуфти гов ва асбоби деҳқонӣ ҳам аз дасти падарам ба дасти бой мегузарад, падарам, ки буду нобудаш аз даст рафта, дасту пояш аз замину осмон меканад, ночор ба хизмати бой медарояд...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. — Барои таъзири билмол кардан,— гуфт Мулло Наврӯз, ки он ҳам ба қатори Назарбой ба деҳқонон даъвогар шуда омада буд,— мол доштани онҳо лозим аст. Ва ҳол он ки онҳо чизе надоранд ва дасту поҳошон аз замину осмон кандагӣ аст.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 156. Аз дасту по афтидан

1. пири фартут шудан, 2. нотавон ва оҷиз гаштан.

Ман ҳануз аз дасту по наафтодаам, кор карда метавонам.

*Ғ. Абдулло «Водии бахт» («Маориф ва маданият»)*

### 157. Дасту по гум кардан

1. саросема, музтариб гардидан, чӣ кор кардани худро надониста мондан, 2. хиҷолат кашидан, шарм доштан.

1. — Одамони амир,— гуфт яке аз онҳо,— чунон дасту пои худро гум кардаанд, ки баъд аз куштани ин ҷадидон мурдаҳошонро ба як тараф нест кардан ун тараф истад, лоақал саллаву ҷомаи онҳоро ҳам кашида нагирифтаанд.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Қурбон аз хурсандӣ дасту по гум карда, бо тамоми овозаш фарьёд зад...

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

3. Уро дар ҳолати беҳушӣ оварданд. Маҳбуба аввал дасту по гум карда монд.

*П. Толис «Вақте ки заводҳо гудоки саҳарӣ мезананд...» («Шарқи сурх»)*

### 158. Дасту по задан

1. ҷидду ҷаҳд ва саъю кушиш кардан, 2. талошу мубориза кардан.

1. Беҳтар ки барои бахту саодати худатон дасту по занед, нагузоред, ки кампир бахти ҷавони шумоpo ба зери кафшҳои куҳнаи худ помол кунад...

*Ҷ. Икромӣ ва Е. Мительман («Кӣ айбдор?»)*

2. Илмия бошад, сад дасту по занад, пинаки уро ҳам вайрон карда наметавонад.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 159. Аз дасту по мондан

1. оҷиз, хаста, фартут шудан, 2. аз кор мондан, кор карда натавонистан.

1. Нағзаш ҳамин, ки ҳеҷ кас аз дасту пои худ намонад.

*Ғ. Абдулло «Шери занҷиршикан»*

2. — Боз мабодо пагоҳ баробари колхозчидухтар пахта мечинам гуфта аз дасту по намонед...

*Ҷ. Одинаев «Колхозчидухтар»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 160. Дасту по хӯрдан

*Ниг.* Дасту по гум кардан.

1. Дар назди номзад ба депутатҳои Совети Олӣ — Раҳматҷон Рашидов мӯйсафедҳо каме дасту по хӯрда, дар дақиқаҳои аввал чӣ гуфтан ва аз чӣ сар кардани гапи худро надониста монданд.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

2. Рости гап, ин таклифи ногаҳониро шунида, ман дасту по хӯрда мондам...

*П. Толис «Тобистон»*

### 161. Ба дасту по ҳино бастан

1. аз ҷо наҷунбидан, бе ҳаракат нишастан, 2. ба коре даст назадан, кор накардан.

Саиднисоро ба мактаб намонда, дар хона ба дасту пояш ҳино баста мондааст.

*«Хорпуштак»*

### 162. Ба чизе даст расидан

1. ба чизе имкон доштан, 2. вақт доштан.

1. Агар дасташ мерасид, ба худаш кайҳо хонаю ҷои алоҳида карда мегирифт.

*Ҷ. Икромӣ «Тақдири бофанда»*
*(«Шарқи сурх»)*

2. Дар вақте ки ман ба синни мактабӣ расидам, дасти падарам намерасид, ки маро шахсан хононад.

*С. Айнӣ «Мухтасар тарҷимаи ҳоли худам»*

3. — Оҳ, духтари азизам, корам аз мӯи сарам зиёд, ҳар рӯз омаданӣ мешудаму ҳеҷ дастам намерасид...

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

### 163. Дасти расо доштан

қудрат доштан, имконияти моддӣ доштан.

Баъзе аз онҳо — мисли Фируза вақт дошта бошанд ҳам, пулу дасти расо надоштанд, ки хароҷоти мактабро диҳанд.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 164. Ба касе, чизе даст расондан

1. кордор будан, мудохила намудан, 2. таҷовуз кардан.

1. Муллоҳои калон ва умуман калоншавандагони Бухоро ба сифати муллозода ва хусусан барои Ҳоҷӣмахдум шуда омаданаш ҳурмат мекарданд. Бинобар ин ба ӯ бе ягон сабаби аз тарафи калонон қабулшаванда даст расондан душвор буд.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

2. Ман нағз медонистам, ки Абдуллатифтаго ба Қосимҷон даст намерасонад ё худ дашному ҳақорат намекунад.

*П. Толис «Тобистон»*

3. Зеро вай ба мулкияти замину оби шумо даст нарасонда буд.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 165. Аз даст рафтан

1. аз даст баромадан, 2. маҳрум гардидан аз чизе.

1. Бо вуҷуди ин «мардӣ аз даст наравад» гуфта ду сархона бангро пай дар пай тамоман худам кашидам.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. II*

2. Байрақи сайёр, ки чор рӯз пеш аз дасти звенои Хайрӣ ба дасти звенои Species Бобоҷон гузашта буд, дар арафаи ид боз аз даст рафт.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

3. Агар корро ба раъйи ин роҳбарони даҳаньяла монед, хукумат аз даст меравад.

*Ҷ. Икромӣ «Тори анкабут»*

4. Дав, ки духтарат аз даст меравад.

*Ҷ. Икромӣ «Тақдири бофанда»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 166. Дасти рости касе будан

ёрдамчӣ, муовини наздики касе будан.
Истад бошад, дасти рости падараш буд.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

### 167. Дасти касеро рост кардан

*Ниг.* Дасти касеро ром кардан.

Ҳамаи мо шогирди ҳамин кас. Агар ин кас нонамон нимта мешавад гуфта натарсанд, дасти бачаҳоро рост кардан мушкил не...

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. II*

### 168. Аз дасти касе рӯз надидан

аз ҷабру зулми касе ба танг омадан.

Восеъ ба мардум итоб карда мегӯяд, ки амлокдорҳо ҳамаи дону ғаллаи уро тала карда бурданд ва барои зиндагӣ чизе боқи нагузоштанд, деҳқонҳои дигарро ҳам инчунин талаю тороҷ мекунанд ва аз дасти онҳо дигар рӯз дидан мумкин нашуда монд.

*Ҷ. Икромӣ ва А. Одинцов*
*«Аҷоиботи сафар» («Шарқи сурх»)*

### 169. Дасти касе сабз будан

дӯстдори дарахтшиноӣ, ободӣ будан, дар дарахтшиносӣ ва зироат моҳир будан.

Дасти инсони советӣ сабз бошад ҳар куҷо,
Халқи дасташ сабз дорему дилаш пур аз ҷадал.

*М. Аминзода «Шеърҳо»*

### 170. Дасти касе сабук будан

касе ки ҳар кори мекардагиаш ба хайр меанҷомад.

Мардум муаллими худро аз духтур ҳам зиёдтар медонистанд.

«— Дасти ту сабук аст, муаллим, мегуфтанд, биё худат даво кун!»

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

### 171. Дасти касеро сабук кардан

мушкилии касеро осон намудан, ба касе дар анҷом додани корҳояш мадад расондан, як қисми кори касеро ба уҳдаи худ гирифтан.

— Ба модарам ёрӣ мерасонидам, дасташонро сабук мекардам.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 172. Дасти касе сабук шудан

камкор, камташвиш шудан.

1. Фақат аз нуги кор ҳамонаш ба вай маъқул афтод, ки барзагов ва асп аз оғили танг баромада, ҷойро барои модагови ӯ кушод гузоштанд ва дасти ӯ хеле сабук шуда монд.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

2. Саломатхола бо шавҳараш гашта обдориро нағз омӯхтагӣ, ба вай фармудан гиред, натарсед. Дасти худатон сабук мешавад.

*Ҷ. Икромӣ «Раис»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 173. Дасти касе сахт будан

хасис, мумсик будан.

— Хола, дасти модаршуятон бисьёр сахт будаастдия?

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 174. Дасти касе холӣ будан

бекор будан, машғули коре набудан, аз кор фориғ будан.

1. Дар вақтҳое, ки дасташ аз савдо холи буд, баъзе муллоҳоро ба сари дуконаш ҷеғ зада, баъзе масъалаҳои диниро, ки нугирумолӣ карда гирифта буд, ба миён меандохт ва бо онҳо мунозира мекард.

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

2. Охир вай звено, кораш бисьёр, дасташ холӣ не.

*С. Саидмуродов ва М. Рабиев «Саодат»*
*(«Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

### 175. Дасти худро ба бағал андохта (зада) нишастан

бекор нишастан, ба коре начаспидан.

1. Дар муқобили ин ташаббуси хоинонаи бойҳо гурезаи қишлоқ Рузимурод дасташро ба бағал андохта дам нанишаст.

*С. Айнӣ «Ятим»*

2. Даст ба бағал зада нишастанд.

*С. Ғанӣ «Тӯй»*

### 176. Дасти худро ба оби гарму хунук (сард) назадан

1. ҳеҷ кор, меҳнат накардан, 2. ташвиш, машаққати зиндагиро надонистан.

1. Бар болои ин дар хонаи ман хобида дасташро ба оби гарму хунук назад, хурд, пушид.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Агар роҳи пайдову пасандоз меҳнат бошад, чаро ман бо вуҷуди шабу руз кор карданам чизе надорам, аммо бой, ки ҳеҷ гоҳ дасташро ба оби сарду гарм намезанад, тамоми деҳаро соҳибӣ кардааст?

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

3. Рузҳои ид ва меҳмондориҳо Оиша дасташро ба оби гарму хунук намезад, ҳамаи кори уро дигарҳо карда медоданд.

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

### 177. Аз дасти худ гузаронидан

1. ба чизе, касе назорат кардан, чизеро аз назари диққати худ гузаронидан, 2. кореро мувофиқи матлаби худ кардан.

1. Ӯ дар харҷи рузгораш хеле сарфакорӣ мекард ва ҳамаи хароҷотро аз дасти худ мегузаронд.

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

2. Вай мактуб ва коғазҳоро сар-сариёна хонду дар бадали чанд дақиқа ҳамаи онҳоро аз даст гузаронд.

*«Хорпуштак»*

### 178. Дасти худро оташкову муйро ҷоруб кардан (сохтан)

кореро аз сидқ, бо ҷидду ҷаҳди тамом иҷро намудан.

1. Дастамро оташкову муямро ҷоруб карда, якумр канизатон шуда хизмат мекунам.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

2. Дастамро оташкову муямро ҷоруб сохта хизмати даргоҳатонро мекунам.

*С. Улуғзода «Қисмати шоир»*

### 179. Дасти хушк

бе туҳфа, бе дастовез, бо дасти холӣ

1. Аммо ҳеҷ кадоми онҳо дасти хушк набуданд: яке як ҷувол харбуза, дигаре ду каҷова ангур, сейуме як ҷувол ҷав... ва монанди инҳо чизҳо доштанд.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Насиб бошад, дасти хушк барнамегардед.

### 180. Бо дасти хушку холӣ

1. бе туҳфа, бе дастовез, 2. бе асбобу анҷом, бе аслиҳа.

1. Шокирамак аз дари ҳавлӣ бо дасти хушку холӣ даромада омад.

*«Тоҷикистони советӣ»*

2. Фриц гумон мекунад, ки танҳо вай пулемёт дораду дар ин ҷо одамон дасти хушку холӣ нишастаанд...

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

### 181. Аз дасти чап хестан

1. бадқаҳр, бадҷаҳл, оташин будан, 2. барор наёфтани кор.

— Қодирамак, имрӯз аз дасти чап хестагӣ барин менамояд.

*Б. Раҳимзода ва М. Рабиев «Дар сояи шипанг» («Маҷмуаи пьесаҳои якпардагӣ»)*

## 182. Даст шиканад, даруни остин

пинҳон мондани сирре; сирри одамон пушида.

— Айб дар ҳар сеи мо! Умрат дароз шавад, ҷон ука, «даст шиканад, даруни остин» гуфтаанд.

*У. Умаров «Кӣ айбдор?»*
*(«Пьесаҳои якпардагӣ»)*

## 183. Даст шустан аз касе, чизе

аз касе, чизе умеди худро кандан, аз баҳри чизе гузаштан.

1. Ҳар кас ки худашро таърифу тавсиф кунад, аз он кас даст шуед...

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

2. «Албатта раисро ҳам ёфта, гапҳои заруриро ба гӯши вай рехта мондан лозим, то ки аз ин ҳамдеҳаи худ даст шуяду аз ман дил наканад...»

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

3. Агар баъди рафтани ман ба ин духтар осебе расад, шумо аз ҷони худ даст шуед!

*С. Улуғзода «Қисмати шоир»*

## 184. Дасти касе қалб будан

1. дузд будан, 2. фиребгар, қаллоб будан.

— Маълум мешавад, ки ин мироб ба зоҳир одами нағз барин намояд ҳам, дилаш каҷ ва дасташ қалб будааст!

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

## 185. Дасти касеро ҳалол кардан

хатна кардан.

— Имсол корат хуб менамояд,— арбоб гуфт,— писарат ҳам дастьёр шуда мондааст, зудтар дасташро ҳалол кун.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 186. Аз дасти касе ҳеҷ кор намондан

1. ҳамакора будан; бисьёрҳунара будан, 2. аз ӯҳдаи иҷрои ҳар кор баромадан.

1. — Ман,— гуфт вай,— дар ҷавонӣ бисьёр корҳоро кардагӣ, аз дастам ҳеҷ кор намондааст!

*Ҷ. Икромӣ «Тори анкабут»*

2. — Аҷабо,— мегуфт пиразан худ ба худ,— аз дасти зану духтарони ин замона ҳеҷ кор намонда будаастдия.

*«Занони Тоҷикистон»*

**ДАСТА**

### 187. Даста додан

ҷӯш задан, ғалаба кардан, бологирӣ намудан.

1. Рӯзе раги кунҷковиам даста дода, аз набераи панҷсолаи Нурмуҳаммад пурсидам...

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III*

2. Дар ин вақт Файзибойро ақидаи хурофотпарастии авомонааш даста дода, гуфт...

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

**ДАСТАМ**

### 188. Аз дастам корамро гиру аз даҳонам нонамро гир

корамро куну ҳаққатро гир; кор мекунию мехӯрӣ.

— Хабарат ҳаст, духтарам, ки ман дина боғи лаби Сойро ба Саид васиқа кунонда додам? Рав гуфта ду таноб ғӯзаро ҳам ваъда кардам. Саид аз ин илтифоти ман ниҳоят хурсанд шуд. Бо қавли гапе «Аз дастам корамро гиру аз даҳонам нонамро гир». Тирамоҳ, духтарам, худо расонад, ҳосилро ки ғундоштем, шикасту рехти хонаҳоро дуруст карда, ба ҳар дуятон медиҳам.

*Р. Ҷалил «Субҳи саҳро»*
*(«Шарқи сурх»)*

**ДАСТАТ**

### 189. Аз дастат чӣ кор меояд?

аз ӯҳдаи иҷрои чӣ кор мебароӣ? кадом корро иҷро карда метавонӣ?

1. — Аз дастат чӣ кор меояд?

— Ҳар гуна меҳнати сиёҳ бошад, мекунам.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Дар ин синну сол аз дасти ман чӣ кор ҳам меомад!

*Ҳ. Аскар «Қолинбоф» («Тоҷикистон»)*

**ДАСТБОЛО**

### 190. Дастболо шудан

*Ниг.* Дасти касе боло гардидан.

— Духтарони ин солу замона, агар касеро маъқул ёбанд, қасдан ӯро ба шӯр меандозанд ва бо ҳамин, дар оянда аз вай дастболо шудан мехоҳанд.

*Ҷ. Икромӣ «Ситора» («Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

**ДАСТДАРОЗӢ**

### 191. Ба касе, чизе дастдарозӣ кардан

*Ниг.* Ба касе, чизе даст дароз кардан.

1. Писараш дар Дарвоз ба босмачиён калон шуда будааст, ки вай ҳам дар вақти дастдарозӣ карданаш ба як духтари шуғнонӣ бо тири як тоҷики фидоӣ кушта шудааст.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Он ки ба мо дастдарозӣ кунад.
Бо сараш албатта ки бозӣ кунад.

*М. Турсунзода «Асарҳои мунтахаб»*

**ДАСТКУШОД**

### 192. Дасткушод шудан

боҳиммат, сахӣ, ҷавонмард шудан.

— Иштиҳо карнай, рафиқ комиссар, хусусан дар вақти бекорӣ. Старшина бошад, ҳеҷ не ки дасткушод шавад.

*Ҷ. Икромӣ «Қаҳрамони канори Днепр»*

**ДАСТКӮТОҲ**

### 193. Касеро дасткӯтоҳ гардонидан

1. касеро аз чизе боздоштан, 2 касеро аз чизе маҳрум кардан.

Ҳоким ва амалдорони худсари маҳаллиро аз торочи фуқаро дасткутоҳ гардонид.

*С. Айнӣ «Алишер Навоӣ»*

**ДАСТКӮТОҲӢ**

### 194. Дасткӯтоҳӣ кашидан

1. муҳточ будан, аз ҷиҳати моддӣ танқис будан.

У одампарвар буд, бо вуҷуди зиёд надоштан ва баъзан дар харҷҳои зарурӣ дасткӯтоҳӣ кашиданаш ба афтодагон, ба муллобачагони қишлоқ бо ягон роҳ ёрмандӣ расонда меистод.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III*

**ДАСТМОЯ**

### 195. Дастмояи касе ба ғалтак баромадан

аз коре зарар дидан, шикаст хӯрдан.

Оқибат аз чойхонадорӣ зарар кашида, «дастмояаш ба галтак баромада», ночор ба деҳаи худ баргаштааст...

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

**ДАСТРАС**

### 196. Чизеро дастрас кардан

чизеро осон, фаҳмо, имконпазир кардан.

1. Онҳо дар ҳаракати ба омма дастрас кардани илму фан мебошанд.

2. Аммо ҷоиз аст пурсем, ки ташкилоти партиявии колхоз дар бобати дастрас кардани таҷрибаи машъалҳо чӣ кор кард?

*«Тоҷикистони советӣ»*

## ДАСТУРХОН

### 197. Дастурхони кушода доштан

1. меҳмоннавоз будан, 2. имконияти меҳмондорӣ доштан.

Азбаски бойбача буд, дастурхони кушодае дошт, баъзе шоирон ва мусиқанавозон ба он ҷо омада мерафтанд.

*С. Айнӣ «Мухтасар тарҷимаи ҳоли худам»*

### 198. Дастурхони касеро поймол кардан

носипосӣ, кӯрнамакӣ, номардӣ кардан, ба нағзӣ бадӣ кардан.

Ҳамин ки шикамашон сер шуд, дастурхонро поймол мекунанд...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

## ДАЪВО

### 199. Даъвои нони қоқ

1. даъвои беасос, 2. даъво барои чизи беарзиш.

— Чаро ҷанҷоли хушк ва даъвои нони қоқ будааст, як ҷанҷоли 50-тиллоист.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

## ДАЪВОГАР

### 200. Даъвогари суст қозиро муттаҳам кардааст (мекунад)

ба одами бефаҳм нағзӣ карданӣ шавед, ӯро химоя кунед, шуморо шарманда мекунад.

1. Вай ландаҳури ношуд, вай фариштаи аз зоида шуданаш пушаймон ва хари аҳмақ кирои оворагӣ ҳам намекунад. Даъвогари суст қозиро муттаҳам кардааст.

*П. Толис «Тобистон»*

2. Ҳатто вақте ки худи мо ба миёна даромадему ҳаққи шуморо руёнида доданӣ шудем, «даъвогари суст қозиро муттаҳам мекунад» гуфтагӣ барин моро шарманда кард.

*Р. Ҷалил «Субҳи саҳро»*
*(«Шарқи сурх»)*

## ДАҲ

### 201. Даҳ ангушт (панҷа)-ро ба даҳон андохтан (гирифтан)

1. чашмгуруснагӣ кардан, 2. якбора ва ҳарисона ба якчанд кор часпидан.

1. Ғайр аз ин, даҳ панҷаро ба даҳон андохтан ҳам нағз нест. Мардум чӣ мегуяд? «Ду бачадор шуда занаш боз кор мекунад?»

*А. Баҳорӣ «Одамони шинос»*

2. Даҳ ангуштро ба даҳон андохта, ба як сари қоқаш ҳам столи директории пункт, ҳам хурҷини мудири анборӣ ва ҳам сандуқи пулодини кассириро ба китф бардошта гирифт.

*«Хорпуштак»*

### 202. Даҳ ангушт (даст) ҳунар будан

1. пурҳунар будан, 2. аз ӯҳдаи иҷрои ҳар коре баромадан.

1. Шукр, харидорам ҳаст. Даҳ ангуштам ҳунар. Хотирҷамъ бош, ман бекор намемонам.

*«Тоҷикистони советӣ»*

2.— Мунаввархон, даҳ дастатон ҳунар-дия. Ҳамаи коратон табъи дил.

*С. Ғанӣ «Табассум»*

### 203. Даҳ ману даҳ сер шудан

руҳафтода; расво ва шарманда шудан.

Вақте ки муйсафед аз куча баргашт, дид, ки Давлатбибӣ даҳ ману даҳ сер шуда, дар дасташ лаълию дастурхони овардагеш ба сари куча меравад.

*Ҷ. Икромӣ «Ситора» («Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

### 204. Дах панҷаро ба даҳон андохтан

*Ниг.* Даҳ ангуштро ба даҳон андохтан.

«Ин, мегӯяд раис, ҳоли ҳозир ташвиши барзиёдӣ. Якбора, мегӯяд, даҳ панҷаро ба даҳон андохтан мумкин нест.— «Ба ҷогаҳ нигоҳ карда пой дароз кардан даркор» будааст. Мо пул надоштаем. Хулосаи калом, ҳоло барвақт будааст...»

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

## ДАҲОН (ДАҲАН)

### 205. Даҳони касе аз чизе пур шудан

аз гуфтани чизе маза кардан, фараҳманд гардидан.

— Чӣ тавр нағз; Мағфират-ҷон! Даҳони кас аз гуфтани ин юм пур мешавад...

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 206. Даҳони касеро аз пушти гӯш кушодан

1. ба даҳони касе задан, 2. касеро танбеҳ кардан, адаби касеро додан.

1. Даҳонкалонии маҳаллаашон «Ба ту гап нарасидааст, дам шав, ки даҳонатро аз пушти гӯш мекушоянд!» — гуён нафаси онҳоро дар гулуяшон мепечониданд...

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

2. Аммо одамони барои беадабӣ даҳонатро аз пушти гӯшат кушода мемондагӣ ёфт мешаванд.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 207. Ба касе, чизе даҳон андохтан

чизеро аз касе талаб кардан, касе, чизеро аз касе илтимос намудан, дар талаби чизе дар назди касе сухан ба миён овардан.

1. Шунидам, ки ту назди малика густохӣ карда, ба канизаки вай даҳон андохтаӣ?

*С. Улуғзода «Қисмати шоир»*

2. — Ман бо ҷону дил ба шумо медодам-ку,— мегӯяд соҳиби ҳавлӣ ба қозӣ шунавонда,— аммо ба ин гунг каме пештар эшони қозӣ даҳон андохта буданд.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

### 208. Аз даҳони касе асал чакидан

сухани хубу хайрхоҳона гуфтан: дар мавриде гуфта мешавад, ки касе суханони нек гӯяд.

Он кас шуморо чунон дуст медоранд, ки номатонро ба даҳон гиранд, аз даҳонашон асал мечакад.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. II*

### 209. Аз даҳон афтода

чизи кӯҳнашуда, аз хотирҳо фаромӯшгардида.

Ин бозии шумо бисьёр обшуста ва аз даҳон афтода мебошад, барои фиреб додани мардум ягон найранги нав меёфтед, беҳтар буд...

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III*

### 210. Аз даҳон баромада мондан (рафтан)

1. тасодуфан чизеро гуфтан, 2. дар гуфтугӯй хато, саҳв кардан.

«Мон, хафа нашав, дар болои қаҳр аз даҳонам баромада рафт» мегуфт.

### 211. Даҳани касеро бастан

1. касеро аз гуфтани чизе боздоштан, хомӯш гардонидан, 2. касеро розӣ кунондан; ришва додан; забонкутоҳ кардан, 3. дар музокира, мубоҳиса касеро мағлуб намудан.

1. Агар зудтар пеши ин корро нагирӣ ва духтаратро ба касе номзад карда даҳони мардумро набандӣ, росту дуруғ ҳикоятҳо бофта ба муфт бадном ва бепардааш мекунанд.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Нону намаки раис даҳонатонро баста монд.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

3. Вай аввалин касе шуд, ки даҳони таънаомези бадандешагонро баста, равиши тараққиёти адабиёти тоҷикро асосан муайян намуд.

*Ш. Ҳусейнзода «Сурудсарои Панҷруд»*

4. Агар яке аз инҳо фаҳмида монад ҳам, бо ним шиша арақ даҳони ӯро бастан осон буд...

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. II*

## 212. Даҳон бефаровез

1. беибо ҳар гапро гӯянда, бадгӯй, дар сухан беибо, 2. шаттоҳгуй.

— Дафъ шав, аз пеши назарам дур рав, шумхабари курнамаки даҳон бефаровез!

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

## 213. Даҳони касеро бӯ кашидан

мақсади касеро фаҳмидан, аз фикри ботинии касе огоҳӣ ёфтан.

— Ин мақсадатонро пештар ба ман мефаҳмондед, ман даҳони ину онро бӯ кашида, ба шумо хабар меовардам...

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

## 214. Аз даҳони касе бӯи шир омадан

киноя ба кӯдак, хурд будан; ба камол нарасида будан.

1. — Ҳанӯз аз даҳонат бӯи шир меояд, аммо ту худро сисола мегӯӣ.

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

2. Онҳо ба Маҳбуба бо ҳурмат нигоҳ мекарданд: аз даҳонаш бӯи шир меояду одамро аз марг наҷот дод, мегуфтанд.

*П. Толис «Ҳикояҳои даҳ сол»*

3. — Ҳоло аз даҳони Барака бӯи шир меояд-ку! — гуфт масхараомез.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

### 215. (Як, ду, се, чор) даҳон гап

1. якчанд сухан, 2. хулосаи калом, 3. изҳори мақсад ва муддао.

1. — Дер намемонӣ, як даҳан гап мешунавӣ мераӣ...

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. I*

2. Барои кампир як даҳон гап, як калима хабари бад дар бораи писараш кифоя буд...

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

3. Рафта гирифта биёяму дар ин ҷо як-ду даҳон гапи дуруст гуфта диламро хунук карда равам.

*С. Саидмуродов «Ҳамшира»*
*(«Маҷмуаи пьесаҳо»)*

4. Ба ӯ арз кард, ки ду-се даҳон гап дорад.

*Ф. Муҳаммадиев «Меҳри диёр»*
*(«Чароғи ирфон»)*

### 216. Ба (дар) даҳони касе гап наистодан

1. гап, сирро нигоҳ дошта натавонистан, 2. лаққӣ будан.

1. — Не охир,— гуфт вай,— бедарак ҳамин гапҳоро мезанетону пагоҳ-фардо овоза шуда меравад. Кошкӣ ба даҳони мардум гап истад.

2. — Уҳ, тағочаи бемаза! — гуфт табассум карда,— дар даҳонаш гап намеистад.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 217. Даҳони касеро гирду ғун кардан

1. ба касе одоби сухангуиро омӯзондан, 2. касеро аз бадгуӣ, аз лофзанӣ боздоштан.

— Даҳони маро гирду ғун кардагӣ ҳам ҳамин Рашидов шуд. Ҳақиқатан дар ҳар ҷо гап зада гаштан нағз не, кас бояд вазнин ва ботадбир бошад.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

### 218. Даҳон дарвоза надоштан

*Ниг.* Даҳон бефаровез.

— Э, раис, даҳони мардум дарвоза надорад, хушмӣ, дар ин дуньё кӣ наменушад?..

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

### 219. Ба даҳони касе задан

1. сухани касеро буридан; бо ҷавоби талху тунд касеро аз гуфтор боздоштан, 2. ба касе луқма додан.

1. Агар ман даҳон кушоям, «ҳуҷҷатро нишон деҳ, сухани хушк шунида намешавад» гуфта ба даҳони ман задетон.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

2. — Ту, Ҳошим, аввал ба мо пул деҳ, баъд талаб кун.

— Пул нест, мо электростанция сохта истодаем! — «ба даҳонаш зад» уро Ҳошим Қорвон. Дар бригадаат саду панҷоҳ одам дорӣ, ҳар кадомаш яктагӣ тахта биёрад — саду панҷоҳта тахта мешавад.

*С. Улуғзода «Навобод»*

3. Шумо бошед «инро ман ҳам шунидам» гуфта ба даҳонам задед.

*«Маориф ва маданият»*

### 220. Ба касе даҳан задан

1. аз касе чизеро талабидан, ба чизе толиб шудан, 2. дар бораи чизе розигии касеро пурсидан, 3. дар бораи касе гап задан.

1. — Духтарат акнун калон шудааст, аз пасу пеш ба вай даҳан зада истодаанд, Ҳамробой хаёл дорад барои писари худаш пурсад; ба фаҳми ман, агар бой кас фиристонад, не нагуфта ҷавоб доданат даркор аст...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Ба язнаи раис даҳан назанед, шаккокӣ мешавад.

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

### 221. Дахон кушода натавонистан

1. ба касе гап, арзу ҳол карда натавонистан, 2. дар пеши касе ҷуръати гуфтор надоштан.

Мо, бечорагон, ба пеши инҳо дахон кушода наметавонем, ҳоким ҳам тарафи инҳо, қозӣ ҳам тарафи инҳо...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 222. Дахон кушодан

1. сухан кардан, гап задан, 2. эътироз намудан.

1. Агар ман дахон кушоям, «ҳуҷҷатро нишон деҳ, сухани хушк шунида намешавад», гуфта ба даҳони ман задетон.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

2. Лекин ба ягон кас дар ин бора чизе нагуетон. Онҳо ҳар ду ваъда доданд, ки даҳон намекушоянд.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. I*

### 223. (Як, ду, чор) даҳон маслиҳат кардан

як бор, бо чанд калима гап бо касе маслиҳат кардан.

— Модоме ки ҳамин тавр будааст, як даҳон маслиҳат кунӣ, намешуд!

*М. Рабиев «Орзуи ҷавонӣ»*
*(«Маҷмуаи пьесаҳои якпардагӣ»)*

### 224. Даҳони касеро маҳкам кардан

*Ниг.* Даҳони касеро бастан.

Шарифшағол бо у шинос аст, худи пагоҳ вайро чеғ зада меоварад ва даҳонашро маҳкам карда сар медиҳад, ки вай ба ҳеҷ кас аз ин хусус лому мим нагуяд.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. II*

### 225. Чизе аз даҳон мондан

чизе аз истеъмол баромадан, аҳамияти худро гум кардан, кухна шудан.

1. Пас аз ҳамаи ин, ба накли як ҳикояи аз даҳон монда ва шарҳи ривояти давраи ҳаёти Одаму Ҳавво бо як обутоби махсус сар кард.

*Т. Усмон «Кашфи асрор»*

2. Рузҳо яке аз паси дигар мегузаштанду, ба қавли мардум, овозаи ҷанҷолҳои акои Олим ҳам кӯҳна шуда, қариб аз даҳон мемонад.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

3. Аз даҳон мондани ҳарро нағз донад ҳам, орият аз даст наравад гуфта, аз харсаворин худ намемонад.

*С. Ғанӣ «Маҳмуди ҳарбоз» («Тоҷикистон»)*

## 226. Даҳони касе мӯй баровардан

1. дар бораи чизе бисьёр сухан гуфтан, зиёд гап зада хаста шудан, 2. бисьёр гап зада натиҷае нагирифтан.

Аз насиҳатгӯӣ ба ӯ даҳони ҳама мӯй баровард.

*«Маориф ва маданият»*

## 227. Ба даҳани касе муҳри хомӯшӣ задан

касеро хомӯш кунондан, касеро ба сукут водор намудан.

Ана ин асар — «Намунаи адабиёти тоҷик» ба фактҳои таърих пардаи он иғвогаронро дарронд ва ба даҳони онҳо муҳри хомушӣ зад.

*С. Айнӣ «Мухтасар тарҷимаи ҳоли худам»*

## 228. Даҳан на кутал дорад, на нишеб

1. ҳар гапро бемаврид гуфтан, 2. бемаънӣ, бемантиқ гап задан; ҳарзагӯӣ кардан.

Рост мегӯянд, ки «даҳон на кутал дораду на нишеб» ва ҳар гапи ба даҳонаш омадаро гуфтан қати даррав сафедро сиёҳ ва сиёҳро сафед эълон кардан зӯри беҳудааст...

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

## 229. Чизеро аз даҳон набаровардан

сирреро ошкор накардан.

1. — Ин сирро аз даҳонат набарор...

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

2. Лекин ҳаргиз сабаби панҷ-шаш рӯз касал шуда хоб кардани худро аз даҳон набаноред.

*Ф Ниёзӣ «Вафо», к I*

### 230. Чизеро ба даҳан нагирифтан

чизеро ҳаргиз номбар накардан, нагуфтан, ба забон наовардан, ёд накардан.

1. — Мурданро ба даҳан нагир...

*С. Саидмуродов ва И. Исмоилов «Тӯҳмат»*

2. Дигар артистка гуфтагӣ суханро ба даҳон нагир!

*М. Рабиев «Орзуи ҷавонӣ»*
*(«Маҷмуаи пьесаҳои якпардагӣ»)*

### 231. Ба касе даҳон нарасондан

1. касеро сарзаниш, коҳиш, танқид накардан, 2. ба касе эътироз накардан.

— Шумоён ба вай муомилаи нағз накардед. Юнус одами нағз, софдил аст... Ҳар кадоми мо ҳам камбудӣ дорем. Одамҳои солхӯрдаро иззат кардан лозим.

— Дуруст,— тасдиқ кард Нуралӣ,— аммо ба шарте ки худи онҳо ба дигарон даҳон нарасонанд.

*С. Улуғзода «Навобод»*

### 232. Ба чизе даҳон нарафтан

ба гуфтани чизе ҷуръат накардан.

Ҳар чанд маслиҳат пухта шуд, лекин Сабоҳат намерафт ва чизе гуфтан мехост, вале даҳонаш нарафта дар бораи Гулбибӣ хеле гап мезад.

*Б. Азизӣ «Никоҳи дилхоҳ»*
*(«Занони Тоҷикистон»)*

### 233. Даҳони касеро нахорондан

касеро ба гуфтани чизе водор нанамудан, ба гап задан, ба мунокиша маҷбур накардан.

1. — Биёед монед, даҳонамро нахоронед, бе ҷанҷол шинем.

*С. Улуғзода «Навобод»*

2.— Биёед, муаллимчон, ин қадар даҳонамро нахоронед, агар ин қиссаро гуфтан гирам, дар чил шабу чил рӯз ҳам тамом намешавад.

*«Хорпуштак»*

### 234. Ба даҳон об гирифтан

гап назадан, хомӯш будан.

1.— Чаро гап намезанед? Ба даҳонатон об гирифтед магар?

*Р. Ҷалил «Шуроб»*

2. — Хола, ба даҳонатон об гирифтагӣ барин ин қадар хомӯш шуда мондед?

*Ф. Ниёзӣ «Духтари ҳамсоя»*

### 235. Даҳон олонидан

барои чизи беарзише аз касе илтимос кардан.

Албатта, фоидаи инро ҳам, чи тавре ки худатон медонед, танҳо нахӯрдаам. Наход кас ба рӯи ҳамин омада, даҳон олонида гап зада гардад.

*«Хорпуштак»*

### 236. Даҳони касеро поидан

интизори гапи касе шудан, мунтазири сухани касе будан.

1. Муйсафед риштаи суханро фавран ёфта натавониста, қадре хомӯш монд. Ман даҳони ӯро поида истодам.

*«Тоҷикистони советӣ»*

2. Роҳбарони РТС даҳони ревизорро мепоиданду ревизор даҳони онҳоро, кӣ пештар гап сар мекарда бошад?

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 237. Бо даҳони пур нақл кардан

бо боварии комил гап задан.

1. Акнун ман метавонистам таърихи ихтирои ӯро ошкоро ва бо даҳони пур нақл намоям.

*А. Баҳорӣ «Заҳри шифобахш»*
*(«Шарқи сурх»)*

2. Сурудҳои тӯи хонадоршавии пур аз суханҳои хурофию диниро даҳон пур карда, ҳама беистисно мехонданд.

*Р. Ҷалил «Дар роҳи иҷрои вазифаҳои муқаддас» («Шарқи сурх»)*

3. Бо даҳони пур, бо дили пур гап мезанад.

*Ф. Ансорӣ «Имтиҳон»*

### 238. Даҳони касе пӯк будан

1. дар пинҳон кардани сир устувор набудан, сирро нигоҳ дошта натавонистан, 2. лаққӣ будан.

— Хабар дошту пинҳон кардааст, ману ту барин даҳонаш пӯк нест...

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

### 239. Ба даҳони пӯшида пашша намедарояд

аз беҳудагӯӣ дида хомӯш будан аълотар аст, аз хомӯшӣ касе зарар намебинад.

Лекин пас аз ин дӯсту душманро дон, ба ҳар кас бовар накун, ба ҳар кас лаққидан нагир! «Ба даҳони пӯшида пашша намедарояд» мегӯянд, рост аст.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 240. Даҳони касеро равған кардан

ба касе пора дода матлаби худро ба даст даровардан.

— Чӣ кор мекардам, ҳамон пулҳоро оварда деҳ, ки ман рафта даҳони ҳамаи онҳоро равған кунам.

*«Хорпуштак»*

### 241. Ба касе даҳан расондан

*Ниг.* Ба касе, чизе даҳон андохтан.

Нигина зархариди ман аст, ҳеҷ кас ҳақ надорад ба вай даҳан расонад, ҳатто вазир ҳам!

*С. Улуғзода «Қисмати шоир»*

### 242. Аз даҳони касе сақич, аз чашмаш сурма задан

1. фиребгар, қаллоб будан, 2. дузди хеле моҳир будан.

Конторщикҳо кисабуриро чунон машқ кардаанд, ки аз даҳон сақичу аз чашм сурмаро мезананд.

*Р. Ҷалил «Шуроб»*

### 243. Ба касе (як, ду...) даҳан сухан (гап) гуфтан

1. мухтасар, кутоҳ сухан кардан, камтар гап задан, хулосаи гапро гуфтан, мақсади худро кутоҳ баён кардан, 2. чизеро хотиррасон намудан.

1. Нестам нотиқ, ӣн минбар ман фақат,
Мақсадамро гуфта додам ду даҳон.

*Ф. Ансорӣ «Ҳаёт ва ишқ»*
*(«Шарқи сурх»)*

2. Ёд додани шумо даркор нест! Албатта-куя! Лекин як даҳан гуфта мондам-дия...

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

3. — Ба завод рафтед, ҳамин қадар бо ҷавонони он ҷо гапзанон кардеду як даҳон намегӯед-а?

*М. Сайфиддинов «Ҳусни оламоро» («Шарқи сурх»)*

### 244. Ба даҳон талқон андохтан (гирифтан)

*Ниг.* Ба даҳон об гирифтан.

Монанди пештара ҳозирон ба даҳон талқон андохта менишастанд.

*«Хорпуштак»*

### 245. Даҳони касе тафсидан

саргарми сухан шудан.

Даҳонам тафсида рафт, шуморо ҳам аз хоб монондам.

*Л. Саид «Пеш аз субҳ»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 246. Ба даҳони худ нигоҳ карда гап задан

бомулоҳиза, фикр карда гап задан, эҳтиёткорона сухан гуфтан.

1.— Минбаъд ба даҳонат нигоҳ карда гап зан, ки набошад...

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. II*

2.— Ҳой, ба даҳонатон нигоҳ карда гап занед, ман он хел туҳмат накардаам!..

*Ҷ. Икромӣ «Тори анкабут»*

3.— Ҳуй, бефаҳм, ба даҳонат нигоҳ карда гап зан! Вай калони комсомолҳо, бригад!

*М. Сайфиддинов «Ҳусни оламоро» («Шарқи сурх»)*

### 247. Даҳони худро чор қулоч карда гап задан

ҳавобаландона, мутакаббирона, худбоварона бо дуғу таҳдид гап задан.

Он кас ҳамеша дар маҷлисҳо даҳонашонро чор қулоч карда дар бораи пеш рафтани кори колхоз гап мезананд.

### 248. Аз даҳони худ шакар борондан

*Ниг.* Аз даҳони касе шаҳду шакар рехтан.

Қадом рӯз вай аз пистасабади ман нонамро гирифта рафт, ман ба ту гуфтам, ту дам назадӣ, вайро ҷанг накардӣ. Доим аз даҳонат шакар боронда: «Писари барноям! Ҷонам! Бибиат тасаддуқ!» — мегӯӣ.

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

### 249. Даҳони худро ғундоштан

бемулоҳиза сухан нагуфтан, андеша карда гап задан; баддаҳанӣ накардан.

— Даҳанатро ғундор, ялама,— гуфт ӯ ба деҳқони оташиншуда,— ба ман ту ҳам баробар, бой ҳам.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

## 250. Ба даҳони касе чуб улчак кардан

гапи касеро гардондан, пешхезӣ кардан, ба сухани касе эътино накардан.

— Ман гап занам, ба даҳонам чуб улчак мекунад, — агротехникаи нав мегуяд, ту намефаҳмӣ мегуяд, ба картаи худам худам ҷавобгар мешавам мегуяд...

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

## 251. Даҳони касе шалақ будан

лаққӣ, ҳарзагуӣ, бадгуй будан, дар дил гап нигоҳ дошта натавонистан.

— Даҳанат шалақ! — Раҷаб сухани Сабурро бурид, «Девор гуш дораду сархор чашм» гуфтаанд. Даҳонам хаст гуфта, дар ҳар куҷо лаққидан нагир, ки ин хуб нест.

*Р Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. II*

## 252. Аз даҳони касе шаҳду шакар рехтан (чакидан)

1. гапҳои хушу ширин задан, 2. ваъдаҳои бисьёр додан.

Анвар медид, ки Мухтор ин суханҳоро чунон ба шавку ҳавас мегуяд, ки гуё аз даҳонаш шаҳду шакар мерезад.

*Ҷ Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

## 253. Даҳони касеро ширин кардан

1. ба касе ваъдаҳои хушку холии бисьёреро додан, 2. ба касе пора дода кори худро пеш бурдан, 3. касеро ба чизе розӣ кунондан, 4. касеро ба чизе одат кунондан, маззахурак кардан.

1. — Ҳоло ҳукуматҳо даҳони моёнро ширин карда истодаанд: кӣ медонад, ки фардо чиҳо хоҳанд кард.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

2. — Бозор нодон, бой бошад, чор сол «аз ҳила ҳалво» сохта, даҳони вайро ширин карда, як қисми заминҳояшро ҳосилгарав карда гирифт.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 254. Даҳони касе ҷунбидан

шикамӣ касе сер шудан.

— Гиред, шумо одами аёлманд мебошед, даҳони як хонавода дар натиҷаи ҷунбидани дасти шумо меҷунбад...

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

### 255. Ба даҳани касе ҷурғот хобондан

1. касеро ба хомушшавӣ водор кардан, 2. хомуш шудан, гап назадан, сукут кардан.

Агар дар ҳузури роҳбарони завод аз ин сухан ронед, димоғашон месузаду руяшонро турш карда, чизе намегӯянд, гӯё ба даҳонашон ҷурғот хобондаанд.

*«Хорпуштак»*

**ДАҲОНКАЛОН**

### 256. Даҳонкалон будан

1. гапҳои калон гуфтан, 2. худтаърифкун, муболиғагӯй, лофгӯй будан.

Вай бепули даҳонкалоне буд.

*Р. Ҷалил «Гулрӯ»*

**ДАҲОНКАЛОНӢ**

### 257. Даҳонкалонӣ кардан

1. гапҳои калон задан, худро таъриф кардан, 2. манманӣ кардан.

1. Бо пули падараш даҳонкалонӣ мекунад!

*Ҷ. Икромӣ «Ғусса» («Шарқи сурх»)*

2. Ҳоло дасти ту ба гиребони Раҳмон намерасад. Бисьёр даҳонкалонӣ накун.

*А. Усмонов «Мубориза»*

**ДЕВОНА**

### 258. Девонаи ба кори худ ҳушьёр

гарчанде касе ноуҳдабаро намояд ҳам, лекин кори худро ба хубӣ ба анҷом мерасонад.

Девонаи ба кори худ ҳушьёраш ҳамин аст! Вай ба як бор шунидани номи ман то ба вақти рафтанаш онро фаромуш накард ва ҳамеша маро ном гирифта ҷеғ мезад.

*«Маориф ва маданият»*

### 259. Аз девона мепурси, ки моҳ чанд

ман ҷавоби ин саволро ҳеҷ намедонам, аз ин чиз тамоман бехабарам, ман каси нодонам, аз нодон ҷавоби оқилона талаб мекунӣ.

1. — У, бачем,— гуфт як оҳ кашида модараш,— аз девона мепурсӣ, ки моҳ чанд. Ман кию маънидод кардани китоб кӣ!

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

2. — Э, ман надонам,— дилтангона даст афшонда гуфт модаркалонам.— Аз девона мепурсӣ, ки моҳ чанд; кай дар хотирам ҳаст ин нумуру адрес.

*П. Толис «Ҳикояҳои даҳ сол»*

## ДЕВОР

### 260. Девор афтад, ба дарун (суй, тарафи худ) афтад

масъалаеро ба нафъи худ ва ё наздикони худ ҳал кардан, фоидаи чизеро худ дидан: ҳар чӣ бошад, ба фоидаи мо шавад, манфиат ба дасти бегона наравад.

1. Девор афтад ба дарун афтад гуфтаанд, ғам нахуред, ба шумо духтари худамро туй карда медиҳам.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

2. Ин боғ ба худи ту мемонад. Баъд аз онҳо замини лаби ҷуи калонро талаб кун, ки вай ҳосилхез аст. «Девор афтад ба тарафи худамон афтад» гуфтаанд.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид»*

3. Масъалае, ки аввал у ба фоидаи худ ҳал кард, иборат аз ин буд, ки «девор афтад ба дарун афтад» гуён аз мансабаш фоида бурда, ҷияни калонашро ба ҷои худ сардори бригада ва ҷияни хурдашро ба вазифаи табельчигӣ таъин намуд.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 261. Девор гуш дорад, сархор чашм

*Ниг.* Девор муш дорад, муш гуш.

— Даҳанат шалақ! — Раҷаб сухани Сабурро бурид. — «Девор гуш дораду сархор чашм» гуфтаанд. Даҳанам ҳаст гуфта, дар ҳар куҷо лаққидан нагир, ки ин хуб нест. Хезаду ин гапатро ягон кас ба Пулод бурда расонад, чунон соз мекунад, ки худат «бале» мегуӣ.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. II*

### 262. Ба деворе ки ман пой мондаам, касе нест, ки пой ниҳад

1. ҷои маро касе ишғол карда наметавонад, 2. ҳеҷ кас дар тавоногӣ, зӯроварӣ бо ман баробар шуда наметавонад, 3. хоҳиши маро ҳеҷ кас рад намекунад, ҳеҷ кас зидди хоҳиши ман намешавад.

«Модом ки шавҳар карданаш даркор аст, аз ҳама ман беҳтар ва авлотарам ва агар ӯ каси дигарро аз ман беҳтар донад, дар ин қишлоқ касе нест, ки ба деворе ки ман пой мондаам, пой ниҳад».

*С. Айнӣ «Ятим»*

### 263. Девор каҷ аст

дар мавриди нодуруст будани ягон ҳаракат, фикр гуфта мешавад: роҳи пеш гирифташуда нодуруст, ноустувор, беасос аст.

«Ба фикри шумо ин кори онҳо дуруст аст, аммо ба фикри ман ин девор каҷ аст, рафиқ мухбир...»

*С. Саидмуродов ва М. Рабиев «Саодат»*
*(«Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

### 264. Девор муш дорад, муш гуш

бо эҳтиёт шудан даркор; сирре, суханеро бояд бо эҳтиёт гуфт, ки касе шунида фош накунад.

1. Агар муллоён бо ноҳаққорӣ ин балоро ба сари аробакаш оварда бошанд, метавонанд, ки туро ҳам ба ин гапҳоят «тарафгири аробакаш будааст» гуён ба ягон бало гирифтор кунанд. Қасе ки ин корро ноҳақ донад,

метавонад, ки санг напарронад, лекин аз ноҳақ будани ин кор гап назадан беҳтар аст, чунки «девор муш дорад, муш гуш дорад» гуфтаанд одамони пурдида. Дар дунъё одамони хабаркаш бисьёранд, эҳтиёт кардан лозим аст...

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

2. — Оҳиста гап задан даркор... «Девор муш дорад, муш гӯш» мабодо ки касе сухани моро шунавида, ба дигарон хабар нарасонад,— гуфт Мулло Эш.

*Ҳ. Обидӣ «Қаҳрамонҳои комсомол»*

3. Номҳои онҳоро нагиред, бек, чунон ки мегӯянд, девор муш дорад, муш гӯш.

*С. Улуғзода «Калтакдорони сурх»*

### 265. Девори намкаш шудан

1. аз ҳар гапе гумон бурдан, 2. нобовар, бадгумон будан, 3. аз ҳар чиз ба изтироб омадан; зудранҷ будан.

— Ҳа набошад, монанди Хушвақт девори намкаш шавам-ми?

*С. Саидмуродов ва И. Исмоилов «Туҳмат»*

### 266. Ба девори касе нишастан

ба ҳоли касе афтодан, рӯзи бади касе ба сари каси дигар ҳам омадан, ба монанди каси дигар шудан.

1. Аз ман Ҷурaро мепурсаду ақлу ҳушаш ба Қамол банд. Ҳатто бусиданӣ шуданашро ба ман мегӯяд, бешарм! Майлаш, майлаш, давом кун! Рӯзе мерасад, ки ту ҳам ба девори ман мешинӣ.

*Ҷ. Икромӣ «Ситора» («Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

2. Ману шумо — Тоҳиру Зуҳро, лекин ба мурод расидагӣ! Акнун, кошки Қамолҷон ҳам ба девори мо шинад! Охир, вай дил дода мондааст, илоҷ надорад.

*Ҷ. Икромӣ «Ситора» («Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

**ДЕГ**

### 267. Деги касе аз паси чизе ҷушидан (ҷушонидан)

зиндагии касе аз паси корею касбе гузаштан, воситаи рӯзгузаронӣ гардидани маҳсули ҳунару меҳнат.

1. Дар бист ва чил ҳам ошу об, хатми қуръон шуда деги имом, муаззин ва калонони қишлоқ ҷушид.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Холбута то революция ҳамин хел (дуздӣ карда — *М. Ф.*) дег меҷушонд.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид»*

### 268. Деги гап ҷушид

гап авҷ гирифт, тафсидани суҳбат.
Ана акнун деги гап ҷушид...

*Б. Азизӣ «Кӣ полвон?»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 269. Дар деги калон пазондан (ҷушондан)

1. ғавғои азим хестан, 2. авҷ гирифтани ҷанҷол, васеъ шудани домани масъалае.

1. Мулло Бурҳони бечораро бо ман ҳамдаст карда нишон дода, корро ба деги калон пазондан мехоҳад ин дев! То ки чашми мардумро тарсонад ва эътибори худашро нигоҳ дорад.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари нокож»*

2. Агар рафтори устои кироиро ба Шоимов хабар диҳад, ҷанҷол, албатта, дар деги калон хоҳад ҷушид.

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

### 270. Деги тамаи касеро ба ҷуш овардан

ҳирси касеро барангехтан, касеро ба тамаъ овардан.
Аммо ваъдаи гарми ман деги тамаи уро боз ба ҷуш оварда, ба илтимос даромад...

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

### 271. Дег тезтар ҷушидан

1. зуд равшан шудани масъала, 2. ҷанҷол хезондан 3. масъалаеро тезу тунд кардан.

Аз эҳтиёт ба артелаш комиссия фиристодам, то ки дег тезтар ҷушад.

*С. Ғанӣ «Туй»*

### 272. Дег ҳам равған шуд, чумча ҳам

дар мавриде гуфта мешавад, ки касе ба серию пури расида бошад.

Хазиначӣ: «хуш, тақсир» гуён аз пеши подшоҳ ба ромада рафту баъд аз фурсате як халтаи пури сарба муҳрро оварда ба Афандӣ дод. Афандӣ шодону шукуфон халтаро бардошта тозон-тозон ба хонаи худ рафт ва ба занаш гуфт:

— Акнун дег ҳам равған шуд, чумча ҳам, баъд аз ин агар мехоҳӣ, ҳар руз даҳ ранг либос пуш, даҳ хел усма ву сурма, сафедиву сурхӣ мол, ҳар руз даҳ бор ҳаммом рав, ман ба ту пул медиҳам.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

**ДЕР**

### 273. Дер ояду дуруст (хуш, шер) ояд

коре дер ва ботаъхир иҷро шавад ҳам, лекин хуб шавад.

1. Туй хам қарз аст, лекин қарзи босабр аст; як-ду сол сонитар шавад ҳам, зарар надорад, «дер ояд, дуруст ояд» гуфтаанд.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. — Хайр, ихтиёратон, «дер ояду шер ояд» гуфтаанд, каме таъхир шавад, зарар надорад.

*Р. Амонов «Дар доманаи куҳҳои кабуд»*

**ДЕҲ**

### 274. Деҳ куҷою дарахтон куҷо

1. аз масъала, матлаб хеле дур будан, 2. тамоман нодон, бехабар будан, 3. ба чизе рабт ва алоқа надоштан, 4. сухани берабт, бемуносиб.

1. «Дех кучою дарахтон кучо» гуфтагӣ барин ман кучою савод кучо? Монед, акнун пионерони чавон хату саводашонро бароранд.

*Ҳ. Карим «Ҳикояҳо»*

2.— Ана акнун,— гуфт Юнусбобо боз ба чӯш омада,— деҳ кучою дарахтон кучо. Мардак дар чӣ хаёлу шумо дар чӣ хаёл.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

3. «Деҳ кучою дарахтон кучо!» Фельетон дар чӣ хусус нақл мекунаду прокурор дар чӣ хусус чавоб менависад.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 275. Деҳ мебинию фарсанг мепурсӣ

душвории коре дар вақти ичрои он маълум мегардад. Деҳ мебинию фарсанг мепурсӣ гуфтагӣ барин, акнун мушкилии тӯйро фаҳмидам.

**ДЕҲА**

### 276. Деҳа вайрон аст, номи калон дорад

1. исми хушку холӣ, 2. он чи ки танҳо шуҳрату овозаи гузашта дорад.

— Самипошшо,— мегуфт яке аз босмачиён,— ҳеч гоҳ чон Анварро гирифта наметавонад, дере нагузаштааст, ки ин одам дар миёнаи моён пайдо шуд, лекин дар ин муддати андак чорсад аспи бидавро ба худаш махсус карда гирифт; ба болои ин ҳафтае ҳафт зан мегирад, ки ин номаъқулиро Амир Олимхон ҳам накарда буд.

— Ҳар чӣ бошад,— мегуфт босмачии дигаре,— агарчи «деҳа вайрон аст, номи калон дорад», бо шунидани номи ин қӯрбошиёни пас аз кушта шудани Анвар парокандашуда дигарбора дар як чо ғун гардидаанд.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

**ДИГАР**

### 277. Дигар бозорро дидан

1. роҳи дигарро пеш гирифтан, 2. аз паи кори худ шудан.

— Булҳавас гуфта шумо барин олуфтаҷавонҳоро мегӯянд,— аз рафтори Ҳасан хулосаи ҷиддӣ баровард духтар.— Дигар бозорро бинед. Дар савдои умр ҳазл намекунанд.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 278. Дигар хел ранг гирифтан

дигар хел шудан, ба шакли дигар даромадан.

Агар вай раиси комиссия мебуд, кор дигар хел ранг мегирифт.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

### 279. Бо дигар чашм нигоҳ кардан

1. рафтори худро тағьир додан, 2. нуқтаи назари худро дигар кардан; дар ҳаққи касе, чизе ба мулоҳизаи дигар омадан.

Ҳодисаи ба Ситора руйдода ҳамаи моёнро маҷбур мекунад, ки ба ҳаёти пионерони берун аз мактаб бо чашми дигар нигоҳ кунем.

*С. Мавҷуда «Истеъдод» («Айёми мо»)*

### 280. Дигар ҷои гап намонд

1. дигар ба гап ҳоҷат нест, 2. хуб шуд.

1. — Мон! — даст афшонд Юнусбой.— Дигар ҷои гап намонд.

*С. Улуғзода «Навобод»*

2. Акнун агар боз як ғайрат карда бо Саидҷон баробар шуда гирӣ, дигар ҷои гап намемонад.

*Ҷ. Икромӣ «Муҳаббат»*

**ДИГАРАШ**

### 281. Дигараш тани ман

ҷиҳатҳои дигари кор ба зиммаи ман, иҷрои кори боқимонда ба гардани ман.

Коре карда нарядро гирифта биёред, дигараш тани мо.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

**ДИД**

### 282. Диду боздид кардан

мулоқот кардан, вохурӣ намудан, ба дидани якдигар рафтан.

Гусфандчаллобон, даллол ва қассобони Самарқандро диду боздид карда ба сари рамаҳои худ расида омаданд.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 283. Ба диди касе омадан

ба касе маъқул шудан, ба табъи касе хуш омадан.

Вай дар ҷое ки хари таърифиро шунавад, рафта медид ва агар дар ҳақиқат ба дидаш ояд, мехарид...

*С. Ғанӣ «Маҳмуди харбоз» («Тоҷикистон»)*

**ДИДА**

### 284. Дидаву дониста

1. фаҳмида истода, аз вазъият бохабар буда истода, 2. қасдан.

Шумо дидаву дониста гуноҳро ба гардани ман монда истодаед.

### 285. Қасеро дида натавонистан

1. касеро бад дидан, ба касе ҳисси нафрат доштан, 2. ба касе бо ҳасудӣ нигоҳ кардан, ба касе ба назари нотавонбинӣ нигоҳ кардан.

1. Ба шумо маълум аст, ки ҳеҷ гоҳ одами «нобуда» «буда»-ро, «нодор» «дорам»-ро дида наметавонад.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. — Душманони лаънатӣ ҳам артисткаҳо ва ҳам муаллимаҳоро дида наметавонистанд, фурсат ёфта онҳоро куштанӣ мешуданд.

*Ҷ. Икромӣ «Муҳаббат»*

### 286. Дидаи худро об додан

гирья кардан, оби чашм рехтан.

Саодат кокулашро тоб медод<br>Ҳануз у дидаашро об медод.

*М. Турсунзода «Асарҳои мунтахаб»*

**ДИДАН**

### 287. Дидани руи фарзанд

соҳиби фарзанд шудан.

Хусусан пас аз дидани руи фарзанд дар куҳансолии худ зани ҷавонашро чун гавҳараки чашм азиз дошт.

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

**ДИДОР**

### 288. Дидор ба дидор расидан

бо касе мулоқот кардан, пас аз ҷудой ба мулоқоти дуст ё наздики худ муваффақ гардидан.

Аҷаб нест, ки ба воситаи газета аз ҳолу аҳволи якдигар хабардор шавему дидор ба дидор расад, менавиштанд онҳо.

*«Тоҷикистони советӣ»*

**ДИДӢ**

### 289. Дидӣ ки нашуд, мон ки равад

1. агар насиҳатро ба гуш нагирад, бо вай дигар кор надошта бош, 2. чун кушишат дар коре самар набахшад, онро бигузор.

1. — Имруз фардо ҳам дорад. Агар ягон кор шавад, фардо ба хешу таборҳои Аҳмад чӣ ҷавоб мегуем? Айб ба бобост, ки уро нигоҳ надошт. У бачагӣ кунад ҳам, лозим буд, ки бобо ҳаю бош мекард.

— Ба ман-чӣ? — гуфт бобо,— ман як бор-ду бор гап задам, гуш накард. «Ҳарчанд задам, дар нагирифт», «дидӣ ки нашуд, мон кӣ равад» гуфтаанд.

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

2. Акнун, ҷура, ҳама аз ман мегурезанд. Ҷураҳоям ҳам «дидӣ, ки нашуд, мон ки равад» гуён риштаи ошноиро буриданд.

*«Тоҷикистони советӣ»*

**ДИЛ**

### 290. Дили касе абгор шудан

*Ниг.* Дили касе хун шудан.

Онҳо вақте ки гапу калочаи мардумро начакондаю нарезонда бо иловаҳо ба гуши Саодат мерасонданд, руҳияи вай боз ҳам тағьир меёфт ва дилаш абгортар мешуд...

*«Маориф ва маданият»*

### 291. Дили касе аз касе бад бурдан

1. аз касе ба шубҳа афтодан, бадгумон шудан, 2. ба касе эътимод намондан.

Ба болои ин «акнун дилам аз ту бад бурд, дарҳол пули маро ёфта деҳ ё заминҳоро ба ман супор!» гуфта маро танг кардан гирифтанд.

*С. Айнӣ «Марги судхур»*

### 292. Дил аз касе гаштан

1. нисбат ба касе боварӣ, эътиқоди худро гум кардан, 2. касеро бад дидан, дуст надоштан, танаффур доштан.

Аз чӣ сабаб бошад, ки бо худи ин одам дуруст шинос нашуда, аз у дилам гаштааст.

### 293. Дил аз санг будан

дилсахт, бераҳм будан.

1. Чаро ин сон дилат санг аст,
Ҳоламро намечуӣ.

*А. Лоҳутӣ «Куллиёт», ҷ II*

2. На вай гирьяро бас мекарду на ман ба вай тасаллӣ медодам. Гумон накунед, ки дили ман аз санг аст.

*Р. Ҷалил «Ҳамида»*

### 294. Дили касеро аз ҷо бурдан

касеро мафтун намудан, касеро ба худ ошиқ гардонидан.

Чашми сиёҳи оташбор, мижгони дарози ҷоншикор ва абруи каҷи дунболадори у дили ҳар бинандаро аз ҷо мебурд...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 295. Ба дили касе алов афтидан

1. чизе ба хотир омада бесаранҷом, бетоқат гаштан, 2. ба ҳаяҷон, ҷушу хуруш омадан.

1. Ба дилашон алов афтида, ба хонаи доя рафтанд.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

2. Муродхон дар аввал, намедонам аз чӣ сабаб, ба зангирӣ он қадар моил набошад ҳам, дар охир аз сухани янгаам ба дилаш алов афтида розигӣ дод.

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

**296. Дил андохтан**

1. ба касе ё чизе пазмон шудан, ба сабаби дилбастагӣ ба чизе онро ба ёд оварда ғусса хӯрдан, 2. интизор шудан, чашм ба роҳ будан, умедвор гардидан.

1. Паланг (номи саг — *М. Ф.*) дил андохта харобу ҳалок шуда буд. Вай одамони ба сари қабр омадаро то ба ҳавлии Тоҳир меовард.

*Р. Ҷалил «Ҳамида»*

2. Дадем шиппак мебиёранд гуфта дил андохта нишастани бечораро намегӯед-мӣ?

*А. Деҳотӣ «Шеър ва ҳикояҳои мунтахаб»*

**297. Дар дил армон намондан**

орзуи дили касе ҳосил шудан.

1. Лекин ҷояш омада монад, суханатро гуфта гир, ки дар дилат армон намонад.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

2. Акнун дар дили ӯ армон нахоҳад монд.

*Р. Амонов «Орзуи нав»*
*(«Шарқи сурх»)*

**298. Дил ба касе гарм будан**

1. ба касе меҳру муҳаббат доштан, касеро дӯст доштан, 2. ба касе дилпурӣ, эътимод доштан.

Дили Нуралӣ ё аслан ба ман гарм набудааст, ё ки аз ман хунук шудааст, гуфта духтарак шаб болиштро аз оби дида тар мекард.

*С. Улуғзода «Навобод»*

**299. Дил ба касе гарм шудан**

1. касеро дӯст доштан, ба касе меҳр, муҳаббат пайдо кардан, 2. ба касе боварӣ, эътимод пайдо намудан.

1. Хизмати бойро бошад, аз пештара ҳам хубтар ва бисьёртар мекардааст, ки дилаш гарм шуда зудтар тӯй карда, ду дилдодаро ба муродаш расонад.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. I*

2. Аммо дили Алиҷон нисбат ба занаш ба монанди пештара гарм намешуд.

*Р. Амонов «Зиндагӣ»*
*(«Шарқи сурх»)*

3. Ҳамин ки туро хаёл мекардам, дилам гармтар мешуд, ҳеҷ чиз маро наметарсонд (дар фронт — *М. Ф.*).

*С. Улуғзода «Ёрони боҳиммат»*

### 300. Дили касеро ба даст гирифтан

1. касеро аз худ розӣ кунондан, ҳусни таваҷҷуҳи касеро ба худ ҷалб намудан, 2. касеро мафтун, ошиқи худ кардан.

1. Хуб, майлаш, як кори савоб кунам. Одамҳо масҷиду мадраса меандозанд, ман ҳам набошад аз худам пул харҷ накарда дили шуморо ба даст гирам.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. II*

2. — Одами навхонадоршуда ин тавр намекунад, чаро ба хона наменишинӣ, чаро дили бахшидаатро ба даст намегирӣ...

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

### 301. Дили касеро ба даст овардан (даровардан)

*Ниг.* Дили касеро ба даст гирифтан.

1. Абдулло писари бой буд ва ҳамеша кушиш мекард, ки ба Аҳрор нақле карда, дили уро ба даст дарорад.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

2. Ман мехоҳам Нигинаро ба Мансур бахшида, ба ин восита дили уро ба даст оварам.

*С. Улуғзода «Қисмати шоир»*

### 302. Дил ба дил роҳ доштан

1. дусти, меҳр, муҳаббат аз ду тараф будан, ҳусни таваҷҷуҳи мутақобил доштан.

Дил ба дил роҳ дорад мегуянд, барои ҳамин ба шумо лозим аст дар бораи зан шудани он хеле мулоҳиза ва андеша кунед.

### 303. Дил ба касе, чизе кашол будан

1. моил будан, 2. хоҳони чизе будан, 3. ба касе, чизе майл, рағбат доштан.

1. Аммо аз оҳанги сухани у маълум буд, ки дилаш ба рафтан кашол аст.

*С. Улуғзода «Навобод»*

2. Лекин дили духтар ба шумо кашол будааст.

*Р. Амонов «Дар доманаи кӯҳҳои кабуд»*

3. Дар табақ ҳамон таоми дӯстдоштаи ӯ меистод. Дилаш гурусна ва кашол буд.

*С. Улуғзода «Саёҳати Бухоро бо ҳамроҳии С. Айнӣ» («Шарқи сурх»)*

### 304. Дил ба... куча рафта омадан (даромада баромадан)

1. фикру андешаи зиёде кардан, 2. гумону шубҳаҳо доштан, 3. парешон будани хотир.

1. Ҳайдарҷон аз лаби бом ин гапҳоро мешунавиду дили реш-реш гаштааш ба ҳазор куча рафта меомад.

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

2. Чунон ки мегӯянд, дили Салимбой ба сад кӯча даромада мебаромад. Дар қафои расм чизе навишта шуда буд, аммо Салимбой онро ҳануз нахонда, Сабур аз дасти вай рабуд. Наход ки Гулру ба у тақдим карда бошад?

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. II*

3. Аммо дар қишлоқашон ягон каси наздик надоштани Қосимҷонро ба хотир меовардаму боз ба шубҳа меафтодам, боз дилам ба ҳазор куча даромада мебаромад.

*П. Толис «Тобистон»*

### 305. Дили касе ба касе об хурдан

ба касе боварӣ доштан, эътимод кардан.

1. Дилам ба шумо об мехураду ин гапҳоро гуфтамдия, ҷигарам, айб намешуморед.

*Р. Ҷалил «Шуроб»*

2. — Дили ман ба ҳамин хизматгоратон аз аввал ҳам об нахӯрда буд, ба назарам чашму рӯяш беҷо барин.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. I*

3. Якта-нимта чизҳои ба пул меарзидагиро ба хонаи шиносхои дилатон об мехӯрдагӣ бурда монед.

*Р. Ҷалил «Ҳамида»*

### 306. Дили касе ба пушт кашидан

1. тарсидан, ваҳмидан, 2. ба танг омадан, зиқ шудан.

Ба хотир меовардам, кафи поҳоям хоришкунон сузиш мекард, дилам ба пушт мекашид ва нафасам тангӣ мекард.

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

### 307. Дил ба чизе рафтан

чизеро хостан, майли чизе кардан, хоҳони чизе шудан.

1. Дили шумо ба ширбиринҷ суст мераваду мошоба медиҳанд.

*Р. Ҷалил «Субҳи саҳро»*
*(«Шарқи сурх»)*

2. Лекин модарам касал шуданд, ... имрӯз дилашон ба ангур рафтааст.

*Ҷ. Икромӣ «Тори анкабут»*

### 308. Дили касе ба чизе роҳ додан

1. чизеро маъқул донистан, 2. ба чизе боварӣ доштан, 3. раво дидан, 4. фикр, гумонеро аз дил гузарондан.

1. Не, агар дилатон роҳ диҳад, мана партофта худатон рафтан гиред!

*П. Толис «Ҳикояҳои даҳ сол»*

2. Шумо ба дилатон ин гапро роҳ надиҳед. Ман то ҷон дорам, шуморо саришта мекунам.

*«Барои адабиёти социалистӣ»*

3. Бинобар ин ҳеҷ васвасаро ба дил роҳ надода ба Кулоб рафтан... даркор аст.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 309. Дили касе ба касе, чизе сухтан

1. ба касе, чизе тараҳҳум, дилсӯзӣ кардан, ғамхӯрӣ кардан, 2. ба ҳоли касе афсус кардан.

1. Дар қатори он зимистон мурдагон Лутфулло Гуппон ҳам буд, ки ба вай дилам бисьёр сухт.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. II*

2. Ҳатто аз дуруғ гуфтан ҳам шарм намекунад. Ман ба руятон мегуям, дилам ба шумо месузад.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

3. Дар ин дақиқа дили ман аз орди гумшуда ҳам зиёдтар ба Зебӣ месухт, ман аз модарам норозӣ будам, ки чаро вай аз Зебӣ гумонбар шуд.

*С. Улугзода «Субҳи ҷавонии мо»*

### 310. Дили касе ба так кашидан

1. сахт задани дил, тапидани дил, 2. тарсидан, ҳаросидан.

Чархи ақиб аз лаби ҷарӣ нағз гузашт, вале чархи рости пеш ба хоки мулоими лаби ҷар даромад. Дили Амон ба так кашида рафт.

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

### 311. Дил ба тарафи касе будан

ба касе ҳусни таваҷҷуҳ доштан, моил будан.

Шумо ки як хизматгори содиқи ҷонсупори ҷаноби мир мебошед, дили он кас ҳам ҳамеша ба тарафи шумост...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 312. Дили касе ба тахтапушташ рафта часпидан

1. сахт ҳайрон шудан, 2. хеле тарсидан, ҳаросидан.

1. У дасташро ба шофаш бурд. Дили Салом ба тахтапушташ рафта часпид.

2. Номи нависандаи онро хондаму дилам ба тахтапуштам рафта часпид.

*«Газетаи муаллимон»*

### 313. Дили касеро ба худ кашидан

диққати касеро ба худ ҷалб намудан, касеро ба худ роғиб кунондан.

Ин ҷавонмард дили ин духтарро ба худ кашиданист.

### 314. Дили касеро ба ҷӯш овардан

касеро ба завқу ҳавас овардан, ба ҳаяҷон овардан.

Орзую умеди дерина дубора дили уро ба ҷӯш овард.

*«Машъал»*

### 315. Дили касе ба ҷӯш омадан

*Ниг.* Дил ҷӯш задан.

Ҳар кас ки тамошои онро мекунад, руҳаш тоза гардида, дилаш ба ҷӯш меояд...

*Ф. Ниёзӣ «Духтари ҳамсоя»*

### 316. Бо дили бад

1. бо ният, мақсади бад, бо тамаъ, 2. бадқасдона.

— Бигиред, ман инро (тӯҳфа — *М. Ф.*) ба шумо бо дили бад наовардаам.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

### 317. Дили касеро банд кардан

касеро ба худ умедвор кардан, ваъдаи муҳаббат додан, ба зан ё шавҳар шудан ваъда додан.

— Дили як ҷавонеро ба худ банд карда, акнун ялла хонда мегардӣ!

*Ҷ. Икромӣ «Зуҳра»*

### 318. Дили касе бардошта шудан

1. тасаллӣ ёфтан, 2. рӯҳбаланд, далер, хурсанд шудани касе.

1. Ман ҳам аз ҷиҳати ҳамтуман буданамон ва ҳам аз ҷиҳати бисьёр қашшоқ ва аз ёрии маънавии дигарон ноумед будани ӯ, албатта, талабашро бо хурсандӣ ва ба тарзе, ки дили ӯ бардошта шавад, қабул кардам.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

2. Қамтар нишаста чақ-чақ карда меоянд. Дили кампир бардошта мешавад, ғамаш сабуктар мешавад.

### 319. Дили касеро бардоштан

1. ба касе тасаллӣ, дилдорӣ додан, 2. касеро рӯҳбаланд, далер, хурсанд кардан.

1. Баъд аз он ки агротехник сухани Нормуродро қувват дода дили ӯро бардошт, аз вай пурсид...

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

2. «Ин дафъа хеле хуб навиштед ва дафъаи оянда боз хубтар менависед» гуфта дили шогирдони калонсолашро бардошта мемонд.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. II*

3. Аммо ба ман ягон кас ҳам тарафдорӣ намекард, ягон чиз гуфта диламро намебардошт.

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

### 320. Чизеро аз дили касе баровардан

1. Ногувориеро фаромӯш кунондан, 2. ғазаби касеро паст кардан, 3. ғаму ғуссаи касеро бартараф намудан, 4. кина, норозигиеро аз дили касе дур кардан.

1. Инчунин инро ҳис кардам, ки ӯ дар дили худ дарде дорад ва орзу мекардам, ки «чӣ мешуд ягон кор карда он дардро аз дили ӯ мебаровардам, ё ин ки сабуктар менамудам».

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. I*

2. Дар он ҷо як кор ҳаст, онро мекунаму боз омада хафагии Ҳоҷиумарро аз дилаш мебарорам.

*С. Улуғзода «Навобод»*

3. — Ана, аз дилатон бароред, ноҳақ ранҷонда будам.

*Ф. Муҳаммадиев «Савдои умр» («Шарқи сурх»)*

4.— Ҳоҷиумар!.. Агар ту... аз ман... ҳамин қадар хафа шуда боши, ки ҳеҷ... аз дилат бароварда натавонӣ, ман меравам.

*С. Улуғзода «Навобод»*

## 321. Дил бастан

1. ба касе меҳр мондан, касеро нағз дида мондан, дуст доштан, 2. қарор додан, 3. розӣ шудан, тан додан.

1. Аммо вақте ки ҳаракати фикраш ба интизом даромад, ба оиладорӣ ҳам дил баст.

*С. Айнӣ «Мирзо Абдулқодири Бедил»*

2. Мамараҷаб чанд вақт ин ҷониб ба вай дил баста, барои ба ӯ хонадор шудан роҳ меҷуст.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

3. Аммо дигар вақт аз даст рафта буд ва ба ғалтидан (дар гуштингирӣ — *М. Ф.*) дил бастам.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. II*

4. Ҳасан кайҳо умеди худро аз озодӣ канда ва ба асирӣ дил баста буд.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

## 322. Дилу бедилон

бе хоҳиш, бе рағбат, ноҳоҳам, бо дили ноҳоҳам.
Саринженер дилу бедилон кор мекунад.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 323. Дили касеро бетоқат кардан

касеро бесаранҷом кардан, ба ҳаяҷон, изтироб овардан.

Аз либоси он духтар бӯи хуши атри аъло вазида димоғи маро чоқ ва диламро бетоқат мекард.

*С. Айнӣ «Еддоштҳо», қ. II*

### 324. Дил бохтан

*Ниг.* Дили худро бой додан.

1. Фикр мекардам, ки ӯ ба ягон каси дигар дил бохта, ба шавҳар баромад ва маро фаромӯш кард.

*«Тоҷикистони советӣ»*

2. Пеши чунин сели хатар дил набохт,
Якка ба сад душмани хунрез тохт.

*М. Турсунзода «Асарҳои мунтахаб»*

### 325. Дили касеро бурдан

шефта кардан, ошиқ, мафтуни худ гардонидан.

1. Хусусан ба шахсияти хизматгор нарасидани хӯҷаин, ба ман барои хизматгори саҳрой навозишкорона муомила кардани ӯ... дили маро бурда буд.

*С. Айнӣ «Еддоштҳо», қ. III—IV*

2. Акем ба ман сирри дилашро гуфта буд. Хадича чунон дилашро бурдааст, ки дигар тобу тоқаташ намондааст.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

3. Духтар дар ҳусну латофат яктои замон буда, бо як нигоҳ дили ҳар бинандаро мебурд.

*«Занони Тоҷикистон»*

### 326. Дил бухс кардан

зиқ, дилгир шудан.

— Ҳой мардак, боз ба куҷо?

— Аз бекорӣ дилам бухс кард. Ба чойхона рафта, ғубори диламро барорам.

*«Хорпуштак»*

### 327. Дили касеро вайрон кардан

1. касеро руҳан ранҷур кардан, руҳафтода кардан, 2. озурдахотир намудан, 3. мушавваш кардан.

1. Дар вақти ба сафар гуселонидани дустон гириста дили онҳоро вайрон кардан хуб нест...

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

2. — Наход ки ман туро надида, аз дунъё равам?

— Бибиҷон, ин хел гапҳоро нагуед, диламро вайрон накунед.

*Қ. Наимӣ «Соли 1916»*

3. Ман мехостам аз ҳоло ин хабарро расонда дили туро вайрон накунаму рӯзи ба иҷрои хизмат рафтаистодаам гӯям.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

### 328. Дили касе вайрон шудан

1. ба риққат омадан. 2. хафа, ғамгин шудан, 3. ба дараҷаи гиръя расидан.

1. Аммо дили ман бисьёр вайрон шуд, мехостам бо ҳой-ҳой гиръя кунам, аммо барои ташвиш надодани бемор аз овозбарорӣ худдорӣ кардам.

*С. Айнӣ «Мухтасари тарҷимаи ҳоли худам»*

2. Ин ҳолро дида дили Акбар вайрон шуд, хӯриаш омад ва тайёр буд, ки баробари он нозанини гиръён хунгос зада гиръяд...

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

### 329. Дил васеъ будан

1. одами ором, осуда будан, 2. бепарво, беғам, фориғбол будан.

— Хайр камтар танг шавем, ҳеҷ воқеа не, чунон ки мегӯянд, дил васеъ бошад шуд, бародар, биё.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

### 330. Ба дили касе ваҳму ҳарос андохтан

*Ниг.* Ба дили касе воҳима (даҳшат) андохтан.
Дар дили кас беихтиёр ваҳму ҳарос меандохтанд.

*П. Толис «Ҳикояҳои даҳ сол»*

### 331. Ба дили касе воҳима (даҳшат) андохтан

касеро тарсондан, ваҳмонидан.

1. Агар ҳамин васвасаҳо ба дили ман воҳима намеандохт, кайҳо худам ариза бардошта ба район мерафтам.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

2. Дар муддати якчанд дақиқа шаҳр аз овози «дамбар-думбур», «ҷангар-ҷунгур» пур гардида ба дили шунавандагон як навъ даҳшат меандохт.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. II*

### 332. Дили касе ганда шудан

1. хафа, гамгин шудан, 2. ба риққат омадан, 3 гирья ғалаба кардан.

1. Дилам ганда шуд. Ҳаракат мекардам, ки димоғсухтагии худро нафаҳмонам...

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

2. Аҳволи Қосимҷонро дида дилам ганда шуд.

*П. Толис «Тобистон»*

### 333. Аз дил гапе гузаштан

фикр, мулоҳизае аз хаёл гузаштан, дар бораи чизе андешидан.

1. — Росташ, аз дилам ин гап гузашта буд.

*М. Рабиев «Орзуи ҷавонӣ»*
*(«Маҷмуаи пьесаҳои якпардагӣ»)*

2. Аз дили вай чӣ гапҳо мегузаштанд, ки ҷавонро гоҳ маъюсу ғамгин ва гоҳ хурсанду фараҳманд месохтанд.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 334. Дар дил гап доштан

1. сирреро пинҳон доштан, 2. мақсаде доштан, 3. орзуе парваридан.

Ин дар дилаш гапҳои дигар доштааст.

*Ҷ. Икромӣ «Тирмор»*

### 335. Дили гарм доштан

ҳисси дӯстдорӣ доштан, дӯстдор будан; меҳрубон будан.

Фарзанд ба ҳамон кас азиз, ки вай меҳру муҳаббате, дили гарм дошта бошад.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 336. Дили касеро гарм кардан (намудан)

1. касеро ба коре ҷазм кардан, 2. дар касе ҳисси меҳру муҳаббати чизе, касберо ба вуҷуд овардан, 3. ҳусни таваҷҷӯҳи касеро ба худ ҷалб намудан.

1. Пайпоқҳои абрешимӣ ва батинкаҳои локӣ, ки ба ин поҳои нозуки нармин муносибанд, шояд дили туро ба ӯ гарм карда бошад?

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

2. Ашраф низ бо поквиҷдонӣ ва одамдӯстиаш дили мардумро ба худ гарм мекард.

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

3. Агар худат илоҷашро ёфта натавонӣ, барои чӣ дили маро ба мактабхонӣ гарм карда «биё мегурезем» гуфтӣ?

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

4. Фикре ба сари сардор омад, ки ин ҳам аввал духтаракро зуд бо хона таъмин карда, бо ҳамин восита дили ӯро ба худ боз ҳам гарм кардан буд.

*Т. Усмон «Кашфи асрор»*

### 337. Чизеро ба дил гирифтан

1. озурда шудан, ранҷидан, дилгир шудан, 2. аз чизе мутаассир шудан, 3. чизеро дар хотир, ёди худ сахт нигоҳ доштан,

1. — Ман шӯхӣ мекунам, хола,— узр хост почтальон,— боз ба дилатон нагиред?

*Ф. Ниёзӣ «Духтари ҳамсоя»*

2. — Дина ман гапи шуморо дуруст гӯш накардам, ба дилатон нагиред.

*С. Улуғзода «Навобод»*

### 338. Дили касеро гирифтан

1. ҳусни таваҷҷуҳи касеро ба худ ҷалб кардан, назари касеро нисбат ба худ гарм кардан, 2. мавриди боварии касе гардидан, 3. касеро аз худ хурсанд кардан.

То дили раисро гирифтан, дили Хайруллохӯҷа об шуд.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

### 339. Дил гувоҳӣ додан

1. ҳис кардан, 2 боварӣ, дилпурӣ доштан.

1.— Лекин дилам гувоҳӣ дода истодааст, ки,— гуфт Пулод,— ин чизҳо ҳоло ҳозир дар таги хок истодаанд.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. I*

2. Агар бо онҳо суҳбат кунед, ҳақиқатан иқрор мешаванд, ки бо чашмонашон надидаанд, бо дасташон надоштаанду лекин дилашон ба ҳамин гувоҳӣ медиҳад.

*Р. Амонов «Ду қатра ашк»*
*(«Шарқи сурх»)*

3. — Биёед, ака бой, ҳамин бачаро гиред.

— Не, намегирам, дилам гувоҳӣ намедиҳад,— гуфт Абдураҳимбой.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 340. Дил гум задан

1. сахт таппидани дил, 2. сахт хоҳони чизе шудан, ба чизе хеле моил ва роғиб будан.

1. Дилам гум мезанад дар ёди буи мӯи мӯшкинат,
Дами боди сабо зулфат парешон мекунӣ ё не?

*А. Деҳотӣ «Паёмҳои дӯстӣ»*

2. Сагбача сонамро чунон сахт газида гирифт, ки гумон кардам дандонҳояш то мағзи устухонам расид. Дилам ҷудо ҳам гум зада рафт.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. I*

3. Ниҳолҳои дигаронро медидаму дилам гум мезад. «Агар сел намеборид, пахтаи ман ҳам ҳамин хел мешуд...» гуён ҳасрат мекардам дар дилам.

*П. Толис «Ҳикояҳои даҳ сол»*

### 341. Дили касеро гург тала (пора) кардан

1. музтариб, беқарор гардидан, 2. асабонӣ шудан, 3. азоби руҳӣ кашидан, 4. дар бораи касе гумони бад кардан, дар дил шубҳаву гумоне доштан.

1.— Шабҳо андаке бевақт биёяд, диламро гургон тала мекарданду ба куча метохтам...

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

2. Дили уро гургон тала мекарданд, ки дар кучо будани зан ва фарзандашро зудтар фаҳмад.

*Қ. Наимӣ «Рузи равшан»*

3. Хусусан пас аз он ки фаҳмид, бой мехоҳад Фирузаро ба Асо никоҳ карда, аз худаш тую тамошо карда диҳад, истода натавонист, дилашро гургҳо пора мекарданд.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 342. Дилу гурда доштан

далер будан, ҷасорат доштан.

1. Писарам он дилу гурдаро надорад, ки дар айни замои, дар вақтҳое ки ҳамаи ёбонҳо холианд, ба чор санг роҳ рафта омада тавонад.

*С. Айнӣ «Марги судхур»*

2. — Қанӣ, кулак мекардагиҳо дилу гурда дошта бошанд, биёянд.

*Р. Ҷалил «Субҳи саҳро»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 343. Дил дар дасти худ будан

ихтиёр, майл дар дасти худи кас будан, ихтиёр ба дасти бахтиёр.

— Дил дар дасти худи кас аст мегуянд, рост!

### 344. Дил дар ҷое мондан

аз касе, чизе хеле дӯстдоштаи худ ҷудо шудан, маҳрум мондан, доимо дар фикру хаёли ҷое будан.

1. Вай дилашро дар Москва монда омадааст, ки дар ин ҷо хоҳиши зангирӣ надорад.

2. Вай берун мебарояд ва аммо чашм аз дастурхон канда наметавонист, гӯё ки дилаш дар он ҷо монда буд

*А. Деҳотӣ «Паёмҳои дӯстӣ»*

### 345. Дар дил дарде доштан

1. гирифтори ғаму ғусса будан, 2. сирре, мақсаде, муддаое доштан.

1. Инчунин инро ҳам ҳис мекардам, ки ӯ дар дили худ дарде дорад ва орзу мекардам, ки «чӣ мешуд ягон кор карда он дардро аз дили ӯ мебаровардам...»

*С. Айнӣ «Еддоштҳо, қ. I*

2. — Авзоат ҳарруза барин не, писарам, дар дилат ягон дард доштагӣ барин.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо» қ. I*

### 346. Ба дили касе даст андохтан

1. касеро озмудан, фикру мақсади касеро озмуданӣ шудан, 2. дар паи фаҳмидани сирри касе шудан.

Ин гург ба умеди ёфтани чунон шарик тамоми гӯшаву бешаҳои рӯи дуньёро гардида, ба дили ҳар кас даст андохта дидааст.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

### 347. Дил дигару забон дигар будан

1. амали касе ба гуфтааш рост наомадан, 2. мунофиқ будан.

— Ман борҳо аз Аҳмад-махдум шунидаам, ки мегуфт: «Нифоқ бадтарини сифатҳои одамист, худро ба куштан медиҳам, аммо мунофиқӣ намекунам...— аммо мову шумо азбаски ба нифоқ одат кардаем, қабоҳати вай ба назарам наменамояд. Вагарна дар ҳақиқат дил дигару забон дигар будан бадтарини хислатҳост.

*С. Айнӣ «Еддоштҳо» қ. II*

## 348. Дил дили Зайнаб

ихтиёри ҳар як кас ба дасти худ, ҳар кас соҳибихтиёр,

1. — Дил дили Зайнаб гуфтаанд,— гуфт Шоди,— агар ҳамдигарашонро дӯст медошта бошанд, дигар чӣ?

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

3. «Дил дили Зайнаб». Майлаш, ту дар завод кор кун, ман бошам ба Институт даромада мехонам.

*М. Шарқӣ «Мақсади наҷиб» («Тӯҳфаи ҷавонон»)*

## 349. Ба касе дил додан

ба касе таваҷҷӯҳ кардан, ошиқ, мафтуни касе гаштан, касеро дӯст доштан, ба касе дил бохтан.

— Вагарна ман на аз ваъдаам гаштаам ва на ба касе дил додаам ва на ба касе дил хоҳам дод! — гуфт ӯ,— дар дуньё ман ду дилдор дорам, яке аз онҳо Ватани социалистӣ, ки дар айни замон дилдори ту ҳам мебошад, дигараш худи ту!

*С. Айнӣ «Ятим»*

## 350. Дили касеро донистан

1. хоҳиш, майл, мақсади касеро донистан, 2. сирри касеро донистан, 3. чӣ будани нияти касеро фаҳмидан.

1. — Лекин дили ҳамдигарро бояд донем, аз дили ҳамдигар бояд хабардор бошем!

*Ҷ. Икромӣ «Ситора» («Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

2. — Модарон дили фарзандонро медонанд...

*У. Умаров «Кӣ айбдор?» («Пьесаҳои якпардагӣ»)*

## 351. Ба касе, чизе дил доштан

ба касе, чизе майл, хоҳиш, рағбат доштан.

1. — Ҳа, она, ба ман дил надоштед-да?

*С. Саидмуродов ва И. Исмоилов «Тӯҳмат»*

2. — Ман асло дили гирифтани духтари подшоҳро надорам,— гуфт ғулом...

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

3. Ман дили дар шахта кор кардан надорам.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 352. Дили касе доғ шудан

аз мусибате дилсухта ва андуҳгин будан.

Дили Бибӣ Мастура доғ шуда монд... (келини дӯстдошаи ӯ вафот карда буд — *М. Ф.*).

*С. Улуғзода «Навобод»*

### 353. Дили касеро дуздидан

1. касеро бо фиреб ба раъи худ даровардан, 2. касеро ошиқи худ гардонидан.

Оқибат дили духтарро дуздида, соли 1947 ба ӯ хонадор шуд.

*«Хорпуштак»*

### 354. Дили касеро ёфтан

1. ба касе хуш омадан, писанд шудан, маъқул гардидан, 2. таваҷҷӯҳи касеро ба худ ҷалб намудан, 3. касеро ба раъи худ даровардан, ба худ моил намудан.

1. Кампир зӯр зада, ба духтари подшоҳ хизмат кардан гирифту дили ӯро ёфт.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

2. Агар дили Ситораро ёфта тавонам, зани ман Ситора мешавад.

*Ҷ. Икромӣ «Ситора» («Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

3. — Ман ба ин иштибоҳ надорам, вале барои ин сафарам аз модар чӣ тавр ризоӣ гирифтан, чӣ хел дили ӯро ёфтан моро дар хаёл гузошта истодааст.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

4. Мо туро барои он фиристода будем, ки ба одамҳои «Навобод» шинос шавӣ, дили онҳоро ёбӣ, ба онҳо рафиқона ёрӣ расонӣ.

*С. Улуғзода «Навобод»*

### 355. Ба дил задан

аз чизе безор шудан, аз касе, чизе малул, нохуш шудан, аз чизе, касе дилгир, дилтанг гардидан.

1. Ман насихати Мавлавиро гӯш накарда ба саҳро омадам, саҳро ба дилам зад.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. I*

2.— Ваъдаҳои хушку холӣ ба дили ман зад! — ҳамчунон бо ситеза гуфт Нишон.

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

3. Дар кунҷи вагон соатҳо нишастан ба дили капитан Зокирҷон Воҳидов зад.

*Қ. Наимӣ «Рӯзи равшан»*

### 356. Дил занг задан

хафа, дилгир, зиқ, малул, дилтанг шудан.

1. Чанд рӯз боз ашулаи вайро нашунида дилхо занг зад.

*С. Улуғзода «Ҷӯяндагон»*
*(«Шарқи сурх»)*

2. Дили ту ҳам аз они ман барин аз зиқӣ занг задагист.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

### 357. Дар дили касе зангу ғубор намондан

осори алам, зиқӣ, ҳасрат дар дил намондан, аз кинаву адоват пок шудан.

— Чӣ тавр нағз! Дар дили кас зангу ғуборе намонад, ҳамин тавр не?

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

### 358. Ба дили касе изтироб андохтан

1. касеро ба ҳаяҷон овардан, 2. ошуфта, мушаввaш, асабонӣ кардан.

Дермонии ӯ ба дили модар изтироб андохт.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

### 359. Дили касеро кабоб кардан

1. касеро азоб додан, сӯзондан, ба сӯзу гудоз овардан. 2. сахт ғамгин, доғдор кардан.

1. Нози бутон дили фуқароро кабоб кард,
Бояд ба зидди лоларухон инқилоб кард.

*А. Лоҳутӣ «Куллиёт», ч. I*

2. — Қайҳост, ки муҳаббати шумо дили маро кабоб кардааст.

*«Хорпуштак»*

### 360. Аз касе, чизе дил кандан

1. аз баҳри касе, чизе гузаштан, 2. чизеро тарк кардан, 3. фаромӯш намудан.

1. Аммо аз он ҷо, ки ман шумоёнро беҳтарин ҷавонони ҳозираи Бухоро донистам, бо вуҷуди суҳбататон барои ман дилгиркунанда будан поямро аз ин ҷо намеканам, ҷунки аз худҳотон дил канда наметавонам.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. IV*

2. Ҳасан аз аспу аз ароба мағар,
Метавонад, ки дасту дил шӯяд,
Метавонад, ки аз аробакашӣ
Дил канад, касби дигаре ҷӯяд?

*М. Турсунзода «Асарҳои мунтахаб»*

3. Ман чӣ хел аз ту дил канда, туро партофта меравам?

*С. Улуғзода «Ёрони боҳиммат»*

4. Аз ватан дил кандан мушкил...

*Ғ. Абдулло ва Ш. Қиёмов «Туфон»*

### 361. Дил кашидан

1. ба чизе, касе майл, хоҳиш доштан, хоҳони чизе, касе шудан, 2. мувофиқи табъ будан, 3. майл ва иштиҳои хурдани чизеро доштан.

1. Дилаш одами муйсафедро мекашидааст-дия...

*Р. Ҳайдаров «Ду дилдода»*
*(«Шарқи сурх»)*

2. Аммо ба сабаби он ҳама корҳои дилбеҷокунанда иштиҳои ман кӯр шуда буд ва дилам чизе намекашид.

*С. Айнӣ «Марги судхур»*

### 362. Ба касе, чизе дил кашол шудан

ба чизе, касе моил, толиб, орзуманд шудан.

1. «Агар дилаш ба дидани мулки худ» кашол шавад, дар рӯзҳои таътил — дар вақтҳое ки талабагон ба сайру гашт рафта бошанд, ё ин ки кас кам монда бошад, як даромада давр зада мебаромад.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. IV*

2. Ҳамин қадар телефон кардам, ҳеҷ кас ҳа нагуфт, охир худам хеста омадам. Муҳаббат-дия, дилам кашол шуд.

*Ҷ. Икромӣ «Муҳаббат»*

### 363. Дили касе каҷ будан

ба касе бо назари бад нигоҳ кардан, дар ҳаққи касе андешаи бад доштан, бадгумон будан.

1. — Дили худатон, ки каҷ аст, дили дигаронро ҳам каҷ мебинед!

*Ф. Ансорӣ «Ҳаёт ва ишқ»*
*(«Шарқи сурх»)*

2. — Лекин дили мо каҷ нест, мо бо дили рост нигох мекунем,— илова кард домулло.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. II*

### 364. Дил кушода шудан (ғаштан)

1. аз ғаму андуҳ фориғ шудан, 2. хурсанд гардидан, 3. ҳузуру ҳаловат кардан.

1. — Хуҷаин дар хона нест, камтар дилам кушода шавад гуфта ин ҷо баромада нишастаам.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Зану бачаатро ҳамроҳ мебарам, падару модарашро дида, дилаш кушода шуда меояд.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

### 365. Дил кушодан

1. андеша, фикр, ақида, мақсади худро ба касе гуфтан, 2. сирреро ошкор намудан.

Дигаре аз ҳамин гузар Ҳоҷӣ-Абдусалом ном дарзӣ буд, ки касбаш дарздузӣ буда, дилашро дар ин ҷо мекушод ва кӯфтагиҳои аз дарздузӣ пайдошудаашро дар ин ҷо бартараф мекард.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. IV*

### 366. Дили касеро кушодан

1. касеро хурсанд, фараҳманд кардан, 2. аз ғаму ғусса фориғ намудан.

1. Ту як вақт ба ман гуфта будӣ, ки аз сафар дили одам кушода мешавад.

*М. Миршакар «Шаҳри ман»*
*(«Шарқи сурх»)*

2. Азимшоҳ бо ин ҳама кӯшиши закотчӣ ба ёфт шудани пулаш умед надошт, «тири аз камон ҷаста боз гашта намеояд» мегуфт, бинобар ин дилаш ҳеҷ кушода намешуд...

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 367. Дили касе ларзидан

ҳаросидан, тарсидан, ба ваҳм афтидан.

Аз ин сухани бой дили Бозор ларзид, зеро пас аз набудани барзагов, аз замин — аз деҳқонӣ фоида нахоҳад гирифт.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 368. Дили касеро лахта кардан

*Ниг.* Дили касеро хун кардан.

«Пухтакорӣ ба кори пахта кунем,
Дили душман зи ғусса лахта кунем».

*С. Ҷавҳаризода «Хосиятой»*

### 369. Дил мекашаду по медавад

1. ба ҷое бо камоли хурсандӣ рафтан, 2. кореро бо рағбат кардан.

Ба суи кулбаи худ монанди мурғи аз қафас озодшуда парида мерафт. Бе чиз ҳам нагуфтаанд, ки «дил мекашаду по медавад».

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

### 370. Аз касе дил мондан

аз касе озурда шудан, ранҷидан, дилгир, дилхунук, хафа гардидан.

1. Аз Саидоват боз дилам монд.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. II*

2. — Медонӣ, модар, аз ҳамин Фарида дилам монда истодааст.

*М. Рустамова «Дугонаҳо»*
*(«Шарқи сурх»)*

3. Баъд, як ҳамсояи дигарамон манту пазонда будааст, дилаш намонад, гуфта аз вай ҳам фақат сӣ-чил дона тановул кардам.

*«Латифаҳои тоҷики»*

### 371. Дил назаргоҳи ҳақ аст

дил аз ҳодисае пешакӣ гувоҳӣ медиҳад, пешомадро меогоҳонад.

Ман ҳамин хел шуданашро, бовар кунед, ки пешакӣ ҳис кардам. Дил назаргоҳи ҳақ-дия.

*А. Баҳорӣ «Одамони шинос»*

### 372. Чизе аз дили касе нарафтан

чизеро аз ёди худ набаровардан, фаромӯш накардан.

1. Таъсири он зарба ҳанӯз аз дилам нарафта буд.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. I*

2. Орзуи саводнок шудан аз дилам намерафт.

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

3. Лекин кинааш то мурданам аз дилам намеравад.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 373. Дили касеро нарм кардан

1. касеро аз қаҳру ғазаб фуровардан, 2. касеро ба чизе розӣ кунондан.

Зан кӯшиш мекард, ки дили шавҳарашро нарм карда, ба кори фабрика дарояд.

### 374. Дили касе нарм шудан

1. аз қаҳру ғазаб фаромадани касе, 2. ба чизе розӣ шудан, 3. раҳм кардан.

1. Аммо ясавул аз он касон набуд, ки ба заифнолиҳои як духтар дилаш нарм шавад ва раҳме ба дилаш ояд...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Вале аз ин гапҳо дили занак нарм нашуд, баръакс, вай гуноҳашро рӯпӯш карда, якбора шӯрида рафт...

*«Машъал»*

3. Миёни ҳар ду сар карда аз ин шаб
Басе бозори суҳбат гарм мешуд.
Дили модар, ки аз меҳр аст лаб-лаб,
Чӣ мегӯед, кам-кам нарм мешуд.

*А. Шукӯҳӣ «Кӯчабоғи ошиқон»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 375. Дар дил нақш бастан

дар хотир, дар ёд мондан.

Дар саҳро бо ҳаммактаби собиқаш Хайринисо вохӯрд, ки ин вохӯрӣ дар дили ӯ абадӣ нақш баст.

*Р. Ҳайдаров «Ду дилдода»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 376. Ба дили касе нигоҳ кардан

хоҳиш, майли касеро ба назар гирифтан.

Вале дили модараш ба як духтари дигар кашол... албатта, ба дили писарамон нигоҳ мекунем.

*Р. Амонов «Дар доманаи кӯҳҳои кабуд»*

### 377. Дили касе нимта шудан

1. бисьёр мусибат, кулфат, азоб кашидан, 2. ғам хурдан, 3. маъюс гаштан.

1. Охир ҳар гоҳ ки Майрам падарашро ба ёд меовард, дилаш нимта мешуду бо ашки сард дили худро таскин медод.

*«Маориф ва маданият»*

2. Аммо баъди бо чашми худ дидани гову гусфандони харобу адо ва оғилхонаи тангу шифткушода дилаш нимта шуда рафт...

*«Хорпуштак»*

### 378. Ба дил нишастан

маъқул шудан, писанд омадан, ба хоҳиши касе мувофиқ омадани чизе.

1. Имрӯз худатон сохтмонро аз як сар давр занед, тамошо кунед, кадом коре ки ба дилатон нишаст, омада гуед, марҳамат, бо ҷону дил қабул мекунем.

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

2. Қиёфаи мутакаббирона ва худороии худписандонаи ӯ дар дили ман нишаста буд ва дили ман намехост, ки Ҳоҷӣ Абдулазизе, ки мо солҳо боз симои ӯро ғоибона мисли як симои санъати руҳафзо дар хаёли худ муҷассам карда гашта будем, ҳамин одами нафратангез бошад.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

### 379. Дил нозук (будан)

1. ҳассос будан, 2. зудранҷ будан.

1. Дар вақти суҳбат ҳушьёр бош, ки дили вай нозук аст, боз бо ягон гап табъи уро хира накунӣ!

2.— Охир, чаро ҷанг кардед? Дили бача нозук нагуфтед.

*Ф. Ансорӣ «Ҳаёт ва ишқ»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 380. Бо дили нохоҳам

1. бе шавқу рағбат, 2. нохоҳам, маҷбуран.

Зайнура лухтаки дар дасташ бударо ба як сӯ гузошта бо дили нохоҳам аз дар баромад.

*«Маориф ва маданият»*

### 381. Дили нохоҳам узри бисьёр

кас агар майл ва хоҳиши иҷрои кореро надошта бошад, баҳонаи зиёде меёбад.

1. Аз ин маънидодкунии бесару нӯг фақат як хулоса баровардан мумкин аст: дили нохоҳам узри бисьёр.

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

2. Ҳоҷиумар шубҳа надошт, ки суханҳои Юнусбой ва «шартҳои» вай ғайр аз «дили нохоҳаму узри бисьёр» чизи дигар нест...

*С. Улуғзода «Навобод»*

### 382. Дили касеро обу адо кардан

1. касеро азобу азият додан, 2. касеро гирифтори нохушӣ, мусибат, ғусса кардан.

— Ин хел бошад, хафа шуда омада, диламро обу адо накун!

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. II*

### 383. Дили касе обу адо шудан

1. гирифтори азобу азият гардидан, 2. мусибатзада шудан.

Биё, э дил, ба Лутфӣ дилбарӣ кун
Ки бе рӯи ту шуд обу адо дил.

*Л. Обидхӯҷаев «Асарҳои мунтахаб»*

### 384. Дили касеро об кардан

1. касеро азобу азият додан, ғамгин кардан, 2. мутаассир намудан, ба ҳаяҷон овардан, 3. касеро интизору нигарон кардан.

1. Чунки садои танбур, хусусан, аз расидани нохуни ягон ҳунарманд ба тор бароядaд, дили шунавандаро об карда мегирьёнад...

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

2. — Вой дод-э!... Гуноҳи ӯ чӣ буд-э... акнун мани сиёҳсар чӣ кор мекунам-э!.. гӯён садои занони гуногун баланд мегардад ва аз паи инҳо садои бачагони хурдсол баромада дилҳоро об мекард.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

3. Тоҳир, ту хоб кардӣ
Ҳай хоби боб кардӣ,
Бархез ки дили мо
Бисьёр об кардӣ.

*М. Турсунзода «Ман аз Шарқи озод»*

### 385. Ба дил оби сард (хунук) задан

1. аз чизе дилхунук шудан, 2. аз раъи худ гаштан; ноумед шудан.

1. — Мардум маро пулдор гумон мекунанд. Бинобар ин баъзе duздон ва бечорагон чанд гоҳ ба дунболи ман афтода буданд. Чун онҳо фаҳмиданд, ки ман дар хонаи худ ҳатто як пули сиёҳро ҳам нигоҳ намедорам, ба дилашон оби сард зада маро ба ҳоли худ гузошта, паси кори худ рафтанд...

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

2. Умарҷон ба дилаш оби хунук зада, ба кӯча баромада бо як ҷӯрааш маслиҳат кард.

*С. Ғанӣ «Табассум»*

### 386. Дили касе об шудан (гардидан)

1. ғаму ғусса хӯрдан, азоб кашидан, 2. мутаассир шудан.

1. Ҷисми лоғари модарашро дида, дилаш об шуда рафт.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

2. Ба ашӯлааш дилам об шуд.

*С. Ғанӣ «Тӯй»*

3. То дили раиси навро гирифтан, дили ман об шуд.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

### 387. Дили одам аз санг сахту аз гул нозук аст

одам ба сахтиҳои тоқатнопазири зиёд истодагӣ мекунад, у иродаи сахт дорад, аммо аз андак чиз меранҷад.

— Алқисса, як бачамарди шердил омада-омада як нотавони шикастадил шудааст, ҳамин тавр не?

— Беҳуда нагуфтаанд, ки «дили одам аз санг сахту аз гул нозук аст».

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

### 388. Дили одаткарда — балои ҷон

тарки одат мушкил аст.

1. «Дили одаткарда — балои ҷон» гуфтаанд. Одаме, ки ба муфтхӯрӣ одат кардааст, боз ҳам муфташро мекобад.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

2. «Дили одаткарда — балои ҷон» мегӯянд. Дере нагузашта боз ҷанҷоли ӯ бо занаш сар шуд.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 389. Дили касеро озор додан

касеро ранҷонидан.

Саодатбибӣ, ки аз ин шаттагӯӣ, дил ранҷонидани духтараш ранҷида буд, ба ҳоли усто Зоҳир раҳм мекард ва мехост, ки Гулрӯ як ба вай нигоҳ кунад, лаб газаду «бас кун, духтарҷон, дили одамро озор надеҳ» гӯяд.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. II*

### 390. Дили касе озор ёфтан

ранҷидан, озурда шудани касе.

1. Наёбад то дили ту аз ман озор,
Нагардӣ то аз ин дарбор безор,
Гузаштам ман гуноҳи духтарамро,
Гуноҳи духтари бадгавҳарамро.

*М. Турсунзода «Асарҳои мунтахаб»*

2. Аз ин гап дили азимҷон боз бештар озор ёфт.

*Т. Усмон «Кашфи асрор»*

### 391. Дили касеро озурда кардан

*Ниг.* Дили касеро озор додан.

— Бисьёр хуб, лекин дили маро озурда накунед, раисҷон.

*Ҷ. Икромӣ «Ситора» («Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

### 392. Дили омӯхта — балои ҷон

*Ниг.* Дили одаткарда — балои ҷон.

Камолпошшо, ки хуруҷ карда мамлакати аз даст рафтаи Туркияро боз ба даст даровард, «мабодо ҷанҷол ва

фитнае барпо накунад» гуфта инро дубора дар он ҷо роҳ надод: «Дили омӯхта — балои ҷон» гуфтаанд, ба болои ин худаш як одами лофакии паррами беандеша аст.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 393. Ба дили касе оташ андохтан

1. касеро ошуфта, парешон, мушавваш кардан, 2. касеро ба ҳаяҷон овардан.

Ин иблис ба дили ман оташ андохт. Бо вуҷуди он қадар хастагӣ хоб аз чашмам рафт.

*Р. Ҷалил «Ҳамида»*

### 394. Ба дили касе оташ афтодан

1. беқарор, бесаранҷом гардидан, 2. ошуфта шудан.

Ҳар чанд савол болои савол дода, кунҷковӣ кунам ҳам, Андрей ғайр аз ҳамин хел ҷавобҳои кутоҳи муғлак дигар чизе намегуфт. Бо таъбири халқ, ба дилам оташ афтод.

*Ф. Ниёзӣ «Ҳиссае аз қиссаҳои ҷанг» («Шарқи сурх»)*

### 395. Дар дил парваридан

чизеро орзу карда гаштан, дар ҳаваси чизе будан.

Толиб бо Шокирова шахсан шинос набуд, лекин аз бисьёр касон таърифи хислатҳои хуб ва кордонии ӯро шунида, нисбат ба ӯ дар дил ҳусни таваҷҷуҳ мепарварид.

*Р. Амонов «Дар доманаи кӯҳҳои кабуд»*

### 396. Дили касеро пора (пора-пора) кардан

*Ниг.* Дили касеро об кардан.

Лекин нолаи кӯдак хомӯш намешуд, торафт дили моро пора мекард.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо, қ. I*

### 397. Дили касе пора-пора шудан (гардидан)

сахт ғамгин шудан.

1. — Ҳар чӣ хоҳӣ кун, аммо тойчаро ба ман деҳ, ки агар надиҳӣ, дар ҳасраташ дилам пора-пора мешавад,— ба зори медарояд пирамард.

*С. Улуғзода «Навобод»*

2. Доду фарьёди мардум бетаъсир намемондааст. Ин доду фарьёдҳо ҷамъ шуда-ҷамъ шуда чунон ба наъраи бадҳайбат ва ғулғуладоре мубаддал мешудааст, ки дили золим аз он пора-пора мегардидааст.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

## 398. Бо дили пур

1. бо боварӣ, боэътимод, боумед, 2. бо хотири ҷамъ.

1. Ба ҳамин тариқ, Илья ҷӯраи худро дар сари кӯча ҳайрону парешон монду худ бо дили пур ва хотири ҷамъ ба шаҳраш баргашт.

*Ф. Муҳаммадиев «Меҳри диёр»*
*(«Чароғи ирфон»)*

2. Бо даҳони пур, бо дили пур гап мезанад.

*Ф. Ансорӣ «Ҳаёт ва ишқ»*
*(«Шарқи сурх»)*

## 399. Дили касе пур будан

1. боварӣ, эътимод доштан, 2. аз касе, чизе хотирҷамъ будан, 3. ба чизе умедвор будан.

1. Ба Пирак ҳам, ҳар чанд ки ба ӯ дилаш пур буд, дар бораи забони русӣ кам гап мезад.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. II*

2. — Азбаски ба шутурҳоям дилам пур аст, онҳоро ба киро андохтам.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

3. — Рафиқ Собиров, дилатон пур бошад, ки аз худи пагоҳ ба ислоҳи камбудии чорводорӣ шурӯъ мекунам.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

4. Раисон, гарчанде ба муваффақияти кор он қадар дилашон пур набошад ҳам, ба ҳукми «аз карнайчӣ як пуф» як бор ба пеши Аҳмадҷон рафта гуфтугӯ карданро маслиҳат доданд.

*С. Улуғзода «Навобод»*

### 400. Дили касеро пур кардан

касеро ба чизе бовар кунондан, хотирҷамъ намудан; касеро ба чизе умедвор кардан.

1. — Худо якта, гап якта, хотирҷамъ бошед! — гуфта Сангин дили ноибро бо қасам пур кард.

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

2. Вакилшаванда ҳам барои дили ӯро ба худ пур кардан баъзе ҷойҳои дуруст фаҳмиданашудаи ҷанҷолро такрор пурсида гирифтааст...

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

### 401. Дили касе пур шудан

1. ба чизе, касе боварӣ, эътимод доштан, боварӣ ҳосил кардан, 2. ғамгин шудан, 3. рӯй додани ҳолати гирья.

1. Ба камбағалтарин одамоне, ки ба онҳо дилаш пур шавад, тақсим карда медод.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

2. Вале боз дилаш пур нашуда пурсид:
— Шумо кӣ мешавед?

*С. Улуғзода «Эрони боҳиммат»*

3. Ҳатто ба аскарони хоссаи худаш ҳам дилаш пур намешавад.

*С. Айнӣ «Ятим»*

4. Гулнор дид, ки сукуташ аломати ризо шуда, кор аз дасташ рафт, якбора дилаш пур шуда ҳиққасзанон гиристан гирифт.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

5. Бечора модар ба онҳо менигаристу дилаш пур шуда лабонаш пир-пир парида даруннакӣ гирья мекард, бедуд месӯхт.

*«Маориф ва маданият»*

### 402. Дили касе равшан шудан

табъ кушода шудан, димоғчоқ, хурсанд гардидан.

Дилам равшан шуда, боз маро кайфияти форами пагоҳина фаро гирифт.

*Р. Амонов «Меҳрӣ»*
*(«Шарқи сурх»)*

## 403. Дили касе рамидан

ҳаросидан, тарсидан, аз чизе хавф бурдан.

Инро дида дили ман каме рамида монд.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

## 404. Дили касеро ранҷонидан

касеро ранҷондан, озурдахотир кардан, боиси ранҷиши касе шудан.

1. — Ту дили муқаддаси маро ранҷондӣ, ту виҷдони поки маро ба ҷӯш овардӣ!

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

2. Саодатбибӣ мехост хонаро танҳо ёфта ба духтараш насиҳат кунад, ки дили одамонро ин хел наранҷонад...

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», к. II*

## 405. Ба дили касе расидан

1. ба касе таъсир кардан, 2. боиси алам ва ранҷиши касе шудан.

1. Гапҳояш ҳақ буданду рост ба дилам рафта мерасиданд.

*П. Толис «Ҳикояҳо»*

2. Ба дили ман аллакай расид. Дигар ман тоқати дар ин ҷо мондан надорам.

*«Тоҷикистони советӣ»*

## 406. Ба дили касе рафта ...

ба хотири касе, барои эҳтирому хурсандии касе.

1. Лекин шогирдон ба дили домулло рафта, ақаллан, ту ба кӣ гап мезанӣ, намегуфтанд.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

2. — Ягон бор ба дилам рафта, хурсанд накардӣ, накардӣ-дия.

*Ф. Муҳаммадиев «Тири хокхурда»*

### 407. Чизе ба дили касе рехтан

1. ба дил задан, безор шудан, 2. чизе ба касе сахт таъсир кардан.

— Лекин омада моро дастгир карданат аз як ҷиҳат нағз шуд,— гуфт у,— зеро ман ин сирро ба касе намегуфтам, аммо ин кор чунон ба дилам рехта буд, ки гудда шуда монда, рафта-рафта зардоб гардида маро бемори бистарӣ карданаш мумкин буд.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

### 408. Дили касеро реш (реш-реш) кардан

1. касеро аламзада кардан, сахт гамгин кардан; ба азоб андохтан, 2. ба ҳаяҷон овардан.

1. Дидани аҳволи Зебӣ дили ҳар касро ҳам реш мекард.

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

2. Ин ҳолати маъюсии духтар дили капитанро реш-реш кард.

*Қ. Наимӣ «Рузи равшан»*

### 409. Дили касеро ром кардан

касеро ба худ ҷазб, моил кардан, ҳусни таваҷҷуҳи касеро ба худ ҷалб кардан.

Намедонист, ки чӣ навъ дили маро ба худ ром кунад.

*«Барои адабиёти социалистӣ»*

### 410. Аз дили ростӣ

1. аз самими дил, 2. ҳаққонӣ, бетарафона.

— Ин гапатон ҳам дуруст,— гуфт оқсаққол аз дили ростӣ.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 411. Ба дили касе роҳ ёфтан

ёфтани роҳи ба даст даровардани меҳру муҳаббат, илтифот ва боварии касе.

1.— Э, Латиф, кӣ медонад, эҳтимол ту ба дили ӯ роҳ ёфта тавонӣ?

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

2. Аз кучое ки набошад пайдо мекунам, ба дили вай роҳ меёбам.

*Ғ. Абдулло «Қарзи виҷдон»*

3. Охир, дар сохтмоне ки 35 миллат кор мекунад, бо ҳама забон пайдо кардан, ба дили ҳар кадоми вай роҳ ёфтан кори осон нест.

*Ғ. Абдулло «Водии бахт»*
*(«Маориф ва маданият»)*

### 412. Дили касеро сабук кардан

1. ба касе тасаллӣ додан, дилбардорӣ кардан, 2. касеро хушвақт намудан.

— Отунҷон, хуб диламро сабук кардед, ҳамеша сиҳат-саломат бошеду асло руи камиро набинед; хайрият, ки шумо будед, набошад дилам аз ғусса торс мекафид.

*Ф. Ниёзӣ «Духтари ҳамсоя»*

### 413. Ба дил санг бастан

ба мушкилӣ тоқат овардан, ба мушкилӣ тан додан.

Аммо дар ҳақиқат Мунаввара дар азоб буд. Рафиқ ва дӯсти мактабӣ, ошнои деринаи худро аз даст додан барои вай осон набуд. Лекин вай тамоми вазниниро ба худ гирифта ба ҳамин роҳ рафт, ба дилаш санг баста аз Сангин ҳар гуна алоқаро канданӣ шуд...

*Ҷ. Икромӣ «Ғусса»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 414. Дили касе сард шудан

1. нисбат ба касе, чизе бемайл, бешавқ, берағбат гардидан, 2. аз касе дилмонда, дилгир, хафа шудан.

1. Дили соҳибкорон аз инҳо сард шуда, ба корхонае роҳ намедиҳанд.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. I*

2. Эй куртасафед, куртаат гард шудааст,
Аз мо чӣ бадӣ дидӣ, дилат сард шудааст?

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

### 415. Бо дили сафед

бо нияти холис, бе ғараз, софдилона.

Маро бо дили сафед ва синаи пурумед фотиҳа диҳӣ, ки дар ин сафар аз хатарҳо эмин монам.

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

### 416. Дили касе сахт будан

1. одами бераҳм, бешафқат будан, 2. сахтгир будан, 3. мутаассирнашаванда будан.

Зеро дили онҳо он қадар сахт буд, ки гирья ва зорин бадбахтоне, ки ин гуна фоҷиа бар сарашон афтодааст, сабаби қаҳқосзанон хандидани онон мегардад.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 417. Ба дили касе сахт расидан

касеро сахт озор додан, ранҷонидан, хафа кардан.

1. Ҳаминрӯза кораш ба дилам ҷудо ҳам сахт расид.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. I*

2. — Дар гӯр шавад забони ман, авсунҷон, «ба дилаш сахт мерасидагист» нагуфта, гап задан мегирам.

*Р. Файзӣ «Модаршу»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 418. Дили сиёҳ доштан

1. одами бадкина, бадхоҳ будан, 2. одами ғаразкор будан.

Мегӯянд, ки рухсори касе ки аз хиҷолат сурх мешавад, вай дили сиёҳ надорад.

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

### 419. Дили касеро сиёҳӣ зер (пахш) кардан

1. ғамгин шудан, 2. пешомади бадеро ҳис кардан.

1. Аммо аз чӣ буд, ки пас аз район баргашта омадан дилашро сиёҳӣ зер карда буд.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

2. Дили Халилҷонро сиёҳи пахш кард.

*«Хорпуштак»*

### 420. Дили касеро сиёҳ кардан

1. бо хабаре ё гапе касеро ғамгин, андуҳгин кардан, 2. мушавваш намудан.

1. Саргузашти ман дуру дароз ва дарди ман бедавост. Шунидани он гапҳо шуморо дарди сар ва дилатонро сиёҳ мекунад.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III*

2. Аммо бачаи хеле гарданшах будааст, дар пеши шарикҳо дили маро сиёҳ карда монд.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

3. — Дилата сиёҳ накун, тўяш сарашро хўрад...

*С. Улуғзода «Навобод»*

### 421. Дили касе сиёҳ шудан (гаштан)

1. хафа, ғамгин, андуҳгин гардидан, 2. мушавваш шудан.

1. — Дар бозори гўсфанди Бухоро як маблағ пулро дуздондам, бинобар ин дилам сиёҳ шуда корҳои зарурии худамро ҳам нимкора партофта зуд баргаштам...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Қори Ишкамба дар он рўзҳо ба кўча камтар мебаромад ва дар вақти ба кўча баромадан ҳам бо тангкўчаҳо ва паскўчаҳо роҳ мерафт, то ки ба ягон одами «шумхабар» вохўрда, хабари бадеро шунида дилаш сиёҳ нашавад.

*С. Айнӣ «Марги судхўр»*

### 422. Ба дили касе сих задан

1. ба касе гапи талх задан, сухани нешдор зада дили касеро озурдан, 2. ба касе пичинг кардан.

Ҳамаи ин майлаш, вай аз кор наметарсид, аз меҳнат сар наметофт, агар уро таҳқир намекарданд, агар ҳар замон ба дили дардноки ў сих намезаданд...

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 423. Бо дили соф

1. ҳаққонӣ, 2. беғаразона, 3. боинсофона.

Толиб аз ин одам фақат ҳаминро талаб мекард, ки аз қасди ноҷоизи худ даст кашад, дурусташ, ба рисолаи вай бо дили софу назари гарм муносибат кунад.

*Р. Амонов «Дар доманаи кӯҳҳои кабуд»*

### 424. Ба дили сӯхтаи касе намакоб задан

дард, азоб, машаққати касеро зиёд кардан.

— Бисьёр чапгирӣ макун, ба дили сӯхтаи ман намакоб мазан!

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 425. Дили касе танг будан

1. муқобили дил васеъ будан; тангҳавсала будан, зиқ будан, ғамгин, малул, озурдахотир будан.

1. Дилаш бисьёр танг аст.

*«Занони Тоҷикистон»*

2. Дилам танг аст, эй мутриб, даҳонатро шавам қурбон!

Бихон шеъру бизан як дам рубоб оҳиста-оҳиста.

*А. Лоҳутӣ «Куллиёт», ҷ. II*

### 426. Дили касе танг шудан

зиқ шудан; ғамгин, малул, озурдахотир шудан.

1. Аз ин ҳол дили ӯ аз ҳад зиед танг шуда рафт.

*С. Айнӣ «Ятим»*

2. -- Не,— гуфт,— хобам намебарад. Дилам танг шуд.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

3. Ҳамин ки вай ба хотирам расид, дилам аз гусса танг мешавад.

*Ғ. Абдулло «Шери занҷиршикан»*

## 427. Дили касе тангӣ кардан

*Ниг.* Дили касе танг шудан.

1. Чунки у чизеро намефаҳмид ва фаҳмидан ҳам намехост ва дили ман тангӣ мекард.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

2. — Ҳар чӣ бошад, дили ман танги кард, ягон базм ёфта меравем.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

## 428. Дили касе таҳ-таҳ кашидан

чизеро сахт хосган, ба чизе хеле талабгор будан, дар орзую ҳаваси касе, чизе шудан.

Ман медонам, ки дили худат таҳ-таҳ кашида истодааст. Зани хурди бойбобо мешавӣ.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

## 429. Дили касе тоб хӯрдан

1. рӯй додани як ҳолати ҳаяҷон ва изтироб аз дидани ё шунидани ҳодисае, ба изтироб афтидан, 2. ғамгин, хафа, озурдахотир шудан.

Ҳоҷиумар ранги рӯи канда ва кабудии таги чашмони уро дида, дилаш як тоб хурд.

*С. Улуғзода «Навобод»*

## 430. Дил торик будан

1. хафа, ғамгин будан, 2. мушавваш будан.

1. Таги дилам шаб барин торик буд. Медонистам, ки дар қишлоқ ҳаёт ба ман он қадар ҳам бо завқ нигоҳ нахоҳад кард.

*«Барои адабиёти социалистӣ»*

2. Дили Мухтор, ки аслан торик буд, якбора сип-сиёҳ шуда монд.

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

### 431. Дили касе торс кафидан

ниҳоят дилтанг, асабонӣ шудан, дилтанғ, хафа, ғамгин гардидан.

1. Хайрият, ки шумо будед, набошад дилам аз ғусса торс мекафид.

*Ф. Ниёзӣ «Духтари ҳамсоя»*

2. — Ҳеҷ тоқат надорам ба ин идорашинӣ... дилам торс кафида истодааст.

*Қ. Содиқ «Рустами дашт»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 432. Дили касеро торс кафондан

1. касеро зиқ, асабӣ кардан, 2. ғамгин кардан.

Ин дилвасеъгӣ ва фориғмасъалагии бой қариб буд, ки дили Алиро торс кафонад.

*Р. Ҷалил «Гулрӯ»*

### 433. Дили касе фараҳ ёфтан

хурсанд, шод, фараҳманд гардидан.

Вақте ки... ба хоку хун афтодани фашистонро медид, дилаш фараҳ меёфт ва як қувваташ даҳ мешуд...

*Ҷ. Икромӣ «Достони марди танкшикан»*

### 434. Дили касеро фаҳмидан

фикр, мақсад, хоҳиш, орзуи касеро донистан.

1. Имрӯз ният дошт, ки ба маҳбубааш ишқи худро баён карда, дили ӯро фаҳмад.

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

2. Дили духтарро ҳам фаҳмидем, ӯ ҳам майл дорад.

*«Тоҷикистони советӣ»*

3. — Ту дили маро фаҳмида наметавонӣ. Ман дар ин рӯзҳо хуни ҷигар хӯрда истодаам.

*«Маориф ва маданият»*

### 435. Аз дили касе хабар доштан

аз фикр, андеша, хоҳиш, мақсад, аз замири касе бохабар будан.

Падару модараш ӯро дуст медоранд ва ҳама чизро, ҳатто ҷони худро ба вай фидо кардани мешаванд, лекин аз дилаш хабар надоранд...

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

## 436. Дили касеро хавотир кардан

касеро ба изтироб андохтан, касеро ноором, нотинҷ, бесаранҷом кардан.

Дили худи Шарифро хавотир карда, ба кор меандозем.

*М. Сайфиддинов «Ду ҳусну ду ишқ» («Занони Тоҷикистон»)*

## 437. Дили касе хавф бурдан

1. бадгумон гардидан, 2. хавотир шудан, 3. ба шубҳа афтодани касе.

Дар ин соат ман аз ташриф овардани мулло ба хонаи мо фоли бад гирифтам ва дилам хавф бурд.

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

## 438. Дили касро харошидан

касеро ба ҳаяҷон овардан, касро сахт мутаассир кардан.

Нолаи наи чӯпонӣ мувофиқи зарби ҳамин суруд бо як тарзи ҳазинона баланд шуда дилҳоро мехарошид.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

## 439. Дили кас хиҷил будан

парешон, ноором, нороҳат, музтариб будан.

Аммо аз як чиз дили ӯ хиҷил буд, чаро ки ҷураи ҳамсинф, ҳампарта ва ҳамқишлоқиаш худ ба худ бо ӯ гап намезадагӣ шуд.

*Б. Умарӣ «Ду рафиқ» («Туҳфаи ҷавонон»)*

### 440. Дили касеро хиҷил кардан

ба хиҷолат монондан; ба изтироб андохтан, ноором, нороҳат кардан.

1. Рост истода дурӯғ гуфта, диламро хиҷил карданам чӣ ҳоҷат.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

2. — Хат аз куҷо? Чӣ навишта шудааст? Дили одамро хиҷил накарда гуед-дия охир...

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. I*

### 441. Дили касе хиҷил шудан

мушавваш гардидан, ноором, нороҳат, хавотир шудан.

1. Духтур сохта будани ҷавоби модарамро пай бурда, ғарқи хаёлот гардид, дилаш хиҷил шуд.

*«Тоҷикистон»*

2. Буд дашти васеу регистон,
Ки аз он шуд хиҷил дили инсон.

*М. Турсунзода «Асарҳои мунтахаб»*

### 442. Дил холӣ шудан

рози дили худро гуфта аз ғаму ғусса фориғ шудан.

Вақте ки ту омадӣ, ман маҷбур шудам, ки ҳамаашро ҳикоя кунам. Ҳоло дилам холӣ шуд ва худро хеле сабук ҳис мекунам.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

### 443. Дар дили касе хона кардан

мавриди меҳру муҳаббати касе шудан.

Лекин ман туро духтарам гуфта наметавонам, чунки ту дар дили ман хона накардӣ.

*Ҷ. Икромӣ ва Е. Мительман*
*«Гунаҳкор кӣ?»*

### 444. Дили касеро хонда тавонистан

мақсад, хоҳиш, майлу орзуи касеро фаҳмида тавонистан.

Албатта, назар ба ақидаи ман як духтараки 12-солаи саҳрой на дили маро ва на дили духтари зебоеро хонда наметавонист?

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III*

### 445. Чизеро аз дили худ бароварда гуфтан

1. суханеро аз худ ёфта гуфтан, 2. чизеро эҷод кардан.
1. — Шоир касеро мегӯянд, ки,— гуфт падарам,— аз дили худ шеър бароварда гӯяд.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. I*

2. Гуфта бошам, аз дили худам бароварда нагуфта будам, гапи ӯро гуфта будам.

### 446. Дили худро бой додан

1. касеро нағз дидан, дӯст доштан, ба касе муҳаббат пайдо кардан, ошиқ шудан, 2. тарсида, ҳаросида мондан, 3. руҳафтода гардидан.
1. Вераҷон ҳам шуморо дидан замон дилашро бой дод.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

2. Ту ба вай дар бораи фронт, Москва ва Душанбе ҳикояҳо мекардӣ, ман медидам, ки вай рӯз ба рӯз не, балки соат ба соат дилашро ба ту бой медод.

*С. Улуғзода «Ҷуяндагон»*
*(«Шарқи сурх»)*

3. Аммо соли гузашта дар мавсими олуғундорӣ фалокате рӯй дод, ки ба сабаби он Ҳасан, аз як тараф, аз ҳамаи бародар ва бародарзодагонаш ҷудо шуда бошад, аз тарафи дигар, дили худашро ҳам бой дода монда буд.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

4. Монанди ман шудан, албатта, кори осон нест. Якумр зӯр занетон ҳам, шуда наметавонетон, лекин мушкил будааст гуфта дил бой надиҳетон, ман ҳастам.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 447. Дили худро гиронда мондан

1. тарсида, ваҳмида мондан, 2. руҳафтода шудан.

Вай паи ҳамдигар чаҳор бачаашро гӯронда, дилашро гиронда монда буд.

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

### 448. Дар (аз) дил гузаштан (гузарондан)

1. фикр кардан, 2. ба хотир овардан, ба хаёли кас расидани чизе.

1. Ман ваъдаро фаромӯш накардаам, аммо дар дасти шумо чамадонро дида дар дилам гузашт, ки шояд шумо аз баҳри саҳро гузашта, барои саёҳат ба Самарқанд рафтан хоста бошед.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. IV*

2. Ман ба дили худ гузаронидам, ки «мактабдор он қадар ҳам бад набудааст...»

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

3. Рафта истода он утовро дида мондаму аз дилам гузашт, ки шояд ин хонаи ту бошад.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

4. Гулрӯ аз ақиби ӯ ҳам хеле нигоҳ карда монду аз дили худ гузаронд: «Кирои расидан духтар ба ҳамин хел ҷавон расад».

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. I*

### 449. Дили худро кафондан

ба касе сир, фикр, ҳасрат, дарди дили худро гуфтан.

1. Балъамӣ бо ин гуфтор, шояд ки аввалин бор, назди дӯсти қарини худ «дилашро кафонда» ҳасрат кард.

*С. Улуғзода «Қисмати шоир»*

2. — То худашро дида диламро накафонам, ором шуда наметавонам.

*Ғ. Абдулло «Қарзи виҷдон»*

3. Як рӯз охир дилашро кафонда гуфт, ки бо ман зиндагӣ намекардааст.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 450. Дар дили худ кина гирифтан

нисбат ба касе дар дил адоват, буғз, душманӣ пайдо шудан, нисбат ба касе дар дили худ адоват нигоҳ доштан.

1. Лекин дар дилаш ҳам ба Фируза ва ҳам Шамсия кинаи баде гирифт.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

2. Албатта ман аз ӯ кинаи сахте дар дили худ гирифтам. Лекин ман аз вай никор гирифта наметавонистам, чунки ман як бачаи хурдсол, ӯ як ҷавони пурқуввати калонсол буд.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. I*

### 451. Дили худро маҳкам доштан

далер, устувор шудан, наҳаросидан.

«Дилатро маҳкам дор, писарам,— мегӯяд боз бобоям ба падарам.— Туро меғалтондагӣ полвон ҳоло набаромадааст».

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

### 452. Дили худро холӣ кардан

1. ғаму ғусса, орзую ҳавас, фикр, мақсади худро ба касе гуфтан, арзи ҳол намудан, ҳасрату алами худро ба касе гуфтан, 2. аз ғаму ғусса фориғ шудан.

1. Мир Алишер баъд аз вафоти Ҷомӣ, ки дар соли 1443 воқеъ шуда буд, хеле танҳоӣ мекашид ва ҳамдарде надошт, ки аламҳои замонаро ба ӯ гуфта, дили худро холӣ кунад, бо дилдорӣ ва маслиҳатҳои ӯ тасаллӣ ёбад.

*С. Айнӣ «Алишер Навоӣ»*

2. Ҳошим Корвон хаставор ба гилем нишаста, дилашро ба занаш холӣ кард.

*С. Улуғзода «Навобод»*

3. То чанд сол ҳар гоҳ дунъё ба дилам зада дилтанг шавам, ба сари қабри Ҳайрат баромада гириста дили худро холӣ мекардам.

*С. Айнӣ «Мухтасар тарҷимаи ҳоли худам»*

### 453. Дили худро хунук карда гирифтан

ба касе дар муқобили бадрафториаш бадрафторӣ карда, ба сухани бадаш бад гуфта, ғазаби худро фуру нишондан, таскин ёфтан.

Фируза хам шуда, душманашро хуб мушкорӣ ва лагадкорӣ кард ва то расида омадани занҳои дигар дилашро хунук карда гирифт.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 454. Дили худро хўрдан

сахт ғам, ғусса хўрдан, азоб кашидан.

Ба хондан равад ҳам, ба ягон ҷои дур мерафт, боз мани бечора диламро хўрда, рўз шумурда мегаштам.

*М. Хўҷаев «Дадомонанд»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 455. Дил хун кардан

1. дилозурда гардидан, хафа шудан, 2. азобу озор дидан, азият кашидан.

1. Наход барои ҳамин ҳам беҳуда дилатонро хун карда гардед.

*С. Ғанӣ «Табассум»*

2. Наход боз як бори дигар ҳамаи ин гапҳоро такрор кардан лозим бошад-а, Сокинаҷон.

— Не, дилатонро хун карда нашинед ҳам мешавад.

*П. Толис «Студентшавандаҳо»*
*(«Шарқи сурх»)*

3. Ту розӣ шаву дили маро хун накун.

*Қ. Наимӣ «Роҳи равшан»*

### 456. Дили касе хун шудан

1. хафа шудан, 2. азобу азият кашидан.

1. Онҳо бо меҳнатҳои сахти тоқатнопазир ва дар дасти одамони аҷнабӣ ба корҳое, ки аз андешаи онҳо дил хун мешавад, гирифторанд...

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

2. Аспҳои ароба, ки имрӯзҳо порукашонӣ мекарданд, аз кор монда шуда омада, дар охури худ бедаи кабудро наёфтанд ва аз қаҳр тахтаи охурро мехоиданд. Ба ин ҳоли аспҳо нигоҳ карда дили Қосимҷон хун мешуд.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

3. Хун шуд дилам аз ғами ниҳонӣ,
Шояд хабари хуше расонӣ!

*А. Деҳотӣ «Ҳаёт қадам мезанад»*

### 457. Дили касеро хунук кардан

1. нисбат ба касе, чизе бе рағбат, бе меҳру муҳаббат, бе ҳавас, бе ҳавсала гардонидан, 2. аз чизе, касе меҳру муҳаббати худро кандан.

— Шояд ту ягон кор карда дили ӯро аз ҳамин ҷойҳо хунук кунӣ?

*«Занони Тоҷикистон»*

### 458. Дили касе хунук шудан

нисбат ба касе бе рағбат, бе меҳру муҳаббат шудан, касеро бад дидан, ба касе ҳисси нафрат пайдо кардан.

1. Дили Нуралӣ ё аслан ба ман гарм набудааст, ё ки аз ман хунук шудааст, гуфта духтарак шаб болиштро ба оби дида тар мекард.

*С. Улуғзода «Навобод»*

2. Абдуллои бераҳм бо ин ҳама задан ва дашном додан дилаш хунук нашуд...

*«Роҳбари дониш»*

3. Рафта-рафта дили подшоҳ аз вазир хунук шуда, дар қасди нобуд кардани ӯ афтоданд.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

### 459. Дар дили касе чанг андохтан

фикр, мақсад, майл, хоҳиши касеро фаҳмиданӣ шудан.

Шахсан худам як бор барои аҳволфаҳмӣ ба қишлоқ баромадам ва то Вобканд, ки аз шаҳр 24 километр аст, рафтам ва дар дили деҳқонони гуногун, дар қишлоқҳои гуногун чанг андохта дидам.

*С. Айнӣ «Мухтасар тарҷимаи ҳоли худам»*

### 460. Дар дил чирк доштан

1. бадгумон, бадандеша будан, 2. бадкирдор будан, кинаву адоват доштан.

Асои ҷавон, ки дар дилаш чирке ва дар ботинаш шайтанате надошт, боз ба ин фиребу найранг афтид...

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 461. Дили касе чок (чок-чок) будан

сахт ғамгин, аламзада будан.

Дилам аз сарзанишҳо чок-чок аст,
Расида корд то бар устухонам.

*Р. Ҷалил «Субҳи саҳро»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 462. Дил чӯкидан

1. хафа, ғамгин шудан, 2. маъюс шудан.

— Ин хел нагӯй, Давлат, дилам мечӯкад! Ман ҳоло аз Қилич боқувваттар ҳастам.

*Ҷ. Икромӣ ва М. Қосимов*
*«Роҳи бахт»*

### 463. Дили шикаста

1. озурда, хафа, ғамгин, 2. парешонхотир, 3. маъюс, ноумед.

1. Дили шикаста бо узру маъзаратҳои хушку холӣ дуруст нахоҳад шуд.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

2. — Дасти шикаста кор мекунад, дили шикаста кор намекунад, гуфтаанд, оча. Агар ғами бепадарии ҳамин кӯдакон намебуд, дар ду дуньё ҳам ин дили ранҷидаи ман ёди он касро намекард.

*Ф. Ниёзӣ «Духтари ҳамсоя»*

### 464. Дили касе шикаста будан

1. озурда, хафа, ғамгин будан, 2. парешонхотир будан, 3. маъюс, ноумед будан.

1. Ӯрмон-Полвон дили меҳмони худро, ки бо шунидани ин ҳикоят хеле шикаста буд, қадре бардошта монданӣ шуда илова кард...

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

2. Хола раисиро напартофт, дилаш шикаста бошад ҳам, кор кардан гирифт.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

3. Дили моро, ки дар асл шикастагӣ аст, боз ҳам шикастатар накунед.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 465. Дили касе шикаста шудан

1. озурда, хафа, ғамгин гардидан, 2 маъюс, ноумед шудан.

Лекин азбаски қашшоқ буд, агар қабул намекардам, дилаш шикаста мешуд.

*С. Айнӣ «Мухтасар тарҷимаи ҳоли худам»*

### 466. Дили касеро шикастан

1. касеро ранҷонидан, озурдан, 2. ғамгин намудан, 3. маъюс, ноумед кардан.

Дили ин гуна одамонро шикастан дуруст нест.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 467. Ба дили касе шуда

1. барои хурсандии касе, 2. ба хотири касе.

1. Аммо писар, ҳеҷ набошад ба дили онҳо шуда, ягон бор ҳам намегуфт, ки «падар ё модар, ба ҳамин сабабҳо ҳоли ҳозир хонадор шуданӣ нестам»...

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

2.— Як бор ба дилам шуда ба муроду мақсадат рас гӯед, почо...

*Р. Ҷалил «Субҳи саҳро» («Шарқи сурх»)*

### 468. Дил шудан

1. ба чизе ҷуръат намудан, 2. розӣ шудан, 3. ҳайфи касе омадан.

1. Ҳайрон мешудам, ки бародарам чӣ тавр дилаш мешавад, ки падарамро ин қадар азоб медиҳад.

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

2. Маҳмудҷон ҳам ким-чӣ вақте омада, ба бедор кардани вай дилаш нашуда, ба канори дигари ҷогаҳ сар монда, хоб кардааст.

*Ҷ. Икромӣ «Ҳикоя ва очеркҳо»*

3. — Тақсирҷон, садқаи хоки поятон шавам, наход, ки ба несту нобуд шуда рафтани мо дилатон мешавад?

*Қ. Наимӣ «Соли 1916»*

4. Аммо ба фурӯхтан ҳам дилам нашуд, ки арзон мерафт...

*С. Айнӣ «Мухтасар тарҷимаи ҳоли худам»*

## 469. Аз дил шустан

1. касе, чизеро тамоман аз хотири худ баровардан, 2. тарк намудан.

Ман кайҳо боз аз ин одам дил шуста будам.

## 470. Чизе ба дили касе ғудда шудан

ғаму ғусса дар дили кас ҷамъ шудан.

— Лекин омада маро дастгир карданат аз як ҷиҳат нағз шуд,— гуфт ӯ,— зеро ман ин сирро ба касе намегуфтам, аммо ин кор чунон ба дилам рехта буд, ки ғудда шуда монда, рафта-рафта зардоб гардида, маро бемори бистарӣ карданаш мумкин буд.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

## 471. Ба дили касе ғулғула андохтан

1. касеро мушавваш кардан, 2. тарсонидан, ҳаросонидан, 3. касеро ба воҳима андохтан; ба ҳаяҷон овардан.

1. Бо ин кирдори бой ва бо оқсаққол омадани Қосим он қадар ошкоро халал нарасонад ҳам, ба дилашон ғулғула андохт.

*«Барои адабиёти социалистӣ»*

2. Аз афташ, ин гапҳоям ба дилаш ғулғула андохт, ки давида аз ҷояш хест.

*«Тоҷикистони советӣ»*

## 472. Ба дил ғунҷидан

1. чизеро маъқул донистан, писандидан, 2. ба чизе розӣ шудан, 3. ба чизе майлу хоҳиш доштан.

1. «Шабу рӯз ҳушу хаёли мардум дар ҷанг бошаду шумоюю ман тӯю тамошо гуфта шинем, ин ба дили кӣ мегунҷад?»

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», к. I*

2. — Ҳар чӣ ҳам гӯӣ, ҳамин! — гуфт бӯз Юсуф,— ҳозир ба дилам ҳеҷ чиз намеғунҷад.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

3. Иҷро кардани супоришҳои хонагӣ ба дилаш намеғунҷад.

*А. Баҳорӣ «Одамони шинос»*

## 473. Дили касе қалб будан

1. каҷандеш будани касе, 2. одами нопок, бадкирдор, бесадоқат будан.

1. — Одина ҳам одами «дилаш қалб» будааст.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

2. Аммо дарунсиёҳ, бераҳм ва дилаш қалб, пур аз макру фиреб буд.

*Ҷ. Икромӣ «Тори анкабут»*

## 474. Дили касеро қошуқ тарошидан

дар орзуи чизе, касе беором, беқарор будан.

— Дилаки ту ҳам, духтарам, кашол шуда, «кай тӯй мешавад гуфта дилатро қошуқ тарошида истодааст-мӣ?»

*С. Саидмуродов ва И. Исмоилов «Тӯҳмат»*

## 475. Дили касе ҳавл кардан

1. ваҳмидан, ҳаросидан, тарсидан, 2. бесаранҷом шудан.

— Чӣ шуд, ки ин қадар дер мондӣ? — ғуфт вай,— дилам ҳавл карда, чӣ кор карданамро надониста истода будам.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

## 476. Ба дили касе ҳасрат намондан

дар армон намондан, ба орзу ва матлаби худ расидан.

Як бор ба духтур ҳам нишон дода бинам мегӯям... Ба ҳар ҳол ба дили кас ҳасрат намонад.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

## 477. Дилу ҷигари худро хӯрдан

1. сахт азоб кашидан, 2. ғаму ғусса хӯрдан.

Шумо ин қадар дилтангу бетоқатӣ карда, дилу ҷигаратонро нахӯред.

*Қ. Наимӣ «Роҳи дуруст»*
*(«Шарқи сурх»)*

## 478. Дилу ҷигар хун карда ...

1. азобу машаққат кашида, бо азобу кулфати бисьёре, 2. аз таҳи дил.

Ман ба шумо дилу ҷигар хун карда гап занаму шумо ба ҳузур хоб кунед.

## 479. Дили касе ҷиғғос задан

1. дили касе сахт задан, 2. сахт ҳаросидан.

Ҳамин ки чашмам ба рӯяш, ба чашмаҳои аз оби дида пураш афтид, дилам якбора ҷиғғос зада, гуё аз ҷояш беҷо шуд.

*Р. Ҷалил «Ҳамида»*

## 480. Дили касеро ҷиғғос занондан

1. дили касеро сахт ба тапиш андохтан, 2. сахт тарсондан.

Аз паси ин аввал овозе, ки «Ҷамила! Ҷамила!» гуён чеғ мезад, дили Арслоналиро ҷиғғос занонд, сонӣ Даша берун омад.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

### 481. Ҷизе дар дил ҷо ёфтан

дар дил пайдо шудани ҳиссе, орзую ҳавасе.

Меҳри пул як бор ки дар дил ҷо ёфт, дигар баромаданаш кори осон набудааст.

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

### 482. Ҷизеро ба дил ҷо кардан

ҷизеро дар хотир доштан, фаромуш накардан.

Ҳар як иштироккунандаи ин суҳбат кушиш мекард, ки ба фарзанди қишлоқи худ бодиққат нигоҳ карда, сурати уро ба дилаш ҷо кунад.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

### 483. Аз (бо) дилу ҷон

1. аз таҳти дил, самимона, 2. бо меҳру муҳаббат, бо садоқат.

1. Зиндаам то даме ки ман ба ҷаҳон,
Дустиро cароям аз дилу ҷон.

*М. Турсунзода «Асарҳои мунтахаб»*

2. Шарикҳо дар он звеноҳо дар ҳақиқат аз дилу ҷон кор кардаанд, меҳнати қаҳрамонӣ нишон додаанд.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

3. Духтар ҳам ҷавонро аз дилу ҷонаш дуст медошт.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

### 484. Ба дили касе ҷо (ҷойгир) шудан

1. мавриди меҳр ва илтифоти касе гардидан, 2. дар хотир мондан, дар хотири касе абадӣ мондан, 3. ба боварии касе даромадан, нисбат ба худ боварӣ, эътимод ба вуҷуд овардан.

1. Ба фикри ман, камомади магазин ва ёрии у ҳила буд. Вай баҳонае буд, ки бо ин мехост шуморо ба даст гирад, ба дилатон ҷо шавад, ба духтаратон хонадор шавад.

*Ш. Қиёмов «Хоҳӣ нашавӣ расво ҳамранги ҷамоат шав!» («Пьесаҳои якпардагӣ»)*

2. Меҳри мактаб ва ҳаёти он дар дили ӯ сахт ҷойгир мешавад.

*«Маориф ва маданият»*

### 485. Дил ҷӯш задан

1. ба завқ омадан, 2. ба ҳаяҷон омадан.

Тасвирҳо ва суханҳои барҷаста дар ҳаёти ӯ ҷавлон мезаданд, дилаш ҷӯш мезад, лекин худро медошт ва бо завқ ҳикояи Саидҷонро мешунавид.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

**ДИЛАМ**

### 486. Диламро бар, пуламро хӯр

мувофиқи табъам кор куну музди хизмататро гир, маро хурсанд куну чизамро гир.

Ҳар кас маро хурсанд кунад ва мувофиқи табъам хидмат нишон диҳад, ман ҳам вайро то ҷон дорам, хурсанд мекунам, молу ҷонамро аз вай дареғ намедорам «диламро бар, пуламро хӯр» гуфтаанд.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

**ДИЛБАСТАГӢ**

### 487. Ба касе, чизе дилбастагӣ доштан

1. ба касе, чизе меҳру муҳаббат доштан, касе, чизеро нағз дидан, дӯст доштан, 2. бо касе алоқаи маънавӣ доштан.

1. Ҳамин аст, ки одам ба ҳаёт ин қадар дилбастагӣ дорад.

*«Тоҷикистони советӣ»*

2. Вай ба писари ғуломи падараш дилбастагӣ дошт.

*«Занони Тоҷикистон»*

**ДИЛГИР**

### 488. Касеро дилгир кардан

касеро зиқ, безор кардан, ба дили касе задан.

Умуман панду насиҳатҳои ин одам Моҳруро дилгир мекард.

*Ҳ. Аскар «Нишони одамият»*
*(«Шарқи сурх»)*

**ДИЛДОДА**

**489. Дилдода шудан**

мафтун гардидан, ошиқ шудан.

Ҳамин тавр, ин ду ҷавон ба якдигар дилдода шуданд.

*Р. Ҳайдаров «Ду дилдода»*
*(«Шарқи сурх»)*

**ДИЛДОРӢ**

**490. Ба касе дилдорӣ додан**

ба касе тасаллӣ додан, дилбардорӣ кардан; касеро ором кардан.

1. Лекин хуҷаин ҳар рӯз пагоҳӣ ва бегоҳӣ уро дида ҳолпурсӣ мекунад ва дилдорӣ медиҳад.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

2. Аз аҳволу вазъияти хонаводааш хабардор шуда, онҳоро дилдорӣ медод.

*А. Ҳамидӣ «Машъали тобон»*
*(«Шарқи сурх»)*

**ДИЛКАШОЛӢ**

**491. Ба касе, чизе дилкашолӣ доштан**

*Ниг.* Дили касе ба чизе, касе кашол будан.

Зани бечора ба ҳар ҳол ба шавҳараш дилкашолӣ дорад.

*Ҷ. Икромӣ «Зӯҳра»*

**ДИЛМОНӢ**

**492. Дилмонӣ кардан**

гила кардан.

— Раҳинавчиён «аз болои мо шикоят кардетон» гуфта, дилмонӣ карда мегарданд.

*С. Улуғзода «Навобод»*

**ДИЛПУР**

**493. Дилпур будан**

*Ниг.* Дили касе аз чизе, касе пур будан.

Мана худи species бобоят барои кори мактаб кадом вақт, ки бошад, остин бар мезананд, аз ин ҷиҳат дилпур бош.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

**ДИЛСИЁГӢ**

### 494. Дилсиёҳӣ кардан

харҳаша, ҷанҷол кардан.

Ба занаш ва духтараш дар сари ҳар чизи майда-чуйда дилсиёҳӣ мекард.

*М. Рустамова «Зайнаб»*
*(«Шарқи сурх»)*

**ДИЛСӮЗӢ**

### 495. Дилсӯзӣ кардан (намудан)

*Ниг.* Дили касе ба касе, чизе сӯхтан.

Пас аз дафни Норбибихола ҳама ба Ҳалим дилсӯзӣ мекарданд.

*«Тоҷикистони советӣ»*

**ДИЛТАНГ**

### 496. Дилтанг будан

1. андуҳгин, хафа будан, 2. асабонӣ будан, 3. бобардошт набудан.

Баъд Акамахдум, ки одами дилтанг буд, ба хомӯшӣ халал дода гуфт...

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 497. Касеро дилтанг кардан

1. касеро ғамгин, озурда кардан, 2. асабонӣ зиқ намудан.

Ин қадар ҷангам макун,
Ин қадар дилтангам макун.

*М. Турсунзода «Асарҳои мунтахаб»*

### 498. Дилтанг шудан

*Ниг.* Дили касе танг шудан.

1. Ягон кас ягон ғазал хонад-чӣ? Бисьёр дилтанг шудем-ку...

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

2. Оқибат занаш дилтанг шуда пурсид...

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

## ДИЛХУН

### 499. Дилхун будан

1. дар азоб будан, азият кашидан, 2. аз чизе хафа будан.

— Ман-ку, майлаш, гур! Лекин барои духтарак дилхун будам.

*Ҷ. Икромӣ ва А. Одинцов*
*«Аҷоиботи сафар» («Шарқи сурх»)*

## ДИЛХУНУК

### 500. Касеро дилхунук кунондан

1. рағбати касеро аз касе гардондан, 2. нисбат ба касе бе меҳру муҳаббат, бе рағбат, бе ҳавсала, бадбин кунондан.

Аз ман дилхунук, ба худаш гарм кунондааст.

*А. Деҳотӣ «Паёмҳои дӯстӣ»*

### 501. Дилхунук шудан

*Ниг.* Дили касе аз касе, чизе хунук шудан.

— Ҳоло, дар ҳеҷ куҷо гап не, дарҳол аз кор дилхунук шудани шумо афвнопазир аст.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

## ДИЛҶАМЪ

### 502. Дилҷамъ будан

хотирҷамъ будан.

Бибиоиша ҳам, ки аз талаф нашудани Одина ба дасти Арбоб дилҷамъ буд...

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

## ДИМОР

### 503. Димор аз рузгори касе кашидан

1. касеро ба ҷазо расондан, 2. маҳв, ҳалок намудан.

Ман боварӣ дорам, ки имруз не, пагоҳ Ҳалимҷон амак бармегардад ва хабари маро шунида ба ин ҷо меояду димор аз рузгори ин нобакорон мекашад.

*Ҷ. Икромӣ «Тори анкабут»*

**ДИМОҒ**

## 504. Аз димоғи касе дуд баровардан

касеро сахт ҷанг кардан, 2. сахт танбеҳ, ҷазо додан.

Подабону говҷушҳо нигарон буданд, ки роҳбари нав ин аҳволи чорворо дида, дуд аз димоғашон хоҳад баровард...

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

## 505. Бо димоғ дук тарошидан

дар хоб хуррок кашидан.

Он ҷо ду шахс бо димоғашон дук тарошида хобидаанд.

*«Хорпуштак»*

## 506. Ба касе димоғ кардан

1. ба касе қаҳру ғазаб кардан, 2. аз касе хафа шудан, 3. такаббур, каттагӣ, ғурур кардан.

— Чаро димоғ мекунед? Ё ки бо ман ҷангӣ-мӣ?

*Ҷ. Икромӣ «Зуҳра»*

## 507. Димоғи касеро сӯзондан

1. касеро ғамгин, хафа намудан, 2. ноумед кардан.

Буду шуди гап ҳамин ки автомобиль димоғи Иззатбибиро ниҳоят ҳам сӯзонда буд.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

## 508. Димоғи касе сӯхтан

1. хафа, ғамгин гардидан, 2. хашмгин шудан.

1. Димоғи ҳамаи рафиқон аз ин меҳмони нохондаи дилбеҷокунанда сӯхта буд ва аз ҳама зиёдтар димоғи ман сӯхта буд.

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

2. Дар ин дам Қудрат ба руи қолин нишаста музаашро мепушид, димоғаш сухтагӣ, қавоқаш овезон.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

3. Аз ин танқид димоғи ӯ сӯхт...

*«Ғазетаи муаллимон»*

### 509. Димоғи худро баланд кардан

ҳавобаландӣ, калонгарӣ, мағрурӣ, каттагӣ кардан.
Ӯ димоғашро баланд карда мегашт.

### 510. Димоғи касе чоқ будан

1. хурсанд, шод, табъхуш будан, 2. сиҳат ва саломат будан.

Падарам бағоят серкор бошад ҳам, доим димоғаш чоқ буд.

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

### 511. Димоғи касеро чоқ кардан

касеро хурсанд, шод, табъхуш кардан.

Аз либоси он духтар буи хуши атри аъло вазида димоғи маро чоқ ва диламро бетоқат мекард.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. II*

### 512. Димоғи касе чоқ шудан

хурсанд, шод, табъхуш шудан.

Гулсум, ки димоғаш чоқ шуда, кайфаш боло гирифта буд:

— Ман ҳам, ки ёре надорам, бояд ситора шуморам...

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

## ДИН

### 513. Аз дин баровардан

1. касеро бедин кардан, ба дини дигар даровардан, 2. касеро бероха кардан.

Зотан мақсад аз истилои Туркистон ҳам ба дини шумо даст задан ва шуморо аз динатон баровардан набуда, балки аз ҳамин молҳои хом ва коргари арзон фоида бурдан аст.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

## ДИРУЗ

### 514. Дируз аз тухм баромадан

1. ишора ба хурдсол будан, 2 малака, таҷрибаи ҳаётӣ надоштан.

1.— Ҳе, ҳе, дируз аз тухм баромада имруз ба ман насиҳатгуй ҳам шудед-мӣ?

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

2. Дируз аз тухм баромада ба ман, ба мане, ки устухонам дар пахтакорӣ сафед шудааст, сабақ доданӣ мешавад, тавба!

*Ҷ. Икромӣ «Сангалӣ»*
*(«Шарқи сурх»)*

## ДОД

### 515. Доди касе ба гӯши касе расидан

ба инобат гирифта нашудани арзу доди касе.

Чӣ ҳам мегуфтед, «замин сахт, осмон баланд» додамон ба гуши ягон худоҷуй намерасид.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 516. Доди касе ба фарьёд нарасидан

аз шикоят, арзу ҳол натиҷае набаромадан.

Вақте ки онҳо хуб сер шуда, фарбеҳ шуданд, як баҳона ёфта, ба ҷавобгарӣ мекашам ва ҳамаи буду нобудашонро аз дасташон гирифта луб-луч карда бароварда пеш мекунам, ки додашон ба фарьёдашон намерасад.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

### 517. Доди касе ба ҷое нарасидан

1. арзу шикояти касе бенатиҷа мондан, 2. арзу шикояти касеро напурсидан.

Дарбориён ва маъмурони у ба мардум зулм мекунанд, доди кас ба ҷое намерасад.

*С. Айнӣ «Алишер Навоӣ*

## 518. Дод гӯй ҳам... вой гӯй ҳам

1. хоҳӣ ҳам... нахоҳӣ ҳам, 2. ҳатман, бечуну чаро.

— Меравам ки гуфтам, меравам, дод гӯй ҳам меравам, вой гӯй ҳам меравам.

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

## 519. Доди чизеро додан

1. кореро хуб, ба ҳадди аъло иҷро кардан, 2. кореро бо маҳорат ба ҷо овардан.

1. Дар он миён як кас, ки аз сирри амир хабардор буд, доди суханро медод.

*«Латифаҳои тоҷикӣ»*

2. Артистони бомаҳорати мо, ки ифодакунандаи он забони ширин ҳастанд, дар ин фильм доди суханвариро додаанд.

*«Тоҷикистони советӣ»*

3. Парда Абдураҳмонов
Доди паҳлавонӣ дод
Руи синааш орден,—
Ин шараф муборак бод!

*С. Ҷавҳаризода «Гулшани афрӯхта»*

## 520. Доду муомила доштан

бо касе доду гирифт, хариду фурӯхт, ҳисобӣ доштан.

Ба худат маълум аст, ки ман як одами бозориам, баззозӣ дорам, қарзу қабола дорам, доду муомила дорам.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

## 521. Ба дод овардан

1. ба касе ҷабр, зулму тааддӣ намудан. 2. касеро ба танг овардан, аз ҷонаш сер кардан.

1. Дар аввалҳои инқилоб ба мо вакили озуқа шуда фуқароро ба дод оварда, оқибат босмачӣ шуда гурехта рафта буд...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Давлатмандонро ба дод оварда, онҳоро метохт, ба одамони камбағали дилпуршаванда ёрии моддӣ мерасонд.

*А. Сайфуллоев «Образи одамони нав дар «Ёддоштҳо» («Шарқи сурх»)*

## 522. Ба дод омадан

1. аз ҷабру зулм ба танг омадан, 2. азобу уқубат кашидан, 3. аз ҷони худ безор шудан, 4. тоқат тоқ шудан.

Аз шӯрапуштии ӯ муаллимон ба дод оянд ҳам, шикоятҳои онҳоро касе намепурсид.

*«Тоҷикистони советӣ»*

## 523. Ба доди касе расидан

1. шикояти касеро гӯш кардан, арзу ҳол пурсидан, 2. хоҳишу илтимоси касеро иҷро кардан; дасти ёрӣ дароз кардан.

1. Ба доди камбағалон ҳеҷ кас намерасид.

*«Тоҷикистон»*

2. Осмон ба доди онҳо нарасидааст.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

## 524. Доди худро ба ҷое шунавондан

арзу шикояти худро ба додрасҳо расондан.

Одамони калон дар андак кор дод гуфта осмонро ба сарашон мебардоранд, додашонро ба ҳар куҷо мешунавонанд...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

**ДОИРА**

## 525. Ба доираи касе бозӣ кардан

*Ниг.* Ба доираи касе рақсидан.

Аз дил мегузаронд, ки қушбегӣ худаш-ку русбоз аст ва ба доираи кунсули рус бозӣ мекунад, боз ин гапҳо барои чӣ?..

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 526. Ба доираи касе рақсидан

1. аз рӯи нишондоди касе кор кардан, гуфтаҳои касеро иҷро кардан, 2. дар зери таъсири касе будан, 3. аз роҳи касе набаромадан, 4. мутеи касе будан.

Ҳоло овоза паҳн шудааст, ки ҷонишинаш ҳам ба доираи ӯ рақсида истодааст.

*«Хорпуштак»*

**ДОМ**

### 527. Ба доми касе афтидан

1. ба таъсири касе мондан, 2. ба фиреби касе гирифтор шудан.

Баъд аз ин чӣ хел шуд, ки шавҳарам ба доми модараш афтода монд.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 528. Касеро ба доми худ даровардан (афтондан, кашидан)

1. касеро бо роҳи фиреб зери даст, мутеи худ кардан, 2. касеро фиреб карда барои иҷрои мақсади худ кор фармудан.

1. Аммо вай бошад, Умарҷони соддадилро аз роҳ зада, ба доми худаш даровардааст.

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

2. Оббо, ҳамон Сафари пойлучи худобехабар охир шуморо ба домаш кашидааст-дия...

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

**ДОМАН**

### 529. Доман афшондан

1. аз баҳри чизе гузаштан, 2. аз коре даст кашидан, умедро кандан.

Пусти аспро гирифтему бароварда ба чор танга фурухтем, даҳ кас аз бозор чор чакса анҷир харида хурдему доманро афшонда рафтан гирифтем.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 530. Домани касеро бо чормағзи пуч пур кардан (намудан)

1. ба касе ваъдаи хушку холӣ додан, 2. касеро бо гап фиреб кардан.

1. Вай бо ваъдаҳои бисьёр домани уро бо чормағзи пуч пур кард ва ниҳоят ба Тутинисо хонадор шуд.

*«Занони Тоҷикистон»*

2. Бо ҳама чормағзи пуч шумо
Пур намудед домани моро!
Аз чунин ваъдаҳои бесару дум
Солҳо сухтем мо мардум!

*М. Турсунзода «Ман аз Шарқи озод»*

### 531. Домани касеро гирифтан

1. хоҳон, талабгори касе шудан, 2. ба касе даъво кардан, 3. аз касе муддао, тамаъ доштан, 4. аз касе ҷудо нашудан, 5. касеро таъқиб кардан, 6. аз касе ёрӣ, ҳимоя ҷустан.

1. Вай ҳеҷ гоҳ домани каси дигарро бо дасти муҳаббат нахоҳад гирифт...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Гар ман бимирам дар ғамат,
Хунам фитад дар гарданат!
Фардо бигирам доманат!
Аз ман чаро ранҷидаӣ?

*«Фольклори тоҷик»*

### 532. Домону даст афшондан

*Ниг.* Доман афшондан.

Ҳозирон теғ кашида ба вай менигаранд, у бошад домону даст афшонда меравад.

*Р. Ҷалил «Ҳамида»*

### 533. Домани касеро кашидан

1. касеро гунаҳкор, айбдор кардан, 2. ба касе даъво кардан, 3. касеро ба рафтор ё ҷинояти худ шарик нишон додан.

— Ба даст меафтеду хам худатон ҳам дигаронро расво мекунед.

— Аввал ин ки ба даст намеафтам, рафту афтодам, домани ҳеҷ касро намекашам.

*Р. Ҷалил «Субҳи саҳро»*
*(«Шарқи сурх»)*

**ДОМАНАШ**

### 534. Ба доманаш намоз хондан мумкин аст

ишора ба одами пок, ҳалол, хушахлоқ будани касе.

1. Ба домани Зебӣ намоз хондан мумкин аст.

*Қ. Наимӣ «Соли 1916»*

2. Гуё вай соҳибфазилат буда, ба доманаш ҳатто намоз хондан мумкин аст.

*«Хорпуштак»*

### 535. Домани касеро сар надодан

*Ниг.* Домани касеро гирифтан.

1. «Аз фардо намонда ба эшони аълам шогирд шав ва домани он касро сар надеҳ, ки баъд аз сари қозӣ Бадриддин қозикалоншаванда ҳамон кас мебошанд.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

2. Аммо ман, ҳар чӣ бодобод, сар равад ҳам, домани уро сар намедиҳам: меҳри уро аз дил берун намекунам ва аз лутфи у маҳрум намешавам.

*Р. Ҷалил «Шуроб»*

### 536. Домани худро пок намудан

бегуноҳ, беайбии худро исбот намудан.

Бо ҳамин роҳ дар пеши халифа домани худро аз тӯҳмати алоқамандӣ бо Сунбод пок намуд...

*С. Айнӣ «Исьёни Муқаннаъ»*

## ДОМАНГИР

### 537. Домангир будан (шудан)

1. аз касе, чизе шикоят доштан, 2. аз касе ё чизе даъвогар будан, 3. ба касе, чизе тамаъ доштан.

1. Хулосаи калом машина ва фаранҷию чашмбанди Иззатбибӣ ба харсаворми у ҳамеша халал мерасонданд. Аммо у фақат аз машинаҳо домангир буду халос.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

2. Ақаллан аз лаънати наслҳои оянда андеша кунед! Агар чунин китобхонаи азим маҳв шавад, онҳо то қиёмат аз шумо домангир хоҳанд буд.

*С. Улуғзода ва В. Виткович*
*«Ибни Сино»*

3. Аз у домангир буданамро бо далелҳо фаҳмондам.

*«Хорпуштак»*

4. Гар ту бинависӣ тамоми кор расво мешавад,
Сармуҳаррир боз домангир аз мо мешавад.

*М. Турсунзода «Асарҳои мунтахаб»*

5. Модаркалонам мегуфт, ки бедарак шуда рафтани онҳо сабаб доштаасту у беҳуда аз онҳо домангир шуда будааст.

*П. Толис «Ҳикояҳои даҳ сол»*

## ДОМАНРАС

### 538. Ба касе доманрас шудан

бо зане ҳамхоба шудан, хуфтухоб кардан.

— Агар ҳазрат саломат бошанд, писари шумо безан намемонад.

— Ин ҷо як гапи дигар ҳам ҳаст,— Ёрмуҳаммад гуфт,— модари ин духтар, ки хоҳари ман аст, ба ҷаноби олии марҳум, яъне ба падари ҷаноби олии ҳозира доманрас шуда буд, дур нест, ки он духтар ба ҷаноби олӣ хоҳар бошад, дар ин сурат ба ин кор шариат роҳ намедиҳад.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

**ДОНИСТАН**

### 539. Чизеро аз касе донистан

чизеро аз касе гумон кардан, аз касе гумонбар шудан.

— Ҳар чи бошад, ин розро пинҳон доштан даркор. Замона найрангбоз аст, агар фаҳманд, аз тую ман надонанд.

*«Барои адабиёти социалистӣ»*

**ДОНО**

### 540. Донои ба кори худ дармонда

донотароше ки аз уҳдаи кори худ намебарояд, кори худро саришта карда наметавонад.

— Донои ба кори худ дармонда!

— Комилҷон ба худаш боварии калон карда, пахтаро қариб нобуд карда будааст!

*Ҷ. Икромӣ «Ситора («Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

**ДОРУ**

### 541. Барои дору (доругӣ) ёфта натавонистан

тамом ноёб будани чизе.

1. Аммо дар хонаи музеймонанд ягон нусха газета ё журнал барои дору ҳам ёфта наметавонад.

*А. Деҳотӣ «Паёмҳои дустӣ»*

2. Дар он ҷо интизоми меҳнатро ба доругӣ ҳам ёфта наметавонед.

*«Хорпуштак»*

### 542. Дору шудан

хеле лозим шудан, айни муддао гардидан.

Дар район ва дар қишлоқ шумо барин одам дору мешавед.

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

**ДОҒ**

### 543. Ба касе доғ гузоштан

1. касеро айбдор намудан, 2. бадном кардан.

Ба шаъну шарафи пахтакорони Тоҷикистон доғ гузоштанд.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 544. Доғи касе, чизе дар дил мондан

алам, ғам, андуҳ, ҳасрати чизе, касе дар хотир мондан, дар ҳасрати чизе мондан.

Доғи ин бача ҳамеша дар дили ман мемонад.

### 545. Доғи касеро дидан

аз марги одами маҳбуб ва наздики худ аламзада шудан.

Илоҳӣ умри ҳаминҳо дароз бошаду доғашонро набинам.

*Ф. Ниёзӣ «Бародарони вафодор»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 546. Доғ шуда гузаштан

1. ҷабру зулм дида мурдан, 2. дар ҳасрати чизе аз дунъё гузаштан, ғаму ғусса хӯрда мурдан.

Падару бобоҳоямон дар ҳасрати обу замин доғ шуда гузаштанд.

**ДУ**

### 547. Бо ду дасти адаб

бо иззату ҳурмат, бо камоли эҳтиром.

1. Ба шумо байрақи солҳо дар даст нигоҳ доштаашро бо ду дасти адаб месупорад...

*Ф. Муҳаммадиев «Мактуби дӯст»*
*(«Шарқи сурх»)*

2. Қобилҷон такси оварда, ӯро бо ду дасти адаб бурда монд.

*С. Ғанӣ «Табассум»*

### 548. Ду даст дар (ба) бинӣ

1. хушку холӣ, бе дастовез, 2. бе натиҷа; ба мақсад нарасида.

1. — Мо аз ҳамин қадар роҳ хароҷот ва ташвиш кашида омада, магар ду даст дар бинӣ холӣ бармегардем?

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

2. Мо гуфтему шумо шунидед. Зарра барин нуқсон наёфта, ду даст дар бинӣ хоҳед баргашт...

*С. Ғанӣ «Табассум»*

3. Аз бадбахтӣ ва аз ноомади кораш гирист, аз атториаш пушаймон шуд. Аммо ҳамаи инҳо фоида надоштанд. «Ду дасти худро ба биниам андохта чӣ хел ба пеши зану бачагонам меравам» — мегуфт вай худ ба худ.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. I*

### 549. Ду даст дар киса

дасти худро ба коре назадан, бекорхуҷагӣ кардан.

Агар ду даст дар киса андохта, аз ҳоло худатро аз байни мардум ба канор кашию ба орзую ҳавасҳои номаъқул дил бандӣ, ҳеҷ кас ба ту бале намегуяд.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

### 550. Ду дасти хушк

бе ҳеҷ чиз.

З июнь ӯро баъд аз азобу уқубати дусола ду дасти хушк аз хона бароварда пеш кард.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 551. Ду мағзи дар як пуст будан

1. ниҳоят дуст будан, 2. иттифоқ, аз ҳам ҷудонашаванда будан.

Балки ӯ мегуфт: моён дӯстем,
Мисли ду мағзе ки дар як пӯстем,
Бо шумо ҳамсояи деринаем,
Дӯстони беғараз, бекинаем.

*М. Турсунзода «Асарҳои мунтахаб»*

### 552. Ду пои касе аз осмон омадан

*Ниг.* Пои касе аз осмон омадан.

Агар ташкилотҳои дахлдори Кӯлоб ҳаққонӣ рафтор мекарданд, ду пояш аз осмон меомад.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 553. Ду поро дар як муза (кафш) ҷо (қава) кардан

1. якравӣ, гарданшахӣ кардан, 2. касеро ба амри имконнопазире маҷбур намудан.

1. Аммо ин бедин намегузорад, ду пояшро ба даруни як кафш карда исрор мекунад, ки бояд имрӯз қанду макаронро гирифта ба сарбозон тақсим кунӣ.

*А. Ҳамидӣ «Машъали ҷовидон»*
*(«Шарқи сурх»)*

2. Дар ҳақиқат агар Қосимҷон ду пояшро ба як мӯза қава карда «меравам» гуфта бошад, тағоиям ҳам чӣ кор карда метавонист.

*П. Толис «Тобистон»*

3. Зану шавҳар ҳар ду пои писарро ба як мӯза ҷо карда зӯр зада, вақту бевақт, навбат ба навбат ваъзу насиҳат мекарданд, ки зан гирад.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

### 554. Бо ду по лангидан

дар коре ниҳоят қафо мондан, пешравӣ надоштан; тамоман ноуҳдабаро будан.

Аммо агар рафиқон бошууронатар рафтор мекарданд, мо ба чунин вазъияти тоқатнопазир дучор намегардидем ва бо ду поямон ҳам намелангидем.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 555. Ду пои худро сахт мондан

1. дар коре истодагарӣ кардан, сахт истодан, 2. ба чизе розӣ нашудан.

Хулоса ду пояшро сахт монда гирифта, дигар арақ надод.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

### 556. Ду понздаҳ — як сӣ

айнан, як хел, як ранг, бефарқ, баробар.

1. — Ҳар куҷо равед, «ду понздаҳ — як сӣ» як таноб мувофиқи худ, ду таноб мувофиқи худ ҳосил медиҳад.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

2. Тақсир, ду понздаҳ — як си, солдат ҳам ба ҷанг рафта мемирад, мардикор ҳам, чӣ фарқ дорад?

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. I*

### 557. Ду пул — модари пул

маблағи калон аз эҳтиёт намудани пули майда пайдо мешавад.

— Ду пул — модари пул,— ба гапаш давом дода гуфт тағоиям,— дидӣ, шӯхӣ ба шӯхӣ дар мобайни панҷ-шаш рӯз сесад червон пул ёфтӣ!

*П. Толис «Тобистон»*

### 558. Ду тану як ҷон

1. ниҳоят иттифоқ, аҳл, якзабон будан, 2. дӯсти меҳрубон будан.

Мегӯянд, ки онҳо ду тану як ҷон мебошанд.

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

### 559. Ба ду худо саҷда кардан

1. дурӯя, мунофиқ, риёкор будан, 2. ноустувор будан.

— Ту тарсидӣ, ки ман сирри туро ба большевикон мекушоям ва мехостӣ, ки ба ду худо саҷда кунӣ, ман туро саҷда мекунонам!

*Ҷ. Икромӣ «Дохунда» («Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

### 560. Ду шох медоштӣ, як оғилро банд мекардӣ

ишора ба нодонӣ, бефаҳмӣ, ҷоҳилӣ, ҳайвонмизоҷӣ.

«Агар ду шох медоштӣ, як оғилро банд мекардӣ» ба баъзе коркунони фермаҳо дахл дорад, ки ба гов ҷиноят-корона рафтор мекунанд.

*«Хорпуштак»*

### 561. Ду чашмро чор кардан

бисьёр интизор шудан.

Ду чашмамро чор карда ғаштем-ку!

*С. Саидмуродов ва М. Рабиев «Саодат» («Маҷмуаи пьесаҳои якпардагӣ»)*

### 562. Аз ду чашма обнуш шудан

1. якбора аз ду ҷо фоида дидан, баҳраманд гардидан, 2. фиребгар, қаллоб будан.

Магар намебинӣ, бо вуҷуди ин ки ба ин тараф қадам ниҳодани аскарони русро ҳануз се сол пур нашудааст, бойҳои шофиркомии шумоён дар Қазолӣ ва Оқмасҷид барин марказҳои нави савдо ҷойгир шуда, дар он ҷо аз тотор, қазоқ зан гирифта, ҳавлӣ сохта соҳиби ду ватан, подданиаи (табааи) ду подшоҳ ва аз ду чашма обнуш шуда монданд.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 563. Ду қадами расо кардан

роҳи дурро дар андак вақт тай кардан, тез роҳ гаштан, дар муддати кутоҳе ба ҷое рафта расидан.

Хабари омади Мусоро шунида роҳи байни қишлоқ ва шаҳрро, ки қариб ду километр меомад, ду қадами расо карду ба меҳмонхона ҳозир шуд.

*Р. Ҳайдаров «Хати беимзо»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 564. Ду қатра об барин

ниҳоят монанд, айнан.

Назар ба қавли у, ману писараш ду қатра об барин ба ҳамдигар монанд будаем...

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

**ДУД**

### 565. Дуд аз димоғи касе баровардан

касеро гирифтори мусибат кардан; сазои касеро додан.

Дар ҷангҳои хунини зидди фашистон қаҳрамониҳои беназир нишон дода, дуд аз димоғи душманон баровардаанд.

*«Хорпуштак»*

### 566. Дуд аз димоғи касе баромадан

1. сахт ғамгин, хафа шудан, 2. сахт бадҷаҳл ва оташин шудан.

1. Ҳамин пагоҳ ба ҳамон заминҳо ҷуфт баста будам, ҳамин воқеаҳо ба ёдам омада, дуд аз димоғам баромад...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Дуд аз димоғи элликбошӣ бaромад. Рангу руи вай дар як дам чандин хел шуда рафт.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. I*

### 567. Дуд ба димоғ задан

*Ниг.* Дуд аз димоғ баромадан.

Баъд аз он фаҳмидам, ки ҳамаи инҳо руйрост тарафи бойро мегирифтаанд; дудам ба димоғам зад, чоруғи даридаамро ба по карда пои пиёда Бухоро рафта ба амир арз кардам.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 568. Дуди касе ба фалак (осмон) дакка задан

*Ниг.* Дуд аз димоғи касе баромадан.

1. Ба дарун нигоҳ кард, ки Носир дар қатори комсомолецҳо нишастааст, дудаш ба фалак дакка зад.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. II*

2. Ҳаминро шунавидаму дудам ба осмон дакка зад.

*Р. Ҷалил «Субҳи саҳро»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 569. Дуди касе баромадан

1. сахт ғамгин гардидан, 2. мутаассиф ва мутаассир шудан.

Дар пеши чашмам сесад ман барин орду гандум сухта хокистар шуд, ки дудам баромад.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 570. Дуди дили касе ба фалак (осмон) печидан

ғаму ғуссаи касе аз ҳад зиёд гардидан.

Ҷамиларо падару модараш зуран ба тағозодааш доданд. Дуди дилаш ба фалак печид.

*Қ. Наимӣ «Баҳор» («Занони Тоҷикистон»)*

## ДУДИЛА

### 571. Дудила шудан

1. мутараддид шудан, 2. бекатъият шудан, ноустувор гардидан, 3. ҳайрон шуда мондан.

1. Раис дудила шуда монд. Вай ҳайрон буд, ки агар ҳамаи колхозчиён омада, ҳамин тавр ҷанҷол карда, ба канал рафтан гиранд, пас дар ин ҷо кӣ мемонад, пахтаро кӣ чида ба давлат месупорад?

*Ҳ. Карим «Дар маҷлис»*
*(«Шарқи сурх»)*

2. Шодӣ дар таги дар дудила шуда истода, намедонист, ки чи кор кунад, дарояд ё надарояд?

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

## ДУДИЛАГӢ

### 572. Аз дудилагӣ набаромадан

дар шубҳа будан, дар коре қатъият, дилпурӣ, боварӣ надоштан, мутараддид будан.

Вакте ки амир аз ин «тап-тапи зағома» натарсида корро ба ҷанг анҷомонид, боз ҳам ҷадидон аз дудилагӣ набаромаданд...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

## ДУЗД

### 573. Дузд аз сояи худ метарсад

1. дузд хеле тарсончак мебошад, дузд ҳамеша дар тарсу хавф аст, 2. ҷинояткор доимо дар биму ҳарос мебошад.

Ман мазмуни ин байтро аз қозихона гирифта будам, ки боёнро тарафдорӣ карда, камбағалонро тороҷ менамуданд. Аммо, чунон ки мегӯянд, «дузд аз сояи худ метарсад», амир бо ин байт аз худ тарсидааст.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

### 574. Дузд бошу боинсоф (мард) бош

дар тамоми кор, муомилаҳо (ҳатто дар duздӣ ҳам) боинсоф бош.

1. — Чанд гӯсфанд мегирем?

— Чандта ки тони!

— Не, Рустам,— гуфт,— «дузд бошу боинсоф бош» гуфтаанд, закотчиҳои Бухоро барин ҳар чӣ ба дастамон афтад, гирифтан намегирем-дия, якта ё дута гирем, бас.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Ту дар ин ҷо истода камтар кор кун, камбағал, лекин хушьёр бош, ки беобруӣ накунӣ, фаҳмидӣ? Дузд бош, боинсоф бош!

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

## 575. Дузд дуздро дар (шаби) торик меёбад (мешиносад)

бад бадро меёбад.

1. — Босмачиён, ки душмани хунии ҷадидон буданд, чӣ навъ шуда бо Анварпошо созиш карданд?

— «Дузд дуздро дар шаби торик меёбад» мегӯянд, ҳоло инҳо якдигарро ёфта созиш кардаанд...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. — Оқпошшо,—қарапошшо фарқ надоранд!—гуфт Смирнов.— Дузд дуздро дар торикӣ ҳам мешиносад.

*Ҷ. Икромӣ «Тори анкабут»*

## 576. Дузд хона надорад

дузд дар ҳеҷ ҷо қарору ором надорад, дар ҷое қарор гирифта наметавонад.

Гитлер, ки ҷуз азми разилона надорад,
Ҷуз ғорату яғмои палидона надорад,
Зарбулмасале дар ҳаққи у ҳаст: навиштам:
«Бар дузд бигу ҳеҷ куҷо хона надорад».

*С. Ҷавҳаризода «Гулшани афрухта»*

## 577. Дуздро қароқчӣ (раҳзан) задааст

моли ҳаром ба ҳаром мебарояд, моли дуздӣ ба дузданда насиб намешавад.

1. Иброҳим Галлу ҳам, ки ба дасти дуздони худ аз сари ҷанг гурехта меомад, ба сари воқеа рост омад:

— «Давои қурут оби гарм» аст,— гуён худро ба босмачиёни Фарғона зад ва молҳои амирро аз дасти онҳо даррабуда ба Куктош бурд ва барои «салтанати» ояндаи худ хазинаи аввалинро барпо кард ва «Дуздро қароқчӣ зад»,— гуфта хурсандӣ мекард.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Дуруст гуфтаанд, ки, «дуздро роҳзан мезанад».

*Р. Ҷалил «Ҳамида»*

### 578. Дузд ҳам менолад, соҳиби хона ҳам

дар коре розӣ нашудани ҳар ду тараф.

Амлокдор ба Амин нигоҳ кард.

Амин ҳам сар ҷунбонида ишорати «дуруст»-ро дод. Пас аз ин амлокдор ба мирзои худ: — Нависед! — гуфт.

— Ба номи кӣ? — Мирзо пурсид.

— Сафар Шодӣ,— оқсаққол ҷавоб дод.

— Чӣ қадар замин? — боз Мирзо пурсид.

— Якуним таноб! — Амин ҷавоб дод.

— Нодуруст! — гуён фарьёд кард Сафар.

Деҳқонон аз ҳар тараф садо бароварданд:

— Нодуруст!

— Нодуруст!

— Нодуруст!

— Навиштан гиред,— гуфт Амин ба Мирзо,— агар чорьяки таноб нависед ҳам, инҳо «нодуруст» гуфтан мегиранд.

— «Дузд ҳам менолад, соҳиби хона ҳам» — гуед-а, Амин бобо! — гуфт хандида як деҳқон.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

**ДУЗДИДА**

### 579. Дуздида (дуздида-дуздида) назар (нигоҳ) кардан

пинҳонӣ, номаълумона ба касе нигоҳ кардан, чашми касеро хато карда, нигоҳ кардан.

Мекунад дуздида-дуздида назар,
Нозими хотирпарешон суи ёр.

*А. Баҳорӣ «Сарахбори зиндагӣ»*

**ДУЗДӢ**

### 580. Бо дуздию гургӣ

1. бо роҳи нопок, ғайри қонунӣ, хиёнаткорона, 2. номаълумона.

Аз зоту зурьёти мо ягон одам рустӣ, бо дуздию гургӣ зан нагирифтааст...

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

**ДУМ**

### 581. Думи гурбаат кач

1. баҳонаҷӯӣ, 2. даъвои беасос.

Душман баҳона наёбад, думи гурбаат кач мегӯяд.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 582. Думи чизеро дар (ба) хурҷин андохтан (мондан)

1. кореро дар вазъияти бад гузоштан, 2. илоҷи дуруст намудани кори бадро накардан, 3. иҷрои чизеро ба таъхир гузоштан, 4. кореро бесарунуг, чигил кардан.

1. Як соҳаи деҳқониро баланд мебардорем гуфта, думи дигар соҳаро ба хурҷин андохта мондаанд.

*«Хорпуштак»*

2. Зеро Амиров аз чӣ сар кардани корро намедонист, ҳар рӯз ба ҳар масъалаи ростомадагӣ таваккалкунон мечаспиду думи онро дар хурҷин монда, аз паси кори дигар мешуд.

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

### 583. Думи касеро лесида гаштан

ба касе хушомадгӯӣ, лаганбардорӣ кардан.

— Шумо, ки ба қудрати худо имон доред,— гуфт Сафар ба Мулло Наврӯз,— чаро думи бекҳоро лесида мегардед?

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

## 584. Думи уштур ба замин расидан

1. иҷрои чизе амри маҳол будан, 2. ниҳоят дер ба иҷро расидани коре.

1. То инҳо кор ёд гирифта нони ману туро аз даҳонамон зада мегиранд, ки думи уштур ба замин мерасад.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. — Қас духтарҳои ин солу замонаро ин тавр ба ихтиёри худ карда намемонад. То одамро донистани инҳо думи уштур ба замин мерасад.

*Ҷ. Икромӣ «Ситора» («Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

## 585. Ба думи касе хор бастан

1. касеро беқарор кардан, 2. озор додан.

Вай оҳиста-оҳиста ба думи савдогарон ҳам хор мебандад. Нағзтарин, хунармандтарин косибони шаҳрро ба артели занаш бурдааст ва ду дукони шоҳифурушии зани вай ҳамаи харидоронро ба худ мекашад.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид»*

## 586. Думи худро хода карда гурехтан

зуд, бошитоб, саросемавор гурехтан.

1. Соле ки Аскари Сурх омад, амир думашро хода карда гурехт...

*С. Улуғзода «Навобод»*

2. Дар тирдони милтиқи панҷтира тир шибба бошад, як лак суфию имом думашро хода карда мегурезад...

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. I*

## 587. Бо думи шер бозӣ кардан

1. кори хавфнок кардан, 2. ҷони худро ба тахлука андохтан, 3. муқобилат бо қувваи нобаробар.

1. Баъд аз ин воқеа босмачиён диданд, ки «бо думи шер бозӣ кардан» (ба аскарони сурх муқобил шудан — *С. А.*) кори осон нест.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Фақат ҳамин қадар мегуям, ки панҷа ба шамшер задан, ё ки бо думи шер бозӣ кардан кори донишманд не!

*Ҷ. Икромӣ «Ситора» («Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

**ДУМАШ**

### 588. Думаш дар хурҷин

кори бесару нуг, кори муҷмал, чатоқ.

1. — Барои ин ки ҳама вақт ҳам майнаи раиси мо, ба қавли худашон, сад фоиз ба ду чиз банд,— ба сохтмони ким-чӣ хел чойхонаю меҳмонхонаи нест дар ҷаҳон, баъд ба хонда тасдиқ кардани актҳои думаш дар хурҷини Акталӣ...

*А. Деҳотӣ ва Б. Раҳимзода «Фоизҷон Таърифхуҷаев» («Маҷмуаи пьесаҳои якпардагӣ»)*

2. Шумо агар баъзе корҳои дар ҳақиқат думаш дар хурҷин бошад, зуд дуруст карда монед.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

**ДУМЧА**

### 589. Думчаи касе об гирифтан

1. қувватнок шуда ҷон гирифтан, 2. аз худ рафтан, ба худ ғарра шудан.

1. Аз бозе ки дар Россия ва Туркистон ҳукумат ба дасти большевикон афтодааст, думчаи фақиру бечорагон об гирифтааст.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

2. Дигар он, ки агар ман корро саҳл гирифта «бало ба пасаш» гуфта монам, думчаи ҳамаи хизматгорон об мегирад, ҳар хизматгор, ки нигоҳ дорам, мехурад, мепушад, рузе ки корам баромад, мегурезаду меравад.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

3. — Думчаи вай ҳам об гирифтааст. Гап таъсир намекунад. Ман гап назада, пешакӣ дуғ мезанад.

*Ф. Ниёзӣ ва С. Ғанӣ «Ватандӯстон»*

**ДУНБОЛ**

### 590. Ба дунболи касе афтидан

*Ниг.* Дунболи касеро гирифтан.

1. Бинобар ин баъзе дуздон ва бечорагон чанд гоҳ ба дунболи ман афтида буданд...

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

2. Оқибат барои фаҳмидани ҳоли онҳо ман ҳам аз дунболи онҳо афтидам...

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 591. Дунболи касеро гирифтан

1. касеро таъқиб кардан, 2. аз паси касе гаштан.

Зеро то кай ман дунболи инро гирифта мегардам, имрӯз набошад, фардо боз мегурезаду меравад...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 592. Дунболи чизеро гирифтан

1. аз паси чизе шудан, 2. кореро сар кардан, ба коре машғул шудан, ба коре бо ҷиддият машғул гардидан.

Эй, ҷавони хаёлию булҳавас, ҳоло як корро ба анҷом нарасондаӣ, худо медонад, ба анҷом расонида метавонӣ ё нею «...дунболи кори дигарро гирифтан мехоҳӣ!»

*Р. Амонов «Дар доманаи кӯҳҳои кабуд»*

### 593. Қасеро ба дунболи касе гузоштан

касеро барои таъқиб аз паси касе гузоштан.

Аҷаб нест ҳамтуманиҳояш ӯро аз роҳ бароварда ба дунболи ман гузошта бошанд.

*С. Айнӣ «Марги судхур»*

### 594. Аз дунболи касе овезон шудан

аз паси касе рафтан; касеро таъқиб кардан.

Ман ҳам ба умеди дубора дидани он муйсафеди хушзабон аз дунболи ӯ овезон шудам.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. II*

## ДУНЬЁ

### 595. Аз дуньё бехабар будан

1. аз аҳволи олам хабар надоштан, 2. мушкилиҳои зиндагиро надонистан, 3. камтаҷриба будан.

Ҳоло ту аз дуньё бехабар ҳастӣ...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 596. Дуньёи боумед

инсон ҳамеша бо умед, орзу зинда аст; дар паси ҳар мушкиле осоние ҳаст.

1. Зулм гарчи карда муяшро сафед,
Лек мегуянд: дуньё боумед!

*М. Турсунзода «Ман аз Шарқи озод»*

2.— Дуньё боумед,— мегуфт модар ҷон сузонда,— орзуюю ҳавасро калон кардем,

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

### 597. Дуньё вайрон намешавад...

ҳеҷ воқеае, ҳеҷ гапе намешавад.

Ту ҳам аз ҳамон нон як лаб хурӣ, дуньё вайрон намешавад.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 598. Дуньёро об гирад (бибарад), аз шилингпочаам намеомад

бисьёр беэътино, беқайд, беғам, бепарво аст.

Дар шаҳр, дар давраи дустони мисли худаш дуньёро об гирад, аз шилингпочааш намеомад.

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

## ДУО

### 599. Ба дуои курмуш (гурбаи сиёҳ) борон намеборад

бо орзуи бади касе бадӣ руй намедиҳад.

— Ҳа, ҳа, ҳа! — хандид колхозчӣ,— Бо дуои курмуш борон намеборад,

*«Хорпуштак»*

### 600. Дуо мувофиқи ато

1. ба ҳиммат, марҳамати касе нигоҳ карда, миннатдорӣ кардан, 2. ҷавоби бил-мисл додан, муомилаи бил-мисл кардан.

— Дар бораи шаҳри мо чӣ гуна таассурот ҳосил кардед? Мо ҳам, ба қавли одамони пешина «дуоро мувофиқи ато» карда гуфтем:

Бисьёрӣ ва бузургии трубаҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки дар ин шаҳр саноат хеле тараққӣ кардааст, аз фаввcovaразании дуди ғафси онҳо маълум мешавад, ки дар он корхонаҳои саноатӣ кор дар ҷуш аст. Таассуроте ки мо аз ин баландӣ ҳосил кардем, ҳамин аст.

*А. Деҳотӣ «Ҳаёт қадам мезанад»*

**ДУР**

### 601. Дурро андеша кардан

1. пешомади кореро хуб, ҳартарафа, амик мулоҳиза, фикр кардан, 2. ояндаро фикр кардан.

— Худи ман ҳам фаҳмидам, ки дар он вакт дурро андеша накарда будаам.

### 602. Аз дур даромад кардан

пеш аз арзи мақсаду муддао сарсухан кардан, аз масъалаҳои дигар гап зада, баъд ба баён кардани мақсад гузаштан.

1. Қодир амакро ба гап даровард. Вай хеле аз дур даромад карда, охир ба болои мақсад омад...

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. I*

2. Ягон мавриди қулайро ёфта аз дур даромад карда, оҳиста фаҳмондан даркор аст.

*С. Саидмуродов ва М. Рабиев «Саодат»*
*(«Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

### 603. Дур нест, ки...

эҳтимол ки, аҷаб нест, ки... шояд...

1. Агар туй кардани шавам, дур нест, ки боз панҷу чоре қарз диҳад.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. — Лекин мо аз Душанбе ба баҳонаи озуқакобӣ баромада будем, агар тиҳидаст баргардем, дур нест, ки ба пеши онҳо ҷои шубҳа шавем.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 604. Дур рафта натавонистан

ба мақсад расида натавонистан, кореро зиёд давом дода натавонистан.

Аммо ӯ медонист, ки акнун бо ин касб дур рафта наметавонад.

*Р. Ҷалил «Гулрӯ»*

**ДУХТАРАМ**

### 605. Духтарам, ба ту мегӯям, келинам, (арусам) ту шунав!

1. гаперо ба шахси дигар шунавонда гуфтан, 2. ба тариқи киноя ба каси дуйум чизеро фаҳмонда мондан.

1. Медонам, ки ба кори мактаб пеш аз ҳама ман ҷавобгар ҳастам ва дар ин ариза аз шумоён шикоят кардан «духтарам, ба ту мегуям, келинам, ту шунав» гуфтан аст...

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

2. Шумо одами ҳилагар будед, бо ман ба мисоли «духтарам, ба ту мегӯям, келинам, ту шунав!» гап задед.

*С. Улуғзода «Навобод»*

**ДӮСТӢ**

### 606 Дустии бузинагӣ кардан

нодон кореро бо нияти нек кунад ҳам, он натиҷаи бад медиҳад.

Ӯ ҳам бо ман «дустии бузинагӣ» карда ба назди амир аз будам зиёд баҳои баланд додааст.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

**ДУШ**

### 607. Касеро ба дӯши (китфи) худ бардоштан

1. бори касеро бардошта гаштан, 2. вазнинии касеро ба худ гирифтан.

— Мо ин муфтхӯрҳоро ба дӯши худ бардошта одат кардаем.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. II*

**ДӮҒ**

### 608. Дӯғи баланд

калонгапӣ, ҳайгиру ҳаймон.

— Ана халос, ҳоло даҳ-понздаҳ немисро куштагӣ барин, дӯғат баланд-ку.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

### 609. Ба дӯғ шавла пухтан

1. бо ҳавои даҳан, гапи хушк корнамоӣ кардан, 2. ҳангоматалаб, пургапи камкор.

Ин одаме ки аз дӯғаш шавла мепазад, раиси артель мебошад.

*«Хорпуштак»*

## Ё

### 1. Ё ба замин даромад, ё ба осмон парид

ғайб задан, аз назар пинҳон шудан, нест шудан.

Фақат хурҷинчаи дору, ҷойнамоз ва ҷомаи авраастари дарози вай дар ҳавлии бой монда буданд. «Ё ба замин даромад, ё ба осмон парид».

*Р. Ҷалил «Гулру»*

### 2. Ё ба зорӣ, ё ба зурӣ, ё ба зар

барои ба даст даровардани мақсад ҳама василаҳоро ба кор бурдан даркор.

1. — Худатон одами пурдида, роҳи хидматгор кор фармуданро хуб медонед, «ё ба зорӣ, ё ба зурӣ, ё ба

зар» гуфтаанд, чояш ояд, пуписа кунед, баъзе вақт пул диҳед ва гоҳо забони хуш кунед, хушомад гуед: дар ин сурат хеч гур намеравад.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Агар омада-омада меистод, кӣ медонад, шояд ба ягон чизе дили уро ёфтан мумкин мешуд. Мегуянд, ки ё ба зорӣ, ё ба зурӣ, ё ба зар! Дар дасти Мағфират ҳар се васоит хаст, вай метавонад ба осонӣ ин ҳар се воситаро кор фармояд.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 3. Ё ба ташвишу ғусса розӣ шав, ё ҷигарбанд пеши зоғ бинеҳ

агар дар талоши зиндагӣ шудан нахоҳӣ; мурдан беҳтар аст.

Дар болои роҳ ё дар болои кор маро дида мемонанд.

— «Ё ба ташвишу ғусса розӣ шав, ё ҷигарбанд пеши зоғ бинеҳ»,— гуфт Алиҷон.— Қас агар ҳар чӣ бодобод гуяд, бояд дигар аз нишебу фарози роҳ натарсад.

*Ҳ. Ирфон «Ду ёр аз ду диёр»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 4. Ё... гуй, ё... гуй

аз ҳар ду якеро интихоб кунед.

— Ё маро гуед ё корро!

*М. Сайфиддинов «Ду ҳусну ду ишқ»*
*(«Занони Тоҷикистон»)*

### 5. Ё дор мекафад, ё манор

*Ниг.* Ё тир мекафад, ё чувоз.

1. — Дигар балои мо гирифтор нашудагӣ намондааст, — гуфт Пулод писханд зада,— «ё нона калон газ, ё гапа калон гуй» гуфтаанд. Модоме ки нони калон мегазидагӣ надорем, натарсида гапи калон мегуем. «Ё дор мекафад, ё манор!»

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. I*

2. Биёед, чунон кор кунем, ки «ё дор кафад, ё манор».

*Ҳ. Содиқ «Рустами дашт» («Шарқи сурх»)*

### 6. Ё тир мекафад, ё чувоз

1. ё ғалаба, ё мағлубият, ё ҳаёт, ё марг; 2. таваккал.

1. — Раис, бо ин гапатон дар назди ташкилоти партия ҷавоб медиҳед!
— Майлаш, ё тир мекафад, ё ҷувоз!

*Ҷ. Икромӣ «Ситора» («Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

2. Коре ки у ба ивази ин дастаҳон пул ба ҷо меоварад, низ хиёнат аст, хиёнати аз пештараҳо дучанд сахттар. Аммо садқаи сар, «ё тир мекафад, ё ҷувоз», тарсончак ҳеҷ гоҳ рӯзи нек намебинад.

*Ф. Муҳаммадиев «Тири хокхурда»*

## ЕД

### 7. Ба ёд андохтан

чизеро ба хотири касе овардан.
— Дугонаҷон, биё дигар номи ӯро ба ёдам наандоз!

*Ф. Ансорӣ «Имтиҳон»*

### 8. Ба ёди касе афтидан

касеро ба хотир овардан, ёд намудан.
Мудири ҳосилоташон имрӯзҳо боз ба ёди писараш, ба ёди Баракаи гумгашта афтидааст...

*Ҷ. Икромӣ «Шоӣ»*

### 9. Аз ёд баровардан

фаромӯш кардан.

1. — Ҳа, дарвоқеъ, қариб буд, ки аз ёдам барорам.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

2. — Боз ҳамин тавр омада истед, маро аз ёд набаророед..

*П. Толис «Ҳикояҳои даҳ сол»*

3. — Лекин дилам гувоҳи дода истодааст, ки,— гуфт Пулод,— ин чизҳо ҳоли ҳозир дар таги хок истодаанд. Домуллои аз шодӣ худашро гум кардагӣ онҳоро албатта аз хотираш баровард.—Имшаб натавонем, фардо ба дасти онҳо меафтад.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. I*

### 10. Аз ёд баромадан

фаромӯш шудан.

— Чизҳои аз ҳама даркорӣ аз ёдатон баромадааст.

*А. Деҳотӣ «Шеър ва ҳикояҳои мунтахаб»*

### 11. Дар ёд доштан

*Ниг.* Дар хотир доштан.

Дар ёд дорам, ки ӯ ҳаргиз суханҳои дурушт намегуфт.

### 12. Касе, чизеро ёд кардан

1. касеро ба хотир овардан, ёдоварӣ намудан, 2. ба касе, чизе пазмон шудан.

1. Раҳмат ба шумо, аз ҳамон ҷо ҳам маро ёд кардед, ҳатто пул фиристодед.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

2. Ғами худатонро мехӯред, маро ёд намекунед...

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

3. Ҳамаи аҳли оила ӯро ёд кардаанд.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

### 13. Аз ёд кардан

чизеро ба хотир гирифтан, аз бар кардан.

Ин шеърро ман аз ёд кардам.

### 14. Ёд кунонидан

чизеро азбар кунонидан.

Аммо ӯ дар омӯхтани дарс як девори пахса барин тамоман беҳис буд ва як соат зӯр зада иборати дарси хонда мешудагиро, ки аз ду сатр зиёд набуд, ба ӯ базӯр тутивор ёд мекунондам.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III*

### 15. Ба ёд овардан

ба хотир овардан.
— Дар вақти куриам ҳеҷ кас ба ёдаш наовард...

*Қ. Наимӣ «Рузи равшан»*

### 16. Ба ёд омадан

ба хотир омадан.
Супориши вай баъд аз чанд руз ба ёдам омад.

### 17. Ба ёд расидан

ба хотир омадан.
Ин ба ёдам намерасад...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 18. Аз ёд рафтан

фаромӯш шудан.
Сонӣ, рафта-рафта аризааш ҳам аз ёдаш рафт.

*«Машъал»*

### 19. Ба ёди касе, чизе рафтан

дар орзуи касе, чизе ба ҷое рафтан, маҳз барои чизе, касе рафтан.
Ман ба ин ҷо ба ёди шумо омадам.

### 20. Ба ёду хаёл расидан

*Ниг.* Ба ёд расидан.
— Пештар ба ёду хаёли кас намерасид, ки аз чормағз ҳам мураббо мешавад!

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

### 21. Ёдаш ба хайр

аҳсан, офарин ба у.
1. Баъзеҳо ба ҳаяҷон омада фарьёд заданд:
— Тамошо кунед!
— Баракалло, қандата зан!
— Ёдат ба хайр!

*С. Улуғзода «Навобод»*

2. — Ёдат ба хайр, Ҷамила!

*«Маориф ва маданият»*

## ЁЗИДА

### 22. Ёзида-ёзида ланҷ шуда рафтан

ба худ болида, мағрур шуда дар охир расвою шарманда гардидан.

— Бохабар бошед, ки ёзида-ёзида ланҷ шуда наравед...

*С. Айнӣ «Ятим»*

### 23. Ёзида рафтан

аз худ рафтан.

— Шумо, усто Қодир,— гуфт элликбошӣ...— ҷудо ҳам ёзида рафтед ва худатонро гум кардед...

*Р. Ҷалил «Гулрӯ»*

## ЁР

### 24. Ёр аҳл аст, кор саҳл аст

агар рафиқон иттифоқ бошанд, мушкилиҳо осон мешавад.

1. — Чанд пул дошта бошем, ҳамин қадар медиҳеддия,— ҷавоб дод хола.

— Ман ҳам ҳамин хел мегӯӣ гуфта будам,— хушнудӣ кард бобо,— «ёр аҳл аст, кор саҳл аст» гуфтаанд.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

2. «Ёр ағар аҳл шавад, корҳо саҳл мешавад» гуфтагӣ барин, иҷрои программаи истеҳсолӣ ҳам боз боло рафта истодааст.

*А. Баҳорӣ «Одамони шинос»*

## ЁРИКОР

### 25. Ёрикор додан

ба касе кор нишон додан, таълим додан.

Ба ҳама ёрикор медод.

*Р. Ҷалил «Ҳамида»*

## ЁРМАНДӢ

### 26. Ба ёрмандӣ хондан

касеро ба ёрӣ даъват намудан.

Одина аз хавли чон наъра ва фиғон кашида, мардумро ба ёрмандӣ мехонд.

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

**ЁРӢ**

### 27. Ба ёрии касе расидан

дар вақташ ба ёрдами касе ҳозир шудан, дар матлабе ба касе ёрӣ додан.

Баъд аз вафоти падар аз тоҷикони деҳаи мо Мирзомумин ном деҳқон, ки бо падарам дуст буд, ба ёрии ман расид.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. I*

### 28. Ёрӣ расондан

ба касе ёрдам кардан.

Ба мо ёрӣ мерасонданд.

*А. Сидқӣ «Дар роҳ»*
*(«Шарқи сурх»)*

**ЁФТ**

### 29. Ёфту тофт (ёфтаву тофта)

тамоми чизу пули ба даст даровардашуда.

1. Ҳар хел корхои вазнинро иҷро менамуд ва ёфту тофташро ба хонааш оварда, ба эҳтиёҷи рузгори қашшоқонааш сарф мекард.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

2. Ғайр аз он ёфтаву тофтаашонро ҷамъ карда, ба пули нав алиш карда омаданд...

*С. Ғанӣ «Арвоҳ» («Тоҷикистони советӣ»)*

**ЁФТА**

### 30. Ёфта гирифтагӣ гапат

ягона гапат, он гапе, ки фикр карда ёфтаӣ...

Сахтгапӣ накунед. Ёфта гирифтагӣ гапатон: мо бад кишт кардем, ягонакуниро кашол додем...

*Қ. Наимӣ «Роҳи дуруст»*
*(«Шарқи сурх»)*

# З

## ЗАБОН

### 1. Забони касеро бастан

касеро хомӯш кардан, касеро ба сукут маҷбур кардан, ба суханҳои зиёдатӣ гуфтани касе монеъ шудан.

1. Ин ақида забони Толибро баст. Вай дигар лаб накушода ба ҷои худ нишаст.

*Р. Амонов «Дар доманаи кӯҳҳои кабуд»*

2. Қисман ҳаққонӣ будани сухани пирамард забони маро баст....

*Ҳ. Ирфон «Ду ёр аз ду диёр» («Шарқи сурх»)*

### 2. Бар (ба) забон бурдан

чизеро гуфтан, номбар кардан, ба забон овардан.

Ҳар калимае, ки боиси озори касе шавад, бар забон намебурд.

*«Хорпуштак»*

### 3. Забон газидан

аз гап бозистодан, хомӯш, сокит шудан.

Забон газиду лаб фуру баст.

*Р. Амонов «Дар доманаи кӯҳҳои кабуд»*

### 4. Аз забони касе гап задан

аз ҷониби, аз номи касе гап задан.

Ту аз забони ман як гапи дурӯғ зада, маро дар пеши акамуллом шарм доронди.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. II*

### 5. Забон гирифтан

1. гап зада натавонистан, 2. сақав-тутила будан.

1. Бофанда аз тарс ҳайрону ларзон шуда, забонаш гирифт.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

2. Дар вақти гап задан ва хондан забонаш мегирад ва агар ӯ қуръонро ҳифз кунад, қории бад мешавад.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III*

### 6. Ба забон гирифтан

касе, чизеро ба хотир овардан, номбар намудан, гуфтан.

1. Қушбегӣ бо одати муқаррарии ҷазодиҳӣ номҳои он се нафарро ягон-ягон ба забон гирифта ва дар ҳақиқат соҳиби ҳамон номҳо, ҳамон одамҳо буданро аз ҳозиристодагон тасдиқ кунонда хукми кушро ба дасти миршаб дод.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. II*

2. Ҷунбул-махдум дар вақти баён кардани ин воқеа ҳеҷ гоҳ масъалаи пули киро ва низоеро, ки бар болои ин масъала дар байни худашон ва аробакаш бархоста буд, ба забон намегирифт...

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

### 7. Забони гургонро гургон медонанд

*Ниг.* Забони мурғонро мурғон медонанд.

— Шумо забони онҳоро мефаҳмидед-а?..

— Албатта мефаҳмам! — гуфт ноиб.— Магар «забони гургонро гургон мефаҳманд» нағуфтаанд.

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

### 8. Бо забони дароз

1. дилпурона, 2. бо ғалаба, бо муваффақият.

1. Ӯ бо забони дарозу боварии комил сухан меронд.

*«Тоҷикистони советӣ»*

2. Ҷамбилу дугонаҳояш дар муддати кутоҳе аз Масчоҳи нав хар кадом 2—2,5 тонна пахта чида, ҳосилнокии меҳнати худро аз ҳама зиёдтар карда, бо рӯи сурху забони дароз ба Исфара баргаштанд.

*М. Узоқов «Лӯлиён»*
*(«Истеъдодҳои ҷавонон»)*

### 9. Забони касе дароз шудан

1. ҳақ ба тарафи касе шудан, 2. далер гардидан, 3. сергап, густох, маҳмаддоно шудан.

1. «Ҳозир якта «2» мегирифт, дар маҷлис забони ман ҳам дароз мешуд».

*«Машъал»*

2. — Забони ту, тирмизак, бисьёр дароз шудааст! — ба ғазаб омада фарьёд мекунад зани Обидзода,— ҳай-ҳай нагуям, бутун ба сари мо баромада мегири, ҳушьёр шав, духтари беру, агар ин хел кардан гири, забонатро мебурам...

*Р. Амонов «Дар доманаи кӯҳҳои кабуд»*

### 10. Ба забон даромадан

ба гапзанӣ шурӯъ намудан.

Танҳо вакти шаб, ки мо ҳар ду ба таги як курпа даромада мехобидем, вай кам-кам ба забон даромада, баъзе дидагиҳояшро ҳикоя мекард.

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

### 11. Ба касе забон додан

бо касе аҳду паймон кардан, қавл додан.

1. Ба кури Шермат-Қурбошӣ охир,
Забон дод, аҳд баст, он пири чапгир.

*Л. Обидхуҷаев «Асарҳои мунтахаб»*

2. — Ҳамон падарлаънат бояд забон дода бошад. Ҷаро ки маро ба ҳамон қишлоқ сар карда бурдагӣ ҳам худи ҳамон аст.

*«Барои адабиёти социалистӣ»*

### 12. Забони касеро (чизеро) донистан

хусусияти касе, чизеро донистан, тарзи рафтор ва муомиларо бо касе, чизе донистан.

1. Дар ҳама ҷо манфиати халқро, манфиати аксариятро пеш мегузошт ва дар ҳар ҷо барои халқ ва фои

даи у ҷонбози карда мекушид. Забони халқро медонист ва бо ҳама дар як забон гуфтушунид карда метавонист.

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

2. — Занҳоро фиристонед, онҳо забони ин корро медонанд...

*Р. Ҳайдар «Зафар» («Шарқи сурх»)*

### 13. Забон ёзонидан

1. сергап шудан; бе истиҳола гап задан, 2. густох шудан.

— «Ту, ту» нагуй, хар...

— Ин гушнапурзур, ки як бор гапи худро гузаронид, забонашро ёзонида фиристонд.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 14. Забон ёрӣ надодан

чизеро гуфта натавонистан, ба гуфтани чизе ҷуръат накардан.

Бинобар он вай метавонист ба назди сардори милиционероне, ки зиёратгоҳро посбонӣ мекарданд, рафта илтимос кунад ва аз қатори пеш истад, лекин забонаш ёрӣ надод.

*Ҷ. Икромӣ «Зиндаи ҷовид» («Шарқи сурх»)*

### 15. Забони касе кушода шудан

майли гапзанӣ пайдо шудан, ба гапзанӣ сар кардан, ба гап даромадан.

1. Баъд аз ҳамин (нушидани пиёлаи дуйуми май — *М. Ф.*) забонаш кушода шуда, дарди дилашро изҳоркунон гапҳоеро, ки дар бюро гузашта буд, нақл кард...

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

2. Ҳоло сабр кунед, ба ҷояш, ба сари столи муфаттиш ки рафтед, забонатон кушода мешавад ва хоҳеднахоҳед, ҳар чи ки ҳаст, гуфта медиҳед.

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

### 16. Забон кушодан

гап задан, ғап сар кардан, ба гуфтани чизе сар кардан.

— Дар бораи шунидагиҳоят забон кушой, сарат аз танат ҷудо мешавад.

*Ҷ. Икромӣ «Тори анкабут»*

### 17. Забони касеро кушодан

касеро ба гап задан водор кардан, касеро ба гап даровардан.

— Машкоб — гурги борондида...

— Агар забони уро кушода тавонед, ба ҳамаи муаммоҳоятон ҷавоб дода метавонад.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 18. Забони касе кутоҳ (будан)

ба сабаби иштирок доштан дар коре ҷуръати дар бораи он гапзаниро надоштан, муттаҳам, гунаҳкор будан.

1. Азбаски худаш зандуст ва молпараст аст, забонаш кутоҳ аст, бинобар ин ба айшу ишрат ва молғундории мо роҳ мемонад.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. — Бачаҳо, ана душман кӣ будааст? Дидед-мӣ, забонаш чӣ қадар кутоҳ, ғинг гуфта наметавонад!

*А. Усмонов ва Ҳ. Обидӣ*
*«Пионер дар сарҳад»*

### 19. Забони касеро кутоҳ намудан

касеро муттаҳам кардан.

Аммо зури бозуи Алиҷон дар андак вақт ҳамаро коил кард ва нигохи оташбори у забони ҳарзагӯи густохонро зуд кутоҳ намуд.

*Ҳ. Ирфон «Ду ёр аз ду диёр»*
*(«Шарқи сурх»)*

## 20. Аз забон мондан

маҷоли сухан гуфтан надоштан, гап зада натавонистан, аз беморӣ ва беҳолӣ қобилияти гапзаниро гум кардан.

— Ба худо шукр, аз забон намондаем,— ғурунгос зад аз байн касе.

*Р. Ҷалил «Шуроб»*

## 21. Забони мурғон (морон)-ро мурғон (морон) медонанд

касони ба ҳам наздик якдигарро ба осонӣ ва нағз мефаҳманд, ҳамҷинсон матлаби якдигарро медонанд.

1. Бой, ки мувофиқи мақоли «забони мурғонро мурғон медонанд» мақсади амлокдорро фаҳмида будааст, кайҳо аз духтар умеди худро канда, дар дили худ «ҳасдуздро роҳзан зад» гуён дигар аз паси духтар ба хонаи амлокдор нарафтааст.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III*

2. Дар як моҳ зиёда аз чор ҳазор коргаронро танҳо ӯ ёфта ба мо гусел кардааст. Набошад дар як сол ҳам ин кор ба мо муяссар намешуд. Забони моронро морон медонанд, забони мурғонро мургон.

*Ҳ. Ирфон «Ду ёр аз ду диёр»*
*(«Шарқи сурх»)*

## 22. Забон нагаштан (ба чизе)

ба гуфтани чизе ҷуръат накардан, суханеро талаффуз карда натавонистан, хиҷолат кашида хомуш мондан.

1. — Канӣ, ягон кас ба шумо ягон гапи беҷо занад-чӣ! Забони ҳеҷ кас намегардад.

*С. Улуғзода «Навобод»*

2. — Ин чӣ хел ном, ки ба гуфтани он забони кас намегардад.

*С. Ғанӣ «Табассум»*

### 23. Забон нарафтан

ба гуфтани чизе ҷуръат накардан.

— Ман ҳам кайҳо инро пайхас рафта будам, лекин ба гуфтан, надонам барои чӣ, забонам намерафт.

*Ҷ. Икромӣ «Ғусса» («Шарқи сурх»)*

### 24. Ба забон овардан

чизеро гуфтан, изҳор кардан, баён намудан, ба хотир овардан.

1. — Ман мехоҳам айбу нуқсонҳои туро, ки ба руҳияи замон бегонаанд, ба забон орам.

*«Тоҷикистони советӣ»*

2. Ҳануз Ёдгор ишқи худро ба Гулнор рӯйрост ба забон наёварда буд.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

3. Яке аз онҳо ин тааҷҷуби умумиро ба забон оварда гуфт...

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. IV*

### 25. Ба забон омадан

1. қобилияти сухангӯӣ пайдо кардан, сухан гуфта метавонистагӣ шудан, 2. ба сухан даромадан.

1. Оқибат Имомқул ба забон омада ба Ёрмуҳаммад гуфт...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Дина аз гап гап баромада, Ҳалимбойамак ба забон омад. Шумо, мегӯяд, роҳбари партия ҳастеду Ҳамидов аъзои партия.

*Р. Ҷалил «Субҳи саҳро»*
*(«Шарқи сурх»)*

3. Вақте ки рақамҳо ба забон меоянд...

*М. Миршакар «Вақте ки рақамҳо*
*ба забон меоянд» («Шарқи сурх»)*

### 26. Забони касеро ору газидан

хомуш мондан, сокит гардидан.

— Норбибӣ, магар забонатонро ору газид, гап занед, ин чӣ буҳтони ногаҳонӣ?

*Ф. Ниёзӣ «Духтари ҳамсоя»*

### 27. Чизеро бар (ба) забон рондан

чизеро гуфтан, талаффуз намудан, ном бурдан, зикр кардан.

1. Аробакаш дар вақти ҷанҷол «калимаҳои куфр»-ро бар забон рондааст.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

2. Лекин интизоми аскари сурхӣ иҷозат намедиҳад, ки касе ин суханро ба забон ронад...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 28. Ба касе, чизе забон расондан

кордор шудан; дар ҳаққи касе, чизе бад гуфтан, эрод гирифтан.

1. Ҷадидҳо дар аввалҳои бекор шудани император ҳамин гуна вайрон кардани мамлакат ва шариатро талаб кунанд ҳам, ба зоти ҳумоюни ҷаноби олӣ забон намерасонданд.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

2. — Ба мулло забон нарасон, кофир мешавӣ,— гуфт як деҳқон ба Ғуломҳайдар киноякунон.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

3. — Уламоро ҳақорат кард, ба шариат забон расонид.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

4. Онҳо дар навиштан баъзе хатоҳо мекарданд, лекин муллоён дигар ба он бачаҳо забон намерасониданд..

*С. Улугзода «Субҳи ҷавонии мо»*

### 29. Забони сурх сари сабз медиҳад барбод

андеша накарда гап задан боиси ранҷу малол мешавад.

1. Бо андеша гуфтугӯ кун. «Забони сурх сари сабз медиҳад барбод» гуфтаанд.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. II*

2. — Дар урфият мегӯянд, ки «забони сурх сари сабз медиҳад барбод». Пагоҳ Гулбибӣ хола ба хонаи арус меравад, одати занҳоро худатон медонед, баногоҳ аз даҳонашон баромада равад, миш-мишро шунидан гиред. Корро бало мезанад.

*Ш. Қиёмов ва А. Мороз «Дил дили Зайнаб» («Шарқи сурх»)*

3. Барои ин кор аз мо ҳар моҳе ду тилло, яъне даҳ сум маош мегиред, инчунин нон, қанд, равған ва ҳоказо ротифан мегиред. Лекин дониста монед, ки «забони сурх сари сабз медиҳад барбод!»

*Ҷ. Икромӣ «Тори анкабут»*

### 30. Забон тафсидан

саргарми гапзанӣ шудан.

Соҳибамак, ки аввал хомӯш нишаста, ба суханони Абдусаттор фақат бо нидоҳои кӯтоҳ-кӯтоҳ ҷавоб медод, ҳоло забонаш тафсида рафта, акнун на ӯ, балки Абдусаттор хомӯшона гӯш дода, «ҳа, ҳа» гуфта менишаст.

*П. Толис «Ҷавонӣ»*

### 31. Забони таъна расондан (ба касе)

касеро таъна, маломат кардан.

Баъзе хурдагирон ба Саид-Бодпо забони таъна расониданд:

— Ҷаро як зани соддаи покизаеро фиреб медиҳӣ?

*А. Деҳотӣ «Алос ва чораи халос» («Занони Тоҷикистон»)*

### 32. Забони тез

забони талху тунд.

Аслаш забони ман тез ки ҳаст, ба ҳар кас ва дар ҳар ҷо ҳар чиз ки ба ман маъқул бошад ҳам мегуяму номаъқул бошад ҳам мегӯям.

*Ҷ. Икромӣ «Тори анкабут»*

### 33. Забон устухон надорад

забон ҳар чиро гуфтан мегирад.

— Одамҳо дар чӣ ғаму шумо дар чӣ хаёл,— гуфт Зоя.
— Мебахшед. забон устухон надорад...

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

### 34. Аз забони касе хат гирифтан

аз касе дастхат гирифтан.

Ҳар гоҳ ҷанҷол яктарафа шуда, бача ба хидмати ман дарояд, ман ба худаш писанд карда, бо дасти худаш қарзашро ба самоворчӣ диҳонда аз забонаш хати дигар мегирам.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 35. Аз забон хат додан

ба касе дастхат (расписка) додан.

Ба бадали ин қарз ба ман хизмат карданӣ шуда, аз забонаш хат дод.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 36. Аз забони касе хат навиштан

аз номи касе хат навиштан.

— Даррав ба боён ва ғуломҷаллобони тумани Ғиҷдувон, Шофирком, Вобканд ва Зандане аз забони ман хат навишта, омади корвонро хабар диҳед.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 37. Забон хоидан

1. фикри худро норавшан, печ дар печ гуфтан, 2. сухани худро нимғурма кардан.

1. Фақат андаке забон хоида ба баробар набудани маълумотнома ва дар шаҳр будани хонаводаи Ҳайдарҷон чун мамониате ишора намудед.

*Ф. Муҳаммадиев «Мактуби дуст» («Шарқи сурх»)*

2. Ҷавон аз чизе истиҳола карда, забон хоида монд.

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

### 38. Забони касеро хорондан

касеро ба гапзанӣ маҷбур кардан; ғаши касеро оварда ба гап задан водор намудан.

1. — Астағфируллоӣ.. Ба ин нодон чӣ гӯям?
— Забонамро нахоронед.

*Р. Ҷалил «Саргузашти Сир» («Шарқи сурх»)*

2. — Қадом гапи шуморо нафаҳмидам? Ба бачаҳо чӣ шудааст?
— Боз забони касро мехоронӣ. Охир, пагоҳӣ ман ҳамин қадар гапро ба девор гуфта будам-мӣ?

*А. Баҳорӣ «Одамони шинос»*

### 39. Забони худро нигоҳ доштан

1. сухани худро қатъ кардан, хомӯш шудан, 2. аз гуфтани чизе худдорӣ намудан, мулоҳиза намудан, 3. сиррееро ошкор накардан.

1. — Забонатро нигоҳ дор, беадаб...

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

2. — Забон нигоҳ доред, хоҷа, инҳо гурехта намераванд!

*С. Улуғзода «Қисмати шоир»*

3. Наташа ҳам бояд забонашро маҳкам нигоҳ дорад.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

## 40. Бо забони хуш

бо меҳрубонӣ, дустдорона.

Аммо одамони ноиб аз ҳуҷуми деҳқонон тарсида, онҳоро назаданд, лекин бо забони хуш ва бо хушомадгуӣ аз суфа фуромада, аз дарвоза бароварда фиристоданд...

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

## 41. Забони хуш доштан

некмуомила будан, хушгап будан.

Ӯ соҳиби хату савод буд ва ба мардум забони хуш ва муомилаи нек дошт.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. I*

## 42. Забони хуш кардан

бо меҳрубонӣ, нармӣ гап задан.

Аз падараш мурдан боз як даҳон гапи баланду паст назадаам, пул бошад, ҳозир аз ман ҳазор тангаи нақда қарз дорад, забони хуш мекунам, насиҳат медиҳам...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

## 43. Аз забон шаҳду шакар рехтан

*Ниг.* Аз забон асал чакидан.

1. Ӯ гарчи дар лаҳзаҳои ғамгиниаш дамдузд, хаппак ва одамгурез бошад ҳам, вале дар вақтҳои кайфчоқиаш чунон тутии хушхон мешуд, ки гумон мекардед, ки аз забонаш шаҳду шакар мерехт.

*Қ. Носиров «Орият»*

2. — Қизларгули азиз,— рӯзе изҳори муҳаббат кард ҷавонмард аз забонаш шаҳду шакар рехта,— шумо ҳастеду ман ҳастам.

*«Маориф ва маданият»*

### 44. Забони шикоят кушодан

дар борaи касе, чизе шикоят сар кардан.

Бародари Солеҳ ва ин деҳқон дар назди ман аз мироб забони шикоят кушоданд...

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

### 45. Аз забони касе шунидан

шахсан аз касе шунидан.

1. — Падарам дар мактубашон навишта буданд ва имрӯз аз забони модаратон шунидам...

*Ф. Ниёзӣ «Духтари ҳамсоя»*

2. — Аз забони худаш шунавед, чӣ мегӯяд?

*Ҳ. Раҳмон ва М. Ғиёс «Гурба ва рашк»*
*(«Истеъдодҳои ҷавонон»)*

### 46. Забон як будан

бо касе аҳду паймон кардан, бо касе ҳамраъй будан.

— Набошад бо ягон коркуни завод забонаш як будааст-дия, вагарна 40 ҳазор хиштро аз завод осонакак баровардан ҳунари ҳар кас не.

*«Хорпуштак»*

### 47. Забон як кардан

аҳд, шарт, паймон кардан, ба як қарор омадан.

1. — Ҳамаи шумоён дузд, ҳамаатон забонҳоятонро як кардед,— гуфт Мулло Наврӯз аз ҷояш хеста.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

2. Карданд забонро як
Бе мову ту ҳам онҳо.

*М. Турсунзода «Асарҳои мунтахаб»*

3. Ман мехостам донам, ки эшон бо батракҳои сариҷуияш забон як кардааст ё не...

*С. Улугзода «Субҳи ҷавонии мо»*

### 48. Забонро... кулоч карда гап задан

бебокона, густохона сухан кардан.

— Ту, ҳилагар, писарамро ҷоду намуда ба худат пойбанд карда монданат бас нест, ки боз ба ман забонатро як кулоч карда гап мезанӣ!

*А. Мусаввада «Сабоҳат»*
*(«Занони Тоҷикистон»)*

### 49. Забони касеро ғунда газидан

*Ниг.* Забони касеро ору газидан.

Илоҳӣ забони бадгуйро ғунда газад.

*К. Носиров «Орият»*

### 50. Бо забони ҳол гуфтан

бо қиёфа, вазъияти худ аҳволи худро ифода ва изҳор кардан.

1. Тасвир карда ҳоли фаҷеи замони худ,
Гуфт аз забони ҳоли замон бо забони худ...

*С. Айнӣ «Ашъори мунтахаб»*

2. Туроб қиёфаи мағруронаи чапаннамо дошт ва нигоҳаш густохонаи худписандвор буд, ба тавре ки гуё «ба забони ҳол» мегуфт: «ҳар коре ки хоҳам, мекунам, ба ман ҳеҷ кас ҳеҷ чиз гуфта наметавонад!»

*С. Улуғзода «Навобод»*

**ЗАБОНА**

### 51. Забона задан

1. шуълавар шудан, 2. ба хуруш омадан.

Дар дили духтар умедхои пок забона мезад.

**ЗАБОНАТ**

### 52. Аз забонат гардам

нисбат ба расонандаи хабари хуш гуфта мешавад; қурбонат шавам.

1. — Умеди маро барбод надеҳ! — Дақиқае дар байн хомушӣ ҳукм ронд ва ба рухсораи Мунаввара табассу-

ме давиду чашмонаш хашмгинона боз ба замин духта шуданд:

— Майлаш, ман гап мезанам!

— Аз забонакат гардам, ба номакат қурбон шавам! — гуфт модар хушҳолона...

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

2. — Ҷонам садақа шавад,— гуфт кампир, вақте ки муаллим хатро хонда шуд.— Аз забонат гардам.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

**ЗАБОНБОЗӢ**

### 53. Забонбозӣ кардан

чоплусӣ, хушодамгуӣ кардан.

— Аз барои худо гапатро тоҷикӣ карда руйрост гуй, монанди савдогарони Бухоро забонбозӣ накун!

*С. Айнӣ «Дохунда»*

**ЗАБОНГИР**

### 54. Забонгир шудан

аз гап задан оҷиз шудан.

Аммо дар он вақт шарм карда, забонгир шуда, ба зери обу арақ монда бошам ҳам, як навъе карда ба Лутфия дарди диламро... баён кардам.

*Ҷ. Икромӣ «Тори анкабут»*

**ЗАБОНДАРОЗӢ**

### 55. Забондарозӣ кардан

1. калондаҳонӣ кардан, густохӣ кардан, 2. ба гуфтани чизе ҷасорат кардан.

1. Агар ин хизматро дуруст адо накарда, «ман Ватанро дуст медорам, ҳамеша дар ёди вай ҳастам» гуён забондарозӣ кунем, даъвогари хушку холӣ мешавем.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

2. «Забондарозӣ кардаму аз уҳдааш набаромадам...»

*«Тоҷикистони советӣ»*

3. Худи ман чӣ бахту толеъ дорам, ки ба бадбахтии касе забондарозӣ кунам?!

*Ҷ. Икромӣ ва Е. Мительман*
*«Гуноҳи кӣ?»*

**ЗАБОНЗАД**

### 56. Забонзад будан

машҳур будан, дар ҳама ҷо гуфта шудан.

Хуҷанд, ки ҷои бошишгоҳ ва майдони қаҳрамонии қаҳрамони ҳикояи мост, дар ободонӣ забонзади мардуми Шарқ буд.

*С. Айнӣ «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик»*

**ЗАБОНЗАДА**

### 57. Забонзада гардидан

*Ниг.* Вирди забон шудан.

Ин «дастҳалолкунии» вай рӯзе чандин бор такрор ёфта, забонзадаи хосу ом гардида буд.

*Ҳ. Ирфон «Ду ёр аз ду диёр»*
*(«Шарқи сурх»)*

**ЗАБОНКУТОҲ**

### 58. Забонкутоҳ будан

дар пеши касе шарманда будан, ба гуфтани гапе ҷуръат надоштан.

1. — Нестам аз ту ман забонкутоҳ,
Пуш барвақттар даҳонатро.

*М. Турсунзода «Асарҳои мунтахаб»*

2. Роҳбарони колхоз, ки аз ҳама забонкутоҳ мебошанд, дар ҳаққи коргурезон чизе гуфта наметавонанд.

*«Хорпуштак»*

### 59. Касеро забонкутоҳ кардан

*Ниг.* Забони касеро кутоҳ намудан.

1. Ту як буйдокро ба хона, ба назди духтари бақадрасида гирифта омада маро дар байни мардум забонкутоҳ карданӣ ҳастӣ?

*Қ. Наимӣ «Рӯзи равшан»*

2. Ман аҳмақ набошам, сирри диламро ба ин рубоҳ чаро гуфтам? Акнун вай маро забонкутоҳ кардааст.

*А. Сидқӣ «Иродаи зан»*
*(«Занони Тоҷикистон»)*

3. — Кӣ медонад, ки пахтаи хомро кӣ чидаасту кӣ супоридааст. Ба ҳар ҳол,— илова кард у,— ин лаънатӣ ҳамаро забонкутоҳ карда монд.

*К. Носиров «Ориятъ»*

### 60. Забонкутоҳ шудан

*Ниг.* Забони касе кутоҳ шудан.

1. — Қоре карда аз ин ҷанг дар пеши аҳли маҳаллаю қишлоқи худ забонкутоҳ нашуда бо руи сурху болодастӣ баргардем, аз ин дида давлати калон нест.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

2. — Қодир, акнун дар назди арусат забонкутоҳ шудӣ!

*М. Миршакар «Шаҳри ман»*
*(«Шарқи сурх»)*

**ЗАБОНКУТОҲӢ**

### 61. Аз касе забонкутоҳӣ доштан

дар пеши касе гунаҳгор, мулзам будан, камбудие содир карда, дар назди касе муттаҳам будан.

— Маълум мешавад, ки шумо аз шавҳаратон ягон забонкутоҳӣ доред.

*С. Ғанӣ «Магнитофон»*
*(«Маориф ва маданият»)*

**ЗАБОНХОӢ**

### 62. Забонхоӣ кардан

*Ниг.* Забон хоидан.

Ман намедонам... ба ёдам нест, аз забони кӣ гуфт, аммо ҳақиқат ин ки вай ҳамин тавр гуфт:

— Забонхоӣ накун, ту нағз ба ёд дорӣ ва медонӣ. Нақл кун.

*С. Улуғзода «Калтакдорони сурх»*

## ЗАБОНЧА

### 63. Забонча карда гирифтан

касеро бисьёр сарзаниш карда гаранг намудан.

Бачаи бечoраро чунон забонча карда гирифтед, ки... ҳатто ҳушашро гум карда... Дар зери машина мондaнашро ҳам нафаҳмида монд...

*Ҷ. Икромӣ ва Е. Мительман «Гуноҳи кӣ?»*

## ЗАБОНӢ

### 64. Забонӣ гуфтушунид кардан

дар бораи масъалае бо ҳам як ба як гуфтугӯй кардан, даҳанакӣ ба як қарор омадан.

Танхо дар вақти ҳосил чизеро, ки соли гузашта забонӣ гуфтушунид карда, доду гирифт карда будем, медиҳӣ.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

## ЗАД

### 65. Заду хурд

1. мунoқиша, ҷангу ҷадал, 2. муҳориба, мубориза.

1. Аз байн якчанд ҳафта гузашту заду хурди дуйум ба миён омад...

*С. Ғанӣ «Табассум»*

2. Дар байни Азизбек ва Дусталибой аз барои чарогоҳ шуда заду хурди сахте ба амал омада, аз ду тараф якчанд кас кушта ва ярадор мешавад.

*Л. Саид «Пеш аз субҳ»*
*(«Шарқи сурх»)*

3. Деҳаи моро як даста аскарони сурх, ки бар зидди босмачиён мубориза мебурданд, ба худ қароргоҳ сохтанд. Замона нотинҷ буд, дар атроф заду хурдҳо шуда меистоданд.

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

**ЗАДА**

### 66. Зада куфта...

бо кӯшишу ғайрат кореро кардан, бо машаққату мушкилиҳои зиёд кореро ба иҷро расонидан.

Задаю куфта бо ёрӣ ва мададгории зиёиёни ҳамонвақта шумораҳои журналро тартиб медодем...

*«Тоҷикистон»*

**ЗАМИН**

### 67. Ба замин афтода мондан

аз ҷиҳати иқтисод оҷиз, нотавон шудан, муҳтоҷи ёрдами моддии касе гардидан.

Дид, ки Бозор бо ин қадар ба замин афтода намонд ва ба хизмати дари хонааш муҳтоҷ нашуд...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 68. Заминро газидан

сахт истодагарӣ кардан, устувор истодан.

Заминро мегазему роҳи душманро банд мекунем...

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ I*

### 69. Ба замин задан (касе, чизеро)

шарманда, беобрӯ, беҳурмат кардан, чизеро бе эътибор, паст кардан.

1. Абдулғанӣ кадом боеро ки бинад, якчанд маротиба дуқат шуда таъзим мекунад. «Ҳой Абдулғанӣ, ба ту онҳо чӣ додаанд, ки ин тавр худро ба замин мезанӣ?» — мегуфтанд дигар камбағалон.

*Ҳ. Назаров «Дар ҷустуҷӯи Карим-Девона»*

2. — Мунаввархон, азизам, хезед, шарафи худро ба замин назанед, шумо ин ҷо заррае гуноҳ надоред.

*С. Ғанӣ «Магнитофон» («Маориф ва маданият»)*

### 70. Замин кафиду одам (чизе) баромад

одам ниҳоят бисёр, анбуҳ ва издиҳоми калон.

1. Дар вокзал «замин кафида одам баромада буд».

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

2. Ба деҳ аз ҳар тараф одам даромад,
Замин гуё кафид одам баромад.

*М. Турсунзода «Ман аз Шарқи озод»*

### 71. Заминро миннатдор карда пой мондан

бо ишваву ноз роҳ гаштан; бо такаббур ва ҳавобаландона қадам мондан.

Ошнояш Худойбердӣ аз кор холӣ шуда, ба ҷояш Сангини Сатанг ном одами ҳавобаланде, ки заминро миннатдор карда пой мемонад, омад.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

### 72. Замин накафид, ки дарояд

ниҳоят шарм дошт, дар хиҷолат монд, шарманда ва мулзам шуд.

1. Баъди шунидани ин суханон аз ҳар тораи муи марди бадмаст чак-чак арақ шорид. Замин накафид, ки дарояд.

*С. Ғанӣ «Табассум»*

2. Писаратон маро масхара карданд, чунон музтар карданд, ки замин накафид, ки дароям.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. I*

3. Ман чунон дар хиҷолат мондам, ки замин накафид, то ки даромада руямро пинҳон кунам.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 73. Касеро ба замин нигарондан

касеро шарманда кардан, ба хиҷолат монондан, шарм дорондан.

«Ин муйсафед мазҳаб надоштааст, беқавл будааст, аҳду паймонро вайрон кард!» — гуфта, моро якумр ба замин нигаронда мемонад.

*С. Улуғзода «Навобод»*

### 74. Заминро об вайрон мекунад, одамро гап

касеро бад гуфтан гирӣ, бадном мешавад.

— Аз туқсабегӣ ор мекунам, лекин аҳволи замона ганда, «ин дар замони амир иноқ буд, ин туқсабо буд,

ин ясавулбошӣ буд» гуфта як қисми одамони паст ба амалдорони кӯҳна гап мепарронанд, «заминро об вайрон мекунад, одамро гап» гуфтаанд.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

**75. Заминро об вайрон мекунад, одамро одам**

одами бад касро ба роҳи бад мекашад, одами бад одами нағзро аз роҳ мезанад.

1. Ин фитнагари ҷодугар Ҳамроҳбибии нодонро аз роҳ баровардааст. Беҳуда нагуфтаанд, ки «заминро об вайрон мекунаду одамро одам».

*«Занони Тоҷикистон»*

2.— Замина об вайрон кунад, одама — одам! Ҳосилотамон одами дунъё дидаю боақлу бо фаросот бошанд ҳам, гоҳо заиф қатӣ баробар мешаванд.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

**76. Замину осмонро ба сар бардоштан**

доду фарьёд кардан.

Ду кас мисли калзоғ қар-қар фарьёд зада, замину осмонро ба сар мебардоштанд.

*«Хорпуштак»*

**77. Замин рафга (омада) ба осмон часпидааст?**

магар ягон ҳодисаи фавқулодда, бад рӯй додааст? ҳеҷ воқеа не, ҳеҷ гап не, ҳеҷ ҳодисаи боиси ташвиш не.

1.— Хайр, чӣ шудааст? Замин рафта ба осмон часпидааст-мӣ, духтарам?

*А. Деҳотӣ ва Б. Раҳимӣ («Маҷмӯаи пьесаҳои якпардагӣ»)*

2. — Медонӣ чӣ гап: имрӯз дӯсти деринаат Аҳмад аз Кулоб омадааст.

— Хуш, Лакҷон, чӣ шудаасг, магар замин омада ба осмон часпидааст?

*«Хорпуштак»*

### 78. Замин сахт, осмон баланд

вазъияти ноилоҷ.

1. — То кай ба ин ҳол менишинӣ, Қурбон!..

— Замин сахт, осмон баланд, илоҷам чист? Менишинам-дия...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. — Аммо чӣ кунем? «замин сахту осмон баланд». Мо мартаба надорем, ки ба онҳо дуғ занем, қудрат надорем, ки ба дуруст кардани кон онҳоро маҷбур кунем.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

### 79. Замини сиёҳ кашад!

дуои бад: дар мавриди ба касе марг хостан гуфта мешавад.

— Алҳазару тавба, замини сиёҳ кашад туро!

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. I*

### 80. Аз замин то осмон фарқ доштан

дар байни ду кас, ду чиз фарқи куллӣ будан.

1.— Аз замин то осмон фарқ дорад, рафиқ.

*Ф. Ниёзӣ «Духтари ҳамсоя»*

2.— Ана ин ҳам аъзои ҷамъият ва он лабкашол ҳам аъзои ҷамъият! Аз замин то осмон фарқ дорад.

*М. Миршакар «Муаллими ишқ»*

### 81. Ба замин яксон намудан (кардан)

1. касеро беобрӯ, шарманда, расво кардан, 2. нобуд кардан.

1. Яке Даллесро, ҳамчун моҷароҷӯй ва оташдиҳандаи ҷангу низои байни халқҳо мазаммат карда, ба замини сиёҳ яксон менамуд...

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

2. Дар ҷанги дунимсоатаи ба ҷӯшомада бо саду панҷоҳ нафар далерони худ вай 200 нафар йигитҳои Миршабро ба замин яксон карда аз дами шамшер гузаронида буд.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. II*

## ЗАМОНА

### 82. Замона алғав-далғав будан

вақт, замон бесаранҷом, ошуфта будан.
Қошки замонаҳо алғав-далғав набошад...

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 83. Замона бо ту насозад, ту бо замона бисоз

агар шароит ба ту мувофиқ наояд, ту худро ба он мувофик кун, бо шароит созиш намо.

1.— «Замона бо ту насозад, ту бо замона бисоз» гуфтаанд. Ҳоло мо маҷбур ҳастем, ки бо замона созиш кунем, як рӯз мешавад, ки замона боз барои созиш кардан бо мо маҷбур мешавад.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

2.— Чӣ кор карданамро надониста мондам, тақсир, андозаро бурда супораму кор карда гаштан гирам гуям, ояндааш чӣ мешуда бошад, намедонам, ё «замона бо ту насозад, ту бо замона бисоз» гуфтагӣ барин таваккал карда ба артель дароям гӯям, инро ҳам намедонам.

*Ф. Ниёзӣ «Духтари ҳамсоя»*

### 84. Замона вайрон

давр, замон нотинч.

Замона вайрон шуд. Одамҳо хона-чояшон, ёру диёрашонро партофта ба ғарибӣ мераванд...

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

### 85. Замона намебардорад

ба шароити мавҷуда рост наомадани коре, ба қонуну қоидаи замона рост наомадани чизе.

— Боз ҳамон гапи кӯҳна гӯед,— оташинона хитоб кард Шукуров,— дили ман ҳам мекашад, ки бо ин роҳи ошкорои мусулмонӣ хонадор шавам, лекин замона намебардорад.

*Р. Ҳайдаров «Духтари бебок»*
*(«Истеъдодҳои ҷавонон»)*

### 86. Замона нарм мекунад.

муҳит одамро ба худ мутеъ мекунад, шароит гирифтугири касро паст мекунад.

— Урмон-Полвон имрӯз хеле нарм шудааст-а...—замона ҳар касро нарм мекунад...

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

**ЗАМОНАСОЗӢ**

### 87. Замонасозӣ кардан

1. бо шароит созиш кардан, ба қонун ва қоидаҳои мавҷуда итоат намудан, 2. дурӯягӣ, мунофиқӣ намудан.

Андар дили ту вафо надидам ҳаргиз.
Ин дуст ба мо замонасозӣ кардаст.

*«Рубоиёт ва дубайтаҳои халқи тоҷик»*

**ЗАН**

### 88. Зани хурдӣ — дила бурдӣ

зани ҷавон маҳбубтар аст.

— Охир, ту имрӯз не — пагоҳ бикаи хурдӣ мешавӣ, «зани хурдӣ — дила бурдӣ!» гуфтаанд.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 89. Зани ҷавону шӯи пир — сабат биёру чӯҷа гир

дар пиронсолагӣ аз зани ҷавон соҳиби кӯдаки бисьёр шудан.

Ҳар дуи онҳо хеле калонсол шуда хонадор шуданд. «Зани ҷавону шӯи пир — сабат биёру чӯҷа гир».

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. I*

**ЗАНБАР**

### 90. Занбар даркор шудан

оҷиз, нотавон, бедармон шудан, пири фартут шудан.

— Чӣ андеша мекунед, мӯйсафед! — гуфт Бобосафар ба вай.— Рафта саёҳат кунед-чӣ, фурсат ғаниматl Баъдтар ба ману шумо занбар даркор мешавад.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

ЗАНБАРБОБ

### 91. Занбарбоб шудан

нотавон, пири фартут шудан.

Пирамард баъди ягон шаш моҳи доштдиҳӣ, маза аз қайлааш рафта, нардбони шалақ барин лиққонаку ларзонак ва оҳиста-оҳиста занбарбоб мешуд.

*Р. Ҷалил «Ҳамида»*

ЗАНГӢ

### 92. Зангӣ бо шустан сафед намешавад

одами бад сад кӯшишу ғайрат барои хуб шудан кунад ҳам, ҳаргиз хуб намешавад; доғи гуноҳ бо шустан ҳаргиз наравад.

— Ман афв металабам.

— Ман хоинро ҳеҷ афв намекунам.

— Ман бо хидмати содиқона худро сафед мекунам.

— «Зангӣ бо шустан сафед намешавад».

*С. Улуғзода «Калтакдорони сурх»*

ЗАР

### 93. Зар бар сари фулод (пулод) ниҳӣ нарм шавад

пул ҳар масъалаи мушкилро ҳал менамояд.

1. Дар ин кор зар даркор аст, зар! Ҳар чи гуна зани саркаш бошад ҳам, бо дидани зар ром мешавад, «зар бар сари фулод ниҳӣ, нарм шавад» гуфтаанд.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. II*

2.— Не, бародар,— гуфт китобфурӯш,—сукути ин нусхаи шуморо пурра кардан кори осон ва арзон не, фақат бо дуои неки шумо намешавад... зар бар сари пулод ниҳӣ, нарм гардад.

*Ҷ. Икромӣ «Тори анкабут»*

### 94. Зар додану дарди сар харидан

бо ягон амале худро ба ғаму кулфат андохтан, аз ҳаракати беандешонаи худ гирифтори нохушӣ шудан.

— Бе дарди саре нишаста будам, «зар додаму дарди сар харидам» гуфтагӣ барин як ғапи бехударо гуфтаму сарамро ба бало мононам.

*«Тоҷикистони советӣ»*

**ЗАРАР**

### 95. Зарар дидан

*Ниг.* Зарар кашидан.

Дастори шумо ба сабаби ба замин афтидан аз хок зарар намедид...

*С. Айнӣ «Марги судхур»*

### 96. Зарар кашидан

осебе дидан, зиён дидан, шикаст ёфтан.

Аз ин эътимоди худ то ҳол зарар накашидаам ва фиреб ҳам нахӯрдаам.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 97. Зарари шалғамро аз фоидаи сабзӣ баровардан

зарари чизеро аз чизи дигар баровардан.

Вақте ки ғалберро аз об бардоштанд, Неъматҷони мутахассис натавонист зарари шалғамро аз фоидаи сабзӣ барорад.

*«Хорпуштак»*

**ЗАРБ**

### 98. Зарбу лат кардан

кӯфтан, задан, касеро қин кардан.

Ӯро ба зарбу лат кардан ва шиканҷаю азоб додан даромад.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

### 99. Зарбу лат расидан

*Ниг.* Зарбу лат хурдан.

Ҳамеша зарбу лати рӯзгор ба сарам мерасид...

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 100. Зарбу лат хӯрдан

1. калтак хӯрдан, кӯфта, қин шудан, 2. ба шикаст дучор шудан.

Зарбу лати устоди бераҳмро камтар мехӯред...

*Ч. Икромӣ «Духтари оташ»*

## ЗАРБА

### 101. Зарбаи худро гузаронидан

касеро зери даст кардан, тарсонда гирифтан, касеро бо таҳдид мутеи худ карда гирифтан.

Чунки ӯ ба муаллимон чунон зарбашро гузаронидааст, ки агар камтар аз бинӣ боло гап зананд, ҳамоно чолокона кафшашонро пеш мегузорад.

*«Маориф ва маданият»*

## ЗАРДА

### 102. Зарда кардан

норозигӣ ва хашми худро бо пичинг изҳор кардан.

— Ин кори шумо не, муаллимҷон! — зарда кард Ҷалол.

*«Хорпуштак»*

## ЗАРУРАТ

### 103. (Гар) зарурат бувад (бошад), раво бошад

агар эҳтиёҷ бошад, кори нораворо ҳам кардан ҷоиз аст.

1.— Ҳайрон нашавед,— ӯро боз тасаллӣ доданд,— «зарур бошад, раво бошад» гуфтаанд. Аз куҷое ки бошад, меоварем-дия.

*С. Ғанӣ «Табассум»*

2. Ё майлаш дурӯғ гуфтан гирем.

— Гар зарурат бувад, раво бошад гуфтаанд.

*М. Миршакар «Қишлоқи тиллоӣ»*

**ЗАФАР**

### 104. Зафар бар болои зафар

ба болои хурсандӣ боз хурсандӣ, аз паи муваффакияте боз муваффакият.

«Зафар бар болои зафар»; аз ғайри 26 нафаре, ки аз аҳолии Ҳисору Душанбе ва гурезагони бухори ба гуноҳи чадидӣ ва большевикӣ ба даст афтода кушта шуданд, аз майдони чанг ҳам ду нафар аскари сурхро асир карда оварданд.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

**ЗАХМ**

### 105. Захми куҳнаи (дили) касеро тоза кардан (кофтан)

дарду алам, азобу машаққати гузаштаи касеро ба хотираш овардан.

1. Шумо ба вай дарду аламҳои нав меоваред, захмҳои куҳнаи дилашро тоза мекунед.

*С. Улуғзода «Ерони боҳиммат»*

2. Хучаини пештараи ман — Бутабой як вакте ба ман ҳамин тариқа гапҳо зада буд: «Уй, Ҳошим, насиби ту дар олам аталаю нони чав!» Аммо ман инро аз ту шунавидан намехохам! Ту захмҳои куҳнаи маро наков!

*С. Улуғзода «Навобод»*

### 106. Захми дили касе тоза шудан

дарду алам, азобу машаққати гузашта ба хотир расидан.

«Қошкӣ ман ҳамин хел писаре медоштам» — фикр кард подшоҳ ва захми дилаш тоза шуда, охи сарде кашид.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

### 107. Захми чашми бад

1. осеби чашми бад (аз руи эътиқоди хурофӣ: агар соҳиби чашми бад ба касе ё чизе назар афканад, ҳатман ба он зарар мерасад), 2. зиён аз ҳасуд.

Барои дафъи захми чашми бад он чизҳоро ба болои ин иморат гузоштаанд.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 108. Захми чашм расидан

*Ниг.* Чашм расидан.

Лекин ба давлати он кас захми чашм расида, мо аз ёрмандии он кас ҳам маҳрум мондем.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

**ЗАҚҚУМ**

### 109. Заққуму зардоб шудан

азоб кашидан.

Аз тарси «азоби дузах» ғам хурда, заққуму зардоб шуда менишаст.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

**ЗАҲМАТ**

### 110. Заҳмат кашидан

ташвиш кашидан.

1.— Рахмат. Акнун заҳмат накашед ҳам мешавад.

*С. Улуғзода «Навобод»*

2. — Не, не, заҳмат накашед.

*С Ғанӣ «Магнитофон»*
*(«Маориф ва маданият»)*

**ЗАҲР**

### 111. Заҳр задан

1. сухани нешдор, дил озор гуфтан, ба касе неши забон задан, 2. фикру ақидаи касеро вайрон кардан.

1. Ин эшони маккор яке аз хамонҳост, ки ба мардум заҳр мезанад.

*«Тоҷикистони советӣ»*

2.— Ба дуньёи равшан омада, аввал сари падару модарата хурдӣ,— мегуфт вай ғур-ғуркунон дар вақтҳои қаҳраш заҳрашро ба Фируза зада.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 112. Заҳру зарда кардан

ба касе таъна, сарзаниш, қаҳру ғазаб кардан.

Хешу таборҳои бевазан заҳру зарда карда, ба шаҳр фаромада ба маҳкамаҳои калон ариза доданӣ буданд...

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», ҷ. I*

### 113. Захри зуқум хӯрдан

1. таънаю маломат шунидан, 2. азобу машаққат кашидан.

— Охир, худи шумо чӣ хел одам,— гуфт Алӣ бо гоқати тоқшуда,— ман захру зуқум хӯрда истодааму шумо бошед, «хавотир нашавед» мегӯед.

*Р. Ҷалил «Гулру»*

### 114. Захри одамро одам мегирад

дар суҳбати рафиқон аз ғаму ғусса фориғ мешавӣ, ғаму ғусса дар суҳбати улфату дӯстон сабук мегардад.

«Захри одамро одам мегирад» мегӯянд, шояд яктанимта ёру дӯстонро дида ғубори дилатон барояд.

*С. Ғанӣ «Табассум»*

### 115. Захр рехтан

ба касе қаҳру ғазаб кардан; неши забон задан.

Ӯ захрашро танҳо ба ман мерезад.

### 116. Захр чошидан

*Ниг.* Захр рехтан.

— Ин қадар заҳратона ба ман начошед, бува! — Охир ман ҳам одам.

*С. Улуғзода «Шодмон»*

**ЗАҲРА**

### 117. Заҳраву зарда

ҷуръат, ҷасорат.

— Ба одам заҳраву зарда даркор, ҷӯра.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

### 118. Заҳраи касе кафидан

сахт тарсидан.

Уро дида қариб заҳраам кафида буд.

## ЗЕР

### 119. Дар зери арақи хиҷолат мондан

сахт хиҷолат кашидан.

Баъд аз ду дақиқа монанди мурғи дар об ғутида шалпар шуда, дар зери арақи хиҷолат монда аз меҳмонхона баромада омад.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. I*

### 120. Қасеро ба зери бағал гирифтан

касеро ба ҳимояи худ гирифтан, ёрдам кардан.

— Ҷавонҳоро нағз истифода кун, онҳо ба ту хеле ёрӣ медиҳанд... Ӯро ҳам ба зери бағалат гир!

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

### 121. Дар зери бағали касе даромадан

1. дар ҳимоя, паноҳи касе шудан, 2. паҳлу ба паҳлу истода якҷоя кореро иҷро намудан.

— Писарам,— гуфт ӯ ба Раҳимдод,— дар вақтҳое ки падарат буд, мо осуда будем, ӯ дар зери бағали акааш даромада ҳар корро баҷо меовард.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 122. Дар зери бинии касе кореро кардан

дар пеши чашми касе коре кардан.

Қорчаллонҳо дар зери биниатон корашонро буд карда гаштаанд.

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

### 123. Аз зери бинии худ дуртарро надидан

кӯтоҳандеш, бемулоҳиза будан.

— Худи ту аз зери биниат дуртарро намебинӣ! — гуфт вай боқаҳру ғазаб...

*«Хорпуштак»*

### 124. Дар зери бори хиҷолат мондан

хиҷолат кашидан, изо кашидан.

Акрам низ аз шунидани ин суханҳо дар зери бори хиҷолат монд.

*М. Набиев «Ҷураҳо»*
*(«Овози ҷавонҳо»)*

### 125. Дар зери дасти касе кор кардан

шогирди касе шудан, бо роҳбарии касе кор кардан.

Мақсади асосии ман ҳамин ки дар зери дасти одами донишманди кори худ ва педагоги ботаҷриба кор кунам, омузам, вассалом.

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

### 126. Аз зери дасти касе баромадан

таълими касеро гирифта омил шудан, бо таълими касе маҳорат пайдо кардан.

Аз зери дасти вай шогирдони бисьёре баромада, як қисмашон ба фабрикаҳои бофандагӣ, ба комбинатҳои шоҳибофӣ рафта ва қисмашон устоҳои моҳири ҳамин хел артельҳо шудаанд.

*Ҷ. Икромӣ «Ғусса»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 127. Дар зери дасти касе будан

дар итоати касе будан, фармонбардори касе будан.

Вай ҳам агар дар зери дастат бошад, корат осонтар мешавад-дия.

*Ҷ. Икромӣ «Ситора» («Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

### 128. Ба зери дасти худ гирифтан

касеро ба итоати худ даровардан, мутеъ гардондан.

Мо метавонем ҳама дуздонро ба зери дасти худ гирифта, мусаллаҳ карда, ба худ нафар ва навкар кунем...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 130. Зери дасти худ кардан

касеро ба итоати худ даровардан, касеро мутеъ кардан, ба тасарруфи худ даровардан.

1. Калоншавандагон бошанд, фукароро зери дасги худ карда то мумкин аст, ба мо ёрӣ медоданд...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Ба куллаи Дарвоз то холо касе пой нагузоштааст. Акнун ба мо зарур аст, ки онро зери дасти худ кунем.

*Ф. Ниёзӣ «Чанг бо кухсор»*
*(«Шарки сурх»)*

### 131. Зеру забар гаштан (шудан)

1. дархаму бархам, парешон шудан, 2. несту нобуд гардидан.

1. Шахр тамоман зеру забар шуд...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Насиб бошад, рузи касосро рузи зеру забар шудани нокасону хунхуронро хам медидагем!

*Ч. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 132. Зеру забар кардан

1. парешон, дархаму бархам кардан, 2. несту нобуд, поймол кардан.

Суханхои муйсафед хаёлхои Шодиро зеру забар карданд.

*Ч. Икромӣ «Шодӣ»*

### 133. Аз зери забон забон баровардан

мохирона гап задан, суханпардозӣ кардан.

Ба мукобили даллол, ки аз зери забон забон баровварда далолат мекард, бой чавоб ёфта натавонист...

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 134. Аз зери (таги) замин мор гузарад (чунбад), донистан

аз хама чиз хабардор будан, нихоят зирак ва хушьёр будан.

1. Мо аз зери замин мор гузарад, медонем.

*К. Наимӣ «Рузи равшан»*

2 — Тағот рӯзи мурданаша намедонаду халос, набошад дар таги замин мор ҷунбад, мефаҳмад!

*П. Толис «Тобистон»*

### 135. Зер карда даромадан

ногаҳон, бе ибо ба ҷое даромадан.

Ба болои зану бачаи косиби камбағал зер карда даромаданд...

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 136. Ҷоеро (чизе, касе) зер кардан

ниҳоят бисьёр будани чизе, касе.

Ин дуньёро заншавандаҳо зер кардаанд-ку...

*М. Назаров «Найрангшоҳ» («Маҷмуаи пьесаҳои якпардагӣ»)*

### 137. Дар зери (таги) коса нимкоса будан

1. дар коре ягон мақсади ниҳонӣ будан, 2. дар амале фиребу макр будан.

1. «Векселаш чӣ бало бошад, мабодо дар зери ин коса нимкоса бошад, мабодо кори маро ин вексель бадтар кунад» гуён дар дили худ меандешид...

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

2. Ман ҳис мекардам, ки тағоям ба ман рости гапро намегуфт, пай бурдам, ки дар таги коса нимкосае ҳаст.

*П. Толис «Тобистон»*

3. Ҷаббор бо ҳамин найрангҳо ин дафъа ҳам харашро аз лой гузаронида гирифтанӣ. Ҳама медонад, ки вай хасеро ба касе муфт намедиҳад, «дар зери коса нимкоса ҳаст».

*Р. Ҷалил «Субҳи саҳро» («Шарқи сурх»)*

### 138. Зери лаб гап задан

оҳиста гап задан.

У ҳамеша зери лаб гап мезанад.

### 139. Зери лаб ханда кардан

тамасхур кардан.

Чаро Қосим шодикунон зери лаб ханда кард?

*«Машъал»*

### 140. Зери мушт гирифтан

касеро задан, куфтан, мушткорӣ кардан.

Падарам ба ғазаб омада, ҳам ман ва ҳам модарамро ба зери мушт гирифтанд.

*М. Шарқӣ «Марҳабо»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 141. Касе, чизеро дар зери назар гирифтан

ба касе, чизе назорат кардан, касеро таъқиб намудан, поидан.

1. Ман меравам пеши миршаб, шумоён чашм нокандa муомилаи маро бо ӯ дар зери назар гиретон.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. IV*

2. Бар суфачаи як дӯкони дарбаста нишастам ва монанди гурбае ки мушро мепояд, бе он ки ба худи ӯ фаҳмонам, ҳаракатҳояшро дар зери назари диққат гирифтам.

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

### 142. Аз зери нохуни касе чирк ҷустан (кофтан)

айбҷӯӣ кардан, дар паи ёфтани айби касе шудан; хурдагирӣ кардан.

1. Иштиёҳи аз зери нохуни мардум чирк ҷустан ӯро дар бистари беморӣ, аз афташ, осуда намегузошт.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

2. Воҳидов боз далертар шуда, кӯшиш мекард, ки аз зери нохуни Сафар ҳар чӣ бештар чирк кофта барорад.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

### 143. Ба (дар) зери обу арақ мондан

*Ниг.* Ба обу арақ ғутидан.

Сухани Дилбар ва диққати аҳли маҷлис уро суп-сурх карда, ба зери обу арақ монда буд.

### 144. Дар зери обу арақи хиҷолат мондан

*Ниг.* Дар зери арақи хиҷолат мондан.

Духтур бо ин мулоҳизаи худ дар зери оби арақи хиҷолат монда, даворо навишта тариқи хӯрдани вайро гуфта дод.

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

### 145. Чизеро зери парда нигоҳ доштан

чизеро пинҳон доштан, ошкор накардан.

У дар навиштани аҳволи худ, аҳволи ҳамзамонон, ошноён ва ҳамсуҳбатони худ ҳеҷ чизеро зери парда нигоҳ намедорад.

*С. Айнӣ «Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ»*

### 146. Зери пой андохтан

*Ниг* Зери по кардан.

1. Мардуми мо сухани китобро зери пой андохта, аз руи гумон калонони худро бадном карданд...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Шумо ҳам шариат ва ҳам одамиятро зери по андохтед!

*Ҷ Икромӣ «Духтари оташ»*

### 147. Аз зери пой баровардан

масофаеро тай кардан.

Аз ин шаҳрҳо бисьёртар ба Банорас, Мадрас, Оллоҳобод, Ҳайдаробод, Қарочӣ, Пишовур, Лакнов, Калкатта ва Деҳлӣ рафта метавон гуфт, ҳафт парканаи Ҳиндро аз зери пой баровардам.

*Ҳ. Ирфон «Ду ёр аз ду диёр» («Шарқи сурх»)*

### 148. Аз зери по баромадан

беқадру қимат, беэътибор будан.

— Писари ман аз зери по баромадаасту гахвораи духтари ту аз осмон фуромадааст-мӣ? Канӣ, гап зан!

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

### 149. Зери (таги) по кардан

1. хору зор намудан, 2. эътино ва эътибор накардан, ба эътибор нагирифтан.

1. Оё мо ҳамин қадар ҳам беномусу бевиҷдонем, ки боварии халқамонро зери по мекунем?

*Ғ. Абдулло ва Ш. Қиёмов «Туфон»*

2. Орзую умеди модаратро зери по мекунӣ?!

*Ҷ. Икромӣ ва Е. Мительман «Гуноҳи кӣ?»*

### 150. Зери пои касеро кофтан

*Ниг.* Дар зери пои касе чоҳ кандан.

Ин гапҳо ҳама баҳонаҷуӣ, набошад ҳеҷ асос надоранд, мехоҳанд зери пои маро кованд.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

### 151. Дар зери пои касе чоҳ кандан

дар паи зарррасонӣ ва ҳалокати касе шудан.

Вай дар зери пои роҳбарони институт чоҳ канда гаштааст...

*Р. Амонов «Дар домани кӯҳҳои кабуд»*

### 152. Зери по шудан

1. беқадру эътибор шудан, 2. хору зор шудан.

Сарат аз санг, танат аз оҳан шавад, дастат болову душманат зери по шавад!

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

### 153. Аз зери санги осиё сиҳат баромадан

1. аз вазъияти сахт осебе надида халос шудан, 2. хеле маккор будан.

Атоев бо найрангбозиҳои худ аз зери санги осиё сиҳат мебарояд.

*«Маориф ва маданият»*

### 154. Ба зери тозиёна гирифтан

1. касеро бо қамчин задан, 2. зери танқид гирифтан, танқид, сарзаниш кардан.

Яъне, баъзе мунаққидон мунтазири он мешаванд, ки кай ягон асари хуб ё баде мебаромада бошад, то ки нағзашро таъриф ва бадашро ба зери тозиёна бигиранд.

*Ш. Ҳусейнзода «Масъалаҳои танқиди адабӣ дар адабиёти советаи тоҷик» («Шарқи сурх»)*

### 155. Ба зери хок рафтан

мурдан.

Албатта чизҳои ғундоштаи инҳо ҳам баъд аз сарашон подшоҳӣ шуда, худашон «кафангадо» гардида ба зери хок мерафтанд.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. II*

### 156. Дар (ба) зери чашм гирифтан

1. таъқиб кардан, 2. диққати худро ба касе, чизе нигаронидан, ҳамеша дар мадди назар доштан.

1. У аз болохона поин фуромада дар наздиктари рафчаҳо барои худ нишастгоҳ сохта, аз он ҷо занро дар зери чашми худ мегирифт.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. II*

2. Акнун вай рафтор ва кирдори бойро ба зери чашм гирифта, ҳамеша ба Ҳайдарқул ва Фируза хабар дода меистод.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

3. Петухов қариб як сол шуд, ки Дашаи соҳибҷамол, лекин тундмиҷозро ба зери чашм гирифта буд, барои ба даст даровардани он пинҳонӣ ҳам макру ҳила, ҳам дуғу пуписа, ҳам зорию илтиҷоро ба кор меандохт.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

## 157. Аз зери чашм гузарондан

бо диққат аз назар гузаронидан; дида баромадан.

1. Вақте ки Зебӣ он шахсро сар то по аз зери чашм гузаронд, дар охир чашмони вай ба нишоне, ки дар сари синаи он аз шуълаи офтоб ҷило медод, афтод.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

2. Аввал гирду атрофро аз зери чашм гузаронида дидем...

*«Хорпуштак»*

## 158. Қасеро, чизеро зери (таги) чашм кардан

дар назар доштан.

1. Бале, раис чанд вақт аст, ки ин колхозчидухтари зеборо зери чашм карда буд...

*«Тоҷикистони советӣ»*

2. «Барои ту як арӯси паризодро таги чашм карда мондаам».

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

3. Дарҳол тамоми асбобу анҷом ва чизҳои дар анбори мактаб бударо дида баромад, ҳар чизеро ки ба табъаш мувофиқ буд, зери чашм карда монд.

*«Хорпуштак»*

4. Барои эҳтиёт ягона бухгалтери нағзи боваринокро зери чашм карда монед, Улфатов.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

5. Дима ҳамаи ин кори уро хуб зери чашм мекард.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

### 159. Касеро ба зери чуб гирифтан

касеро чубкорӣ кардан, бо калтак задан.
Ҳоло уро ба зери чуб мегиранд...

*Ҳ. Обидӣ «Қаҳрамони комсомол»*

### 160. Ба зери қаноти касе даромадан

дар ҳимояи касе шудан, ба касе паноҳанда шудан.
Мансабдорҳои гурезаи Оқпошшо, ҳамин хиёнаткорҳо, ҷаллодҳо ва хунхорҳо ба зери қаноти амир даромада гирифтаанд.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 161. Касеро ба зери қаноти худ гирифтан

касеро ба ҳимояи худ гирифтан, ба касе кумак кардан.
1. Абдулло ба нағз тарбия кардани Мухтор уҳдадор шуда, уро ба зери қаноташ гирифт.

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

2. Аз байни ҳамин қадар муҳоҷирон маҳз уро, Ҷумъаро интихоб карда, ба зери қаноташ гирифт, кор ёд дод.

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

**ЗЕҲН**

### 162. Зеҳни касе коҳидан

хафа, дилгир шудан.
У маро Ҳамид — Саша меномад, то зеҳни ман ҳам накоҳад.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

### 163. Зеҳни касе кунд будан

кундфаҳм будан, камқобилият будан.
Зеҳни Давлат кунд набуд.

*Р. Ҷалил «Шуроб»*

### 164. Зеҳн мондан

1. ба чизе диққат кардан, диққати худро ба чизе ҷалб намудан, 2. кушишу ғайрат кардан.

1. — Не, ин тавр не, туро чӣ шуд, зеҳн мон! — гуфта дубора калимаи гувоҳиро талқин кард.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Ба хондан зеҳн мон...

*Р. Амонов «Дар доманаи кӯҳҳои кабуд»*

### 165. Зеҳни касе тез будан

хушфаҳм будан, қобилияти нағз доштан.

Раъно нағз мехонд, зеҳнаш тез буд.

*«Тоҷикистони советӣ»*

## ЗИЁН

### 166. Зиён расондан

ба касе, чизе зарар расондан.

Душманони дарунӣ ба хоҷагии халқ зиёни бисёр расонданд.

## ЗИКР

### 167. Зикри (васфи) айш — нисфи айш

ба хотир овардани воқеаи хуби гузашта низ ба кас лаззат мебахшад, орзуҳои нағз низ боиси хурсандӣ мешаванд.

1.— «Зикри айш — нисфи айш»,— гуфт Холмирзо ба Қудрат. Гап занед, канӣ, баъд чӣ шуд?

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

2. Шаҳкосачашм тиллоҳои ҳоло наруидаро ғуё дар кисаи худ медид, ки дар бораи онҳо ба як ҳарисии махсус каф ба каф зада аз онҳо кайф карда сухан мегуфт. Беҳуда нагуфтаанд, ки «Зикри айш — нисфи айш».

*Р. Ҷалил «Шуроб»*

**ЗИММА**

### 168. Ба зиммаи касе бор карда шудан

касеро ба чизе ӯҳдадор намудан, мутасаддӣ намудан, кореро ба касе супурдан.

Дар шароити мо бисьёр мақола ва асарҳое, ки доир ба адабиёти классикӣ навишта мешаванд, ба зиммаи мунаққидон бор карда шудаанд.

*Ш. Ҳусейнзода «Масъалаҳои танқиди адабӣ дар адабиёти советии тоҷик» («Шарқи сурх»)*

### 169. Ба зимма гирифтан

ба ӯҳдаи худ гирифтан, ӯҳдадор шудан.

Китобфурӯширо ҳам шумо ба зимма гирифтед...

*«Хорпуштак»*

**ЗИН**

### 170. Аз зин фурояд ҳам, аз узангу намефурояд

аз мансаб фаромада, бе молу мулк шуда бошад ҳам, вале такаббурӣ, калонгирӣ ва калонгапӣ аз димоғаш нарафтааст.

Вай «аз зин фурояд ҳам, аз узангу намефаромад».

*«Маориф ва маданият»*

**ЗИНА**

### 171. Зина ба зина

дараҷа ба дараҷа, оҳиста-оҳиста, тадриҷан.

Ба баъзе воситаҳои маданият зина ба зина тан додани ака Хошок ба тарзи дигар воқеъ шуд.

*А. Деҳотӣ «Алос ва чораи халос» («Хорпуштак»)*

**ЗИНДА**

### 172. Зинда ба гӯр будан

дар азобу машаққати сахт зиндагӣ кардан.

Пеш аз революция ҳамаи камбағалон зинда ба гӯр буданд.

## ЗИНДАГӢ

### 173. Зиндагӣ ба сар бурдан

умр гузарондан, ҳаёт гузарондан.

Вагарна мисли ҳайвон зиндагӣ ба сар мебурд...

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 174. Аз зиндагӣ даст шустан

аз ҳаёт умеди худро кандан, ба мурдан тан додан.

Муҳлати гуфтагии подшоҳ тамом мешуд, рӯзи сеюм наздик меомад, дуредгарон аз зиндагӣ даст мешустанд.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

### 175. Зиндагӣ талх шудан

ҳаёт барои касе пуразобу машаққат ва ногувор гардидан.

Гардад агар Тоҳир аз они Маҳин,
Зиндагиам талх шавад баъд аз ин.

*М. Турсунзода «Асарҳои мунтахаб»*

## ЗИНДАГОНӢ

### 176. Зиндагонии касе танг будан

ҳаёти касе дар азоб будан, ба сахтӣ ва эҳтиёҷ рӯз гузаронидан.

Зиндагонии Раҳими Қанд хеле танг буд...

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

## ЗИНДАДИЛ

### 177. Зиндадил кардан

касеро рӯҳбаланд кардан.

Шумо будед, ки маро дубора зиндадил карда, дубора дар дили ман орзуҳои ҷавониро бедор гардонидед!

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. I*

## ЗИРА

### 178. То зираю пиёзи чизеро донистан

чизеро мукаммал, аз сар то охир донистан, аз тамоми ҷузъиёти чизе огоҳ будан.

— Чӣ қадар дили бутунатон ҳаст, ки ҳар воқеаро то зираю пиёзаш медонед!

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

**ЗОНУ**

### 179. Зону задан

1. ба зону нишастан, 2. илтимосу илтиҷо кардан.

1. Ясавул аз бозуи Темурмалик дошта ба у фармуд, ки бо одати муғул зону зада ба Қатағануғлон, ки сардори лашкар буд, таъзим ва эҳтиром намояд.

*С. Айнӣ «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик»*

2. Онҳо душмани мананд, онҳо ба ман қасд кардаанд ва ҳозир ҳам тайёранд, ки сояи маро аз девор торошида партоянд... Ту бошӣ дар назди онҳо зону задӣ, об шуда мондӣ...

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

**ЗОРӢ**

### 180. Ба зорӣ даромадан

тавалло кардан, илтимосу илтиҷо намудан.

— Ҳар чӣ хоҳӣ кун, аммо тойчаро ба ман деҳ, ки агар надиҳӣ, дар ҳасраташ дилам пора-пора мешавад,— ба зори медарояд пирамард.

*С. Улуғзода «Навобод»*

### 181. Зорӣ дорему зӯрӣ не

мо фақат илтимос мекунем.

1.— Мо мартаба надорем, ки ба онҳо дуғ занем, қудрат надорем, ки ба дуруст кардани кон онҳоро маҷбур кунем. Зорӣ дорему зӯрӣ не, — гуфт касе бо овози хайратомез.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

2. — Хуб, зорӣ дорему зурӣ не,— гуён Обидзода худаш нушид...

*Р. Амонов «Дар доманаи кӯҳҳои кабуд»*

## ЗУМ

### 182. Зум ба зум

тез-тез, дам ба дам.

Зум ба зум: — Ман кулак, ман хоҳар надорам... мегуфт.

*Ҳ. Карим «Оқшуда»*

### 183. Дар... зум задан

дар андак вақт, дар муддати кӯтоҳ, дар як нафас.

Дар чор зум задан чор тарафи майдонро давр зада ба лаби ҷӯй баромад...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

## ЗӮР

### 184. Зӯр ба зӯр

хоҳам-нохоҳам, бо дили нохоҳам.

— Ҳа, боз чӣ шуд? — ғуён пурсид ва илова намуд Усмонқул ака.

— Дилат харбуза кашида бошад, ба дӯкон рав, уко, ҳозир дар анбор харбуза нест.

— Ана халос,— гуфта зӯр ба зӯр хандид Шодӣ.

*«Тоҷикистон»*

### 185. Зӯри беҳуда миён мешиканад

кӯшиши бемавқеъ, беақлона боиси хафагӣ мешавад, беҳуда кӯшиш кардан натиҷае намедиҳад.

1. — Ҳоҷӣ, овора нашав, «зӯри беҳуда миён мешиканад». Ту мулло намешавӣ...

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

2. — Модарҷон, парво накунед, аз дасти тағоям ҳеҷ кор намеояд. Овора шуда нагардад. Зӯри беҳуда миён мешикастааст.

*Қ. Наимӣ «Рӯзи равшан»*

3. Дар ҳақиқат, андак истироҳат кардан зарур, бо майнаи хасташуда ин гуна муаммоҳоро ҳал карда намешавад. Зўри беҳуда миён мешиканад, гуфтаанд.

*Ф Муҳаммадиев «Тири хокхурда»*

### 186. Зўр зада дидан

кўшиш кардан, озмудан, имтиҳон кардан.

Боз як зўр зада дид, вале чупонро ба гап дароварда натавонист.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 187. Зўр задан

кўшиш кардан, меҳнат кардан, фаъолият нишон додан.

1. То қоматашро андаке рост карда гирифтани участка, расо ҳам зўр зад.

*«Тоҷикистон»*

2. Ана сонӣ, чунон ки зўр задем,
   Шаба-шаб, рўза-рўз ногуфта...

*А. Деҳотӣ «Ҳаёт қадам мезанад»*

### 188. Зўр омадан

мушкил шудан, ба тангӣ афтодан, ноилоҷ мондан.

Аз мактаб ки баромадӣ, китобу дафтар ба хотират намеояд. Баъд вақте ки зўр омад, аз дигарон гила карда мегардӣ...

*Б. Умарӣ «Ду рафиқ»*
*(«Туҳфаи ҷавонон»)*

### 189. Зўри касе ба чизе, касе расидан

аз уҳдаи иҷрои коре баромадан, қудрат, имконият доштан.

1. Не, не ту ҳозир ба ҳар кор зўрат мерасаду худат намедонӣ.

*А. Сидқӣ «Иродаи зан»*
*(«Занони Тоҷикистон»)*

2. Деҳқон ўро медид, вале зўраш намерасид, ки пеш кунад.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

3. Ман дар ҳамон ҷо донистам, ки агар мардум иттифоқ бандад, ба онҳо зури ҳеҷ кас намерасидааст.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 190. Зур шудани кор

мушкил шудани коре; калон шудани доираи коре.

Баъд аз зур шудани кор «ман дуо навишта медиҳам, тупу туфанги большевикҳо таъсир намекунад» гуфта дили амирро пур кард.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

# И

**ИБТИДО**

### 1. Ибтидо ёфтан

сар шудан.

Дарьёи Душанбе, ки унвони худро аз номи қишлоқи собиқи Душанбе гирифтааст, аз яхистони силсилакӯҳҳои Ҳисор ибтидо меёбад.

*«Тоҷикистон»*

**ИЗЗАТ**

### 2. Иззати касеро баҷо овардан

касеро, чунон ки шоистаи мақоми ӯст, ҳурмат кардан.

1. Ба шумо чунин рафиқи ҳаёт лозим аст, ки дар буду нобудатон шарик бошад, ба қадратон расаду иззататонро баҷо орад.

*Ғ. Абдулло «Қарзи виҷдон»*

2. Онҳо ба вай бепарво буданд ва иззаташро баҷо намеоварданд.

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

### 3. Ба иззати нафси касе бархӯрдан (расидан)

обрӯ, эътибор ва шахсияти касеро халалдор кардан, нисбат ба касе беҳурматӣ намудан.

1. Табии ин гуфтугуйҳо ба гуши Шоҳназар расида ба иззати нафсаш бархурд...

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

2. Ин гапи Зебӣ ба иззати нафси Воҳидов расид...

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

**ИЗН**

### 4. Аз изни касе берун набаромадан

бар хилофи нишондоди касе коре накардан, хоҳиш, амри касеро иҷро кардан.

— Санавбар ном модар дорам, ки он кас аз изни ман як қадам ҳам берун намебарояд.

*«Хорпуштак»*

**ИЗО**

### 5. Изои мумин ҳаром

касеро шарманда кардан хуб нест.

1. — Аз барои худо ҳазл. Барои он ки хоҳари қиёматиамро дар оянда ҳеҷ кас фиреб надиҳад, санҷиданӣ шудам, мебахшед. Изои мумин ҳаром.

*С. Ғанӣ «Арвоҳ»*
*(«Тоҷикистони советӣ»)*

2. Ман «изои мӯмин ҳаром» гуён гап назада, ба шӯъбаи дигар рафтам...

*«Хорпуштак»*

**ИЗТИРОБ**

### 6. Ба изтироб андохтан

касеро ба ташвиш овардан, ошуфта кардан.

Ин фоҷиа ҳамаро ба изтироб андохта буд.

**ИЛИК**

### 7. Илики касе пур (будан)

саломатии касе нағз будан, тандурусту солим будан.

— Палавҳое, ки ман ба ин хуронда будам, беҳуда нарафтаанд; иликаш пур. Монда намешавад.

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

### 8. Илики касе хушк шудан

лоғар шудан, хаста, дардманд шудан.

1. Ба сабаби бисьёр кор кардан иликҳои ман хушк мешавад...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Гур. пасту лойи ин хона шавад,
Шуд иликҳои танам хушк аз намаш.

*А. Баҳорӣ «Сарахбори зиндагӣ»*

**ИЛЛАТ**

### 9. Иллат ё дар ош аст, ё дар мош

*Ниг.* Айб ё дар ош аст, ё дар мош.

— «Иллат ё дар ош аст, ё дар мош», — гуфт яке аз пахтакашон, ки пахтаи тоза ва пунбадонаро аз тахмини аввалӣ камтар дид... ё ғузаи бой баркашида додагӣ аз як ман кам, ё ба ғуза ғузаи паст ҳамроҳ шудааст.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

**ИЛОҶ**

### 10. Илоҷи воқеа пеш аз (қабл аз) вуқуъ бояд кард

чора,ислоҳи кореро пеш аз рӯй додани он кардан лозим аст.

1. Ин гуна хизматгорро бе музд муддати дароз кор фармудан мумкин нест, агарчи худи ин хизматгор танҳо бо як хӯроку пушок кор кардан гирад ҳам, дигар хизматгорон инро вайрон хоҳанд кард ва иғво хоҳанд андохт, ки ба дари дигаре бо музд хизмат кунад, бинобар ин «илоҷи воқеа пеш аз вуқуъ бояд кард».

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

2. Қосаҳоятон ба қишлоқ расидан баъд ба ягон фалокат дучор шуда мешиканад ва қадоқ кунондан лозим меояд. Беҳтар, аст дар ҳамин ҷо якбора қадоқ кунонда равам, ки «илоҷи воқеа қабл аз вуқуъ бояд кард» гуфтаанд.

*«Латифаҳои тоҷикӣ»*

### 11. Илоҷ ёфтан

чораи чизеро пайдо кардан, роҳи ҳалли масъалаеро ёфтан.

— Ман ҳеҷ илоҷи ин шайтончаро наёфтам,— андуҳгинона гуфт модар.

*«Тоҷикистон»*

### 12. Илоҷ кардан

чора дидан, роҳи ҳалли масъаларо ёфтан.

— Ба ҳоким духтар додани як бечора айб нест,— Қудрат мегӯяд, балки ҷои фахр аст... аммо тарафи бой ва оқсаққолро бошад илоҷ кардан ба дасти ман аст... (бой ва оқсаққол ба духтар талабгор шуда буданд — *М. Ф.*).

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 13. Илоҷи касе хушк шудан

барон иҷрои чизе чора намондан, ночор мондан, дармондан.

Аммо торикии бегоҳ ғалаба мекард. Илоҷаш хушк шуд.

*Ҳ. Карим «Ҳикояҳо»*

### 14. Илоҷе карда...

ҳар чораеро дида, ягон кор карда, ба ҳар роҳе ки бошад...

Илоҷе карда, дандон ба дандон монда гардад...

*С. Ғанӣ «Табассум»*

**ИЛТИМОС**

### 15. Илтимоси касеро баҷо овардан

хоҳиши касеро иҷро намудан.

Чӣ кор кунам, илтимосашро баҷо овардам-дия...

*«Тоҷикистони советӣ»*

**ИМДОД**

### 16. Ба имдоди касе расидан

ба касе мадад расонидан, дар вақти дармондагӣ ба ёрии касе омадан.

Рафиқ Толибов ба имдоди вай расид.

*«Тоҷикистони советӣ»*

ИМКОН

### 17. Аз имкон берун будан

имконнопазир будан.

Асарҳои онҳоро ҳартарафа таҳлил кардан кори душвор ва ҳатто аз имкон берун аст.

*М. Муллоҷонов «Танқиди адабӣ ва тарбияи нависандагони ҷавон» («Шарқи сурх»)*

ИМО

### 18. Иморо гирифтан

имои касеро фаҳмидан.

Вай нав доду бедод карда омад, кариб буд, ки буи пилта бароянд, ҳар чи ба зудӣ Фатуллоҳ иморо гирифт, ки хокпӯш карда гузаронидем.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

ИМОН

### 19. Имон комил будан

ба чизе боварии пурра доштан.

Вай аз худаш парвое надошт ва имонаш комил буд, ки ҳазор зананд ва кину азоб диҳанд ҳам, арвоҳи кампирро ранҷонида Фирузаро ба дасти онҳо намедиҳад.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

ИНТИҲО

### 20. Интиҳо ёфтан

ба охир, анҷом расидан, тамом шудан.

Кӯчаи бисьёр зебои асфальтпӯш, ки дар байни ин иморатҳо пайдо шуда буд, бо зинаҳои қатори васеъ ба растаи калони «Чаҳорсу» интиҳо меёфт.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

ИН

### 21. Аз ин ҷо ронда, аз он ҷо монда (Аз ин (ҷо) монда, аз он (ҷо) ронда)

1. дар як вақт аз паси ду кор, ду мақсад давида, аз ҳар ду ҳам маҳрум мондан, 2. дар як ҷо қарор надоштан.

1. Вақти намози пешин ва ҷанозаи хонақоҳи Девонбегӣ ҳам расид. Акнун дар ин ҷо истодан ҳам фоида надорад, балки зарар дорад, ки аз ҷанозаҳои худоӣ ва ертишҳои онҳо маҳрум мемонам, «аз ин ҷо рондаю аз он ҷо монда» шудан кори беақлона аст.

*С. Айнӣ «Марги судхур»*

2. Кори аҷоибаш дар ин ҷо, ки ба хонааш равад, занаш роҳ надодааст. «Аз ин ҷо монда, аз он ҷо ронда», дардаш бедаво.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

3.— «Аз ин монда, аз вай ронда» нашав, бачем. Акнун аз аввал ки бо Маҳмудҷон гаштӣ, ваъда додӣ, бо вай хонадор шудан гир! Ана, насиҳати модаронаи ман ҳамин!

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

### 22. Аз ин рӯ

барои ҳамин, аз ҳамин сабаб.

1. Аз ин рӯ хушьёр шавед.

*«Тоҷикистони советӣ»*

2. Дарьёи Қофарниҳон ба дарьёи Аму ва Аму ба баҳри Арал мерезад. Аз ин рӯ ба ташкильёбии баҳри Арал ҳиссаи дарьёи мо — Душанбе кам нест.

*«Тоҷикистон»*

### 23. Ба ин тараф, он тарафи худ нигоҳ кардан

шароитро ба ҳисоб гирифтан, мулоҳиза, андеша намудан, масъаларо ҳамаҷониба санҷидан.

— Наход ба ин тарафу он тарафатон нигоҳ накарда, ҳамин хел ҷавоб диҳед?

*С. Ғанӣ «Тӯй»*

### 24. Аз ин ҷост, ки...

барои ҳамин, бинобар ин...

1. Аз ин ҷост, ки Камолиддин Биноӣ ин гуна одамонро сахт сарзаниш мекунад.

*А. Мирзоев «Биноӣ»*

2. Аз ин чост, ки мероси адабӣ дар таҳлил ва мулоҳизаҳои мунаққид яке аз манбаъҳои асосӣ ба шумор меравад.

*Ш. Ҳусейнзода «Масъалаҳои танқиди адабӣ дар адабиёти советии тоҷик» («Шарқи сурх»)*

**ИНОБАТ**

### 25. Ба инобат гирифтан

ба эътибор, ба ҳисоб, ба назар гирифтан.

— Не, неятонро хеҷ кадоми мо ба инобат намегирем...

*«Тоҷикистони советӣ»*

**ИНСОФ**

### 26. Инсоф — дин соф

инсоф кунӣ, ту мусулмонӣ, инсоф шарти одамият.

Қамаш 4 ман зада ба шумо додам. Нимаи ин «ҳаққи ҳалоли» ман аст. Инсоф кунед-дия, ака бой! «Инсоф — дин соф» гуфтаанд.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

**ИНТИЗОМ**

### 27. Ба интизом даромадан

шакли мураттаб гирифтан, парешон набудан, бо тартиб шудан.

Аммо вақте ки ҳаракати фикриаш ба интизом даромад, ба оиладорӣ ҳам дил баст.

*С. Айнӣ «Мирзо Абдулқодири Бедил»*

**ИНТИЗОРӢ**

### 28. Интизорӣ кашидан

чашмдор шудан, дар интизор будан.

Чаро дер мондӣ, ду соат боз интизорӣ мекашам...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

**ИСБОТ**

### 29. Ба исбот расонидан

чизеро собит кардан.

Ман ҳатман инро ба исбот мерасонам.

**ИСЛОҲ**

### 30. Қасеро ба ислоҳ овардан

розӣ кунондан, ба роҳ даровардан.

Дар вақти шӯридан ва хашмгин шуданаш ӯро ба ислоҳ овардан осон буд...

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

**ИСМ**

### 31. Исм дораду ҷисм надорад

фақат ном дошта дар ҳақиқат вуҷуд надорад.

Агитколлектив исм дораду ҷисм надорад.

*«Хорпуштак»*

**ИСМОИЛДАВОН**

### 32. Исмоилдавон кардан

1. сарсарӣ кардан, кореро бемасъулиятона иҷро кардан, корро рӯякӣ кардан, 2 шитобонидан.

— Обро-ку ҳарида нагирифтаед, о, ин қадар исмоилдавон мекунед?

*Қ. Наимӣ «Роҳи дуруст»*
*(«Шарқи сурх»)*

**ИСО**

### 33. Исо ҳам бо роҳи худ, Мӯсо ҳам бо роҳи худ

ҳар кас бо роҳи (ба сари) худ.

1. — Оим,— гуфтам,— гап, ки ин хел бошад, оши мову шумо намепазад. Исо ҳам бо роҳи худ, Мӯсо ҳам бо роҳи худ гуфтаанд, биёед, бо хушу хурсандӣ ҷудо шавем монем.

*П. Толис «Ҳикояҳои даҳ сол»*

2. — Исо ҳам бо роҳи худ, Мӯсо ҳам, — эҳтимол ҳамин тавр мегуфтагист Фаттоҳ. — Ҳар колхоз ба таври худ пеш меравад.

*Ф. Муҳаммадиев «Дар роҳи нав»*
*(«Шарқи сурх»)*

**ИСТ**

### 34. Исту бист

буду шуди касе, чизе, тамоми чизе.

1. — Аммо, бародар, замини моро худатон дида истодаед. Исту бисташ сангу шағал.

*«Тоҷикистони советӣ»*

2. Дар ҳақиқат ҳам, аз исту бисти пешинаи ин одам фақат маҳорати ба гап ҷомапушонии ӯ боқи монда буду бас.

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

### 35. Ист не, бист не

1. андеша накарда, 2. фавран, дарҳол.

Агар сабаби инро аз мудирони фермаҳо пурсед, онҳо ист не, бист не чунин мегӯянд...

*«Хорпуштак»*

**ИСТИҚОМАТГОҲ**

### 36. Истиқоматгоҳи даруни куртагӣ

бехонагӣ, ҷои истиқомат надоштан.

Аз ин ҷост, ки он вақтҳо дар байни дӯстон ва шиносҳоям таъбири «истиқоматгоҳи даруни куртагӣ» шӯҳрат ёфта буд.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

**ИСТОДА**

### 37. Истода-истода

андеша, фикр, мулоҳиза карда.

— Ҳамин рӯз истода-истода ба худам алам кард...

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

**ИСТОДАГАРӢ**

### 38. Истодагарӣ кардан

1. дар муқобили касе ё чизе пойдор истодан, муқовимат кардан, 2. бардошт намудан.

Азбаски дуздон бисьёру одамони миршаб кам будаанд, то сарҳошон кафидан истодағарӣ карда муқобилат

намуда бошанд ҳам, дар охир маҷбур шудаанд, ки табл-ҳо, таблкубҳо ва себандҳоро партофта гурезанд.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

**ИТМОМ**

### 39. Ба итмом расонидан

кореро ба охир расондан, буд кардан.
Пахтачиниро ба итмом расонидем.

**ИТОАТ**

### 40. Аз итоат баровардан

касеро нофармонбардор кардан.
Мардуми Хатирчиро ба муқобили ҳоким ва қозии он ҷо хезонда онҳоро аз итоат баровардаанд.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 41. Ба итоати худ даровардан

касе, чизеро тобеъ, мутеи худ кардан, зери дасти худ намудан.
Ӯ ба итоати худ даровардани шуд, вале ба ин муваф-фақ нашуд.

**ИТТИФОҚ**

### 42. Иттифоқ афтидан

вокеъ шудан, ба вуқуъ омадан.
Ин хел «ёриҳо» шабона рӯзе се-чаҳор бор иттифоқ меафтад...

*Ҳ. Ирфон «Ду ёр аз ду диёр»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 43. Иттифоқ бастан

бо ҳамдигар мувофиқат кардан, муттафиқ гаштан, як шудан.
Ман дар ҳамин ҷо донистам, ки агар мардум итти-фоқ банданд, ба онҳо зӯри ҳеҷ кас намерасидааст.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

## ИХЛОС

### 44. Ихлос бастан

ба касе эътиқод, боварӣ доштан.

— Албатта шумо ҳайрон мешавед, ки ба писари домуллои мактабдор — Мирзоиброҳим ман чӣ алоқа ва муносибат дошта бошам, ки вай ба ман ихлос бандад?

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 45. Ихлос гаштан

ба эътиқоди касе халал расидан, боварии худро нисбат ба касе гум кардан.

1. — Ё ин ки даррав аз мудири нави шӯъбаи маориф ихлосатон гашт?

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

2. Рости гап, аз баъзе касон суханони ба шаъни ӯ номувофиқро шунида, ихлосаш андак гашта буд.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 46. Ихлос кардан

*Ниг.* Ихлос бастан.

Раҳ ба ин тоун мадеҳ, хоки фано бар сар макун,
Бо бародарҳои рус ихлосро камтар макун.

*А. Лоҳутӣ «Асарҳои мунтахаб»*

## ИХТИЁР

### 47. Ихтиёр ба дасти бахтиёр (аст)

ихтиёри ҳар кас ба дасти худаш.

1. Ихтиёр ба дасти бахтиёр аст. Магар фаромӯш кардед, ки вай озод аст, интихоби ӯ озодона аст.

*Ҳ. Карим «Ҳикояҳо»*

2. Боз ихтиёр ба дасти бахтиёр, хоҳед, ки шавҳаратон ҳам ба сари бачаҳотон ва ҳам ба сари бекаси худатон паноҳ гардад, ба гапҳои гузашта саловот хонда, бо хушӣ боз зиндагӣ мекунед, нахоҳед ҳам худатон медонед...

*Ф. Ниёзӣ «Духтари ҳамсоя»*

### 48. Ихтиёри касе, чизеро ба дасти касе додан

ҳал намудани тақдир, касеро ё кореро ба майлу хоҳиши касе дигар вогузор кардан.

Ихтиёри даҳ-дувоздаҳ даҳьякро ба дасти ман медиҳанд...

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

### 49. Ихтиёр ба шумо

майл, хоҳиши шумо, чӣ навъ ки шумо хоҳиш дошта бошед.

Ихтиёр ба шумо, хоҳед медиҳед, нахоҳед не.

### 50. Ихтиёр ба дасти худ (будан)

1. мустақил будан, 2. озод будан, ба сари худ будан.

1. Ихтиёр ба дасти худашон аст, ҳар чизе ки диҳанд...

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

2. Аммо бой «ҳамин ҳафта ҳам кор кун, ҳафтаи оянда ихтиёр ба дасти худат» гуфта руй андохтанд.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 51. Ихтиёри зинда ва мурдаи касе ба дасти касе будан

тақдири касе тамоман дар дасти касе будан.

Дар вақти амир ихтиёри зинда ва мурдаи фуқарои Қаршӣ ба дасти ҳамин одам буд...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 52. Ба ихтиёри худ шудан

мустақил шудан, ба майл ва дилхоҳи худ рафтор кардан.

Агар ҳар кас ба ихтиёри худ шавад, ба гапи инҳо кӣ гӯш меандозад...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 53. Қасе, чизеро ба ихтиёри худаш мондан

касеро ба ҳоли худаш гузоштан, то ки мувофиқи дилхоҳаш амал кунад, касеро ба сари худ мондан.

1. Агар ин бачаро ба ихтиёри худаш монед, ҳаргиз ба мактаб намеравад.

2. Ихтиёри духтарро ба худаш монед будааст.

*Ф. Ансорӣ «Имтиҳон»*

**ИШКАМ**

### 54. Ишками серро чӣ парвои ишками гурусна

сер аз аҳволи гурусна хабар надорад, бадавлат ҳеҷ гоҳ ғами камбағалро намехурад.

— Рӯз қариб пешин шуд, ҳанӯз аз ин зиндонбони худобехабар хабаре нест,— гуфт яке.

Дигаре гуфт:

— Рафта дарро задан даркор аст, вагарна вай кай ки худаш хоҳад, ҳамон вақт меояд, аз гушна мондани ману ту чӣ парво дорад? «Ишками серро чӣ парвои ишками гурусна» гуфтаанд.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 55. Ишками касе танбур навохтан

ғурусна будан.

1. Ишкам бошад, бештарин вақтҳо танбур менавозад...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

**ИШТИБОҲ**

### 56. Ба иштибоҳ андохтан

1. касеро ба шакку шубҳа андохтан, 2. боиси ғалатфаҳмӣ шудан.

Чаро шумо онҳоро ба иштибоҳ андохта ба ин ҷо овардед?

### 57. Аз иштибоҳ баровардан

касеро аз ҳолати шубҳаву гумон баровардан.

Рафиқамонро аз иштибоҳ баровардан вазифаи мост.

**ИШТИҲО**

### 58. Иштиҳо баста шудан

*Ниг.* Иштиҳо кур шудан.

— Ду-се руз ин тараф иштиҳоям баста шудааст...

*Р. Ҷалил «Шуроб»*

### 59. Иштиҳо бедор гардидан (кушода шудан)

майли хурокхурӣ пайдо шудан.

Бо шунидани номи «ош» иштиҳоҳои куршуда бедор гардиданд...

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 60. Иштиҳо карнай

майли хурокхурӣ зиёд, шикам хеле гурусна.

— Иштиҳо карнай, рафиқ комиссар, хусусан дар вақти бекорӣ...

*Ҷ. Икромӣ «Дохунда» («Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

### 61. Иштиҳо кур шудан

майли хурокхурӣ надоштан.

Аммо ба сабаби он ҳама корҳои дилбеҷокунанда иштиҳои ман кур шуда буд ва дилам чизе намекашид.

*С. Айнӣ «Марги судхур»*

### 62. Аз иштиҳо мондан

ба сабабе ё беморие ба хурок майл надоштан.

Барои худо боз як белча гулқанд диҳед, ки меъдаам хунук шуда рафта аз иштиҳо мондаам.

*С. Айнӣ «Марги судхур»*

**ИҒВО**

### 63. Ба иғвои касе даромадан

ба иғвои касе бовар кардан, фирефта шудан.

— Ҷаро шумоён ба иғвои бой даромада дуруғ меғуетон?

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 64. Ба иғво паридан

ба иғво фирефта шудан.
— Уй, мардум, ба иғво напарред, ба ман нигоҳ кунед, ба гап ғуш диҳед!

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

## К

**КАБК**

### 1. Қабки касе бонги хурӯс баровардан

кори касе омад кардан; бахти касе тохтан.
— Тағоиҷон, имсол кабкатон бонги хурус баровард, аз пул ғам нахуред... Бо ман гардед, яксолаатон таъмин мешавад.

*Ҳ. Ирфон «Ду ёр аз ду диёр» («Шарқи сурх»)*

### 2. Қабки касе хондан

1. ниҳоят хурсанд, шод шудан, димоғи касе чоқ шудан, 2. кори касе омад кардан, бахти касе тохтан.
Туро бинам, ана ҳамин тавр кабкам мехонад.

*С. Ғанӣ «Туй»*

**КАБОБ**

### 3. Қабоб кардан

касеро азият, азобу машаққат додан, обу адо кардан.
Дарди ишқи ӯ маро кабоб кард.

### 4. Қабоб шудан

азобу машаққат кашидан, обу адо шудан.
Аз ишқу муҳаббати Хосият бача кабоб шуд.

**КАБӮТАР**

### 5. Қабутар бо кабутар, ғоз бо ғоз (боз бо боз)

*Ниг.* Кунад ҳар ҷинс бо ҳамҷинс парвоз, кабутар бо кабутар ғоз бо ғоз.
1. Аз гуфтори одамҳо домодшаванда аз тураҳо бу-

дааст, ман ҳамин тоифаро бад мебинам. Мо ба онҳо[…] онҳо ба мо муносиб не, «кабутар бо кабутар, ғоз бо ғоз[»] гуфта ҷавоб додаанд.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид[»]*

2. — Охир ин мумкин нест... вай духтари шоҳ аст ту деҳқонзода.— Беҳуда нагуфтаанд, ки кабутар бо кабутар, боз бо боз!

*М. Миршакар «Афсонаи кӯҳистон[»]*

### 6. Кабутари (кафтари) дубома

шахсе ки дар як ҷо қарор ва ақидаи устувор надорад.

— Ҳоло ҳам кабутари дубома барин аз район ба район, аз колхоз ба колхоз гашта, лекция мехонӣ? Гу[…] кабинет надоштагӣ барин.

*Ш. Киёмов «Хоҳӣ нашавӣ расво[…] ҳамранги ҷамоат бош!» («Пьесаҳои якпардагӣ»[…]*

**КАДОМ**

### 7. Кадом араб дуғи худро турш гуфтааст

ҳеҷ кас моли худ, наздикони худро бад намегӯяд, наҳ намезанад.

— Кадом араб дуғи худро турш гуфтааст, ки ту, кампир, писари худро дуруғгӯй гуӣ?!

*Ҷ. Икромӣ «Ситора» («Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

### 8. Кадом гур (гуру лаҳад)

1. ҷои номаълум, ким-куҷо, 2. бо кадом як роҳ, бо роҳе...

1. — Муродхоҷа бо йигитҳои ислом ба кадом гур гурехта рафтагӣ.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», ҷ. [...]*

2. Падару модари Ҳоҷӣ аз кадом гурҳо қарзу қавола карда як табақ палав, як ҷома оварда ба мактабдор доданд...

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

3. Сонӣ вай ин гапро шунидаасту ба кадом гуру лаҳад нест шуда рафтааст.

*К. Носиров «Орият»*

## 9. Кадом пишакбачаро аз мундӣ баровардӣ

чӣ некӣ кардӣ? чӣ кори ба чашм намоён кардӣ?

Биё гап зан, дар дунъё чӣ гуна корнамоиҳо нишон додӣ, кадом пишакбачаро аз мундӣ баровардӣ? Ғайр аз шабу руз ба ҳокимони золим хушомадгуӣ карда гаштан дигар корро намедонӣ.

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

## 10. Бо кадом роҳе набошад

1. чи тавре ки набошад, бо ҳар роҳ (хоҳ ҳаққу хоҳ ноҳақ), як илоҷе карда, 2. ҳатман.

— Бо кадом роҳе ки набошад, масъалаи поруро ҳам ҳал карда биё!

*А. Сидқӣ «Иродаи зан»*
*(«Занони Тоҷикистон»)*

## 11. Бо кадом руй

чӣ хел карда, шарм надошта, бо кадом виҷдон.

1. Агар вай баргашта биёяд, бо кадом руй ба вай нигоҳ мекарда бошем?

*М. Миршакар «Қишлоқи тиллоӣ»*

2. — Ман бо кадом ру ба хона гашта меравам, ба моиндарам чӣ мегуям? — фикр кард у.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

3. Дирузакак рафта буд, бо кадом руй аз директор иҷозат металабад?

*«Тоҷикистони советӣ»*

**КАЖДУМ**

### 12. Каждуми (качдуми) таги бурьё

душмани пинҳонӣ, душмани дохилӣ.

1. Мо бояд ин каждумони таги бурьёро тамоман нест кунем, то ки ба тартиботи социалистӣ аз сари нав сохтани мамлакат ба мо муяссар шавад.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Ин «каждуми таги бурьё» то кай ба идораи шуро шишта мегирад, гуфта ҳайрон будам.

*Р. Чалил «Субҳи саҳро»*
*(«Шарқи сурх»)*

**КАЙВОНӢ**

### 13. Кайвонӣ бисьёр шуд, дегу табақ мурдор шуд

агар коре ба умеди ичрои якчанд кас монад, натичаи матлуб ба даст намеояд, кори якчанд кас дастзада хому хатала мебошад.

Агар ягон колхозчӣ аз бригадаи дур бо арзе омада бо маишат машғул шуда нишастани ин фаъолонро бинад, эҳтимол, дар дилаш ким-чихо гуяд, ё агар ҳеч чизи таҳқиромез нагуяд ҳам, «кайвонӣ бисьёр шуд, дегу табақ мурдор шуд» гуфтанӣ зарбулмасалро ба хотир оварда, чураи маро маломат кунад.

*Ф. Муҳаммадиев «Дар роҳи нав»*
*(«Шарқи сурх»)*

**КАЙФ**

### 14. Кайфи касе баланд (будан)

маст будан.

— Холачон, хафа намешавед. Кайфаш баланд аст.

*С. Ғанӣ «Арвоҳ»*
*(«Точикистони советӣ»)*

### 15. Кайфи касе боло гирифтан

хурсандӣ, шодӣ, фараҳмандии касе афзудан, ниҳоят хурсанд шудан.

Гулсум, ки димоғаш чоқ шуда кайфаш боло гирифта буд:

— Ман ҳам, ки ёре надорам, бояд ситора шуморам, — гуён хамьёза кашида сари синаашро баланд бардошта ба осмон нигоҳ карда истод...

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

**16. Кайфи касе паридан (гурехтан)**

1. ғамгин, парешон будан, 2. тарсидан, 3. ба сабаби ходисаи ногаҳоние якбора аз масти ҳушьёр шудан.

1. — Боз чӣ бало зад, кайфат паридааст...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Ин шаб димоғчоқии дируза набуд, кайфи ҳама паридагӣ буд.

*Ф. Ансорӣ «Ҳаёт ва ишқ»*
*(«Шарқи сурх»)*

**17. Кайфи касеро парондан (гурезондан)**

1. касеро тарсондан, 2. димоғи касеро сузондан; хотири касеро парешон кардан; касеро ғамгин намудан, 3. аз мастӣ ҳушьёр кардан.

1. — Хуш, чӣ кори вакили Мухтор кайфатонро паронид?

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Вале рузе Давлатшоҳ аз мактаб фарьёдзанон ба хуни худ оғушта шуда омада, кайфи падару модарро гурезонд.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

3. — Кайфи боқимондаамро ҳам паррондӣ.
— Пагох рузи туи дугонаам садта занед, кусураш мебарояд.

*С. Ғанӣ «Туӣ»*

4. Агар аз сари столи ман чои кабуд канда шавад, кайфам мепарраду ҳеч кор карда наметавонам.

*«Хорпуштак»*

### 18. Кайфи касеро талх кардан

табъи касеро хира, нохуш кардан.

— Рости гапро гуям, ман ҳеҷ гоҳ падари уро ба хотираш намеорам, то ки дилашро озурда ва кайфашро талх накунам.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

**КАЛ**

### 19. Кал бошӣ, худатро даво кун

камбудият бошад, ислоҳ кун, айби худро пинҳон накун.

«Кал бошӣ, худатро даво кун» мегуянд. Дар 13 колхозу ду МТС ҷарчӣ монда кобед ҳам, аз занон ягон нафар раиси колхоз, сардори бригада, мудири ферма, зоотехник ё агроном ва ё комбайнчӣ намеёбеду вале боз калонҳои ин ҷо «занонро ба вазифаи роҳбарикунанда пешбарӣ кардан даркор» гуён наъра мекашанд.

*«Хорпуштак»*

### 20. Кал додари (бародари) кур

бо сифатҳои бад ба ҳам монанд будани ду кас, дар сифатҳои бад аз якдигар фарқ надоштани ду кас.

1.— Дар асл аз Қорӣ Ибод «мурдор» гуфта ба Ҳалимбои мурдор шикоят кардани муллоҳо аз дузд ба миршаб шикоят кардани калламайнахур барин аҳмақӣ аст-дия,— гуфт Қурбон-девона.

— Ё ки аз кал ба пеши кур шикоят бурдани махав барин як аблаҳӣ аст,— гуфт Рузӣ Сарносӣ.

— Гапро чаро дароз мекунетон? «Кал додари кур» гуетон намешавад,— гуфт Маҷид.

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

2. — Шумо, роҳбарашон, чӣ кор карда гаштед? Ҳар руз маҷлис...

— Кал додари кур, нохост бо ҷаҳл гуфт Ҳабиба.

*Қ. Наимӣ «Ман бо шумо»*

### 21. Қал-кал кардан

касеро миёнагир карда сарзаниш, таъна кардан.

— Бисьёр кал-кал накунед, одамҳо айб мекунанд!..

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 22. Қали мурдашӯ

шарманда, забонкӯтоҳ.

— Ҳар дуи инҳо боз зану шӯю ману шумо кали мурдашӯ! — лабашро кач карда гуфт Марьямбибӣ ба Холбегим...

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

### 23. Қал ҳам заду кӯр ҳам зад, пасмонда кулух ҳам зад

касеро аз як сар сарзаниш, таъна, таҳқир кардани ҳама.

— Бас кун! — тозиёнаро аз соқи мӯза кашида, дандонҳои калону даричадорашро чун саги ба газидан омада нишон дод Ғанӣ.— Бас кун мегуям! «Кал ҳам заду кур ҳам зад, пасмонда кулух ҳам зад». Фақат ту монда будӣ, ки таъна накардай.

*Р. Ҷалил «Ҳамида»*

**КАЛИД**

### 24. Қалиди муамморо ёфтан

роҳи ҳалли масъалаи печ дар печеро ёфтан.

Вай баъд аз камтар фикр карда истодан, гуё ки калиди муамморо ёфта бошад, ба гап даромад...

*«Тоҷикистони советӣ»*

**КАЛИМА**

### 25. Қалима гардондан (хондан)

«калимаи шаходат» хонда (дар мавриди хавфу хатар ва пеш аз марг), мусулмонии худро қайд намудан.

1. — Вай «калима мегардонд», аммо забонаш чарх намезад.

*Р. Ҷалил «Гулрӯ»*

2. Қалимаатро хон, ман ҳозир туро ба ҷаҳаннам мефиристонам.

*С. Улуғзода «Қалтакдорони сурх»*

### 26. Қалимаи худро надонистан

аз аҳкоми дин битамом бехабар будан; ҷоҳил, бесавод будан.

— Мударрис нашавад, хату саводдор мешудагист охир, ману шумо барин нодони калимаашро намедонистагӣ шавад, нағз-мӣ?

*Р. Ҷалил «Гулрӯ»*

**КАЛЛА**

### 27. Калла бошад, туппӣ ёфт мешавад

саломатӣ бошад, ба ҳар як мақсади худ муваффақ мешавӣ.

«Калла бошад, туппӣ ёфт мешавад» гуён раис ба ҳамсафаронаш имои бурут мекунад.

*«Хорпуштак»*

### 28. Ба калла гирифтан

1. чизеро ба зимма, ӯҳда, гардани худ гирифтан; чизеро қабул кардан, 2. иқрор шудан.

1. — Маззаат не-ку. Раҳмат, шармандагиро ба калла гирифтанӣ-мӣ?

*Ҳ. Содиқ «Қумрӣ» («Шарқи сурх»)*

2. — Чӣ кор кунам? Мудири анбор ба калла намегирад.

*С. Ғанӣ «Тӯй»*

### 29. Калла гуфта кадуро бардошта гаштан

соддалавҳ, беандеша, аблаҳ будан.

1. — Маълум мешавад, ки калла гуфта кадуро бардошта гаштай.

*Ғ. Абдулло «Шери занҷиршикан»*

2. — Ҳой олуфта, калла гуфта кадуя бардошта гаштед. Соддагӣ ҳам то ин дараҷа не-дия.

*Б. Раҳимзода ва М. Рабиев «Дар сояи шипанг» («Маҷмуаи пьесаҳои якпардагӣ»)*

### 30. Каллаи кафида бояд дар зери каллапуш бимонад

сирри одам бояд пушида бошад.

Ин гуна кирдори у Саодатро хеле ошуфта карда бошад ҳам, лекин «каллаи кафида бояд дар зери каллапуш бимонад» гуфтагӣ барин вай сиррашро бой надод, ба назар вазъияташ тағьир наёфт.

*Ҳ. Карим «Ҳикояҳо»*

### 31. Калла-кулула

фарзандон, аъзоёни оила.

Агар худат, ё ин ки апаат «калла-кулула»-ҳоят пуки карда намонанд, хабардор намешаванд.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

### 32. (Аз) каллаи курак (саҳар)

пагоҳи барвақт, бомдодон.

1. Ин қадар аз каллаи курак дар ин ҷо чаро ҳозир шудӣ?

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

2. Чаро ин кадар каллаи саҳар хеста омадетон?

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

### 33. Ба каллаи касе мушт бардоштан

1. касеро таҳдид намудан, 2. ба касе зуроварӣ кардан.

— Дидӣ, кор ба куҷо расидааст? Вай оҳиста-оҳиста ба каллаи мо мушт мебардорад?

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. II*

### 34. Калла-почаи чизе ба касе мондан

дар тақсими ягон чиз ба касе як қисми он расидан; як қисми announced нописанди чизе ба касе (дар тақсим) мондан.

— Аз шумо чӣ пинҳон кунам, гоҳо мешавад, ки «шербачаҳо» шикорҳои калонро гирифта меоваранд, аз онҳо калла-почааш ба мо мемонад.

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

### 35. Калла-поча кардан

1. чизеро ба қисмҳо ҷудо кардан, тақсим кардан, 2. касеро куштан, нест кардан.

1. — Ин тракторҳо барои аз ҳисоб хат задан пешбинӣ карда шудаанд, вале чортаи онҳоро боз таъмир кардан мумкин аст. Якчандтои ин универсалҳоро, чи навъе ки мегуянд...

— Яъне калла-поча кардагӣ,— давоми суханро гирифт Қодиров.

*А. Сидқӣ «Ҷурасаркор»*
*(«Айёми мо»)*

2. У мехоҳад, ки аз куҷо пул гирифта ба куҷо гузоштанамро фаҳмад ва агар равшан фаҳмад, ки ман дар хонаи худ пул бурда мондаам, шабона рафта маро калла-поча карда (кушта) пуламро бардорад.

*С. Айнӣ «Марги судхур»*

3. — Ду гови калонро калла-поча кардаанд.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 36. Чизе ба каллаи касе фаромадан

иҷрои коре ба гардани касе афтидан, ба иҷрои коре уҳдадор шудан.

Ошпазӣ ба каллаам фаромаду кадри туро нағзтар фаҳмидам.

*М. Сайфиддинов «Ду ҳусну ду ишқ»*
*(«Занони Тоҷикистон»)*

### 37. Қаллаи касе хум барин шудан

сари касе гиҷ шудан, гаранг шудан.

Қаллаи Зайнаб хум барин шуда буд, одаме ки аз канор истода ба ҳаракат ва кирдори вай диққат мекард, уро девона гумон мекард.

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

### 38. Қаллаи касеро хӯрдан

*Ниг.* Сари касеро хӯрдан.

1. Ана ҳамин хасисӣ ҳам каллаи калони ӯро хӯрдааст.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. II*

2. Ҳар чи шавад Зайнаб каллаи мудирро хурад ҳам майлаш-ку, аммо кори моро баробар кунад.

*Ҷ. Икромӣ «Тирмор»*

**КАЛЛАВАРАМ**

### 39. Қаллаварам будан

кундфаҳм, пастзеҳн, бефаросат будан.

— Шумо чӣ гуна каллаварам ҳастед, ки чораи ҳақиқиро намефаҳмед? Чораи ҳақиқӣ он аст, ки дар натиҷаи он вақф руяд, гуфтам-ку...

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

**КАЛЛАПО**

### 40. Қаллапо кардан

1. касе, чизеро по дар ҳаво, сарозер кардан, 2. касеро куштан, 3. касеро аз мансабаш рондан.

Аз ин теппа боз даҳ-понздаҳ немисро, каллапо накунам, номам Дадабой набошад.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

**КАЛЛО-**

### 41. Қалло-балло гуфтан

ҷавоби муносиб гуфтан, натарсида ҷавоби касеро додан.

Майлаш, авлоди Файзӣ-авлиё он тараф истад, худи Файзӣ-авлиё зинда шуда аз пеши роҳам бароянд ҳам, ман «калло-балло» гуфта метавонам.

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

**КАЛОБА**

### 42. Ба калобаи бесару нуг гардондан

чизеро печ дар печ кардан, саргум намудан, чунон кардан, ки сарфаҳм рафтани он мушкил бошад.

Хайруллохуҷа дар ин мансаби нав, дар сояи давлати ошнои худ «корнома» нишон дода, ҳамаи кори артельро ба калобаи бесарунуг гардонд.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

**КАЛОМ**

### 43. Калом аз даҳони луқмон хуш аст

1. суханро аз доно шунидан хуб аст, 2. нақли ҳодисаеро аз манбаи асосӣ шунидан беҳтар аст.

«Калом аз даҳони Луқмон хуш аст» гуфтаанд. Бинобар ин мо ҳам лозим донистем, ки худи Аминҷонако шаф-шаф нагуянду ду даҳон дар бораи пиёзҳои бригадаи худ гап зада, чигили ҳамин корро кушода диҳанд.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 44. Каломи касеро ба замин намондан

*Ниг.* Сухани касеро ба замин намондан.

— Хотирҷамъ бошед, ман эминам, ки Саидбой каломи маро ба замин намемонад.

*«Тоҷикистони советӣ»*

**КАЛОН**

### 45. Калон-калон хурдан ва пушидан

бо серию пурӣ зиндагӣ гузаронидан, барои хушвақтии худ пули бисьёр сарф кардан.

Вақте ки бо ифодаи худи у «буҷулаш олчӣ омада» пулдор мешуд, калон-калон мехурд ва мепушид.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ II*

### 46. Қалон партофтан

гапи калон задан, бо муболиға гап задан, даҳонкалонӣ кардан.

1. Ба вай аҳамият надиҳед. Вай донистаю надониста калон партофтан мегирад.

*Ғ. Абдулло ва Ш. Қиёмов «Туфон»*

2. Муллоимом ҳама вақт калон мепартофт.

*«Барои адабиёти социалистӣ»*

**КАЛОНГАПӢ**

### 47. Қалонгапӣ кардан

1. лоф задан, 2. худситоӣ кардан.

— Вақте ки дар майдони ҷанг озод будӣ ва бо як тири бепайкон чашми маро зада кур кардӣ, ин гуна лофзаниҳо ба ту мезебид. Акнун, ки ба дасти мо асир афтидӣ, дасту поят аз осмон канда шудааст, бо чӣ ғарра шуда калонгапӣ ва даъвои баҳодурӣ мекунӣ?

*С. Айнӣ «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик»*

**КАЛОНГАРӢ**

### 48. Қалонгарӣ (калонигарӣ) кардан

*Ниг.* Қалон партофтан.

1. Аввал шумо ҳеҷ набошад шаст центнер ҳосил медодагӣ шавед, дугона, баъд мусобиқа мебандем.

«Қалонгарӣ карда истодааст, ба ман писханд мезанад»,— аз дил ғузаронид Зубайда.

*С. Улуғзода «Навобод»*

2. — Ман нагуфтам-мӣ, ки калонгарӣ накун...— худат «замбарро сербор кун, пур кун, кор баракадор мешавад» гуфтӣ...

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

**КАЛОНГИР**

### 49. Қалонгир будан

мутакаббир, мағрур, ҳавобаланд будан.

1. Занаш ҷавон ва аз хоҷагони хатчагӣ буда, хеле калонгир буд, ғайр аз пухтупаз ба дигар кор даст намезад.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. I*

2. Духтарак хеле шуху бебок ва калонгир будааст.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

**КАЛОНПАРТОӢ**

### 50. Калонпартоӣ кардан

*Ниг.* Қалон партофтан.

Агар Анвар серхарҷӣ ва калонпартоӣ кунад, Сурайё торро ба дигар су мекашаду намегузорад, ки харҷи беҷову барзиёд шавад...

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

**КАЛОНӢ**

### 51. Калонӣ кардан

*Ниг.* Калонгарӣ кардан.

— Ман аз ин шердилтар шуда «ҳар кадом ғазалро бошад, хонда маъниашро гуфта медиҳам»,— гуфта калонӣ ҳам карда мондам.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

### 52. Калонӣ фурухтан

*Ниг.* Калонгарӣ кардан.

— Агар ҳамин вақт амлокдорат, қозият, ё Хоҷӣ Латиф девонбегиат, ки дар пешгоҳи меҳмонхонаи бой нишаста ба фуқаро калонӣ фурухта истодаанд, ба яке аз моён ягон даҳан гап зада бинад-чӣ?

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 53. Ба калонии худ паридан

мағрури мансабу мақоми худ будан.

— Э, рафиқ Норзода, ба вай ин вақтҳо гап зада мешавад-мӣ? Вай чунон ба калонии худ мепарад, ки...

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

**ҚАЛТАК**

### 54. Қалтакро ба сари касе шикастан

1. касеро гирифтори нохушӣ, мусибат кардан, 2. гунаҳкор намудан, 3. айби касеро ба гардани каси дигар мондан.

— Чӣ, шумо бо ҳамон тухмати ноҳаққи ана вай танбал ин калтакро ба сари мо шикастанӣ-ми?

*С. Саидмуродов ва И. Исмоилов «Тӯҳмат»*

### 55. Қалтаку куртак хурдан

сарзаниш шунидан, гирифтори маломату таънаи касе гардидан.

Мирзонеъмат нушиданро нағз мебинад. Агарчанде ки аз пушти ҳамин нушидан калтаку куртак, лату зарбаҳои бисьёр хӯрда, борҳо биниро мачаку калларо пачақ карда, бадному беобру шудааст.

*Р. Ҷалил «Ҳамида»*

**КАМ**

### 56. Қами андар кам будан

хеле, ниҳоят кам будан.

Қами андар каманд одамони синну соли муаллим, ки дар як вақт ба кас ҳам падар, хам устод, ҳам пир, ҳам рафиқ.... бошанд.

*Ғ. Мирзо «Сафари диёри дӯстон»*

### 57. Қами касеро ба ҷои пур дидан

ба чизи каму ночизи касе айб нагирифтан.

1. — Ҳамааш ҳамин,— гуфтааст муллои дигар,— кам бошад, ками моро ба ҷои пур бин.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

2. — Инро гуфтан даркор нест, ҳар кас медонад, ки тӯй бе бузкашӣ ва кубкорӣ намешавад, шумо хам ба ҳоли Бозор нигоҳ карда ками вайро ба ҷои пур бинед, як гусола ва панҷ сар буз диҳанд, басу зиёдатӣ.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 58. Қаму беш

як каме, як қадар; то андозае

Нағз кор мекардаму ба падару модарам ҳар моҳ каму беш мадад ҳам мерасондам.

*Р. Ҷалил «Ҳамида»*

### 59. Қам-кам хӯр, доим хӯр

1. дар ҳаддаш, мувофиқи меъёр хӯр, баднафсӣ накун; 2. кам-кам сарф кунӣ, дар намемонӣ; исрофкорӣ накардан.

— Рузиқул! Нафсатро калон накун, «кам-кам хур, доим хур» гуфтаанд, агар аз як боғ, ҳосилаш бисьёр будааст, гуфта якбора 20 пуд бардорӣ, боғдор ба ҷонаш расида аз паят меафтад, оқибат дуздашро ба даст афтонда ба як ҷой мерасонад.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 60. Қаму кост

нуқсон, камбудӣ, норасогӣ.

— Нағз кардед, ки моро хабардор кардед, уко! Баъзе каму костро дуруст карда мемонем...

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 61. Қами мову карами шумо

*Ниг.* Қами касеро ба ҷои пур дидан.

1. — Чи тавре ки як вақтҳо Юнусбобо дар Душанбе ба мо туҳфае оварда гуфта буд: «ками мову карами шумо».

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

2. — Хайр, усто, ками мову карами шумо...

*«Тоҷикистон»*

**КАМАР**

### 62. Қамар бастан

ба иҷрои коре азм кардан, омода ва муҳайё шудан.

1. Онҳо зуд барои тезтар фош кардани хиёнат камар бастанд, чораҳои таъҷилӣ диданд...

*«Тоҷикистони советӣ»*

2. Қамар бандед, ёрон, аз дилу ҷон,
Барои обруи Тоҷикистон!

*М. Раҳими «Тиллои Тоҷикистон»*

### 63. Қамари душманӣ ба миён бастан

нисбат ба касе душманӣ кардан, дар қасди душманӣ шудан.

Аммо ҷамъи аз умарои дарбори Убайдуллохон камари душмании ин вазири беназирро ба миён баста дар пеши хон аз вай бадгӯиҳо карданд..

*С. Айнӣ «Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ»*

### 64. Аз камари падар наруида (нашуда) бошам

ман фарзанди падари худ набошам, ҳаромзода бошам (дар мавриди қасам).

1. «Агар ба дигарон расида нагирам, аз камари падарам наруида бошам...»

*«Тоҷикистони советӣ»*

2. Қанӣ, як бори дигар ба ҳамин ҷо қадам монда бинад, гушти баданашро қимаю устухонашро элакӣ накунам, аз камари падари худ набошам.

*Р. Ҷалил «Ҳамида»*

3. — Агар туро суд накунонам, аз камари падарам нашуда бошам.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 65. Камаратро шоҳи мардон бандад

ғайратат асло суст нашавад, ғайратат афзояд.

— Камаратонро шоҳи мардон бандад, культивацияатонро кардан гиред,— ҷавоб медиҳад яке аз колхозчиён.

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

## КАМБАҒАЛ

### 66. Камбағалро аз болои уштур саг (кучук) мегазад

ҳар балову офат ба сари камбағал меафтад.

1. Ин сарсахт бо ин се бача чӣ кор мекунад? «Камбағалро аз болои уштур саг мегазад»,— мегуфтанд... (Ӯ якбора се бача зоида буд.— *М. Ф.*).

*С. Саидмуродов «Ибрат» («Занони Тоҷикистон»)*

2. Паҳлавонҳои номдор ҷуфт-ҷуфт шуда ба майдон медароянд. Яке аз деҳқонон ба талаби гуштин ба майдон баромад. Ин деҳқони камбағал Аҳмад буд.

— Магар чиннӣ шудай? — мегуфтанд ба у аз болои бомҳо,— «камбағалро аз болои уштур саг газидааст» гуфтагӣ барин боз зада устухонҳоятро талкон накунанд!

*Ҳ. Назаров «Дар ҷустуҷӯи Карим-Девона»*

**КАМБУДӢ**

### 67. Камбудӣ гузаштан

аз касе камбудие содир шудан.

— Ростӣ, аз ман ин камбудӣ гузаштааст.

*«Газетаи муаллимон»*

**КАМНАМО**

### 68. Камнамо шуда рафтан

бедарак шуда рафтан.

1. Камнамо шуда рафтед, ҳаргиз пеши мо намеоед..

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. — Хайр, камнамо нашавед, кадом вакте ки биёед, нури дида, тоҷи сар, хоҳарҷон.

*Ф. Ниёзӣ «Бародарони вафодор» («Шарқи сурх»)*

**КАМОЛ**

### 69. Бо камоли сарбаландӣ

бо ифтихори тамом.

Камол ин вазифаро бо камоли сарбаландӣ баҷо овард, назмаш аз нафистарин осори адабии адабиёти мо гардид.

*Ш. Ҳусейнзода «Камоли Хуҷандӣ»*

**КАМХАРҶ**

### 70. Камхарҷи болонишин

чизе, хуб, аълосифат; арзон бошад ҳам лекин хуб.

Дар магазинҳо молҳои камхарҷи болонишин бисёранд.

*«Хорпуштак»*

**ҚАМХОБӢ**

### 71. Қамхобӣ кашидан

камхоб будан; кам хобидан,

Акнун ки фаҳмидем, андак камхобӣ кашидан лозим мешавад.

*Ҷ. Икромӣ «Муҳаббат»*

**КАМӢ**

### 72. Камӣ надоштан

бо чизе ҳамто, баробар будан; нуқсон надоштан.

1. Духтараки дигаре, ки дар зебоӣ аз навозандагӣ камӣ надошта, вале дар қиёфааш осори хастагӣ хувайдо буд, дам ба дам дар мавридҳои махсуси мусиқи суруди ғамангезе мехонд ва дар баъзе маврид рақс ҳам мекард.

*Т. Усмон «Кашфи асрор»*

2. — Рост, раисамон аз ғап камӣ надоранд,— гуфта кадом кас киноя кард.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

**КАНДА**

### 73. Кандагию гирифтагӣ

касе ба касе дар қиёфа ва феълу атвор монанд будан, шабоҳат доштан.

1. На фақат бо қадду қомату қиёфа, балки бо хушфеълӣ, одамдустиаш модарамро кандагию гирифтаги.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

2. — О, писарам-е, дуруст, калонакак шуда мондӣ? Худи падарашро кандагию гирифтагӣ-а!..

*П. Толис «Ҳикояҳои даҳ сол»*

3. — Ин Мухтор як бало, ки худи Ҳанифаи мо барин. Қиликҳои ду духтарамро канда гирифтааст.

*С. Саидмуродов ва М. Рабиев «Саодат»*
*(«Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

### 74. Қанда шудани думи касон

тамом шудани омаду рафти одамҳо, бурида, қатъ шудани омади одамон.

Тағоиям одатан пас аз танаффуси коргарон, баъди қанда шудани думи чойхурон таҳтул мекард.

*П. Толис «Тобистон»*

**КАНОР**

### 75. Ба канор баромадан

аз қатор баромада мондан.

Натиҷаи ин корҳо боз ҳамон барҳам хӯрдани урфу одатҳои куҳна мешавад, ки мо боз ба канор баромада мемонем.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 76. Дар канор мондан

аз доираи диққати касе берун мондан, дар коре иштирок накардан.

«Мамлакати мо бузург аст, дар вай ба ман ҳам чой ёфт мешавад, дар канор намемонам, Давлати Советӣ ба мо, инвалидҳо, ғамхорӣ карда, ба ҳар кадоми мо мувофиқи қобилиятамон касбу коре дода ба Ватан фоидарасон намуда метавонад».

*С. Улуғзода «Ёрони боҳиммат»*

**КАНОРА**

### 77. Қанора гирифтан

худдорӣ намудан, алоқаи худро кандан, аз касе, чизе дур шудан, даст кашидан.

1. Рафтуояш ҳам бо мо буд, аз ҷамъияти бойбачагон канора гирифта буд.

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

2. Мир Алишер, ки дар ин вақтҳо аз кори ҳукумат канора гирифта буд, ин воқеаро шунида...

*С. Айнӣ «Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ»*

### 78. Канора ҷустан

аз касе, чизе худро дур кашидан.

Аз онҳо, чунон ки аз дег гурезанд, канора меҷустанд.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

**КАР**

### 79. Кар додари кур

*Ниг.* Қал додари кур.

Подшоҳро аз тахташ зада фаровардем гуфта куртакурта гушт гирифтему ҷои Хуҷаалиро Алихуҷа гирифт, боз пусти мо бечораҳоро меканд. «Кар додари кур».

*Р. Ҷалил «Шуроб»*

### 80. Кар ҳам зад, кур ҳам зад, пасмонда кулӯх ҳам зад

*Ниг.* Қал ҳам зад, кӯр ҳам зад, пасмонда кулӯх ҳам зад.

Ҷаҳлам омаду рав, раве, гуфтам, кар ҳам заду кур ҳам зад, пасмонда кулух ҳам зад, акнун ту ҳам ба ман оқсаққолӣ мекунӣ-мӣ? — гуфтам.

*А. Деҳотӣ «Ҳаёт қадам мезанад»*

**КАРНАЙ**

### 81. Карнай навохтан (кашидан)

1. хабареро овоза кардан, ба ҳама паҳн кардан, 2. муҳобот кардан.

1. Чӣ баҳона шуд, ки байни Хайруллохуҷаю занаш урт-шург шуду зан рост ба техникум омад, дар байни издиҳоми бачаҳо аз хусуси дуздию гургии шавҳараш карнай навохт.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

2. Сухан дар бораи шахсе меравад, ки даст ба сина зада, «ман журналист, коркуни матбуот, тарбиятгар» гуён ба чор тараф карнай мекашад.

*«Тоҷикистони советӣ»*

## КАРНАЙЧӢ

### 82. Аз карнайчӣ як пуф

1. таваккал карда, чизеро як имтиҳон карда дидан, санҷидан, таваккалан чизе гуфта мондан, 2. як бор зур зада дидан.

1. — Як рафта гапзанон кунед, бад намешавад, аз мо чӣ рафт? Аз карнайчӣ як пуф,— гуфт Муҳаммадниёз.

*С. Улуғзода «Навобод»*

2. Хола ба мақоли «аз карнайчӣ як пуф» амал карда боз зур зада, дид, ки Назираро аз ин роҳи «нодуруст» берун оварад...

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

3. Ба ҳар ҳол як санҷидан зарур. Аз шумо чӣ меравад? «Аз карнайчӣ як пуф» гуфтаанд.

*Ф. Муҳаммадиев «Тири хокхурда»*

## КАС

### 83. Каси бадро нафаси бад

аз каси бад хулқу рафтори бад сар мезанад, аз каси бад гапи бад, хабари шум мебарояд.

— Набошад ин боди хунук ҳам аз они ҳамонҳо (фашистон — *М. Ф.*),— гуфт Нозир ва боз илова кард:— чуноне ки куҳистониҳо мегӯянд, «каси бадро нафаси бад» ҳамин аст...

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

### 84. Кас баромадан

хостгор ёфт шудан.

Духтари вай, ки қадрас шуда монда ва шабу рӯз дар орзуи шавҳар кардан буду аз ҳеҷ куҷо кас намебаромад, дар ғазаб шуда истода, заҳрашро ба Фируза мезад...

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 85. Кас махару кас маёб

1. чизи партов, 2. камистеъмол.

1. Масолеҳҳои «кас махару кас маёб»-ро аз ҳар тараф ёфта, кафшҳои пошнабаланд ва дағал медухт.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид» қ. I*

2. — Ин китоб,— гуён ҳошияи Муллоабдуғафурро ба ман нишон дода давом кард,— як чизи камьёб аст, «кас махару кас маёб аст». Вақте ки даркор шавад, аз ҷое намеёбӣ.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. II*

### 86. Кас мондан

1. пешакӣ ба воситаи касе хабареро ба касе расонидан, пешакӣ ба воситаи касе касеро аз чизе огоҳонида мондан, 2. хостгор фиристодан, 3. *Ниг.* Аз пас одам мондан.

1. Шаб кас монда будам, банк имруз саду панҷоҳ ҳазор доданӣ шудааст.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

2. Маълум мешавад, ки ба чор тараф кас мондаанд, ба ташкилотҳо хабар додаанд.

*«Пионер»*

**КАСДОН**

### 87. Қасдону касмадон

эҳтиёткорона; бо роҳи махфӣ.

Боқимондаҳои онҳо ҳануз корҳои худашонро ба тарзи касдону касмадон давом кунонида истодаанд.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

**КАСОФАТ**

### 88. Ба касе касофати касе задан

*Ниг.* Касофати касе ба касе расидан.

Вай ҳам ба худи шумо рафтагӣ. Шаб китобхонӣ, рӯз китобхонӣ. Касофати шумо зада, бечора бачекам як дами осудагиро намедонад.

*Ф. Ансорӣ «Имтиҳон»*

### 89. Касофати касе ба касе расидан

1. бо гуноҳи касе ба нохушие гирифтор шудан, бо айби касе ба зери азоб мондан, 2. хулқу атвори касе ба касе гузаштан,

— Зуд аз ин ҷо равед! — гуфт Холмирзо.— Ҳам сари худатонро мехуред, ҳам ба мо касофати шумо мерасад.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

**КАФ**

### 90. Ба каф даровардан

*Ниг.* Ба даст даровардан.

Ҳар он чизе ки ман мехостам шуд,
Даровардам ба каф ин дурри мақсуд.

*М. Турсунзода «Асарҳои мунтахаб»*

**КАФШ**

### 91. Кафши касеро ба пешаш гузоштан (мондан)

1. касеро аз ҷое рондан, пеш кардан, берун кардан, 2. аз коре холи кардан.

1. Аммо колхозчиён ба нафси ӯ тоқат карда натавониста кафши уро ба пеш гузоштанд.

*«Хорпуштак»*

2. Духтари мо соҳиб дорад мегуем ва кафшашонро ба пеш мемонем.

*Ҷ. Икромӣ «Тори анкабут»*

3. Ӯ ба муаллимон чунон зарбашро гузаронидааст, ки агар камтар аз бинӣ боло гап зананд, ҳамоно чолокона кафшашонро ба пеш мегузорад.

*«Маориф ва маданият»*

### 92. Кафшро зери (ба) бағал карда (гирифта) давидан

тез, телба, саросема давидан.

1. Вай пас аз он хоби нек пагоҳ дасту руйро шуста, кафшашро зери багал карда ба шуъбаи районии банки давлати давид.

*«Хорпуштак»*

2. Рузе ин овозаро шунида, кафшамро ба багал гирифтаму ба суи ҳаммом давидам.

*«Хорпуштак»*

### 93. Кафши касеро кач нагуфтан

1. ба касе айб намондан, ба касе кордор набудан, 2. касеро озор нанодан.

Кафши ҳеч касро кач намегӯем...

*С. Улуғзода «Шодмон»*

### 94. Кафшро монда, патакро пӯшида (гирифта) давидан

1. тез, саросема давидан, 2. бо тарсу ҳавли чон гурехтан.

1. Ман он панч тангаи ҳавоиро ба киса зада «кафшро монда, патакро пӯшида» ба пеши ҳар кадоми он дустон давидам.

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

2. Даҳани худи Қобилбой аз шодӣ то пушти гӯшаш кушода шуд. Аҳли хонаводааш низ кафша монда, патакро пӯшида медавиданд.

*«Барои адабиёти социалистӣ»*

### 95. Дар чизе ба кафши касе патак шуда натавонистан

1. бо касе дар ягон коре баробар шуда натавонистан.

Ман дар бинокорӣ ба кафши вай патак ҳам шуда наметавонам.

### 96. Кафш ғалбер шудан

бисьёр роҳ рафтан; чизеро бисьёр кофтуков кардан.

— Эй хучаини меҳрубон, кафшамон галбер шуд...

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

**КАФШЕР**

### 97. Кафшери гап (суҳбат)

сабаби тафсидани гап, воситаи авч гирифтани суҳбат.

1. Як пиёла чой гуфта шумо чӣ кор карда истодаед?

— Ҳозир чои талх ҳам меояд... акнун, раис (май — *М. Ф.*), кафшери суҳбат-дия.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

2. Пиёларо аз чои дамхурда пур карда, лаззаткунон нушид ва «чой кафшери гап аст» — суханҳои парокандаро бо ҳам пайванд медиҳад.

*С. Айнӣ «Еддоштҳо», қ. III*

### 98. Чизе кафшери даҳон шудан

чизе боиси гап шудан.

— Имрузҳо кафшери даҳони ҳама «ҷадид-ҷадид» шуда мондааст.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

**КАШИДА**

### 99. Қашидаю кушода задан (фуровардан)

сахт задан, бо тамоми қувват задан.

1. У дасти росташро тамом ёзонда ва пас бурда кашидаву кушода ба гушхонаи Махмуд як тарсакӣ зад.

*С. Айнӣ «Еддоштҳо», қ. III*

2. Шоҳмардон аз муи сари занак қабза карда ба берун баровардани шуд, зан ба руи вай чунон кашидаю кушода фаровард, ки аз чашмонаш оташ парид.

*«Занони Тоҷикистон»*

**КАШИДАН**

### 100. Қашидани таноби (ҷилави) касе

*Ниг.* Таноби касеро кашидан.

1. Худи ҳамин фактҳо ҳам барои кашида монданн таноби у барои калоншавандагони район дастак шуда метавонад.

*«Хорпуштак»*

2. Деҳқонони бовиҷдон дигар ба ин бедодгариҳои Усмонов тоқат карда наметавонанд ва дар бораи кашидани ҷилави у ба органҳои дахлдор муроҷиат карданд.

*«Тоҷикистони советӣ»*

**КАШМАКАШ**

### 101. Кашмакаш доштан

бо касе хархаша, ҷанҷол доштан.

— Саида,— гуфт Сангин аз паси вай расида, ин вактҳо бо Камолбиндӣ кашмакаш доретон-мӣ?

*Ҷ. Икромӣ «Тирмор»*

### 102. Кашмакаш шудан

гуфтугӯ; хархаша, ҷанҷол шудан; мунокиша рафтан.

Дар байни қудоҳо хеле кашмакаш шуд.

*«Хорпуштак»*

**КАШОЛА-ПУШТОРА**

### 103. Кашола-пуштора гаштан

бо машаққату азоб гаштан, бе ҳолу бе дармон гаштан.

Ҳам қафогардӣ ва ҳам ба душман додани окопҳое, ки бо машаққат кандааст ва боз пои пиёда кашолапуштора гаштанҳо ба кас бисьёр алам мекардааст.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

**КАҲ (КОҲ)**

### 104. Каҳи кӯҳнаро бод кардан (додан)

ягон воқеаи гузаштаро ба ёд овардан, суханҳои гузаштаро ба хотир овардан.

1. Ман мехостам, ин волида, ки ба ин акт даст мондаанд, дурустии гувоҳиашонро як бори дигар дар ҳузури моён тасдиқ кунанд.

— Оббо, боз ҳамон каҳи кӯҳнаро бод кардед-а!

*А. Деҳотӣ ва Б. Раҳимзода «Фоизҷон Таърифхуҷаев» («Маҷмуаи пьесаҳо»)*

2. — Биё, зан, акнун коҳи кӯҳнаро бод надода, гапҳои гузаштаро ба як су мону камтар истода писаратро ба хонаи Юнусбобо ё Одил Саркор фиристон...

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

3. «Пас чӣ ҳоҷат, ки коҳи кӯҳнаро бод дода, худро азоб медиҳӣ?»

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

**КАҶ**

### 105. Каҷ дору марез

сахтгир бош, аммо аз ҳад магзарон; муросо кун.

Тавонад пай барад инсони зирак,
Ки «каҷ дору марез» урфест бе так,

Ба ру бо ҳам бигуем айбҳоро,
Ки тай шуд қиссаи дору-мадоро,
Ба ҳам ёрӣ диҳӣ, ғайрат, шуҷоат,
Шавад бояд, ба ҳар хушбахт одат.

*М Раҳимӣ «Тиллои тоҷик»*

**106. Кач (кач-кач) нигоҳ кардан**

1. бо назари бад, хунук нигоҳ кардан, 2. чаппа-чаппа нигоҳ кардан.

Мудири шуъбаҳо ба ман кач-кач нигоҳ кардан гирифтанд...

*Ҷ. Икромӣ «Тори анкабут»*

**КЕЛИН**

**107. Келини дари хона**

духтари ба камол расида, духтаре ки вақти шавҳар карданаш расида бошад.

— Мактаб?! —гуфт вай ҳайрон шудагӣ барин ва ба хона будагон бо назари суол нигоҳ кард.— Мактаб чӣ? Духтари пага-фардо тӯй мешудагӣ, гапа тӯғреш, ки келини дари хона мактаб рафта худаша ба одамҳо нишон дода мегардад? — Ин куҷоя гапаш?!

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

**108. Келин фуровардан**

келин кардан, ба хона арӯс овардан.

1. Расму одати дуньёро баҷо оварда орзуҳоямонро шикаста келин фуроварем.

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

2. Шурам хушк шавад, ду келин фароварда аз ҳар дуяш ҳам баҳра набурдам.

*Р. Файзӣ «Модарш»*
*(«Шарқи сурх»)*

**КИМ-**

**109. Аз ким-кадом гӯр**

*Ниг.* Аз кадом гӯр.

Чанд вақт пеш Бозоров ном ҳамшаҳриашро аз ким-кадом гӯри кӯҳна ёфта оварда, ба кор қабул кунонд.

*Р. Амонов «Дар доманаи кӯҳҳои кабуд»*

**КИМЧАКАНӢ**

### 110. Қимчаканӣ кардан

1. майдагапӣ кардан, хурдагирӣ кардан, 2. аз мумсикӣ баҳсу талош карда, чизеро ба нафъи худ гардондан.

Ман, ки дар пули муйсар он ҳама кимчаканӣ карданн уро дида будам, аз ин кораш дар тааҷҷуб афтодам.

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

**КИРОИ**

### 111. Қирои гап не

*Ниг.* Қирои ба забон гирифтан намекунад.

— Бародар, ин қуттӣ чӣ вазне дорад, ки кирои гап бошад.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 112. Қирои ба забон (даҳан) гирифтан накардан (набудан)

ба гуфтан наарзидан, қобили диққат набудан, ночиз будан.

1. — Маоши ман? Эҳе, кирои ба забон гирифтан намекунад.

*«Хорпуштак»*

2. Мувофиқи гуфти Шокирҷонака ин чизҳои майдачуйда кирои ба даҳон гирифтан нест...

*«Тоҷикистони советӣ»*

**КИТОБ**

### 113. Китобро фаровардан

китоберо хонда тамом кардан.

То ба қарибиҳои туй хонда истад, китоби дар дасташ будагиро фаровард.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

**КИТФ**

### 114. Китфу бозу — обу орзу

мард бояд мувофиқи ҷавонӣ ва тавоногии худ ҳунаре омузад.

«Китфу бозу — обу орзу» гуфтаанд, бачем. Ягон касбро тезтар интихоб карданат лозим, то ки дар оянда ба касе муҳтоҷ нашавем.

*«Маориф ва маданият»*

**КИҲО**

### 115. Киҳо кашанд ҷабру ҷафо, киҳо хуранд шаҳду шакар

*Ниг.* Кӣ кашад ҷабру ҷафо, кӣ кунад кайфу сафо.

Дар замонҳои пештара одами меҳнат мекардагӣ хор, меҳнат намекардагӣ, бекорчиҳо азиз буданд. Киҳо кашанд ҷабру ҷафо, киҳо хуранд шаҳду шакар...

*С. Улуғзода «Шодмон»*

**КОЛА**

### 116. Колаи бад ба риши соҳибаш

моли бад ба соҳибаш насиб кунад.

1. — Вакте ки ман,— Алӣ Мардон гуфт,— инро ба худ зан кардани шуда будам, ин... як духтари соҳибҷамоли Дараи Ниҳон буд... Лекин ба ҳоким сар нафуровварда... оқибат ҳоким безор шуда «колаи бад ба риши соҳибаш»,— гуён инро ба худи ман бахшид, ба ман ҳам сар нафуровард...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Ҳар чи ки ба мо фурухтанд, ба соҳибаш бармегардонем. Чунки колаи бад ба риши соҳибаш гуфтаанд.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари ноком»*

**КОМ**

### 117. Коми касеро бардоштан

1. талаби касеро қонеъ кунондан, хоҳиши касеро ба ҷо овардан, 2. касеро хурсанд кардан.

Калоншоҳ метавонад ба ин ҷавон кори хуб, мансаби муносиб диҳад ва бо ҳамин коми уро бардошта, аз у хоҳарашро талабад.

*Ҷ. Икроми «Шодӣ»*

### 118. Қоми касеро бо чизе бардоштан

пас аз таваллуд шудани кудак, одатан, бо ангушти асалмолида коми уро мебардоранд. Барои ҳамин ҳам дар касе хислати хуб ва ё бад мушоҳида шавад, коми уро бо фалон чиз бардоштаанд, мегуянд.

1. Коми Сафарро модараш бо ин хел беномусиҳо набардоштааст.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

2. Коми вайро бо кор бардоштаанд, шабу руз дар идора... шабу ними шаб, кадом вақте ки гузаред, чароғи кабинети вай даргирифтагӣ ва у дар он ҷост.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид»*

### 119. Ба коми дил шудан

чизе айни муддао гардидан.

Гуфтам ки: Чӣ фируз замонест, бигуфто:
Айём ба коми дили мо шуд, чӣ бачо шуд.

*С. Ҷавҳаризода «Чӣ бачо шуд»*
*(«Занони Тоҷикистон»)*

### 120. Коми дил ҳосил кардан

*Ниг.* Коми касе ҳосил шудан.

Вай шояд афсус хурад, ки канизаки зебои зархаридро, бе он ки аз вай коми дил ҳосил кунад, аз даст медиҳад.

*С. Улуғзода «Қисмати шоир»*

### 121. Ба коми наҳанг рафтан

1. несту нобуд шудан, барбод рафтан, ғорат гардидан, 2. ғоиб, нопадид гаштан.

62 ҳазор суми роҷеулнақд ба коми наҳанг рафтааст

*«Хорпуштак»*

### 122. Қоми касеро равған кардан

*Ниг.* Гулуи касеро равған кардан.

— Бойҳо пул доранд, коми амалдоронро равған мекунанд.

*К. Наимӣ «Соли 1916»*

### 123. Коми касеро ширин кардан

*Ниг.* Гулуи касеро равған кардан.

Коми амалдорони калонтарро ширин мекарданд.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

### 124. Коми касе ҳосил шудан

ба мақсади худ расидан, орзу ва ҳаваси худро шикастан.

Духтари Шукурбек ба амалдор гардан нафаровард, амалдор, ки баъд аз хушомадгуиҳои мунофиқона аз духтар комаш ҳосил нашуда уро ба зарбу лат кардан ва шиканҷаю азоб додан даромад.

*С. Айнӣ «Еддоштҳо», қ. III*

**КОР**

### 125. Кореро аз даст баровардан

кореро ба охир расонидан, тамом кардан.

Ба рангу бораш ҳам анча пул мерафтагӣ барин. Худо хоҳад, ин тарафи корро ҳам аз даст мебарорем...

*«Хорпуштак»*

### 126. Кор аз даст рафтан

1. гузаштани фурсат, бевақт, бефоида шуда мондани чизе, 2. чизеро аз даст додан, бой додан.

1. — Аҷаб нест, ки имруз ё фардо он касро ба Ғазнин, ба пеши Султон фиристонанд. Он вақт кор аз даст меравад!

*С. Улуғзода ва В. Виткович «Ибни Сино»*

2. Гулнор дид, ки сукуташ аломати ризо шуда, кор аз дасташ рафт, якбора дилаш пур шуда ҳиққақзанон гиристан гирифт.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

3. — Ҷаноби бек, кор аз даст рафт! Қурбошиҳо аз ҳуҷуми ногаҳонии аскарони сурх аз як тараф ва калтакдорон аз тарафи дигар, саросема шуда, ҳама гурехта истодаанд.

*Ҷ. Икромӣ «Дохунда» («Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

### 127. Қор аз дасти касе омадан

аз уҳдаи иҷрои коре баромадан, кореро иҷро карда тавонистан

1. Қоре аз дасташ намеомад.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

2. Агар он кас ёрмандӣ мекарданд, бачаҳоро ба боғча монда, худам ба ягон кори аз дастам меомадагӣ медаромадам.

*Ф. Ниёзӣ «Духтари ҳамсоя»*

### 128. Қор аз илоҷ гузаштан

1. ислоҳнопазир шудан, 2. муолиҷанопазир гаштани бемор.

Ба изтироб афтода ба Хоҷа Абдулло арз кардам, ки «шиддати бемории ба дараҷаест, ки агар хункамкунӣ дер гузошта шавад, кор аз илоҷ мегузарад.

*С. Айнӣ «Алишер Навоӣ»*

### 129. Қор аз ислоҳ гузаштан

ислоҳнопазир шудан, бевақт шудан, роҳи илоче намондан.

— Ту ба гапи ин лаққӣ гуш наандоз, Юнус, ҳеҷ кадоми мо ин хел фикр надорем,— Юнусбойро ором карданӣ шуд Аҳмадҷон. Аммо кор аз ислоҳ гузашта, Юнусбой сабру тамкинро аз даст дода буд.

*С. Улуғзода «Навобод»*

### 130. Қор аз кор гузаштан

фурсат аз даст рафтан, иҷрои коре имконнопазир шуда мондан.

1. Вазир вақте маънии муаммоии он порчаро фаҳмид, ки кор аз кор гузашта, байт бо таҳлилоташ дар байни омма паҳн шуда буд.

*С. Айнӣ «Алишер Навоӣ»*

2. Дар натиҷаи ин ҳаракатҳои провокационӣ амир «ба сулх» розӣ шуд. Қолесов ҳам аз русҳо ва аз партизанҳои сурхи Самарқанд, Қавказ ва тоторҳо 21 нафар

вакил интихоб карда, ба пеши амир фиристод. Амир вакилонро бо як сурати ваҳшиёна кушт, яке аз онҳо гурехта омада аҳволро ба Қолесов фаҳмонд. Аммо кор аз кор гузашта буд.

*С. Айнӣ «Мухтасар тарҷимаи ҳоли худам»*

### 131. Кор аз сар баромадан

кори бисьёр доштан, серкор будан.

Маълум мешавад, ки ман дар ин ҷо беҳуда рӯз мегузаронам?! Беҳтар буд, ки хона равам, дар хона корам аз сарам баромадагӣ.

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

### 132. Корро аз сар пухта кардан

чизеро дар аввал санҷида, мулоҳиза карда иҷро намудан, бекаму кост иҷро намудан.

Аввал корро пухта карда, баъд ба пеши вай рафтан лозим.

### 133. Кор аз сар пухта шудан

*Ниг.* Кор пухта шудан.

Ҳа, кор аз сар пухта нашудагӣ. Андак хомӣ кардем.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ I*

### 134. Корро аз ҷояш сар кардан

кор, чизеро аз ҷои даркориаш сар кардан.

Баъд аз он аз ин ҷо ба масҷид, сонӣ ба ҳавлии Нуъмон мебарам. Корро аз ҷояш сар мекунем.

*Р. Ҷалил «Гулрӯ»*

### 135. Ба кор андохтан

1. касеро ба кор маҷбур кардан, кор кунондан, 2. касе, чизеро ба ҳаракат овардан, ба коре шурӯъ намоёндан, 3. касеро ба коре ҷалб намудан, иштирок кунондан, 4. кор фармудан, истифода бурдан.

1. Амалдорон қадре беҳтар шудани маро дида, боз зада куфта ба кор андохтанд.

*«Барои адабиёти социалистӣ»*

2. Дар бистуми ноябрь ҳар чӣ кор карда станцияи электрикии нави байни колхозиро ба кор андозанд.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

3. Беҳтараш ин ки акнун Иброҳимро ба кор андозем.

*Ғ. Абдулло ва Ш. Қиёмов «Тӯфон»*

4. Бисьёр колхозчиён дар бораи ба кор андохтани замини бекорхобидаи поёни роҳ сухан ронда, таклиф пешниҳод карданд...

*«Тоҷикистони советӣ»*

5. Ҳокимияти подшоҳӣ ҳамаи усулҳои хукмдорӣ ва фармонфармоиро комилан ба кор андохта буд.

*Р. Ҷалил «Гулру»*

### 136. Кори касеро ба охир (поён) расондан

касеро нобуд кардан, куштан.

1. Боз як гуруҳи босмачиён аз тарафи дигар ба ҳуҷум гузаштанд, вале ду гранатаи аскарони сурх ва тирҳои бехатои пулемёт кори инҳоро ҳам ба охир расонд.

*А. Дилбар «Диловарон»*
*(«Шарқи сурх»)*

2. Ба регхона гузаронида корашонро ба поён мерасонданд, ё ин ки дар ҳамин обхона мегузоштанд, ки ба ҳоли худ мемурданд.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 137. Кор ба роҳ даромадан

кори касе пеш рафтан, ривоҷ ёфтан.

Бо инҳо кори Қиличхалифа ба роҳ даромад...

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 138. Корро ба роҳ мондан

корро пеш бурдан, ба кор равнақ додан.

Онҳо кори ташкилоти комсомолиро нағз ба роҳ монданд.

*С. Улуғзода «Навобод»*

## 139. Қор ба ҷое расидан

кор ба як шакли ногувор ва номатлуб даромадан, ба дараҷаи бад расидани аҳвол.

1. Як ошнои ман кайҳо боз олудаи шароб шуда, кораш ба ҷое расида буд, ки агар гулуяшро андакак бо шароб тар карда наистад, қомат рост карда наметавонист.

*С. Ғанӣ «Табассум»*

2. Рафта-рафта кор ба ҷое расид, ки дар кучаҳои пурлой ман кафшҳоямро аз по кашида, побараҳна медавидам.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III*

## 140. Кор ба ҷону корд ба устухон расидан

1. ниҳоят ба тангӣ, сахтӣ мондан, ба сутуҳ омадан, сахт ба азобу укубат мондан, 2. аз ҷони худ сер ва безор шудан.

1. Ахолии Чироқчиро, ки «кор ба ҷону корд ба устухон расид», хостанд, ки шуриши умумие барпо карда, аз ҳукуматдорони маҳаллӣ ниқор гиранд ва баъд аз он ба Туркистони русӣ ё ба ягон мамлакати дигар кӯчида рафта, аз зулми амир ва ҳукуматдорони ӯ тамоман халос шаванд....

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. IV*

2. — Қосаи сабри мардум лабрез шудагӣ, кор ба ҷону корд ба устухон расидагӣ.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

## 141. Кори касеро баробар кардан

1. ҳоҷати касеро баровардан, ба касе дар коре ёрдам расонидан, 2. касеро бо касе ба муросо овардан.

— Равед, амаки Очил дар сари кор будагист, кори шуморо баробар мекунад.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

### 142. Кори касе баробар шудан

кори касе яктарафа шудан.

Лекин баъд аз қарздор шуданам кори ман баробар нашавад ва ман халос нашавам, беҳуда қарздор шуда мемонам.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 143. Аз кор баровардан

1. аз кор холӣ, озод кардан, 2. касеро кор фармуда хаста, лоғар, нотавон гардонидан, 3. аз истеъмол баровардан.

1. Як фарсах роҳро пиёда тай кардан чунон маро аз кор баровард, ки ҳозир тоқати гуфтор надорам.

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

2. Гушнаю ташна гаштан ҳар касро ҳам аз кор мебарорад.

*Ф. Ниёзи «Вафо», қ. II*

3. «Меҳнати сахт миёнро аз кор баровардааст, дар сивупанҷсолагӣ пир шудаам...»

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

### 144. Аз кор баромадан

1. фориғ шудан, холӣ гардидан (аз кор), 2. нотавон, оҷиз гардидан, маъюб будан, 3. вайрон, фасурдаву ба кор намеомадагӣ шуда мондан.

1. — Чи коре ки накунед, аз кор намебароям,— гуфт занаш.

*«Занони Тоҷикистон»*

2. Ин одам дар вақти ҷавониаш пахтакашӣ мекардааст ва баъд аз дасту миёнаш аз кор баромадан ба бозори ғуза ба қаровулӣ даромадааст.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III*

3. — Заминҳоямон мазза надоранд, аз кор баромадаанд.

*«Тоҷикистони советӣ»*

4. — Аз кор баромадани каландро намегуед, раис...

*«Тоҷикистон»*

5. Дар зери хизматҳои сахти бисьёр либосҳоям тамоман аз кор баромаданд.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III*

### 145. Кор баромадан

1. коре ба миён омадан, 2. ҳоҷате ба пеш омадан.

Рӯзе ки корам баромад, мегурезаду меравад.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 146. Кор баромада мондан

1. тасодуфан коре пайдо шуда мондан, 2. эҳтиёҷ афтидан.

1. — Набошад, кораш баромада мондагист Вай аъзои бюро.

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

2. — Аҷаб шогирдҳои беқадретон, то ягон коратон набарояд, намеоед,— гуфтанд.

*«Газетаи муаллимон»*

### 147. Кори касе барор гирифтан

1. кор пеш рафтан, 2. хоҳиши касе иҷро шудан, ба мақсад расидан.

1. Мутаассифона кори ман якчанд вақт барор нагирифт.

*Ҳ. Назаров «Дар ҷустуҷӯи Карим-Девона»*

2. — Шумо ҳам чӣ мехоҳед, ба ман маълум. То даҳон ширин накунӣ, корат барор намегирад.

*Т. Усмон «Кашфи асрор»*

### 148. Кор баҷо шудан

кор ба анҷом, натиҷа расидан, ба хубӣ тамом шудан.

Корҳо ҳама баҷо мешаванд.

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

## 149. Кор бемаза шудан

аҳвол бад шудан.

Агар рафиқ Ғафлатов то рӯзи маҷлис расида наоянд, кор бемаза мешудагӣ барин...

*К. Носиров «Орият»*

## 150. Кор бобарака рафтан

самаранок, сермаҳсул давом кардани кор.

Кори пагоҳонии занон ва духтарон хеле бобарака рафт.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

## 151. Корро бой додан

1. муомилаеро бохтан, аз даст додан, гум кардан, 2. мағлуб шудан.

1. — Навакак ман ба пушти дар истода гӯш мекардам, зиндонбон ба шогирдони худ гуфт, ки «амир корро бой дод, ба ҳуррият даст мондааст, эҳтимол ҳамаи бандиёнро озод кунанд...»

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Агар шумо корро буред, ба ҳар кадомашон панҷоҳтангагӣ медиҳед... агар бой диҳед, ба ҳар кадомашон биступанҷтангагӣ.

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

3. Аммо хотири ман ҷамъ не. Ин ҷавони беандеша метавонад корро бой диҳад.

*С. Улуғзода «Калтакдорони сурх»*

## 152. Кор боло гирифтан (рафтан)

кори касе пеш рафтан, равнақ ёфтан.

1. — Ман гумон доштам, ки баъд аз ба даст даровардани ин духтарон кори ман боло хоҳад гирифт, лекин «афсус ки беҳ нашуд, бадтар шуд»...

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

2. Ҷанги якуми ҷаҳонӣ сар шуд, дар қатори савдогарон, ҳаннотон ва судхӯрони дигар кори Қори Ишкамба ҳам боло рафтан гирифт...

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

3. Қори Шамсӣ чунон боло гирифт, ки тарьёк (чакидаро) ба вай пуд-пуд меоварданд...

*Ҳ. Ирфон «Ду ёр аз ду диёр» («Шарқи сурх»)*

## 153. Кору бор

машғулият, ҳар хел корҳо, шуғл.

1. Ман азм намудам, ки хонаи ӯро ёфта, албатта аз кору бор ва зисту зиндагиаш ҳолдон гардам.

*«Тоҷикистони советӣ»*

2. Миршаб ҳамеша ба кору бори Ғаниҷонбой халал медиҳад.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

3. Котиби ташкилоти партиявӣ Иван Алексеевич Смирнов аз кору бор, ҳолу аҳволаш хабар гирифта меистод...

*Р. Ҷалил «Ҳамида»*

4. Сарвархола ҳам ба кору бори хона машғул шуд.

*Ҷ. Икромӣ «Тирмор»*

## 154. Аз кору бор мондан

ба сабаби пешомаде ба кору шуғли худ давом карда натавонистан, аз зиндагии худ мондан.

1. — Хайр, отунҷон, шуморо ҳам аз кору боратон монондам, чӣ кор кунам, ғайр аз шумо дигар каси маҳраму ҳамдам надорам...

*Ф. Ниёзӣ «Духтари ҳамсоя»*

2. Чанд рӯз ҷустуҷӯ карда, ёфта натавонистам, аз кору борам мондам.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

3. Ҳоло ба ин ҷо омадани шумо нағз не, аз кору боратон намонед.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

## 155. Кор буд шудан

кор ба иҷро расидан; мақсад ба даст даромадан.

1. Аввал он ки бо як хуроквории кор буд намешавад, барои гов кунҷора ва барои кишт тухм даркор аст...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Бе соат корашон буд намешавад...

*Ф. Муҳаммадиев «Тири хокхӯрда»*

## 156. Кор бурдан

кор кардан, кореро ба ҷо овардан.

1. Аз сардор сар карда, то коргарони оддӣ бе маслиҳати ӯ кор намебаранд.

*Т. Усмон «Найрангбозӣ барои ҳавлии нав»*
*(«Тоҷикистони советӣ»)*

2. Дар айни замон дар канорҳои кӯҳҳои Боботоғ кор бурда истодааст.

*Алихуш «Шестопалов»*
*(«Шарқи сурх»)*

## 157. Ба кор бурдан

1. истеъмол кардан, ҷорӣ кардан, кор фармудан, истифода бурдан, 2. амал кардан, рафтор кардан.

1. Амир Темур дар хама мамлакатхои ба даст даровардааш катл ва тороч ба кор бурда, хамаи боигарӣ ва бештари хунармандони он чохоро ба Мовароуннахр ва ба пойтахти худ — Самарқанд кашонда буд.

*С. Айнӣ «Алишер Навоӣ»*

2. Дар оббурдаи дигар ҳам ҳамин тадбирро ба кор бурдаанд.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

3. — Шахсан худи Гулчамол ба ин масъала чиддӣ нигоҳ карда кор барад, Қамолро ба роҳи дуруст андохтан кори мушкил не.

*Ҷ. Икромӣ «Ситора»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 158. Кор бурида шудан

қатъ шудан, истода мондан, пеш нарафтани кор.

Мабодо дар мизоҷи шариф оразе рӯй диҳад, дар он сурат кори мо тамоман бурида шуда, борамон ба манзил нарасида мемонад.

*С. Айнӣ «Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ»»*

### 159. Корро буридан

1. корро ба фоидаи худ ҳал намудан; ба мақсади худ расидан, 2. ғолиб омадан, дар муомила ё мурофае муваффақият ба даст овардан.

Агар шумо корро буред, ба ҳар кадомашон панҷоҳтангаги медиҳед.

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

### 160. Кор ванг шудан

нағз пеш рафтан, ба натиҷаи матлуб расидани кор.

1. Акнун 4—5 духтари чаққону абҷир бошаду онҳоро саришта кунанду ҷушад. Ана он гоҳ кори ферма ванг мешавад.

*«Тоҷикистони советӣ»*

2. — Парво накунед, раис, ман, ки дар комиссия ҳастам, ҳамаи кор ванг мешавад.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

### 161. Ба кор гиреҳ афтидан

1. Кор пеш нарафтан, сарбаста шуда мондан, омад накардан; ба пеш мамониате баромадан.

Ба корам гиреҳ афтидааст, ҳар чанд кунам ҳам, пеш намеравад.

## 162. Кор дар ҷояш

1. рафти кор нағз, кор ботартиб, бекаму кост, 2. хотирҷамъӣ

1. — Раҳмат, ҳамаи кор дар ҷояш...

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

2. — Хайр канӣ, корҳои культивация дар ҷояш-мӣ?

*М. Рабиев «Орзуи ҷавонӣ»*
*(«Маҷмуаи пьесаҳои якпардагӣ»)*

## 163. Ба кор даровардан

*Ниг.* Ба кор андохтан.

1. Раҳимдодро ҳам, ки барои гунҷишкдорӣ ба боғ омада буд, модараш намонда ба кор даровард...

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

2. Шонздаҳ дастгоҳи автоматии навро ба кор даровард.

*«Тоҷикистони советӣ»*

## 164. Ба кор даромадан

1. ба коре шурӯъ кардан, кореро сар кардан, 2. ба хизмат дохил шудан.

1. Ҳар гоҳ ки ба ҳаракати рӯирост ё нимрӯирост роҳ намонд, ҷамъият бо ҳайати кӯҳнааш ба кор медарояд...

*С. Айнӣ «Мухтасар тарҷимаи ҳоли худам»*

2. Маҷлис ин тадбирро бо як овоз қабул карда ба корҳои амалӣ даромад...

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

## 165. Ба кор даст ёфтан

имконияти иҷро кардани кореро ёфтан.

Албатта, саркардагон ва маъмурони калон, ки ба торочи халқ роғиб буданд, ба кор даст ёфтанд ва ба Алишер, ки ба ҳамаи он беадолатиҳо ва толону торочҳо муқобил буд, муқобил баромадан гирифтанд.

*С. Айнӣ «Алишер Навоӣ»*

### 166. Ба кор даст задан

ба коре шуруъ намудан.

Даст бар кори ҷамъият зан ба меҳнат ёр бош,
Меҳнати озод мекун дар миёни кор бош!

*Л. Обидхӯҷаев «Асарҳои мунтахаб»*

### 167. Аз кор даст кашидан

корро тарк кардан, дигар кор накардан, кореро партофтан.

— Хезед,— гуфт Ашӯр ба ғуломоне, ки ҳамагӣ аз кор даст кашида, машғули дарди дил буданд...

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 168. Ба кор даст нарафтан

майл, хоҳиши иҷро кардани кореро надоштан; ба сабаби пешомаде аз кор дилсард шудан.

1. Дастам ба кор намерафт...

*Ҷ. Икромӣ «Тори анкабут»*

2. Аммо на аз гулуям хӯрок мегузашт, на ба ягон кор дастам мерафт.

*«Газетаи муаллимон»*

### 169. Кор дигар хел (будан)

бар хилофи интизор ва гумон будани коре, ранги дигар гирифтани кор; масъала дигар хел.

Аввал мақсади шуморо нафаҳмидам, гумон кардам, ки пирамард омада, эҳтимол ба ман ангиштдуздӣ ё ягон кирдори дигарро таклиф мекардагист, бинам ки не, кор дигар хел.

*Ф. Муҳаммадиев «Тири хокхӯрда»*

### 170. Ба кор дода шудан

бо майл ва рағбати тамом бо коре машғул шудан, саргарми коре будан, кореро дӯст доштан.

Вай аз рӯзҳои аввал ба кори илмӣ бениҳоят дода шуда, бегоҳиҳо бевақт ба хона меомад.

*«Маориф ва маданият»*

## 171. Кор додан

1. лозим шуда мондани чизе, даркор шуда мондан, хеле бачо ва бамавқеъ афтодани ягон кор ё чиз, 2. таъсир бахшидан.

1. Баъд аз ёфт шудани он роҳ ба худам ҳам чанд вақт кор дод.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

2. Оббозиҳои бисьёрсолаи Сирдарьё кор дод: чанд километр оқида шино карда ба соҳил баромадам.

*С. Улуғзода «Ёрони боҳиммат»*

3. Ин машина ба мо бисьёр кор дод.

*Ғ. Абдулло «Дар водии бахт»*
*(«Маориф ва маданият»*

4. — Мастоба кор надод, асло арақ накардам.

*Қ. Наимӣ «Роҳи дуруст»*
*(«Шарқи сурх»)*

## 172. Кор доштан

1. бо касе гуфтугӯй, муомила доштан, 2. эътибор, аҳамият, диққат кардан, ба ҳисоб гирифтан.

1. Ба Қориамак кор дорам.

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

2. — Амакам Қосимҷон омадаанд, кор доштаанд.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

## 173. Кор зӯр шудан

кор мушкил, печ дар печ, мураккаб шудан.

Агар ба пухтани ҳамаи онҳо ё ба хазонрезӣ нигарон шавӣ, корат зӯр мешавад, дар он вақти танҳо ба танҳоӣ ин корро карда наметавонӣ...

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. I*

## 174. Кори калон (будан)

1. бисьёр хуб, зебо, оличаноб, боҳашамат, 2. кори касе нағз пеш рафтан, равнақ доштан.

1. Ҳавлии Муродхон фарох, даруну берундор, хонаҳояш гаҷкорӣ, хулоса як ҳавлии кори калон будааст.

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

2. Домоди кори калон ёфт...

*Ф. Ансорӣ «Ҳаёт ва ишқ» («Шарқи сурх»)*

3. Воқеан, Мамадполвон ҳозир чикора бошад?
— Қораш калон. Сардори звенои фронтӣ, одами номдори колхоз шудааст.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

### 175. Қори калон шудан

хеле хуб, зебо, оличаноб шудан.

1. Дар ҳақиқат оши кори калон шудааст...

*С. Ғанӣ «Магнитофон» («Маориф ва маданият»)*

2. Агар бо чунин як вагон ва бо ҳамин эътибор то ба худи Сибирь, то ба ҷои бадарға рафта расам, хеле кори калон мешавад!

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 176. Кор кардан

таъсир кардан, таъсир бахшидан.

Аз афти кор, сарзаниши хола кор кард,
Имруз амак зи пахта ҷуволу қанор кард.

*М. Аминзода «Шеърҳо»*

### 177. Қори касе, чизеро кардан

1. касеро ба нохушӣ, балое гирифтор кардан, 2. аз кор баровардан, лоғару нотавон кардан, 3. касеро куштан, ҳалок кардан.

1. — Духтари ёфтагиатон Рустам ном хушдор доштааст, ки омада кори бачаамро карда рафт.

*С. Ғанӣ «Туй»*

2. Лекин бемадорӣ ва гуруснагӣ кори уро карда буданд.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

3. У сар то пои пурараки харро аз назар гузаронида:
— Қори харро кардед-ку, мулло! — гуфт.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III*

4. Сафар ба ин тирандозии пулемёт эътибор надода, боз се-чор қадам монду баъд як ба қафо нигоҳ карду худро якбора кунда барин ба замин партофт.

— Уҳ, кори даҳбоширо кард...— бо алам гуфт Дадабой нимхез шуда ва ҳамон дам баргашта ба замин часпид.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

## 178. Қоре ки ба сулҳ дарнаёяд, девонагие дар ӯ бибояд

касе ки бо хубӣ ба ислоҳ намеояд, ӯро танбеҳ дода, зада ба муросо, одоб овардан даркор.

1. «— Қоре ки ба сулҳ дарнаёяд, девонагие дар ӯ бибояд»... Барои ислоҳи ӯ ва ислоҳи косалеси ӯ — муаззин, ки аз ӯ ҳам аҳмақтар аст, гап таъсир намекард. Барои ислоҳи инҳо девонагие даркор буд.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

2. Ман мехостам, ки Фаттоҳро ҳоло чорае ёфта андаке ҳушьёр карда монам. Як шоир гуфтааст, ки: коре ки ба сулҳ дарнаёяд, девонагие дар ӯ бибояд...

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

## 179. Кору кочол

кору бор, машғулият; ташвишу ғами зиндагӣ.

1. Бошандагони дарае, ки шумо дар фасли аввал тамошояш кардед, ҳамагӣ бо кору кочоли худ сокул буданд...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Ба фикри ман, савдогар мардум дар азоб аст: кору кочолаш пеш намеравад, касби савдогарӣ ғайриқонунӣ шуда монд...

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

## 180. Кор кушоиш намудан (кардан)

кори касе пеш рафтан, барор гирифтан.

«Вақт мегузашт. Аммо дар кори ман кушоише намеnамуд... Аммо он пиракӣ ба ҷое намерафт, ки ман бо дилороми худ вохӯрда бо суханҳои рост ё дурӯғ дили ӯро ором диҳам...»

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. II*

### 181. Қор ланҷ шудан

вайрон, расво шудани кор.

Баъд аз он ки кор ланҷ шуда мондааст, Асо лаҷомҷ тарбияро ба даст гирифта, ба Шағол одоб ёд доданӣ шудааст...

*«Хорпуштак»*

### 182. Қорро лат додан

ба кор халал расондан, пеши кореро гирифтан.

— Ҳайф ки,— гуфт Давлатманд,— беандешагиҳои Иброҳим корро лат дод, вагарна ман ба дарун истода бисьёр кор мекардам.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 183. Қор лат хӯрдан

1. ба мамониат, зарба дучор гардидани кор, пеш нарафтан, 2. шикаст ёфтан (дар кор).

Намедонам чӣ сабаб аст, ки кори ман дар ин ҷо ҳамеша лат мехӯрад.

### 184. Қор маза надоштан

қаноатбахш набудани кор.

1. Ана, ман нагуфта будам, ки ин кор маза надорад.

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

2. Қори имрӯзаи вай маза надорад.

*«Хорпуштак»*

### 185. Қори монда шудагӣ нимкора мемонад

кори дар вақташ иҷронашуда нотамом мемонад.

— Дуруст! — гуфт Ятим дарҳол ба кори дасткаш кардани алафҳои бегона даромаданӣ шуд. Аммо туркман роҳ надод ва:

— Имрӯз даматро гир, фардо ба кор медарой, «кори монда шудагӣ нимкора мемонад» гуфтаанд,— гуфт ва ҳар ду ба хонаи сиёҳ нигоҳ карда баргаштанд...

*С. Айнӣ «Ятим»*

## 186. Қори касе чизе мондан

иҷро нашуда, ё ба итмом нарасида мондани кор.
1. — Зудтар бош, Гулфом, кор намонад.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

2. Қори колхоз монда истодааст...

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

## 187. Аз кор мондан

1. аз кор бозистодан, бекор нишастан, кор накардан, 2. қобилияти кор карданро гум кардан; оҷиз, нотавон, фартут шуда мондан, 3. аз ҳаракат бозистодан.
1. Барои вай шуда имруз аз чанд кор мондам.

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

2. — Қанӣ, рафиқон, дору пошед, аз кор намонед.

*Қ. Наимӣ «Ман бо шумо»*

3. — Қлубро сохта тамом кунетон, ба ҳамаи комсомолхоят мукофот медиҳем... хуб, аз корат намон, духтарам.

*С. Улуғзода «Навобод»*

4. Акнун Бобораҳмату Ёдгорхола пир шуда, аз кор монда буданд.

*«Маориф ва маданият»*

5. Шашто укои хурду калонам ба дасти падару модари муйсафеди аз кор мондаам нигоҳ карда мондаанд.

*Р. Ҷалил «Гулру»*

6. Завод... аз кор монда будааст.

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

7. К-аз он танки дигар ҳам аз кор монд,
Бишуд пора чархаш зи рафтор монд.

*С. Ҷавҳаризода «Гулшани афрӯхта»*

## 188. Аз кор монондан

ба кори касе халал расондан, касеро аз кори худ боздоштан.
Маро беҳуда аз корам намононед.

*С. Айнӣ «Марги судхур»*

### 189. Кор надоштан

кордор нашудан; парво надоштан, эътибор надодан.

1. Ман ба розӣ ва норизо шудани падару модарам кор надорам.

*С. Айнӣ «Еддоштҳо», қ. I*

2. Хоб кун, ба ман корат набошад. Ман боз андак кор дорам.

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

3. — Фотимаи гарданшикаста-ку ба нобуд шудани чизҳои ман кор надорад, балки қасдан нобуд ва исроф мекунад...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 190. Кори наку кардан аз пур кардан аст

зиёдии таҷриба боиси хубии кор мешавад.

Деҳотӣ деркори пухтакор аст. Кам менависад, аммо аксаран пухта менависад. Устод Айнӣ як манзумаи уро тақдир карда ба он бо зарбулмасали «кори наку кардан аз пур кардан аст» баҳо дода буд.

*С. Улуғзода «Қаламкаш»*
*(«Тоҷикистони советӣ»)*

### 191. Кори намешудагӣ

кори бемаънӣ, беҳуда, бефоида, ғайри ҷолиби диққат.

— Вайрон мешавад, ин як кори намешудагӣ.

*С. Саидмуродов ва И. Исмоилов «Тӯҳмат»*

### 192. Кор нишон додан

қаҳрамонӣ кардан, кори фавқулоддае кардан; мардонагӣ, ҳиммат кардан.

1. — Писар, ҷавобан ба ҳамин гапҳои модаратон, пайташ ояд, як кор нишон диҳед, ки дар байни мардум достон шавад.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

2. Ду пулемёт, сад милтиқ ва сад шоф, ки дар дасти корфармоёни моҳир — аскарони сурх буданд, хеле кор нишон доданд.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 193. Кори ношуданӣ (нашудагӣ) шуд

ҳодисаеро, ки ба рӯй додани он интизор набуд, рӯй дод, коре ки набояд мешуд, шуд.

1. Кори ношуданӣ шуд, хубаш акнун нақшаи дар пеши сардорон чӣ ҷавоб доданро кашидан лозим аст.

2. — Акнун кори нашудагӣ шуд,— гуфт Мирбадал ба даъватномаи Мамараҷаб ало-ало чашм андохта...

*Ф. Ниёзӣ «Вафо» қ. I*

### 194. Кори нӯгиостинӣ

фиребгарӣ, қаллобӣ.

Маълумот ва дониш ба кас ҳатто дар корҳои «нӯгиостинӣ», дар корҳои нағмаю чатоқ ёрӣ медиҳад...

*Ч Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

### 195. Кор омад кардан

коре барор кардан, пеш рафтан, равнақ ёфтан; бахти касе тохтан.

1. Кори соҳиб (соҳиби хона — *М. Ф.*) рӯз аз рӯз омад мекард.

*«Тоҷикистони советӣ»*

2. Эҳ, кор, ки камтар ноомад кард, дӯст ҳам ба кас душман мешудааст.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

3. Вале кори ӯ омад накард. Ҳамин ки хост аз дар барояд, қаровули гапнодаро иҷозатнома пурсид.

*«Хорпуштак»*

### 196. Ба кор омадан

1. *Ниг.* Кор омадан, 2. фоидаи чизе ба касе расидан, лозим шудан.

1. Акнун ман ба ту ҳадья мекунам, писари азиз, ягон вақт ба кор меояд.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

2. Дуст ҳар вакт ба кор меояд.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

### 197. Кор омадан

1. қобили истифода будан, даркор шудан, фоидаи чизе, касе ба касе расидан, 2. чизе муфид, муносиб, лоику сазовор будан.

1. — Ин кор намеояд...— ин як ресмони пашми гусфандии пусида аст.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

2. — Дар зиндагӣ мо барин одамҳо ба ту кор меоем, фаҳмидӣ-мӣ.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

3. Ин трактор ҳам ба заминҳои калон кор меомадааст.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

### 198. Корро пазондан (пухтан)

масъалаеро ҳал, як тараф кардан, ба як қарор омадан, маъқул кунондан.

1. «Аз тарафи худатон корро пазонетон».

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III*

2. Пас аз он дар хонаи торик гапро ба Хамроҳбой ва калоншавандагон маъқул карда, корро мепазем...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

3. Ёдгор дирӯз аз писари оқсаққол шунида буд, ки Гулнорро ба писари Ҳамрохбой номзад карданианд, оқсаққол миёнаравӣ карда, ин корро пухтааст.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

4. — Пеш аз он ки саллотон ба Балчувон расанд, ман рафта Давлатмандбиро дида корро пухтам...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

5. Вале кор бо ин ҳам напухт.

*С. Ғанӣ «Табассум»*

кор нағз, бекамбудӣ, бенуқсон.
Ҳама корҳоямон панҷ.

*С. Саидмуродов «Шуҳрати «Хорпуштак» («Маҷмуаи пьесаҳои якпардагӣ»)*

### 200. Корро пеш бурдан

давом додан; кореро равнақ додан, рӯ ба тараққӣ овардан.

1. — Агарчи Давлатмандбӣ шаҳид шуд, ман метавонам, ки кори уро пеш барам...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Шамсия дид, ки бо зӯрӣ ва муқобилият коре карда наметавонад, маҷбур шуд, ки бо гирья ва зорӣ, бо тавалло ба модараш корро пеш барад.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 201. Корро пеш гирифтан

кореро кардан, ба иҷрои коре шурӯъ намудан.

Ба ҳеҷ ваҷҳ ба ин хоҳиши ман монеъ намешавад, балки худаш он корро пеш гирифта, ба ҷои падар ба ман саробонӣ мекунад.

*Ҷ. Икромӣ «Лаҳзае ки дигар такрор нашуд» («Маориф ва маданият»)*

### 202. Кор пеш рафтан

тараққӣ кардан, равнақ ёфтан, нағз шудан, рӯ ба хубӣ овардани кор.

1. Чун дар он ҷо кори ман пеш нарафт, маро ба мактаби духтаракона дод.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. I*

2. Хату саводатро мебарорем, баъд забони русиро меомузем, баъд кор пеш рафтан мегирад.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 203. Кор пухта шуд.

кор бекаму кост шуд, кор нағз шуд.

1. Як бори дигар худаш нағз санҷад, кор пухта шавад...,

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

### 204. Кори равғанӣ (равғанин)

кори даромаднок, коре ки аз он даромади ғайриқонунӣ, иловагӣ ба даст медарояд.

Ба ин кас кори равғанӣ даркор будааст!

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

### 205. Кор ранги дигар гирифт

тағьир ёфтани кор, дигар хел шудан, ба дигар шакл даромадани коре.

Ман рафтаму бо ҳамин аз кор умедро кандам. Аммо сардор ба ман дигар гап назад. У хеле серкор шуда буд. Баъди як ҳафта фаҳмидам, ки худи у аз кор ронда шудааст. Роҳбари хозираамон омаданд. Қор ранги дигар гирифт.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 206. Аз кор рафтан

1. аз кор мондан, аз кор баромадан, 2. аз кор озод шудан, корро партофта рафтан.

— Пои муллобачаи саҳрой ҳам, ки нозук набуданаш маълум аст, аз кор рафт,— гуфтам ман,— дар чиллаи зимистон, дар вақте ки як ваҷаб барф боридааст ва ба даруни кафши равандагон порчаҳои барф медароянд, пои шутур бошад ҳам, ба сармо тобоварӣ карда наметавонад.

*С. Айнӣ «Марги судхур»*

### 207. Ба кор рафтан

истифода карда шудан, кор фармуда шудан.

1. — Не, ду дона (граната — *М. Ф.*) буд, ҳар дуяш ҳам ба кор рафт.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

2. Аммо агар ишқу муҳаббат ва рашк ба кор раванд, вай аз онҳо ру наметобад...

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

3. Лекин худатон медонед, ки панду насиҳати хушк ба кор намеравад...

*С. Улуғзода «Қисмати шоир»*

### 208. Корро расво кардан

кореро вайрон, бемаънӣ кардан.

Ин нашуд (зангирӣ — *М. Ф.*), якбора ҷанги палид сар шуда монда, ҳамаи корро расво кард.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 209. Кори сайёд барор гирад, шикор ба пои худ ба дом меояд

бахти касе тозад, кораш омад кардан мегирад.

— Дуруст,— гуфт раиси комиссия,— лекин шумо дар кадом деҳа будани хонаву ҷои инҳоро дар руйхат нанависондаед, мо инҳоро аз куҷо ёфта ба даст медарорем?

— «Кори сайёд барор гирад, шикор ба пои худ ба дом меояд» гуфтаанд. Ба хушбахтии шумо инҳо «маъмурони озуқа, ғаллаи моро бо зур гирифтанд» гуён ба пеши ман ба арз омаданд. Ман ки ярок доштани онҳоро медонистам, даррав руйхат кунонда гирифтам ва худашонро ба идора монда омадам.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 210. Ба кор сар кардан

ба кор шуруъ намудан; ба кор андохта шудан.

Агар машина ба кор сар кунад, камаш 10 қувваи коргари кам мешавад.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 211. Аз кор сар набардоштан

ҳамеша бо кор андармон будан, машғули кор будан, бисьёр кор кардан.

1. Аз кораш сар намебардошт.

*Қ. Наимӣ «Роҳи дуруст»*
*(«Шарқи сурх»)*

2. Барои вай кор бисьёр... Чунон кунам, ки вай аз кор сар бардошта натавонад.

*Ҷ. Икромӣ «Дохунда» («Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

### 212. Кори касеро саранҷом кардан

касеро несту нобуд кардан.

Агар обруи ман дар пеши ҷумҳурият обруи он кас барин мебуд, кори даҳ Пулодро саранҷом мекардам.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. II*

### 213. Корро сахт гирифтан

1. дар коре талаби зиёд гузоштан, сахтгирона рафтор кардан, ба ҳеҷ мусоҳилакорӣ роҳ надодан, 2. аз таҳти дил ба кор часпидан.

Комиссияи омадагӣ корро сахт гирифт.

### 214. Кор соз шуд

хуб, бенуқсон шудани кор.

Ана, ба ҳамин мазмун якта актчаи ба чор кас маъқул мешудагӣ навишта монӣ, кор хеле соз мешавад.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 215. Кори касеро сохтан

*Ниг.* Кори касеро тамом кардан.

У ба шарофати пирзода эътимод намуда, ба меҳмонии вай хоҳад омад. Он ҷо кори уро месозанд.

*А. Лоҳутӣ «Саргузашти ман» («Шарқи сурх»)*

### 216. Кори касе, чизеро тамом кардан (намудан)

1. масъалаи касеро ҳал кардан, кори касеро яктарафа кардан, 2. касеро нобуд кардан, куштан.

1. Хусусан фалокати порсола, ки бевосита ба сари хонаводаи Ҳасан омада буд, махсусан уро дар воҳима

андохта буд. Бинобар ин аз ғайри чашмдошт ба назар намудани 10—15 сари сиёҳтелпакдор кори ӯро тамом кард.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

2. Ӯро миёнагир карда ҳар сеяшон аз се тарафаш бо яккакордҳо ҳуҷум намуда, дар як ҳамла кори ӯро тамом намудаанд.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

3. Дид, ки Бозор бо ин қадар ба замин афтода намонд ва ба хизмати дари хонааш муҳтоҷ нашуд, имсол мехоҳад кори вайро тамом кунад ва дасту пои вайро аз замину осмон канда ғуломи ҳалқабаргуши худ гардонад.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

4.— Натарс! Кори морро тамом кардам,— гуён ҳам чунон аз думи мор бардошта аз дар берун андохт.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

## 217. Кори касе тамом шудан

1. кушта шудан, мурдан, ба қатл расидан, 2. беҳолу дармон шудан, 3. масъалаи касе ҳал шудан, кори касе яктарафа шудан.

Ба лаби дарьёи Туфаланг омада бо аспи худ муаллақзанон дар қаъри об рафт ва кораш тамом шуд.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

## 218. Кори касе танг будан

аҳволи касе бад будан, ба мушкилӣ афтодани кори касе.

Бой баромада дид, ки ба дасти Бозор ҷувол аст, донист, ки кори Бозор хеле танг аст.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

## 219. Кор танг омадан

гирифтори сахтӣ, мушкилӣ шудан; ноилоҷ мондан, ночор шудан.

Вакте ки кор танг омад, аз дара ба дара, аз куҳ ба куҳ мегурехт.

*«Тоҷикистони советӣ»*

## 220. Кор фармудан

1. хизмат кунонидан, аз қувваи касе, чизе истифода кардан, 2. ба кор бурдан, чизеро истеъмол кардан.

1. Ин гуна хизматгорро бе музд, муддати дароз кор фармудан мумкин нест...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Тӯрабек бошад, ҳоло ҳам падарам барин, Ҷура баринҳоро кор мефармояд.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

3. Ин аспҳоро талабида мегирифт ва кор мефармуд.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

4. — Дар ҳамин ҷо ҳам муғамбирии ширинигиро кор фармудед-а, Ака Носир...

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

5. Чунки онҳо, ҳамин ки ба даст яроқ гирифтанд, онро пештар аз душманон ба муқобили худи подшоҳ кор мефармуданд.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

## 221. Дар кори хайр ҳоҷати ҳеҷ истихора нест

кори хайрро бетаваққуф бояд кард, кореро, ки фоидааш аён аст, набояд ба таъхир андохт.

1. «Саид Аҳмадхон ба тарафи дасти рости худ нигоҳ кард.— Таксир! гуфт қозӣ,— «дар кори хайр ҳоҷати ҳеҷ истихора нест» гуфтаанд, раъи олӣ айни савоб аст, ба фаҳми ман, бе ҳеҷ гуна машварат баҳодурони умароро ба иҷрои ин кор амр фармудан лозим аст».

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. — «Дар кори хайр ҳоҷати ҳеҷ истихора нест» гуфтаанд. Охир вай сари набераи моро банд карда монда хотирҷамъ гаштан мегирад-мӣ?

*Р. Ҷалил «Субҳи саҳро»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 222. Кор хобидан (хоб карда мондан)

истода мондани кор, аз ҳаракат мондани кор, қатъ ёфтани кор.

1. Чанд рӯз боз кораш хобида буд.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

2. Аз ҳоло ду бориҳо анча калон борид. Кор хобида монд.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

### 223. Корро хобондан

корро боздоштан, нигоҳ доштан.

1. Акнун корро хобониданд.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Ошноҳои пештараи падараш ба идораи милиция телефон карданд ва бо ҳамин корро хобониданд.

*Ҷ Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

### 224. Корро хом кардан

кореро ҳартарафа фикр накарда ба ҷо овардан, корсро ноозмуда ба ҷо овардан.

— Шумо, муаллим, корро андак хом кардед. Яку якбора омадеду ғуфтед: «Бархезед, ғаллакорон, водӣ меравем!»

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

### 225. Корро хоҳ хушк кунам, хоҳ тар

1. корро ё бенатиҷа ё банатиҷа ба анҷом расонидан, кореро бефоида ё бафоида тамом кардан, 2. кореро шитобкорона ба охир расондан.

Мир ҳар кори ишкелдорро ба ман мефармоянд ва хоҳ хушк кунам, хоҳ тар, кор надоранд, зеро як дараҷа дилашон ба ман пур шудааст...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 226. Кори худро баробар кардан

кори худро ба анҷом расондан, муомилаи худро яктарафа кардан.

1. — Хезед, зуд рафта бо мардум коратонро баробар кунед.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

2. Исмоили ҷӯрабозу бадмаст чанд борҳо моли магазинро ҳам тороҷ карда буд, лекин чӣ мешуд, ки боз ба воситаи ёру ошноҳо корашро баробар мекард.

*А. Мусаввада «Гаҳворабахш»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 227. Кори худро буд кардан

корро ба анҷом расонидан.

Моро ба дашт фиристодан мехоҳад, ки ба воситаи ин мӯйсафеди лаққӣ кори худро буд карда гирад.

*К Носиров «Орият»*

### 228. Кори худро довиста кардан

эҳтиёткорона рафтор кардан, фикр карда, ҳушьёрона кореро ба ҷо овардан.

1, Бо бой коратро дониста кун...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Масалан, ба бемазаҳояш дар қатори ошкадую бодимҷон нарх мондан лозим аст, он гоҳ коранда ҳушьёр мешаваду соли оянда корашро дониста мекунад.

*А. Деҳотӣ «Оби лӯнда»*
*(«Тоҷикистони советӣ»)*

### 229. Кори худро рост намудан

кори худро соз, дуруст кардан.

Ба даргоҳи Мири Араб руй оварда озими вилояти Туркистон шуд, то ки бо ёрмандии он кас кори худро рост намояд.

*С. Айнӣ «Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ»*

### 230. Қор хурҷин

кор чатоқ, саргум.

1. Дар МТС-и Ҳисор ҳам кор хурҷин.

*«Хорпуштак»*

2. Ин китоб болои китоб-ку! Қорҳо бошанд хурҷин...

*М. Миршакар «Мўйсафеди серкор»*
*(«Пьесаҳои якпардагӣ»)*

### 231. Кори чаппаю поскуно

кори беақлона, нодуруст, кори аз қонун берун.

Ҳамаи корҳои ин мардак чаппаю поскуно аст.

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

### 232. Ба кор часпидан

аз паи коре шудан, паси кореро маҳкам гирифтан, барои иҷрои коре аз тахти дил кушишу ғайрат кардан.

1. Қолхозчиён ба кор сахт часпиданд...

*«Тоҷикистони советӣ»*

2. Чунки у хаёл мекард, ки агар ба кори як кас бауҳдагирифта ду кас часпад, он кор зудтар ва хубтар анҷом мепазирад.

*Ф. Муҳаммадиев «Тири хокхурда»*

### 233. Қори шаб — хандаи руз

кори шабона пухта намешавад.

1. — Бисьёр фикру хаёл накун, писарам,— гуфт ака Мирзо,— хоб кун, руз шавад, боз гап мезанем... кори шаб — хандаи руз гуфтаанд.

*Ҷ. Икромӣ «Тори анкабут»*

2. — Ба кор? эй шумо аҷоиб! Бобоҳоямон нағз гуфтаанд, ки кори шаб — хандаи руз!

*Ҷ. Икромӣ «Ситора» («Пьесаҳои*
*драматургони Тоҷикистон»)*

### 234. Қорро шикастан

корро вайрон кардан, ба кор халал, зарба расондан. Ман подшоҳро қариб розӣ карда будам, лекин шумо ба миёна даромада корро шикастед.

*С. Улуғзода «Қисмати шоир»*

### 235. Қори касе шудан

бемадор, лоғар шудан, нотавон гардидан.

1. — Ростӣ, фикри нонро дидан даркор аст, бача ҳамин рӯзи озод намак начашидааст, аз нон гуфта гирья кардан кораш шуд.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. — Аз гушнагӣ корам шуд,— ин лубиёҳоро дарров ҷӯшон...

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 236. Қори касеро яктарафа кардан

1. масъалаи касеро ҳал намудан, 2. куштан.

— Хонаамон сухт, ҳамин шаб кори инро яктарафа накунем, пагоҳ кор тамом.

*С. Саидмуродов «Раъно»*

### 237. Қор яктарафа шуд

масъалае ҳал гардид, ба натиҷа анҷомидани кор.

— Хайр, зарар надорад,— гуфт командир,— корат зуд яктарафа мешавад.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 238. Қори касе ба касе ғалтидан

*Ниг.* Кор баромадан.

Ҳамон рӯзҳо корам ба шумо ғалтида буд.

### 239. Қори ҳар кас нест

ҳар кас аз уҳдаи иҷрои ин кор намебарояд.

1. Ба мо, ғиҷдувониён, мақбул ва писанд шуда тавонистан кори ҳар кас нест.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV.*

2. Ин тавр чои мувофикро ёфтан кори ҳар кас не!

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

### 240. Қори... ҷунбондан

корро пеш бурдан.

Одами бисьёр надоштем. Қори саҳроро ҳам базўр меҷунбондем...

*С. Улуғзода «Навобод»*

### 241. Кор ҷуш задан

1. кор нағз пеш рафтан, 2. кор бисьёр будан, 3. бо ҳавасу мароқ иҷро шудан.

Ҳамчунин дар участкаҳои дигари колхоз ҳам кор ҷўш мезад.

*Қ. Наимӣ «Роҳи дуруст»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 242. Кор ҷўшидан

*Ниг.* Кор ҷўш задан.

Дар Пои Остона ном корвонсарои Бухоро кор ҷўшида буд...

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 243. Корро ҷўшонидан

корро ба ҳаракат овардан, корро ҳартарафа пеш бурдан, ба кор равнақ додан; корро авҷ гиронидан.

Вақте ки ин одам ба тариқи меҳмонӣ ба Бухоро омада, корро ҷўшонид, аҷаб нест, ки инҳо дар худи Бухоро маслиҳатро дар як ҷо монда бошанд ва дур нест, ки аз хукуматдорони Бухоро баъзе касони дигар ҳам бо инҳо як шуда бошанд.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

## КОРАМ

### 244. Корам ба кал афтод, кал ҳам ба ноз афтод

дар кори касе гиреҳ афтодан, дар иҷрои коре ба мамониатҳо гирифтор гардидан, дар осон намудани мушкили аз тарафи касе ёрӣ надидан, барои коре ба касе муроҷиат карда аз вай ёрӣ надидан.

— Хезед,— гуфт Зайнаб,— рафта бибихалифаро гуед. Аҳволаш ганда шуда истодааст-ку...

— Ошашонро хурда, баъд меомадаанд, «корам ба кал афтод, кал ҳам ба ноз афтод»,

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

**КОРАТОН**

### 245. Коратон набошад

1. парво накунед; хотирҷамъ бошед, 2. кордор набошед.

1. — Коратон набошад, худо хоҳад, Сафарам аз ҷанг саломат барғардад, худам ба хостгорӣ меравам...

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

2. — Ту олим шавӣ, бас аст,— гуфт Тоҷӣ оташинона,— ба ман корат набошад.

*М. Шарқӣ «Ёру ҷӯраҳо»*

3. Ту чӣ хурок намехурӣ?

— Ба ман коратон набошад.

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

4. Ту дувоздаҳ сум гуфтан ғир, ба он тарафаш корат набошад.

*П. Толис «Тобистон»*

**КОРД**

### 246. Корди касе (ба) болои (руи) равған (будан)

нағз пеш рафтан, равнақ ёфтан, омад кардан, фоидаманд будани кори касе, даромадҳои ғайриқонунӣ доштан.

1. — Агар тирамоҳ хуб ояд, имсол кордамон ҳатман болои равған аст!

*«Тоҷикистони советӣ»*

2. Диданд, ки тафтишчиён одамони худианд корашон омад мекунаду кордашон ҳам болои равған аст, ин дафъа даст ба моли колхозчиёни кирмакпарвар андохтанд.

*«Хорпуштак»*

3. — Як америкоипарасти ҳоло кордаш ба руи равған, аз руи эҳтиёт, маъзурам, исми ӯро зикр нахоҳам кард,— қоҳ-қоҳ хандид Ҷавод,— даҳ рӯз аст, ки моро кор мефармояд.

*Р. Ҷалил «Ҳамида»*

## 247. Корд ба устухон расидан

*Ниг.* Қор ба ҷон ва корд ба устухон расидан.

Лекин акнун, ки корд ба устухонам расиду косаи сабр лабрез шуд, забонам сӯзад ҳам, ба шумо ҳасрат мекунам.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

## 248. Корд дастаи худашро намебурад

ҳеҷ кас ба зарари худ ва наздиконаш кор намекунад, худро озор намедиҳад.

— Даъво карда куҷо меравӣ? — гуфт Пирак,— ба пеши қозӣ? Ба пеши ҳоким? Эй, аҷаб содда будай ту, Хоркаш! Корд дастаи худашро намебурад, қозӣ бои қишлоқро барои Садафи ту шуда ба ҷавобгарӣ намекашад, хотирҷамъ бош!

*Ҷ. Икромӣ «Ҳикматбобо»*
*(«Шарқи сурх»)*

## 249. Корд ёбад, маро (ҳамдигарро) намеёбад

душмани қаттоли ман аст, маро дида наметавонад, омодаи маҳв кардани ман мебошад.

1. — Ҳоли ҳозир-ку ҳеҷ гап нест. Чаро хавотир шуда худатонро хафа мекунед, ако?

— Чӣ хел хафа нашавам? — гуфт Қодир оби дидагонашро пок карда истода,— медонӣ, ки элликбошӣ корд ёбад, маро намеёбад.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. 1*

2. Дар байни Холбута ва ин юзбошӣ хеле вақт ин тараф зимнан амалтарошӣ мерафт. Онҳо «корд ёбанд, ҳамдигарро намеёбанд». Холбута вайро кайҳо нест карда мефиристоду аммо метарсид.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид»,*

### 250. Корд занед, хунаш намебарояд

ниҳоят хашмгин, асабонӣ аст.

Ҳозир ба у гап назанед, вай ҳоло чунон аст, ки корд занед, хунаш намебарояд.

### 251. Корд кашидан

бо корд ба касе ҳамла кардан.

— Ҳой ту, каллаварам, чӣ номаъқулӣ мекунӣ? Ба муаллима корд мекашӣ?! Ҷиннӣ-ку нашудай?

*Р. Ҷалил «Субҳи саҳро»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 252. Ба корд омадан

1. куштанбоб шудан, 2. ҷонвареро пештар аз ҳаром мурданаш куштан.

— Кушта хурдагед?

— Не, бисмилло ки ба корд омад, баъд (гусфандро — *М. Ф.*) куштем.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

**КОРДОР**

### 253. Кордор будан

ба кори касе мудохила кардан, касеро ба ҳоли худ нагузоштан.

1. — Ба ҷое гурехтан даркор аст, ки касе дар он ҷо маро дунболагирӣ накунад ва касе ба ман кордор набошад...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Аз ман ранҷӣ ҳам майлаш, аммо маро ба ҳоли худ гузор, ба ман кордор набош...

*Ғ. Абдулло «Шери занҷиршикан»*

### 254. Кордор шудан

дахолат кардан.

1. — Агар ба ҳоли худам монанд, бад нест,— гуфт соҳибхона,— ба кас кордор намешавам, бечорагӣ карда зиндагӣ мекунам.

*С. Айнӣ «Еддоштҳо», қ. II*

2. «Ту як одами камбағал, бояд аз паси бечорагии худ шуда, ба онҳо кордор нашавӣ».

*Ҳ. Назаров «Дар ҷустуҷӯи Карим-Девона»*

3. — Чаро ғузапояро бо трактор решаков намекунед?..
— Кордор нашавед, ошно, аз роҳатон намонед?

*С. Улуғзода «Навобод»*

**КОРЕ**

### 255. Қоре карда

илоҷе карда, ба ҳар роҳ бошад.

1. — Қоре карда аз ин ҷанг дар пеши аҳли маҳаллаю қишлоқи худ забонкутоҳ нашуда, бо рӯи сурху болодастӣ баргардем, аз ин дида давлати калон нест.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

2. — Ағар ярадор нашуда бошад-ку, коре карда ба соҳил мерасад.

*С. Улуғзода «Дар оташ»*

**КОСА**

### 256. Коса ба лаби кӯза расидан

1. тоқат тоқ шудан, 2. кор ба нохушӣ расидан.

1. Дар кӯча ва бозорҳо бо андак гап моҷаро ва хархаша хестан мегирад. Дар бисьёр оилаҳо ҳам, чунон ки мегӯянд, ҳамин ки коса ба лаби кӯза расид, ҷанҷол ва ғурбат сар мешавад.

*А. Деҳотӣ «Паёмҳои дӯстӣ»*

2. Лекин «косаи Ҳусайн Бойқаро ба лаби кӯза расида буд» — дигар дар ин исрофоти вай хазинаи давлат кифоя намекардагӣ шуда буд.

*С. Айнӣ «Алишер Навоӣ»*

3. Баъди гузаштани як муддати дигар дар байни занӯ шавҳари ҷавон дилхунукӣ сар шудан гирифт: коса ба лаби кӯза расид, дар хона оташи моҷаро баланд мешуд.

*«Хорпуштак»*

### 257. Қосаи бар руи об

ноустувор, пурхатар, вазъияти дилпурнашаванда.

--- Аҳволи мо косаи бар руи об аст. Намедонам оқибат чӣ мешуда бошад?

*С. Айнӣ «Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ»*

### 258. Дар коса бошад, ба қошуқ мебарояд

агар дар бисот, ботин чизе бошад, аз он ягон намунае зоҳир мегардад.

— Инҷиқӣ накунед. Дар коса бошад, ба қошуқ мебарояд. Пахта гусола нест, ки ресмонро канда, аз майдон гурехта равад.

*С. Ғанӣ «Табассум»*

### 259. Коса куҷо монам шудан

1. бетоқат шудан, 2. саросема шудан, дасту по гум кардан,

Баробари аз дар даромадани Мастурахола, Муслима тамоман «коса куҷо монам» шуда, худро халос карданӣ шуд.

*«Маориф ва маданият»*

### 260. Косаву нимкоса

*Ниг.* Зери коса нимкоса.

Ба чашмаш шуд аён костюми дилхоҳ
Набуд аз косаву нимкоса огоҳ.

*А. Аминзода «Шеърҳо»*

### 261. Қосаи сабри касе лабрез будан

сабру тоқати касе намондан, тоқати касе тоқ шудан.

Қосаи сабри мо, ки лабрез аст,
Ғазаби мо чу теғи дамтез аст.

*М. Турсунзода «Асарҳои мунтахаб»*

## 262. Қосаи сабри касеро лабрез кардан (намудан)

сабру тоқати касеро бо интиҳо расондан, дигар ба сабру тоқат ҷой намонондан.

1. Зулму ситами босмачиён аз ҳад гузашта ва косаи сабри халқро лабрез карда буд.

*Ҷ. Икромӣ «Тори анкабут»*

2. Маълум буд, ки кофту кови одамон ягон асаре аз Бароти Гов ва паҳнкунандагони «эълонномаҳо» пайдо намекард ва ин бошад косаи сабри Салимбойро пинҳонӣ лабрез менамуд.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. II*

## 263. Қосаи сабр лабрез шудан

1. сабру тоқат намондан, 2. ба танг омадан.

Туро баъди бисьёр сабру сукут,
Қунун косаи сабр лабрез шуд.

*М. Турсунзода «Ман аз Шарқи озод»*

2. Ҳақорату дашномҳои қабеҳи ӯ боиси он шуданд, ки косаи сабри Ҳалим низ лабрез шуд...

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

## 264. Ба косаи оши касе магас пошидан

*Ниг.* Ба оши касе магас шудан.

Ба ҳамин тариқа ӯ ба боғи худ омада «кори мири Қурайшро лат дода «дар ин замин» ба косаи оши Ғиёссуддин Муҳаммад магас пошидааст».

*С. Айнӣ «Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ»*

## 265. Қосаи чӣ кунамро ба даст гирифтан

1. бетоқат шудан, 2. ҳайрону саргардон шудан.

Аз нав косаи «чӣ кунам?»-ро ба даст гирифта, ба Боку ва Ҳаштархон рафтанӣ шудем.

*Ҳ. Ирфон «Ду ёр аз ду диёр» («Шарқи сурх»)*

### 266. Косаи ҳамсоя ду по дорад

ба оши ҳамсоя бояд ош гардонд.

— Ҳамсояамон як коса ош фиристодаанд, ҳамонро хуред.

— Бисьёр нағз, лекин фаромуш накунед, ки косаи ҳамсоя ду по дорад.

**КОСАЛЕСӢ**

### 267. Косалесӣ кардан

хушомадгуй, лаганбардорӣ, чоплусӣ кардан, тамаллуқ гуфтан.

— Ҳамон Аҳмадбой буд, ки ба ин Давронбойхо косалеси карда, дар панаҳи у моли мардумро хурда руз мегузарониданд...

*Ч. Икромӣ «Духтари оташ»*

**КОФТАН**

### 268. Аз кофтан кафи поям варам кард

бисьёр кофтам, кофта-кофта куфта шудам.

— Рафиқ Баротов, шумо канӣ? Аз кофтан кафи поям варам кард-ку?

*Р. Чалил «Субҳи саҳро»*
*(«Шарқи сурх»)*

**КОШ**

### 269. Чизеро ба кошу куки хона дармон кардан

чизеро ба эҳтиёҷоти рузгор, лавозимоти хона сарф кардан.

Гап дар ин ҷо, ки у туппӣ духта фурухта, ба кошу куки хона дармон мекард.

*Р. Чалил «Ҳамида»*

**КОҲ (КАҲ)**

### 270. Коҳ (каҳи) касеро бод кардан

1. касеро сарзаниш, танқид кардан, 2. сирри касеро ошкор кардан, 3. ба касе мувофиқи гуноҳаш ҷазо додан.

1. Айби ин гунаҳкорони бегуноҳ ҳамин будааст, ки хеле одамони кунҷков будаанду калонони колхозро руйхотир накарда, коҳи онҳоро дар ҳама ҷо бод карда мегаштаанд.

*«Хорпуштак»*

2. Органҳои тафтишотӣ бошанд, ҳанӯз коҳи қаллобии ин тороҷгарони молу мулки давлатро бод накарда истодаанд.

*«Хорпуштак»*

**КУЛОЛ**

### 271. Кулол дар мундӣ об мехӯрад

аҳли касб аз чизи сохтаи худ бебаҳра аст.

1. Ин воқеаро шунида, машкоб заҳрхандае карда гуфт, ки «кулол дар мундӣ об мехӯрад» мегӯянд, рост аст, зеро ки худам машкобӣ карда, ҳамаро аз об шодоб кунам ҳам, дастам нарасид, ки ба хонаи худам як машк об биёрам.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

2. Чуноне ки дар зарбулмасали он замон гуфта мешуд: «кулол дар мундӣ об мехӯраду бофанда кафангадо» хонаи ӯ ҳатто аз чизу чораҳое ҳам, ки худи ӯ месохт, таъмин набуд.

*Р. Ҷалил «Шуроб»*

**КУЛӮХ**

### 272. Кулӯх барин

беҳис, дилсард.

Ин йигитҳо чаро ин қадар кулӯх барин?

*М. Сайфиддинов «Ду ҳусну ду ишқ»*
*(«Занони Тоҷикистон»)*

### 273. Аз кулӯх оташ (алав) паридан

бар хилофи интизор аз каси ноуҳдабарое кори хубе сар задан ё сухане гуфта шудан.

1. Ман қарор додам, ки як нафар муаллим гирифта, машғули хондан шавам. Аъзоёни правления «аз кулӯх оташ парид» гуфтанӣ шуда ба ҳамдигар нигох карданд.

*«Тоҷикистони советӣ»*

2. Аҳмад барои ба кор даромадан, таги дари кабинети уро охурча карда бошад ҳам, аммо аз кулӯх оташ париду аз вай не.

*«Хорпуштак»*

3. — Духтарҳо! Ба хона равем ҳам мешавад.
— Уҳ, аз кулух ҳам алов парид!

*С. Саидмуродов ва М. Рабиев «Саодат»*
*(«Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

**КУНАД**

**274. Кунад ҳамҷинс бо ҳамҷинс парвоз,**

1. ҳар як табақа бо табақаи худ меомезад, бо ҳамзодони худ созиш мекунад, 2. ҳар кас бо мувофиқи худ ҷур мешавад.

Бозор пештар як деҳқони ба худаш осуда бошад ҳам, ҳоло «бо шарофати бой» камбағал ва афтода шуда мондааст, агар вай ақл медошт, бо ману ту барин камбағалон маслиҳат мекард. Азизон «кунад ҳамҷинс бо ҳамҷинс парвоз, кабутар бо кабутар, қоз бо қоз» гуфтаанд.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

**КУНДА**

**275. Аз кунда (чӯб) параха паридан**

1. аз одами зихна чизе руёнидан, 2. аз касе ба касе чизи камарзише расидан, аз тарафи касе ба касе илтифоти ночиз шудан, 3. аз меҳнати бисьёр даромади кам гирифтан.

1. Аммо амакатон, баъди рафтани онҳо, гуфтанд, ки «Чӣ мегуӣ, зан, ки бахти мо лаб зада, аз кунда параха парида истодаасту домулло боғи дар лаби сой будагиашонро ба мо инъом карданд. Ба бадали боғ ман ба домулло як шуққа хат нависонда медиҳам, ки ин боғ аз қадимулайём аз они худи ман аст»...

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. II*

2. Агар аз чӯб параха параду ба Махсуми бистучорсола чора диданӣ шаванд, ба фикри шумо, хонандагони муҳтарам, чӣ хел чора мувофиқ аст?

*«Маориф ва маданият»*

**276. Аз кунда параха паррондан**

аз каси хасис ягон чиз руёндан, як чизи беарзишеро ба даст овардан, бо мушкилӣ чизе аз касе руёндан.

Даромаде ки аз як таноб замини ачириқзори аз падари Рустам мерос мондагӣ ба даст медаромад, рӯзгори яксоларо таъмин карда наметавонист. Ҳанӯз баҳор нарасида зану шӯй ба дари бойҳои қишлоқ гардани худро кач карда мерафтанд. Рустам ба молу ҳоли онҳо нигоҳубин кунад, Саодатбибӣ чомашӯӣ, хамиркунӣ, нонпазӣ, рӯбучини онҳоро карда, «аз кунда пafараха мепарронданд».

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. I*

**КУРТА**

### 277. Ба курта (пӯстин)-и касе кайк даромадан

бетоқат, беқарор шудан, масъулияти ягон кори кардаи худро ҳис карда ба ташвиш афтодан.

— Чӣ, магар имрӯз ба куртаи немис кайк даромадааст? Ҳар рӯз ин хел набуд-ку?

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

### 278. Курта-курта гӯшт гирифтан

ниҳоят хурсанд, фараҳманд шудан.

1. Подшоҳро аз тахташ зада фаровардем гуфта курта-курта гӯшт гирифтем.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

2. Аз муваффақияти худ шод гашта курта-курта гӯшт мегирифтанд.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

3. Аз тараб курта-курта гӯшт гирифт,
Қард лабхандҳои ширине.

*М. Турсунзода «Асарҳои мунтахаб»*

### 279. Аз касе курта (ҷома)-е пештар (зиёдтар) даррондан

нисбат ба касе дар синну сол калон будан, таҷрибаноктар, кордонтар будан.

1. — Ба гапи касе ки аз худат як курта пештар даррондааст, оташин нашав.

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

2. Ба ҳар ҳол ман аз ҳамаи шумоён як курта пештар дарронда, муямро дар хизмати халқ сафед кардаам.

*Ҷ. Икромӣ «Ситора» («Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

3. — Гап ин-дия,— гуфт Нормурод фахрида,— агар сухани касеро, ки аз худат як курта пештар даррондааст, гуш диҳи ва ба насиҳатҳои у амал кунӣ, албатта, одам мешавӣ.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

4. Ҳар чи бошад ҳам, дар касби муаллимӣ аз ту дида як-ду курта зиёдтар даррондааст.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

5. Ман аз Аъзам чанд ҷомаро пештар дарронда бошаму вай ба ман ҳамин гапро зада шинад!..

*С. Улуғзода «Навобод»*

### 280. Ба куртаи худ нағунҷидан

*Ниг.* Курта-курта гушт гирифтан.

Қампир ва Дилбар аз хурсандӣ ба куртаашон намеғунҷиданд.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

## КУШОДА

### 281. Кушода шудани бахт

*Ниг.* Бахти касе кушода шудан.

Падарам аз хешовандонаш домодшаванда ёфт нашуданашро сабаби кушода нашудани бахти ман нишон дода, ба у узр мегуфт.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. II*

### 282. Кушода шудани иштиҳо

*Ниг.* Иштиҳо кушода шудан.

Барои кушода шудани иштиҳои ман монанди шумо ҳамтабақ даркор аст.

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

### 283. Кушода шудани фикр (зеҳн)

инкишофу тараққии фикр, васеъ шудани доираи назар, ҷаҳонбинӣ.

1. Аммо аҳамияти иҷтимоӣ ва адабии асарҳои Аҳмад-махдум ва таъсири онҳо ба кушода шудани фикри насли нави он замон дар қисми чоруми «Ёддоштҳо» хоҳад омад.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III*

2. Ҳисоби абҷадро ба ман ёд дода, ба кушода шудани зеҳнам сабаб шуд...

*С. Айнӣ «Мухтасар тарҷимаи ҳоли худам»*

**КУШОИШ**

### 284. Кушоиши кор

*Ниг.* Омади кор.

— Хуб, кушоиши кор! — гуфт Ҳоҷиумар ва каланди нахустин бар замин зад. Кор сар шуд.

*С. Улуғзода «Навобод»*

### 285. Кушоиш руй додан

бартараф шудани монеиятҳо дар пеши коре, омад кардани кор.

Дар корҳоям ҳам кушоиш руй медиҳад.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

**КУШТАН**

### 286. Ба куштан рафтан

кушта шудан, ба қатл расидан.

Диниста бошед, ки агар ҳар кадоми шумо ҳаракати беҷо кунед ва ё гапи пасту баланд занед, бе пурсиш ба куштан меравед.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

**КУҶО**

### 287. ...Куҷою... куҷо

1. будани фарқи калон дар байни ду кас ё ду чиз, 2. аз чизе тамоман бехабар, дур будан.

1. — Раис, беҳуда дилтанг нашавед, Мансуров куҷою шумо куҷо.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

2. — Ту андак хаёлпарастнамо барин менамой. Медони, сой дар куҷову биёбон дар куҷо?

*Р. Ҷалил «Субҳи саҳро»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 288. Ба куҷо по мондани худро донистан

аз кори мекардагии худ ба хубӣ огоҳ будан, бо эҳтиёт будан.

— Медонистагиатонро кунед. Аммо ман ба куҷо по монданамро медонам.

*Р. Ҷалил «Шуроб»*

**КУҶОЕ**

### 289. Куҷое набошад

дар ҳама ҷо.

Ба фикри ман, куҷое набошад меҳнати ҳалол одамро ба руи об мебарорад.

*«Тоҷикистони советӣ»*

**КУҶОЯ**

### 290. Куҷоя гапаш

кори нораво; кори шуданаш номумкин.

Келини дари хона мактаб рафта, худаша ба одамхо нишон дода мегардад? Ин куҷоя гапаш?

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

**КУҶОҲО**

### 291. Аз куҷоҳо даромад кардан

барои изҳори мақсади асосӣ суханро аз дур сар кардан, бо муқаддимаи дароз изҳори мақсад намудан.

Салимбой бо узрхоҳӣ аз куҷоҳо даромад мекард...

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. II*

**КӢ**

### 292. Кӣ кашад ҷабру ҷафо, кӣ кунад кайфу сафо

меҳнат, азобу машаққатро касе кунаду роҳати онро каси дигар бинад.

1. — Ана, Саркор, ба муродатон расидед. Гиред, шипанг аз они шумо. Кӣ кашад ҷабру ҷафо, кӣ кунад кайфу сафо.

*«Занони Тоҷикистон»*

2. Охир ин давлат ба осонӣ ба даст надаромадааст. «Кӣ кашад ҷабру ҷафо, кӣ кунад кайфу сафо».

*Р. Ҷалил «Субҳи саҳро»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 293. Кӣ мондааст

нораво, нолоиқ, номуносиб, ба ту чӣ мезебад, ба ту кӣ рухсат додааст, туро ба ин кор чӣ кор?

1. Аммо ба мактабхонии ман қатъиян муқобил буд ва бо хандаю истеҳзо «Ба ту барин ятимча мактабхониро кӣ мондааст» — мегуфт.

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

2. Ба вай кӣ мондааст даҳонкалониро!

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

3. Ба мобайни кори калонҳо даромаданро ба ту кӣ мондааст!

*Ф. Муҳаммадиев «Савдои умр»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 294. Кӣ шеру кӣ рубоҳ

1. кӣ зӯру кӣ нотавон, кӣ ғолибу кӣ мағлуб, 2. кӣ ростқавлу кӣ дуруғгуй.

— Ҳм, Иброҳимпиён дар майнушӣ ба сояи ман таъзим кунад. Қанӣ мебинем кӣ шеру кӣ рубоҳ. Вай бо пиёла нушад, ман бо шакоса менӯшам.

*«Хорпуштак»*

## КӮЗА

### 295. Кӯза на ҳамеша аз об ношикаста мебарояд

*Ниг.* Кӯза ҳар бор аз об дуруст намебарояд.

— Эй ҷура, ин коратро дигар накун, магар намедонӣ, ки «кӯза на ҳамеша аз об ношикаста мебарояд» гуфтаанд.

### 296. Кӯзаи нав, оби хунук

1. ҳар чиз дар вақти наву тозагиаш хуб аст, 2. ҳар одам дар аввали сар кардани коре нағз кор мекунад.

1. — Сардори нав рӯзҳои якум хоб рафта наметавонад. Ин аз қадим маълум,— гуфт ҳисобчӣ бо оҳанги пичингомезона ва зери лаб илова намуд: — «кӯзаи нав оби хунук» гуфтаанд.

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

2. Кӯзаи наву оби хунук гуфтагӣ барин дар аввалҳо вай нағз кор кард.

*«Хорпуштак»*

### 297. Кӯза ҳар бор аз об дуруст намебарояд

1. кор ҳамеша як ранг намешавад, 2. кирдори носазо ягон рӯз ба ҷазо мерасад, 3. дар хушӣ нохушӣ ҳам мешавад.

Ӯ сар то пои пурараҷи харро аз назар гузаронида:

— Қори харро кардед-ку, мулло! — гуфт.

— Ман харро то сари пул бардошта омадам, вай ниҳоят аз он ҷо то ин ҷо бардошта овард. Ҳолӣ дар вай ҳаққи ман бисьёр аст,— гуфтам ман дар ҷавоб.

— «Кӯза ҳар бор аз об дуруст намебарояд»,— гуфт харкори дигар ба ӯ,— зудтар хунук кун, ки ба кирои гашта бозор тайёр шавад.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

**КӮК**

### 298. Кӯки чашм канда шудан

сахт интизорӣ кашидан, чашм чор шудан.

— Омадед? Кӯки чашмонам канда шуд.

*Ҷ. Икромӣ «Тори анкабут»*

**КӮР**

### 299. Кӯр асояшро як бор гум мекунад

кас як бор фиреб мехӯрад, кас як бор саҳву хато мекунад.

1. — Боз ҳам мегӯям,— гуфт оқсаққол,— мардикоргирӣ мононда шудааст, хона ба хонаи худ равед!

— «Кӯр асояшро як бор гум мекунад!» — хеле аз дур боз як овози дигаре баромад,— агар фуқароро фиреб намедодагӣ бошед, марҳамат карда, аз ҳоким хати халосӣ

гирифта бароед ва ба мо нишон диҳед, ана ҷон халос, хона ба хона меравем.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. I*

2. — Алексей, хуш, исто, ки дигар ба боғи деҳқон намеравӣ (у ба он ҷо барои мевадуздӣ рафта буд—*М. Ф.)?*

— Не, рафиқ командир. Кур асояшро як бор гум мекунад.

*Ғ. Абдулло ва Ш. Киёмов «Туфон»*

3. — Баро, ман ҳазл кардам. Аҳрор дусти ман аст, наход ки ман ба ту хиёнат кунам. Баро!

Меҳрбону аз дарун гуфт, ки: — «Кур асояшро як бор гум мекунад», намебароям.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

### 300. Кур чӣ мехоҳад? — Ду дидаи бино

чизе ки барои касе айни муддао ва матлаб бошад.

— Чанд соати дигар фурсат дорам, агар хоста бошед, киштҳои дигари колхозиро ман нишон диҳам. Дохунда ва Гулнор: «Кур чӣ мехоҳад? — Ду дидаи бино!» гуён ин таклифи пирамардро хуш қабул карданд.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 301. Кур шилпукро айб кардааст

айби худро надида, ба каси дигар айб мемонад, гиребони худро буй накарда, ба касе айб мегирад.

Саида бо диққат ба руи Демьянов нигоҳ карда:

«Кур шилпукро айб кардааст!» — гуфт,— ту аввал бинии сиёҳи худро тоза кун!

*Ҷ. Икромӣ «Тирмор»*

### 302. Кур шуда

1. ба азобу уқубат гирифтор шуда, 2. маҷбур шуда, ноилоҷ монда, 3. хоҳу ноҳоҳ.

— Хотирҷамъ бошед: аввал он ки худашро ба даст медарорам, агар гурезад, як-ду нафар аҳолии дараро

дастгир карда оварда ба зинхона меандозам, ки дигарон кӯр шуда гунаҳкорро бо дасти худ оварда месупоранд...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

**КӮРНАМАКӢ**

### 303. Кӯрнамакӣ кардан

поси намак накардан, ба нағзӣ бадӣ кардан, нағзии касеро фаромуш кардан.

1. —Кӯрнамакӣ карда ҳақорат мадеҳ,— гуфт Исомиддин,— инҳо аҳмақ бошанд ҳам, ману туро ҳаминҳо сер мекунанд...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Балки аз тарси гуруснагӣ яроқҳоро ғундошта, дасту поямонро худамон ба душман баста диҳем? Нолаи модарон, гирьяи кудакон, қаҳру ғазаби падаронро фаромуш карда, дар назди Ватан кӯрнамакӣ кунем?

*Ғ. Абдулло ва Ш. Қиёмов «Туфон»*

**КӮРПА**

### 304. Ба кӯрпа (ҷогаҳ) нигоҳ карда пой дароз кардан

имконият, шароитро ба ҳисоб гирифта ба коре шурӯъ намудан, бо фикру мулоҳиза кор кардан.

1. — Мову шумо,— гуфт ӯ, чин бар ҷабин кашида,— бояд ба кӯрпаамон нигоҳ карда пой дароз кунем. Бе туфлии амиркон ҳам зиндагонӣ кардан мумкин.

*Р. Амонов «Зиндагӣ»*
*(«Шарқи сурх»)*

2. Ин, мегӯяд раис, ҳоло ҳозир ташвиши барзиёдатӣ, якбора мегӯяд даҳ панҷаро ба даҳон андохтан мумкин нест. «Ба ҷогаҳ нигоҳ карда пой дароз кардан даркор» будааст.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. II*

**КУТОҲ**

### 305. Кутоҳ фикр кардан

дурро наандешидан, чизеро ҳартарафа мулоҳиза накардан.

— Шумо бисьёр кутоҳ фикр мекунед.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

**КУТОҲӢ**

### 306. Аз касе кутоҳӣ гузаштан

аз тарафи касе камбудие содир шудан.

1. Боровиков танқидро ҳаққонӣ ҳисоб карда, ба кутоҳии аз худаш гузашта иқрор шуд...

*С. Улуғзода «Навобод»*

2. — Худаш чӣ гап? Аз ман чӣ кутоҳӣ гузашта бошад? — барин фикрҳо ба майнааш меомаданд.

*Ҳ. Карим «Гулбону»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 307. Кутоҳӣ накардан

чизеро дареғ надоштан; ба ҳар кор муҳайё будан.

1. «Монанди меҳмонони қадршиноси қоидадон ҳеч кутоҳӣ намекардам».

*С. Айнӣ «Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ»*

2. Мо, ки ҷои хоб ва бистар надорем, лекин аз он чи ки ба роҳатии онҳо аз дастамон меояд, бояд кутоҳӣ накунем.

*А. Ҳамидӣ «Машъали ҷовидон»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 308. Кутоҳӣ сар задан

аз тарафи касе хатое, камбудие рӯй додан.

Агар баногоҳ кутоҳие аз Одина сар мезад... Арбоб рӯзи равшанро ба чашми ин бечора шаби торик мекард.

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

**КӮЧА**

### 309. Ба кӯчае афтидан

ба савдои ягон чизе, коре афтодан.

Ё магар ин бача ба ишқи духтаре гирифтор аст ва аз аламу нотавонӣ ба ҳамин кӯчаҳо афтодааст?

*Ҷ. Икромӣ «Ғусса»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 310. Ба кӯчаи бадӣ афтидан

ба роҳи бад рафтан, аз нормаи ахлоқи ҷамъиятӣ баромадан.

1. — Агар ба ягон кас «ту одами ганда» гуфта чақидан гиред, ночор ба кӯчаи бадӣ афтода меравад.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

2. — Барои чӣ шумо ба кӯчаи бад афтодед? — пурсид Мунаввара...

— Кадом кӯчаи бад?

— Маст шуда гаштан, падару модар ва ёру дӯстҳоро ба ташвиш андохтан, бекорӣ ва танбалӣ чӣ маъно дорад?

*Ҷ. Икромӣ «Ғусса»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 311. Аз кӯчаи... нагузаштан

1. ноаҳл будан, 2. бехабар будан.

1. — Ӯ бошад як сагест, ки аз кӯчаи одамгарӣ нагузаштааст.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

2. — Монед-е, ман аз кӯчаи ин хел корҳо нагузаштаам, чӣ будани ташвиқотатонро ҳам намедонам.

*П. Толис «Ҳикояҳои даҳ сол»*

3. Уро шахси аз кӯчаи санъат нагузашта номид.

*А. Баҳорӣ «Одамони шинос»*

### 312. Дар кӯча мондан

бекас мондан, танҳо, бесоҳиб бе хонаву ҷой мондан.

— Духтарам якка-ягона-я. Дар кӯча монда буд-мӣ?

### 313. Ба кӯчаи сарбаста афтодан (даромадан)

ба вазъияти баде афтидан, ба душвории сахте дучор шудан, ноилоҷ шуда мондан.

1. Ба кадом кӯчаҳои сарбаста афтод, кадом шайтони лаънатӣ уро ба ин кӯчаҳо тела дод, ҳеҷ сарфаҳм намерафт.

*Ф. Ниёзӣ «Духтари ҳамсоя»*

2. Ба кӯчаи сарбаста даромада монд, чӣ бояд кард?

*Қ. Наимӣ «Рӯзи равшан»*

**КӮҲ**

### 314. Кӯҳ ба кӯҳ намерасад, одам ба одам мерасад

*Ниг.* Одам ба одам мерасад, кӯҳ ба кӯҳ намерасад.

1. Омада-омада боз баъд аз даҳ сол вохӯрдем. Мақоли халқ дуруст мегӯяд, ки «кӯҳ ба кӯҳ намерасад, одам ба одам мерасад».

*Ф. Ниёзӣ «Духтари ҳамсоя»*

2. «Кӯҳ ба кӯҳ намерасаду одам ба одам мерасад» гуфтагӣ барин имрӯз чунин иттифоқ афтод, ки ҳамдигарро дар шаҳри Советобод, дар назди идораи Гороно дида монданд.

*«Хорпуштак»*

### 315. Кӯҳро (зада) талқон кардан

1. корнамоӣ кардан, ғайрат нишон додан, 2. тавоно, зӯрманд будан, аз ӯҳдаи ҳар гуна кори вазнин баромадан.

1. — Ғайрати ҷавонӣ ҷӯш занад, кӯҳро талқон мекунад.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

2. Чунон боқувват буданд, ки эҳтимол ибораи «кӯҳро занад талқон мекунад» дар ҳаққи ҳаминҳо гуфта шуда бошад.

*П. Толис «Ҳикояҳои даҳ сол»*

## Л

**ЛАБ**

### 1. Лаб ба гап кушодан

гап, ҳарф задан.

То вақти баргашта омадани сайёҳ лаб ба гап накушод.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

### 2. Лаб ба лаб

пур, мамлу.

1. Зеро ки як руз пеш аз ин ба ҳавз об сар дода, онро лаб ба лаб карда буданд...

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

2. Куҳсораш лаб ба лаб аз кони тиллову гуҳар
Сохтмонҳояш пур аз мавҷи суруди коргар.

*М. Турсунзода «Асарҳои мунтахаб»*

### 3. Лаб ба лаб нарасидан

тез гап задан.

Тундтар гашта модар аз гапи ман
Лаб ба лаб норасида сад гап зад.

*М. Турсунзода «Дар кишвари тоҷик»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 4. Лаб ба чизе нарафтан

рағбат ва хоҳиши чизеро надоштан.

1. Дар муддати ин даҳ руз Фируза аз ғаму ғусса лабаш ба ханда намерафтагӣ шуда монда буд.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

2. — Акнун забони одами мусулмон ба гап ва лабаш ба ханда чӣ гуна меравад? — гуфт Абдураҳимбой.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 5. Лаб бастан

аз сухан бозистодан, хомуш мондан.

Табар ҳам аз ҳикоя гуфтан лаб баст.

*Ҷ. Икромӣ «Аз Москав чӣ овардӣ?»*

### 6. Лаб во кардан

гап задан.

1. Дар ин ҷо агар касе барои як пула гап касеро кушта ба чоҳи зиндон андозад, ҳеҷ кас лаб во карда наметавонад...

*С. Айнӣ «Доҳунда»*

2. Агар касе ба онҳо (босмачиён — *М. Ф.*) лаб во кунад, уро лагадкорӣ мекарданд...

*Б. Шоҳин «Солҳои пурошӯб»*
*(«Шарқи сурх»)*

**7. То лаби гур**

то дами марг.

Ман нағз медонам, ки у то лаби гур аз кор даст нахоҳад кашид.

**8. Лабу даҳони касеро бастан (духтан)**

касеро гап намезадагӣ, эрод намегирифтагӣ кардан.

1. Як-ду сар гусфанд таклиф кунед, лабу даҳонаш баста мешавад.

*К. Носиров «Орият»*

2. — Чаро ба ман барвақттар хабар надодед, ки лабу даҳони ин маҳмаддоноро духта монам!

*С. Ғанӣ «Табассум»*

**9. Ба лаби дарьё ташна бурда ташна овардан**

1. ниҳоят пухта, зирак будан, 2. фиребгар, қаллоб будан.

1. Қори калони дигаре, ки дар ин миён шуд, ба Москва элчӣ фиристодани ҷаноби олист; яке аз элчиён Навруз зур аст, ки бо вуҷуди бесаводӣ сад каси доноро ба лаби дарьё ташна бурда ташна мебиёрад.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. — Ту баринҳоро,— мегӯяд,— ба лаби дарьё ташна бурда, ташна мебиёрам.

*А. Баҳорӣ «Одами шинос»*

**10. Лаб задан**

кушоиш, омади кор шудан; бахт тофтан.

1. Аз тараб курта-курта гушт гирифт,
Қард лабхандаҳои ширине.
Лаб зад аз нав чу гул ба рухсораш,
Орзуву умеди дерине...

*М. Турсунзода «Асарҳои мунтахаб»*

2. Насиб карда бошад, як тиллоро, агар даҳони хаёлдони ҷаноби волостной калон кушода шуда ризқу рузиқ бачаҳо лаб зада монад, ду тилло карда медиҳад.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

3. У дид, ки ризқу рӯзиаш лаб зада, пули муфт ва бедардимиён худ ба худ ба даст омад, қарор дод, ки як коре карда обу лой кунад.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 11. Ба лаб кулӯх молидан

1. хомӯш мондан, 2. кореро карда худро ба нодонӣ задан.

1. Тарафҳои мақтул ба ҳокимон «хунпулӣ» дода, «мо дар дашти Туркман ҳисоби худро бо ҳам баробар мекунем ва шумо ба кори мо тадохул накунед» гуён ҳокимонро, ки зотан ғайр аз пулгирӣ кори дигар надоштанд, сокит кард ва калонони мадраса бошанд оши ба мақтул бахшида додашударо бо лаззати тамом «пасту расо» хӯрда «ба лабашон кулӯх молиданд».

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. — Лекин шумо, Мерганбоев ва Сафаров, устоколред, дуздида метавонед. Мекунеду дарнамемонед. Мехуреду ба лаб кулӯх мемолед.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

### 12. Лаб кушода натавонистан

гап зада натавонистан, ба гап задан ҷуръат надоштан.

1. Бинобар ин на Аҳмад ва на модараш ба пеши он шахс аз тарси деву парӣ лаб кушода наметавонистанд.

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

2. Лекин бани Умийя дар ҳукмронӣ чунон сахтгирӣ мекарданд, ки касе лаб кушода наметавонист.

*С. Айнӣ «Исьёни Муқаннаъ»*

### 13. Лаб кушодан

гап задан, чизе гуфтан.

1. Агар пас аз ин лаб кушоянд, ман даъвои ҳақорат карда худам ба ҷаноби олӣ арз мекунам...

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

2. Масъала қарор ёфт, барои лаб накушодани дудилагон ва тарсончакон ҳам чора дида шуд.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

3. Агар лаб кушоӣ ба ҳар анҷуман,
Бубояд, ки санҷида гуӣ сухан.

*С. Ҷавҳаризода «Шеърҳои ҳаҷвӣ»*

4. Аз ҳамон муддат то ин ҷониб ба ҳеҷ кас лаб намекушоям.

*А. Деҳотӣ «Асарҳои мунтахаб»*

### 14. Лабу лаҳҷа (лавча) баровардан

ҷуръати гапзанӣ пайдо кардан, ба касе дӯғу пӯписа кардан.

Агар шумо камтар лабу лаҳҷа баворед, вай заҳракаф шуда, ба шумо худи ғулом барин шуда мемонад.

*Ҷ. Икромӣ «Зӯҳра»*

### 15. Лабу лунҷ овезон кардан

табиат хира будан, ғамгин, димоғсӯхта будан.

1. Директори МТС бошад, як-ду бор телеграмма доду бо ҳамин лабу лунҷашро овезон карда нишастааст.

*Қ. Носиров «Орият»*

2. Шодиҷон ин пагоҳӣ аз хобаш барвақт хеста лабу лунҷашро овезон карда ба тарафи пайколи харбуза рафт.

*Б. Азизӣ «Бедонабозӣ»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 16. Лаби нон

як бурда нон, як реза нон.

Аз тарафи подшоҳӣ барои ин бандиён лаби ноне дода намешуд...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 17. Лаб паси (пушти) гуш

хандон шудан, хушҳол, шодмон шудан.

1. — Хуш, муйсафед, боз имрӯз димоғатон чоқ, лабҳо паси гуш?

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

2. Дар ҳавои кор болу пар зада,
Омад аз таърифи усто ӯ ба ҷуш,
Саъй мекард остинро бар зада,
Чашмҳо равшану лабҳо пушти гӯш.

*А. Баҳорӣ «Сарахбори зиндагӣ»*

### 18. Лаб тар кардан

чашидан, нӯшидан.

Дерест, ки ман аз он чойҳо лаб тар накардаам...

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

### 19. Бар (ба) лаби касе табҳол дамондан

касеро сахт тарсондан.

Номи Октябрь бар лаби душманон
Медамонад ҳамеша табҳола.

*«Хорпуштак»*

### 20. Ба лаб учуқ дамидан

сахт тарсидан.

Дар колхоз аз корҳои оммавӣ-агитационӣ ва яслиҳои мавсимӣ дар назди роҳбарон даҳон кушоед, ба даҳони онҳо мурғак ва ба лабашон учуқ медамад.

*«Хорпуштак»*

### 21. Лаб фуру бастан

*Ниг.* Лаб бастан.

1. Лекин аз он ҷое ки ин гуна фарьёди бемаҳал, сабаби фош гардидани рози Одина ва боиси гирифториаш мешуд, ночор оҳи сарде аз дили пурдард кашида лаб фурӯ баст.

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

2. Лаб фуру банд аз дуруғзанӣ,
Эй хурофотгуй, бош хомуш!

*С. Ҷавҳаризода «Гулшани афрӯхта»*

**ЛАБПАСТ**

### 22. Лабпаст будан

хоксор будан.

Содиқҷон ном ҷавоне бе падар монд ва тағоиҳояш одамони бечораи лабпаст буданд.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

**ЛАБРЕЗ**

### 23. Лабрез шудан

пур, лаболаб шудан.

Қошки дили ҳар кас аз ҳисси муҳаббат лабрез шавад ва у талхию шириниҳои ишқро бичашад...

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

**ЛАГАДКОРӢ**

### 24. Лагадкорӣ кардан

бо лагад задан, лагадкуб кардан.

Агар сустӣ мекардам, маро лагадкорӣ мекарданд.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

**ЛАЗЗАТ**

### 25. Лаззат бурдан

завқ кардан, ҳузуру ҳаловат ёфтан.

1. Бозии баррагонро тамошо мекард, аз бозии онҳо лаззат мебурд...

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

2. Аз ин рӯ ҳам мо тайёр будем, ки то нафаси субҳ кучаҳои шаҳрро паймоем ва суханони уро лаззат бурда шунавем.

*Р. Ҷалил «Ҳамида»*

**ЛАЙЛӢ**

### 26. Лайлиро бояд бо чашми Маҷнун дид

қадру қимати касе, чизеро на аз нуқтаи назари худ, балки аз нуқтаи назари он касе ки ба қадри он мерасад, уро дуст медорад, бояд муайян кард.

1. Чун ин духтари қаддарози лоғарандом дар пеши руи ман пайдо шуд, аз дидани чеҳраи бенур ва абрувони оддии ӯ, ки асло мувофиқи тасвироти Эрматов дарозу борик набуданд, тааҷҷуби маро поёне набуд. Бағбағаи ӯ дар ҳақиқат ҳам дугона буд, вале ин ба назари ман ҳусни духтарро чизе зиёд намекард. Беихтиёр масале ба хотирам омад, ки мегӯянд: «Лайлиро бояд бо чашмони Маҷнун дид».

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

2. «Лайлиро бо чашми Маҷнун дид бояд» гуфтаанд,
Ин шиори ошиқон будаст аз даври куҳан.
Лек дар айёми неки корҳои нав ба нав
Духтарони Вахшро бинед ба чашмони ман!

*Ф. Ансорӣ «Имтиҳон»*

**ЛАМ-**

### 27. Лам-лум карда гаштан

ба чизе машғул шуда гаштан, ҷунбу ҷӯл карда гаштан, кореро эрмак карда гаштан.

Хайрият, ки Асо будааст, лам-лум карда гаштааст.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

**ЛАНГИДАН**

### 28. Дар чизе лангидан

дар масъалае суст будан, нағз аз ӯҳдаи коре набаромадан.

Охир, барои дуруст истифода бурдани фикр забонро нағз донистан лозим. Шумо бошед дар ин бобат мелангед...

*«Занони Тоҷикистон»*

**ЛАНҶ**

### 29. Ланҷ кардан

чизеро дӯлоб, бемазза, расво кардан.

Мабодо, аз муваффақиятҳо саргаранг шуда, охири корро ланҷ накунед.

*«Машъал»*

**ЛАТ**

### 30. Қасеро лат додан

*Ниг.* Хоида партофтан.

— Шумо, ки шермарди майдон будед, ин мушхонаро чаро иҷора карда нишастаед? — гуфт Шоҳмирзо ҳамаи паноҳандагони он ҷоро, ки ба масхара доштани он мард ҳамроҳӣ карда хандида буданд, лат дода партофт.

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

### 31. Лат хӯрдан

1. ба мамониат гирифтор шудан, 2. сахт сарзаниш шунидан.

Аҳмадҷон баъди лат хӯрданаш дар маҷлиси Таги Чинор ноустувории мавқеи худро фаҳмид...

*С. Улуғзода «Навобод»*

**ЛАТТА**

### 32. Латтаи касе ба об афтидан

1. сирри касе ошкор шудан, 2. расвову шарманда гардидан.

— Эй, ман ҳам ба даҳони ин хел эшони фиребгар туф кунам! Тамоми мардуми олам туф мекунанд! — гуфт шавҳари Тоҷинисо бо қаҳл ва аз дасти занаш дошта баромада рафт ва латтаи эшонҳои қаллоб ба об афтод.

*«Хорпуштак»*

**ЛАФЗ**

### 33. Лафзи бад доштан

дурўштсухан будан, бадалфоз будан.

Лафзи бад доштааст.

*П. Толис «Ҳикояҳои даҳ сол»*

### 34. Лафз рафтан

дар бораи касе, чизе ба як қарор омадан.

Лафз рафтагӣ, паймон муборак шудагӣ. Ман сонӣ чӣ хел дар байни мардум сар бардошта мегардам. Вақте ки туро номзад карда будем, раҳматӣ падараш зинда буд.

*С. Улуғзода «Шодмон»*

### 35. Аз лафзи худ гаштан

*Ниг.* Аз сухани худ гаштан.

Қадом вақт ба даст афтода тавба карда буду боз аз лафзаш гаштааст-дия!

*«Хорпуштак»*

### 36. Лафзро ҳаром кардан

*Ниг.* Аз сухани худ гаштан.

— Лафзро ҳаром накунед, йигит!

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

**ЛАШКАР**

### 37. Лашкар бехатар нест

эҳтиёт шарт аст.

— Агар андешаи каминаи камтаринро лутфан писандед, шоҳаншоҳам, бозгашт авлост. «Лашкар бехатар нест». Ҳеҷ кас даъво наметавонад кунад, ки дар байни мардум дилсиёҳон, баддаҳану бадхоҳон нестанд!

*Р. Ҷалил «Ҳамида»*

**ЛАҒАТ**

### 38. Лағати харро хар мебардорад

одамони ба ҳам наздик якдигарро дашном диҳанд, аз ҳамдигар боиси хафагӣ, дилмонӣ намешавад, бо ҳамдигар ҷангу ҷадал кунанд, хафагии онҳо ба зудӣ бартараф мешавад.

— Ҷангу ҷанҷоли миёни худашон, сабаби ҳақорат дидани ҳеҷ кадомашон намешавад,— гуфт Қодир-буз, чунон ки бар руи як нон баромадани як нони дигар сабаби ҳақорати он нон намешавад.

— Агар инро бо забони авомонаи худ гуям, «лағати харро хар мебардорад» мешавад.

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

**ЛАҚ**

### 39. Ба чизи касе лақ(қ)и афтидан

1. ба чизе, касе дарҳол, бечуну чаро бовар кардан, 2. фиреб хурдан.

1. Мааттаассуф одамони ба дараҷаи ҳайратовар содда ҳам ҳастанд, ки ба доми онҳо лаққи меафтанд.

*А. Деҳотӣ «Алос ва ҷораи халос»*
*(«Занони Тоҷикистон»)*

2. «Бо ҳамон қадар овозадорӣ боз ба як ҳилаи ман лаққи афтид...»

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

3. «Эҳтимол Мунаввара аз камтаҷрибагӣ ба суханҳои ӯ лаққи афтода бошад».

*С. Ғанӣ «Табассум»*

### 40. Лаққу дақ

замини ҳамвори сахт, ки дар он гиёҳу дарахт набошад.

Биёбони хилвати лаққу дақ сар шуд.

*Ҳ. Назаров «Дар ҷустуҷӯи Карим-Девона»*

### 41. Лаққу луқ

асбоби рӯзгор, майда-чуйда.

Бо «лаққу луқи» рӯзгорашон ба аробаю фургонҳо бор карда бурданд.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

**ЛАҚАБ**

### 42. Лақаб равшантар аз ном аст

лақаб сифати одамро нисбат ба ном равшантар ифода мекунад.

Дар вақтҳои аввал баъзе касон ӯро «Қориисмати Ишкам» гуфтаанд ва баъзе ширинкорон «Қориисмати Ишкамба» хитоб намуданд ва рафта-рафта калимаи Исматро партофта «Қорӣ Ишкамба» гуфтаанду мондаанд ва чунон ки мегӯянд, «лақаб равшантар аз ном аст».

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

**ЛАҶОМ**

### 43. Лаҷоми чизе (касе)-ро ба дасти худ гирифтан

ихтиёри чизе, касеро ба дасти худ гирифтан, ба чизе, касе комилихтиёр шудан, касеро фармонбардори худ кардан.

1. Русҳо чунон одамони аҷоиб, одамҳои пурзӯр ва муқтадир доранд, ки имрӯз не, пагоҳ лаҷоми корро ба дасти худ мегиранд ва маҳз ҳамонҳо моро аз ҷабру зулм халос карда метавонанд.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

2. Ба ҳамин тариқ Латиф Воҳидов, ба қавли худ, «чун командири серталаби қатъӣ лаҷоми корро сахт ба даст мегирифт»...

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

## 44. Лаҷоми гап

мавзӯи суҳбат.

Вай «хайр, ҳеҷ гап не, моҷароҳои беҳуда» гӯён лаҷоми гапро ба дигар сӯ гардонданӣ шавад ҳам, Сафар исрофкорона гаштаю баргашта уро ба муфассал ҳикоя кардани воқеаҳои Ҷуйбор водор мекард...

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

## 45. Лаҷоми касе, чизе дар дасти касе будан

ихтиёри касе, чизе ба дасти касе будан, касеро мутеи худ карда гирифтан.

1. Ана акнун лаҷоми ин паҳлавон дар дасти ман аст, ба ҳар тарафе ки мехоҳам, тоб додан мегирам.

*М. Миршакар «Афсонаҳои кӯҳистон»*

2. Лаҷоми ин қишлоқ дар дасти ман буд.

*Р. Ҷалил «Субҳи саҳро»*
*(«Шарқи сурх»)*

## 46. Лаҷом задан

касе, чизеро ба итоати худ даровардан, мутеъ намудан.

Тоҷикон ба дарьёи шӯхоби Душанбе ҳам лаҷом зада аз он Канали Калони Ҳисорро ҷудо намуда, ба сӯи заминҳои то ин дам хушку холӣ ҷорӣ намуданд.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

### 47. Лаҷоми касеро кашида мондан

касеро дар бораи чизе огоҳонидан, касеро ба тартибу интизом чеғ задан.

1. — Гапи туро ба гӯш нагирад, худамон лаҷомашро кашида мемонем.

*Қ. Наимӣ «Рӯзи равшан»*

2. Лаҷоми ӯро ба ҳар тарафе ки бикашӣ, дар итоати ту бошад...

*А. Ҳамидӣ «Машъали ҷовидон»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 48. Лаҷоми касеро сар дода мондан

касеро ба ихтиёри худаш гузоштан.

Шумо лаҷоми Холматовро тамоман сар дода мондед.

*Ҷ. Икромӣ «Зуҳра»*

### 49. Лаҷоми касе, чизеро суст мондан

ба касе, чизе назорати бояду шояд накардан.

— Шумо, ки лаҷоми корро суст мондед, ҳамин хел мешавад, раис!

### 50. Лаҷоми сухан

*Ниг.* Лаҷоми гап.

— Лаҷоми сухан ба тарафи дигар гашт.

*Р. Ҷалил «Гулрӯ»*

### 51. Лаҷоми худро ба дасти касе супурдан

ихтиёри худро ба дасти касе додан.

— Ин акнун ба ту сабақи нағз мешавад ва дониста мон, ки ба Пулод барин одамҳо гапи худро додан, лаҷоми худро ҳам ба вай супурдан мешавад.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. II*

**ЛИНГ**

### 52. Лингн касеро аз осмон овардан

1. касеро несту нобуд намудан, 2. ҷазо додан.

1. Имрӯз нашавад, фардо линги амиру вазиратро аз осмон меоранд.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. — Агар касе заррае аз ин хел гуноҳҳо дошта бошад, мо бе ҳеҷ андеша линги вайро аз осмон меоварем.

*Ҳ. Карим «Дар маҷлис» («Шарқи сурх»)*

**ЛИҚ**

### 53. Лиқ-лиқ карда гаштан

1. базӯр гаштан, 2. дар вазъияти ноустувор будан.

Охир дар ин ҷо худи ман базӯр лиқ-лиқ карда гаштаам, боз чӣ тавр карда хоҳиши туро баҷо биёрам?

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

**ЛОЙ**

### 54. Лои чизеро гирифтан

фоидаи чизеро гирифтан; таҳмондаи чизеро гирифтан.

— Бо Одил ҳам ман худам гапзанон мекунам, равғанро ҳам худам ёфта медиҳам. Ту фақат бурда лояшро гирифтан мегирӣ.

*П. Толис «Тобистон»*

### 55. Аз лой гурехта, ба лойдон афтодан

*Ниг.* Аз борон гурехта, ба новадон дучор шудан.

Аверченко Пётри «аз лой гурехта, ба лойдон афтода»-ро хост, ки пинҳон ва аз нохушиҳо дар амон созад. Аммо вай дар китф хурҷине, ки дар он китобҳои манъ кардашуда буданд, худ ба пои худ бо шитоби тамом ба суи дом қадам мегузошт.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

## 56. Лой додагӣ лой мегираду хишт додагӣ хишт

ҳар кас мувофиқи амалаш сазовори ҷазо ё мукофот мешавад.

Дар ин ҷо кордонро аз корнодон, бағайратро аз танбал ва кори ҳалолу покизаро аз кори ҳарому ҳариш зуд фарқ мекарданд. Ҳар кас ба мукофоти амалаш сазовор мешуд. Мувофиқи таъбири халқ гуем: «лой додагӣ лой мегираду хишт додагӣ хишт».

*А. Деҳотӣ «Асарҳои мунтахаб»*

## 57. (Як) лой зиёдтар

як дараҷа зиёдтар, як қабат зиёдтар.

— Ҷаноби олибоб гӯед-чӣ, беги!

Ясавул:

— Аз вай ҳам як лой зиёдтар, ман гумон мекунам, дар ӯрдаи ҷаноби олӣ ҳам ин гуна духтари зебо камтар ёфт мешудагист.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

## 58. Лои кор баромадан

ошкор гардидани камбудӣ, нуқсони кор.

Пагоҳ як ба як ҳавлиҳои колхозчиёнро бинед, ба хонаи кӣ радио нагузаронида бошанд, гузаронед, баъд ҳуҷҷатро аз нав тартиб дода биёред, имзо мекунам. Корро аз сар пухта кардан лозим аст, ки дар оянда лояш набарояд.

*«Тоҷикистони советӣ»*

## 59. Лою об кардани чизе

*Ниг.* Чизеро обу лой кардан.

— Аввал шогирди қаҳвачӣ шуд, соле баъд ба паси самовор гузашт ва бо анвоу ақсоми мардуми қаҳвахонанишин ошной пайдо кард ва аз он ҷумла бо кочокчиён (моли гуреза оварандагон — *Ҳ. Ирфон*) робитаи мустаҳкаме пайдо ва бо лою об кардани молҳои гурезаи онон, ки аз хоки Усмонӣ, Эрон ва аз Батун меомад, дар андак вақт миёнашро баста гирифта, худ соҳиби қаҳвахона ва ошхонаи калоне гардид.

*Ҳ. Ирфон «Ду ёр аз ду диёр»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 60. Аз лой ҳалво сохтан

қаллобӣ кардан, сохтакорӣ кардан.

1. Коркунони ферма дар зарфи ин як ҳафта то тавонистанд оғилхоро саросемавор ба тартиб оварданд. Аммо аз чашмони зираки раис аз лой ҳалво сохтани онҳо пинҳон намонд.

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

2. Ин камбудиҳо нишон медиҳад, ки онҳо барои аз лой ҳалво сохтан кам кӯшиш накардаанд.

*«Тоҷикистони советӣ»*

3. — Қадаммониатон ҳамин хел бошад, имсол ҳам аз барфи манораву аз лой ҳалво месозеду боз айбро ба гардани замин мемонед.

*«Хорпуштак»*

**ЛОЛА**

### 61. Лола ба сари кал ҳам мезебад

чизи хуб ба ҳар чӣ зебу зинат медиҳад, ба ҳама муносиб меояд.

Бинобар ин лозим дониста шуд, ки ин ҳикоя ҳам бо байт сар карда шавад. Беҳуда нагуфтаанд, ки «лола ба сари кал ҳам мезебад».

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

**ЛОМ**

### 62. Лому мим гуфта натавонистан

ба касе эрод гирифта натавонистан.

1. Лекин дар бораи ман ба касе лому мим намегӯӣ!

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

2. Обрӯи вай дар он ҷо калон. Бинобар ин мо ба вай «лому мим» гуфта наметавонем.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид»*

3. Дар пеши амру фармони ин силсилаҷунбонҳои капитал ҳукуматдорони маҳаллӣ «лому мим» гуфта наметавонистанд.

*А. Деҳотӣ «Ҳаёт қадам мезанад»*

### 63. Лом нагуфтан

чизе нагуфтан; эроде нагирифган; хомуш мондан.

1. «Лом нагуфта» гуш ба қимор шуда шиштан гирифтам.

*«Барои адабиёти социалистӣ»*

2. Сабоҳати босабр ҳам лом нагуфта гуфти шавҳарашро мекард.

*А. Мусаввада «Сабоҳат»*
*(«Занони Тоҷикистон»)*

**ЛОФ**

### 64. Лофу бод задан

кореро ба иҷро нарасонида лоф задан.

Ҳоло ки корат натохтааст, пешакӣ лофу бод назан ва баъд он ки корат гузашт, ҳар чӣ қадар лоф занӣ, майлат.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. II*

### 65. Лофу газоф

дурӯғи гузоро, лофи беҳад.

Модарам ба лофу газофи занҳо гӯш медодагӣ шуда монд, аз пештара даҳчанд зиёд ба фолҳои бад бовар мекард...

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

**ЛУНҶ**

### 66. Лунҷи худро овезон кардан

*Ниг.* Лабу лунҷи худро овезон кардан.

Ба ҷои ту каси дигар мешуд, ба чор тараф медавид, ғайрат мекарду ба муроду мақсад мерасид. Ту боши, гурбаи ошолуд барин лунҷатро овезон карда мегардӣ!

*Ш. Қиёмов ва А. Мороз «Дил*
*дили Зайнаб» («Шарқи сурх»)*

**ЛУХ**

### 67. Лухи патак баромадан

1. моҳият, сабаби чизе маълум гардидан, 2. сирри касе, чизе ошкор шудан.

Канӣ дар маҷлис монда бинад, «лухи патак» чӣ тавр мебарояд!

*Ҷ. Икромӣ «Тирмор»*

**ЛУЧЧАК**

### 68. Луччаку пустканда

бе парда, кушодаву равшан.

Бинобар ин, мо дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» аҳволи замони муаллифро ва характери шахсҳои таърихии он замонро кушода, равшан ва «луччаку пустканда» мебинем...

*С. Айнӣ «Восифӣ ва ҳулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ»*

### 69. Луччаку пусткандаи гап

моҳият, хулосаи гап.

— Луччаку пусткандаи гап ҳамин ки ҳафтаи гузашта Алимардонбеги ясавул ба ин ҷо барои коре омада, духтаратро дида рафта будааст...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

**ЛУҚМА**

### 70. Луқма партофтан (андохтан)

1. дар аснои сухани касе ба гапи ӯ гап илова кардан, 2. гап паррондан; чизеро ба касе хотиррасон кардан.

1. — Ва агар аз рӯи виҷдон кор кунем,— луқма партофт баногоҳ Зиёда Ҳасанова...

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

2. — Ҳамин тавр-куя, раис, аммо Саркор ҳам чӣ хел шуда аз рӯи вазифаашон ҳамин хел як луқма партофта монда бошанд, кирои ранҷидан намекунад...

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

3. — Хайр, набошад, гӯш кун,— гуфтам ва ба хондан шурӯъ намудам. Модар, аз афташ умуман мефаҳмид, ки маро аз хондан боз намедошт, намепурсид, луқма намеандохт.

*Р. Ҷалил «Ҳамида»*

**ЛУБЬЁ**

### 71. Лубьёю каду — лаънат ба ҳар ду

лаънат ба ду чиз ва ба ду касе ки дар бад будани сифат бо ҳамдигар як хеланд; ба ҳар ду ҳам лаънат.

1. — Гапро чаро дароз мекунетон? «Қал додари кур» гуетон намешавад? — гуфт Маҷид.

— Аз ҳама беҳтараш «лубьёву каду — лаънат ба ҳар ду» гуфтан аст...

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

2. — Арақи лаънатӣ хамин тавр, нафаскаш мекунад. Аммо коньяк ин тавр не, агар коньяк хӯрам, нафасам намегирад... Умуман лубьёю каду — лаънат ба ҳар ду! Нӯшидан лозим не.

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

**ЛУЛӢ**

### 72. Лӯлиро ба лаби дарьё ташна бурда, ташна овардан

*Ниг.* Ба лаби дарьё ташна бурда, ташна овардан.

— Ту, Давлатбек, лӯлиро ба дарьё ташна бурда ташна мебиёрӣ.

*Қ. Наимӣ «Соли 1916»*

**ЛУНДА**

### 73. Лунда карда гуфтан

чизеро кушоду равшан гуфтан, моҳияти чизеро гуфтан, гапро мухтасар карда гуфтан.

— Лунда карда гуем, ҳамин ки шумо ба Москва меравед.

## М

**МАВИЗ**

### 1. Мавизи соягӣ шудан (будан)

дар як ҷо истода мондан, хонанишин шудан; сафар накардан.

1. Ман аз дуньё бехабару пешгоҳи идораи колхозро иҷора гирифта, мавизи соягӣ шуда менишастам-дия.

*Р. Ҷалил «Э, вой бар ман»*
*(«Тоҷикистони советӣ»)*

2. Бояд нависандагони ҷавон мавизи соягӣ нашаванд.

*Р. Ҷалил «Дар роҳи иҷрои вазифаи муқаддас» («Шарқи сурх»)*

**МАВҚЕЪ**

### 2. Мавқеъ нозук будан

1. фурсате ки дар он ҳушьёр, бо эҳтиёт шудан даркор, масъулиятнок будани маврид.

Бисьёрии дар он ҷо будагон ба ин ҳаракати «заифаи беақл» бо қаҳру ситеза нигоҳ карда, дар дили худ уро коҳиш карданд, вале азбаски мавқеъ нозук буд, касе ба лаб кушодан ҷуръат накард.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

**МАГАС**

### 3. Магас коре намекунад, вале дилро гашон мекунад

аз уҳдаи ягон бадкории калон набарояд ҳам, боиси ташвиш, бесаранҷомӣ мешавад.

— Хайр, бо гуфтанашон чӣ кор ҳам карданд? Ана, ба худо шукр...

— Ҳеҷ гап не-куя, магас коре намекунад, вале дилро ғашон мекунад, мегуянд.

*Ҷ. Икромӣ «Ситора» («Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

### 4. Магас пар назадан

хомушӣ ҳукмфармо будан, садое шунида нашудан.

Хулоса, магас, пар намезад.

*Қ. Наимӣ «Ман бо шумо»*

**МАДДА**

### 5. Маддаи дилро кафондан

изҳори фикру мақсад кардан, андуҳу ғазаб, дарди дили худро гуфтан.

— Арақ ҳаст-мӣ, оча? — пурсид вай. Кампир, ки маддаи дилашро кафонда натавониста истода буд, аз ин сухан якбора шурид...

*Ҷ. Икромӣ «Равои озори туро надоштам» («Шарқи сурх»)*

**МАДОР**

### 6. Мадор хушк шудан

хаста, беқувват, лоғар шудан.

1. — Мадорам хушк шуда истодааст, ман чӣ тавр кунам?

— Биё, ба китфам гирам,— таклиф кард офицер ва ба норозигии Сафар нигоҳ накарда, уро гоҳ пуштоpакунон, гоҳ аз бағалаш дошта, роҳ пеш гирифт.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

2. Дар бозгашт мадори Аҳмадҷон хушк шуда, аз гуруснагӣ шикамаш танбур навохт.

*«Хорпуштак»*

**МАЗА**

### 7. Маза аз қайла рафтан (гузаштан, гурехтан)

1. ба дараҷаи бад расидан; аз ҳад гузаштан, 2. паридани баракат.

1. У дид, ки маза аз қайла гузашта, миси кор мебарояд, кӯчашро бардошта, ба шаҳри Душанбе омад...

*«Хорпуштак»*

2. Пирамард баъди ягон шаш моҳ доштдиҳӣ, маза аз қайла рафта, нордбони шалақ барин лиққонаку ларзонак ва оҳиста-оҳиста занбарбоб мешуд.

*Р. Ҷалил «Ҳамида»*

3. Котиб сухани худро ба охир расонда «канӣ гап занед-чӣ, рафиқ Тағоев, чаро маза аз қайла гурехта, рӯзе як тонна ҳам начида истодаед»?..

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 8. Мазаи атолаи бемазаро чашидан

азоби амали нодурусти худро кашидан.

«Эй вой, ман чӣ ғавғо сар кардам дар ин хонаводаǃ Агар Гулру ба Пулод гуяд, ки барои қулф кардани дари ғаладон рафта буд, ловалло, рафту дар пеши ман дуруғгуӣ карданро нахоста, гапҳои дар он ҷо гузаштаро

гуяд, чӣ мешавад? Як моҷарое сар шуданаш мумкин аст, ки оқибати бад дошта бошад. Он вақт, эй Салимбои кутоҳандеш, мазаи атолаи бемазаро чаш».

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. II*

### 9. Мазаи касеро гурезондан

1. касеро шарманда, беобру кардан, 2. ланҷ, лакот кардан, хаставу бемадор кардан.

— Нашуд! — гуфт ӯ оҳиста,— худи духтар ҳамроҳаш омадааст, мазаро гурезонда тарбузро аз бағал ғалтонд.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. II*

### 10. Маза гурехтан

1. беҳавсала шудан, 2. хастаю логар гардидан, 3. аз равнақ афтодан.

— Як қадар мазаат гурехтааст, Хосият, ҳамсоя шуда истода аз Нодира ибрат намегирӣ.

*С. Улуғзода «Шодмон»*

### 11. Маза надоштан

1. бефоида будан, нағз набудан, бемаънӣ будан, 2. нозеб будан.

1.— Ана барои ҳамин кор тайёр шудан даркор аст,— гуфт Ҳаит Амин хурсандона,— «Нуриддинхуҷаи оғолиқ ба марказ аъзо шудааст, ман вакили озуқа ва мудири андоз шудаам» гуфта хурсанд шуда фирефта гардида гаштан маза надорад.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

2. Афташа бинед, мегуед, ки зани як одами дуппа-дуруст. Аммо агар дурусттар диққат кунед, маза надорад.

*Ф. Муҳаммадиев «Тири хокхӯрда»*

3.— Ман колхози худамон «Коммунизм»-ро аз ҳама бой, аз ҳама пешқадам ҳисоб мекардам, аммо акнун мебинам, ки маза надоштааст,— гуфт.

*С. Улуғзода «Навобод»*

4. Саломатиаш маза надошт...

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 12. Мазаро равондан

*Ниг.* Мазаи касеро гурезондан.

1. Салимбой «мазаро наравонда», ҳамчун одами босавод ба хат аз боло то поён синча карда баромад...

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. I*

2.— Баъзан ҳамин хел бо чорта ёру дуст нишаста чақ-чақу суҳбат накунед, кор мазаи ҳар хел одамро меравонад.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

### 13. Маза рафтан

*Ниг.* Маза гурехтан.

1. Лекин тезтар ҳаракат карда ихлосмандонро агар зиёд накунед, маза рафта истодааст.

*Ф. Ниёзӣ «Духтари ҳамсоя»*

2.— Ука, як кор карда, ҳақиқат кунед, набошад мазаам меравад.

*«Тоҷикистони советӣ»*

**МАЗМУН**

### 14. Мазмун бардоштан

гап чидан, ғаммозӣ кардан.

Илова бар ин ёрдамчии сардори уезд, чунон ки худатон медонед, дам нишаста дар ин ҷо аз кору гапҳои мо мазмун мебардошт, ки аз ин хаппакии ӯ натарсидан мумкин нест.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

**МАЗОҚ**

### 15. Мазоқи усма рафту абрӯ монд

чизҳои муваққатӣ барҳам хӯрду аслаш монд, сохта нест шуда аслиаш монд.

Чӣ шуд кор оқибат? Медонӣ акнун,
Шуданд онҳо ҳама аз давра берун.
Намебинанд акнун иззати халқ
Ба худ ҷои гурез аз нафрати халқ.
Қашидем аз хамир оҳиста ҳар му
Мазоқи усма рафту монд абру.

*А. Баҳорӣ «Меҳри аввал»*
*(«Шарқи сурх»)*

**МАЙДА**

### 16. Майда-чуйда

чизҳои беаҳамият, дуйумдарача,

Бо занаш ва духтараш дар сари ҳар чизи майда-чуйда дилсиёҳӣ мекард...

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

**МАЙДАГАП**

### 17. Майдагап будан

1. лаққӣ, сергап будан, 2. хурдагир, эродгир, айбҷуй будан.

— Наход, ки Ситора майдагап бошад?—Майдагап!— гуфт ба руи холааш нигоҳ карда Камол.

— Ба хар кас, ба ҳар барг диққат мекунад, аз ҳар як чизи майда баҳонаи танқид меҷуяд...

*Ҷ. Икромӣ «Ситора» («Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»*

**МАЙДОН**

### 18. Ба майдон баромадан

пайдо шудан, ба вучуд омадан.

Ба монанди Пайрав Сулаймонӣ, Муҳаммадҷон Раҳимӣ, Аминзода, Сухайлӣ, Азизӣ, Муинзода ва дигарон ба майдон баромаданд.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 19. Ба майдон даромадан

ба ҷангу мубориза шуруъ намудан.

Мо аз бахри хамаи мулку асбобамон гузашта ба майдон даромадем...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

**МАЙЛ**

### 20. Касеро ба майли худ мондан

касеро ба ихтиёраш гузоштан.

Агар ба майли худаш монӣ, дар руи замин нею дар фазо гаштан мехост.

*«Тоҷикистони советӣ»*

**МАЙМУН**

## 21. Маймун механдад

аҳволи хеле бад, вазъияти хандаовар доштан.
Ба аҳволи фермаамон маймун механдад.

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

**МАЙМУНБОЗӢ**

## 22. Касеро ба маймунбозӣ андохтан

касеро аҳмақ кардан; сарсон, саргардон намудан.

1. Ту чандин рӯз боз маро ба маймунбозӣ андохта. оё дар миёни мардум беобрӯ карданӣ ҳастӣ?!

*С. Ғанӣ «Туй»*

2. Як ношоям худаш барин ношоями дигарро ба сари ман «табиб» карда оварда ҳамаро ба маймунбозӣ андозаду бо ҳамин қадар одам ман даҳонамро кушода монам?

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. I*

## 23. Маймунбозӣ кардан

ҳилаю найранг кардан.
Ман бо вай як маймунбозӣ карданӣ ҳастам.

**МАЙНА**

## 24. Майнаро афшонда ба даст додан

бисьёр гап зада, касеро хаста намудан, дарди сар кардан, аз сергапии худ касеро безор намудан.

Майнаамро меафшонаду ба дастам медиҳад. Аз бисьёр шунидани сафсатаҳою алой, ҳарзагуию варсақихонӣ монанди бедонаи каршуда каранг шуда мондааму майнаам ғуввос мезанад.

*Р. Ҷалил «Шуроб»*

## 25. Майнаро ба ҷояш мондан

фикр, диққат кардан, ҳушьёр шудан.
Онҳо майнаашонро ба ҷояш монда суханони маро гуш мекарданд.

### 26. Майнаи касеро гарм кардан

касеро шакармаст кардан, хушҳол намудан.

Ин гардиши пиёла майнаи аҳли маҷлисро кайҳо гарм карда буд.

*Б. Азизӣ «Таҷриба» («Шарқи сурх»)*

### 27. Майнаро гиҷ кардан

1. касеро дарди сар дода гаранг кардан, 2. касеро ба иштибоҳ андохтан.

1. Ягон касро ёфта, лаққида майнаашро гиҷ карда истодагист?

*С. Ғанӣ «Туй»*

2. Отунбибӣ ҷаҳонро аз ҳастии худ халос кард, аммо майнаи Баҳринисоро гиҷ карда монда буд.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

3. Эшон... майнаи аҳолиро гиҷ карда, одамонро гумроҳ менамояд.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 28. Майнаи касе дар ҷояш будан

ақлнок, ҳушьёр будан.

Майнаам дар ҷояш, ҳамаи ин чизҳоро фаҳмида истодаам.

### 29. Ба майна надаромадан

фаҳмида, дониста натавонистан.

Китоб ба майнаам намедаромад.

*Ҷ. Икромӣ «Тори анкабут»*

### 30. Майнаро об кардан (намудан)

1. зиёд фикр кардан, ақл давондан, 2. зӯр задан.

1. Боре ман дар вақти навбатдор буданам дар хобгоҳ ба танҳоӣ дар сари вазифаҳои хонагии касри аъшорӣ «майна об мекардам».

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

2. Миралӣ чандин вақт майна об карда, илоҷи дар оянда бемалол кайфу сафо карданро ҷустуҷӯ намуд...

*С. Ғанӣ «Табассум»*

3. Чӣ воқеа бошад гуфта майнаатонро об накунед, як воқеаи тамоман оддӣ.

*С. Улуғзода ва В. Виткович «Ибни Сино»*

### 31. Майнаи касеро турш кардан

касеро дарди сар кардан, безор намудан, ба танг овардан.

1.— Хайр, ба ҳамин шарт, ки ғиринг-ғиринг карда, майнаамро турш накунетон...

*С. Ғанӣ «Туй»*

2.— Харидорон тоза ҳам майнаро турш мекунанд,— гила мекунанд роҳбарони артель...

*«Хорпуштак»*

### 32. Ба майна халал расидан

ба бемории рӯҳӣ дучор шудан, аз ақл бегона шудан.

Ту аз ақл бегона шудаӣ, ба майнаат халал расидааст.

*Ҷ. Икромӣ «Тори анкабут»*

### 33. Майнаи худро кор фармудан

ақл давондан, фикр, мулоҳиза кардан; диққат кардан.

— Агар майнаатонро дурусттар кор фармоед, нағз мефаҳмед.

*«Хорпуштак»*

### 34. Майнаи худро хурдан

беақл шудан, ақл дар ҷояш набудан, ба ақл халал расидан.

1.— Одам ки пир шуд, майнаашро мехӯрад, мегӯянд.

*М. Сайфиддинов «Ҳусни оламоро» («Шарқи сурх»)*

2.— Шумо медонед-мӣ, агар шавҳарони мо ба ҷои сарзаниш мефаҳмонданд, насиҳат мекарданд, эҳтимол мо ҳам зиёдтар мефахмидем. Охир, майнаамонро нахӯрдаем.

*Қ. Наимӣ ва Н Кладо «Найрангҳои беҳуда»*
*(«Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

### 35. Майнаи касеро хушк кардан

*Ниг.* Майнаи касеро турш кардан.

— Доду фарьёдаш майнаи касро хушк мекунад.

*А. Деҳотӣ «Алас ва ҷораи халос»*
*(«Занони Тоҷикистон»)*

**МАЛОЛ**

### 36. Малоли хотир

боиси ташвиш, ранҷ, озурдагӣ.

— Вале, шаҳаншоҳам, бандаи содиқи шумо як андешаи кутоҳ дорад, ки агар малоли хотири маотири зоти хуҷистасифат нагардад, баёнашро қарзи бандагӣ мешуморад.

*Р. Ҷалил «Ҳамида»*

**МАН**

### 37. Ман аз осиё (осиёб) меояму (омадаму) ту (шумо) мегӯӣ (мегӯед), ки дӯл холӣ

чизеро надидаю надониста ба каси он чизеро дидагӣ, медонистагӣ эроди беасос гирифтан.

1.— «Ман аз осиё омадаму шумо мегӯед, ки дӯл холӣ». Асли воқеаро, домулло, дурусттар фаҳмида, сонӣ ба ман таълиму дастур диҳед!..

*А. Баҳорӣ «Одамони шинос»*

2.— Чӣ? Ҷиянам Ҳикматулло Давлатовро занчаллоб мегӯед! — аррос зад Гардакака,— тилло барин йигит, тилло. Вай ба худам рафтагӣ, фаҳмидед!

— Хекиртакатонро надарронед. Ман аз осиё омадаму шумо дӯлро холӣ мегӯед?

*«Хорпуштак»*

### 38. Ман гуфтаму шумо шунидед

фикр, гумон, эҳтимоли ман ин аст, мана худи шумо мебинед, ба ҳар ҳол ман ба шумо гуфта мондам.

— Ман гуфтаму шумо шунидед: гиреҳи муамморо ҳамин духтарак мекушояд.

*Ф. Муҳаммадиев «Тири хокхӯрда»*

### 39. Ба ман гӯед

майлу хоҳиши маро пурсед, майли ман ин аст, ки агар ихтиёр ба дасти ман мешуд...

— Оё, шабу рӯз кор кардан ба мардум вазнинӣ намекунад? — савол дод акои Олим.

— Ба мо гӯед, аз шабу рӯз кор кардан дида, ҳосилро дар вақташ нағундошта, нобуд кардан гуноҳи вазнин мешавад...

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

### 40. Ман дар чӣ хаёламу (хаёлу) фалак дар чӣ хаёл

ба муқобили орзую ҳаваси касе рӯй додани ягон ҳодисаи ногувор, ки ҳеҷ интизори он набуд, баръакси орзу, хоҳиши касе рӯй додани ягон ҳодиса.

1.— Ҷонам қурбон! Ҳар чӣ ба ҳуш омадӣ? Худоро сад бор шукр!

— Вай канӣ? Ёдгор куҷо рафт? — Осуда бош, духтарам, Ёдгор меояд,— Амаки Рустам, оқсаққол бобо қатӣ Қудрат самоворчӣ омада истодаанд.

— Э, ҳамин вақт омадани инҳо!.. Тавба, ман дар чӣ хаёлу фалак дар чӣ хаёл (дар ин маврид духтари ӯ касал хобида буд — *М. Ф.*)!

— Чӣ, боз хостгорӣ-мӣ?

— Ҳамин тавр будагист...

*Ҷ. Икромӣ «Дохунда» («Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

2. Ҳамин ки мурданд (кирмакҳо — *М. Ф.*), зуд ба ман хабар диҳед, даррав акт мемонаму ҷонатонро халос мекунам. Барои ин ҳам худатон, ҳам раисро ташвиш дода мегардед-мӣ?

— Тавба, «ман дар чӣ хаёлу фалак дар чӣ хаёл» гуфтаанд куҳансолон, рост будааст... Агар ихтиёр дар дасти шумо бошад, рафиқ Акталиев, бо як акт тамоми давлати колхозро барбод медодед.

*А. Деҳотӣ ва Б. Раҳимзода*
*«Фоизҷон Таърифхуҷаев» (Шарқи сурх»)*

### 41. Ман-ман гуфта гаштагӣ...

1. ба худ боварӣ доштагӣ, 2. зӯртарин; машҳуртарин; беҳтарин, зеботарин.

1. — Ин ҷудо ҳам зиёд не-мӣ? Ман-ман гуфта гаштагӣ саркорҳо ҳам базӯр сад центнер ҳосил мегиранд.

*С. Улуғзода «Шодмон»*

2. Дар ишқи вай духтарҳои ман-ман мегуфтагӣ сухта кабоб шуда гаштаанд.

*Ҷ. Икромӣ «Сафари Кӯлоб»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 42. Ман-ман гуфтан

танҳо худро гуфтан, худро таъриф кардан, худситоӣ, калонигарӣ кардан.

Шумо бошед, онҳоро меранҷонед. Фақат ман-ман мегуед. Гуё ки дар он ҷо будагон то омадани шумо ҳеҷ чизро надидаанд...

*Қ. Наимӣ ва Н. Кладо «Найрангҳои беҳуда»*
*(«Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

### 43. Ман-манӣ кардан

худро таъриф кардан, каттагӣ, калонгирӣ кардан.

1.— Ман хато кардам, ман-манӣ кардам...

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

2. Агар онҳо ин қадар ман-манӣ накарда корро дуруст ташкил менамуданду сердаромад шудани ҳамаи соҳаҳои хоҷагиро таъмин мекарданд...

*А. Дилбар «Диловарон»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 44. Ба ман монад

1. агар ихтиёри чизе дар дасти ман мешуд..., 2. агар маслиҳати маро пурсед...

Ба ман монад, чайла шинонда шабу рӯзи худашро дар ҳамон ҷо гузаронад.

### 45. Ман тут гӯям, шумо бед мегӯед

ба саволи касе ҷавоби номувофиқ, по дар ҳаво додан.

1.— Ман тут мегӯям, шумо бед! — Обидзода оташин шуд.— Чӣ, шумо, маро таълим дода истодаед? Китобчаатонро чоп кардан мумкин не.

*Р. Амонов «Дар доманаи кӯҳҳои кабуд»*

2.— Тут гӯям, бед мегӯед, ба шумо ягон гап шудагӣ-мӣ, ошно?

*«Тоҷикистон»*

### 46. Ман шири говро намехӯрам, ки ҳаққи гӯсола ҳаст

ниҳоят пок, ҳалол будани худро изҳор кардан.

Аз ин кор директори совхоз... ки ҳамеша дар ҳамэ ҷо забонашро як қулоч дароз карда: «Ман шири говро намехӯрам, ки ҳаққи гӯсола ҳаст» гӯён фарьёд мезадааст, хабар дошт. Азбаски худаш ҳам беайб набудааст, ба чӯпонҳои баррадузд аз бинӣ боло гап зада натавониста, доимо нафасаш ба дарун меафтодааст.

*«Хорпуштак»*

**МАНА**

### 47. Мана ман гуфта истодан

ба чашм намоён, аён будан, маълум шуда истодан.

— Ако звено, бозор рафта будед-мӣ?

— Ту аз куҷо донистӣ?

— Тугуни миёнбандатон мана ман гуфта истодааст.

*Қ. Наимӣ «Роҳи дуруст» («Шарқи сурх»)*

**МАНАҲ**

### 48. Манаҳ задан

бисьёр гап задан, лаққидан.

1.— Бисьёр манаҳ назан, вақти ин гапҳо не...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Онҳо хуб манаҳ зада лакот шуданду хобашон бурда монд.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. I*

### 49. Манаҳ тафсидан

гарми суҳбат шудан, бисьёр гап задан, лаққидан.

Дар ин ҷо аз гап гап баромаду манаҳ тасфид...

*А. Деҳотӣ «Асарҳои мунтахаб»*

**МАНГАР**

### 50. Мангар, ки кӣ мегӯяд, бингар ки чӣ мегӯяд

аҳамияти гап ба зоҳири гӯянда вобаста набуда, балки дар моҳият ва маънои гапи ӯ мебошад, бояд ба маънои сухан эътибор кард.

1. Ба суханони монанди худашон дасторкалонон гуш андозад ҳам, гуфтаҳои мо барин касон маъқул бошад ҳам, писанд намекунанд ва сухани пурҳикмати «мангар, ки кӣ мегӯяд, бингар, ки чӣ мегӯяд»-ро намедонанд, агар донанд ҳам, худро ба нодонӣ мезананд».

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. I*

2. — Охир, дӯстам Қодиров, «манигар, ки кӣ мегӯяд, бинигар, ки чӣ мегуяд?» гуфтаанд. Ман наход ҳақ надошта бошам, ки камбудии вайро гӯям.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

**МАНЗУР**

### 51. Манзури назари касе кардан

1. чизеро ба касе нишон додан, 2. пешкаш, туҳфа кардан.

— Модом ки манзури назар кардан мехоҳед, ба ман диҳед, ки ман хислату хизматҳои ин чизро (приёмникро — *М. Ф.*) як ба як намоиш диҳам...

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

**МАРГ**

## 52. Марги бо дӯстон (ёрон) тӯй аст

ҳар фалокат ва балоеро дар ҷамъият, дар қатори одамони дигар аз сар гузаронидан саҳлу осон аст, аз ҷамъият берун истодан хуб нест.

1. Як бор ин гуна муомиларо рӯзона карда будам, қариб буд, ки розам пеши падарам ошкор гардад.

— Ин тавр бошад, хуб,— гуфтам ман ночор ва илова кардам:

— «Марги бо дӯстон тӯй аст» гуфтаанд. Лекин ба хонаи Қорӣ Ишкамба рафтан ва руи номубораки ӯро дидан аз марг бадтар аст.

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

2. Азбаски ҳама ба колхоз медароянд, даромадани ман ҳам зарур шуда монд. Аз даруни ҷамоат берун баромада намешавад. Ҳар чанд бад бошад ҳам, «марги бо ёрон тӯй аст» гуфтаанд.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

## 53. Марги муфоҷотро гирифтан

бо марги ногаҳонӣ мурдан, ба аҷали бемаҳал дучор шудан.

— Балоро мегирӣ, марги муфоҷотро мегирӣ!

*Ҷ. Икромӣ «Тори анкабут»*

## 54. Марги хар бувад сагро арусӣ

аз мусибати касе фоида ёфтан, аз бадбахтии касе манфиате дидан.

— Айнан барои ҳамин хел мавридҳо гуфтаанд, ки «марги хар бувад сагро арусӣ»,— бояд ду сиёҳбахт маиб шуда аз кор мебаромадаанд, то ба ду нафар мо барин эҳтиёҷманд ҷой холӣ шавад...

*Ҳ. Ирфон «Ду ёр аз ду диёр»*
*(«Шарқи сурх»)*

**МАРД**

### 55. Мардро дар майдон бин

чӣ будани одамро бо кор, дар ҷанг месанҷанд.

— Зарар надорад, «мардро дар майдон бин» гуфтаанд, ба майдони ҷанг наздиктар равем, ана дар ҳамон ҷо маълум шуда мемонад...

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

### 56. Мардро майдон нишон медиҳад, харро ҷавлон

дар бораи ҳар касу ҳар чиз аз рӯи амалаш бояд сухан гуфт, мардиро амали кас нишон медиҳад.

— Ман ҳамин харро соли гузашта ба дусад танга харида будам, як сол боз аз барои ҳамин рӯз парво ва парвариш карда меоям. Агар хари ман аз ҳамин хари маслуқ монад, номамро мегардонам ва лақаби «хархӯрӣ» ба ман ҳаром шавад, бо ҳамин корд ишками харро қафонда мепартоям.

Муйсафед табассумкунон ба Истам гуфт:

— Оташин нашав, додар! «Мардро майдон нишон медиҳад, харро ҷавлон» гуфтаанд.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. I*

### 57. То мард сухан нагуфта бошад, Айбу ҳунараш нуҳуфта бошад

хислати баду нағзи инсон аз суханаш маълум мегардад.

1. Аммо «гурги борондида» — Аҳмадҷонро фиреб додан осон набуд. Вай сухани Юнусбойро, ки барои раиси «Роҳи нав» ҳеҷ чизи нав нагуфт, шунавам-нашунавам боз ба Нуралӣ чашми озмоиш дӯхт.

— Фикри ҷавонон чист? — вай ба парторги «Навобод» муроҷиат кард, то ӯро ба сухан орад, зеро гуфтаанд, ки «то мард сухан нагуфта бошад, айбу ҳунараш нуҳуфта бошад».

*С. Улуғзода «Навобод»*

2. «То мард сухан нагуфта бошад, айбу ҳунараш нуҳуфта бошад» гуфтагӣ барин, шахси ношинос ҳамин ки ба сухан даромад, дар дилам шубҳа пайдо шуд.

*«Хорпуштак»*

**МАРДИКОР**

### 58. Мардикор як танга, инҷобизанаш даҳ танга

нисбат ба коркун бисьёр будани балегуён, роҳбарон.

— Мегӯянд, ки «мардикор як танга, инҷобизанаш даҳ танга», ёрии ман хам аз қабили кори инҷобизан... Аз ин чо чин, дудаста чин, тозатар чин, ба курак пахта намонад, бале, бачем, офарин, духтарам, ва ҳоказо...

*Ҷ. Икромӣ «Ҳикматбобо»*
*(«Шарқи сурх»)*

**МАРОМ**

### 59. Мароми гапро ёфта гап задан

гапро донистa, бомулоҳиза ва дар ҷояш задан, пасту баланд гап назадан.

Лекин мароми гапро ёфта занед.

**МАРҲАМ**

### 60. Марҳами ҷон шудан

1. мувофиқ, рост омадан, айни муддао шудан, 2. чизе сабаби саломатӣ, роҳату осоиштагӣ, хурсандии касе шудан, дафъи ҳар нохушӣ, мусибате гардидан.

Тракторҳо барои заминҳои мо марҳами ҷон шуд.

**МАСЛИҲАТ**

### 61. Маслиҳат андохтан

маслиҳат кардан.

Набошад як бор ба пеши раис рафта маслиҳат андозем, канӣ, раис чӣ мегӯяд.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

### 62. Маслиҳатро дар (ба) як ҷо мондан

*Ниг.* Маслиҳатро пазондан.

1. Аҷаб нест, ки инҳо дар худи Бухоро маслиҳатро дар як ҷо монда бошанд...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Мо худи ҳозир ба назди мулло махдум Муҳаммад Туқсабо рафта маслиҳатро ба як ҷо мемонему коре карда тамоми аҳолиро ба ҷониби шумо мегардонем.

*Ғ. Абдулло ва Ш. Қиёмов «Тӯфон»*

### 63. Аз маслиҳати касе берун баромадан

мувофиқи маслиҳати касе кор накардан, маслиҳати касеро ба эътибор нагирифтан.

— Мана, бинобар он шумо ҳам аз маслиҳати ман берун набароед-дия.

*А. Усмонов «Мубориза»*

### 64. Ба маслиҳат даромадан

1. ба маслиҳат шурӯъ намудан, 2. розӣ шудан (ба фикре).

— Хуб мешавад! — гуфта ҳама ба маслиҳат даромаданд.

*Алихуш «Шестопалов»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 65. Маслиҳат дидан

*Ниг.* Маслиҳат донистан.

— Хайр, шумо чи ки гуед, чи ки маслиҳат бинед, мо гардан наметобем.

*«Барои адабиёти социалистӣ»*

### 66. Маслиҳат донистан

дуруст, мувофиқ, беҳтар донистан; писандидан.

1. Бинобар ин ман ҳам то омадани Қулмурод сабр карданро маслиҳат медонам.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

2. Ба гумонам, кирдору рафторам ба сардорҳо маъқул нашуда монду бинобар ин пеш аз вақт аз ман халос шуданро маслиҳат донистанд.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

3. Ӯ андак ором шуд, вале то тамом шудани ҷамъомад, пароканда шудани одамон аз ин ҷо дур рафтанро маслиҳат надонист ва боз ба паси девор гузашта нишаст.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. II*

### 67. Аз маслиҳат набудан

дуруст, нағз набудан.

Лекин ҳамроҳи як духтари наврасидаи соҳибҷамол ба як роҳи хатарноки пурмалол бе як мардинаи дигар баромадан аз маслиҳат набуд.

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

### 68. Маслиҳатро пазондан

ба як қарор, ба як фикр омадан.

Онҳо маслиҳатро напазонда. барои ҳамвор кардани кӯча ва гузаронидани водопровод трактор ва коргаронро даъват кардаанд.

*«Хорпуштак»*

**МАСТ**

### 69. Масту аласт гаштан

1. бепарво, мағрурона гаштан, 2. маст шуда гаштан.

1. Йигитчаҳои ҷомаи беқасаб, мӯзаҳои пошнабаланди америкоӣ пӯшидагӣ дар растаҳои байни чойхонаҳо масту аласт мегаштанд.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид» қ. I*

2. Доим масту аласт мегардад.

*С. Ғанӣ «Тӯй»*

### 70. Қасеро масти аласт кардан

сахт маст кардан.

Ба вай аз «кадом гӯри торик» мусалласи ҳафтсола ёфта омада будаанд, ки як қадаҳаш ҳар чи тавр одамро «масти аласт» мекард.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

### 71. Масти хоб будан

сахт дар хоб будан, ғарқи хоби ширин будан.

1. Ҳамин вақт ҳамаашон масти хобанд.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Аҳли ҷамоа аз кори рӯзона монда шуда, ҳоло ҳамагӣ масти хоб буданд.

*А. Деҳотӣ «Паёмҳои дӯстӣ»*

3. Ана, дар ҳамин лаҳза Ҷамила воқиф мешавад, ки Даврони ӯ масти хоб аст.

*К. Носиров «Орият»*

**МАСТӢ**

### 72. Мастию ростӣ

ҳар чӣ ба забони одами маст ояд, онро бе андеша мегӯяд, дар мастӣ сир ошкор мегардад.

1.— Дар вақти мастӣ як каттагӣ кардаанд-дия, холаҷон.— Мастию ростӣ гуфтаанд, отун,— ҷавоб дод зани раис...

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

2. — «Қайфаш баланд?» мебахшед.

— Ман маст-паст не. Раҳматӣ Бобо Сироҷ ба хотирам омадаанд. Мастию ростӣ.

*С. Ғанӣ «Арвоҳ»*
*(«Тоҷикистони советӣ»)*

3. Агар дар сари роҳ қаҳвахона ё майкадае бошад, медароем. Чунон ки мегӯянд, «мастиву ростӣ», ба ҳарфҳои мастон ҳам гӯш медиҳам...

*Р. Ҷалил «Ҳамида»*

**МАСХАРА**

### 73. Масхара доштан

касеро масхара, мазоҳ кардан.

Тарафи мо он муллобачаро «ӯид-ӯид» гӯён масхара доштанд.

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

**МАСЪАЛА**

### 74. Ба масъала гиреҳ андохтан

ба коре мамониат кардан.

— Имрӯз ба райком рафта будам, рафиқон Собирову Норзода ҳам аз паи тафтиши кори Сафар машғуланд, ягон кас ба ин масъала гиреҳи калон андохтагӣ барин...

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

### 75. Масъаларо кӯндаланг мондан (гузоштан)

масъалаеро ба таври қатъӣ ба миён мондан.

Ман масъалаи шуморо имрӯз дар маҷлис кӯндаланг хоҳам монд.

### 76. Масъалаи нугируймолӣ

масъалаҳоеро, ки баъзе касон барои ғолиб омадан дар мунозира ёд гирифта мемонанд, чистонҳо, муаммоҳо ва ҳисоби абҷад барин чизҳоро, ки маънои баъзе шеърҳоро, ки фаҳмидани он ба донистани ягон воқеа мавқуф аст *(С. А.)*.

Дар деҳот ҳар вақт дар миёни падарам ва имомҳо ҷанҷол мехест, лекин ӯ аз он ҷанҷолҳо ғолиб шуда мебаромад. Чунки ӯ «масъалаҳои нугируймолиро»... медонист, муллоҳои расмии деҳот бошанд, ин гуна чизҳоро намедонистанд...

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. I*

### 77. Масъаларо пазондан

1. масъаларо ҳал кардан, дар коре ба як қарор омадан, 2. касеро ба чизе розӣ кунондан.

1. Ин масъаларо пазондам.

*С. Ғанӣ «Тӯй»*

2. Шодӣ масъалаи таҷҳизонидани майдончаи спортӣ ва ташкил кардани кружокҳои мусиқиро ҳам пазонд.

*А. Баҳорӣ «Одамони шинос»*

### 78. Масъала пухтан

1. масъала ҳал шудан, 2. ба як фикр, як қарор омадан.

2. — Деҳқонбой ако, масъала пухт...

### 79. Масъала қарор ёфтан

*Ниг.* Масъала пухтан.

Масъала қарор ёфт, барои лаб накушодани дудилагон ва тарсончакон ҳам чора дида шуд.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

**МАСҶИД**

### 80. Дар масҷид хоб ҳам намекунам, хоби парешон ҳам намебинам

кори ношоиста намекунаму бесаранҷом ҳам намешавам.

Аз он хел оила келин карда, аз дунё бенасл гузаштан, ба ғазаби худо гирифтор шудан аст. Дар масҷид хоб ҳам намекунам, хоби парешон ҳам намебинам!

*Ҷ. Икромӣ «Лаҳзае ки дигар такрор намешавад» («Маориф ва маданият»)*

**МАШАҚҚАТ**

### 81. Машаққати чизеро аз димоғ баровардан

азобу уқубати чизеро аз хотир баровардан, аз азобу машаққат фориғ гардидан.

Машаққати 16-соатаро лаззати 15-дақиқагии ифтор аз димоғҳо хоҳад баровард.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

**МАШҒУЛ**

### 82. Машғули дарди дил будан

ғаму ғуссаи худро баён кардан, дарду ҳасрат кардан.

— Хезед,—гуфт Ашур ба ғуломоне, ки ҳамагӣ аз кор даст кашида машғули дарди дил буданд...

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

**МАЪНО**

### 83. Ба маънои гап пай бурдан

мазмуни гапро фаҳмидан, маънои гапро дарк кардан.

Дар он ҷо будагон тафсили суҳбатро нашунида бошанд ҳам, аз рамузи гуфтугуи Шодӣ ва Муҳаммадҷон ака ба маънои гап пай бурданд.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

**МАЪМУР**

### 84. Маъмур маъзур аст

ичрои фармоне, ки аз тарафи калонон дода шудааст, ба зердастон ҳатмист; ичрокунандаи фармон маъзур аст.

Қамина ба ҳукми он ки гуфтаанд: «Маъмур маъзур аст» ба навиштани он ғазалҳо шуруъ намудам...

*С. Айнӣ «Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ»*

**МАЪРАКА**

### 85. Аз маъракаю маврид баровардан

аз касе руй гардондан, касеро аз қатор баровардан, касеро радди маърака кардан.

Агар ақиқа накунӣ, дур нест, ки калоншавандагони қишлоқ ба хотири домулло туро аз маърака ва маврид бароранд

*С. Айнӣ «Моҳрӯ» («Роҳбари дониш»)*

**МАЪҚУЛ**

### 86. Маъқул афтидан

маъқул шудан, чизеро маъқул ёфтан.

1. Маслиҳаташ маъқул афтод.

*Ч. Икромӣ «Тақдири бофанда» («Шарқи сурх»)*

2. Гапи духтар ба додараш маъқул афтод...

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

**МАҒЗ**

### 87. Мағзи гап

*Ниг.* Чони гап.

Аммо мағзи гап дар ин чост, ки мо аз аҳволу касалии вай бехабар будем.

*«Хорпушта»*

### 88. Мағзи устухон ба сузиш омадан

чизе ба касе ниҳоят сахт таъсир кардан, алам кардан; касеро ба фиғон овардан.

— Рафиқ командир, чунон чавоб навис, ки то мағзи устухонаш ба сузиш ояд.

*Ғ. Абдулло ва Ч. Қиёмов «Туфон»*

### 89. Ба мағз (мағз-мағз)-и устухон расидан

1. аз чизе сахт ба танг омадан, тоқати касе тоқ шудан, безор шудан, 2. *Ниг.* Ба мағзи дил расидан.

1.— Акнун ба мағзи устухонам рафта расид!.. Дигар тоқат надорам!

*«Занони Тоҷикистон»*

2. Зеро танқиди беғаразона ба мағз-мағзи устухони ин зӯровар расида буд.

*«Хорпуштак»*

**МАҒЗОБА**

### 90. Мағзобаи кори касе баромадан

камбудӣ, норасоӣ, чатоқии кори касе ошкор шудан.

Онҳо диданд, ки мағзобаи корашон мебарояд, дархол аз лаҷоми аспи раиси комиссия ғирифтанд.

*«Хорпуштак»*

**МАҚОМ**

### 91. Мақоми нав баровардан

гапи нав бофта баровардан; ҳилаю найранги наве кардан.

— Акнун онҳо мақомҳои нав баровардан мегиранд.

**МАҚСАД**

### 92. Мақсад ба даст даромадан

ба мақсад расидан.

Маслиҳат карда кор кунед, ҳам мақсад ба даст медарояд, ҳам ҳақ ноҳақ намешавад!

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 93. Мақсад ҳосил шудан

ба мақсад расидан, орзую ҳавас иҷро гардидан.

Мақсади муаллимамон ҳосил шуда буд: мактаби нав бартарии худро нисбат ба мактаби кӯҳна исбот кард.

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

**МАҲ**

### 94. Маҳ кард, ки таҳ мекунад

1. кадом кореро ба анҷом расонида буд, ки акнун инро ҳам ба анҷом расонад, 2. аз уҳдаи кор намебарояд.

1. Замонҳо тинҷ шавад, сонитар мехондагист.

— Хонданро маҳ кард, ки корро таҳ кунад! — ғут-ғут кард норозиёна падараш.

*А. Баҳорӣ «Одамони шинос»*

2. — «Хондагиҳо маҳ карданду Зиёда таҳ мекунадмӣ»,— сохтакорона лабони ғафсашро инҷ намуд Қосимов ва илова кард: — синфи ҳафтумро тамом кард бас.

*«Маориф ва маданият»*

3. Ҳой, агар духтарро ба ҳолаш монед, чӣ номаъқулиҳо намекунад, ҳамин қадар хондагиҳо маҳ карданд, ки ин таҳ мекунад?

*Қ. Наимӣ «Ман бо шумо»*

**МАҲЗ**

### 95. Маҳз ба хотири шумо

барои шумо шуда, шуморо гуфта, барои иззату икроми шумо шуда...

Маҳз ба хотири шумо шуда ба ин ҷо омадам.

**МАҲР**

### 96. Маҳри духтари нододанӣ вазнин аст

касе ки духтари худро ба касе ба занӣ надоданӣ бошад, узри бисьёр меоварад, маҳри аз ҳад зиёд талаб мекунад.

— Ба хушбахтии ту, бахшидаат (духтар) бадномо нест, бинобар ин ба у толиб бисьёр аст. Мо ягон касро ранҷондан намехоҳем, бинобар ин ба хостгорҳо «равед, мо ба шумо духтар намедиҳем» намегуем, лекин чунон ки «маҳри духтари нододанӣ вазнин аст» гуфтаанд, ба у баҳои баланд мемонем.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. I*

**МАҶЛИС**

### 97. Маҷлиси касе ҷушидан

маҷлис, сӯхбати касе тафсон, дар авҷ будан.

Маҷлиси қаландарон торафт меҷушид, аммо сӯхбати мо дар бораи онҳо пир шуд, мо рафтан хостем.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. II*

**МЕВА**

### 98. Меваи дарахт, зери дарахт

хешон бо хешони худ, касе ё чизеро бегона накарда ба аз они худӣ додан.

Агар тақдир рафта, ба вай хонадор шуда монӣ, ҳузур мекунӣ. Ҳам ман осуда мешавам, ҳар чи ҳам бошад аз они худӣ, ҷону ҷигар, меваи дарахт, зери дарахт.

*Ҷ. Икромӣ «Лаҳзае ки дигар такрор намешавад» («Маориф ва маданият»)*

**МЕДИДАГӢ**

### 99. ...медидагӣ (шудан)

дар ҳусн зебо шудан, маъқули дигарон гардидан, ба назар намоён ва назаргир шудан.

1. Вай қариб ба қади худат баробар шуда, ду-се кас медидагӣ шуда мондааст.

*«Занони Тоҷикистон»*

2. Писарашро худатон медонед, ки бачаи нагзи ду кас медидагӣ...

*Ф. Ансорӣ «Имтиҳон»*

**МЕШУДАГӢ**

### 100. Мешудагиаш шуд

адаби худро дид, мулзам, шарманда шуд; ба ҷазои худ расид.

— Лекин, ба назарам, ҳамин шаб мешудагиаш шуд, ман аминам, ки баъди ин хел калтаки обдор (уро сахт танқид карда буданд — *М. Ф.*) корашро ҷоннок мекунад.

*«Тоҷикистони советӣ»*

## МЕЪДА

### 101. Меъда хунук шудан

хўрокро нағз ҳазм карда натавонистан, иштиҳо надоштан.

— Хайрият, ки меъдаатон хунук шуда аз иштиҳо монда будаед, вагарна тамоми дуньёро нахоида фуру мебурдед...

*С. Айнӣ «Марги судхўр»*

## МЕҲМОН

### 102. Меҳмон бо ризқаш меояд

барои меҳмондории меҳмон ҳамеша масолеҳи лозимӣ ёфт мешавад.

Халқи қирғиз, ҳар қадар камбағал, кашшоқи моламьяшоқ бошад ҳам, меҳмони ба манзилаш омадаро бе ягон хўроки гарм гусел накунад, мурд гуфтан гир. Охир, «Меҳмон бо ризқаш меояд» гуфтаанд некон.

*Р. Ҷалил «Шўроб»*

### 103. Меҳмон ба хона баракат меоварад

аз меҳмондорӣ ризқи соҳиби хона кам намешавад.

— Ту ба онҳо гуй, чароғам, гумон накунанд, ки дар ин ҷо буданашон ба ман вазнинӣ мекарда бошад, «меҳмон ба хона баракат меоварад» гуфтаанд азизон.

*Р. Ҷалил «Шўроб»*

## МЕҲНАТ

### 104. Меҳнати озод

меҳнати беистисмор, меҳнате ки барои фоидаи худи меҳнаткаш, халқ равона карда шудааст.

Фирузии инсон бувад аз меҳнати озод,
Ободии даврон бувад аз меҳнати озод,
Қувват ба дилу ҷон бувад аз меҳнати озод,
Шавқу шарафу шон бувад аз меҳнати озод.

*С. Ҷавҳаризода «Баҳори дўстӣ»*

### 105. Бо меҳнат пухтан

дар меҳнат обу тоб ёфтан, меҳнат карда ба воя расидан.

Миёни ӯ, ки бо меҳнат пухта буд, мушакҳои ӯ, ки бо ҳаракат расида ва пурра шуда буданд, дастҳои ӯ, ки резинвор чандир буданд, барои ба амал овардани ғайрати худаш ёрӣ медоданд.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 106. Меҳнату роҳат

меҳнат кунӣ, роҳат мебинӣ, роҳат аз меҳнат ҳосил мешавад.

1. Суҳбати ман гарм буд он ҷой бо колхозчиён
Ҳар яке бо пурсишаш мекард кори худ баён,
«Меҳнату роҳат» ҳамеғуфтанд меҳнатдӯстон,
Ҳуҷҷати нақле ки мекарданд, аз кору самар,
Ҳамчу асбоби аёнӣ буд дар пеши назар.

*С. Ҷавҳаризода «Баҳори дӯстӣ»*

2.— «Меҳнату роҳат» гуфтаанд.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

### 107. Меҳнат сӯхтан

меҳнати касе барбод рафтан, меҳнати касе бесамар шудан, барабас шудан.

1. Тағоият хонданро давом кунонд, аммо дигаронашон баъд аз ду-се сол дар мадраса истодан ба саҳро баромада, ҳар кадом дар деҳае имом шуда мардумфиребиро ривоҷ доданд. Меҳнатҳои ман сӯхт.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. I*

2. Заминҳои Регар сербарака буда, меҳнат намесузад.

*«Хорпуштак»*

**МЕҲР**

### 108. Меҳри касе ба дили касе нишастан

касе ба касе маъқул шудан, касеро дӯст доштан.

— Хайр, ин тавр бошад, азбаски меҳри ту ҳам аз лаҳзаи аввал ба дили ман нишастааст, ман бе муқаддима саргузашти сердарди сари худамонро ба ту нақл мекунам...

*Ҳ. Ирфон «Ду ёр аз ду диёр»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 109. Меҳри касе, чизе ба дил ҷо шудан

касе, чизеро дӯст доштан, нағз дидан.

Ватан, меҳрат ба дил азбаски ҷо шуд,
Дилам аз хуррамӣ чун ғунча во шуд.

*М. Турсунзода «Асарҳои мунтахаб»*

### 110. Меҳр бастан

касеро нағз дидан, нисбат ба касе меҳру муҳаббат пайдо кардан.

1. Ана ҳамин тавр ту барин, Муҳсинҷон барин ҷавонҳоро дида монам, зуд меҳр мебандам...

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

2. Меҳр бастӣ ба одамони Ватан,
Ба занону ба кӯдакони Ватан.

*М. Турсунзода «Асарҳои мунтахаб»*

3. Наход вай аз мо дида ба Пётр зиёдтар меҳр баста бошад?

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

4. Худам ба колхоз меҳр баста истодаам.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

### 111. Меҳр дар чашм

меҳру муҳаббат бо дидану суҳбати якдигар пайдо ва зиёд мешавад.

1. Ба хонаи мо ҳам биё, чунки, ҳамшира, «меҳр дар чашм» гуфтаанд.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

2. «Меҳр дар чашм» гуфтаанд, ки рост. Ҳар қадар, ки Зиёдаю Камолро бисьёртар медидам, дилкашолиам ба онҳо ҳамон қадар зиёдтар мешуд.

*Р. Ҷалил «Ҳамида»*

## 112. Меҳр мондан

*Ниг.* Меҳр бастан.

Ман ҳам ба вай меҳр монда дугонаи ҷонӣ гуфта будам.

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

**МИЁН**

## 113. Касеро ба (дар) миён (миёна) андохтан

1. номи касеро ба миён овардан, касеро номбар кардан, 2. касеро восита кардан, миёнарав намудан.

1. Дар бораи ҳар чи ки гуфтугу кардем, дарров падаратро ба миён меандозӣ.

*К. Носиров «Орияг»*

2.— Писарам, ту дилтангӣ накун ва ҳар касро дар миён наандоз, ман пасу пеши худро дида асбобҳои туйро тайёр кунам, баъд амри хайри шумоёнро пеш мегирам.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

## 114. Миён ба миён шудан

1. гуштӣ гирифтан, зурозмоӣ кардан, 2. занозанӣ кардан.

— Қадамон ҳамин қадар шуда, то ҳоло ба ягон кас миён ба миён шудани шуморо надидаем.

*Б. Азизӣ «Кӣ полвон?»*
*(«Шарқи сурх»)*

## 115. Аз миён бардоштан

монеаеро бартараф кардан, нест кардан, маҳв кардан.

1. Агар аз ин зиёд ба кори мо халал расонанд, аввал онҳоро аз миён бардорем.

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

2. Бояд аввал нохалафҳо ва душманонро, онҳое ки садди роҳи мо мешаванд, аз миён бардорем.

*Ҷ. Икромӣ «Тори анкабут»*

### 116. Миёнро баста кор кардан

ба коре аз таҳти дил часпидан, бо кӯшишу ғайрат, нағз кор кардан.

1.— Акнун ба ҳар дуятон ҳам остинро болотар барзада, миёнро маҳкамтар баста кор кардан лозим меояд, фарзандонам.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

2. Хоби гарон роҳати ҷон халал мадеҳ бе сабаб,
Мон, дигарон баста миён кор кунанд рӯзу шаб.

*М. Турсунзода «Асарҳои мунтахаб»*

### 117. Миён бастан

1. барои иҷрои амале тайёр, омода будан, азму ирода кардан, ба иҷрои чизе шурӯъ кардан, 2. ғайрату кӯшиш кардан.

1. Бар даъвати пурнусрати сарлашкари олӣ
Бастанд ҳама мардуми мо сахт миёнро.

*С. Айнӣ «Ашъори мунтахаб»*

2. — Ба фикри ман,— гуфт Сафар-Ғулом,— он дастаро аз дасти ӯ баргашта гирифтан муносиб нест. Ӯ дар пиронсолӣ аз сари нав ҷавон гардида, сар то пояш ғайрати муҷассам шуда, барои то охир ниқоргирӣ аз душманони синфӣ миён бастааст.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

3.— Қанӣ дигарҳо,— ба ҷавонписарон рӯй меоварад ӯ,— миёнро мустаҳкам бандед.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 118. Миёни чизе (коре) бурида шудан

давоми чизе қатъ гардидан.

— Холамулло, гӯр савдои бемаҳали мардакам шавад, миёни китобхонӣ бурида шуд.

*А. Деҳотӣ «Ҳаёт қадам мезанад»*

### 119. Миёни чизеро буридан

давоми чизеро қатъ кардан.

1.— Хайр, вақту соаташ расад, ягон гап мешаваддия! — боз миёни суханро бурид Одил.

*А. Деҳотӣ «Паёмҳои дустӣ»*

2.— Ҳамдам, келинро зудтар гирифта биёр! — гуён дилтангона чеғ задани бой миёнаи ин ҷанҷолро бурид...

*С. Айнӣ «Ятим»*

### 120. Миёни (ду кас) вайрон шудан

дар байни ду кас нохушӣ, низоъ руй додан, алоқа канда шудан.

Аммо чӣ шуд, ки дар болои ин духтар бо амир миёнашон вайрон шуд.

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

### 121. Ба миён гирифтан

1. касеро миёнагир кардан, 2. насиҳатборон кардан.

Секаса аз пушт тохта рафта уро боз ба миён гирифтанд.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

### 122. Миён дард накардан

барои чизе меҳнат накардан, азоб накашидан; мусибате надидан, чизеро ба осонӣ ба даст даровардан.

1.— Миёнатон дард накардааст, намедонед, ки дар бинои ин мадраса чӣ қадар пул сарф шудааст ва он пул аз куҷо ва ба чӣ гуна меҳнат ба даст даромадааст, бинобар ин ба мадраса он муомиларо мекунед, ки ба хонаи падаратон мекарда бошед.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

2.— Вагарна замини нимтанобиро тахминан чор таноб гуфта ҳосили як ман набударо даҳ ман қарор дода аз руи ҳамин мол карда рафтан мегиранд. Дар ин гуна корҳо миёни онҳо дард намекунад.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 123. Ба миёни (миёна, мобайн) касе, чизе даромадан

1. ба ҷанҷоли касе ҳамроҳ шудан, даxолат кардан, 2. касеро ҳимоя кардан, тарафи касеро гирифтан, 3. восита, миёнарав шудан.

1. — Вай, чӣ шуд ба шумо, бой, ба миёни бачаҳо ҳам медароед-мӣ?

*С. Саидмуродов «Раъно»*

2. Лекин бо ин одам гап зада нишастан бефоида аст, инро Ибодулло махдуми таракачӣ мегуянд, ки дар золимӣ ном баровардааст, ҳаққи сағиронро ман саришта ва ҳисобӣ мекунам гуфта ҳамаашро мехурад, агар ягон одам бимирад, ки писари баркамол надошта бошад, «ворис доштанаш собит нашуд» гуфта ҳама чизҳои уро подшоҳӣ мекунад, агар касе ба миёна дарояд, ба вай ягон тухмат карда ба балое гирифтор мекунад...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

3.— Агар Фотима ба мобайн намедаромад, дар ду дуньё ҳам бо у ру ба руй намешудам.

*Ғ. Абдулло «Шери занҷиршикан»*

4.— Аммо ба ту чӣ ки ба миёна медароӣ?

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 124. Миён кушода гардидан

1. ҷанҷол бартараф шудан, 2. ҳисоб баробар шудан, 3. масъалае ҳал шудан, 4. ба муросо омадан.

Ҳар вакт ки гаравгир ё гаравдеҳ хоҳад, маблағ ва ҳуҷра ба соҳибаш гардонда шуда миёнашон кушода мегардид.

*С. Айнӣ «Еддоштҳо», қ. II*

### 125. Ба миёни чизе лагад (лағад) задан

гапи касеро дағалона буридан, ба гапи касе, ба коре халал расонидан.

1. Ғурбатхола тоқат карда натавониста, ба миёни гапи муаллим лагад зад...

*А. Деҳотӣ «Паёмҳои дӯстӣ»*

2. Ин ҳавои лаънати ба миёни кор лагад зада истодааст.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

### 126. Қасеро дар миён мондан

касеро ба коре восита кардан.

Ана ҳамин одам дар ҳавои дарсгӯй афтодааст, аммо ягон кас наёфтааст, ки ба худ шогирд кунад, бинобар ин ҳамшираашро дар миён мондааст, ки писараш Мирқодирро гуяд, ки дар пеши ӯ як дарс хонад.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III*

### 127. Миёни мурдаҳо шаҳид

касе ки ба кор бевосита дахл надошта бошад ҳам, тасодуфан ба миёна даромада мондааст.

Ин маҷлис то соати дуи баъди ними шаб дароз кашид. Ман дар Бухоро бори якум суҳбати одамони зиндадил ва адабиётдӯстро дида истода будам, ки аз ҳаёти то он вақт дар он мадраса дидаам бисьёр фарқ дошт. Домуллои кунҷакиам ва ҳамошони ӯ дар пеши онҳо ба назари ман мурда барин менамуданд. Дуруст аст, ки онҳо ҳам дар қатори меҳмонони худ дар мавридҳои ханда механдиданд, аммо хандаи онҳо монанди хандаи «хирси Бобозода» бе ҳис кардани сабаби ханда буд... Оре дар байни меҳмонон ҳам Мулло Оқил барин касе ки «миёни мурдаҳо шаҳид» номида шудааст, ёфт мешавад.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. II*

### 128. Дар миёни обу оташ мондан

дар мобайни ду қувваи бо ҳам зид мондан; чӣ кор кардани худро надониста мондан.

— О, оча, ман дар миёни обу оташ мондам: уро ҳам бад мебинам, ҳам ёд мекунам.

*К. Носиров «Орият»*

### 129. Ба (дар) миён овардан

1. ба вуҷуд овардан, 2. изҳор кардан, масъалаеро ба миён гузоштан.

1. Аз ин ҷост, ки ин тарафи кор масъалаи дигареро ба миён меорад.

*А. Мирзоев «Биноӣ»*

2. Албатта, у маро ба гушае бурда матлабамро мепурсид ва ман масъалаи ҳуҷраро ба миён меовардам.

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

3. Ҳануз дегҳои туйро наканда ва оташҳояшро нагуронида, бой ҳисобу китобро дар миён овард...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

## 130. Ба миён омадан

1. ба вуҷуд омадан, пайдо шудан, 2. мавзуи баҳс гардидан.

1. Дастгир шудани Гулнор, монанди гирифтор омадани Ёдгор кори саҳл набуд, ки аҳолии дара бар вай тамошобин шуда монанд, зеро бо дастгир шудани Гулнор масъалаи номус ба миён меомад...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Дар ҳақиқат як китоби даркорӣ ба миён меояд.

*Р. Амонов «Дар доманаи кӯҳҳои кабуд»*

## 131. Аз миён рафтан

1. нопадид, нест шудан, барҳам хурдан, 2. мурдан.

1. Умри панҷсолаи домуллои сарсахт ва талабаҳои бадбахт дар муҳокима кардани ана ҳамин ҳошияҳо мегузашт, дар бисьёр вақт на танҳо масъалаҳои наҳви арабӣ ва гуфтаҳои Ҷомӣ аз миён мерафт, ҳатто гуфтаҳои ҳошиянависони мазкур ҳам ба як тараф монда, вақти дарси яксоата ба мунозираҳои байни устод ва шогирдон ва ба мунозираи байни худии шогирдон сарф мешуд.

*С Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. II*

2. Ҳайфо ки ёбандаи ин фикр аз миён рафтааст...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

## 132. Ба миёни сухан даромадан

сухани касеро бурида сухан кардан, ба сухан ҳамроҳ шудан.

Қотиб агарчанде ки аз суханони мусоҳиби худ дар ҳайрат монда бошад ҳам, ба миёни сухан надаромад

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

### 133. Миёни худро баста гирифтан

пулдор, молдор, тавоно шудан, сарвате пайдо кардан.

Аз он ҷумла бо қочоқчиён робитаи мустаҳкаме пайдо карда ва бо обу лой кардани молҳои гурезаи онон, ки аз хоки Усмонӣ, Эрон ва аз Ботум меомад, дар андак вақт миёнашро баста гирифта, худ соҳиби қаҳвахона ва ошхонаи калоне гардид.

*Ҳ. Ирфон «Ду ёр аз дӯ диёр» («Шарқи сурх»)*

### 134. Миёни худро дард накунонидан

меҳнат накардан, бо меҳнати сахт машғул нашудан.

— Чунки мо, Ҳасанҷон, меҳнат карда пул меёбему шумо ҳамту... миёнатона дард накунонида пул кор мекунед.

*П. Толис «Тобистон»*

### 135. Миёни чизеро шикастан

1. ба сухани касе халал расондан, гаперо қатъ кардан, 2. нотамом монондан, 3. зарба задан.

1. — Хомуш,— гуфта миёни сухани Ҳаитро шикаст.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2.— Лекин тезгузариён обдуздӣ карда будаанд, киштзори моро об пахш кунонданд, бисьёр чизҳои мо нобуд шуд. Миёни корамон ҳам шикаст.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

3. Лекин ҳамин беалафӣ ва бекоҳу бедагӣ як қадар миёни корро мешиканад-дия.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

**МИЁНА**

### 136. Дар миёнаи (мобайни) ду оташ мондан

дар байни ду зиддият, ду қувва, ду кас овора мондан.

1. Аз як тараф шумо ва аз тарафи дигар аскарони ҳукумат, мо дар миёнаи ду оташ мондаем.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Турдӣ медонист, ки агар таслим шавад, босмачиён на танҳо худаш, балки ҳамаи аскарони сурхро ваҳшиёна қатл хоҳанд кард ва агар таклифи Раҳмонқул Қурбоширо рад кунад, дар он сурат аз зану кудакаш ҷудо мешавад. Вай дар мобайни ду оташ монда буд.

*А. Дилбар «Диловарон»*
*(«Шарқи сурх»)*

**МИЁНАГИР**

### 137. Касеро миёнагир кардан

1. ба касе аз ҳар тараф гап задан, 2. касеро бо маломат ё насиҳат ба муросо овардан, 3. касеро ба чизе розӣ кунондан.

1.— Мана миёнагир кардани барин-ку шумо! — гуфт вай.— Ҳамаи ин гапҳо барои ба кор даромадани ман бошад, майлаш, ман аз худи пагоҳ дасту остинамро бар мезанам.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

2.— Туро кӣ озор дод; ҳоло ба ту ҳеҷ кас ҳеҷ чизе нагуфт,— гуфта духтарон келинро миёнагир карданд.

*«Барои адабиёти социалистӣ»*

**МИЁНАРАВӢ**

### 138. Миёнаравӣ кардан

восита шудан.

Сейум он ки Ҳамроҳбой ба вай даҳон задааст ва оқсаққол миёнаравӣ кардааст...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

**МИЖА**

### 139. Мижа ба мижа назадан

*Ниг.* Мижа назада баромадан.

Як шаби озод ман мижа ба мижа назадаам.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

### 140. Мижа назада баромадан

хоб накардан, хоб набурдан.

Тамоми шаб мижа назада баромадам.

*«Газетаи муаллимон»*

### 141. Мижа назадан

*Ниг.* Мижа хам накардан.

Тирҳои пулемёт, оҳанпораҳо ва снарядҳо беором ба суи у парида меомаданд. Вале ҷавонмард аз он даҳшатҳо мижа намезад.

*Ф. Ниёзӣ «Интиқоми тоҷик»*
*(«Роҳи пуршараф»)*

### 142. Мижа напушидан

*Ниг.* Мижа назада баромадан.

Имшаб хола мижа напушид.

*Ҳ. Карим «Ҳикояҳо»*

### 143. Мижа хам накардан

натарсидан, аз чизе парво накардан, дилро бой надодан.

Аз аҷалу марг надоред ҳазар,
Хам накунед мижа ба пеши хатар.

*М. Турсунзода «Асарҳои мунтахаб»*

### 144. Мижа хам нашудан

ба чизе диққат, парво, эътибор накардан.

Ҳазорҳо суми давлат ва ҷамъият беҳуда сарф шуда, ба ҳаво равад ҳам, ҳатто мижаашон хам намешавад.

*«Хорпуштак»*

**МИЗОҶ**

### 145. Ба мизоҷ даромадан

чизе ба касе одат шуда мондан.

Лузумияти дуруғ гуфтан ва дуруғ бофтан, ҳар замон ба ранги дигар баргаштан, ки ба мизоҷи у даромада монда буд, сол то сол ҳаёти уро тира ва ноҳинҷор мекард.

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

### 146. Мизоҷи тезу тунд

1. одами боғайрат, зиндадил, пурҷушу хуруш, 2. оташин, асабонӣ, бадҷаҳлу бадқаҳр.

Бо ғурури навҷавонию миҷози тунду тез
Аз дили гарданшахи гапношунав сар мекашад.

*Ғ. Мирзо «Ҳазор раҳмат»*

### 147. Ба мизоҷи якдигар нишастан

ба феълу хуи якдигар одат кардан; дар хую феъл мувофиқ омадан, ба якдигар маъқул шудан.

Вай ва модари угай ба мизоҷи ҳамдигар нанишастанд. Азизхон бо вай тоқати рӯ ба рӯ шудан надошт ва таслим намешуд.

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

**МИННАТ**

### 148. Миннати касеро набардоштан

аз касе худро миннатдор нашумурдан; гапи касеро набардоштан.

Бинобар ин ба кас гапашро ҳам намедоду миннати касеро низ намебардошт.

*Т. Усмон «Робиа қаҳрамони даврон шуд» («Машъал»)*

**МИС**

### 149. Миси касе, чизе баромадан

сирри касе, чизе ошкор шудан.

1.— Лекин шумо гуфтаи маро шунидеду амал накардед. Ана, оқибат миси коратон баромада монду мардум ба касофати он акнун ба сари ман чормағз шикаста истодаанд.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

2. Ҳангоме ки комиссияи тафтишотии Совети Хоҷагии халқии республика пастиву баландиҳои заводро аз ғалбер гузаронд, миси кор баромад.

*«Хорпуштак»*

3. Ҳамчун савдогари машина ва қисмҳои автомобили ба даст афтода мисаш баромада буд.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 150. Миси кор намоён шудан

*Ниг.* Миси касе, чизе баромадан.

— Зинҳор, ба сад зинҳор нахандетон, ки мабодо ӯ пай бурда миси кори ман намоён шавад.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. IV*

**МИСЛИ**

### 151. Мисли мурғи посухта

ҳаросон, ошуфтаҳол, бесарусомон, беқарор.

1. Қабиров мисли мурғи посухта ба чор тараф медавид.

*«Тоҷикистони советӣ»*

2. Йигитҳо мисли мурғи посухта намедонистанд, ки чӣ кор кунанд.

*«Барои адабиёти социалистӣ»*

**МО**

### 152. Мо дузд шудему шаб маҳтоб

дар чизе толеи касе натохтан, ба муқобили кӯшишу ҳаракати касе кори он омад накардан; бетолеъ будан.

— «Мо дузд шудему шаб маҳтоб». Имрӯз барои ба театр рафтан билет дода буданд, рафтем, ки ҳамон артисти бозӣ мекардагӣ касал шудааст. Аз ҳамин сабаб бозиро монондаанд, аз ҳамон ҷо гашта омада истодаем.

*С. Ғанӣ «Табассум»*

**МОБАЙН**

### 153. Ба мобайн даромадан

*Ниг.* Ба миён (миёна) даромадан.

1. Байни Каримбой ва Салоҳиддин маншаи сахт сар шуд. Колхозчиён ба мобайн даромада мунокишаро хобонданд.

*Қ. Наимӣ «Роҳи дуруст»*
*(«Шарқи сурх»)*

2. Ман ба мобайни одамон даромада, ба ҳар ош қатиқ шуданро бад мебинам.

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

### 154. Дар мобайни обу оташ будан

*Ниг.* Дар миёни обу оташ мондан.

Акнун у дар мобайни «обу оташ» буд. Ҳануз чӣ кор карданашро намедонист. Ба як қарори қатъи омада наметавонист.

*Ҳ. Карим «Ғулбону»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 155. Дар мобайн хунукӣ афтидан

дар мобайни ду кас дилмонӣ, хафагӣ, ранҷиш руй додан.

Агар медонистам, ки оқибат дар мобайни ману ту ҳамин қадар хунукӣ меафтодааст, даҳан во намекардам.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

**МОДАР**

### 156. Модарро дил месузад, дояро доман

бегона ҳар чанд наздик бошад ҳам, боз аз сидқи дил ғамхорӣ намекунад.

— «Модарро дил месузад, дояро доман» гуфтаанд. Он чи ки дили Норбибӣ барои бачаҳояш сухта, ғами сиҳат-саломат калон шудани онҳоро мехурад, ба ҳама маълум, аммо, доя, шумо ҳам бо миёнравии худ дар ҳақиқат мехоҳед, ки ҳам ин кудакҳо дар пеши падарашон беиллату зиллат калон шаванд ё ягон мақсади дигар доред?

*Ф. Ниёзӣ «Духтари ҳамсоя»*

### 157. Модари зори касеро нишон додан

*Ниг.* Очаи касеро нишон додан.

— Устоамак натарсед, ман ҳозир модари зори ин «ачина»-ро нишон медиҳам!

*«Барои адабиёти социалистӣ»*

**МОЛ**

### 158. Мол ба соҳибаш монанд набошад, ҳаром

1. дар мол ҳатман донишу ҳунари соҳиби мол намоён аст, 2. ба касе ё чизе феълу атвори соҳибаш таъсир мекунад, аксаш мезанад.

Мол ба соҳибаш монанд набошад, ҳаром мегуянд. Лаҳад ҳам ба падараш монандӣ дошт.

*«Машъал»*

### 159. Мол ба ҳаром баромадан

беҳуда рафтан, нобуд шудан.

Агар асп аз вай ёфт нашавад, «молам ба ҳаром баромада будааст» гуён ба тақдирам тан дода меравам.

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

### 160. Моли муъмин — хуни муъмин

1. моли ҳар кас ба худаш азиз аст, ба ҷонаш баробар аст, 2. ба моли касе даст дароз кардан хиёнат аст.

1.— Он қадар пули казоӣ не, як маблағи андак буд, ҳамин тавр бошад ҳам, пул гум кардан ба кас бисьёр алам мекардааст.— Албатта, албатта,—«моли муъмин— хуни муъмин», аз бадани кас хун барояд, андак ҳам бошад, алам мекунад.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. II*

2.— Зарар надорад, зарар надорад, як порча намади сухта баста шавад, ҳамааш ба ҳам меояд. Ту бачагӣ кардӣ, нодонӣ кардӣ, ин шуриши Арбоб ба ту ва туро заданаш аз дилсузӣ аст, туро «ҳушьёр шав, одам шав» мегуяд. «Моли муъмин — хуни муъмин» гуфтаанд, ту моли Арбобро талаф кардӣ, гуё хуни уро рехтӣ.

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

### 161. Моли касеро хурдан

чизи касеро гирифта гашта надодан; ба моли кас хиёнат кардан.

«Дуздӣ накардаам», «моли мардумро нахурдаам»...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 162. Моли ҳаром

моле, ки бе меҳнат, ғайриқонунӣ ба даст даровардa шудааст (моли дуздӣ, моли муфт).

Дар хонаи ман ба моли ҳаром ҷой нест!

## МОНАД

### 163. Монад-чӣ

ба хоҳиши касе розӣ нашуда, касеро ба ҳоли худаш намонда, маҷбуран; гуш кунад-чи..., фаҳмад-чи...

Ҳар чанд мегуям, ки, ҳой ошно, ман чил руз зиёд ин тараф дар турма будам, ғилмаку шилмакҳои бе ҳеҷ сару бар ба хона мондагӣ дорам, тезтар рафта диданӣ. Монад-чӣ!

*Р. Ҷалил «Шуроб»*

**МОНАНД**

### 164. Монанди аспи қашқа

1. ба ҳама маълум, 2. аз ҳама фарққунанда.

Назараш ба Ш. ном шахсе афтод, ки дар район монанди аспи қашқае ба ҳама маълум аст...

*«Хорпуштак»*

### 165. Монанди балои осмонӣ

мусибат ва фалокати ногаҳонӣ.

Ба ҳамин тариқа, ногаҳонӣ дар чашми толибони даҳьяк монанди балои осмонӣ ҳозир шуда даҳьякро гирифтам.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

### 166. Монанди гавҳараки чашм нигоҳбонӣ (эҳтиёт) намудан

касе, чизеро хеле эҳтиёт, саришта кардан.

Машинаҳоро монанди гавҳараки чашм нигоҳбонӣ намудан ва аз онҳо ба қадри даркорӣ фоида бурда тавонистан лозим аст.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 167. Монанди гушту нохун бо якдигар часпидан (пайваста будан)

бо ҳам зич, мустаҳкам пайваста будан, бо ҳамдигар алоқаи мустаҳкам доштан, ҷудонашаванда будан.

1. Мардуми ин дара монанди гушту нохун бо якдигар часпидаанд...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Агар алоқаи боғча ва оила монанди гушту нохун бо ҳам пайваста набошад, дар тарбияи бача муваффақият ба даст овардан мумкин нест.

*«Маориф ва маданият»*

### 168. Монанди мум шудан

ниҳоят мулоим, хушрафтор, мутеъ, гапдаро шудан.

Дар қишлоқ комитет вуҷуд дошт, фақат вай дар дасти Аҳмадбойҳо монанди мум шуда буд; хоҳанд ба ҳар тараф гардонида метавонистанд.

*Ҷ. Икромӣ «Тирмор»*

### 169. Монанди обу ҳаво лозим будан

хеле зарур, муҳим будан.

— Дар ҳақиқат ҳам ҳозир ёрдами шумо монанди обу ҳаво лозим аст.

*М. Рабиев «Орзуи ҷавонӣ»*
*(«Маҷмуаи пьесаҳои якпардагӣ»)*

### 170. Монанди оина равшан будан

хеле маълум, равшан, бешубҳа, баҳсноталаб будан.

Барои чӣ ва ба кӣ хизмат карда истоданаш ба вай монанди оина равшан аст.

*Ҷ. Икромӣ «Аз Москва чӣ овардӣ?»*

### 171. Монанди офтоб аст

*Ниг.* монанди оина равшан будан.

Дар ҳамаи муваффақиятҳое, ки халқҳои Иттифоқи Советӣ, аз он ҷумла халқи ман ба даст овардаанд, мадади бародаркалони мо — халқи рус намоён аст... Ин монанди офтоб аст, ки бо доман пушида наметавонӣ.

*Р. Ҷалил «Ҳамида»*

### 172. Чизеро ба монанди панҷ панҷаи худ донистан

чизеро ниҳоят нағз донистан; бо чизе (касе, ҷое) комилан шиносо будан.

1. Ман ҳама ҷоро панҷ панҷаам барин медонам.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. I*

2. Раис! Раисе ки тамоми колхозро монанди панҷ панҷаи худ медонад...

*Ҷ. Икромӣ «Як қаҳрамони асри мо»*

### 173. Монанди сурати девор рост истодан

бе ҳаракат, шах шуда мондан; моту мабҳут гардидан.

Аз ин аҳвол дар ҳайрат афтода, монанди сурати девор ба кунҷе рост истода буд...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 174. Монанди сузану ришта будан

аз ҳам ҷудонашаванда, бо ҳам хеле наздик, дуст будан.

Ин ҳар се бениҳоят улфату мунис ва ҳамеша монанди сузану ришта бо ҳам будаанд.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

### 175. Монанди тут резондан

одами бисьёреро аз по афтондан, қир кардан.

Пулемёти мо душманро монанди тут мерезонд.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

### 176. Монанди як тану ҷон будан

ниҳоят дуст, аҳл, иттифоқу якдила будан.

Охир одамони диёри мо дар ҳар ҷо ки бошанд, ҳама монанди як тану ҷонанд.

*Р. Ҷалил «Ҳамида»*

### 177. Монанди Ҳотами Той

ҷавонмардона, олиҳимматона, бо саховат.

Гап дар сари он аст, ки директор он панҷ сар модаговро монанди Ҳотами Той битамом ба ихтиёри подабон Зайниддинов супурда, бо мақсади то ба охир «олиҳиммат» будан, дар бораи шири он ҳатто хотиррасон накардааст.

*«Маориф ва маданият»*

**МОНДАН**

### 178. Аз ҷое мондан

1. ба ҷое нарафта мондан, 2. маҳрум шудан; бебаҳра мондан.

Ба касофати ту шуда аз бозор мондам.

### 179. Мондан гиред...

бовар кунед, асло напурсед.

1. Таърихи ин китоб чунон бой аст, ки мондан гиред!

*«Тоҷикистон»*

2.— «Дили додою оча хонаи меҳри бача» мегуянд, ҳамшира. Инҳоро дар он ҷо он қадар ёд карда будам, ки мондан гир.

*Р. Ҷалил «Шуроб»*

3.— Хабар дошту пинҳон кардааст. Ману ту барин даҳонаш номустаҳкам нест. Ту бошӣ ҳай такпурсию борикресӣ мекунӣ, ки мондан гир!—ҳам ҷиддию ҳам ҳазломез гуфт ба у Буров.

*Р. Ҷалил «Шуроб»*

**МОНДАГӢ**

### 180. Мондагии худро баровардан

дам гирифтан, истироҳат кардан.

Лекин барои онҳо муяссар нашуд, ки бар руи ин бистар ёзида мондагиҳои худашонро бароранд.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 181. Мондагии худро гирифтан

чизи аз даст додаро ба даст даровардан, камии чизеро пур кардан.

Акнун хуб кӯшиш карда хон, ки мондагиҳоятро гирӣ.

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

**МОНДАНӢ**

### 182. Монданӣ надоштан

фарқ ва камӣ надоштан, як хел будан.

1. Ман бовар мекунам ва дида истодаам, ки шумо аз ҷиҳати қаду бастатон ва ақлу фаросататон аз дигарон монданӣ надоред.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

2. Қишлоқи мо акнун дар ободӣ аз шаҳр монданӣ надорад...

*«Васияти Ленин»*

3.— Духтари шумо дар ақлу фаросат аз писар монданӣ надорад-ку.

*Ф. Ансорӣ «Имтиҳон»*

**МОНЕЪ**

### 183. Монеъ омадан

ба касе, чизе халал расонидан, ба чизе монеъ шудан.

Ба сабаби монеъ омадани қозикалон ҳар чанд уро аз мадраса пеш карда натавониста бошанд ҳам, аз таҳқир кардани у, аз гап паррондан ба у боз намеистоданд.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. II*

**МОР**

### 184. Морро аз хонааш баровардан

*Ниг.* Бо сухани ширин морро аз хонааш баровардан.

— Хуб одами усто-куя ҳамон Абдулатиф-ако! Морро аз хонааш мебароранд.

*П. Толис «Тобистон»*

**МОРГАЗИДА**

### 185. Моргазида аз ресмони (арғамчини) ало метарсад

1. касе ки дар коре шикаст хурда бошад, бори дигар дар иҷрои он кор тарсону эҳтиёткор мешавад, 2. тарсида мондан, 3. таҷрибанок, пухта шудан.

1. Баъди мурдани Атохон тамоми умеду орзуи чолу кампир... Қутбиддин шуда монд. «Моргазида аз ресмони ало метарсад» гуфтагӣ барин ягон ҷои Қутбиддин, ки дард кард, ҳар ду ба чор тараф метохтанду табиб мекофтанд.

*«Тоҷикистони советӣ»*

2. Меҳрбону «моргазида аз арғамчини ало метарсад» гуфтагӣ барин хавотир шуда гуфт: — Не, ман ғайр аз шумо бо ҳеҷ каси дигар намеравам. (Уро пеш аз ин фиреб дода буданд — *М. Ф.*).

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

3. Сабил, моргазида аз ресмони ало метарсад гуфтагӣ барин, худатон ҳам аз ҳад зиёд бадгумон шуда мондаед, бек.

*С. Улуғзода «Қалтакдорони сурх»*

МОТ

## 186. Мот кардан

касеро ҳайрон кардан, ба ҳайрат овардан, қоил кунондан.

Наққошу кандакор, наҷҷору меъморони тоҷик бо ҳунари латифу зарифи худ асрҳост, ки мардуми оламро мот кардаанд.

*Т. Усмон «Кашфи асрор»*

## 187. Моту мабҳут кардан

*Ниг.* Мот кардан.

Якбора ин тавр муҳокима карда мондани Муҳаррами Ғарҷ мардҳои дар он ҷо бударо гаранг ва моту мабҳут карда монд.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

## 188. Моту мабҳут шудан

ҳайрон шудан, ба ҳайрат мондан, қоил шудан.

1. Оймулло дақиқае чизе нагуфта, ҳайрон ва моту мабҳут шуда монд.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

2. Чашми бек ба ҳавзи лаболаб афтода буд, ки моту мабҳут шуда, об дар даҳонаш хушк ва сухан дар забонаш банд гашт.

*Ҳ. Ирфон «Ду ёр аз ду диёр»*
*(«Шарқи сурх»)*

МОШ

## 189. Мошро аз биринҷ фарқ кардан

1. нағзро аз бад фарқ карда тавонистан, 2. аз ӯҳдаи коре баромада тавонистан.

Ҳар кас калла дорад, фикру андешаи мустақил дорад, мошро аз биринҷ ҷудо карда метавонад.

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

МОҲ

### 190. Моҳро аз осмон канда (гирифта) додан

хоҳишеро, ки иҷроаш мушкил аст, иҷро намудан; ба иҷрои ҳар хоҳиш тайёр будан.

1.— Агар хоҳӣ,— мегӯяд вай,— моҳро аз осмон канда медиҳам.

*«Хорпуштак»*

2.— Меҳрихон! Агар хоҳед, моҳро аз осмон канда гирифта медиҳам,— лофи муҳаббат мезад Мансур.

*«Хорпуштак»*

### 191. Моҳи бедоғ

беайб, бенуқсон; бегуноҳ.

— Уҳу, моҳи бедоғро бинед! — тамасхур карда гуфт Сабоҳат.

*Р. Амонов «Зиндагӣ»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 192. Бо моҳ шинӣ — моҳ шавӣ, бо дег шинӣ — сиёҳ шавӣ

аз некон некӣ ёд мегирӣ, аз бадон бадӣ.

1. Ман дар ин хусус пеш аз ҳама аз раисамон миннатдор, рафиқ Воҳидов, чунки дар паҳлуи ҳамин кас нишастаю хеста хеле чиз ёд гирифтам. Барои ҳамин ҳам оқилон беҳуда нагуфтаанд, ки бо моҳ шинӣ — моҳ шавӣ, бо дег шинӣ — сиёҳ шавӣ.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

2. Бо моҳ шинӣ — моҳ шавӣ, бо дег шинӣ — сиёҳ шавӣ! Ту, ки ба хонаат бачаи по аз кӯча, сар аз куҷоро роҳ додӣ, ана натиҷааш ҳамин, имрӯз духтарат лағҷида афтода пояшро маиб мекунад, пагоҳ боз худо накарда ягон ҳодисаи дигар... ва ҳоказо...

*Ҷ. Икромӣ «Дохунда» («Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

### 193. Моҳ ҳам доғ дорад

ҳар як кас камбудие дорад, одам бенуқсону камбудӣ намешавад.

1. Мумкин аст вай баъзе нуқсонҳо дошта бошад, вале, рафиқон, мох ҳам доғ дорад.

*«Тоҷикистони советӣ»*

2.— Оҳ, ту чӣ тавр хушбахтӣ, ки чунин шавхар дорӣ.— Рост мегуӣ. Лекин моҳ ҳам доғ дорад...

*Ғ. Абдулло «Шери занҷиршикан»*

**МУВОФИҚ**

### 194. Мувофиқи чашмдоштаи касе набаромадан

мувофиқи хоҳиш, умеди касе иҷро нашудани коре.

Афсус, ки ин корҳо мувофиқи чашмдоштаи ӯ набаромад ва сухани хона ба бозор рост наёмад...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

**МУДДАО**

### 195. Муддаои дил

*Ниг.* Муддаои табъ.

— Писарам, ҳозир ману ту ба нони зағора ҳам қаноат мекунем, аммо барои модарат мурғ лозим, мурғ. Якуним танга ки кор кардӣ, аз ягон деҳқони саҳронишин якто мурғ харида биёр,— гуфтанд.

— Муддаои дили ман ҳам ҳамин буд,— суханашро давом дода мегуфт Сангинов.

*Қ. Носиров «Орият»*

### 196. Муддаои табъ

1. мувофиқи хоҳиши дил, айни орзу, 2. ба дараҷаи кофӣ.

1. Занаш дуруст, муддаои табъаш буд.

*Ҳ. Карим «Гулбону»*
*(«Шарқи сурх»)*

2. Таънаю сарзанишҳон тоқатфарсои хуҷаинҳои заводро дар ҳаққи ҳаммиллатонаш аввало «муддаои табъи» худаш мешунавид ва сонӣ ба онҳо тарҷума мекард.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. I*

### 197. Муддао ҳосил шудан

мақсад иҷро шудан, ба коми худ расидан.

1. — Бас кун (азонгуиро — *М. Ф.*), ки муддао ҳосил шуд...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Аммо аз кушта шудани як худи ӯ чӣ муддао ҳосил мешуд?

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

**МУЗД**

### 198. Музди даст

музди хизмат, ҳаққи хизмат.

Шумо дар ду моҳ як бор муйсар мегиред ва музди дастро ҳам баробари нимаи музди дигарон надода мегурезед.

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

**МУЛОИМ**

### 199. Қасеро мулоим кардан

1. қасеро аз қаҳру ҷаҳл фуровардан, 2. қасеро аз раъяш гардондан, 3. қасеро ба чизе розӣ кунондан.

Зайнаб бо Анвар барои ҳамин, фақат барои ҳамин рафта будааст, ки ӯро камтар мулоим кунад, ба гап дароварад ..

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

### 200. Мулоим шудан

1. аз қаҳру ҷаҳл фаромадан, 2. таскин ёфтан.

«— Тавба! — мегуфтанд онҳо,— Қаҳҳор ака, ки ин тавр мулоим шавад, маълум мешавад, ки зарбулмасали «Феъл бо шир даромада, бо ҷон мебарояд» нодуруст будааст».

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

**МУЛЛОЧИРИНГ**

### 201. Муллочиринг кор медиҳад

пул ёрдам мекунад, ҳар мушкилиро пул осон мекунад.

Хусусан дар мусофири ин муллочиринг хеле кор медиҳад...

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

## МУЛОҲИЗА

### 202. Мулоҳиза рондан

фикр баён намудан, изҳори ақида кардан.

Дар атрофи китоби нахустини очерк ва ҳикояҳои Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон» мулоҳиза рондааст.

*М. Муллоҷонов «Танқиди адабӣ ва тарбияи нависандагони ҷавон» («Шарқи сурх»)*

## МУМ

### 203. Касеро мум барин мулоим кардан

1. касеро гапдаро кардан, ба итоат овардан, 2. ба чизе розӣ кунондан.

— Парво накунед, Мансуровро ҳам мум барин мулоим карда мондан душвор нест.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

### 204. Мум газидан

1. гап назадан, хомӯш будан, 2. ҳаракату кӯшиш накардан.

1. Шукурови ба шӯр омада тамоми овози гафси раъдвори худро сар дода, ба бод додани коҳҳои кӯҳна даромада, Назаровро маломат менамуд, ки дар вақти сардори собиқи трест як бор не, чандин бор хирворҳои калони ангишт ба амал меомаданд, лекин Назаров мум мегазид ва ба назди вай омада монанди имрӯза маъал бардоштанашро касе надидааст ва нашунидааст.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

2. — Мум газидӣ магар, чаро гап намезанӣ? — шиддат кард ранс.

*«Занони Тоҷикистон»*

## МУОМИЛА

### 205. Муомилаи сард. (хунук)

муомилаи бад, беилтифотона.

Муомилаи сардоратон аз чиллаи зимистон ҳам хунуктар аст...

*«Хорпуштак»*

МУРДА

### 206. Мурда аз нав зинда шудан

*Ниг.* Мурда гашта зинда шудан.

Оими боло баногоҳ дар ҳавлӣ ягонта хас ё барги аз шохи дарахтон канда шуда афтидаро бинад, мемурду аз нав зинда мешуд.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. I*

### 207. Мурда барин хобидан

*Ниг.* Масти хоб будан.

Ҳама мурда барин хобиданд...

*С. Айнӣ «Еддоштҳо», қ. II*

### 208. Мурда гашта зинда шудан

1. ниҳоят оташин, асабонӣ шудан, сахт ба ғазаб омадан, 2. ғавғо бардоштан.

Гоҳо кайвониҳо аз будаш зиёдтар карда, аз худашон бофта, ҳикояҳои ишқ ва шаҳватронии Ғаничонро... чунон тасвир мекарданд, ки Назокат (бикаи калонӣ) мемурду гашта зинда мешуд.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 209. Барои чизе мурда бошӣ

сахт хоҳони чизе бошӣ.

Аз баҳри ҳамон ангиштканиат баро. Мана ман самоворчӣ... Ба самовор об андоз, агар ҷудо барои ангиштканӣ мурда бошӣ, ангишт шикану ба самовор ангишт парто.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

### 210. Мурдаю зинда

1. тамоми ҳастӣ, молу мулк, боигарӣ, буду шуд, 2. ҳаёту мамот.

— Пас ту бо кадом ҳуқуқ ва афзалият ба болои мардум худро ҳокими мутлақ ва мурдаву зиндаи мардумро аз они худат мешуморӣ...

*С. Айнӣ «Алишер Навоӣ»*

### 211. Мурдаю зиндаи касе дар дасти касе будан

буду шуд, ҳаёту мамоти касе дар дасти касе будан, ихтиёри касе тамоман ба дасти касе будан.

— Акнун шумо падари вай ҳастед, мурдаю зиндааш дар дасти шумост.

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

### 212. Мурда кирои гиристан намекунад

1. кирои ташвиш накардани чизе, 2. беаҳамият будан. Фармонро хондем, «мурда кирои гиристан намекард»... Хулосаи мазмуни он ин буд, амир дарбори худро ислоҳ мекунад, барои коркунони ҳукумат моҳона таъин мекунад, ҳукуматдорон ҳаракати худсарона намекунанд...

*С. Айнӣ «Мухтасар тарҷимаи ҳоли худам»*

### 213. Мурдаро монда тутхурӣ кардан

бо кори ғайримуҳим, дуввумдараҷае ки ба кори асосӣ алоқа надорад, машғул шудан, кори асосиро монда ба корҳои ғайримуҳим андармон шудан.

1. — Моли Салтанатхола табаррукӣ,— гуфта ба докаи гирди тобут чанг зад. «Мурдаро монда тутхурӣ кун» сар шуд. Докаи тобутро, монанди буз дар купкорӣ, ба ҳар тараф кашида пора-пора кардан гирифтанд.

*«Барои адабиёти социалистӣ»*

2. — Раис дар куҷо?
— Дар туй.
— Бригадирҳо чӣ?
— Ба бузкашӣ рафтанд.
— Барои чӣ идораи колхоз бастагӣ?
— Ба муносибати бузкашӣ.
— Мурдаро мону тутхурӣ кун будааст-дия...

*«Хорпуштак»*

## 214. Мурдаи худро ба болои (ба сари) касе (ё чизе) партофтан

1. барои ба даст даровардани фоидае, мақсаде ба касе часпидан, ба гардани каси дигар бори гарон шудан, 2. тамоми вазнинии кореро ба болои касе партофтан.

1. Ман то ҳол муллоеро надидаам, ки бо вуҷуди доро буданаш ба нодорое ва бенавое ёрмандӣ карда бошад, у ҳар қадар бой бошад ҳам, боз мурдаи худро ба болои мардум партофта, чашми тамаи худро ба кисаи одамон духта меистад.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. IV*

2. Вақте ки рафиқ Холназаров бо андешаи ба улфатҳо «мурдаашро напартофтан» ва бо баҳонаи туй аз идораи савдои шаҳрӣ «аванс» гуён пул руёниданӣ мешавад...

*А. Деҳотӣ «Шеър ва ҳикояҳои мунтахаб»*

3. — Ман мурдаи худро ба болои шумоён партофтанӣ нестам! — гуфт у бо гилаю ҳасратомезона.

*«Занони Тоҷикистон»*

4. — Охир, ин қадар мурдаатро напарто! Худат ҳам камтар зур занӣ, мемурӣ-мӣ!

*Ҷ. Икромӣ ва М. Қосимов «Роҳи бахт»*

5. Агар ин «накбат» мурдаи худро ба сари мо намепартофт, мусалласи мо ҳам то моҳи ҷавзо мерасид...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

## 215. Мурдаи як шер сад рубоҳро сер мекунад

каси тавоно ҳар қадар нотавон шуда бошад ҳам, боз аз нотавон афзалтар аст.

Ин одам, ки имруз ба накбат дучор шудааст, аҷаб нест, ки фардо кораш дуруст шуда боз савдогари пустболои Маскав ва макариёчӣ шавад; худаш қозишинос, раисшинос, қушбегишинос ва амиршинос аст, бар болои ин хешҳои давлатманди макариёрав ва маскавчӣ дорад, ҳеҷ кадоми инҳо розӣ намешаванд, ки ин одам абадӣ ба ин ҳол монад, баъд аз чанд руз мебинӣ, ки боз ин кас «Эшон турем» шуда меравад ва ту ҳамон «Ҳаити гург»

шуда мемонӣ. «Мурдаи як шер сад рубоҳро сер мекунад» гуфтаанд, ҳоло ҳам бошад, аҳволаш аз ману ту беҳтар аст; чунончи, дируз дар гузари Ҳоҷӣ Амонбой аз пешам баромад, дар даст як шиша май дошт ва худаш шермаст буд.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

**МУРДАН**

### 216. Мурдани падарамро медонистам, ба як чакса сабус мефурухтам

руй додани нохушӣ, осеберо пешакӣ медонистам, ҳатман чораи дафъи онро мекардам, агар ин тавр бад ҳал шудани масъаларо медонистам, дигар хел рафтор мекардам.

— Мурдани падарамро медонистам, ба як чакса сабус мефурухтам. Бубахшед. Ман дар ин се шабу се руз сӣ бор мурда, сӣ бор зинда шудам. Кифоя, ба Сунбула худам кор ёфта медиҳам.

*Қ. Наимӣ «Ман бо шумо»*

**МУРДАНАМ**

### 217. Аз мурданам хабар дораму (аммо) аз ин кор не

тамоман хабар надоштан, чизеро ҳеҷ надонистан.

1. — Шумо иқроред ё мункир?..

— Мо аз мурданамон хабар дорем, аммо аз ин кор хабар надорем!

*С. Айнӣ «Марги судхур»*

2. — Ба виҷдон қасам, ки ин руймолчаро дар умрам якумин бор мебинам.

— Якумин бор? Барои чӣ сурх шудед? А!

— Аз мурданам хабар дораму аз ин не.

*С. Ғанӣ «Магнитофон»*
*(«Маориф ва маданият»)*

**МУРОД**

### 218. Муроди бачагонро дидан

хушбахтии бачагони худро дидан, туи бачагони худро дидан

1. Инро сар деҳ, илоҳи муроди бачагонатро бинӣ...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Илоҳӣ бо шавҳаратон кушапир шуда, муроди бачагонатонро бинед.

*Р. Ҷалил «Шуроб»*

### 219. Муроди дил ёфтан

*Ниг.* Ба муроди худ расидан.

«Ту акнун дар чаҳи зиндон бихобӣ,
Бимирию муроди дил наёбӣ».

*М. Турсунзода «Асарҳои мунтахаб»*

### 220. Муроди дил ҳосил шудан

иҷро гардидани хоҳиш, майл, орзу.

Хаёл кардаанд, ки ман дигар ин хабарро намехонаму онро рост бурда месупорам ва муроди дилашон ҳосил мешавад.

*М. Боғиров «Ҳаёти модар» («Овози ҷавонон»)*

### 221. Ба муроди (мақсади) худ расидан

ба мақсад, хоҳиш, орзуи худ муваффақ шудан.

1. Аммо Умар ба муродаш нарасид.

*«Тоҷикистони советӣ»*

2. Ҳар ду ба хурсандӣ зиндагӣ карда ба муроду мақсадашон расидаанд.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. I*

3. — Илоҳӣ, духтарам, сафедбахт шав, ба муроду мақсадат рас,

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

### 222. Мурод ҳосил

«мурод ҳосил»-ро пас аз «зиёрат қабул» гуфтани касе аз сафар омада гуянд; ба мақсад расидам, сафар хушбахтона ба охир расид.

— Салом, бачаи азиз! Зиёрат қабул!..

— Салом, боҷа, мурод ҳосил!..

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

### 223. Мурод ҳосил шудан

ба мақсад, хоҳиш, орзу комьёб гардидан.

— Аз хомӯш нишастан мурод ҳосил намешавад, рафиқон.

*«Маориф ва маданият»*

**МУРЧ**

### 224. Мурчро ба даҳон задан

*Ниг.* Мурч хӯрдан.

Зайнаби лаънатӣ! Чӣ тавр шуд, ки Мухтор аз дасти ин духтараки нодон мурчро ба даҳон зад?! Ҳайфи меҳнат, ҳайфи вақту соатҳои беҳуда сарфшуда! Мухтор ба ин духтарчаи ночиз чӣ корҳое накард... Аммо вай умеду орзуҳои уро зери по кард...

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

### 225. Мурч хӯрдан

фиреб хӯрдан.

Ман ба пеши Қорӣ Ишкамба шарманда шуда будам, дуруғ будани мурчхарии ман ба у чун офтоб равшан шуда буд. Ман мурч нахарида «мурч хӯрда будам», ҳатто ба қиёси «мурчхарии» ман дуруғ будани каллапушхарии ман ба пеши у собит шуда буд.

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

### 226. Мурч хӯрондан

касеро фиреб додан.

— Ӯ пирсаг набудааст, балки пиррубоҳ будааст, ки гургони ҷавонро мурч хӯронда рафтааст,— гуфт посбон ба онҳо.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

**МУРҒ**

### 227. Мурғи давлат аз сари касе парида рафтан

ҳукмронӣ, давлат, молу мулк, бахту толеъ аз дасти касе рафтан.

Мурғи давлат аз сари домулло бебозгашт парида рафт.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

## 228. Мурғи давлат ба сари касе нишастан

1. ҳукмрон шудан, тавоноию давлатдор шудан, 2. бахту толеи касе шукуфтан, ниҳоят хушбахт будан.

1. — Мо чаро ба тороҷкунандаи худ ёрӣ диҳем?

— Дузд ҳам бошад,— бой гуфт,— ҳоло мурғи давлат ба сари вай нишастааст.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. — Ман шофер бошам ҳам, давлатам калон: хона ву ҷой, машинаи шахсӣ... агар шумо розӣ шавед, мурғи давлат ба сари ман менишаст.

*«Хорпуштак»*

## 229. Мурғи дили касеро куштан

касеро руҳафтода, бе ҳавасу мароқ гардонидан.

Зан, дар ҳолате ки риши шавҳарашро хору мол мекард, ишвакорона ба вай наздик шуд. Аммо Содиқ якбора худашро дур кард...

— Дадеш, ман гумон карда будам, ки шумо пас аз ба колхоз даромаданатон мурғи дилатонро кушта мондед.

— Дуруст аст,— гуфт Содиқ,— аз барои ба колхоз даромаданам набошад ҳам, ба сабаби нобуд шудани молҳоям, ҷавонмарг шудани молҳоям, ҷавонмарг шудани «Сиёҳкундузам» ва ба болои инҳо ба сабаби пеш нарафтани кори колхоз на танҳо мурғи диламро, ҳатто қариб буд, ки худамро ҳам аз даст диҳам.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

## 230. Мурғи матлаб

матлуб, дилхоста.

Акнун пушаймонӣ суд надошт ва «афсусу дареғ» фоида намебахшид, чунки тир аз камон бархато ҷаста ва мурғи матлаб аз дом рафта буд.

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

## 231. Мурғи посухта барин

*Ниг.* Мисли мурғи посухта.

1. У мурғи посухта барин мегашт, лекин аз тарси «ба ногоҳ дида намонад» дигар ба тиреза наздикӣ намекард.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. II*

2. Вазир бошад, тадбир меҷуст, мурғи посухта барин ба ҳар су беист даву ғеҷ мекард.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 232. Мурғи посухта шудан

ҳаросон, ошуфтаҳол, бе сару сомон, беқарор гардидан.

Сангинов дид, ки ҳануз он «планҳои азимаш» иҷро нагардида, миси кораш баромада истодааст, мурғи посухта шуда монд...

*«Тоҷикистони советӣ»*

**МУРҒОН**

### 233. Мурғони ҳаво гирья мекунанд (меноланд)

хеле сахт, мушкил, тоқатгудоз будани аҳволи касе.

1. — Аҳволи ятимони хурдсол чӣ мешуд, духтарам? Ба ҳолашон мурғони ҳаво гирья мекунанд.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

2. Ба ҳоли ин бача барин бекасу куйҳо бошад, мурғони ҳаво гирья мекунанд.

*Р. Ҷалил «Тоҷикистони советӣ»*

3. Ба ҳоли бечорагон мурғони ҳаво меноланд.

*Қ. Наимӣ «Соли 1916»*

**МУСИЧА**

### 234. Мусичаи бегуноҳ (ваболак)

1. беайб, бегуноҳ, 2. ҳалим; фақир; бечора.

1. — Ту ҳамеша мусичаяки бегуноҳ-а? Сап-сафед, шир барин.

*«Шуъла»*

2. Подшоҳ дар назди мардум худро «мусичаи бегуноҳ» нишон дод...

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

3. Сардори оила — соҳиби ҳавлӣ... дар ин рӯзҳо ҳамчун «мусичаи ваболак» мулоиму ҳалим аст.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 235. Мусичаи бегуноҳ шудан

ҳалим, мулоим шудан, фармонбар, итоаткор гардидан.

1. Ҳар боре ки хатояшонро ёфта сарзаниш мекардам, мусичаи бегуноҳ шуда узр мехостанд.

*«Хорпуштак»*

2. — Дар сояи давлати дӯстон мусичаи бегуноҳ шуда мегаштед.

*«Хорпуштак»*

**МУТТАҲАМ**

### 236. Муттаҳам кардан (сохтан)

1. гунаҳгор кардан, 2. забонкутоҳ кардан.

1. Наход ки ӯро ҳам ба қатли Ғаниҷонбой муттаҳам мекунанд?

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

2. Ба ҳар ҳол миршабро муттаҳам сохта, Фирӯзаро аз дасти вай халос кардан корест, ки фақат хайрхоҳи ӯ мекунад.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

**МУШ**

### 237. Мушро ҷонканию гурбаро бозӣ

аз азобу азияти дигарон завқ, лаззат бурдан; аз ҳисоби азобу машаққати дигарон кайфу сафо кардан.

— Чӣ кор кунам, заминдор, барзаговдор шудам гуфта қаҳ-қаҳ зада хандам-мӣ?

— Чаро нахандем!

— Онҳо, бечораҳо, гирья кунанду мо хандем дурустмӣ? — гуфт Умар қадаммонии худро суст намуда оҳиста, то ки дигарон нашунаванд,— «мушро ҷонканию гурбаро бозӣ...»

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. II*

**МУШТ**

### 238. Муштро ба торикӣ задан

аз назари касон пинҳонӣ коре кардан, чизе хурдан, нушидан.

— Хонаи худамонро ба четтар гиред (онҳо хона месохтанд — *М. Ф.*), ҳар руз як даҳон паловчаро карда, мушта ба торикӣ мезанем. Ҷон ғанимат.

*Ҳ. Содиқ «Ҳазли падар»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 239. Муште ки баъд аз (пас аз) ҷанг (ба) ёд меояд, ба сари (каллаи) худ бояд зад (куфт)

баъд аз он ки кор аз кор гузашт, надомат фоидае надорад; баъд аз руй додани воқеа пушаймонӣ суд надорад.

1. — Дустон! Мегуянд муштеро, ки баъд аз ҷанг ба ёд меояд, бояд ба сари худ зад... Ба ҳамаи ин худи ман, сардори оила — Холбутаев айбдор ҳастам. Маро маъзур доред.

*С. Ғанӣ «Туй»*

2. Хуршед. Агар он маслиҳатчӣ бори дигар чунин гуяд, байти ту хондагиро такрор хоҳам кард. Аммо вай дигар ин хел намегуфтагист, чунки вақт гузашт...

Фируза (хандида). Муште ки пас аз ҷанг ба ёд меояд...

Хуршед. Бале!.. бояд ба сари худ зад.

*Ф. Ансорӣ «Хаёт ва ишқ»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 240. Мушт намунаи харвор (хирвор) аст

намуна аз чизи бисьёр, аз миқдори кам миқдори зиёдро метавонед пай баред.

1. Ягона чизе, ки мо ба хонандагон, хусусан ба ҷавонон, хотиррасон кардан мехоҳем, он аст, ки порчаҳои дар ин ҷо намуна овардашуда беҳтарин порчаҳои осори Бедил мебошанд ва зарбулмасали машҳур «мушт

намунаи хирвор аст» ба ин маврид рост намеояд, яъне тамоми қисмҳои боқимондаи куллиётро низ дар ҳамин савияи баланд аст, гуфта тасаввур кардан дуруст нест.

*С. Айнӣ «Мирзо Абдулқодири Бедил»*

2. Таъин кардани муносибати таърихии онҳо як масъалаи муҳим ва дар айни ҳол хеле нозук аст. Зеро муносибати онҳо, ҳамчун зарбулмасали «муште аз харвор» муносибати таърихии ин ду халқи қадимаи Мовароуннаҳрро ба мо тасвир мекунад.

*А. Мирзоев «Биноӣ»*

### 241. Мушти обдор фаровардан

касеро сахт бо мушт задан.

1. Ба паҳлуи рости у як мушти обдоре фаровардa будааст.

*П. Толис «Ҳикояҳои даҳ сол»*

2. Қариб буд, аз одоб берун бошад ҳам, ба баногӯшаш мушти обдоре фурорам.

*А. Баҳорӣ «Одамони шинос»*

### 242. Мушту хекиртак шудан

занозанӣ, часпу талош кардан, бо ҳам дарафтодан.

Дар вақташ бо бойҳои кишлоқ мушту хекиртак шуда, ниҳоят бегуноҳ мурда рафт...

*Ҷ. Икромӣ «Ҳаёт ва ғалаба»*

### 243. Мушт хурдан

бо мушт зада шудан.

— Як мушт хурдӣ, хурдӣ-дия!

*П. Толис «Тобистон»*

## МУШХОНА

### 244. Мушхонаро иҷора кардан (гирифтан)

ба ҷои хилват пинҳон шудан, гурехта аз назари одамон ғоиб шудан.

1. — Шумо, ки шерамарди майдон будед, ин мушхонаро чаро иҷора карда нишастаед?..

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

2. — Медонӣ, Турдӣ, барои чӣ босмачиён дар лаби дарьё нестанд? Аз мо тарсида кайҳо мушхонаро иҷора гирифтаанд.

*А. Дилбар «Диловарон»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 245. Ба мушхона ҷой кардан

адаби касеро додан.

— Ҳамон бачаи аҳмақи саҳроиро дӯст доштааст?! — гуфт бо ғазаб Қудрат,— ман ин хел ошиқро ба мушхона ҷой мекунам.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

**МУҲИМ**

### 246. Муҳимми касе (чизе)-ро баровардан

ҳоҷати касеро баровардан, хоҳиши касеро иҷро кардан, ба касе ёрдам расондан.

1. Муҳимми мардумро мебарораму ризқамро чида мехӯрам.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид»*

2. Дар он атроф муҳимми бисьёр касонро баровардa, боиси занушӯй гардидани бисьёр одамон шудааст.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

3. — Муҳимми колхозро баровардан даркор?

*К. Носиров «Орият»*

**МУҲОКИМА**

### 247. Муҳокима давондан

фикр, мулоҳиза кардан, фикри худро баён кардан, дар атрофи масъалае изҳори ақида намудан.

Баъд аз ҳамаи инҳо Мавлоно Шарифи бухорой, ки дар охири асри XVII гузаштааст, ба «Шарҳи мулло» як ҳошияи ботафсиле баста, ҳамаи мунозираҳои ҳошияҳои дар боло зикршударо нақл карда, дар миёнаи онҳо муҳокима давондааст...

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. II*

**МӮ (МӮЙ)**

### 248. Мӯй аз бадани касе кам кардан

ба касе озор, осебе расондан.

Ҳеҷ аблаҳ наметавонад, ки мӯеро аз бадани ту кам кунад

*«Латифаҳои тоҷикӣ»*

### 249. Мӯйро аз хамир берун (ҷудо) кардан

1. ҳаққу ноҳақро муайян кардан ва аз ҳамдигар фарқ намудан, ҳақро муқаррар намудан, гунаҳкору бегуноҳро муайян намудан, 2. бисьёр дақиқ будан.

1. — Рафиқ Шарифзода, ман ба шумо аз сидқи дил бовар мекунам, вале ба ин ҳам боварӣ дорам, ки «то оташ нахезад, дуд намешавад», тафтиш мекунем, мӯйро аз хамир ҷудо мекунем!

*Р. Амонов «Дар доманаи кӯҳҳои кабуд»*

2. Дигар, ман ходимиро хуб медонам ва метавонам, ки ба сабаби ходимӣ куфт ва дардро аз бадани одам монанди мӯй аз хамир берун кунам...

*С. Айнӣ «Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ»*

### 250. Мӯ ба мӯ гуфтан (нақл кардан)

чизеро як ба як, аз як сар, мукаммал гуфтан.

1. Шаш нафар айёри ситамҷӯ ба ӯ
Қисса бигуфтанд зи сар мӯ ба мӯ.

*С. Ҷавҳаризода «Баҳори Ватан»*

2. Мулло ҳам тамоми ҳодисаҳои аз сар гузаронидаашро мӯ ба мӯ нақл кард.

### 251. Мӯй (мӯи сар, бадан) (рост-рост) шудан (рост хестан)

1. сахт хашмгин, ғазабнок шудан, ба қаҳр омадан, 2. сахт тарсидан.

1. Шоҳсагаг ҳам бишунид ин хабар,
Рост шуд аз хашм ба сар мӯи сар.

*С. Ҷавҳаризода «Баҳори Ватан»*

2. Онҳо суҳбатро чунон бемаза карданд ва чунон суханҳо ва латифаҳои ғайриадабӣ гуфтанд, ки муйҳои бадани Анвар рост хест.

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

**252. Дар чизе муи худро сафед кардан**

*Ниг.* Муйсари касе дар коре сафед шудан.

Гарчи дар корҳои пай дар пай
Муи худро сафед кардаст он,
Лек азмаш чу рузи иди май,
Дар намоишдиҳист бепоён.

*М. Турсунзода «Асарҳои мунтахаб»*

**МӮЙЛАБ**

**253. Муйлаби касеро табар набуридан**

1. аз чизе парво ва тарс надоштан, 2. хеле мағрур будан.

1. Дар қишлоқ колхози бои бадавлат ва осудаҳол ҳукмронӣ мекунад, муйлаби колхозчиёни сердаромади ин ҷоро табар намебурад.

*Ҷ. Икромӣ «Сотим Улуғзода»*
*(«Тоҷикистони советӣ»)*

2. — Агар ту ҳам чунин ҳимоятгар медоштӣ, муйлабатро табар намебурид.

*«Хорпуштак»*

3. Ин рафиқон ҳиккакашонро доимо дар осмон карда, алифро таёқ гуянд ҳам, ҳеҷ гоҳ як зина паст намефароянд ва ҳамеша гумон мекунанд, ки муйлаби онҳоро табар намебурад.

*«Хорпуштак»*

**МӮЙСАР**

**254. Муйсари касе дар коре сафед шудан**

1. бо коре дуру дароз машғул будан, 2. ботаҷриба, кордон, донишманд шудан.

1. Муйсари ман дар кори деҳқонӣ сафед шудааст.

*«Тоҷикистони Советӣ»*

2. Сандака деҳқони куҳна аст, муйсари вай маҳз дар қишлоқ сафед шудааст.

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

**МӮР**

### 255. Муру малах барин

1. ниҳоят бисьёр, аз ҳад зиёд, 2. ҳарисона ба чизе часпидани одами бисьёре.

1. Аз болои кӯҳ босмачиён муру малах барин, ба мурдани худ нигоҳ накарда, фаромада меомаданд.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. I*

2. Одамон ин ҷои дарьёро муру малах барин иҳота карда, зӯр зада, гирдобро нест карданӣ мешуданд.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

**МӮРЧА**

### 256. Мӯрча нагазидан

1. мушкилӣ надидан, азобу уқубат, осеберо аз сар нагузаронидан, ба таҳлука наафтодан, 2. бетаҷриба, хом будан.

— Ука, бисьёр калонгари накунед! — гуфт Шокир ба Аҳмад. Ҳоло бадани шуморо мӯрча нагазидааст.

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

**МӮРӢ**

### 257. Мӯрӣ аз хона (боғ) калон

1. харҷи чизе аз арзиши худи он калон будан, 2. дабдабаи чизе аз худи чиз калон будан.

Ман, ки умуман ба ин масъалаҳо ҳеҷ вақт диққат намекардам, намедонам чӣ хел шуд, ки «мӯрӣ аз хона калон»,— гуфта мондам. Албатта, ба назари ман ба 72 сум либосворӣ харида ба 70 сум дӯзондан бисьёр аҷиб аст.

*«Тоҷикистони советӣ»*

**МӮҲР**

### 258. Муҳру имзо карда гирифтан

чизеро аз они худ карда гирифтан, аз они худ донистан.

— Шумо касбу кори худро фақат барои худатон муҳру имзо карда гирифтагӣ барин.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ I*

### 259. Ба чизе мухр зада шудан

чизеро тасдиқ ва қайд кардан, таъкид карда шудани чизе.

Дар канори ин дарьёи кабир ба дустии ҳазорсолагии халқҳои узбек ва тоҷик боз як бори дигар муҳр зада шуд.

*F. Мирзо «Дар диёри дастон»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 260. Муҳри хомӯшӣ бар лаб задан

1. хомӯш будан, гап назадан, 2. сукут кардан.

1. Ҳама муҳри хомӯшӣ бар лаб зада, ба вай гӯш карда менишастанд.

*«Маориф ва маданият»*

2. Ин насибахӯрони шонапаҳн чизе нагуфта, муҳри хомӯши бар лаб заданд.

*«Хорпуштак»*

# Н

НА

### 1. На абра дораду на астар

1. номаълум, бемантиқ бесарунуг, 2. бетамиз, бепринцип.

Ба фаҳмиши ӯ забон як парча гушти беустухон буда, на абра дораду на астар. Бинобар он ҳар суханеро, ки ба даҳон ояд, бемулоҳиза гуфтан равост.

*«Хорпуштак»*

### 2. На аз замин андеша мекунад, на аз осмон

бепарво; нотарс, бебок, касе ки ҳеч кӣ ва ҳеч чизро ба эътибор намегирад.

Зеро пойлучон на аз замин андеша мекунанд, на аз осмон, ҳокимро ба як пул намегиранд...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 3. На ба он ёру на ба ин ғамхор

*Ниг.* На оташи сузон, на оби сард.

Ғайр аз дуи мо боз як чоркӯҳиро ҳам сар доданду лекин вай одам ба ман маъқул набуд. На ба он ёру на ба ин ғамхор...

*Р. Ҷалил «Широб»*

### 4. На ба он талхӣ — талх (шӯрии шӯр), На ба он бенамакӣ — бенамак (шудан)

муътадил, дар меъёр.

1. Олимҷон мегуфт, ки: «ҷаро дар чунин шаби хурсандӣ барои саломатиамон нанӯшем?!» Ба ҷавобаш Зебиннисо мегуфт, ки: «туғрӣ, албатта, май даркор аст, ба шарте, ки: на ба он талхӣ — талх, на ба он бенамакӣ — бенамак шавад».

*Ҳ. Карим «Ҳикояҳо»*

2. Дар охир ҳаминро бояд қайд кард, ки мувофиқи мазмуни зарбулмасали «на ба он шӯри — шӯру на ба он бенамакӣ — бенамак» на он қадар дар банди таносуби пуртакаллуф ва мушкилписандона бояд буд, ки сухан аз доираи самимият берун ҷаҳад ва на он қадар беэътиноӣ ва мусолаҳакорӣ бояд кард, ки шеър аз суханони номарбутӣ пой дар ҳаво иборат бошад.

*Т. Зеҳнӣ «Санъатҳои бадеӣ дар шеъри тоҷикӣ»*

### 5. На бурда, на оварда

бе ҳеҷ муқаддима, бе даромади сухан.

1. Мутаваллӣ дар ҷавоб «на бурда, на оварда»:

— Ман ин гуна корҳои аҳмақонаро намекунам ва ба шумо афсус мехӯрам, ки ба ҳамин навъ кори аҳмақона миёнравӣ карданро ба гардан гирифтед...

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. II*

2. Пирамард на бурдаю на оварда хоҳари шастсолаи худро маҷбур мекунад аз «модари» бистсолаам узр хоҳад.

*Р. Ҷалил «Ҳамида»*

### 6. На дар бел меистаду на дар панҷшоха (кафлес)

хеле номуносиб, ночаспон; хандаовар.

1. Дар совхоз... бисьёр ҳодисаҳое руй медиҳанд, ки на дар бел меистаду на дар панҷшоха.

*«Хорпуштак»*

2. Зеро онҳо ба ҳама гуна баҳонаҳое ки на дар бел меистаду на дар кафлес, аз кабули шир даст мекашанд.

*«Хорпуштак»*

### 7. На дар табақ меистаду на дар кафлес

*Ниг.* На дар бел меистаду на дар панҷшоха.

Оре, дар ҳақиқат муомилаи вай на дар табақ меистаду на дар кафлес.

*«Хорпуштак»*

### 8. На лом мегуяд, на мим

чизе намегуяд, хеҷ чиз намегуяд, хомуш мебошад.

Агар аз ин хусус дахон кушоед, у чашмонашро ба шифти хона духта на «лом» мегуяду на «мим».

*«Хорпуштак»*

### 9. На ном ҳасту на нишон

*Ниг.* На пай буду на нишон.

Ҳоло аз вай на ном ҳасту на нишон.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 10. На оташи сузон, на оби сард

ину на он, на хубу на бад.

1. Аз ҳоло корро чунон ташкил намоянд, ки баъд аз туй нағораю баъд аз ид ҳино нашавад, аз баҳри он касоне, ки на оташи сузону на оби сарданд, бармаҳалтар гузаранд.

*«Хорпуштак»*

2. Аммо дар корхонаҳои саноати маҳаллӣ ва кооперацияи ҳунармандӣ баъзе роҳбарони ношуд ҳастанд. ки на оташи сӯзонанд, на оби сард.

*«Хорпуштак»*

## 11. На пай буду на Ҳайдар

бе ному нишон шудан, ҳеҷ дарак, асаре намондан; аз назар ғайб задан.

1. На аз арус, на аз духтар ва на аз писар «на пай буду на Ҳайдар».

*Р. Ҷалил «Умри дубора»*

2. Ҳотам дар шаҳр чандин моҳ чашмдори супориш шуда гашт, аммо аз валинеъмати ӯ на пай буду на Ҳайдар.

*Ф. Муҳаммадиев «Тири хокхӯрда»*

3. — Шарифаҷон! — оқибат кӣ будани ӯро фаҳмида аз пасаш ҷеғ задам. Вале чи тавре ки мегӯянд: «на пай буду на Ҳайдар».

*«Тоҷикистони советӣ»*

## 12. На парвои асаду на (ташвиши) сунбула дорад

*Ниг.* На аз замин андеша мекунад, на аз осмон.

1. — Аҷаб одамҷон будааст. Гумон мекунӣ, ки «на парвои асаду на сунбула дорад». Механдаду ба назоратгарҳои турма пичингҳо партофта, ҷонашонро мегирад.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

2. — Барои нафаҳмидану надонистанатон беақл мегӯям-дия. На парвои асад дореду на ташвиши сунбула. Ман ба чор тараф медаваму илоҷ мекобам.

*Р. Ҷалил «Субҳи саҳро»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 13. На сабр дар дили ошиқ, на об дар ғирбол

бе сабру қарор, парешонхотир, дар талвоса будан, дар як ҷо истода натавонистан.

1. Олам ба назари Остона аз нав тира гашт. На сабр дар дили ошиқ, на об дар ғирбол гуфтаанд. Ӯ байни деҳаҳои Қипчоқу Ҷангоб чун моку раҳ мепаймуд.

*Ф. Муҳаммадиев «Карашмаи дил»*
*(«Занони Тоҷикистон»)*

2. Нуралӣ ҳоло фақат як чизро медонист: ҳар гоҳ ки ин роҳи дур ба поён расид, вай Шодигулро хоҳад дид. «...На сабр дар дили ошиқ, на об дар ғирбол». Аз бесабрӣ вай қамчинро боло кард.

*С. Улуғзода «Навобод»*

### 14. На сар дорад, на дум

бесару нуг, по дар ҳаво; бемантиқ, бемазмун.

Онҳо чунон дуруғ гап мезаданд, ки на сар дораду на дум.

*С. Ғанӣ «Табассум»*

### 15. На сих сузаду на кабоб

дар коре манфиати ҳар ду тарафро дар назар доштан, дар ҳалли масъалае ҳаққонӣ ва бетарафона рафтор кардан.

1. Ана акнун пурсида мешавад: чӣ тавр кунем, ки «на сих сузад, на кабоб», ҳам кори пахтазор аз одам камӣ накашад, ҳам замини нав тайёр шавад.

*П. Толис «Ҷавонӣ»*

2. Қарори уламо ҳамин шуд, ки дар тобадони «Регхона» як ғарғара шинонда шавад; ҳар касро, ки тасаддуқоти олӣ карданӣ шаванд (яъне барои саломатии амир садақа гуён куштанӣ шаванд), ба «Регхона» даровварда, ба гарданаш каманди канабе меандозанд, як сари канабро аз ғарғара гузаронда, ба тарафи берун мефуроранд, вақте ки ресмонро аз берун кашиданд, роҳи

гулуи ғунаҳкор баста шуда, бе он ки хунаш барояд, ё чашмаш ба чашми кушандаи худ афтад, мемирад, дар ин ҳол «на сих месузад, на кабоб», на хун рехта, шуморо хун мегирад, на гунаҳкор зинда монда, ба давлати олӣ зарар мерасонад.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

3. Шумо як кор кунед, ки «на сих сузад, на кабоб», на заминҳоям аз дасти ман равад ва на шумо аз ду баробар фоидаи муқаррариатон маҳрум монед.

*С. Айнӣ «Марги судхур»*

### 16. На хамири худою на фатири пайғамбар

*Ниг.* На оташи сузону на оби сард.

Лекин вай одам ба ман маъқул набуд. На ба ин ёру на ба он ғамхор, «на хамири худою на фатири пайғамбар», як дарди бедаво.

*Р. Ҷалил «Шуроб»*

### 17. На хурдро медонад, на калонро

1. ниҳоят худдонам; худписанд будан, 2. *Ниг.* На аз замин андеша мекунад, на аз осмон.

Инҳо на хурдро медонанд, на калонро, ҳар чӣ ки хоҳанд, кардан мегиранд.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

**НАБИНАМ**

### 18. Набинаму насузам

барои ба хотир наовардан ё надидани аҳволи ногувори ягон каси наздик худро дур кашидан.

1. Пас аз ин ҳар вақте ки Раиса Азимҷонро медид, эҳтимол барои «набинаму насузам» бошад, албатта, аз у рӯ тофта мерафт.

*Т. Усмон «Кашфи асрор»*

2.— Магар ин ки ман аз ин ҷо — аз назди Ситора сарамро гирифта ба ҷои дигар равам... Набинаму насузам... не.

*Ҷ. Икромӣ «Ситора» («Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

**НАБОШАД**

### 19. Набошад чӣ

дуруст аст; албатта, ҳатман.

1. — Набошад чӣ. Ҷазои Рустамро медиҳанд.

*Қ. Наимӣ «Соли 1916»*

2. — Ҷидду ҷаҳдатон хеле зур менамояд-а?
— Набошад чӣ, мо беҳуда чангу ғубори фронтро чашида наомадаем.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

**НАБУРДА**

### 20. Набурда ранҷ ганҷ муяссар намешавад

то меҳнат накунӣ, роҳат намебинӣ, бе меҳнат роҳат нест.

1. Онҳо хуб медонанд, ки бе меҳнат роҳат нест ва «набурда ранч ганҷ муяссар намешавад».

*А. Деҳотӣ «Гвардиячиёни меҳнат» («Роҳи пуршараф»)*

2. — Ба худатон (агар ба имтиҳон тайёрии нағз бини — *М. Ф.*) вобаста. «Набурда ранҷ ганҷ муяссар намеш…

*Ф. Ансорӣ «Имтиҳон»*

3. «Набурда ранҷ ганҷ муяссар намешавад» мегуянд. Аммо дар … ҷо роҳбароне ҳастанд, ки мехоҳанд худро наранҷонида ганҷ ба даст оранд.

*«Хорпуштак»*

**НАВАШ**

### 21. Аз наваш партофтан

дар бораи чизи дигар гап задан, гапи наверо ба миён овардан.

— Инро мо медонем,— гуфт қозӣ,— аз наваш партоед!

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

НАВБАТ

### 22. Навбати Лайлӣ гузашту навбати Маҷнун расид

ҳукмфармоӣ, дастболоии касе ба завол расида, даври каси дигар сар шуд, гузаштани навбати касе ва сар шудани навбати каси дигар.

— Хуҷаин. «Навбати Лайлӣ гузашту навбати Маҷнун расид», гуфтаанд; дар замонаш шумоён ҳар чи мехостед, кардед, акнун навбати мост.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 23. Навбати Фарҳод рафту навбати Маҷнун расид

*Ниг.* Навбати Лайлӣ гузашту навбати Маҷнун расид.

— Ука, шумо ба ҳимояти махдуми Муҳаммадӣ ғарра нашавед. У пир шуда аз қувват фуромадааст, «навбати Фарҳод рафту навбати Маҷнун расид» гуфтаанд. Акнун даврон аз они калони дигар аст.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

НАВМЕДӢ

### 24. Ба навмедӣ афтидан

ноумед шудан, маъюс гардидан.

Чун дид, ки аз гови рафта осоре нест... ба навмедии сахт афтод.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 25. Дар навмедӣ басе умед аст, поёни шаби сияҳ сафед аст

ноумед нашавед, ки дар паси ҳар як бадбахтӣ — хушбахтӣ, ҳар як азобу уқубат — роҳат ҳаст.

— Дар хотират ҳаст, Давлат, ки Саломатшоҳи осиёбон чӣ мегуфт: «дар навмедӣ басе умед аст, поёни шаби сияҳ сафед аст».

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

НАГУРЕЗОНДА

## 26. Нағурезонда чида гирифтан

чизеро нағз ба хотир гирифтан, чизеро бо тамоми ҷузъиёташ дар хотир доштан.

Ҳар чизе ки мегӯянд, ягонтаашро ҳам нагурезонда чида гир.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

НАДИД

## 27. Надид ҳеҷ, набинад дуруғ умри дароз

*Ниг.* Дуруғ умри дароз намебинад.

— Ман дуруғро бад мебинам, ҳамшира. «Надиду ҳеҷ, набинад дуруғ умри дароз» — мегуфт раҳматӣ падарам. Рост истода дуруғ гуфта, диламро хиҷил кардан чӣ хоҷат?

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

НАДИДА

## 28. Надидаю намонда

наозмуда; саросемавор; мулоҳиза накарда.

Надида намонда, насанҷида, зуд ба шавҳар мерасем...

*Ҷ. Икромӣ «Зуҳра»*

НАЗАР

## 29. Назар аз чизе бардоштан

*Ниг.* Чашм кандан.

— Инро бинед, ки аввал номамро ҳам нагуфта, саргузаштамро сар мекунам,— назар аз пахтазор бардошта ба сухан давом дод ҷавон.

*Р. Ҷалил «Ҳамида»*

## 30. Ба назар алав барин намудан

*Ниг.* Ба назар гарм намудан.

1. — Чеҳраи домод ба назарам алав барин менамояд. Дар ким-куҷо дидагӣ барин.

*С. Ғанӣ «Туй»*

2. — Чӣ хел маро аз дур шинохтед? — гуфтам, ба ӯ нигох карда истода.

— Ба назарам алав барин намудед, дилам ҷиғғи карда, ба ман гувоҳӣ дод; яку якбора ҷеғ зада фиристоданамро надониста мондам.

*С. Абдураҳимов «Муаллими мо»*
*(«Чароғи ирфон»)*

### 31. Назар андохтан (афкандан)

1. нигоҳ кардан, 2. чизеро ба пеши чашм овардан, 3. мулоҳиза кардан.

1. Ба атроф назар андохтанд...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Эҳтимол аз рӯи хоксорӣ бошад, вай ҳам чизе нагуфту ба он пирамарди боғайрат назар андохт.

*Т. Усмон «Қашфи асрор»*

3. Ёдгор чун сари калобаи оядаи худро наёфт, ба саргузашти худ як назар андохт...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

4. Файзулло ба таърихи гузаштаи ҳамкасбаш ҷиддӣ назар афканд.

*«Тоҷикистони советӣ»*

5. Агар ба таърихи гузаштаи адабиёти тоҷик назар афканем, то чӣ андоза бузург будани хоҷагии адабиамон маълум мешавад.

*Ш. Ҳусейнзода «Масъалаҳои танқиди адабӣ дар адабиёти советии тоҷик»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 32. Назар ба чизе, касе афтодан

дидан, дида мондан.

1. Чун ӯ наздиктар расида назараш ба ман афтод, чашмонашро аз ман наканда омадан гирифт.

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

2. Аз пой то ба сар ғарқи айб бошед ҳам, назаратон фақат ба айби касон меафтад.

*Ҳ. Назаров «Дар ҷустуҷӯи Карим-Девона»*

### 33. Аз назар афтодан

бе эътибор, нописанд шудан.

1. Баъд аз он ки Ризвон соҳиби фарзанд шуда ба қатори занони никоҳии бой гузашт, Қалмоқ-оим тамом аз назар афтод, ба ошхона ҳам Ризвон соҳиб шуда монд.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

2. — Ману шумо тамом аз назари Оймулло афтода мондем...

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 34. Назар ба гуфти...

мувофиқи гуфти... аз руи тасдиқи...

Назар ба гуфти у имруз маҷлис мешавад.

### 35. Назари бад доштан

нияти бад доштан, дар ҳаққи касе ё чизе некбин набудан.

1. Ҳоло дурӯғ ҳам бошад «ман ба зани ту назари бад надорам, уро мисли духтарам ва келинам медонам» гуфтани бойро ғанимат дониста, худро ба нодонӣ зада гаштан гирифтан беҳтар аст...

*С. Айнӣ «Ятим»*

2. Ба гумонам вай ҳам нисбат ба ман назари бад надорад.

*Т. Усмон «Кашфи асрор»*

### 36. Ба назар бад (ганда) намудан

писанд наафтодан, маъқул набудан.

1. Агар ба назари шумоён бад менамудагӣ бошам, ба ягон ротаи дигар фиристонед.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

2. Дар ин замона ба фарзандҳоят одобу одамгарӣ ёд диҳӣ, ба назарашон ганда менамой.

*Р. Ҷалил «Ҳамида»*

### 37. Ба (бо) назари бад нигоҳ кардан

ба чизе нохайрхоҳона, нобоварона нигоҳ кардан; аз руи тамаъ ва ҳасад нигоҳ кардан.

1. Акнун аз як тараф аскарҳои дар ҳаққи мо бадгумоншуда моро босмачӣ гуфта ба назари бад нигоҳ мекунанд...

*С. Айнӣ «Доҳунда»*

2. Бой ба вай чашм ало кардааст ва бо назари бад нигоҳ мекунад...

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 38. Ба назар гарм намудан (тофтан)

1. касе ба касе шинос намудан, 2. писанд шудан.

1. — Ман ҳам туро дидан замон ба назарам гарм намудӣ, албатта, дар охири суҳбат мепурсам гуфта аз дилам гузаронида будам.

*Ф. Ниёзӣ «Духтари ҳамсоя»*

2. — Ба назарам гарм менамоед, номатон Фазилахон-ку не?

*«Тоҷикистони советӣ»*

3. — Чеҳраи ҷавонмард, ки дар китф пармаи калони куҳканӣ дошт, ба назарам хеле гарм метофт.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 39. Ба назар гирифтан

ба эътибор гирифтан; ба ҳисоб гирифтан.

1. Оқибат босмачиён кушта шудани худро ба назар гирифта, якбора аз се тараф ба шинак ҳуҷум оварданд...

*С. Айнӣ «Доҳунда»*

2. Султон Муҳаммад афкори оммаро ба назар намегирифт, ба муҳаббат ва нафрати оммаи мардум эътибор намекард.

*С. Айнӣ «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик»*

3. Ба фикри ман хоҳиши худи Лоларо ба назар гирифтан даркор.

*«Тоҷикистон»*

### 40. Аз назар гузарондан

1. дида баромадан; 2. санҷидан.

1. Ӯ баъди аз назар гузаронидани онҳо ба соҳиби хона хитоб карда гуфт...

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III*

2. Агар тамоми мудирони магазинро нағзакак аз назар мегузарондем, хуб мешуд.

*«Тоҷикистони советӣ»*

3. Дар боби оянда аз назар хоҳем гузаронид.

*А. Мирзоев «Биноӣ»*

### 41. Аз назари касе гузаронидан

чизеро ба касе нишон додан, ба касе чизеро нишон дода, маслиҳат, розигии ӯро пурсидан.

1. Шоҳин саргузашти пурфоҷиаи худро дар эҷодиёти гуногуни худ ва ҳатто дар ҳамон шеърҳое, ки ба номи амир, гӯё дар мадҳи ӯ навишта аз назари вай гузаронидааст, низ бошуурона акс кунонда, бо ин роҳ ҷавононро метарсонд, ки аз доми амир гурезанд.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

2. Бинобар ин мо асари шуморо аз назари домулло нагузаронида наметавонистем.

*Р. Амонов «Дар доманаи кӯҳҳои кабуд»*

### 42. Аз назари касе гурехтан

1. пайхас карда нашудан, 2. аз таъқиби касе пинҳон мондан, 3. аз мушоҳидаи касе дур мондан.

Чашми Сафаргулом, ки дар вақти гап зада истодани занаш сурх шуда рафта буд, аз назари Шокир нагурехт...

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 43. Назари диққатро ба худ кашидан

диққати касеро ба худ ҷалб намудан, шоёни диққат ва эътибор шудан.

Меҳнаткашони меҳнатдуст ва коркунони ин сарзамин назари диққати колонизаторҳоро ба тарафи худ кашид.

*С. Айнӣ «Тирози ҷаҳон»*

### 44. Аз назари диққат берун гузоштан

эътибор накардан, аҳамият надодан.

Масалан, кадом адабиёти таърихдор масъалаи омӯхтани эҷодиёти нависандагони классики худро аз назари диққат берун мегузорад?

*Ғ. Мирзо «Сафари диёри дӯстон»*

### 45. Ба назари диққат гирифтан

ба ҳисоб гирифтан, эътибор додан.

Аммо баъзе камбудиҳои ин мақоларо, ки ба фаҳми ман, агар шумо ба назари диққат гиред, дар оянда ба шумо фоидаи калон хоҳад расонд...

*С. Айнӣ «Мактуби кушода ба рафиқ Тоҷиев» («Шарқи сурх»)*

### 46. Дар назар доштан

1. дар хотир доштан, аз ёди худ набаровардан, 2. афзал донистан.

1. Шумо корҳои ношоиста гуфта чиро дар назар доред?

*Р. Амонов «Дар доманаи кӯҳҳои кабуд»*

2. Онҳое ки танҳо манфиати худро дар назар доштанд, дар обод кардани мамлакат кушиш намекарданд.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 47. Аз назар дур надоштан

ба касе, чизе доимо диққат кардан, касе, чизеро ҳамеша дар тахти назар доштан.

Истилогарони Ғарбӣ ҳам ин ҷоро аз назар дур намедоштанд.

*С. Айнӣ «Тирози ҷаҳон»*

### 48. Ба назар намоён

маълум, муҳим, аҳамиятнок.

1. Ӯ кори тадқиқотии ба назар намоён накардааст.

*С. Айнӣ «Мирзо Абдулқодири Бедил»*

2. Махсусан аъзоёни звенои Бибифазилат ва Каримбой кори ба назар намоёнро анҷом доданд.

*Қ. Наимӣ «Роҳи дуруст» («Шарқи сурх»)*

### 49. Ба назар намоён шудан

номдор, барҷаста, машҳур шудан.

Акнун Аминҷонов худаш наққоши ба назар намоён шуда монд...

*Т. Усмон «Кашфи асрор»*

### 50. Аз назар дур намондан

писанд, маъқул будан; ҳамеша дар пеши назар будан.

Хусусан аз назари Мирхонд, ки «Равзат-ус-сафо» ном асари таърихии худро бо хоҳиши Навоӣ навиштааст, дур намемонад.

*С. Айнӣ «Алишер Навоӣ»*

### 51. Назар нагирифтан

писанд накардан, ба эътибор нагирифтан, эътино накардан, написандидан.

1. — Чанд вақт боз ҷудо хуҷаиншинос шуда рафтӣ-а, акнун моёнро назарат ҳам намегирад.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. — Худатонро калон мегирифтед, ҳеҷ касро назаратон намегирифт...

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. I*

3. Савод кам, корҳои калонтар аз дасташ намеояд, кори майдаро назараш намегирад.

*С. Улуғзода «Ёрони боҳиммат»*

4. Лекин баъзе касон бисьёр ботакаббур шудагӣ, ман роҳбар гуфта назарашон касро намегирад.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

## 52. Ба назари касе нанамудан (натофтан)

1. писанд набудан, қадр надоштан, эътибор надоштан, 2. пинҳон шуда гаштан.

1. Барои ман, додарам, беҳтар шавад, мешавад, ҳамин вақт молу чиз ба назарам наменамояд.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Албатта ҳиротиён ҳам бисьёр кушта мешуданд, лекин дар пеши мудофиаи ватан ҷонашон ба назар нанамуда меҷангиданд.

*С. Айнӣ «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик»*

3. Баъзан барфу борон ҳам ба назараш наменамуд.

*Ф Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

4. Ба хонаи амакам ҳам нарафтам, чунки ба назарам ҳеҷ чиз наметофт.

*Л. Саид «Пеш аз субҳ» («Шарқи сурх»)*

5. То аз ин ҷойҳо гум шуда рафтани онҳо ба назарашон нанамудан беҳтар аст.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

## 53. Назари нағз (хуб, нек) доштан

нисбат ба касе фикру ақидаи хуб доштан; хайрхоҳ будан, алоқаи нағз доштан.

1. Вакили муллоён шуда аз ҳама болонишин гардид, касеро гумон кунад, ки ӯ ба ҷадидон ё большевикон назари нағз дорад, ба амир маълум карда кушонид, касеро дид, ки чизе дорад, вайро ба ҷадидӣ ё большевики туҳмат карда аз вай мол ва пул гирифт.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. — Вазир Балъами хам ба ман назари нек надорад, маро ҳар вақт ба амир бад карда мегардад.

*С. Улуғзода «Қисмати шоир»*

3. Аммо ӯ ба ман назари хуб доштааст...

*С. Айнӣ «Алишер Навоӣ»*

### 54. Назари касе паст гардидан

мумсик, хасис шудан, нотавонбин шудан.

Одами ҳарис, хусусан агар у судхур бошад, ҳар чи қадар, ки бойтар шавад, ҳамон қадар ҳаристар, назараш пасттар гардида, барои ба даст даровардани андак чиз аз ҳар гуна ҷиноят ва беномусӣ руй намегардондагӣ мешудааст.

*С. Айнӣ «Еддоштҳо», қ. III*

### 55. Бо назари паст нигаристан (нигоҳ кардан)

1. ба касе, чизе таҳқиромез, тамасхуромез нигоҳ кардан, 2. аҳамият надодан.

1. Хусусан муллоҳо ба ман бо назари бисьёр паст менигаристанд.

*С. Айнӣ «Мухтасар тарҷимаи ҳоли худам»*

2. Ба зану духтар бо назари паст нигоҳ мекард.

*А. Деҳотӣ «Асарҳои мунтахаб»*

### 56. Аз назар пушида мондан

пинҳон мондан, маълум нашудан.

Ин гуна рафтор ва кирдори Қорӣ Самеъ аз назари Яҳьёхоҷа пушида намондааст ва у хостааст, ки уро дурустакак танбеҳ диҳад.

*С. Айнӣ «Еддоштҳо», қ. III*

### 57. Ба назар расидан

*Ниг.* Ба назар намудан.

1. Нисбат ба дигар мақолаҳои дар ҳамин мавзуъ навишташуда беҳтар ва мукаммалтар ба назар мерасад.

*М. Муллоҷонов «Танқиди адабӣ ва тарбияи нависандагони ҷавон» («Шарқи сурх»)*

2. Ин манзараи зебо аз дур ба назар мерасид...

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 58. Назари худро паст кардан

1. чашмтангӣ, мумсикӣ кардан, 2. ба чизи камарзише чашм дӯхтан.

— Не, аз пул гап занед, аз пул...

— Ҳа, пул ҳам се-чор танга...

— Назаратонро ин хел паст накунед.

*«Занони Тоҷикистон»*

### 59. Ба назар хунук намудан

ба чашм нозеб, номуносиб, бад намудан.

1. Ана акнун дар маҳалла ягона ӯ монда буд, ки ба назари ҳама хунук намуда, фаранҷии садьямокаи санг барин вазнинро ба сар гирифта ба куча мебаромаду аҳли гузарро ба хиҷолат мемонд.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

2. Ба назари котиб як бор, ки хунук намудӣ, як бор, ки феълат нафорид, дигар аз ӯ гурехта ҳам халос шуда наметавонӣ.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 60. Бо назари хунук нигоҳ кардан

1. беэътиборона, дилсардона, бемасъулиятона рафтор намудан; бепарвоёна муносибат кардан, 2. бад дидан.

1. — Аммо кӣ ба шумо гуфт, ки ман ба ин бетартибиҳо бо назари хунук нигоҳ мекунам?

*Қ. Наимӣ ва Н. Кладо «Найрангҳои беҳуда» («Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

2. Дар натиҷаи ба иҷрои вазифаи худ бо назари хунук нигоҳ кардани баъзе роҳбарони колхоз чандин чорво нобуд шудааст.

*«Хорпуштак»*

### 61. Ба назари эътибор гирифтан

ба касе, чизе эътибор кардан, диққати худро чалб намудан, ҳусни таваҷҷуҳ доштан.

1. — «Вакили райкомро ба назари эътибор намегирад, фармоиши маро иҷро накард» гуён шикоят намуд.

*С. Улуғзода «Навобод»*

2. Қоркунони шуъбаи милицияи райони Марказӣ арзамро ба назари эътибор нагирифтанд...

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 62. Аз назари эътибор дур мондан

1. диққатро чалб накардан, 2. муътабар ва машҳур набудан.

У дар Осиёи Миёна, Ҳиндустон ва Афғонистон маълуму машҳур бошад ҳам, дар Эрон аз назари эътибор дур мондааст...

*С. Айнӣ «Мирзо Абдулқодири Бедил»*

### 63. Ба назари ҳақорат нигоҳ кардан

*Ниг.* Ба назари паст нигоҳ кардан.

Ту ба ин дохунда ба назари ҳақорат нигоҳ мекунӣ, ин дуруст нест...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

**НАЗАРНОГИР**

### 64. Назарногир шудан

нонамоён шудан; хақир шудан; мавриди эътино набудан.

Шоҳ дар ҷомаи косибу вазир дар либоси нимчамулло чунон назарногир шуда буданд, ки касе ба онҳо нигоҳ намекард.

*Р. Ҷалил «Ҳамида»*

**НАЗД**

### 65. Касеро ба назди худ хондан

касеро ба назди худ даъват кардан, чеғ задан.

Қомсорг дертар Муродро ба назди худ хонда, аз ӯ ваъда мегирад, ки дигар ба Зуҳро кордор нахохад шуд.

*Ф. Муҳаммадиев «Савдои умр»*
*(«Шарқи сурх»)*

## НАЙРАНГ

### 66. Найранги касе гузаштан

фиреби касе амалӣ шудан.

Ин найрангҳо намегузаранд. Кур як бор асои худро гум мекунад.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

## НАКӮБӢ

### 67. Накуби дареро, накубанд даратро

ба касе кордор набошӣ, ӯ ҳам ба ту кордор намешавад.

1. Ба зери замин дарою ангиштатро кану қобилу гапдаро шуда гаштан гир-дия. «Накубӣ дареро, накубанд даратро» гуфтаанд азизон. Шумо бошед, ҳасад мехуреду аз паи ин мегиреду аз паи вай меафтед.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

## НАКӮӢ

### 68. Накӯӣ куну дар об андоз

накӯӣ кун, аммо миннат маталаб, накӯии худро ба рӯи касон мазан.

— Ака Эргаш дар замони амир дар ҳар кор аз ман бадгумон шуда бо ман дарафтода ба рӯям давида мегашт. Бо вуҷуди ин ман аз вай наранҷидаам. Эҳтимол ӯ дар ин кор ҳам аз ман бадгумон шуда бошад, майлаш, бадгумон шудан гирад. Ман як одами софдили бекинаам. Ман мехоҳам, ки ба вай некӣ кунам, ки гуфтаанд «некӯӣ куну дар об андоз», ӯ надонад худоку медонад.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

## НАМАД

### 69. Намади сиёҳ бо шустан сафед намешавад

1. ба одами бад ҳарчанд дӯстдорӣ, нагзӣ, насиҳат кунӣ ҳам, ӯ ҳаргиз нағз намешавад, 2. кори бефоида кардан.

Аммо вай, гап дар байни худамон монад, ҳар чанд одами калон бошад ҳам, намефаҳмад, ки намади сиёҳ бо шустан сафед намешавад.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

**НАМАК**

### 70. Намаки зиндагониро чашидан

1. азобу роҳат, талхию ширинии зиндагиро аз сари худ гузаронидан, 2. кордон, ботаҷриба шудан.

Ман каму беш намаки зиндагониро чашидам.

*С. Саидмуродов «Намунаи ибрат»*
*(«Занони Тоҷикистон»)*

### 71. Намак карда мондан

чизеро аз истеъмол монондан, чизеро аз ҳаракат боз доштан, чизеро таҳ карда мондан; кореро ба вуҷуд набаровардан.

1. Мақсад чист, ки мақолаи маро чандин вақт боз намак карда мондед...

*Т. Усмон «Кашфи асрор»*

2. Забони зиндаи гуфтугуиро намак карда мондан мумкин нест...

*«Роҳбари дониш»*

3. Дар Ҳисор мубориэаи зидди урфу одатҳои кӯҳнаро намак карда мондаанд.

*«Хорпуштак»*

### 72. Намак кур мекунад

касе ки аз касе нону намак хурда, некӯӣ дида онро манзур надошта бошад, намакношиносӣ кунад, ҷазо мебинад, одами носипос гирифтори ҷазо мешавад.

Инро дониста монед, ки касе аз хонаи касе намак хурда, бе ризои он соҳиби хона равад, намак кур мекунад.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III*

### 73. Намак надоштан

нафисӣ, зебоӣ, латофат, зарофат надоштан.

1. Як китоб гап мезанаду лекин гапаш заррае намак надорад.

*А. Деҳотӣ «Паёмҳои дӯстӣ»*

2. — Яъне ман мебинам, ки ин даъвоҳои шумо як пайса ҳам намак надорад.

*Т. Усмон «Кашфи асрор»*

3. Аммо баъзеҳо ғинг-ғинг карда мегӯянд, ки дар рақсҳои ба саҳнагузоштаи ман намак нест.

*«Маориф ва маданият»*

### 74. Намак начашидан

хӯроке нахӯрдан, гурусна будан.

1. — Мирзо,— гуфт Ашӯр ба бой нигоҳ карда,—мо дируз боз намак начашидаем.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

2. Имрӯз намак начашидааст.

*Ҷ. Икромӣ «Дохунда» («Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

### 75. Намаки касеро чашидан

хӯроки касеро хӯрдан; меҳмони касе шудан.

Бояд намаки моро чашида раванд, зуд рафта як таоми саридастӣ ташкил кун...

*«Маориф ва маданият»*

### 76. Намакро хӯрда намакдонро шикастан

1. ба нағзӣ бадӣ кардан, ношукрӣ кардан, 2. бевафоӣ, номардӣ намудан.

1. — Э вой, пас ятим намакро хӯрду намакдонро шикаст?

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид»*

2. Намак хурдӣ зи дасти ранҷбар, машкан намакдонро.
В-агарна дар хиёнат шуҳраи афвоҳ хохӣ шуд.

*А. Лоҳутӣ «Куллиёт», ч. I*

### 77. Намаки чизеро чашидан

1. мазаи хӯрокеро озмудан, хӯрокеро андак хӯрда дидан, 2. баҳраманд шудан, шарик шудан.

1. Шумо аввал намаки шӯрборо чашида бинед.

2. Нақл мекунанд, ки пули участкаи таҷрибавии хонандагон ба кисаи чапи у даромад, бо ким-чӣ хел воситае мудири маориф ҳам намаки онро мечашидааст.

*«Газетаи муаллимон»*

**НАМЕДИДАМ**

### 78. Намедидаму намесӯхтам

*Ниг.* Набинаму насӯзам.

— Дидам, духтари Александр,— сар ҷунбонид Эсанпай,— кошкӣ намедидаму намесӯхтам.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

**НАМОНДАН**

### 79. Аз касе, чизе намондан

1. маҳрум мондан, 2. даст кашидан, тарк кардан, 3. миннатдор шудан.

1. «Пеши дуконро холӣ кунетон, аз савдо намонам»...

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

2. Аз даҳон мондани харро нағз донад ҳам, орият аз даст наравад гуфта, аз харсавории худ намемонд.

*С. Ғанӣ «Тоҷикистон»*

3. Акти шикасту рехти мактабро аз папкааш гирифта, ба Улфатов дода гуфт:

— Мана акт, гиред, боз аз худи ман намонед.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

**НАМУР**

### 80. Намур, бузакам, баҳор мешавад, алаф мехӯрӣ

*Ниг.* Намур, харам, ҷав хоҳад пухт.

— Ҳоло ҳозир, то усто шудана, дусаду чанд сум. Баъд, ба устогӣ ки гузаштам, шашсад-хафтсад сум мегирифтагӣ мешавам.

— Намур, бузакам, баҳор мешавад, алаф мехӯрӣ,— гуфтам ман.

*П. Толис «Тобистон»*

### 81. Намур, харам, ҷав хоҳад пухт

тасаллии беасос, ваъдаи хушку холие ки иҷрояш муддати дарозро талаб мекунад, касеро бо ваъдаи оянда хуб умедвор кардан.

Дар ёбони Қоқо Ғулом Ҳайдар пас аз даравида куфтани ҷави худ акнун онро бод карда истода буд. Ба мулло Ниёз, ки атрофи хирманро монанди мурча давр зада мегашт, Назарбойиҷорадори даҳьякчӣ гуфт:

— Бо гуфтани «намур, харам, ҷав хоҳад пухт» на шиками хар ва на шиками соҳиби он сер мешавад.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

**НАПУРСЕД**

### 82. Напурседу насӯзам

ба хотирам оварда, маро азоб надиҳед.

— Не, не, бобо, шумо напурседу ман насӯзам...

*К. Носиров «Орият»*

**НАРЕЗОНДА**

### 83. Нарезондаю начаконда

мукаммал, аз сар то охир гуфтан, ягонтаашро ҳам фаромӯш накарда, нақл намудан.

1. Ин хабарро нарезондаю начаконда ошкоро ба шавҳарат рафта мегӯям...

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

2. Пагоҳ Холиддин воқеаи имшабаро нарезонда, начаконда бо бароварду фароварди зиёд ба раис ва дигар активони колхоз гуфта дод.

*Р. Ҳайдаров «Дӯ дилдода»*
*(«Шарқи сурх»)*

3. Ана мо ҳам дар ҳамин ҷо нуқта гузошта, нақли ҳамсуҳбатамонро нарезонда, начаконда ба руи коғаз кӯчондем.

*«Маориф ва маданият»*

**НАРИШТА**

### 84. Нариштаву натофта, аз баҳри худо ёфта

чизеро бе заҳмат, бе меҳнат, муфт ба даст даровардан.

1. Онҳо соҳиби он боигарии калоне шуда буданд, ки ин пирамард дар зарфи солҳои бисёре ба даст оварда буд.

— «Нариштаву натофта, аз баҳри худо ёфта!»— мегӯянд дар чунин мавридҳо одамон,— гуфтам.

*Р. Ҷалил «Хамида»*

2. Мемондаам, ки ин хонаҳои нақшин, ин боғу лаби сарҳавзи салқинро «нариштаву натофта, аз баҳри худо ёфта» мегирифтааанду кайф мекардаанд! Хобатонро ба об гуед!

*Р. Ҷалил «Субҳи саҳро»*
*(«Шарқи сурх»)*

**НАРХ**

### 85. Нарх мондан

қимати чизеро муайян кардан.

— Мо ба талошу савдо хақ надоштем,— ҷавоб дод Сангинов,— деҳқон меомаду ба қаду басти ҳар бача нигоҳ карда: «ба ту — ним танга, ба ту — се мирӣ, ба ту — як танга» гӯён ба ҳар кадоми мо нарх мемонд...

*К. Носиров «Орият»*

### 86. Аз нархи пиёз бехабар будан

аз чизе хабар надоштан, ғофил мондан.

— Магар имконияти бинои мактаби нав пушидан надоред?

— Эҳе! Шумо ҳоло аз нархи пиёз бехабаред. Мо мактаби нав сохта истодаем...

*«Маориф ва маданият»*

### 87. Нархи сабзию пиёзро напурсида...

моҳияти масъаларо нафаҳмида...

1. Яктааш ки ба як тараф рафт, дигарҳояш ҳам нархи сабзию пиёзро напурсида, аз ақиби ҳамон давидан мегирад.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. I*

2. Барои чӣ шумо нархи сабзию пиёзро напурсида розигии худро додед.

*С. Ғанӣ «Тӯй»*

3. Маҳмудов нархи сабзию пиёзро напурсида зуд трубкаи телефонро гирифт ва фарьёд зад...

*Қ. Наимӣ «Ман бо шумо»*

**НАСИБ**

### 88. Насиб бошад...

умр боқӣ бошад, агар толеъ мадад кунад...

1. — Баракаҷон ҳам, насиб бошад, омада мемонад.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

2. — Дар мусобиқа-ку, насиб бошад, дастамон ҳамеша боло мешавад,— ҷавоб дод Бобо.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. 1*

### 89. Чизе насиби касе будан

расидан, ба даст даромадан; омодаву фароҳам шудан, муяссар гардидан.

Ба сари ин куҳ давида баромадан насиби он касон буд, ки дар ин ҷо зоида ва дар ин ҷо калон шуда бошанд.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 90. Насибу рӯзӣ кунад

қисмат кунад, ош шавад, нуши ҷон шавад.

Насибу рӯзӣ кунад, парвою фарбеҳ карда, бо бачаю качаҳоят хӯр гуфт...

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

### 91. Насиб шудан

қисмат гаштан.

Аммо даҳьяки он ош ҳам насиби ман нашуд.

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

**НАФАС**

## 92. Нафас ба дарун афтидан

1. нафас набаромадан, 2. хомуш мондан, дам назадан.

2. Дар ҳақиқат бо дидани шакл ва шамоили эшон дар чойхонае чанд касро ханда гирифта бошад хам, лекин нафасашон ба дарунашон афтида монд.

*А. Деҳотӣ «Асарҳои мунтахаб»*

## 93. Нафас ба дарун гирифтан (кашидан)

даҳон накушодан, гап назадан, хомуш будан.

1. Гуё то ин дам улфатҳо меҳмон будани маро поси хотир карда нафаси худро ба дарун гирифта, забон хоида истода будаанд.

*Ф. Муҳаммадиев «Мактуби дӯст» («Шарқи сурх»)*

2. Одамон нафас ба дарун кашида буданду ба чои онҳо қаламу чӯтҳо сухан мекарданд.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

## 94. Нафаси касе гаштан

нафас гирифта натавонистан, гап зада натавонистан; беҳолу бемадор шуда мондан.

1. Ҳамин вақт у Гургро дид, гапашро давом дода натавониста нафасаш гашт.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

2. Лекин ҳалқам хушк шуда, нафасам гашта истодааст.

*«Хорпуштак»*

### 95. Нафаси осуда (озод) кашидан

*Ниг.* Нафас рост гирифтан.

1. Баъд аз дақиқае электрики даруни хона боз равшан гашт. Ҳама ҷамъшудагон нафаси осуда кашиданд.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

2. Як дам бошад ҳам, нафаси озод мекашиданд.

*Т. Усмон «Кашфи асрор»*

### 96. Нафас рост гирифтан (кардан)

1. ором шудан, дам гирифтан, истироҳат кардан, 2. фориғи ҳар гуна ташвишҳо, осудаҳолона зиндагӣ ба сар бурдан, хотирҷамъ гардидан.

1. Бойҳои калони саройнишин ҳам дарвозаҳои саройҳояшонро калон кушода, нафасашонро рост гирифтанд.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. IV*

2. Вақте ки хола аз болои курпача баромада нишасту нафасашро рост гирифт, Латофат бо табассуми ширин ба гап даромад.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

3. Лашкари амирро ба нафас рост кардан фурсат надода пеш карданамон лозим аст.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

4. — Албатта қабул мекунем, канӣ фаранҷиатонро гиред, шинед, нафасатонро рост кунед.— Гулру ҷавонзанро ба лаби кат шинонд.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид»*

### 97. Нафаси касе тангӣ кардан

1. нафас кашида натавонистан, душвор шудани нафаскашӣ, гулу хафа шудан, 2. зик шудан, хаста шудан.

1. Аммо боз тарсидам, зеро то он вакт чӯби сахт нахӯрда будам, вақте ки чӯби мактабдорро дар холате ки ба поям расида истодааст, ба хотир меовардам, кафи пойҳоям хоришкунон сӯзиш мекард, дилам ба пушт мекашид ва нафасам тангӣ мекард.

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

2. Нафасам то баромадана (ба зинапояҳо — *М. Ф.*) тангӣ мекунад.

*Ф. Ансорӣ «Ҳаёт ва ишқ»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 98. Нафаси хунук кардан

дар ҳаққи коре ва касе нияти бад кардан, гапи бад задан, эҳтимоли пешомади бадеро ба забон овардан.

Ҳатто муаллим гуфтаанд, ки кор ба баҳои «2» ҳам намеарзад.

— Не-е. Нафаси хунук накунед, ки боз ҳамин тавр нашавад.

*«Газетаи муаллимон»*

### 99. Нафаси хушк аз най садо намебарорад

ба ҳар хизмате бояд музде дода шавад; ишора ба муздиҳӣ ё порадиҳӣ.

— Ҳар коратон бошад, ба ҷону дил мувофиқи дилхоҳатон мекунам, дуои шумо ғанимат аст,— гуфт.

— Нафаси хушк аз най садо намебарорад, дуои обдор мекунам.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 100. Нафаси шум

сухан ва нияти бад.

Илоҳӣ нафаси шумашон аз даҳонашон баромада ба гиребонашон часпад!

*«Хорпуштак»*

### 101. Нафас ях

ба касе чизе нагуфтан, сирреро фош накардан.

1. — Лекин, лаънатӣ, ба касе лаб намекушой, нафас ях!

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

2. — Хуб, нафас ях. Равед, кампирбегим, мо худамон гапзанон мекунем.

*С. Саидмуродов ва Н. Рабиев*
*«Саодат»*

**НАФАСАТ**

### 102. Нафасат муборак шавад

мувофиқи нияту гуфтаи неки ту шавад.

— То дидан, муйсафед. Хуш бошу хуш зӣ.

— Нафасат муборак шавад,— гуфт пирамард...

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

**НАФАСАТОН**

### 103. Нафасатон нек шавад

сухани нек, хоҳиш, орзуатон ба ҷо ояд.

— Туй муборак шавад, келиноим!

— Илоҳӣ нафасатон нек шавад.

*Б. Азизӣ «Никоҳи дилхоҳ»*
*(«Занони Тоҷикистон»)*

**НАФС**

### 104. Нафси бад—балои ҷон

чашмгуруснагӣ, ҳарисӣ, хосияти бадест, ки тарки он амри маҳол мебошад.

— Бинед, қариб баробари шумо хурдам-а, набошад навакак аз сари ош хеста омада будам, нафси бад балои ҷон, ана акнун ҳазм кардани ин як азоби гур.

*Ф. Ниёзӣ «Духтари ҳамсоя»*

### 105. Нафс — балои ғафс

*Ниг.* Нафси бад — балои ҷон.

1. «Нафс — балои ғафс» гуфтаанд, ки рост аст. Ин корчаллон бо ҳамаи ин қонеъ нашуда, роҳи дигари хиёнатро пеш мегирад.

*«Тоҷикистони советӣ»*

2. Агар нафсро нигоҳ надорӣ, касро ба ҳазор кучаи чапғалот мебурдааст. Аз ҳамин сабаб «нафс — балои ғафс» мегуфтаанд...

*«Хорпуштак»*

### 106. Нафсро калон кардан

чашмгуруснагӣ, ҳарисӣ кардан.

Нафсатро калон накун, «кам-кам хур, доим хур» гуфтаанд, агар аз як боғ, ҳосилаш бисьёр будааст гуфта якбора бист пуд бардорӣ, боғдор ба ҷонаш расида аз паят меафтад...

*С. Айнӣ «Доҳунда»*

### 107. Нафси касе коҳидан

ба иззати нафси касе расидан, касеро ранҷонидан.

Ин беадабӣ ба Марҳаматхола хеле сахт расид, нафси ӯ коҳид.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

### 108. Нафс ором ғирифтан

1. қонеъ шудан; аз чизе сер шудан, 2. ҳирсу шаҳвати худро фуру нишондан.

Агар ҳамин Фируза қати нафсашон ором мегирифта бошад, садқаи сар!

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 109. Нафсро ором додан (кардан)

*Ниг.* Нафс ором гирифтан.

1. Модар охирин ҷуворимаккаро атолаи явғон пухта, ба бачаҳояш хуронда, акнун дар ғами он буд, ки фардо нафси онҳоро бо чӣ ором медиҳад.

*«Тоҷикистони советӣ»*

2. Фикр кард, ки рафта аз дунба каме хурда нафсашро ором кунад.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

### 110. Ба нафси касе расидан

ба иззати нафси касе расидан, касеро ранҷонидан.

1. — Чӣ, магар бе имзои Саркор имзои раис эътибор надорад.

— Не, ман ин хел намегуям... мабодо боз ба нафсашон нарасад.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

2. Зеро агар ба худ ранги омӯзгориро медодам, аҷаб набуд, ки ба нафсаш сахт расида аз омӯзиш саркашӣ кунад.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. II*

### 111. Нафс шикастан

1. ба камтар чиз қаноат кардан, 2. ба бечорагӣ умр ба сар бурдан, 3. аз лаззати дунъё даст кашидан.

Ҳамин тавр нишон медод, ки гӯё нафси худро шикастааст.

*С. Улуғзода «Аҳмади Дониш»*

### 112. Нафс қабул накардан

1. чизеро виҷдон қабул накардан, 2. ба чизе розӣ нашудан.

Хусусан хушомадгӯиро нафси вай ҳеҷ қабул намекард.

*С. Улуғзода «Аҳмади Дониш»*

**НАФСОНИЯТ**

### 113. Ба нафсонияти касе расидан

*Ниг.* Ба нафси касе расидан.

Имрӯз ба нафсонияти ӯ расиданд.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

**НАФСУЛАМР**

### 114. Нафсуламри гап

рости гап; ҳақиқати кор.

— Нафсуламри гапро гӯям, одам ба дунъё чанд бор меояд?

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

**НАХ**

### 115. Наху тор бурида шудан

1. чизе қатъ шудан, 2. ба ком нарасидан.

Магар кораш ба поён норасида,<br>
Ба ногаҳ шуд наху тораш бурида?

*М. Турсунзода «Ман аз Шарқи озод»*

**НАХӮД**

### 116. Нахӯди пеши қошуқ шудан

дар ҳама кор аввалин, саркарда шудан, дар ҳар кор худро пеш андохтан.

Дар ҳама ҷо нахӯди пеши қошуқ шуданро дӯст медорад.

*Қ. Наимӣ «Рӯзи равшан»*

### 117. Нахӯди ҳар ош шудан

ба ҳар кор ҳамроҳ шудан, ба ҳар кор бинии худро халонидан, ба ҳар кор мудохила намудан.

Ҳатто рӯзе мо (дар он вақт нахӯди ҳар ош шуданро нағз медидем) аз вай пурсидем...

*Ҳ. Аскар «Нишонаи одамият»*
*(«Шарқи сурх»)*

**НАЧАККОНДА**

### 118. Начакконда навиштан

чизеро мукаммал, пурра, ботафсил навиштан.

«Ҷосус ҳам ҳеҷ начакконда ин воқеаро ба султон навишт».

*С. Айнӣ «Алишер Навоӣ»*

### 119. Начакконда, нарезонда нақл кардан (ба касе бурда расондан)

*Ниг.* Нарезондаю начакконда гуфтан.

1. Ҳамаи муваффақиятҳои барҷастаро начакккондаю нарезонда нақл карда дод.

*«Хорпуштак»*

2. — Ташаккур, рафиқон, гапатонро начакконда, нарезонда ба колхозчиёни Ленинобод бурда мерасонам...

*Қ. Наимӣ «Фикри оянда»*
*(«Овози ҷавонон»)*

**НАШЪА**

### 120. Нашъаи чизеро рондан

роҳат, кайф, айши чизеро кардан, аз чизе лаззат бурдан, комьёби чизе шудан.

— Акнун, падарҷон, метавонед каландро ба ман дода нашъаи пириро ронед.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

**НАҒЗӢ**

### 121. Нағзӣ куну ба дарьё андоз

*Ниг.* Накуӣ куну дар об андоз.

— Акнун имрӯз, ки нону намаки маро хӯрда, ба гапи дигарҳо кор мекардагӣ бошӣ, кӯрнамакӣ мекарда бошӣ, ҳоло ҳам сари вақт. Қосим, «нағзӣ куну ба дарьё андоз» гуфтаанд, ман туро дошта намешинам, чор тарафат қибла, рав, кучое ки поят расад рав...

*П. Толис «Тобистон»*

### 122. Аз касе нағзӣ набаромадан

ба некукорӣ қобил набудан, аз ӯҳдаи ба касе нағзӣ кардан набаромадан.

Ман медонам, ки аз вай ҳеч нағзӣ намебарояд.

**НАҒМА**

### 123. Нағма баровардан

фиреб, баҳонаи нав бофтан, гапу кори тоза баровардан.

Тобистон, дар айни долу зарби кор, вай боз як нағмаи наве баровард.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 124. Ба нағмаю нағораи касе бозӣ кардан

*Ниг.* Ба нағораи касе бозӣ кардан.

Ҳофиза найранги вайро надониста, ба нағмаю нағорааш бозӣ карда гаштааст...

**НАҒОРА**

### 125. Ба нағораи касе бозӣ кардан (рақсидан)

бо сухани касе кӯр-кӯрона кор кардан; бозича, мутеи касе будан.

Ӯ ҳаргиз ба нағораи касони дигар бозӣ карданро дӯст намедошт.

### 126. Қасеро нағора карда навохтан

кору бори касеро сарзаниш, таъна, танқид кардан овозаю дарвоза кардан.

Боз якчанд занҳои дигар ҷамъ шуда, хуб ману шумо-ро нағора карда навохтаанд, хурофотчӣ, куҳнапараст гуфтаанд.

*А. Деҳотӣ «Ҳаёт қадам мезанад»*

**НАҚШ**

### 127. Нақш бар об будан

бефоида, барабас, нопойдор будан.

Мо магар қабри Ленинро дасти душман медиҳем?
Ё ба зулму бандагӣ бори дигар тан медиҳем?
Ё ба кулакон зи колхоз ним арзан медиҳем?
Ё ба буржу фабрику роҳи оҳан медиҳем?
Эй ҷаҳонҷу, дур шав, нақши ту бар об аст, об,
Ин ки мебинӣ, хаёлот аст, ё хоб аст, хоб!

*А. Лоҳутӣ «Асарҳои мунтахаб»*

**НАҚША**

### 128. Нақша дар об шудан

беҳуда, бефоида шудан, барабас рафтан; ба мақсад комьёб нашудан.

Аммо ин дафъа ҳам нақшаи Мухтор дар об шуд.

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

**НЕ**

### 129. Не гуфта ҳам бин

*Ниг.* Не гую рузи худро бин.

Телеграмма ба имзои худи раиси Совети хоҷагии халқ. Қанӣ, директор не гуфта ҳам бинад.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 130. Не гую рузи худро бин

агар розӣ нашавӣ, сахт ҷазо мебинӣ, ҳад надорӣ, ки розӣ нашавӣ, маҷбур ҳастӣ, ки розӣ шавӣ, вагарна...

— Ман розӣ шудам, не гую рузатро бин,— ҷиддӣ гуфт зан.

*Қ. Наимӣ «Рузи равшан»*

### 131. Ба нею нестонаш нигоҳ накардан

маҷбур кардан, водор намудан.

1. Меҳмони навомадро ба «нею нестонаш» нигоҳ накарда ба руи курпача гузаронид...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Пирамард ҳам дигар «нею нестон» карда нанишаста ба хона даромад.

*П. Толис «Ҳикояҳои даҳ сол»*

НЕКӢ

### 132. Некӣ куну ба дарьё андоз

*Ниг.* Накуӣ куну дар об андоз.

«Некӣ куну ба дарьё андоз» гуфтаанд. Панҷ дақиқа вақти худро дареғ надошта, як шуққа коғаз навишта фиристеду холисона як маслиҳат диҳед.

*Р. Ҷалил «Ҳамида»*

### 133. Некӣ куну некӣ бин

дар бадали некӣ некӣ мебинӣ.

Дуруст мегуянд, ки «некӣ куну неки бин». Бародарони ҳиндуии мо хуб медонанд, ки ёрии иқтисодӣ ва тарафдории маънавии Иттифоқи Советӣ нисбат ба Ҳиндустон некии беминнату беғараз мебошад.

*Ф. Ниёзӣ «Дар сарзамини Шарқи бедор («Шарқи сурх»)*

НЕСТ

### 134. Нест зоғе бе доғе

1. одам бе камбудӣ, бе нуқсон намешавад, ҳеч кас аз камбудӣ холӣ намебошад, 2. ҳар касе дарду ҳасрате дорад.

— «Нест зоғе бе доге» гуфта будааст касе. Тағоии ман ҳам дар қатори он ҳама фазилатҳои бебаҳояш якта-нимта хислати номақбул дошт.

*П. Толис «Тобистон»*

НЕШ

### 135. Нешн забон задан

1. сухани таънаомез гуфтан, гапи сахт задан, 2. таъна ва маломат кардан.

Шахтабон ин сухани Буровро шунида бошад ҳам, худро ба ношунавоӣ зада, ба дигарон неши забон задани худро давом додан гирифт.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

**НИГОҲ**

### 136. Нигоҳи гарм намудан (кардан)

ба касе дустона, бо меҳру муҳаббат нигоҳ кардан.

Дилам аз чашми ман шояд аён шуд,
Ки бар ман ҳам нигоҳи гарм бинмуд.

*Ф. Ансорӣ «Гулшан»*

### 137. ... нигоҳ карда

мувофиқи... аз руи..., ... ба эътибор гирифта.

1. — Чӣ кор кунам, ба розигии шумо нигоҳ карда кор кардам.

*С. Ғанӣ «Туӣ»*

2. Муҳаммадҷон ба ҳамаи коҳишу ҷазоҳои хуҷаинаш нигоҳ накарда, бо як ҷурааш, ки дар хонаи онҳо дуторе буд, рузҳо дар хонаи танҳое дукаса ба худомузӣ сар карданд.

*«Машъал»*

### 138. Нигоҳ карда мондан

мунтазири касе шудан; муҳтоҷи касе шуда мондан.

— Босмачиёнро аскарони сурх нест мекунанд, нест кардани босмачиён ба ту нигоҳ карда намондааст.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 139. Нигоҳи тунд кардан

ба касе бо қаҳру ғазаб нигоҳ кардан.

— Бо шумоён маслиҳат карда мешавад-мӣ?— гуфт Сафар ба руи Ғаниҷон нигоҳи тунде карда.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

### 140. Нигоҳи тунду тез партофтан

*Ниг.* Нигоҳи тунд кардан.

Ҷура якбора сарашро бардошта, ба сар то пои у— ба муйсари силиқ шонакардааш, ба руи фарбеҳи сур-

хаш, ба галстуки паҳну кутоҳи алочипораш, ба костюми раххояш чорхона-чорхонаи ӯ, ба туфлии пошнағафси ӯ як нигоҳи тунду тезе партофт.

*П. Толис «Ҳикояҳои даҳ сол»*

**НИМБИСМИЛ**

### 141. Нимбисмил гардидан

1. нимҷон шудан, 2. сахт ба ҳаяҷон омадан.

Ҳамин ки ин шахс «нолаи шаби ҳиҷрон»-и ғарибонаи Ёдгорро шунид, гумонаш ба яқин бадал шуд ва донист, ки мурғи бегонаи навомӯз зада шудааст, ҳатто нимбисмил гардидааст.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

**НИМКОСА**

### 142. Нимкосаи таги (зери) коса

*Ниг.* Таги коса нимкоса будан.

1. Рафтори занак ба Комилов шубҳанок намуд. Барои чӣ ӯ банохост гапашро гум карда монд. Чаро рангаш парид. Оё нимкосаи таги коса ба ҳамин занак алоқаманд нест?

*Ф. Муҳаммадиев «Тири хокхӯрда»*

2. Ҳисси кунҷковӣ маҷбурам мекард, ки ҳамин «нимкосаи зери косаро» ёбам.

*«Маориф ва маданият»*

**НИНАК**

### 143. Нинак аз паси сар баромадан

азобу уқубати чизеро кашида, чӣ будани онро фаҳмидан, чашми касе кушода шуда мондан.

Сабр кун. Имрӯз ё пагоҳ зой, баъд нинакат аз паси сарат мебарояд.

*«Занони Тоҷикистон»*

**НИНАКШАХӢ**

### 144. Нинакшахӣ кардан

якравӣ, саркашӣ, гарданшахӣ кардан.

Агар деҳқон «нинакшахӣ карда» ба даъвои худ сахт истад ва барои то қабул кунонидани шумораи худ

ба паллабардор, аз лаби зағома нигоҳ дорад, паллабардор зағомаро аз дасти вай кашола карда гирифта, ғузаро ба пеши ҷуволи у ба замин рехта, ба пеши як деҳқони дигар, ки ба у нигарон аст, мерафт...

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. II*

**НИХТА**

### 145. Нихта карда мондан

касеро ба ҳаракату ғайрат овардан, ҳушьёр кардан, дар бораи чизе огоҳонида мондан.

Коркунони шуъбаҳои маданияти районҳои...-ро андаке нихта карда мон...

*«Хорпуштак»*

**НИШАСТ**

### 146. Нишасту бархост кардан

бо касе муомила ва муошират кардан, кордор будан.

— Бозор чанд вакт боз худашро гум кардааст,— дигаре гуфт:

— Имруз ба пеши бой, фардо ба пеши оқсаққол ва имом, ҳамеша пеши калонпоён нишасту бархост карда гаштааст.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 147. Бо касе нишасту хез кардан

*Ниг.* Бо касе нишасту бархост кардан.

Бо мардуми бисьёр нишасту хез карда буд.

*Ҷ. Икромӣ «Аз Душанбе то ба Киев» («Шарқи сурх»)*

**НИШЕБ**

### 148. Аз нишебу фарози роҳ натарсидан

1. ба мушкилӣ ва азобу уқубатҳои роҳ тоқат кардан, 2. мушкилиҳои зиндагиро мардонавор пешвоз гирифтан.

— Қас агар ҳар чӣ бодобод гуяд, бояд дигар аз нишебу фарози роҳ натарсад.

*Ҳ. Ирфон «Ду ёр аз ду диёр» («Шарқи сурх»)*

**нишон**

### 149. Ба касе чизеро нишон додан

адаб, ҷазои касеро додан, чашми касеро кушода мондан; ба гуноҳи касе сазо додан.

1. — Ҳоло сабр карда ист, ба ҳавлӣ рав, ман ба ту нишон медиҳам.

*Ҷ. Икромӣ «Ситора» («Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

2. Ман ин худсариатро ба ту нишон дода мемонам.

*К. Носиров «Орият»*

**ният**

### 150. Нияти нек—оқибати нек

нияти нек оқибати нек дорад.

«Нияти нек—оқибати нек» мегӯянд дар зарбулмасал. Нияти колхозчиёни ин деҳа ҳам оқибати нек овард...

*«Тоҷикистон»*

### 151. Нияти холису дили соф

дар бораи тасодуфан омада мондани шахси дар суҳбат номбар кардашуда мегӯянд.

— Маро ҳозир муаллим боз барои ту фиристоданӣ буданд. Хайрият худат омадӣ...

— Ният холису дил соф-дия!

*Ф. Ансорӣ «Имтиҳон»*

**ниҳол**

### 152. Ниҳол дар як ҷо месабзад

*Ниг.* Дарахт дар як ҷо сабз мешавад.

Ба инҳо дарди куч-куч расидагист-дия! Аз қадим одаташон ҳамин. «Дили одаткарда балои ҷон». Ҳамин ки як сол кор карданд, боз ба дарди «кӯч-кӯч» мубтало мешаванд. Беҳтараш, ки бозори онҳоро тез накунед. «Не» гӯед. Монед, ки дар мо кор кунанд. Фаҳмонед, ки ниҳол дар як ҷо месабзад.

*М. Узоқов «Лулиён» («Истеъдодҳои ҷавонон»)*

### 153. Нихоли умр шодоб шудан

зиндагии касе дар авҷу равнақ шудан, шукуфон, шодону хурсанд гардидан.

— Барака ёб, бачаам,— ниҳоли умрат шодоб шавад!

*Р. Файзӣ «Модаршу»*
*(«Шарқи сурх»)*

## НОБИНО

### 154. Нобино як бор асояшро гум мекунад

*Ниг.* Кур асояшро як бор гум мекунад.

Дар урфият мегӯянд, ки «нобино як бор асояшро гум мекунад».

*«Тоҷикистони советӣ»*

## НОГАП

### 155. Ногап шудан

бо ҳамдигар гап назадан, ҷангӣ будан.

1. Дар миёнаи ин ду шоир дар натиҷаи он ранҷиш хеле ҳаҷвиёт ба вуҷуд омадааст, ки ҳар ду ногап шуда аз дунё гузаштаанд.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

2. Хешу таборҳои Акбар ба ҳавлии ӯ намеомадагӣ ва бо вай ногап шуда монданд.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

## НОДОН

### 156. Нодон сухан гӯяду доно қиёс кунад

доно бояд аз сухани нодон хулоса бароварда, беҳбудии корро бинад.

Пулод бо зарбулмасали «нодон сухан гӯяду доно қиёс кунад» амал намуда, ба ҳамаи ҳасрату шикоятҳои Алихуҷа гӯш андохт ва аз ҳақиқати ҳол нағзтар огоҳ шуда, ба чунин хулоса омад, ки дар кори ин Совети қишлоқ дигаргунии калон зарур аст.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. II*

## НОЗ

### 157. Нози (нозу нузи) касеро бардоштан

1. орзу, хоҳиш, талаб, ҳавою ҳаваси касеро ба ҷо овардан, 2. ба инҷиқии касе розӣ шудан.

1. Фақат ин духтари ноз аст, бояд ноз бардорам.
Зи ғамза тирандоз аст, ҷонро чун ҳадаф дорам.

*М. Турсунзода «Ман аз Шарқи озод»*

2. Вай, ки нахустфарзанд буда, эрка калон шуда буд, талаб мекард, ки барояш ҳама вақт гузашт кунанд ва ҳамаи нозҳояшро бардоранд.

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

3. Қадом ҳокими калон ва ё бои калон бошад, бошад, маҷбур аст, ки баъзе нозҳои моро бардорад.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 158. Ноз ғунҷидан

*Ниг.* Нози касеро бардоштан.

1. Нозашонро ҳам мебардорем, нозамон ҳам меғунҷад.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

2. — Лекин симчӯб намерасад, шумо ёрдам карда метавонед, нозамон ба шумо меғунҷад-дия, муйсафед.

*«Тоҷикистони советӣ»*

## НОИЛОҶӢ

### 159. Дар ноилоҷӣ аз мӯй мадад

дар ноилоҷӣ одам маҷбур мешавад, ки барои наҷоти худ аз ҳар воситаи ноҷиз истифода барад.

«Дар ноилоҷӣ аз мӯй мадад» мегӯянд мардум. Сангинбаҳодур ҳам дар ғори зулмат ҳеҷ чорае надошт, магар ки аз болои тагалҳо ҷаҳида, бахти худро санҷад.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

## НОКИШТА

### 160. Нокишта даравидан

1. кореро накарда кардам гуфтан; лоф задан, дуруғ гуфтан, 2. муфтхурӣ кардан.

Ғайбатчӣ Миртуҳматов
Дорад аҷаб характер:
Медаравад нокишта,
Мепазад аз ях фатир.

*С. Ҷавҳаризода «Гулшани афрухта»*

## НОМ

### 161. Номи касеро ба бадӣ баровардан

касеро бадном кардан, номи неки касеро доғдор намудан.

Тири туҳмати душманон ба нишона расидааст ва номи маро ба бадӣ баровардаанд.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. II*

### 162. Ба номи касею ба коми дигар

чизеро барои касе гуфта гирифта, ба он надода, онро азони худ кардан, меҳнатро касе карда манфиатро дигаре бурдан

1. — Яъне, ба номаш барои кӯдакону худаш ба коми дигарон,— шарҳ дод Салим Полвон.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

2. — Лекин барои кушода шудани иштиҳои ман ҳеҷ як ҳамтабақ лозим нест, хусусан монанди шумо ҳамтабақ лозим нест, ки таомро ба номи ман фармуда, ба коми худ занад.

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

### 163. Номи касеро бад кардан

*Ниг.* Номи касеро ба бадӣ баровардан.

Дар пеши ҳамон қадар одам номи туро бад кард...

*С. Саидмуродов ва И. Исмоилов «Туҳмат»*

### 164. Номи баланд беҳ аз боми баланд

1. аз давлатманди бадном будан камбағали некном будан беҳтар, 2. нисбат ба молу мулк номи нек ҷовидонист.

1. — Ин чӣ хел ном, ки ба гуфтани он забони кас намегардад?

— Номи баланд беҳ аз боми баланд гуфтаанд.

*С. Ғанӣ «Табассум»*

2. — Номи баланд беҳ аз боми баланд гуфтаанд, номи ман мондагӣ айнан ҳамин хел...

*«Хорпуштак»*

### 165. Номи чизеро бардоштан

бо номе машҳур шудан, бо ягон кори худ маълум, машҳур гардидан.

— Ман номи куздиро бардоштам, чандин сол аз байни мардум ва аз бозор руй пинҳон карда гаштам, хонаҳои чандин касонро пахш кардам, роҳи корвонҳоро гирифтам.

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

### 166. Ном баровардан

машҳур, номдор, маъруф гардидан, овозадор шудан.

1. Дар ин солҳо, хоҳ дар шеър бошад ва хоҳ дар дарс, ман хеле ном баровардам.

*С. Айнӣ «Мухтасар тарҷимаи ҳоли худам»*

2. Ин колхоз дар бобати тараққӣ додани чорводории ҷамъиятӣ ва баланд бардоштани маҳсулнокии он ном баровардааст.

*«Тоҷикистони советӣ»*

3. Охир, чандон бисьёр дида намешавад, ки духтараки оддӣ ҳамагӣ дар бадали яку ним сол ба мартабаи бригадири шуҳратманд расида, дар сар то сари вилоят ном барорад.

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

## 167. Номи касеро бурдан

касеро ба хотир овардан, номбар кардан, зикр намудан.

— Қанӣ фаҳмем,— кампире, ки Хайринисо номиданд, арзи ҳол намуд.

*«Маориф ва маданият»*

## 168. Ба номи касе доғ овардан

боиси бадномии касе гардидан.

Агар уро ба ихтиёраш мемондед, ба номи ману шумо доғ меовард.

*Ф. Ансорӣ «Ҳаёт ва ишқ»*
*(«Шарқи сурх»)*

## 169. Номи касеро зери по кардан

касеро паст задан, шарманда, беобру кардан.

Номи муқаддаси уро (модарро — *М. Ф.*) зери по мекунанд.

*«Маориф ва маданият»*

## 170. Номи калону деҳаи вайрон

1. овозааш баланду дар ҳақиқат бемаънӣ, 2. ном пурдабдаба, лекин бемазмун; беҳунару дониш.

— Ана, дидед? — аз ҳамин хел касон халос шуд, ки ин фақат манфиати уст...

— Кам бошаду нағз бошад! Номи калону деҳаи вайрон чӣ даркор!

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

2. Ҳамон тавр, ҳар боре ки ба Шуркул мерафтам, албатта, аз Султонобод гузаштан лозим меомад. «Номи калону деҳаи вайрон» ном зарбулмасале ҳаст. Шояд ки ин зарбулмасалро касе баъд аз дидани ҳамин Султонобод гуфта бошад. Ба фикри ман, ин ном як рамзи тамасхуромезе буд.

*А. Шукӯҳӣ «Дар сарзамини тиллохези ман» («Тоҷикистони советӣ»)*

### 171. Номи нек бардоштан

дар некўкорӣ машҳур, маъруф шудан, баобру гаштан.

Аз ин ҷиҳат дар миёни оммаи комсомол Махтоб номи нек бардошта, фаъолият ва ҳаракати ў ба ҳамаи талабагон маъқул шуда буд.

*«Роҳбари дониш»*

### 172. Ному нишон намондан

1. нопадид шудан, несту нобуд, маҳв гардидан, 2. аз касе ё чизе хотира, асаре боқи намондан.

1. Аз озуқаворӣ ному нишон ҳам намонда буд.

*«Машъал»*

2. Говро алангаи калон гирифт ва баъд аз як соат аз он ному нишон намонд.

*«Гови тилло» («Афсонаи халқӣ»)*
*(«Шарқи сурх»)*

### 173. Номи касеро паст кардан

касеро бадном кардан, обруи касеро резондан.

Ман он вақтҳо чунин ҳис мекардам, ки агар ман ин корро накунам, гуё ҳамаи ғиҷдувониҳо ба ман мегуфта бошанд, ки «ту як куча роҳи андак душвори ошноиро нарафтӣ, номи ғиҷдувониҳоро паст кардӣ ва обруи ҳамаи моро дар пеши шаҳриён резондӣ, туф бар ту!»

*С. Айнӣ «Марги судхўр»*

### 174. Номи худро дигар мондан (гардондан)

қасам, ваъдаи сахт: агар дар қавли худ собит набошам, ман — ман нестам.

1. Агар ҳамин сол мусобиқаро бурида набароем, номамро дигар мемонам.

*С. Улуғзода «Шодмон»*

2. Агар хари ман аз ҳамин хари маслух монад, номамро мегардонам.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. I*

**НОМА**

### 175. Нома тамом, вассалом

дигар ҷои гап нест, масъала ҳал, гап ҳамин; бечуну чаро.

1. — Шумо ба сад ҳазор танга векселн думоҳа медиҳед, «нома тамом, вассалом»,— гуфт Қорӣ.

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

2. — Ту, ки уро намехоста бошӣ, фардо пагоҳӣ ба шуъбаи қайдҳо рав, аз вай ҷудо шав, пасфардо бо ман қайд кунон, нома тамом, вассалом.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

**НОМАТОН**

### 176. Аз номатон гардам

қурбон шавам, тасаддуқи номат шавам (дар мавриди илтиҷо ва навозиш гуфта мешавад).

— Аҳа, дасти ман палид? Ҳозир мебинӣ,— гуфта Эшонхуҷа кордро аз ғилофаш баровард. Дар ҳамин вақт Бибиҳанифа бо ду дасти худ аз банди дасти Эшонхуҷа дошт ва ба тавалло даромад.

— Астағфурулло гуед, акаҷон, аз номатон гардам...

*Қ. Наимӣ «Рӯзи равшан»*

**НОМАША**

### 177. Номаша гиру гушаша каш

агар дар вақти суҳбат каси ёдоваришуда тасодуфан омада монад, чунин мегуянд.

1. — Номаша гиру гушаша каш,— гуфтаанд. Магар ин худи Шариф не?

— Худи худаш, рафиқ муаллим. Ёдоварӣ кардем, ба пои худ омад.

*Ф. Ансорӣ «Имтиҳон»*

2. Ана, «номашро гиру гушашро каш» гуфтагӣ барин худаш ҳам омада монд.

*С. Ғанӣ «Магнитофон»*
*(«Маориф ва маданият»)*

**НОМУС**

### 178. Ба номуси касе рахна задан

ба номуси касе нанг овардан, касеро беобрӯ кардан.

Зеро ба ақидаи онҳо «ба он кор монеъ шудан» ба номуси ғиҷдувониён рахна задан мебошад.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

**НОН**

### 179. Нони касеро аз даҳонаш зада гирифтан

воситаи рузгузаронии касе, мансаб, кори касеро аз дасташ гирифтан.

То ин ки кор ёд гирифта нони ману туро аз даҳонамон зада мегиранд, ки думи шутур ба замин мерасад.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 180. Нони касе ба равған ғӯтидан

*Ниг.* Нони касе равғанин шудан.

Мухлисҳои нав ба нав пайдо шуданд. Муридҳои пештараи чандин солҳо боз бегона шуда рафтагӣ ҳам аз дуру наздик омада ба эшон аз нав арзи ихлос карданд, нони эшон аз нав ба равған ғутид. Дар байни ду рузи охир чор буз, се ғусфанд ва қадри сӣ пуд ғалла ва панҷсад сум пул ба вай назр шуда буд.

*А. Деҳотӣ «Паёмҳои дӯстӣ»*

### 181. Нонро калон газу (хӯр) гапро калон назан

худтаърифкунӣ, даҳанкалонӣ накарда кор кардан, ҳунари худро дар амал нишон додан лозим.

1. — Раисҷон, нонро калон газеду гапро калон назанед.

*«Хорпуштак»*

2. Ман ба вай панҷоҳ центнер ҳосил руёнданро ваъда кардам.

— Ту, Ҳошим, нона калон хуру гапа калон назан!..

*С. Улуғзода «Навобод»*

### 182. Нони мехурдагии худро ҳалол карда хурдан

*Ниг.* Нону намакро ҳалол карда хурдан.

1. Дар дилам мегуфтам, ки аз ман ба ин оила малол намерасад, ман обу ҳезуми уро кашонда ҳам бошам, як бурда нони мехурдагиамро ҳалол карда мехурам.

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

### 183. Нону намакро андеша кардан

нағзии касеро фаромуш накардан; номардӣ, носипосӣ накардан.

— Хап шав, лаънатӣ? Чӣ гуфта дар пеши мардум сирри маро фош кардӣ! Нону намакро андеша накардӣ? Нағзиҳои маро фаромуш кардӣ?!

*Ҷ. Икромӣ «Дохунда» («Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

### 184. Нону намак ба касе ҳаром бод

дар ҳаққи касе гуфта мешавад, ки аз суфраи касе нону таом хурда, некӣ дида, сипосгузорӣ накунад.

— Агар касе ин сирро фош кунад, аз у ҳама нафрат мекунанд ва ба ин хел одам нону намаки халқ ҳаром бод, фаҳмидӣ?

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

### 185. Нону намак задан

*Ниг.* Нону намак кур кардан.

Нону намаки Азимшоҳ аз ҷигарат занад...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 186. Нону намак кашидан

ба ҷои собиқ некӣ ва илтифотдидаи худ баргашта омадан.

Баъди чанд вақт ин тарафу он тараф гаштанҳо боз «нону намак кашиду» ба райони Куйбышев омад.

*«Маориф ва маданият»*

### 187. Нону намаки касе кӯр кардан

нисбат ба одам носипос дар мавриди дуои бад гуфта мешавад; хурдагият ҳаром бод!

1. Нону намаки тагоиям шумоёнро кӯр кунад.

*С. Ғанӣ «Тӯй»*

2. Писари калони ту маро ба газета навишта буд. Рав, ҷазоятро бин. Бо ин суханон онҳо ба руи модар туф намуда, пеш кардаанд.

— Нону намаки халқ кӯр кунад,— гуфт модар ба онҳо ва гирьён-гирьён ба суи хонааш рафт.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 188. Нону намаки касеро хӯрда, ба намакдон туф кардан

*Ниг.* Намакдони касеро шикастан.

Нону намаки колхозро хӯрда ба намакдонаш туф кардагӣ нокас.

*С. Улуғзода «Шодмон»*

### 189. Нону намаки касеро хӯрдан (чашидан)

1. хуроку зиёфати касеро хурдан: меҳмони касе шудан, 2. ба туфайли касе ба воя расидан.

1. Мо хам дар меҳмониҳои тоҷикон кам нону намак нахӯрдаем.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

2. Қурнамак туӣ, ки нону намаки халқро мехӯрию боз ба сари вай даст мебардорӣ.

*Ғ. Абдулло ва Ш. Қиёмов «Туфон»*

3. — Амакбой, нону намакатонро бисьёр хурдам, хизмататонро кам кардам, акнун аз ман розӣ шавед.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

4. Ман ҳам ба идораи адлия ба мирзогӣ даромада, нону намаки ҳукумати навро хӯрда гаштан гирифтам.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

### 190. Нону намакро ҳалол карда хӯрдан

дар бадали музди касе меҳнати ҳалол кардан; меҳнат карда музд гирифтан; дар сояи меҳнати худ умр ба сар бурдан.

«Хез пойҳоятро дароз карда нашин, нону намаки мехӯрдагиатро ҳалол карда хӯр, аспҳоро қашав кун, таги говҳоро тоза кун...»

*Р. Ҷалил «Одамони ҷавид», қ. II*

### 191. Нонро нанна гуфтан

хеле хурд, кӯдак будан, ноухдабаро, бетаҷриба, аз олам бехабар будан.

Ману ту дар институт «нонро нанна» гуфта мегаштем...

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 192. Нону насиб бошад...

*Ниг.* Насиб бошад.

Агар нону насиб бошад, боз меоям.

### 193. Нону насиб кашад

агар қисмат бошад, намурда зинда бошем.

— Ҳар ҷо, ки бахти бади мо бубарад, меравем, ба куҷое, ки нону насиб кашад, меравем.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 194. Нону насиба канда шудан

1. аз ҷое рафтан, 2. мурдан.

Ба ҳамин нону насибаи ӯ аз Регар канда шуд.

*«Маориф ва маданият»*

### 195. Нони касеро нимта (нима) кардан

ба маош, ризқи касе даст андохтан.

1. Нони маро ҳам нимта карда, ду поямро аз осмони ҳафтум набиёрӣ?

*«Тоҷикистони советӣ»*

2. — То иморатҳотон буд шудан як усто мешавед, ки даҳ панҷаатон ҳунар! — мегуфт кандакоре хушомадгуёна ё тамасхуромез.— Он вақт нони ҳамаи моро нимта накунед, гуфта метарсам.

*Р. Ҷалил «Э, вой бар ҳоли ман»*
*(«Тоҷикистони советӣ»)*

3. — Нестам аз ту ман забонкӯтоҳ,
Пуш барвақттар даҳонатро!
Ҳасан оё саги туро «тур!» гуфт,
Ё ки кардаст нима нонатро?

*М. Турсунзода «Асарҳои мунтахаб»*

### 196. Нони касе нимта шудан

аз як қисми даромади худ маҳрум шудан.

1. Агар ин кас нонамон нимта мешавад гуфта натарсанд, дасти бачаҳоро рост кардан мушкил не...

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. II*

2. Баъзан мардум аз нотавонбинӣ ҳар гапи ба даҳонашон омадаро гуфтан мегиранд, хотирҷамъ бош, олам гулистон, аз ин нони колхози «Коммуна» нимта намешавад, писар.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо» қ. II*

### 197. Нону оши касе шудани коре

василаи маош ва рӯзгузаронии касе гардидани коре, тамоми вақти худро ба коре сарф кардан; машғулияти ҳамешагӣ.

1. Рафта-рафта маконаш гараж, чи тавре ки мегӯянд, нону ошаш машинаҳо шуда монданд.

*«Тоҷикистони советӣ»*

2. — Баъди вафоти падараш нону оши Баҳринисо гирья шуда монд.

*Қ. Наимӣ «Рӯзи равшан»*

### 198. Нонро пешпо задан

1. аз имкониятӣ хуб фоида набурдан, аз даромаде истифода накардан, 2. аз бахту толеъ рӯ гардондан, 3. ношукрӣ, носипосӣ кардан.

1. Парвардигорхӯҷа маро хуб таъна кард, ки «нони аз пешам баромадаро пешпо зада поймол карда гузаштан мехоҳам»...

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. IV*

2. Ба мо таклифи хуб карданд. Нонро пеши по назанем, рафиқон, ба водӣ равем.

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

3. — Мирсаид! — хитоб кард Юнусхоҷаев. Нонро пешпо назан, ба ту Фозилбой қудо шавад, бо ҷону дил қабул кун, набошад кӯр мешавӣ.

*«Маориф ва маданият»*

### 199. Нони касе равғанин (равғанӣ) шудан

1. кори касе пеш рафтан; зиндагии нағз ба сар бурдан, 2. имконияти даромадҳои ғайриқонунӣ муҳайё шудан.

1. Марҳамати ҳамон Ҳамидов буд, ки Ашӯров бухгалтер шуда, нонаш равғанин шуда монд-дия.

*«Тоҷикистони советӣ»*

2. «Шуҳрат»-и Боқи Сокиев ана ҳамин тавр зуд дар байни одамони зудбовару соддалавҳ паҳн гардида, нони ӯ равғанӣ шуда монд.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 200. Нони касе санг шудан

зиндагии касе мушкил, сахт шудан.

Агар аҳвол ҳамин хел шуда истад, нонамон санг мешавад ва мисли савдогари шикастхӯрда бояд аз ин мулк гурезем.

*А. Ҳамидӣ «Машъали ҷовидон»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 201. Нони касеро уштур кардан

1. ҳаққи касеро хӯрдан, 2. касеро фиреб додан.

1. Аҷабо, ин гуна одамоне ки бо як тир се-чор нишонро якбора мезананд, то кай нони дигаронро уштур карда мегарданд.

*«Хорпуштак»*

2. Эшони Раҳим ва бародараш Раззоқ бошанд, нони колхозчиёнро уштур карда гаштаанд.

*«Хорпуштак»*

### 202. Нонро хоида ба даҳони касе андохтан

чизеро барои касе тайёр карда додан, василаи ризқ ва умргузаронии касеро муҳайё намудан.

Агар шароити кори онҳо муҳайё карда шавад...
— Яъне ки нонро хоида ба даҳонашон андозед?

*Ҷ. Икромӣ «Сафар кардан — ҷаҳон дидан» («Шарқи сурх»)*

### 203. Нони чизеро хурдан

аз паси ҳунаре, коре зиндагӣ ба сар бурдан.

1.— Аз метинзаниат, писар, маълум, ки нони ангиштканиро хӯрда метавонӣ.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

2. Дар сояи давлати он кас мо ин қадар сол боз нони директориро хӯрда гаштаем.

*У. Тоҷиев «Иштибоҳ» («Шарқи сурх»)*

### 204. Нони чизеро ҳалол карда хӯрдан

кореро боинсофона, аз рӯи виҷдон иҷро карда, музд гирифтан.

Бисту се сол боз нони муаллимиро ҳалол накарда хӯрда омадааст.

*«Хорпуштак»*

### 205. Нон ҳам нону нонреза ҳам нон

чи хурду чи калон ҳама якеанд, чизҳои хурд ҳам лозиманд; ба майда-чуйда ҳам эътибор бояд кард.

1. Ҳамин бачагонро, ки ба хору зор шудан намонда ба сандуқи дил пахш кардаед, хору зор намешавед. Охир «нон ҳам нону нонреза ҳам нон» гуфтаанд азизон. Бача убол, ба умед ба дуньё омадааст.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

2. — Дар урфият «нон ҳам нону нонреза ҳам нон» мегӯянд, ки ин тамоман ҳақ аст. Вале афсус, ки баъзе коркунони идораҳои хоҷагӣ маънои инро донанд ҳам, хоҳу нохоҳам ба исрофкорӣ роҳ медиҳанд.

*«Хорпуштак»*

3. — Ана, он хонаро дидӣ, бад-мӣ? Албатта он қадар нағз не, лекин нон ҳам нон асту нонреза ҳам нон. Дар каппаҳо, заминканҳо истиқомат карданамон аз ёдам набаромадааст.

*«Тоҷикистони советӣ»*

## 206. Бо касе нону ҷурғот нахӯрдан

бо касе ҳамтабақ набудан, бо касе улфатӣ надоштан.

Лекин ман, ки бо ӯ ҳеҷ гоҳ нону ҷурғот нахӯрдаам ва бадие накардаам, ин ҳама фитна барои чӣ!

*С. Ғанӣ «Магнитофон»*
*(«Маориф ва маданият»)*

**НООМАД**

## 207. Ноомади кор

пеш нарафтани кор; бетолеӣ, бемуваффақиятӣ.

1. Биё, қасам ёд кунем ба номи мардӣ, ки агар дар ноомади кор тири душман яке аз моро аз байн барад, бигузор дигар номи ӯро номи худ қабул кунад.

*«Маориф ва маданият»*

2. Ноомади корро бинед, ки дар кисаи мо ақаллан нонреза ҳам набуд.

*«Машъал»*

## 208. Аз (дар) ноомади кор атола дандон шиканад

*Ниг.* Аз омади кор шиша сандон шиканад, аз ноомади кор атола дандон шиканад.

«Аз ноомади кор атола дандон шиканад» гуфтагӣ гапҳо барин дар ҳақиқат шим чаппа дарзмол карда шуда буд...

*«Занони Тоҷикистон»*

НОУМЕД

## 209. Ноумед — шайтон

*Ниг.* Ноумедӣ кори шайтон аст.

— Ноумед нашавед!.. «Ноумед — шайтон» мегӯянд.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

НОУМЕДӢ

## 210. Ноумедӣ кори шайтон аст

одам набояд дар мушкилӣ, сахтӣ, мусибат, ҳаросон ва ноумед шавад.

1. — Хуш омадӣ, бародарам,— гуфт Қилич Оғо,— ҳар вақт туро ба дуо ёдоварӣ дорам. Ягона маслиҳат ва насиҳате, ки ба ту медиҳам, ин аст, ки ҳаргиз ноумед набош. Ноумедӣ кори шайтон аст. Дар вақте ки тани пурқувват, дили пурғайрат дорӣ, кор кун, корнамоиҳо нишон деҳ. Қувват ва ғайрат бошад, барои мард дуньё тангӣ намекунад.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

2. Бо вуҷуди он Салим «ноумедӣ кори шайтон аст» — гӯён аз ин хонадон умедашро намеканд.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. II*

НОФ

## 211. Нофи касе бо нофи касе (чизе) бастагӣ (будан)

ҳамеша бо касе, чизе ҳамроҳ будан, аз касе, чизе ҷудо набудан.

1. Магар ман ба онҳо қаровул будам, ё нофи ман бо нофи онҳо бастагӣ буд?

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

2.— Нофи шумо бо портфелатон бастагӣ-мӣ чӣ бало? Ба мурдахона ҳам, ба туйхона ҳам, ба ҳаммом ҳам, хулоса дар ҳар куҷое ки бинам, портфель бардошта мегардед.

*«Барои адабиёти социалистӣ»*

## НОХУН

### 212. Нохун аз гӯшт ҷудо карда намешавад

фарзандро аз падару модар ҳаргиз ҷудо карда намешавад, агар ҷудо шаванд ҳам, боз бо ҳам мепайванданд.

— Шумо чӣ гуфта истодаед, магар нохун аз гӯшт ҷудо карда мешавад?

### 213. Ба (нӯги) нохуни (даст, пои) касе наарзидан (баробар нашудан)

ҳеҷ қимат надоштан, беаҳамият будан, дар муқоисаи ду чиз, ду кас нисбат ба дигаре хеле фарқнок ва камқадр будан.

1. Он қаллоби разил ба нохуни пои Аличон ҳам намеарзидааст.

*Р. Амонов «Зиндагӣ»*
*(«Шарқи сурх»)*

2. Девкор аст аспи зотии ман. Заррае ҳам ба нӯги нохуни он аспҳои дигар намеарзанд. Рашкат ояд агар, қаламфур мол.

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

### 214. Аз нохун хун чакидан

одамкуш, ҷаллод будан.

Аз нохунаш хун мечакад,
Шуллук барин хун мемакад.

*А. Аминзода «Шеърҳо»*

## НОШУКРӢ

### 215. Ношукрӣ гузаштан

дар бораи чизе носипосӣ кардан, дар вақти будани чизе ба қадри он нарасидан.

— Аз худо донед,— гуфт имом.

— Ношукрии худатон гузаштааст.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

НУР

### 216. Нур болои нур шудан

*Ниг.* Нуран ало нур шудан.

Агар дар рӯзҳои фориғ шуданаш аз хизмати сарбозӣ коре карда панҷу чори дигаре ёбад, ин «нур болои нур» мешавад.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 217. Нури дида, тоҷи сар

дар мавриди эҳтиром нисбат ба меҳмони хеле азиз гуфта мешавад; шумо нағз дидатарини мо мешавед, иззату ҳурмати шуморо ҳартарафа баҷо хоҳем овард.

1. — Мехоҳем ба Қайроқум рафта зиндагонӣ кунем.
— Марҳамат, нури дида, тоҷи сар.

*С. Ғанӣ «Табассум»*

2.— Марҳамат, биёед, ба чӯпонҳо расм шудааст, ки касе ба меҳмонии онҳоояд, «нури дида, тоҷи сар» гӯён қабул кунанд.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 218. Нури чашм (дида)

1. аз нури дида ҳам киромитар, 2. ниҳоят азиз, 3. фарзанди азиз, меҳрубон, дӯстдошта.

1. Дар вақти мурдани худ ягона васияте ки ба модараш Бибиоиша намуд, ин буд, ки нури чашми у Гулбибиро ба қатори Одина парвариш намояд...

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

2. — Дар замони пеш, писарам, барои мардуми кӯҳистон як парча хок нури дида буд.

*«Тоҷикистони советӣ»*

НУРАН

### 219. Нуран ало нур

хеле хуб, нағз, хеле аъло.

1. Агар сиҳату саломат баргардам, нуран ало нур, вагарна маро яке аз қурбон шудагони роҳи озодии Ватан шумурда, ба некӣ ёд кунед.

*А. Деҳотӣ «Меҳри Москва»*
*(«Шарқи сурх»)*

2. — Як худи мардуми район не, тамоми вилоят ҳам, нуран ало нур пешвоз мегирем.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

### 220. Нуран ало нур шудан

1. хеле хуб, ниҳоят нағз шудан, 2. хушбахтии калон рӯй додан.

1. — Абуалӣ омада истодааст!

— Ана ин нуран ало нур шуд! — хурсандона мегӯяд Берунӣ.

*С. Улуғзода ва В. Виткович*
*«Ибни Сино»*

2. — Фарз кардем, ки қимат (нархи аракро — *М. Ф.*) намекарданд?

— Кошки, нуран ало нур мешавад.

*Р. Ҷалил «Ҳамида»*

**НУСХА**

### 221. Нусхаю нишонае намондан

*Ниг.* Ному нишон намондан.

Аввал ин ки аз босмачиҳо нусхаю нишонае ҳам намондааст...

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. I*

**НУФУЗ**

### 222. Нуфуз пайдо кардан

таъсири калон пайдо кардан, таъсир доштан.

Вай ҳануз дар вақти зиндагии падараш, барои он ки дар байни руҳониён ва ба воситаи онҳо дар байни халқ нуфуз пайдо кунад, худро ба дарвешӣ ва қаландарӣ зада мегашт.

*С. Улуғзода «Аҳмади Дониш»*

**НУҚТА**

### 223. Чизеро то нуқтаи борикаш донистан

чизеро хеле хуб, батамом донистан, моҳият, хусусияти чизеро мукаммал фаҳмидан.

Ман сирҳои дарунии туро ва мақсадҳои ҳақиқии туро то нуқтаҳои борикаш медонам...

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

**НӮГ**

### 224. Аз нуги чизе

1. дар аввал, дар сари чизе, 2. аз ҳисоби чизе.

1. Худо диҳад, имсол аз нуги ҳосили нав қарзҳоро баробар мекунем.

*Ҷ. Икромӣ «Дохунда» («Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

2. Ана ин пулро падари домод дод, аз нуги туй хароҷот карда истанд гуфт.

*М. Рабиев «Орзуи ҷавонӣ» («Маҷмуаи пьесаҳои якпардагӣ»)*

3. — Хуб, ҳозир ин гуна ҷанҷолҳоро монда аз нуги кор ҳушьёрии синфиамонро кор фармуда, ҳамин шаб Бобомуродро ба даст даровардан амон даркор аст.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 225. Чизеро нуг ба нуг расонидан (кардан)

чизеро дар рузғор то вақти муайяне ба зур, ба сад мушкилӣ расонидан.

1. Вай музди ночизонаеро, ки барои мурда-мурда зистан мегирифт, ба зур нуг ба нуг мерасонад.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

2. Аксарияти деҳқонон рузгори худро ба зур нуг ба нуг мекарданд.

*Ҳ. Назаров «Дар ҷустуҷуи Карим-Девона»*

### 226. Нӯг ба нуг шудан

яке бо дигаре баробар, мувофиқ омадан, якхела шудан, сар ба сар шудан.

1. Аз саҳар боз чут мезанам, чут мезанам, ин зормонда ҳисобу китоби ман ҳеҷ не ки нуг ба нуг шавад.

*К. Носиров «Орият»*

2. Музди корат ба зиндагӣ, фаровон набошад ҳам, нуг ба нуг шуда мерасидагист.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

### 227. Нуги чизе баромада мондан

чизе тасодуфан ошкор шуда мондан.

Дар зимни ин моҷароҳо гапҳои калон ҳастанд, ки ягон рўз нўгаш баромада мемонад.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

### 228. Нуги гапро баровардан

дар бораи чизе бо рамз, пардапўш, кинояомезона гуфта гузаштан, дар сухани худ ба чизе ишора кардан.

1. — Сатторов ба шумо нагуфт-мӣ?

— Як нугаша (гапро — *М. Ф.*) бароварду лекин нагуфт.

*«Намунаи адабиёти тоҷик»*

2. Дина аз кор дер омад, дар болои дастурхон авзоашро фаҳмам гуфта, нўги гапро бароварда будам...

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

3. — Келиншавандаамон ба гап надаромада истодааст. Модараш рафта нўги гапро барорад, «ҳозир вакти ин хел гапҳо не» гуфтааст.

*«Занони Тоҷикистон»*

### 229. Нуги гапро кушодан

*Ниг.* Нуги гапро баровардан.

Ва агар гоҳе Ҳамидҷон нуги гапро кушояд, Норинисо «ҳоло вакти ин хел гапҳо не, мо талаба ҳастем»... гуён ҷавоб медод.

*А. Мусаввада «Гаҳворабахш»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 230. Бо нўги даст кор кардан

бо дили нохоҳам, бе диккат кор кардан, ғайри сидқӣ кор кардан.

Ҳамин тавр, бо нўги даст кор карда, ба ягон мурод расидан мумкин аст?

*П. Толис «Ҷавонӣ»*

### 231. Бо нуги дуку захми сузан

бо мехнати сахт, бо душворӣ.

Зан хунобаи дил хурда, бо нуги дуку захми сузан фарзандашро калон кард.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

### 232. Дар нуги забон будан

гапе ё номе ки кас ба хубӣ медониста бошад ҳам, лекин дар он лаҳза ба хотир оварда наметавонад, чизи дар хотир бударо дар он лаҳза фаромуш кардан.

— Ҳа, ҳозир дар нуги забонам буд,— гапро хоида суханашро давом дод Саломатов,— эҳ сабил монад, чандто буд?

*«Хорпуштак»*

### 233. Аз нуги забон гуфтан

аз сидқи дил гап назадан.

— Аммо ту хафа нашав, духтарам, гапҳои мана ба дилат нагир! Ман аз руи дил, аз нуги забон мегуям.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 234. Аз нуги забон розигӣ додан

хоҳам-нохоҳам, бедилона, ғайри қатъӣ розӣ шудан.

Одина, ба ин далел ва исботҳои Шоҳмирзо ҳеҷ ваҷҳ наёфта, ночор шуда аз руи дил ва нуги забон розигӣ дод...

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

### 235. Нуги калобаи чизе ёфт шудан

сари коре ба даст даромадан, роҳи ҳалли масъалае ёфт шудан.

— Лекин дар рузҳои охир нуги калобаи ҷиноят ёфт шудааст...

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 236. Нуги калобаи худро гум кардан

саросема, ҳаросон, телба шудан.

Бофандаи ҷавон телба мешуд, оташин мешуд, дар охири охирон нуги калобаашро гум карда, чӣ карданашро намедонист.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 237. Нуги калобаи чигилшударо ёфтан

роҳи ҳалли масъалаи печ дар печ, мушкилро ёфтан; фаҳмидани сабаби ҳодисае.

Модар нуги калобаи чигилшудаи аҳволи падарамро ёфта буд.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. I*

### 238. Нуги нохун барин

1. хеле хурд, камакак, зарра барин, 2. ҳеч, ҳаргиз, тамоман.

1. Нуги нохун барин кори номувофиқи табъро бинам, дилам танг мешавад.

*Р. Ҷалил «Ҳамида»*

2. Духтуриро нуги нохун барин ҳам намедонам!

*П. Толис «Ҳикояҳо»*

3. Рафиқони у ҳама ба суҳбат ҳамроҳ шуда, бо Сайёра саволу ҷавоб мекарданд, аммо танҳо вай, гуё на машина ва на кори он барояш нуги нохун барин ҳам аҳамият надошта бошад... чизе намепурсид, хомуш меистод...

*Р. Ҳайдаров «Хати беимзо»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 239. Чизеро ба нуги нохун гирифтан

чизеро дониста гирифтан, ба қайди худ даровардан.

Шубҳабоев ҳафт руз сар аз кор набардошта, аз раиси кӯҳна корро қабул кард. Вай ҳамаи мавҷудоти артельро ба нуги нохун гирифтанӣ буд.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

### 240. Нуг-нуги даст кор кардан

*Ниг.* Нуги даст кор кардан.

Вақтҳои охир дилу бедилон, нуг-нуги даст кор мекард, аз кори чойхона дилаш хунук шуда буд.

*П. Толис «Тобистон»*

### 241. Нуги остин шуда натавонистан (нашудан)

бо касе дар сифат ҳеҷ баробар шуда натавонистани касе, рақобат карда натавонистан, монанд шуда натавонистани чизе бо чизе.

1. Ҳусну ҷамоли онҳо ба ҳусну ҷамоли ман нуги остин ҳам шуда наметавонад.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

2. Шумо маро бо вай беҳуда баробар карда истодаед, ман ба ӯ нуги остин ҳам шуда наметавонам.

*«Тоҷикистони советӣ»*

3. Ба Душанбе бурда овардани Бахринисо бошад, ба ёриҳои ба ман кардааш нуги остин ҳам шуда наметавонад.

*Қ. Наимӣ «Рӯзи равшан»*

### 242. Нуги ресмон ба даст даромадан

1. фаҳмида гирифтани ягон факте, ки он боиси ошкор шудани сирре мешавад, 2. роҳи ҳалли масъалаеро донистан.

— Лаънатиҳо аз ҳад гузашта рафтанд. Афсус, ки нуги ресмон ба даст надаромада истодааст.

*Ҷ. Икромӣ ва М. Қосимов «Роҳи бахт»*

### 243. Нуги ресмонро ба дасти касе додан

ба воситаи ягон сухан, ходиса ё рафторе боиси ошкор шудани сирре гардидан, сабаби кушода шудани ягон ҷиноят шудан.

Ба ростӣ, ки ба даст афтодани Шамсқассоб, як дараҷа масъаларо ҳал карда, нуги ресмонро ба дасти мо дод.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

### 244. Нуги ресмонро аз даст надодан

барои ошкор нашудани амал, хиёнате устувор истодан; сирро бой надодан.

Ӯ ба саволҳои суд ҷавобҳои по дар ҳаво дода, нуги ресмонро аз дасти худ надоданӣ мешуд.

### 245. Нуги ресмонро дароз партофтан

1. дар ҳалли масъалае саросема нашудан, ҳалли масъаларо ба қафо партофтан, ба ҳоли худаш мондан, 2. мунтазири лаҳзае шуда истодан.

Ба фикри ман, дар ин масъала нуги ресмонро дароз партофта мондан лозим.

### 246. Нуги ресмонро (риштаро) ёфтан

ягон масъалаи сарпеч ё хиёнатро донистан, сабаби ошкор шудани сирре, ё ҳал шудани масъалае гардидани ягон факт.

Аз ин гап задани раис Наҷиб нуги ресмонро ёфтагӣ барин шуд.

*«Барои адабиёти социалистӣ»*

### 247. Нуги риштаро гум кардан

ҳалли масъалаеро надонистан, ҳайрону муаттал мондан.

Магар гум кард нуги риштаи хеш!
Дарав оё накард у киштаи хеш,
Ки дар беморхона буд Қодир
Ҳамеша тангдил, ошуфтахотир?

*М. Турсунзода «Ман аз Шарқи озод»*

### 248. Бо нуги сузан нон ёфтан (дег ҷушондан)

бо музди чокдузӣ зиндагӣ гузарондан.

1. Модар бошад, як зани муштипар, бо нуги сузан дег меҷушонад.

*П. Толис «Тобистон»*

2. Ман одами ҳалолу покиза будани ин пирамарди покниҳодро, ки дар ин синну сол ба зери бори миннати касе надаромада, бо нуги сузан пораи ноне ба даст меовард, фаҳмида ба суҳбати вай бештар мерафтам.

*Ҳ. Ирфон «Ду ёр аз ду диёр»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 249. Бо нуги сузан ҷамъ кардан

чизеро бо машаққати зиёде, бо сарфакорӣ ҷамъ кардан.

Бо нуги сузан ҷамъ карда будаму бо панҷшоха барбод медиҳад.

*Р. Ҷалил «Субҳи саҳро»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 250. Нуғи тори суханро ёфтан

гапи аз ёд рафтаро ба хотир овардан, роҳи ҳалли масъалаеро ёфтан.

Муқиму Шодӣ диданд, ки Ҷӯра ба онҳо нуги тори суханро ёфта дода истодааст, бинобар он ҳар ду бо вай гарму ҷӯшон ба мусоҳиба сар карданд.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

### 251. Аз нуги хамир фатир

намунаи аввалин, намуна аз бисьёр, андаке аз чизе.

1. Ба маҳрами худ барои меҳмон дарҳол «аз нуги хамир фатир» гуён дастурхон, нон ва як табақ гушти яхнӣ оварданро ва аз паси вай бирьён карда овардани ду мурғи фарбеҳро фармуд.

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

2. Вақте ки устодони вай аз моҳирона тракторронии шогирди нави худ мамнун шуда ба ӯ офарин мехонданд, Тошев табассумкунон чунин ҷавоб дода буд:

— Рафиқ бригадир, ин ҳоло аз нуги хамир фатир аст.

*Ф. Ниёзӣ «Духтари ҳамсоя»*

3. Салимбой се-чор ҳафта бозорчигӣ карда, хеле фоидабардор шуд. «Аз нуги хамир фатир» гуён ба бачагонаш ҷомавории нав, ба занаш дурраи шол ҳам харида дод.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. I*

4. Ин кор барои тамошобинони ҳангоматалаб «аз нуги хамир фатир», агар бо таъбири русӣ адо кунем, «первый почин» буд.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 252. Бо нуги хода (чуб) гирифтан

аз чизе ҳазар кардан, ба чизе бо нафрат нигоҳ кардан.

— Панҷ вақт намозашонро тарк намекардагиҳо тоқиашон ба масҷид афтад, бо нуги хода мегирифтагӣ шуданд.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. I*

### 253. Аз нуги чарху дук

*Ниг.* Бо нуги дуку захми сузан.

Бинобар ин аз забони модаркалони Одина, ки ӯро аз ҷиҳати шафқат ба тарбияи худ гирифта аз нуги чарху дуки худ парвариш мекард, ба ҳузури ноиби қозӣ ба ин мазмун хат (санад) гирифтанд...

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

### 254. Нуги чигили чизе ёфт шудан

ёфт шудани роҳи ҳалли масъалаи мушкил, печ дар печ, муаммо.

1. Ин буд, ки амалдорони аз доираи калон гирифтаии воқеа сахт ба ташвиш афтода, ҳоло се рӯз ин тараф аз зери косаҳо нимкосаҳо ёфтанӣ шуда, зӯр мезананд, лекин нуги ягонтаи он чигилҳо ҳануз ёфт намешуд.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

2. У ҳозир нуги чигили муамморо ёфта буд.

*Р. Ҳайдаров «Хати беимзо»*
*(«Шарқи сурх»)*

**НУГИЗАБОНӢ**

### 255. Нугизабонӣ гап задан

*Ниг.* Бо нуги забон гап задан.

«Майор гумон мекард, ки ман нугизабонӣ гапҳои сурх мезанам».

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

**НУГИРУМОЛӢ**

### 256. Нугирумолӣ карда гирифтан

1. дар истилоҳи мадрасаҳои Бухоро масъалаҳоеанд, ки касе онҳоро даҳонакӣ ёд карда гирад ва дар ҳар ҷо

дастмояи мунозира созад (*С. А.*), 2. рӯякӣ ёд карда гирифтан.

Баъзе муллоҳоро ба сари дуконаш чеғ зада баъзе масъалаҳои диниро, ки нӯгирӯмолӣ карда гирифта буд, ба миён меандохт...

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

**НӮЛПОККУНӢ**

### 257. Нӯлпоккунӣ кардан (намудан)

кореро карда ба он мункир шудан; худро сафед кардан.

Ӯ чашм ба сандуқи пулодӣ духт.

— Не-не... ҳоҷат набуд,— нӯлпоккунӣ мекард пристав...

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

2.— Албатта, модар, дилат ғаш карда истодагист, ки онҳо кӣ бошанду домодам ин меҳмонҳоро ба юрти худ набурда, шабона чаро ба ин ҷо овард? Ҳамин тавр нест? Не, нӯлпоккунӣ накун!

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

**НӮХТА**

### 258. Ба касе нӯхта задан

касеро ба одоб, итоат, тартиб даровардан, касеро аз амали ношоиста боздоштан.

Агар шумо ба ин нобакор то ҳол нӯхта мезадед, кор ба ин дараҷа намерасид.

### 259. Нӯхтаро кандан

1. аз одоб, итоат баромадан, бемаънигӣ, бетартибӣ кардан, 2. ба роҳи бад рафтан.

Ҷӯраи мо — Фаттоҳ Ғоибов ба сабабҳои номаълум аз худ рафта, нӯхтаро канда истодааст.

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

### 260. Нухтаи (лаҷоми) касеро кашида мондан

1. касеро ба таргиб ҷеғ задан, 2. касеро аз коре боздоштан, ба касе насиҳат кардан.

Аз ҳоло нухтаи уро кашида намонем, у ба роҳи бад даромада меравад.

**НУШДОРУ**

### 261. Нушдоруи пас аз марг будан

чизе беҳуда, бефоида, бемавқеъ, бемаврид будан, пас аз вуқуи ҳодиса ба фикри чора афтидан.

Лекин ҳамаи ин тадбирҳо «нушдоруи пас аз марг» буданд...

*С. Айнӣ «Исьёни Муқаннаъ»*

**НУҲ**

### 262. Аз нуҳ даҳро задан

ниҳоят фиребгар, қаллоб будан.

Лекин касоне ки бо вай шиносоӣ доранд, фавран як мардаки корчаллони айёреро ба пеши чашм мебиёранд, ки бо таъбири халқ гуем: аз нуҳ даҳро мезанаду ба оспё андозед ҳам, бутун мебарояд.

*«Хорпуштак»*

## О

**ОБ**

### 1. Об агар сад пора гардад, боз бо ҳам ошност

хешовандон, дустон бо ягон сабаб аз ҳамдигар ҷудо шаванд ҳам, ин муваққатист, онҳо боз бо ҳам мешаванд, онҳо дуст ва азизи якдигаранд.

— Саломи бегоҳӣ... Чӣ хушбахтӣ, аз нав оилаамонро дар як ҷо мебинам, аммо барои чӣ дар ин ҷо? Ба хона равем...

— Биё духтарам, об агар садпора гардад, боз бо ҳам ошност мегуянд.

*М. Миршакар «Шаҳри ман»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 2. Обу адо кардан

1. касеро азоб додан, 2. маҳву нобуд кардан.

Пристави силтабиати дилтанг уро зур зада аз ҳаллоҷӣ мегузаронду дар пеши назари ҳама обу адо мекард.

*Р. Ҷалил «Шуроб»*

### 3. Обу адо шудан

1. азоб кашидан, азияту озор дидан, ба танг омадан, диққат шудан, 2. лоғар ва бемадор шудан.

1. — Ту худатро медонӣ, ҷигари модарат хун шавад, майлаш, обу адо шудам.

*Қ. Наимӣ «Рӯзи равшан»*

2. Вай шабҳо дар хобаш ҳам номи туро ёд мекунад, вай дар ишқи ту обу адо шуда гаштааст.

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

3. Юсуфамак дар ғами зану фарзанд обу адо шуда буд.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 4. Об аз боло лой аст

*Ниг.* Об аз сар лой.

1. Ин бойҳо мо камбағалонро як моли барои хидмати худашон офаридашуда гумон мекунанд.

Дигаре гуфт:

— Бародар! «Об аз боло лой», ҳокимони мамлакат ҳам тарафи боёнро мегиранд; агар дар миёнаи як бой ва як фақир ҷанҷол афтад, боён ҳамагӣ як забон шуда арбобро пеш андохта, пеши ҳоким ва қозӣ рафта хонаи фақирро месузанд.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Аммо амир дар ҷавоби аризаҳои ӯ дар ҳаққи Абдусаттор коре накардааст ва уро танбеҳе дода аз зулм бознадоштааст. Аз ин ҳодиса Муътасим ба хубӣ фаҳмидааст, ки «об аз боло лой» буда, айбдор танҳо худи амлокдор набудааст.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III*

### 5. Об аз руй бурдан

касеро беобру, шарманда кардан.

Нонам надиҳӣ то набарӣ куй
Обам надиҳӣ то набарӣ об зи руй.

*М. Миршакар «Шеърҳо ва достонҳо»*

### 6. Об аз сар гузаштан

1. ба охир расондани нохушӣ, бадбахтӣ, 2. кор аз кор гузаштан.

1.— Ману ту дигар муйсафед! Об аз сари мо гузаштагӣ.

*Ҷ. Икромӣ «Ҳикоя ва очеркҳо»*

2. Мегуянд, ки шумо ҷинояти онҳоро пешакӣ дониста то аз сар гузашта рафтани об дам назада нишастаед.

*«Хорпуштак»*

### 7. Об аз сар лой

кор аз манбааш вайрон, нодурустӣ, вайронкунии қонун ва ғайра, аз боло (аз калонон) мебошад.

1. Об аз сар лой. Подшоҳ, помещикҳо, бойҳо— ҳамаашон забон як карда, мою шумо барин камбағалонро истисмор мекунанд.

*Қ. Наимӣ «Соли 1916»*

2. — «Об аз сар лой», — гуфт Ғанӣ.— Ту «сари об» гуфта марказро гуфтан мехоҳӣ,— гуфт Сафар-Ғулом.— Лекин инро бояд бидонӣ, ки бадкирдорӣ, ё ин ки нофаҳмии раиси комиссия ба ҳукуматҳо чӣ дахл дорад?

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

3. Қори ягона ташкилот футур рафта, коркунонаш ба камбудиҳо роҳ диҳанд, одамони аз берун мушоҳида карда истодагӣ «об аз сар лой» гуён дар байни худ гап мезананд.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 8. Об аз таги ях рафтан

аз дигарон номаълумона (пинҳонӣ) кореро кардан.

1.— Об аз таги ях мерафтааст-дия! — гуфт бо захрханда Азимҷон.

*Т. Усмон «Кашфи асрор»*

2. Дар ҳақиқат «об аз таги ях мерафтааст» ва «дар таги коса нимкоса» будааст.

*Б. Шоҳин «Об аз таги ях меравад»*
*(«Тоҷикистони советӣ»)*

### 9. Аз об арғамчин бофтан

кору кӯшиши бефоида ва бемаънӣ кардан.

— Ин ҳисобҳо ба назарам аз об арғамчин бофтагӣ барин.

*М. Сайфиддинов «Ҳусни оламоро»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 10. Ба об афтад тар намешавад, ба оташ афтад, намесӯзад

1. ҳушьёр, кордон, 2. фиребгар, қаллоб.

— Беҳуда ташвиш накашед,— ҷавоб дод дигаре,— он кас ба об афтанд, тар намешаванду ба оташ афтанд, намесӯзанд.

*Ҷ. Одинаев «Колхозчидухтар»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 11. Об ба лаби ҷӯй баробар шуда меравад

пештара барин мешавад, беҳбудию фаровонӣ мешавад.

1. Албатта, ҳамаи орзую ҳавас якбора иҷро намешавад, лекин тан сиҳат бошаду кор барор гирад, оҳиста-оҳиста об ба лаби ҷӯй баробар шуда меравад.

*А. Баҳорӣ «Одамони шинос»*

2. Ҷангро сиҳат ва саломат тамом карда мебиёем, боз об ба лаби ҷӯй баробар шуда меравад.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

### 12. Об ба лаби ҷӯй рафтан

бе тағьир, дар ҳолати пештара, ба монанди аввала будани чизе ва коре.

Баъд аз рафтани Маҷидиддин аз сари кор, корҳои идоравӣ як ранг «об ба лаби ҷӯй рафт».

*С. Айнӣ «Алишер Навоӣ»*

### 13. Об ба сой мегардаду пул ба бой

пул пулро меёбад, пулдор пул меёбад.

Ин дунъё бечоракушу бойпарвар аст! «Об ба сой мегардаду пул ба бой»,— гуфтааст кадом маҳмаддоно.

*Р. Ҷалил «Шуроб»*

### 14. Аз об бардоштани ғалбер

*Ниг.* Ғалберро аз об бардоштан.

Маъракаи ҳосилғундорӣ, мавриди аз об бардоштани ғалбер расид.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 15. Об барин донистан

чизеро хеле хуб донистан, фаҳмидан.

Абдулқодир-махдум даъво мекард, ки ӯ ҳамаашро об барин медонад.

*С. Айнӣ «Мухтасар тарҷимаи ҳоли худам»*

### 16. Обро бину (дида) муза каш, ҳаворо бину ғуза каш

ҳар корро аввал санҷида баъд кун, ҳаргиз бе мулоҳизаю андеша кореро набояд кард, ҳар корро бо пешбинӣ кардани шароит иҷро намо.

1. Ман набаро нагуфтам. Бинобар ин ки ҳаво изғирингу аз хунукӣ ҷарангос карда истодааст, ба ту маслиҳат дода истодаам, «обро бину муза каш, ҳаворо бину ғуза каш» гуфтаанд.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

2. — Обро бину муза каш! — Аввал нигоҳ карда истам канӣ пахта чӣ хел қомат рост мекунад. Имрӯз даъво карда, байрақро гирам, сонӣ баъди 2—3 рӯз омада, аз звенои ман гирифта ба шумо супоранд, чӣ мекунам?

*Қ. Наимӣ «Роҳи дуруст» («Шарқи сурх»)*

### 17. Оби ганда ба хандақ

1. ба кори бад ҷазои бад, 2. ҳаром ба ҳаром мебарояд.

1.— Хайр, Қориака, зарар надорад, дар асл пули шумо мурдор буд. Чунон ки «оби ганда ба хандақ» гуфтаанд, ҷояшро ёфта рафтааст.

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

2. Мувофиқи масали «оби ганда ба хандақ» тангаву тиллои шайхи беворис подшоҳӣ шуда, «қадамгоҳи Қутайба» ба хокистартӯда бадал ёфта монд.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III*

### 18. Об гарм кардан

меҳмондорӣ, зиёфатча; туйча кардан.

Дар атроф агар яке об гарм кунад, қишлоқи моро хабар мекунад.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 19. Аз об гирифта ба бед задан

1. касеро расво, шарманда кардан, 2. мағлуб намудан.

— Укаҷон, бозиро (шоҳмот — *М. Ф.*) тоза ҳам майда кардӣ-дия, ман вақт надорам, бояд ҳозир ба райком рафта ҳисобот диҳам. Ҳушам дар ҳамон ҷо, набошад, ман туро кайҳо аз об гирифта ба бед мезадам.

*Қ. Наимӣ «Тағьирот»*
*(«Тӯҳфаи ҷавонон»)*

### 20. Об дар кузаву мо ташналабон мегардем, Ёр дар хонаву мо гирди ҷаҳон мегардем

1. он чиро ки муҳайёст, надида дар ҷустуҷӯи он овора шудан, 2. аз чизи дастрас маҳрум будан.

1. Онҳо аз беобӣ сухтаю бирьён шуда, бекор хобидани заминҳои пахновари худ, аз пеши назарашон беилтифотона гузашта рафта, ба Арал рехта, ба оби шури бесамар мубаддал шудани оби ҳаётбахши Амур дида мувофиқи мазмуни ин байти халқии тоҷикӣ ҳасрат мехурданд: «Об дар кузаву мо ташналабон мегардем, ёр дар хонаву мо гирди ҷаҳон мегардем».

*А. Деҳотӣ «Чӯли лабташна, шунав, оби равон меояд» («Шарқи сурх»)*

2. Сокинонаш аз болои бом ё дарахте ба шимол назар афкананд, дарьёи Сирро мебинанд, ки вай асрҳо боз «суз, суз»-кунон оби худро ба баҳри Арал мебурд. Бо ибораи масали машҳур гуем, об дар куза буд, онҳо ташналаб мегаштанд.

*«Тоҷикистон»*

### 21. Об дар хушкӣ намеистад

мол дар дасти молдор зиёд мешавад, мол дар дасти бемол дер намепояд.

Ман ба як каф гандуми шумо зор нестам, давлати худам ба худам насиб кунад бас аст, лекин нафъи шумо ин аст, ки ин як ғалбер гандумро ба анбори ман резед, агар баргашта баред, хоҳ бисьёр аст, хоҳ кам, дар ду-се руз несту нобуд карда мефиристонед, «об дар хушкӣ намеистад» гуфтаанд...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 22. Оби дари хона тира

*Ниг.* Оби дари хона қадр надорад.

Гуфтаҳои Раҳимҷон дуруст буд. Лекин Қорӣ Наим ном ҳам ба правления даромада монда буд. Вай бо ёрии як одами аз шаҳр комиссия шуда омадагӣ ба Раҳим муқобилият кард ва дар вақти худ ба иҷрои кори вай халал дод. Шарикҳои нодон ҳам — аз шаҳр омадагӣ дуруст мегуфтагист,— гуён хап шиштан гирифтанд. Охир, оби дари хона тира мегуянд, гапи Раҳимҷони мо нодуруст шуда баромад.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

### 23. Оби дари хона қадр надорад

1. чизи дастрас беқадр аст, 2. ба ҳар чиз агар муҳтоҷ шавӣ, баъд ба қадри он мерасӣ.

Хорпуштак ҳамаи ин ҳолатро бо чашми худ дида ва бо гуши худ шунида ба ҳоли Сафарҷон садҳо афсус хурд ва ба чунин хулоса омад, ки дар ин идораҳо дар ҳақиқат оби дари хона қадр надоштааст.

*«Хорпуштак»*

### 24. Оби дарьё ях мекунад

*Ниг.* Оби хуми Намангон ях мекунад.
Аммо аз савлати вай оби дарьё ях мекунад.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. II*

### 25. Оби даҳан рафтан (чакидан, омадан)

1. муштоқи чизе шудан, орзуманди чизе будан; ҳавас рафтан, 2. ҳайрон гаштан.

1. Қорӣ Ишкамба ин фоидаи калонро шунида оби даҳонаш мерафт...

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

2. Ҳамдам-Форма, пас аз он ки оби даҳони худро чакконда ҷамоли ҷозибадори Қутбияро фурсате тамошо карда истод...

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

3. Немисҳо дар айни ҷӯшу хурӯши зӯри худ базӯр Москваро бо дурбин дида, аз шодӣ оби даҳон чакконда буданд...

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

### 26. Об карда хӯрдан (хӯрдагӣ)

чизеро нағз донистан, тамоман азхуд кардан.

1. «Баъд аз он, ки ман дар пеши у шашмақомро об карда хӯрдам, маро ҳамроҳи худ ба меҳмонӣ бурдан гирифт».

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

2. «Маро ба гап банд карда наметавонед, ман илми боғбониро об карда хӯрдагӣ!» мегуфтанд онҳо.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

3. — Эҳе, дар дунё ман нахондагӣ мактабу ман намедонистагӣ илм нест. Ҳамаашро об карда хӯрдагӣ.

*С. Ғанӣ «Тӯй»*

### 27. Об кардан

1. *Ниг.* Чизеро обу лой кардан, 2. касеро ниҳоят мафтун, шефта кардан.

1. Дар хонаи зери замини баста монда (ду гови дуздиро — *М. Ф.*), ҳар рӯзи бозор якта-якта кушта об кардам.

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

2. Барои об кардани ғуломон ва канизони аз Ҳирот тохташуда бартараф кардани душворӣ ва кушодани ин гиреҳ ҳам лозим буд.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

3. Беҳтараш кушоду равшан гуед, ки ресмонро аз кӣ гирифтаасту ба кӣ бурда об карданӣ буд.

*П. Толис «Тобистон»*

4. Як машқ шунидам, ки одамро бе муҳобот об мекард.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. II*

## 28. Об ки аз сар гузашт, чи (хоҳ) як ваҷаб, чи (хоҳ) сад ваҷаб

1. чун гуноҳе кардӣ, чи калон, чи хурд — фарқе надорад, фалокат ва нохушие, ки боре рӯй дод, такроршавии он ва аз он сахттар дигар аҳамият надорад, 2. рафторе бояд аз тарафи касе ҳеҷ содир нашавад, чун содир шуд, уро абадан бадном мекунад.

1. — Барои чӣ тамом накардед? — пурсид Раҳмат аз меҳмон қадаҳи нима нушидаи уро ииiон дода.— Ё аз худо метарсед-мӣ? Нушидан гиред, «об ки аз сар гузашт, чи як ваҷаб, чи сад ваҷаб».

*С. Улуғзода «Навобод»*

2. Вале ба ҳеҷ чиз нигоҳ накарда шӯриш бардоштанд, аз золимҳо қасос гирифтанд ва боз корҳои калон карданӣ, ба суи Юртчию Сари Осиё ҳуҷум карда рафтанӣ...

Об аз сар ки гузашт, чи як ваҷаб, чи сад ваҷаб!— мегуянд, онҳо.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

3. «Об ки аз сар гузашт, хоҳ як ваҷабу хоҳ сад ваҷаб» — гуён шаби дигар Шарофат дар хонаи рассом менишаст.

*А. Баҳорӣ «Одамони шинос»*

### 29. Обро лой карда, мохӣ гирифтан (доштан)

1. дар байни касон низоъ ва иштибоҳ андохта, аз он фоида бурдан, 2. бо роҳи фиреб ба мақсади худ муваффақ шудан.

1. Аммо таърих шоҳиди чунин воқеаҳое ҳам мебошад, ки борҳо душмани хориҷӣ ва феодалҳои маҳаллӣ бо мақсадҳои истилогарӣ ё бо тақозои кину адоватҳои байни худ дар байни халқҳои мо нифоқу низоъ андохтаанд, ё бо ибораи халқӣ гуем, «обро лой карда, моҳи гирифтаанд».

*А. Деҳотӣ «Паёмҳои дустӣ»*

2. — Обро лой карда, моҳӣ доштан мехоҳанд. Як дуғу ҷазаба карда, халқро мешуронанду амирро метарсонанд.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 30. Обу лой кардан

чизеро пинҳонан фурухта пули онро аз они худ кардан.

Ба воситаи чойхоначӣ В. Раҷабалиев ва дигар корчаллонҳо даҳҳо центнер ғаллаи колхозро дар бозорҳо обу лой кардани Нуралиев ба бисьёр колхозчиён маълум аст.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 31. Обро лой кардан

1. *Ниг.* обро лой карда моҳӣ гирифтан, 2. дар байни одамон шуру фитна андохтан, 3. чизеро норавшану сарбаста кардан.

1. Албатта. фоидаи танқид калон, лекин, холаҷон, инаш ҳам ҳаст, ки баъзе одамон ҳамеша оби софро лой карда мегарданд.

*Қ. Носиров «Орият»*

2. Дар колхоз обро лой карданат бас набуд, ки акнун боз...

*С. Улуғзода «Навобод»*

3. Гумон мекунед, ки инро ҳеҷ кас надид. Мехоҳед, ки обро лой кунед.

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

### 32. Об набошад, таяммум ҳам ҷоиз

дар набудани чизе мумкин аст онро бо чизи дигаре, ки дар қимат аз он пасттар аст, иваз намуд.

— Дар ҳамон ҷо нишастан гиред, комиссар! — гуфт Холбута бо масхара,— мебахшед, дар ин ҷо устоли мулоими штаби большевикҳо нест, ки ба вай шинед ва папирос кашида кайф кунед...

— Хайр, ҳеҷ гап нест,— гуфт Пулод табассум карда,— рӯи гилем ҳам он қадар сахт набудагист. «Об набошад, таяммум ҳам ҷоиз» гуфтаанд.

*Р. Ҷалил «Гулрӯ»*

### 33. Обро надида мӯза кашидан

1. кореро нафаҳмида, насанҷида ба он шурӯъ намудан, кореро пеш аз расидани вақти иҷрои он кардан, 2. бемулоҳиза гап задан.

1. — Мо, деҳқон мардум,— гуфт ӯ асосан ба Шаимов мурочиаткунон,— обро надида мӯза намекашем.

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

2. Ҳамаи ин айби худи Тоҷӣ, ҳар чӣ кард, худаш кард. Оба надида мӯза кашид.

*«Занони Тоҷикистон»*

3. — Обро надида мӯза накаш, аввал таги гапро фаҳм, баъд даҳон кушо.

*Ш. Қиёмов ва А. Мороз «Дил дили Зайнаб» («Шарқи сурх»)*

### 34. Обу намаки даст

ҳунари хӯрокпазӣ.

— Фардо дар вақти дарс як табақ палав пухта биёр, бинем, ки обу намаки дастат чӣ гуна аст?

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

### 35. Ба обу намаки касе одат кардан

ба хуроки касе одат кардан.

Агар ҳунари ошпазӣ ва дасти кории ман намешуд, агар бой аз хурдӣ ба обу намаки ман одат кардагӣ намешуд, маро кайҳо зада-зада мекуштанд...

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 36. Обу намаки касе чоқ будан

аз ҳар ҷиҳат мукаммал; ба ҳама кор моҳир, пурдон будан.

Дар байни ҳамаи ҷавонони кучаю маҳалла писари боақл, ҷавони беҳтарини... обу намакаш чоқ шумо ҳастеду халос.

*«Занони Тоҷикистон»*

### 37. Обу нони касе, чизе шудан

машғулияти асосии касе шудани коре, машғулияте ки воситаи зиндагӣ аст.

— Обу нонатон пахта шуда бошад ҳам, бас кунед.

*Қ. Наимӣ «Роҳи дуруст»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 38. Обу ободонӣ (обу ободӣ аст)

об сабаби нашъунамои ҳама чиз, об боиси ободонӣ.

1. Об бошад, ҳама чиз мешавад. «Обу ободонӣ» гуфтаанд.

*Р. Ҷалил «Умри дубора»*

2. «Обу ободонӣ» мегӯянд, дар он ҷое ки об нест, ҳаёт нест.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

3. «Обу ободӣ» аст мегӯянд.
Об агар нест, обруят нест.
Хушку тафсону сахттар аз санг
Сабзишу авҷу рангу буят нест.

*С. Ҷавҳаризода «Баҳори ватан»*

### 39. Об овардагию кӯза шикастагӣ баробар

1. ба меҳнати нобаробар баҳои якхела, музди баробар додан, ба қадри хизматкарда норасида онро бо дигарон баробар кардан, 2. гунаҳкору бегунохро баробар танбеҳ ва ҷазо додан.

Сабаби чӣ бошад, ки ҳанӯз дар он ҷо акт ях карда, об овардагию кӯза шикастагӣ баробар шуда монд.

*«Хорпуштак»*

### 40. Об овардагӣ хору кӯза шикастагӣ азиз

меҳнаткарда хору меҳнатнокарда азиз.

«Об овардагӣ хору кӯза шикастагӣ азиз» гуфтагӣ барин рафиқ Раҳмонов ба ҷои он ки хабари мухбирро тафтиш намуда, гунаҳгори дар он зикршударо фош намояд, аз паи ҷустуҷӯи мухбир афтода, ӯро таъқиб мекунад.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 41. Обу осиё кардан

1. гандумро орд кардан; ғами ордро хӯрдан, 2. корҳои хоҷагиро кардан.

— Аъзоҳо имрӯзу фардо обу осиёашонро карда гиранд, баъд баромада меғундорем...

*С. Улуғзода «Диёри навобод»*

### 42. Обу оташ

1. ду чизе зидди якдигар, ду чизи оштинопазир, 2. чизи хатарнок, ҳалокатовар.

Ишқ бо марг, инчунин ғам бо нишот,
Бар гумонам, ҳамчу обу оташанд.

*А. Баҳорӣ «Сарахбори зиндагӣ»*

### 43. Обро пуф карда хӯрдан (нӯшидан)

1. ҳар корро бо эҳтиёту андеша кардан; кореро ҳушьёрона кардан, 2. бо эҳтиёт қадам мондан.

1. Эҳтиёт карда обамонро пуф карда хӯрданамон даркор аст, агар поямонро беҷо монем, боғдороне, ки меҳнат мекунанд, лингамонро аз осмон мебиёранд...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. — Обро пуф карда нушидан, мунтазир шудан ва фоидаю зарарро ба ҳисоб гирифтан ба ҷон расид, Зайнаб!

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

## 44. Обу ранг

зебоӣ, тару тозагӣ, тароват.

1. Як боғбони хунарманд як порча заминро бо чӣ обу ранг соз карда райҳон шинонда тавонад, ин майдонҳои васеъ ҳам ба ҳамон обу ранг киштзори пахта шуда буданд.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Обу ранги шеъри мо аз дилбарон дил мебарад,
Дилбариро мо ҳам аз ин дилбарон омӯхтем.

*Л. Обидхуҷаев «Асарҳои мунтахаб»*

## 45. Об рӯшноӣ аст

дар вақти тасодуфан рехта шудани об аз зарфе фоли нек мегиранд, ки ин гуё ба хубӣ ва пешрафти кор далолат мекунад; об манбаи беҳбудию хушбахтӣ аст.

Обро аз рӯшноӣ кун қиёс,
Дустонро бо нигоҳи дил шинос.

*М. Турсунзода «Асарҳои мунтахаб», ҷ. I*

## 46. Оби сард рехтан

ба чизе дар айни авҷаш халал расондан; чизеро хунук, бе мароқ кардан.

Ин суханҳо ба суҳбати ҷӯшони домулло ва дигарон оби сард рехт.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

## 47. Обу сомон кардан

*Ниг.* Обу лой кардан.

Аспдузд, говдуздҳо дар байни ҳамин пахтазорҳо моли дуздии худро оварда обу сомон мекарданд.

*Ҷ. Икромӣ «Раис»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 48. Обро соф кардан

1. барҳам додани камбудиҳо, нест кардани фиску фасод, 2. муҳайё шудани шароити мусоид.

1. Ба назарашон чунон намуд, ки обро дар ҳақиқат соф карданд.

*«Тоҷикистони советӣ»*

2. Чиро хост? — оби ин ҳавзро соф карданӣ шуд! Намедонад, ки ба қурбоқаҳои ин ҷо оби ин ҳавз маъқул аст! Ба ҳар ҳол Ҳасановро маҷбур мекунам, ки Сафарро зада пеш кунад.

*С. Саидмуродов ва М. Рабиев «Саодат»*
*(«Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

### 49. Оби таҳорат додан

зиёфат, меҳмондорӣ кардан.

— Ин тавр бошад, чӣ мешавад, ки бе маълум кардани кӣ будани онҳо як сари қадам ба ин кулбаи факирона дароварда «оби таҳорат диҳем».

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. IV*

### 50. Обу тоб

*Ниг.* Обу ранг.

1. Вақте ки Аҳмад Бобоқулов дар навбати худ ҳамон суруди «Холи сиёҳ»-ро бо обу тоби муносибаш мехонд, дар зал ва роҳравҳои клуб бисьёр духтарони дигар ҳам зери лаб овоз бароварда, ба хониши вай ҳамроҳ мешуданд.

*А. Деҳотӣ «Ҳаёт қадам мезанад»*

2. Таассуроти калони худро аз ин сафар бо обу тоби тамом ва ширингуфтории ба худаш махсус нақл мекард...

*Р. Ҳошим «Ёдат бахайр, Пайрав»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 51. Обу тоб додан

1. зебо, бонафосат, тару тоза кардан, 2. пухта кардан, устувору маҳкам намудан, чизеро сахт мустаҳкам кардан; об додан (мас. пулодро).

1. У шеърҳояшро чандин борҳо гаштаву баргашта менавишт ва ҳар бор ба онҳо тағьироте медаровард, обу тоби наве медод.

*Р. Ҳошим «Едат бахайр, Пайрав»*
*(«Шарқи сурх»)*

2. Ман инро (болғаро — *М. Ф.*) ба пеши падари раҳматиат бурда будам, вай дуруст карда обу тоби нав дода буд.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

### 52. Обу тоб ёфтан

пухта, устувор, маҳкам шудан.

1. Ин муаллим дар оғӯши оташу туфони муҳорибаҳои шадид обу тоб меёфт.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

2. Ба ҳамин тариқ баъди гузаштани чанд вақт Бобо Раҷабов устои касби худ гардид, дар меҳнат обу тоб ёфт.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 53. Обу тоб хӯрдан

*Ниг.* Обу тоб ёфтан.

Аммо мардуми ин шаҳр, ки дар задухӯрдҳои синфӣ, дар оташи революцияҳо обу тоб хурдааст, ба ҳар сахтӣ ва душворӣ ба ҳар як маҳрумият мардона тоқат меоварад...

*«Маориф ва маданият»*

### 54. Оби хуми Намангон ях мекунад

1. ниҳоят савлатбаланд будан, 2. бо савлати худ ҳамаро ҳайрон кардан, ба тааҷҷуб монондан.

1. Дар ҳеҷ ҷо кор намекунаду ба карру фарраш оби хуми Намангон ях мекунад...

*Р. Ҷалил «Шуроб»*

2. Савлату таманнояшро намегӯед-мӣ? Оби хуми Намангон дар тобистон ҳам ях мекард.

*У. Тоҷибоев «Хиҷолат»*
*(«Истеъдодҳои ҷавонон»)*

## 55. Аз об хушк баромадан

гуноҳеро карда беҷазо мондан, худро аз таҳти масъулият халос кардан.

1. — Мебинам, ки ту аз ман ҳам донотар шуда, аз об хушк баромадан мехоҳӣ?

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

2. Агар ин дафъа ҳам ӯ аз об хушк бароял, худашон фельетон менависанд.

*«Тоҷикистони советӣ»*

3. Аммо дар ҳаққи сохтакор, бевиҷдон вай чизе нагуфт. Наход, ки қаллоб аз об хушк барояд?

*«Тоҷикистони советӣ»*

## 56. Оби чизе гурехтан

шах, хушк гардидан, пажмурда шудан.

1. У ба назди меҳмон ду дона нони обаш андак гурехтаи дегӣ... гузошт...

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

2. Бо хазор таваллою зорӣ аз ким-куҷоҳо барг ёфта меоянд, ки вай ҳам аз гармии ҳаво қариб хушк шуда обаш мегурезад, сифаташ паст мешавад.

*«Хорпуштак»*

## 57. Оби шикамро наҷунбондан

ҳаракат накарда нишастан, танбалӣ кардан; саросема нашудан, дар коре шитоб накардан.

Аммо баъзе холабеғамҳое ҳам ҳастанд, ки оби шикамашонро намеҷунбонанд.

*«Хорпуштак»*

## 58. Об шудан

1. лоғар ва хароб шудан, аз гӯшт фаромадан, 2. мафтун, ошуфта шудан, 3. нопадид шудан, нест шудан.

1. Лекин дар охири соли 1944, вақте ки хабари ҳалок шудани писарашро шунид, якбора тағйир ёфт, рӯз аз рӯз об шудан гирифт ва ҳатто асабонӣ ва ҷаҳлнок гашт.

*Ҷ. Икромӣ «Гӯшу ҳуши мо бо шумост, Никита Сергеевич» («Тоҷикистон»)*

2. Мард бояд ҳамин тавр шавад, нағз мебинам гуфта об шуда рафтан — нодонист!

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

3. Паға-паға дудҳои паровози мо мисли абрпораҳои сабук дар шаббодаи саҳарӣ каме ҷавлон мезаданду об шуда мерафтанд.

*Ҷ. Икромӣ «Аз Душанбе то ба Киев» («Шарқи сурх»)*

### 59. Аз об ҳалво сохтан

*Ниг.* Аз лой ҳалво сохтан.

Фикр мекунад, ки ҳамаи бинокорон фиребгаранду агар илоҷ ёбанд, аз об ҳалво сохта медиҳанд.

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

### 60. Оби ҷуй барин омадан

фаровон ва беист омадан.

Беморон ва ҳоҷатмандон аз чор ҳад суроғкунон меомаданд, назру садақа, чунон ки мегӯянд, «оби ҷуй барин» меомад.

*А. Деҳотӣ «Ҷашмасори давоҳои мӯъҷизавӣ» («Тоҷикистон»)*

**ОБДОР**

### 61. Обдор будан

пуробу тоб ва тароватнок будан; форам ва дилкаш будан.

Садои нохуни Ҳоҷӣ Абдураҳмон ва Раҳматхоҷа бисьёр обдор аст... Чунки садои танбӯр, хусусан аз расидани нохуни ягон ҳунарманд ба тор бароянд, дили шунавандаро об карда мегирьёнад.

*С. Айнӣ «Еддоштҳо», қ. IV*

**ОБДУЗД**

### 62. Обдузд гирифтан

1. касеро дар сари ҷиноят доштан, ба даст афтондан. 2. шарманда кардан.

Ман қасдан барои обдузд гирифтани ӯ:

— Ман шуморо дирӯз дар намози пешин дар хонақоҳи Хуҷадавлат дида будам-ку (ин мардак дар он ҷо кори номаъқуле карда буд — *М. Ф.*).

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

**ОБЗАДАГӢ**

### 63. Обзадагӣ барин

хомушӣ, тинҷӣ, хотирҷамъӣ.

1. Худам ҳам нав аз идора омадам, ҳама хотирҷамъӣ, обзадагӣ барин.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

2. Хуллас ки худи обзадагӣ барин тинҷию хотирҷамъӣ.

*С. Улуғзода «Навобод»*

**ОБМӮРӢ**

### 64. Обмӯрӣ аз боғ калон

*Ниг.* Мӯрӣ аз хона калон.

1. Калонгапии ҳисобчӣ беҳуда набудааст. Вай, чи тавре ки пешакӣ муайян карда буд, меҳмондориро ҳамон тавр ташкил кард, ба зиёфат ҳисобчӣ ҷӯраашро, ҷӯрааш боз ду ҷӯраи дигарашро кашола карда оварда, обмӯрӣ аз боғ калону харҷ аз чашмдошти мудири хоҷагӣ се баробар зиёдтар шуда рафт.

*«Тоҷикистон»*

2. Чунон ки хонандагони муҳтарам мебинанд, «обмӯрӣ аз бог калон» шуд (тақриз аз мақола — *М. Ф.*) ва аз дароз шудани сухан ибо карда, бо ҳамин қадар иктифо мекунем.

*А. Деҳотӣ «Омухтани мероси адабӣ шуғли булҳавасӣ нест» («Маориф ва маданият»)*

3. Обмӯрӣ аз боғ калон гуфтагӣ барин ин вазъият ба маҳсули кори коргарон зарбаи калон расонда, харҷи заводро як бар ду зиёд мекунад.

*«Хорпуштак»*

**ОБРӮЙ**

### 65. Обруи касеро ба замин задан

касеро дар байни мардум шарманда кардан; мавриди мазоқ ва хандаи одамон кардан.

1. Духтари худам обруи маро ба замин занад, ман чӣ хел тоқат мекунам?

*С. Улуғзода «Навобод»*

2. Ман намехоҳам, ки мардум «подшоҳ духтарашро ба ғуломбача додааст» гуфта обруи маро ба замин зананд.

*«Занони Тоҷикистон»*

3. — Барои он ки дар пеши мардум обрӯямро ба замин назанӣ, ту бояд ҳар чизеро ки Тиллохон-оим талаб кунад, муҳайё созӣ...

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

### 66. Обруй гирифтан

обрӯ пайдо кардан, ба иззату эътибор соҳиб шудан.

Қоре карда ману ту чун тамомкунандагони мактаби ҳунармандӣ обруй гирифтем, дар пеши коргарон хиҷолатманд нашудем.

*М. Набиев «Ҷӯраҳо»,*
*(«Овози ҷавонон»)*

### 67. Обруи касеро гирифтан

ҳурмати шоистаи касеро ба ҷо овардан, касеро чунон ки бояд ҳурмат кардан.

Агар мабодо ман мурда монам, ба гуру чӯбам сарф карда, обрӯямро мегирӣ.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

### 68. Обру кардан

*Ниг.* Обрӯи касеро гирифтан.

Ҳамин қадар обрӯ кардаму боз маъқул нашудаастмӣ? (Мурдаро гӯронида буд — *М. Ф.*).

*С. Ғанӣ «Арвоҳ»*
*(«Тоҷикистони советӣ»)*

### 69. Обруй оби ҷуй шудан

1. сахт беобрӯ, расво, шарманда шудан, 2. мавриди мазоҳ шудан.

Дар байни халқ обрӯям оби ҷуй мешавад...

*«Маориф ва маданият»*

**ОБТОЗА**

### 70. Обтоза кардан

касеро оббозӣ, ҳаммом кунонда, оро додан.

— Ду нафареро, ки дирӯз қозии Шофирком фиристода буд, обтоза карда мондам...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

**ОБШУСТА**

### 71. Обшуста шудан

нав набудан, ба ҳама маълум, оддӣ, беаҳамият шуда мондан.

Ин мавзуъ шояд ба дили хонанда зада ва чунон ки мегуянд, аз ҳад зиёд обшуста шуда рафта бошад.

*Р. Ҷалил «Ҳамида»*

**ОБӢ**

### 72. Обӣ кардан

1. аз миқдори муайян зиёд баромадан, 2. таҳ задан (мас. дар баркаш).

— Магар сангу тарозуи шумо чизе «обӣ намекунад?»

— Дуруст аст, ки ҳар рӯзи бозор ба сангу тарозу дусе чорек гушту равған зиёдатӣ мекунонам, лекин онро ба раис медиҳам.

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

**ОБҶУВОЗ**

### 73. Аз обҷувози худ гузаронидан

чизеро аз они худ кардан, хурдан, фурӯ бурдан, несту нобуд кардан.

Бо ҳуҷҷатҳои қалбакӣ 13.414 сӯми давлатро аз обҷувози худ гузаронидааст.

*«Хорпуштак»*

**ОВЕЗОН**

### 74. Ба касе овезон шудан

ба касе часпидан, домани касеро гирифтан.

Қиштидорон ҳам сахт ба мо овезон шуда гирифтанд.

*Ҳ. Ирфон «Ду ёр аз ду диёр»*
*(«Шарқи сурх»)*

ОВОЗ

### 75. Овози гови бешир баланд мешавад

савлату дабдабаи одами бемаънӣ баланд, зиёд аст.

— Ҳа, чигарам Ҷамилаҷон, инаш аз ёдам баромадааст, ки баъди аз кадом лаҳади торик, аз бадарға гашта ба ин ҷо омада мондани додари бенухтааш Ҳасан, ки дар ҳеҷ ҷо кор намекунаду ба карру фарраш оби хуми Намангон меяхад, овози ин гови бешир боз баландтар шуда монд.

*Р. Ҷалил «Шуроб»*

### 76. Овози духул шунидан аз дур беҳ аст

1. чизи нозеб ва нохушро аз дур дидан ё овозашро аз дур шунидан беҳтар, 2. ҳар чиз аз дур зебо ва хуб менамояд.

1. — Монед, Шокир ака, ҳамин «ҷаннат»-атонро,— гуфт Қулмурод даст афшонда,— ҷаннати шумо ҳам ҷаннати муллоҳо таърифкунанда барин як чиз аст, ки то ҳол онро касе надидааст. Дар урф мегӯянд, ки «овози духул шунидан аз дур беҳ аст», шумо ҳамин Туркия ва Эронро, ки ҳуррият шуда ҷаннат гардидааст, аз дур шунида вақтатонро хуш кардан гиред. Аммо рафта дидани он ҷойҳоро орзу накунед, ки хафа мешавед.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

2. Ман ба ҳамон санг нишаста месароям. Зеро мегӯянд: «овози духул шунидан аз дур хуш аст».

*Ф Ансорӣ «Имтиҳон»*

### 77. Овози худро сар додан

1. бо авҷи боло ашула хондан, 2. ниҳоят баланд овоз баровардан.

— Каппа-калон занҳои бачадору соҳиби рузғор монанди духтарчаҳои хурдтарак овозатонро сар дода ҳамин хел мағал бардошта истодаед!

*«Занони Тоҷикистон»*

**ОВОЗА**

### 78. Овоза бардоштан

*Ниг.* Овоза баровардан.

— Он шайтон чунон овоза бардошт, ки амир, вазир ва дигар ҳукуматдоронро ҳам ба худ мурид ва мухлис карда гирифт...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 79. Овоза баровардан

машҳур гардидан, шуҳрат ёфтан.

Ҳамон гусфанди машҳури қарокулӣ, ки пӯсти барраи он ба тамоми дунъё овоза баровардааст ва бо баҳои тилло фурӯхта мешавад...

*Ҷ. Икромӣ «Он ки дӯсташ медорам» («Шарқи сурх»)*

### 80. Овозаи касе, чизе баромадан

маълум, машҳур, шӯҳратнок шудан.

Агар хоҳед, ки овозаатон барояд, диққататонро сад фоиз ба пахта диҳед.

*М. Рабиев «Орзуи ҷавонӣ» («Маҷмуаи пьесаҳои якпардагӣ»)*

### 81. Овозаю дарвоза

ҳар гуна гапҳо, ҳар гуна шоеаҳо.

Онҳо бо овозаю дарвоза мехоҳанд, ки майнаи мардумро банд карда, ба ҳамаи кор зарба диҳанд.

*С. Саидмуродов ва И. Исмоилов «Туҳмат»*

### 82. Овозаю дарвоза кардан

воҳимаю дабдаба кардан; каттагӣ, ҳавобаландӣ, бодигӣ кардан.

Ғафурпуфак ном як бои шаҳрамон як замон овозаю дарвоза карда автомобиль оварда буд.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. II*

### 83. Овозаю дарвоза шудан

боиси гап шудан, ба дахони мардум афтидан, ба ҳама маълум гардидан.

1. Лекин рафтори шумо ба ҳама овозаю дарвоза шудааст-дия.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

2. — Масалан, аз бухгалтер мепурсад, аз Қамол мепурсад, овозаю дарвоза мешаваду масъала равшан шуда мемонад.

*Ҷ. Икромӣ «Ситора» («Пьесаҳоч драматургони Тоҷикистон»)*

### 84. Овозаи Рустам беҳ аз Рустам

1. касе ё чизеро аз ҳад зиёд таърифу тавсиф кардан, дар таърифи касе муболиға намудан, 2. аз будаш зиёд овоза шудани касе.

Овозаи Рустам беҳ аз Рустам гуфтаанд. Ман ҳам ба ин овозаҳо фирефта шуда, барои наъл кардани аспам ба комбинат омадам... Аз миён ду рӯз нагузашта буд, ки аспи безабон ба лангидан даромад.

*«Хорпуштак»*

### 85. Овоза шудан

маълум, машҳур шудан; шуҳрат ёфтан.

Пас аз он ки хабари номзад шудани Гулнор ба писари Ҳамроҳбой овоза шуд, Ёдгорро дигар тоқат намонд...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

**ОВОРА**

### 86. Овораи ду дунё (ҷаҳон)

сарсону саргардон дар байни ду чиз ё касе, ки дар ҳеҷ ҷо корею эътиборе надорад.

Дар натиҷа на олими динӣ шудам, на ҳакиму файласуф шудам, балки дар дунё як «бекорхуҷа» шуда мондам, ки маро «овораи ду дунё» гуфтан мумкин аст.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. IV*

## ОДАМ

### 87. Одам (одамӣ, одамизод) аз гул нозук ва аз санг (пӯлод) сахт аст

одам тоқатнок, ба ҳар гуна сахтию мушкилиҳо тобовар буда, дар айни замон хеле нозуктабиат низ мебошад, инсон баъзан ба бисьёр сахтӣ ва озорҳо тоб оварда, баъзан аз андак чиз озурда мешавад.

1. — «Одам аз гул нозуку аз санг сахт» мегӯянд, ки рост аст. Одамро баъзе вақт таббодае зукому бемор мекунад. Лекин баъзан вай на аз хунукии изғиринг парво мекунад ва на аз гармии тоқатшикан, ба ҳамааш тоб мебиёрад, хамаашро аз сар мегузаронад ва осебе намебинад.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

2. «Одамизод аз гул нозуктару аз пӯлод сахттар аст» мегӯянд дар урфият. Бале, ҳамин одами аз пӯлод сахттар дар ҷустуҷуи заминҳои васеи корам, чарогоҳҳои фарох ва роҳҳои корвон дар давоми таърихи ҳазоронсолан худ ҳамеша ба биёбон мурочиат кардааст.

*А. Деҳотӣ «Чӯли лабташна, шунав, оби равон меояд» («Шарқи сурх»)*

3. Раҳим як-ду соатро ба тасаллӣ ва насиҳат гузаронида бошад ҳам, дигар мумкин нашуд ва захмҳоро кушода, марҳамҳоро руфта гирифт. Сар то сари бадани Ёдгор монанди руи саромосшудагон омос буд.

«Одамӣ аз гул нозук ва аз санг сахт» гуфтаанд, гоҳо ба вазидани боди сарде ба шушаш зиндагиро видоъ мекунад ва гоҳо бо вуҷуди азобу уқубатҳои бардоштнопазир худаш хоҳад ҳам, мурда наметавонад.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 88. Одам ба одам мерасад, кӯҳ ба кӯҳ намерасад

одамон гарчанд солҳо ҳамдигарро набинанд, аз ҳамдигар ҷудо бошанд ҳам, ягон рӯз боз ба дидори якдигар мерасанд.

— «Одам ба одам мерасаду кӯҳ ба кӯҳ намерасад» гуфтани одамони қадим бе гап набудааст, дугона,— худро хурсанд вонамуд карда гуфт Саидахола.— Бинед, ки тақдир маро ба кучоҳо партофту имрӯз ба дидори якдигар расонд.

*«Маориф ва маданият»*

### 89. Одам ба одам ғанимат

одамон бояд фурсати ҳаёт ва дидори якдигарро ғанимат шуморанд, қадри ҳамдигарро бидонанд.

1. — Бисьёр хуб кардед. Худаш ҳам як замоне (замони ҷанг буд — *М. Ф.*) омадед, ки одам ба одам ғанимат шуда монд.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

2. Аз аҳволи хешу табори дуру наздикат хабар гир. Одам ба одам ғанимат аст.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

### 90. Одами ба ҷонаш расида

касе ки ба мурдан розӣ аст, касе ки аз шиддати тангӣ аз ҷони худ безор аст.

Набӣ-Полвон пичинги Шербекро фаҳмида бошад ҳам, худашро ба нофаҳмӣ зад ва бо ин одами «ба ҷонаш расида» баҳсу ҷавоб карда ҷавобҳои талх шуниданро «ба шаъни худ муносиб» надид...

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 91. Одам бо одам зинда

инсонҳо дар ҳаёт ба ҳамдигар вобастаанд, инсонҳо муҳтоҷи якдигаранд.

— Аз худатон гап намемонад, раис, одам бо одам зинда гуфтаанд... ёру ошноҳои қадрдон бисьёр ҳастанд, гоҳ-гоҳ худашон бетакаллуф суроғ карда меоянд, барои ҳамин дари меҳмонхонаамон шабу рӯз кушода...

*Ф Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

### 92. Одаму дам

одам бояд бисьёртар ба сухани дигарон гӯш карда, худ кам гап занад, дар суҳбат аз сухани беҳуда гуфтан хомӯш нишастан беҳтар аст.

«Одаму дам» гуфтаанд,... барои нақли давоми саргузаштам мадор надорам, хостам шуморо бо роҳи дигар хурсанд намоям. Вай ба набераааш фармуд, ки дафтареро аз даруни сандуқча гирифта диҳад.— Ана, аз ин метавонед ҳамаашро фаҳмида гиред...

*«Маориф ва маданият»*

### 93. Одаму либос, хонаву палос

одамро либос ва хонаро палос зинат дода назаррабо мегардонад.

1. «Чаро мани аҳмақ костюми навамро пушида набаромадам? «Одаму либос, хонаву палос» мегуянд, агар онро мепушидам, як қадар ба назар намоён мешудам».

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

2. Бедарак нагуфтаанд, ки «одаму либос, хонаву палос», агар ман ҳам сару либоси дуруст медоштам, лақаби Луччакро намебастанд...

*Р. Ҷалил «Саргузашти Сир»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 94. Одам мондан

1. *Ниг.* Кас мондан, 2. барои таъқиб намудани рафтору кирдори касе аз паси вай кас мондан.

1. Вай бо раиси Совети қишлоқ Салимбой Исмонқлов ошност. Албатта ба ҳавлии ҳамон медароянд. Аз паи у одам монед, аз ҳамаи рафтор ва гапҳои вай маро боха-бар кунед, ки ин ба ман зарур аст...

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», ҷ. II*

2. Ман ба дугонаҳои ҳамсинфамон Фируза ва Зарифа ҳам одам мондам.

*«Занони Тоҷикистон»*

### 95. Одамро одам вайрон мекунад, заминро об

одами бад дигаронро низ ба роҳи бад мебарад; одамон ба рафтору кирдори ҳамдигар пайравӣ мекунанд.

— Ноиб он васиқаҳоро аз назар гузаронида аз Арбоб пурсид:

— Магар ҳамаи инҳоро ҳамин руз мебинем?

— Ҳамаашро ҳамин руз дида баромадан даркор аст,— гуфт Арбоб,— зеро агар баъзеаш дер монад, аҷаб нест, ки баъзе касон қарздоронро аз роҳ бароранд, охир «одамро одам вайрон мекунад, заминро об» гуфтаанд.

*С. Айнӣ «Марги судхур»*

### 96. Одаму оламро шинохтан

1. аз олам ва ҳаёти одамон воқиф гардидан, 2. кордон, таҷрибанок шудан, аз ҳама чиз бохабар шудан.

Ана дар ҳамон ҷо у хонд, калон шуд, одаму оламро шинохт.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 97. Одам шудан чӣ душвор, мулло шудан чӣ осон

на ҳар хонда одам аст, мулло будан шарти одам будан нест.

Дар туюю мотам, намозу хатми қуръон пешгоҳнишин шуд. У ҳоло зери лаб ханда карда мегуяд: «одам шудан чӣ душвор, мулло шудан чӣ осон».

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 98. Одами чию кори чӣ

дар ҳолати қиёфаи одамиро гум кардан, шармандаю расво будан.

Уро баъд занаш ҳамон вақт меёбад, ки (у сахт маст буд — *М. Ф.*) одами чию кори чӣ!

*Р. Ҷалил «Ҳамида»*

### 99. Одам як бор ба дуньё меояд

хавфи марг набояд монеи ба даст даровардани мақсаде шавад.

— Одам як бор ба дуньё меояд. Асло натарс.

*Қ. Наимӣ «Соли 1916»*

**ОДАМГАРӢ**

### 100. Аз одамгарӣ баровардан

1. касеро шарманда, расво кардан, 2. гумроҳ кардан.

Вай каса қариб аз одамгарӣ бароварда монда буду боз ман узр хоҳам-мӣ?

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

### 101. Аз одамгарӣ баромадан

1. хислатҳои хуби одамиро гум кардан, 2. чашмтанг, ҳарис шудан.

— Қурбонбой, аз одамгарӣ баромадед-мӣ?

*Қ. Наимӣ «Соли 1916»*

### 102. Одамгарӣ кардан (намудан)

олиҳимматӣ, ҷавонмардӣ кардан; ба касе некӣ намудан.

1. — Аввал он ки музд даркор не, агар не-не гуфта худатон ҳиммат карданӣ бошед, ман чизе намегӯям, ихтиёр ба худи шумост,— гуфта одамгарӣ кард.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. То фурӯхта тамом кардани гушти ин молҳо ба қозӣ, раис, миршаб ва амлокдор, ҳатто ба одамҳои онҳо ҳам одамгарӣ карда истодам.

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

**ОДАМИЗОД**

### 103. Одамизод (одамӣ) шири хом хӯрдааст

аз одам ҳар гуна хато сар мезанад, одам ҳарчанд доно, таҷрибанок бошад ҳам, боз хато мекунад.

1. Аммо одамӣ пешоянди худро аз куҷо донад! Одамизод шири хом хурдааст! Аз бурьёкубон ҳамааш шуда як ҳафта нагузашта, ба Собиров хабар омад, ки уро котиби комитети районии партия даъват мекунад.

*Р. Ҷалил «Ҳамида»*

2. Одамӣ шири хомхӯрда бувад,
   Ногаҳонӣ ба дом меафтад.

*М. Турсунзода «Асарҳои мунтахаб»*

**ОДАМҶОН**

### 104. Одамҷон будан

одами меҳрубон, ғамхор, ҷавонмард будан, ба хислатҳои хуби инсонӣ доро будан.

Панҷ сол ин тараф дар Россия ва Туркистон бо душманони халқ ҷанг мекард, дар ҳамон ҷанг халок шуд. Вай одамҷон буд.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. I*

**ОДАТ**

### 105. Аз одат берун

ғайри муқаррарӣ, фавқулодда.

1. Дар қишлоқи Қангурт имрӯз як ҳозирии аз одат берун мерафт.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Имрӯз шикор аз одат берун барор гирифт.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

**ОЗУРДАХОТИР**

### 106. Озурдахотир шудан

дилгир, ранҷида шудан.

Одамон ҳам аз ин барфпошии дарахтон озурдахотир нашуда, баръакс, қий-чувкунон овози ханда ва сурудро баланд мекарданд.

*Ҷ. Икромӣ «Муҳаббат»*

**ОЛАМ**

### 107. Оламро ба сари худ бардоштан

мағал, шӯру гавго кардан, доду фарьёд кардан.

Оими боло баногоҳ дар ҳавлӣ ягонто хас ё барги аз шохи дарахтон канда шуда афтодагиро бинад, мемурду аз нав зинда мешуд, оламро ба сараш мебардошт.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. I*

### 108. Аз олам бехабар будан (хабар надоштан)

1. аз ҳодиса, воқеаҳо бехабар будан, чизеро надонистан, аз ҳама чиз гофил будан, 2. саргарми кор ё бозӣ шуда, ҳама чизро фаромӯш кардан.

1. Аввалҳо бисьёр содда ва гул буд ва аз олам хабар надошт.

*Ҳ. Карим «Ҳикояҳо»*

2. Аммо бачагон... саргарми бозй буда, аз олам хабар надоштанд.

*С. Улуғзода «Навобод»*

3. Аммо сахт ярадоршудагон аз олам бехабар мехобиданд.

*Қ. Наимй «Рӯзи равшан»*

**109. Олам гулистон**

хеле хуб, бисьёр нағз.

Баъд худат рафта мебинӣ, агар кор ба ту маъқул шавад, олам гулистон.

*П. Толис «Баҳор»*
*(«Шарқи сурх»)*

**110. Олам гулистон будан (шудан)**

хеле хуб будан, барои ҳама нағз будан, ҷои ҳеҷ гапу ташвиш нашудан.

1. Агар модарам якбора ва бе қилу қол руяшро кушода гаштан мегирифт, олам гулистон буд ва хотири ҳамаи мо ҷамъ мегардид.

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

2. — Ҳа, муаллима, агар шумо гуед, ки аз даъвоям гузаштам, «олам ғулистон мешавад».

*Р. Ҷалил «Субҳи саҳро»*
*(«Шарқи сурх»)*

**111. Ба олам нағунҷидан**

*Ниг.* Ба курта нағунҷидан.

Модарам, ки аз шодию хурсандиаш дигар ба олам намеғунҷид, бо овози ларзон ва оҳанги пурҳаяҷон тағоиямро дуо кард...

*П. Толис «Тобистон»*

**112. Оламро обу азоб гирад, парво надорад**

ба азобу машаққат, ғаму ғусса, мусибати касон парвое надорад, манфиати шахсии худро авлотар медонад.

— Ба ман на боғ даркор, на замин. Барои ман бозор бошад бас. Оламро обу азоб гирад, парво надорам, — гуфт Алихон дар ҷавоб.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. I*

### 113. Оламу одамро шинохтан

*Ниг.* Одаму оламро шинохтан.

Бояд бесаводиро аз байни худ дур кунем, оламу одамро шиносем.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

### 114. Олам сӯзаду кабоби каландар пазад

*Ниг.* Оламро обу азоб гирад, парво надорад.

Ҳар кас теша ба тарафи худ зада «олам сӯзаду кабоби қаландар пазад» мегуфт. Акнун, бобо, гап дигар аст.

*Р. Ҷалил «Субҳи саҳро»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 115. Олами ҳодис

мумкин аст рӯй диҳад; ҳодисае, ки вуқуаш имкон дорад, аз эҳтимол дур нест.

1. — Олами ҳодис гуфтаанд, одамизод аз бало эмин нест.

*С. Улуғзода ва В. Виткович*
*«Ибни Сино»*

2. Олами ҳодис гуфтаанд, ҷавонҳои ин замонро медонед, духтарро аз роҳ бароварда монад, чӣ мекунед?

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

3. Аҷабе нест, ки ин офат сели азим ё жола бошад. Ба ҳар ҳол эҳтиёт шудан зарур аст, чунки «олами ҳодис» гуфтаанд.

*А. Деҳотӣ «Паёмҳои дӯстӣ»*

**ОЛИМ**

### 116. Олими беамал — занбури беасал

илм бояд татбиқи амалӣ дошта бошад, олим бояд мувофиқи дониши худ амал кунад, вагарна аз дониши ӯ фоидае нест.

«Шароф Ҷамолов агарчи худаш бя баҳои «аъло» хонад ҳам, лекин ба баъзе рафиқони ақибмонда ёрӣ додан намехоҳад. Ин рафтори Шароф Ҷамолов монанди «олими беамал — занбури беасал» мебошад».

*Д. Раҷабӣ «Моҳинисо шумо-мӣ?»*
*(«Истеъдодҳои ҷавонон»)*

**ОМАД**

### 117. Омад ба сарам ҳар он чӣ метарсидам

он чи ки аз руй додани он хавф доштам, руй дод, акнун ноилоҷам, ба тақдир тан медиҳам.

1. Лекин акнун Қорӣ Ишкамба бо ин гуна суханҳо он қадар тасаллиёб намешуд, зеро у шунида истода буд, ки ин корҳоро революция, ки у аз вай метарсид, карда истодааст. У шунида буд, ки дар Россия мужикони қишлоқ ҳавлӣ, замин, молу асбоби заминдорони калонро пахш карда гирифта истодаанд. Аҷаб набуд, ки ин ҳол ба шаҳрҳо ҳам роҳ ёбад, дар шаҳрҳои Петроград ва Москва хазинахонаҳои марказии банки подшоҳиро ҳам пахш карда гиранд. Дар он сурат, албатта, банк мешикаст ва пули у ҳам месухт. У нолишкунон мегуфт: «омад ба сарам аз он чӣ метарсидам».

*С. Айнӣ «Марги судхур»*

2. Ман дар дили худ гуфтам: «омад бар сарам ҳар он чӣ метарсидам», агар ба пеши Айнулқуззот баранд, агар сад ҷон дошта бошем, якеашро хам аз пеши у саломат берун бурданамон мумкин нест.

*С. Айнӣ «Еддоштҳо», қ. III—IV*

3. Лекин худо ҳамин давлатро ҳам ба ман муносиб надид. Аз куҷое овозаи Норак ба гушаш расиду мурғи посухта барин шуда ҷои қарор наёфта монд. Омад ба сарам аз он чӣ метарсидам: «меравам, меравам» гуфт.

*М Хуҷаев «Дадомонанд»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 118. Дар омади гап (сухан)

1. дар зимни гап, гап ба гап рост омад, 2. зимнан.

1. Дар омади гап пурсидан лозим аст, ки боз ин чӣ масхарабозиест, ки дар саҳнаи театр мебинем?

*«Хорпуштак»*

2. — Ман, ҳамту дар омади гап гуфта будам.

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

3. Дар омади сухан ҳаминро ҳам қайд кардан даркор аст, ки «Марги судхӯр» аввалин асарест, ки бо таклифи муаллиф пеш аз чоп шуданаш дар Иттифоқи нависандагони Советии Тоҷикистон муҳокима шуда буд.

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

### 119. (Ба) омади кор

1. пешрафти кор, 2. барор гирифтани коре, 3. тохтани бахт, 4. хушбахтона.

1. Омади кор ки бад буд, як рӯз аъзоҳоро ҷамъ кардаму гуфтам.

*Қ. Содиқ «Рустами дашт»*
*(«Шарқи сурх»)*

2. Ба омади кор, акааш ҳам аз армия омад ва акнун модарашро танҳо партофта рафтан лозим набуд.

*П. Толис «Ҳикояҳо»*

3. Омади корро бинед, ки то ба хона расиданам касе бо ман вонахӯрд.

*«Машъал»*

### 120. Дар омади кор шиша сандон шиканад, дар ноомади кор атола дандон шиканад

агар кор пеш равад, толеъ рӯ оварад, ҳар кори мушкил ба зудӣ осон мегардад, вагарна боз мушкилтар мегардад.

Дар гузашта беҳуда ҳам нагуфтаанд, ки «дар омади кор шиша сандон шиканад, дар ноомади кор атола дандон шиканад». Лекин дар назар, агарчанде ки шишаи аламзадагон ақаллан ягон бор ба дилашон шуда аз сандон парахае напарронда бошанд ҳам, аз атола дандони онҳо тез-тез мешикаст. Зеро барори кори бечорагон — танҳо орзую афсона, вале нобарорӣ, яъне ноомади кор, бо онҳо ҳамеша улфату ҳамхона буд. Ин дафъа ҳам атола дандон мешикаст. Аверченко Пётри аз «лой

гурехта ба лойдон афтода»-ро хост, ки пинҳон ва аз нохушиҳо дар амон созад. Аммо вай, хурҷинеро, ки дар он китобҳои манъ кардашуда буданд, ба китфаш бардошта ба пои худ бо шитоби тамом ба сӯи дом қадам мегузошт.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

### 121. Омади кор шудан

1. пеш рафтани кор, барор гирифтан, 2. бахти касе тохтан, хушбахтие рӯй додан.

— Ба мо омади кор шуд. Ба рӯзи туямон ҳадьяи бисьёр калон ба даст омад!

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

**ОМАДАМ**

### 122. Омадам ба дилхушӣ, аз пешам баромад ғӯзакашӣ

нияти нағзам ба бадӣ баромад, ба нағзӣ дил баста, гирифтори бадӣ шудам.

1. «Ман омадам ба дилхушӣ, аз пешам баромад ғӯзакашӣ» дар бораи Сангин мувофиқ омад, ба нияти тӯй омада аз болои ҷанҷол баромад.

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

2. — «Ман омадам ба дилхушӣ аз пеш баромад ғӯзакашӣ» мегӯянд, ки бисьёр дуруст аст. Мо барои ин ба майдони машқи сарбоз омада будем, ки дар ин ҷо дилхушӣ кунем. Ҳайфо ки ғаму кулфати ин ҷо ба болои ғаму кулфате ки аз «Бозори ресмон» гирифта будем (шоҳиди одамкушӣ шуда буданд — *М. Ф.*), болои мурда сад чӯб шуд.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. II*

**ОМАДАН**

### 123. Омадан бо иродат — рафтан бо иҷозат

кас ба меҳмонӣ бо хоҳиши худ меравад, аммо дар он ҷо ихтиёри вай дар дасти мизбон мебошад; хоҳиши мизбонро иҷро намудан шарт аст.

1. — Не, не, бародар,— эътироз кард Назаров,— то палавро нахуред, ба касе ҷавоб нест. «Омадан бо иродат — рафтан бо иҷозат» мегуянд.

*Р. Ҷалил «Шуроб»*

2. «Омадан бо иродату рафтан — бо иҷозат»,— магар намедонед!

*М. Миршакар «Шеърҳо ва достонҳо»*

### 124. То омадани табар кунда меосояд

то расидани бадбахтӣ камтар ҳам бошад, осуда бошем, фориғи ғаму ғусса бошем, гуфта худро тасаллӣ додан.

1. — Агар шарти вайро қабул намекардӣ, пул намедод, имруз пулро ба даст дароварда, дарди худро дармон кун! Фардо муҳлаташ расад, фикрашро дар ҳамон вақт мекунӣ, «то омадани табар кунда меосояд» гуфтаанд.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. У аз тарси дуздон пулро бурда дар хонаи худ ё дар ягон сарой монда натавонад, бойҳо ба қарз нагиранд, агар ба ҳукумати амир супорад, у руйрост пулҳои уро мехурад, пас ба ғайр аз он ки «то омадани табар кунда меосояд» гуён пулҳояшро ба банки подшоҳӣ мондан гирад, чораи дигареро надошт...

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

3. — Ҳоло дуруғ ҳам бошад, «ман ба зани ту назари бад надорам, уро мисли духтарам ва келинам медонам»,— гуфтани бойро ғанимат дониста, худро ба нодонӣ зада гаштан гирифтан беҳтар аст. Ҳар вақт, ки фурсату ҷои муносиб ёфт шуд, аз ин ҷо халос шудан осон аст. Мурод бо ҳамин гуна мулоҳизаҳо «то омадани табар кунда меосояд» гуён ба дари хонаи бой гаштан гирифт.

*С. Айнӣ «Ятим»*

ОН

### 125. Аз они худ зери тағора, аз они кас ҳар ҷо нағора

сирри худ пушидаву сирри дигарон овозаю дарвоза, дар бораи амали ношоистаи худ ҳеҷ гапу маломат нею аз они дигарон гапу хархаша.

Бибихон Бобоева ва Шарофат Носироваро ҳам падару модарашон ба мактаб нафиристоданд. Онҳо руйрост ба муаллимон «аз они худ зери тағора, аз они кас ҳар ҷо нағора» гуфта ба Раҳмонзакон таассуб мекунаид.

*«Газетаи муаллимон»*

### 126. Чизеро аз они худ кардан

чизеро моли шахсии худ кардан, соҳибӣ кардан.

Агар дар ҷои ту каси дигар мебуд, албатта, ин пулро аз они худ мекард.

*С. Айнӣ «Марги судхур»*

### 127. Аз они худӣ будан

касе бо касе наздик, дуст, рафиқ будан.

— Шумо аз они худӣ будаед,— гуфт вай иихоят.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 128. Он чӣ дар деғ аст, ба кафлес (чумча) мебарояд

он чи дар бисот ва дар ботин бошад, ба руй мебарояд.

— Ростӣ гап, намедонам дегҳо ягон тилисм доранд, ки гушти фарбеҳ хароб ва картошка об шуда меравад.

— Он чӣ дар дег аст, ба кафлес меояд гуфтаанд. Ошпаз он нобакор бошад, дар дег чӣ ҳам боқи мемонад?

*«Хорпуштак»*

ОНА

### 129. Онаи (зори) касеро нишон додан

касеро сахт ҷазо додан, таъзири касеро додан, касеро ба аҳволи бад монондан.

1. Як шиша май онета нишон медиҳад.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Қайҳо ба даҳ-понздаҳта ту барин солдатбачаҳо сардор шуда, онаи зори немисро нишон медодам.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

3. — Вай маро аҳмақ карда рафт. Ман онаи зорашро нишон медиҳам.

*С. Ғанӣ «Тӯй»*

**ОНАКАЛОН**

### 130. Онакалони худро дидан

1. адаб, ҷазои худро додан, 2. ба сахтӣ, мушкилӣ афтодан.

Шаш кас мондем... ҷанг бошад, акнун сар шуд...

— Ғам нахӯр, даҳбошӣ, худи немис ҳам онакалонашро дид.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

**ОРЗУ**

### 131. Орзуи дӯғро дар маҳтоб шикастан

ба ягон орзу ва мақсади худ нарасида, қусури онро аз чизи тамоман дигаре гирифтан.

1. Таги гап дар ин ҷост, ки ӯ аз мадраса бино кардани худ пушаймон аст, аммо акнун чорае надорад, ки вақфномаро вайрон карда, мадрасаро ба мулки хусусии худ гардонад, ночор монанди он ки «орзуи дӯғро дар маҳтоб мешикаста бошад», талабагонро танг карда, ҳар рӯз як қоидаи нав бароварда, ҳокимият ва моликияти худро ба мадраса маълум карда меистод.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

2. Эҳтимол монанди баъзе духтарони ҳилагаре ки дар афсонаҳо ҳикоя мекунанд, моро бозӣ дода худ духтархонаашро дар бағал кашида «орзуи дӯғро дар маҳтоб шикаста», хандакунон моро масхара дошта, бахузур дар ҷойгаҳаш хобида бошад ва ман дар ин ҷо «орзуи офтобро бо маҳтоб шикаста» то рӯз ситорашумори кунам.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. II*

### 132. Орзуи нобино — ду дидаи бино

ягона орзу, беҳтарин орзу.

Набошад орзуи хубу хуштар аз дунъё
Ба ғайри дидаи бино — барои нобино.

*А. Деҳотӣ «Паёмҳои дӯстӣ»*

### 133. Орзуи худро шикастан

ба орзуи дерини худ расидан, ба мақсади худ ноил шудан, ба чизи дилхоҳи худ муваффақ шудан.

1. Сабр кун, калонтар шавӣ мераӣ, мебинӣ, орзуят мешиканад.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. I*

2. Мо хонадомод карда, орзуямон шикаст...

*Ф. Ансорӣ «Ҳаёт ва ишқ»*
*(«Шарқи сурх»)*

3. — Абдуманнонҷон, дар маҷлис ҳамин қадар гап задеду орзуятон нашикастааст-мӣ?

*Қ. Наимӣ «Роҳи дуруст»*
*(«Шарқи сурх»)*

## ОРМОН

### 134. Ормони дил намондан

ба орзуи беҳтарини худ расидан.

Мегуфтанд, ки агар оинаи ҷаҳоннаморо як бор бинам, баъд мурам майлаш, ормони дилам намемонад.

*А. Деҳотӣ «Ҳаёт қадам мезанад»*

### 135. Дар ормон мондан

1. афсус хурдан, пушаймонӣ кашидан, 2. ба орзуи худ нарасида дар ҳасрат мондан.

Ба дасти Қумрӣ як нусха газета дода: «мана ина хонед, боз дар ормон мондам нагуед» гуфта боз гашта рафт.

*Ҳ. Содиқ «Қумрӣ»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 136. Бо ормон мурдан

ба мақсад нарасида мурдан.
— Бузак, бузак, аввал ту бизан, то ки бо ормон намурӣ!

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

## ОРШИН

### 137. Бо оршини худ чен кардан

*Ниг.* Бо гази худ чен кардан.
Шумо моро бо оршини худатон чен накунед!

*Ф. Ансорӣ «Ҳаёт ва ишқ»*
*(«Шарқи сурх»)*

## ОСИЁ

### 138. Ба осиё андозед, бутун мебарояд

1. аз ҳар балову қазо ба саломатӣ ҷон бадар мебарад, аз ҷиноят беҷазо мемонад, 2. қаллоб, маккори гузаро.
Лекин касоне ки бо вай шиносоӣ доранд, фавран як мардаки корчаллони айёрро ба пеши чашм мебиёранд, ки ба таъбири халқ гуем: аз нуҳ дахро мезанаду ба осиё андозед, бутун мебарояд.

*«Хорпуштак»*

### 139. Осиё (осиёб) ба навбаташ

ба навбат риоя кардан, интизори навбати худ шудан даркор.

1. — Мо-ку аз бахри тамошо омадем,
Дидани ракси шумоён муддаост.
— Гап набахшад суд дигар, марҳамат,
«Осиё бо навбаташ», ракс аз шумост.

*Ф. Ансорӣ «Офтоб дар роҳ»*

2. Мирзоев мехост дар ҷавоб чизе бигуяд, аммо Илья сабр кун, ҳоло гапаш тамом нашудааст, «осиёб бо навбаташ» гуфта ба таърифу тавсиф кардани вазифаи нави дусташ шуруъ кард.

*Ф. Муҳаммадиев «Меҳри диёр»*
*(«Чароғи ирфон»)*

### 140. Осиё бе муш намешавад

дар ҳар коре duздию ғургӣ, фиребгарӣ шуданаш мумкин аст.

Шамол буи ин кори (дуздии — *М. Ф.*) уро ба сар то сари район паҳн кард. Аммо баъди басанда шудани шамол ҳама ҷо обзадагӣ барин шуда монд. Сабаби инро пурсем, коркунони район мегуянд, ки «осиё бе муш намешавад».

*«Хорпуштак»*

### 141. Ба осиёи касе об сар додан (рехтан)

ба фоидаи каси дигар кор кардан, ба каси дигар ёрӣ расондан.

1. — Ин ҳаракати Шошмақул,— гуфт Фотима,— аз як тараф, душмании шахсие аст, ки ҳар корро вайрон мекунад, аз тарафи дигар, ба як колхозчии фаъоли аз деҳқони миёнаҳол баромада кулак гуфта часпидан аст, ки ин дар ҳақикат ба осиёи кулакон об сар додан аст...

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

2. — Агар ҳамон хел одам бошад,— луқма партофт Собир,— вай касест, ки ба осиёи душман об мерезад.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

3. Агар мо ҳоло оташи танқидро ба вай равон кунем, тешаро ба пои худ зада, ба осиёби прогулчӣ об рехтаги мешавем.

*«Хорпуштак»*

**ОСМОН**

### 142. Аз осмон афтидан

1. ба тозагӣ ба ҷое омадан, нохост пайдо шуда мондан, 2. аз чизе бехабар, ғофил будан, то алҳол чизеро надонистан.

«Албатта, ихтиёрӣ, магар ту аз осмон афтодӣ, ки намедонӣ»?

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

### 143. Осмонро ба сари худ бардоштан

мағал бардоштан, шӯру ғавғо кардан.

1. — Шер! Аз ман насиҳат, минбаъд ин коратро дар ҳаққи боён ва ҷаллобони калон накун! Одамони калон дар андак кор дод гуфта осмонро ба сарашон мебардоранд...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Шаб ҳангию рӯз бангӣ шуда, доимо осмонро ба сараш бардошта мегашт.

*«Хорпуштак»*

### 144. Осмон ба сари касе фурӯ рафтан (афтидан)

1. ягон ҳодисаи мудҳише бо касе рӯй додан, бадбахтие ба сари касе омадан, 2. ба мушкили сахте мондан.

1. Осмон ба сари Ёдгор фурӯ рафт, лекин чӣ чора?

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. — Оббо, Ҳамроҳбибӣ, осмон ба сарат фурӯ рафтмӣ?

*«Занони Тоҷикистон»*

3. — Не, бигузор осмон ба сарам афтаду аммо ман намегузорам, ки ба вай осебе расад.

*«Маориф ва маданият»*

### 145. Осмонро ба сари касе чаппа кардан

ҳар ҷазои муносибдидаи худро додан; ҳар кори аз даст омадаро нисбат ба касе кардан.

— Равед, ҳар чи аз дастатон ояд, кунед! Агар тавонед осмонро ба сари ман чаппа кунед.

*Р. Амонов «Дар доманаи кӯҳҳои кабуд»*

### 146. Қасеро ба осмон бардошта, дигареро ба замин задан

касеро ниҳоят таърифу тавсиф намуда, дигареро ҳақир шуморидан, хор кардан.

«Агар... қадри ҳунармандро медонистанд, ба созандагони дигар он муомила ва ба ман ин муомиларо намекарданд, яъне дигаронро ба осмон бардошта, маро ба замин намезаданд...»

*С. Айнӣ «Марги судхур»*

### 147. Ба осмон(-и ҳафтум) бардоштан?

касеро ниҳоят таърифу тавсиф кардан, беандоза мадҳу сано намудан.

1. Дигаре Поль Робсонро ҳамчун муборизи нотарси роҳи сулҳу осоиши дунъё ба осмон мебардошт.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

2. Вайро ба осмони ҳафтум бардоштагӣ ту набудӣ?

*Ш. Қиёмов ва А. Мороз «Дил дили Зайнаб» («Шарқи сурх»)*

### 148. Ба осмон дакка задан (хӯрдан)

1. хеле баланд бардошта шудан, 2. бисьёр калон, дароз будан.

1. Шарикон наздик омада диданд, ки нуги манор ба осмон дакка мехӯрад...

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

2. Чанги бозори ҳайвонот бо дуди ошхонаҳо ҳамроҳ шуда ба осмон дакка мезанад.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

### 149. Осмону заминро нашинохтан

1. ба худ мағрур будан, аз худ рафтан, 2. сахт маст будан.

Собирбой калавида аз дар даромада омад ва рост ба ҳавлии дарун равон шуд, на осмонро мешинохт ва на заминро.

*Ҳ. Карим «Ҳикояҳо»*

### 150. Осмон омада ба замин часпад

ягон ҳодисаи ногаҳонӣ ва фавқулодда рӯй додан.

1. Ночор ягон луқма ош, ё гуштро хурда бошад, хурдагист, бо ин осмон омада ба замин намечаспад.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

2. — Наход ки як бор дуруст, мардум барин гап занед, осмон омада ба замин часпад.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

3. — Хуш, ана, ту нодуруст гуфтӣ, ман дурусташро гуфтам, чӣ шудааст, осмон омада ба замин начаспидааст-ку?

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

### 151. Ба осмон расидан

бисьёр баланд шудан (мас. овоз).

1. Фарьёди таҳсин ва офарини аҳли маҷлис дар ҳаққи паҳлавон ба осмон расид.

*С. Айнӣ «Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ»*

2. Садои таҳсину офарини онҳо ба осмон расид...

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

### 152. Аз осмонситораро бе нардбон канда гирифтан

1. кори аз ақл берун, ниҳоят душворерo кардан, 2. ҳилагару қаллоби гузаро будан.

Ин эркатулфор чунон фиребгар ва найрангбоз аст, ки «ҳа» нагуфта аз осмон ситораро бе нардбон канда мегирад.

*«Хорпуштак»*

### 153. Аз осмон ситора хостан

хоҳиши номумкин кардан, чизи дастнорасеро орзу намудан.

З-осмон гар ситора ҳам хоҳӣ,<br>Ёфта медиҳам бар ҳар роҳе!

*С. Ҷавҳаризода «Гулшани афрӯхта»*

### 154. Аз осмон фуромадан

*Ниг.* Гаҳвораи касе аз осмон афтидан.

— Солдат ҳам ангишт мекандааст-мӣ?

— Бале. Магар солдат аз осмон фуромадааст? — хандид Аверченко ба саволи бачагонаи Акбар завқ карда...

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

### 155. Аз осмон чалпак боридан

кори фавқулоддае ба амал омадан, ҳодисаи ғайри чашмдоште ба зуҳур омадан.

Чӣ шуду яку якбора аз осмон чалпак борид, анбори марказии аптекаҳо супориши семоҳаи дуйуми соли гузаштаро барзиёд иҷро кард.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 156. Осмон шудан

1. соҳиби мартабаи баланд шудан, 2. аз дигарон фарқи куллӣ доштан.

1. Балки ӯ хонда осмон шудааст,  
Мани нохондаро чӣ кор кунад;  
Балки ӯ аз аробакаш мардум  
Шарм дорад, ҳамеша ор кунад.

*М. Турсунзода «Асарҳои мунтахаб»*

2. «Котиби совети қишлоқ шудед, духтар, осмон нашудаед».

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

**осон**

### 157. Осон гардад (ояд) бар он чӣ ҳиммат бастӣ

осон шудани ҳар як мушкилӣ ба ҳиммати худи кас вобаста аст, мушкилие нест, ки онро гайрати одам осон накунад.

1. — Ҳа, дар аввалҳо душвор буд, лекин гуфтаанд, ки «осон гардад бар он чӣ ҳиммат бастӣ».

*С. Улуғзода «Ёрони боҳиммат»*

2. — Падарам рахмати мегуфтанд, ки «осон оял бар он чӣ ҳиммат бастӣ»... Аммо ҳамин ки мактаб месозем, гуфта эълон кардем, девор бардоштанд, ҳа нагуфта дидед, ки мактаб буд шуда монд.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. II*

### 158. Осон гап нест

1. чизи кам нест, 2. кори мушкил, кори осон намебошад.

Охир, понздаҳ ҳазор сум, ба ғайр аз фалон ҳазори додагиамо, осон гап нест.

*Ҷ. Икромӣ «Тирмоҳ»*

**ОСТИН**

### 159. Остин барзада кор кардан

нағз, бо ғайрат, бо азму ҷазм кор кардан.

1. — Акнун, ба ҳар дуятон ҳам остинро болотар барзада, миёнатонро маҳкам баста кор кардан лозим меояд, фарзандонам.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

2. Барзада остин то оринҷ
Мекунад кори хушсифат зоҳир!

*С. Ҷавҳаризода «Мӯъҷизоти халқ»*

### 160. Остин барзадан

барои анҷом додани коре тайёр шудан, бо азму ҷазм ба коре шурӯъ кардан.

1. Мана, худи бобоят барои кори мактаб, кадом вақт ки бошад, остин бар мезанад, аз ин ҷиҳат дилпур бош...

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

2. Душман пеши мо забун имрӯз
Кина каш, барзан остин, бархез!

*А. Деҳотӣ «Ҳаёт қадам мезанад»*

**ОСТОНА**

### 161. Остонаи касеро поидан

интизори касе ва ё чизе шудан.

Духтару писароне, ки аз районҳои дурдасти республика омадаанд, шабу рӯз остонаи комиссияи қабулиро мепоянд.

*Ҷ. Икромӣ «Аз Душанбе то ба Киев» («Шарқи сурх»)*

### 162. Ба остонаи як хона пой мондан

бо касе ҳамхона гардидан, зану шавҳар шудан.

Дуо кунем, ки писар сиҳат-саломат аз адои хизматаш баргашта ояду ҳар ду ба остонаи як хона пой монанд.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

**ОСУДА**

### 163. Осуда нафас гирифтан

хотирҷамъ, осуда шудан, орому хотирҷамъ шудан.

Аммо ҳар гоҳ, ки аскарони сурх меомаданд, камбағалон дар сояи ҳимояти онҳо осуда нафас мегирифтанд.

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

**ОТАШ**

### 164. Оташ афтидан

оташ гирифта сӯхтан, несту нобуд шудан, барбод гардидан.

Ба буньёди ситам оташ фитодаст,
Ба рӯи мо дари шодӣ кушодаст.

*М. Турсунзода «Асарҳои мунтахаб»*

### 165. Оташи касеро боло кардан

1. касеро барангехтан, касеро шӯрондан, 2. касеро ба коре роғиб гардондан.

Ҳамин рӯзҳо ҳаракат ва гиру дори Дилбарро дида истода ба ҷои ба вай насиҳат додан оташи уро боло мекунанд, тавба!

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

### 166. Оташ гирифтан

хашмгин, ғазабнок, асабонӣ шудан.

1 — «Якбора Раҳимота оташ гирифта рафт...»

*«Занони Тоҷикистон»*

2. Саттор сурх шуду сафед шуду якбора оташ гирифта рафт.

*«Маориф ва маданият»*

3. Дар аснои баҳсу мунозираҳо, дар аснои гурехтани гап, Сурайё дарҳол оташ намегирифт, баръакс, хомӯш ва ором мешуд.

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

### 167. Барои оташ ғирифтан омадан

ба ҷое омада, зуд ба рафтан саросема шудан, зуд баргаштан.

Ман гумон кардам магар барои оташ гирифтан омадӣ...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 168. Оташ дар дили касе андохтан

1. касеро ба қаҳру ғазаб овардан, адовати касеро зиёд намудан, 2. касеро ба изтиробу хурӯш овардан.

Оташе ки Муқаннаъ дар дили онҳо андохта буд, шукуфтан гирифт ва барои шуълавар шудани он оташ як бод — як баҳона даркор буд.

*С. Айнӣ «Исьёни Муқаннаъ»*

### 169. Оташи дил паст (хомӯш) шудан

ором шудан, таскин ёфтан; фурӯ нишастани ҷӯшу хурӯши дил.

1. — Ҳозир гап назада истед, ду-се рӯз оташи дилаш хомӯш шавад, баъд...

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

2. — Синнашон ба ҷое расида бошад ҳам, ҳоли оташи дилашон паст нашудааст.

*«Маориф ва маданият»*

3. То оташи дилам паст нашавад, шеър наменависам.

*«Тоҷикистони советӣ»*

## 170. Оташ задан

1. сӯзондан, олав мондан, 2. несту нобуд кардан, барбод додан.

1. Мо мемондаем, ки вай оташ (ба шахта — *М. Ф.*) мезадааст?

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

2. Хуҷаин, ки борҳоро овард, шабона оташ мезанем.

*Қ. Наимӣ «Соли 1916»*

## 171. То оташ набошад, аз мурӣ дуд намебарояд

*Ниг.* То шамол набошад, шохи дарахт намеҷунбад.

— Рафиқ Шарифзода, ман ба шумо аз сидқи дил бовар мекунам, вале ба ин ҳам боварӣ дорам, ки «то оташ набошад, дуд намебарояд», тафтиш мекунем, мӯйро аз хамир ҷудо мекунем.

*Р. Амонов «Дар домачаи кӯҳҳои кабуд»*

## 172. Аз касе оташ напаридан

1. аз касе ҳаракат, ҷӯшу хурӯш ҳувайдо нашудан, 2. илтифоте нашудан.

Ба вай борҳо хотиррасон карда шуд, вале аз вай оташ напарид.

*«Хорпуштак»*

## 173. Ба оташи касе равған пошидан (рехтан)

1. қаҳру ғазаби касеро зиёд намудан, касеро асабӣ кардан, 2. касеро шӯронидан.

1. Ҳикмат фурсатро ғанимат шуморида ба оташи Зайнаббибӣ равған мепошад.

*Ҷ. Икромӣ «Ҳаёт ва ғалаба»*

2. Дар муддати ин ду рӯз шумо хоҳам-нохоҳам ба оташи ҳисси Ҳайдарҷон равған рехтед.

*Ф. Муҳаммадиев «Мактуби дӯст» («Шарқи сурх»)*

### 174. Оташи фитна забона задан

фитна бархестан, шиддат ёфтани фитна.

Ҳар қадар, ки вай зиёдтар фикр мекард, ҳамон қадар дар атрофи вазир оташи фитна зиёдтар забона мезад.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

### 175. Оташи ғазаби касе дар ҷуш будан

сахт дар ғазаб будани касе.

Ҳар вақт, ки вай риши худро зуд-зуд сила карда ба як нуқта чашм духта монад, маълум, ки аз чизе қаҳр кардааст ва оташи ғазабаш дар ҷуш аст.

*М. Рустамова «Зайнаб»*
*(«Шарқи сурх»)*

## ОФТОБ

### 176. Офтоб аз боми касе баромадан

1. бахту толеи касе тохтан, 2. кори касе омад кардан, кори касе барор гирифтан.

Чунки имруз офтоб аз боми ҳамин кас баромадагидия,

*С. Саидмуродов ва И. Исмоилов*
*«Туҳмат»*

### 177. Офтоб ба сари касе баромадан

бахти касе тасодуфан тохтан.

Роҳбарони колхоз ба умеди онанд, ки офтоб ба сари онҳо бароядy колхози ба номи Куйбышев машинаи пахтачинӣ гирад...

*«Хорпуштак»*

### 178. Офтоби касе баромадан

1. хуштолеъ, хушбахт шудан, 2. кори касе омад кардан.

«Хайр, ягон руз офтоби мо ҳам мебаромадагист».

*С. Саид «Пеш аз субҳ»*
*(«Шарқи сурх»)*

## 179. Офтобро бо доман пўшида намешавад (пўшидан мумкин нест)

ҳақиқатро пинҳон ва инкор кардан мумкин нест; сир пушида намемонад.

1. — «Офтобро бо доман пўшида намешавад» гуфтаанд, хоҳарчон. Он чи ки дар ботини одам ҳаст, албатта, зоҳир мегардад. Падару модарам, ки одамони ҳаётдида ҳастанд, бо вуҷуди диндор буданашон, ҳақиқатро инкор карда натавониста, аз гапашон гаштанд.

*М. Шарқӣ «Марҳабо»*
*(«Шарқи сурх»)*

2. — Ман медонистам, ки «офтобро бо доман пўшидан мумкин нест», як рўз не, як рўз ин сир ошкор гашта, дар ин хусус бо ту гуфтугу кардан лозим мешавад.

*Р. Амонов «Ду қатра ашк»*
*(«Шарқи сурх»)*

3. Оқибат офтобро бо доман пўшидан мумкин нашуд, хабари аз тахт фаромадани подшоҳ чун офтоб ба назари ҷаҳониён ҳувайдо ва намоён гардид.

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

## 180. Офтобро бо доман пўшиданӣ шудан (пўшидан хостан)

ҳақиқатро инкор ё пинҳон карданӣ шудан.

1. — Шумо, амаки Хол, мехоҳед, ки офтобро бо доман пўшед: Муҳаммадҷони миёнаҳолро ба хавфнокӣ бароварда, Турабеги муштзўр, хунхўр ва муфтхўрро безарар, одами нағз карда нишон медиҳед.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

2. Ин қаллобони падаркасбу модармерос ҷурғотро сиёҳу дегро сафед мегўянд, офтобро бо доман пўшиданӣ мешаванд.

*С. Ғанӣ «Табассум»*

### 181. Офтоби сари дарахт будан

дар ҳадди охири умри худ будан.

«Охир ман офтоби сари дарахтам», худо нахоҳаду вақт-мӣ, бевақт бандагиро баҷо оварда монам, ин духтари ба қадрасида дар руи хона мемонад-мӣ?

*Ҳ. Карим «Ҳикояҳо»*

**ОХИР**

### 182. Охир ки нашуд...

дигар илоче ки намонд...

Охир ки нашуд, бо иҷозати ташкилотҳои ҷавонон дохили зал шуданд.

*«Хорпуштак»*

**ОХИРАШ**

### 183. Охираш ба хайр бошад

натиҷааш бад нашавад, охираш хушию хурсандӣ шавад, дар интиҳо ногуворие руй надиҳад.

— Чӣ хел хомушӣ-а, рафиқ старший сержант? — гуфт Ермак.— Ба кас ғайри оддӣ менамояд!

— Ҳа, охираш ба хайр бошад...

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

**ОХУР**

### 184. Аз охури баланд (боло) ем хӯрдан

олимақомона зиндағонӣ кардан, ашрофона руз гузарондан.

1. Ман аз охури баланд ем хӯрда одат кардаам. Ин тавр зиндагӣ ба ман маъқул нест, меравам!

*Р. Ҷалил «Ҳамида»*

2. Вай кулакдухтар аз охури боло ем хурда, дасташро ба оби хунук назадааст...

*Р. Ҷалил «Шуроб»*

3. Хукумати Советӣ хам сол то сол аз байни худи халқи меҳнаткаш, аз фарзандони онҳо ходимон, коркунон ва роҳбарони лаёқатноку кордонро ба камол расонд, ки дигар ба Мирбадал барин мирзоҳои аз «охури баланд ем хурда» эҳтиёҷ намонд.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

### 185. Ҷое (чизе)-ро охурча кардан

ба ҷое бисьёр рафту омад кардан.

1. Дари магазинҳои шаҳру қишлоқамонро аз рафтан охурча кардам.

*«Тоҷикистони советӣ»*

2. Ба шарофати вай остонаи осиёро охурча мекардагӣ шуда мондӣ.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

**ОЧА**

### 186. Очаи касеро аз Учқурғон нишон додан

*Ниг.* Онаи касеро нишон додан.

— Истед! Шумоён ба ин тариқ либоси гумшударо намеёбед. Милиция омада очаи ҳамаатонро аз Учқурғон нишон медиҳад.

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

### 187. Очаи (зори) касеро нишон додан

*Ниг.* Онаи касеро нишон додан.

1. — Расида ояд чӣ,— гуфт Нормурод,— очаашро нишон медиҳам.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

2. — Ман очаи вайро нишон медиҳам! — Сайфиддин ғилофи корди калони аз зери ҷомаи беқасаб ба миён овехтаашро ба даст гирифт,— шабу ними шаб дар ягон ҷои хилват меёбаму гусфанд барин шарт каллашро мегирам.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид»*

### 188. Очаи худро дидан

азобу машаққат кашидан; ҷазои сахт дидан.

Лекин ҳаминашро гуфта монам, ки андак беэҳтиётӣ карда, ба дом нафаровардан пеш, аз ҳаддат гузашта монӣ, очаатро мебинӣ.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид»*

**ОШ**

## 189. Оши касе бо касе напухтан

1. ба муросо, ба як маслиҳат омада натавонистан, 2. ҳамраъй шуда натавонистан.

1. «Оим,— гуфтам,— гап ки ин хел бошад, оши мову шумо намепазад. Исо ҳам бо роҳи худ, Мусо ҳам бо роҳи худ гуфтаанд, биёед бо хушию хурсандӣ ҷудо шавем, монем».

*П. Толис «Ҳикояҳои даҳ сол»*

2. — Бозоргардиро партофта, ҳамроҳи мо каланд занед, вагарна...

— Не, оши мо бо шумо намепазад.

*Қ. Наимӣ «Роҳи дуруст»*
*(«Шарқи сурх»)*

3. Умуман, бо ҳамин Ильёсов пештар ҳам ошам намепухт.

*«Тоҷикистони советӣ»*

## 190. Ош гӯям, мош мегуед

*Ниг.* Дар гуям, девор мегуед.

— Ҳа, боз чӣ шуд? — гуён пурсид ва илова намуд Усмонкул ако.

— Дилат харбуза кашида бошад, ба дукон рав, уко. Ҳозир дар анбор харбуза нест.

— Ана халос,— гуфта хандид Шодӣ.— Ман ош гуям, шумо мош мегуед. «Дарро задаму девор кафидаш» ҳамин будагист-дия. Аз гапҳои нав хабар доред? Лектори омадагӣ шуморо чунон боб кардааст, ки...

*«Тоҷикистон»*

## 191. Ба ош магас (пашша) афтидан

1. табъи касе хира шудан, 2. ба кори касе халал расидан.

1. Ин душмани қаттол тинҷро нотинҷ, шодро ношод кард, коре шуд, ки ба оши ҳалоламон магас афтод...

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

2. Кадомвакта барин ба ошамон пашша меафтад.

*С. Ғанӣ «Магнитофон»*
*(«Маориф ва маданият»)*

### 192. Оши маслиҳат пухт

ба як қарор омадан, дар коре созиш ба амал омадан, якзабон, якдила шудан.

Онҳо ҷамъ шуда хеле суҳбат карданд. Оши маслиҳат пухт.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 193. Чизе ошу нон шудан

кори муҳим, асосӣ, машғулияти доимии касе шудани коре.

Аз рӯзе ки ин муаллими нав омад, ошу нонат мактаб шуда, модаратро аз ёд баровардӣ.

*Қ. Наимӣ ва Н. Кладо «Найрангҳои беҳуда»*
*(«Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

### 194. Ба оши касе пашша шудан

ба касе дар коре халал расонидан; касеро нотинҷ кардан.

1. Падару модари духтар маро хонадомод мекардаанд. Писари шумо ба оши ман пашша шуд...

*Ф. Ансорӣ «Ҳаёт ва ишқ»*
*(«Шарқи сурх»)*

2. Ман ва Латофатхон аҳду паймон кардем, ки ҳамроҳ зиндагӣ кунем. Ту ба оши мо пашша нашав!

*С. Ғанӣ «Тӯй»*

3 — Ин бетартибиҳо ба ош пашша шуда, ба пешрафти мо ҳам халдук мерасонанд,— гуфт ӯ.

*«Хорпуштак»*

### 195. Ба оши тайёр бакавул

толиби чизи муфт, тайёрхӯр.

1. — Иттифоқчӣ! — гуфт шофер ба тарафе туф карда.— Онҳо ба оши тайёр бакавул, вассалом! Агар Гитлерро ёбанд, бурда машваратчии худашон мекунанд.

*Ҷ. Икромӣ «Аслия»*
*(«Шарқи сурх»)*

2. Ба кадом кунҷи бозор наравед, дар ҳама ҷо ана ҳамин хел шахсони ба оши тайёр бакавулро мебинед.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 196. Ба оши тайёр бакавул будан (шудан)

меҳнат накарда ба гирифтан ва ба хӯрдани чизе тайёр будан.

— Ба тартиб андохтани кори ёбон магар ҳамин аст ки,— гуфт Содиқ оташин шуда,— ман бо занам, ҳар ду, ҳар рӯз кор кунем, аммо Хуҷаназар ҳеҷ кор накунад, дар вақти ҳақгирӣ «ба оши тайёр бакавул» шуда ояду ҷои сергӯшту равғанашро ба худаш кашад?

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 197. Ба оши касе қатиқ (ҷурғот) шудан

ба кори касе мудохила кардан, аралаш шудан.

1. Муйсафеди маҳмаддоно ба оши ҳар кас қатиқ шуда ба худ омадан баъд дармондааст!

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

2. «Даматро гир, бо роҳи худат бош,
Нашав ҷурғот, амакҷонам, ба ҳар ош!»

*Ф. Ансорӣ «Гулшан»*

### 198. Оши ҷурғотнок

кори фоидаовар, манфиатнок.

Агар ба ман дилатон пур шавад ва қарз додан хоҳед, ба ҳар сад танга моҳе панҷ танга фоида доданро ба гардан мегирам. Ин «оши ҷурғотнок» аст, хоҳед мехӯред...

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

## ОШНОГӢ

### 199. Ошногии дузд бо дузд бақо надорад

дузд бо дузд беғараз ошно намешавад, ошногии дузд бо дузд дер намепояд.

Ошноии дузд бо дузд бақо надорад, мегӯянд. Дар рӯзҳои аввал Лаҳад бо Машраб чунон дӯст буд, ки аз байнашон қил намегузашт, аммо Лаҳад дар яке аз шабҳо сари дӯсти меҳрубонашро ҳам бурид.

*Т. Усмон «Робиа қаҳрамони даврон шуд» («Машъал»)*

**ОҚИБАТ**

### 200. Оқибат гургзода гург шавад

аз падари бад фарзанди бад мешавад, фарзанди одами бад оқибат ба падари худ мекашад (ин мақол таъсири тарбияро инкор мекунад).

Мулло Бобоҷон баъд аз хандидан ба шариконаш ишора карда:

— Пас инҳо чӣ шуданд? — гуфта пурсид. Падарам ба онҳо баъд аз он ки як назари нимғазаболуд ва нимистеҳзокорона андохт, гуфт:

— Инҳо гургзода буданд, гург шуданд, чунин «оқибат гургзода гург шавад» гуфтаанд.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. I*

**ОҚИЛОН**

### 201. Оқилон доно

оқилон пурдон ҳастанд, барои онҳо ишорае бас аст, ҳоҷати шарҳе нест.

1. — Кадом давлат? — пурсид шухикунон Назокат, — аз Давлатбибӣ-ми?

— Оқилон доно! — гуфта монд усто...

*Ҷ. Икромӣ «Ситора»*
*(«Шарқи сурх»)*

2. — Хуш, шумо инро аз чӣ фаҳмидед?

— Оқилон доно! — гуфт усто.

*Ҷ. Икромӣ «Ситора»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 202. Оқилон пайрави нуққат (ҳуруф) нараванд (нашаванд)

1. аҳли фаҳм бе шарҳ ҳам мефаҳмад, 2. оқилон ба ҷузъиёт эрод намегиранд.

1. Ана фаҳмидед? Оқилон пайрави нуққат нараванд.

*С. Ғанӣ «Табассум»*

2. — Ин қадар воҳима кардед, хатои казоӣ набудааст-ку, худаш медонад, «оқилон пайрави ҳуруф нашаванд».

*А. Деҳотӣ «Паёмҳои дустӣ»*

**ОҲ**

## 203. Оҳи сард

оҳи пурдард, пур аз ғаму ғусса.

Чаро ин қадр оҳи сард дорӣ,
Бигӯ, ҷонам, магар ту дард дорӣ?

*М. Турсунзода «Асарҳои мунтахаб»*

**ОҲАН**

## 204. Оҳанро дар гармиаш (тафсон буданаш) мекубанд

кори сар кардаро набояд қатъ кард, ҳар корро дар сари вақт бояд кард, барои иҷрои ҳар коре бетаъхир кӯшиш бояд кард.

1. Охир, ман ба партия даромаданӣ, боз хонданӣ... Ҳозир хонашин шавам, бо ҳамин аз қатор баромада мемонам, дер мешавад.

— «Оҳанро дар гармиаш кӯфтан даркор» гуфтанӣдия ту...

*А. Баҳорӣ «Одамони шинос»*

2. — Оҳанро дар вақти тафсон буданаш мекубанд,— гуфт Ӯрунбек дурбинро аз чашм гирифта,— хозир душманро саросемаву ҳаросон карда мондем, дигар ба вай фурсати оромӣ надоданамон лозим аст.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

3. Нуралӣ оҳанро дар тафсониаш кӯфтанӣ шуд. Худи ҳамон бегоҳ ҳар сеи онҳо дар чойхонаи колхози «Ситораи сурх» нишаста ба сухани Нуралӣ, ки дар пешаш плани «Навобод»-ро кушода монда буд, гӯш меандохтанд.

*С. Улуғзода «Навобод»*

## 205. Оҳанро зангу дилро дуруғ мехӯрад

1. аз дуруғгӯӣ виҷдони кас азоб меёбад, 2. охири дуруғгӯӣ расвоӣ, шармандагист.

Рост истода, дуруғ гуфта диламро хиҷил карданам чӣ ҳоҷат — «оҳанро зангу дилро дуруғ мехӯрад» гуфтаанд.

*Р. Ҷалил «Ҳамида»*

# П

## ПАДАР

### 1. Падар (модар) розӣ — худо розӣ

падар розӣ — ҳама розӣ, фарзанд бояд ба розигии падару модар кушад.

1. — Духтарам, «падар розӣ — худо розӣ» мегуянд. Падаратро хафа накун. Ҳафт сол хондӣ, шох набаровардӣ-ку?

*Ш. Қиёмов ва А. Мороз «Дил дили Зайнаб» («Шарқи сурх»)*

2. Ман ба ту ҳам модар ҳастаму ҳам падар, «падару модар рози — худо розӣ».

*Б. Шоҳин «Гуфтори макр» («Тоҷикистон»)*

## ПАЙ

### 2. Аз (дар) паи касе (чизе) афтидан

1. пинҳонӣ касеро таъқиб кардан, 2. дар тараддуди иҷрои коре шудан, барои иҷрои коре ҳаракат кардан.

1. Ҳосилаш бисьёр будааст гуфта якбора бист пуд бардорӣ, боғдор ба ҷонаш расида аз паят меафтад...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Махсусан лаънатӣ Петухов баъди он ҳақоратҳое, ки шаб шунид ва дамаш дар дарунаш монда баромада рафт, албатта аз паи мо ҳам меафтад.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

3. Пас аз ду-се сол сарашро ба ягон ҷо банд карда дар паи хонадор карданаш афтидан даркор аст.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

4. Алишер баъд аз ин фоҷиа боз дар паи сафар афтид.

*С. Айнӣ «Алишер Навоӣ»*

### 3. (Аз) паи бечорагии худ рафтан

аз паси зиндагии худ шудан, машғули зиндагии худ гардидан.

Оқибат ясавулбошии ҳоким гуфт, ки: «агар паи бечорагии худ нарафта ҳар рӯз ҳокимхонаро танг карда гардӣ, туро «гушнапурзур» гуфта ба зиндон бандӣ мекунам».

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 4. Аз паи касе, чизе будан

*Ниг.* Аз паи касе, чизе афтидан.

Ҳамеша аз паи он буданд, ки чӣ хел карда соҳиби пули бедардимиён ва кайфу сафои бепоён шаванд.

*С. Ғанӣ «Табассум»*

### 5. Пай бурдан

1. чизеро ҳис, дарк намудан, донистан, 2. аз чизе бохабар, огоҳ гардидан.

1. Аммо чашми пухтаи Бобосаид дарҳол аз хубиҳои зотии он (асп — *М. Ф.*) пай мебарад.

*С. Улуғзода «Навобод»*

2. Вале рафта-рафта пай бурд, ки ғайр аз у дигарон ба ӯ он қадар диққат намекунанд.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. I*

3. Вай чунон саргарми кор буд, ки ба болои сараш омада мондани Носирҷонро пай набурд.

*«Маориф ва маданият»*

4. — Мардум ба ҳақиқати колхоз дуруст пай набурдаанд...

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

### 6. Аз паи касе, чизе гаштан

*Ниг.* Аз паи касе, чизе афтидан

Ту аз паи тафтиш кардани хароҷоти таъмирот нагард...

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III*

### 7. Паи касе, чизеро гум кардан

асари касе, чизеро аз диққати назар гум кардан, аз касе, чизе бехабар мондан.

Мо паи ин марди хиёнаткорро кайҳо гум карда будем.

### 8. Пай дар пай

1. паси ҳам, 2. доим, ҳамеша.

1. Лек дидам чӣ гуна дар Бамбай,
Маслиҳат мекунанд пай дар пай.

*М. Турсунзода «Ман аз Шарқи озод»*

2. Ҳамаашон, шаҳрҳо, қишлоқҳо ҳам, пай дар пай обод шудан мегиранд.

*Р. Ҷалил «Субҳи саҳро»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 9. Пай дар ҳам

*Ниг.* Пай дар пай.

Ду сархона бангро пай дар ҳам тамоман худам кашидам.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. II*

### 10. (Аз) паи кори худ рафтан

*Ниг.* Аз паси кори худ рафтан.

Онҳо ба кино даромаданд, ман ҳам паи кори худ рафтам.

*«Роҳбари дониш»*

### 11. Аз паи касе, чизе фуромадан

*Ниг.* Аз паи касе, чизе афтидан.

Ана ҳозир ҳамаи инҳо мебароянду аз паи ман мефароянд.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. II*

### 12. Аз (дар) паи касе, чизе шудан

1. касеро пинҳонӣ таъқиб кардан, аз назари худ дур накардан, аз ҳоли касе, чизе бохабар шуда истодан, 2. дар ҳаракати иҷрои чизе будан, дар нияти чизе кӯшиш намудан.

1. «Айби Шодмон, айби ман», аз дил мегузаронад вай,— фақат дар бораи худамон ғамхорӣ кардем, хеле дер аз паи Низом шудем.

*М. Шарқӣ «Ёру ҷӯраҳо»*

2.— Аз паи писаратон шавед. Интизомаш бад аст...

*Қ. Наимӣ «Ман бо шумо»*

3. — Аз паи иҷрои фармон шавед.

*Р. Ҷалил «Ҳамида»*

4. — Хайр, ту шишта ист, ман аз паи авқот шавам,— гуён хола аз ҷояш бархост.

*П. Толис «Ҳикояҳои даҳ сол»*

5. Бинобар он Замонбек ҳамаи одамҳояшро аз паси ҷадидҳо монда дар паи зер карда гирифтани онҳо шуд.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

**13. Пай ҳасту Ҳайдар нест**

нишонаш ҳасту худаш нест; бедарак.

1. Аммо баъд аз пасанда шудани хархаша мебинад, ки гунаҳгори калон бедому дарак ғайб задааст, «пай ҳасту Ҳайдар нест».

*П. Толис «Ҳикояҳои даҳ сол»*

2. — Ҳамон кӯчаро аз аввал то охираш се бор қадам зада баромадам, наменамуд. Чи хеле ки мегӯянд, пай ҳасту Ҳайдар не...

*К. Носиров «Орият»*

**ПАЙВАНДӢ**

**14. Бо касе пайвандӣ пайдо кардан**

бо касе ҳамхобӣ кардан.

Вақтҳои охир ҷаноби олӣ бо занҳои урус пайвандӣ пайдо кардаанд.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

**ПАЙДО**

### 15. Пайдову пасандоз

даромад; захира.

Ман нимаи пайдову пасандози худамро ҳамеша ба хайру саховат сарф мекунам...

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 16. Пайдову пасандоз кардан

ёфта захира кардан.

Агар ту ҳам пайдову пасандоз карда тавонӣ, чизеро ки хоҳӣ, мехурӣ.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

**ПАЙМОН**

### 17. Паймон бастан

аҳд кардан, ба як қарор омадан; забон як кардан...

Мо бо ҳамдигар дар бораи нағз хондан паймон бастем.

**ПАЙМОНШИКАНӢ**

### 18. Паймоншиканӣ кардан

аҳд, қавли худро вайрон кардан, ба ваъдаи худ вафо накардан.

Ин духтар нисбат ба ман аз рузи аввал паймоншиканӣ кард.

**ПАЙТОБА**

### 19. Пайтоба шуда...

хушомадгуёна, тамаллуққорона.

Агар Иқбол хандида нигоҳ карда, «монда нашавед» мегуфт-мӣ, ин йигит гули дар дасташ будагиро, пайтоба шуда, оварда ҳам медод.

*А. Деҳотӣ «Шеър ва ҳикояҳои мунтахаб»*

**ПАККАС**

### 20. Паккас карда нигоҳ кардан

чашмони худро калон кушода ба касе нигоҳ кардан, бо диққат назар кардан; ҳайрон шуда нигоҳ кардан.

Пиразан чизе нагуфт.

— Пул дорӣ мегуям? Пул!.. чӣ паккас карда ба ман нигоҳ мекунӣ?

*«Тоҷикистони советӣ»*

**ПАЛЛА**

### 21. Ба паллаи тарозу нигариста (нигоҳ карда)...

1. ба рафти кор нигоҳ карда, ба вазъият эътибор дода, 2. бо хушомадгуӣ, тамаллуқкорӣ.

1. Лекин вай бар хилофи гапҳои ёддодааш, ба лаб қулух молида, ба паллаи тарозу нигариста роҳи дигарро пеш гирифта буд.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. II*

2. — Ин вазиратон ҳам,— гуфт Акамахдум,— ба паллаи тарозу нигоҳ мекунанд. Ҳоло кори «ёшҳо» пешрав асту идораҳои ҳукумати Русия ҳам гап назада истодаанд, бинобар он вай тарафдори мактаб; пагоҳ ки кор ранги дигар гирифт, аввал худаш фармон медиҳад, ки мактабҳоро баста, муаллимҳоро ҳабс кунанд.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

**ПАНОҲ**

### 22. Паноҳ бурдан

ба ҳимояи касе даромадан, ба касе паноҳанда шудан.

1. Аммо Кучлук ном хонзодаи он қабила ба Чингиз сар нафаровварда, бо як даста аз нукарони содиқи худ гурехта, ба Туркистони Шарқӣ рафта ба хони он ҷо, яъне Қарахитой-Гурхон паноҳ бурд ва ба у домод шуд.

*С. Айнӣ «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик»*

2. Бинобар он бо маслиҳати духтарони дигар ба Тоҷиев паноҳ бурдем.

*Ҷ. Икромӣ «Онҳое ки маргро мағлуб мекунанд» («Маориф ва маданият»;*

### 23. Ба панохи касе омадан

*Ниг.* Панох бурдан.

Ин аст, ки ман ҳам ба уммеди шифо ба ҷарроҳхонаи вай, ба панохи вай омадам.

*Ҷ. Икромӣ «Онҳое ки маргро мағлуб мекунанд» («Маориф ва маданият»)*

### 24. Дар панохи худ гирифтан

ба ҳимояи худ гирифтан.

— Шумо ин занакро акнун шинохта бошед, ман ба се фарзанди у доя шуда, мисли як духтарам ба паноҳам гирифтагӣ, ха!..

*Ф. Ниёзӣ «Духтари ҳамсоя»*

### 25. Дар панохи худ нигоҳ доштан

*Ниг.* Дар панохи худ гирифтан.

— Бачекон руз бинанд... парвардигор дар паноҳаш нигоҳ дорад.

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

### 26. Панох шудан

мададгор шудан, ҳомӣ шудан.

Вале ин пулмаст фаромуш мекунад, ки Ҳукумати Советӣ ба бепаноҳо панох шуда ба доди онҳо мерасад.

*«Хорпуштак»*

**ПАНҶ**

### 27. Панҷ ангушт барин маълум будан

аён, маълум, равшан будан.

Ҳамаи аъзоёни хурду калон, тамоми майдонҳо ва бору бизоти он ба ман панҷ ангуштам барин маълум буданд...

*А. Деҳотӣ «Ҳаёт қадам мезанад»*

### 28. Панҷ ангушт (панҷа) баробар нест (нашудан)

одамон ба ҳамдигар монанд нестанд, аз ҳамдигар бо хусусиятҳои гуногун фарқ мекунанд.

1. — Бародарҷон, панҷ ангушт баробар нест, яке майда, дуйуми калонтар, сейумӣ аз вай ҳам калонтар. Фарзанди одам ҳам ҳамин тавр аст. Яке бой, дигаре камбағал, яке хушбахт, дигаре бадбахт.

*М. Миршакар «Қишлоқи тиллоӣ»*

2. — Дар ҳаёт ҳеҷ вақт як одам ба ҳама як хел маъқул шуда наметавонад. Зеро худи одамони ҳаёт ҳам як хел нестанд, писар! Охир, барои чӣ «панҷ панча баробар нест» мегӯянд?..

*Ф. Ансорӣ «Ҳаёт ва ишқ»*
*(«Шарқи сурх»)*

3. — Гуё онҳо ба туфайли халқ нею халқ ба шарафи онҳо вуҷуд дошта бошад. Панҷ панҷа баробар намешудааст-дия. Ана, шумо.

*А. Баҳорӣ «Одамони шинос»*

### 29. Панҷ ангушти худро ба даҳон андохтан

ҳарисона ва тамаъкорона ба иҷрои якчанд кор шурӯъ намудан.

Панҷ ангуштатонро ба даҳонатон наандохта, аввал ин корро тамом кунед.

### 30. Панҷ панҷаи худ барин донистан

чизеро ба хубӣ донистан.

1. Ман байни Исфараю Қӯқандро панҷ панҷаам барин медонам.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

2. Вай деҳқони нағз, кори пахтаро панҷ панҷааш барин медонад.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 31. Панҷ панҷааш ҳунар

одами серҳунар, одаме ки аз уҳдаи ҳар кор мебарояд.

Ин буд, ки оилаи ин одами панҷ панҷааш ҳунар, ки ҳоҷатбарори мардум буд, ба муҳтоҷӣ зиндагонӣ мекард.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

### 32. Панҷ рафтан

1. кореро ба хубӣ ба ҷо овардан, дар коре муваффақияти комил ҳосил кардан, 2. офарин, аҳсан.

— Панҷ рафтӣ! — Гулнисо бар Лола ғуфт:
Хайр, суҳбат боқӣ, акнун меравем.

*Ф. Ансорӣ «Офтоб дар роҳ»*

### 33. Панҷу чор

пулу моли на чандон бисьёр, ночиз.

1. Ба ақидаи мардум панҷу чореро, ки ман дорам, ҳамаашро аз судхурӣ — аз рибо ёфтаам.

*С. Айнӣ «Марги судхур»*

2. Агар туй карданӣ шавем, дур нест, ки боз панҷу чоре қарз диҳад.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 34. Панҷу чор ёфтан

даромади ночиз, андаке пулу мол ба даст даровардан.

1. Агар дар рузҳои фориғ шуданаш аз хизмати сарбозӣ коре карда панҷу чори дигаре ёбад, «ин нур болои нур мешавад».

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Агар барои нафақаи аҳлу аёл панҷу чоре ёбам ҳам, вайро ба хонаи худ бурда намемонам...

*С. Айнӣ «Марги судхур»*

### 35. Панҷ-шаш танга ғундоштан

камтар пул ҷамъ кардан, як миқдор пул пасандоз кардан.

Ва у ба ҳоли мо барин касоне, ки нахурда, напушида, рост гуфта, дуруғ гуфта, панҷ-шаш танга ғундоштаем, раҳм карда ба ҳоламон мегузорад ё не?

*С. Айнӣ «Марги судхур»*

## ПАНҶА

### 36. Панҷа андохтан

бар зидди касе баромадан, бо касе ҷангу ҷадал кардан; касеро задан.

Ҳоло ҳам бошад, хизматонаи маро диҳед ва аз паси кори бечорагии худатон биравед, шумо ба ин одам панҷа андохта наметавонед.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 37. Панҷа ба шамшер задан

кори хатарнок кардан.

Фақат ҳамин қадар мегуям, ки панҷа ба шамшер задан ё ки бо думи шер бозӣ кардан кори донишманд не! Шумо бояд донед, ки Фахриддинов хизмат кардагӣ, Фахриддиновро дар худи марказ ҳам медонанд... вайро ҳурмат мекунанд, аз вай фикр мепурсанд...

*Ҷ. Икромӣ «Ситора» («Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

### 38. Аз панҷаи касе ҳунар рехтан

*Ниг.* Панҷ панҷаи касе ҳунар.

Қолхозчидухтар — Муътабар донишвару эҷодгар,
Ҳатто ба васфаш гуфтаанд: «аз панҷааш резад ҳунар».

*С. Ҷавҳаризода «Гулшани афрухта»*

## ПАНҶРӮЗА

### 39. Панҷруза умр мондан

андак умр мондан.

Панҷруза умрам монд: худо мегуфтам, ки руи сағиракамро бинам...

*К. Носиров «Орият»*

## ПАНҶШОХ

### 40. Ба панҷшох монед, дар панҷшох намеистад

*Ниг.* Ба бел монед, дар бел намеистад.

Умуман котибзан корхое мекард, ки бо ифодае «ба панҷшох монед, дар панҷшох намеистод».

*У. Тоҷибоев «Хиҷолат» («Истеъдодҳои ҷавонон»)*

ПАР

### 41. Пару бол доштан

зӯр, қувват, имконият доштан.

Агар пару бол медоштам, кайҳо ба пеши шумо парида мерафтам.

### 42. Пару боли худро ғундоштан

1. дастдарозӣ накардан, 2. ҳархаша, ҷанҷол, калонгарӣ накардан.

— Ба қарибӣ мо Ашрафхон ва дигар монанди ӯ бойҳоро маҷбур мекунем, ки пару боли худро ғундошта шинанд.

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

### 43. Пари мурғи ҳумо ҷустан

чизи вуҷуд надоштагиро ҷустан, кори бефоида кардан.

Пари мурғи ҳумо меҷустаам ман,
Вафо аз бевафо меҷустаам ман.

*А. Баҳорӣ «Меҳри аввал»*
*(«Шарқи сурх»)*

ПАРАХА

### 44. Параха напаридан

фоидае ҳосил нашудан, мурод ҳосил нагардидан.

1. — Шумо ҳам пропискаи пахта доштед? — пурсидам ман...

— Не! — ҷавоб дод.

— Магар шуморо маҷбур накарданд?

— Карданд, вале аз ман параха напарид, ноумед шуда рафта буданд.

*«Маориф ва маданият»*

2. Хулоса ҳамон рӯз ба ҳамаи нависандагон ва шоирон муроҷиат кардем. Вале парахае напарид.

*«Хорпуштак»*

**ПАРВО**

### 45. Парво надоштан

бок надоштан, натарсидан; эътино накардан.

Аммо ҳоло чунон пули мустаҳкам сохтаанд, ки аз ҳуҷумҳои обхезҳои баҳрӣ парвое надорад.

*Ҷ. Икромӣ ва А. Одинцов «Аҷоибати сафар» («Шарқи сурх»)*

### 46. Ба парвои касе наомадан

1. диққати касеро ҷалб накардан, 2. дар ҳеҷ касе нисбат ба касе, чизе ҳисси ғамхорӣ набудан.

Бечиз ки буд, ба парвои ҳеҷ кадоматон наомад, дили ҳеҷ кадоматон ба вай насухт!

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

### 47. Парвои олам надоштан

ба ҳаводиси рӯзгор бепарво будан, ба ҳама касу чиз бепарвоёна нигоҳ кардан.

Дар стулу харакҳо хурраккашон мехобиданд ва парвои олам надоштанд...

*А. Баҳорӣ «Заҳри шифобахш» («Шарқи сурх»)*

**ПАРДА**

### 48. Парда аз руи кори касе бардоштан

сирри касеро фош намудан, кори пинҳонии касеро зоҳир кардан.

— Устобобо, шумо чаро ин ҳама асрори ин номардро донистa истода, парда аз руи кораш набардоштед, то бечораи дигаре ба доми балои вай гирифтор нагардад?..

*Ҳ. Ирфон «Ду ёр аз ду диёр» («Шарқи сурх»)*

### 49. Дар парда гирифтан

пинҳон кардан.

Агар ҳар касеро писари некуе бошад, маҷбур мешуд, ки аз тарси он бешараф мисли духтар дар парда гирад.

*С. Айнӣ «Алишер Навоӣ»*

### 50. Пардаи касе даридан

1. сирри касе ошкор, фош шудан, 2. расво, бадном гардидан.

Дар натиҷаи низои ҳозира пардаи онҳо дариду чи гуна одам будани Зокир маълум гашт.

### 51. Пардаи касеро даррондан

1. сирри касеро фош кардан, 2. касеро шарманда, бадном намудан, 3. ба номуси касе таҷовуз кардан.

1. Ана ин асар — «Намунаи адабиёти тоҷик» бо фактҳои таърихи пардаи он иғвогаронро дарронид...

*С. Айнӣ «Мухтасар тарҷимаи ҳоли худам»*

2. Вай мард будааст, ки ба ҳурмати падаратон пардаи шуморо надарронд.

*С. Ғанӣ «Табассум»*

### 52. Пардаи дили касе чурук шудан

1. тарсончак шудан, харосида мондан, 2. бебардошт ва зудранҷ гардидан.

Соли 1949 вақте ки Николай Николаевич вафот кард, пардаи дили Зинаида Александровна чурук шуда монд.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 53. Пардаи руй даридан

шарм намедоштагӣ шудан.

Изои мумин ҳаром гуён нахостам, ки пардаи руи онҳо дарад.

*«Хорпуштак»*

### 54. Ба парда сухан гуфтан

1. пушида сухан гуфтан, 2. дар доираи одоб гап задан.

Марди мулоҳизакор ба парда сухан мегуяд.

### 55. Пардаи шаб даридан

субх дамидан, руз шудан.

Пардаи шаб даридан замон модари Носирҷон аз ҷояш хест...

*«Маориф ва маданият»*

**ПАРДАПЎШ**

### 56. Пардапўш кардан

гуноҳ ё розеро пинҳон кардан, болои коре ё гаперо пўшидан.

Агарчи прокурори районӣ ин ҷиноятҳои он бадкирдорро пардапўш кунад ҳам, вале ҷамоатчигии советӣ ва аҳолии деҳаи Қаротоғ ин пардаро дарронда, башараи ҳақиқии онро баръало нишон медиҳанд.

*«Тоҷикистони советӣ»*

**ПАРИДАН**

### 57. Ба касе, чизе паридан

1. аз паси касе, чизе ҳавобаландӣ кардан, фахр кардан, болидан, калонгарӣ намудан, 2. фирефта шудан.

1. Ту ба ҳусну ҷамол паридӣ, писарам, маро ҳам дар хиҷолат мондӣ...

*Ҷ. Икромӣ «Сигора»*
*(«Шарқи сурх»)*

2. Ба хушомади хушомадгуйҳои дар ин ҷо будагӣ напаред, онҳо ба амали шумо хушомад мекунанд...

*А. Деҳотӣ «Шеър ва ҳикояҳои мунтахаб»*

3. Сару либосаш олиҷаноб: костюми люкс, пальтои драп, ...наход ба пўшокаш парида бошад?

*П. Толис «Ҳикояҳои даҳ сол»*

**ПАС**

### 58. Пас андохтан

*Ниг.* Пас партофтан.

Муҳокимаи ин масъаларо онҳо то имруз пас андохта меоянд.

### 59. Паси гардан хоридан

*Ниг.* Гардан хоридан.

Аксари ҳозирон тарафдори ин тадбир буданд, вале ҳамин, ки ягон кас: «ташкилотҳои районӣ чӣ мегуянд?» гуфт, дарҳол паси гарданашонро хорида, лаб фуру мебастанд.

*Ф. Муҳаммадиев «Дар роҳи нав»* *(«Шарқи сурх»)*

### 60. Паси гуш кардан

1. фаромуш кардан, 2. беэътибор монондан, аҳамият надодан.

— Чаро маслиҳати маро ту паси гӯш кардӣ?

### 61. Аз паси коре гаштан

машғули коре будан, дар паи шуғле будан.

1. Охир, ман ҳам прораб ном дорам, даҳ сол боз аз паси ҳамин кор гаштаам, ягон чизро медонистагиам!

*Ҷ. Икромӣ ва М. Қосимов «Роҳи бахт»*

2. Он беҳ, ки паси ин корҳо нагардӣ ва ба фаҳмидани дарси худ кушиш кунӣ...

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

### 62. Аз паси кори худ рафтан

машғул, саргарми кори худ шудан.

1. Падаратро бошад, фардо озод мекунам, аз паси кораш меравад.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. I*

2. — Бача! Молҳои моро баъд аз ин ба пода бурдан ҳоҷат не, хасу хошоке ки худам аз сари кишт меоварам, барои инҳо басанда аст, бирав паси кори худ!

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 63. Аз паси кор шудан

машғули касбу коре гардидан.

Биёед аз паси кор шавем.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

### 64. Аз паси чизе нон хурдан

ба воситаи кору касбе умр ба сар бурдан, шиками худро сер кардан.

— Агар кас касби худро дуст надорад, аз паси вай нон хурдан ҳаром аст...

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», к. II*

### 65. Аз паси касе одам фиристодан

барои даъват кардан ё гирифта овардани касе одам фиристодан.

Ман аз паси шумо одам фиристода будам, хуб шуд, ки худи шумо омада мондед.

### 66. Аз паси панҷа нигоҳ кардан

ба касе, чизе хунук, бе рағбат нигоҳ кардан, нисбат ба чизе дилсардона нигоҳ кардан, аҳамият надодан.

Вай ба ин чорабинии муҳим аз паси панҷа нигоҳ мекардааст.

*«Маориф ва маданият»*

### 67. Пас партофтан

иҷрои кореро ба таъхир андохтан, ба дер гузоштан.

«Ин тавр маҷлиси умумии серҷанҷолро баъд аз сабук шудани кори чинак чеғ мезанем» гуён пас партофтанд.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 68. Пасу пеши худро дида (ба пасу пеши худ нигоҳ карда)...

1. гузашта, ҳозира ваояндаро ба назар гирифта... имконияти худро ба ҳисоб гирифта... фикру андеша, мулоҳизакунон...

1. Мо туро барои он фиристода будем, ки бо одамҳои «Навобод» шинос шавӣ, дили онҳоро ёбӣ, ба онҳо рафиқона ёрӣ расонӣ. Ту бошӣ пасу пешро надида якбора ба онҳо ҳамла кардӣ.

*С. Улуғзода «Навобод»*

2. — Хуб, пасу пешамро дида, пас аз он ба як фикр меоям...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

3. Ту дилтангӣ накун ва ҳар касро дар миёна наандоз, ман пасу пеши худро дида, асбобҳои тӯйро тайёр кунам...

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. I*

4. Ман ҳама қоидаю қонунро медонам. Ман ба пасу пеш ниғоҳ карда кор мекардагӣ одам.

*У. Умаров «Кӣ айбдор?»*
*(«Пьесаҳои якпардагӣ»)*

### 69. Пасу расо хӯрдан

ҳарисона, бо иштиҳо хурдан; то охир хӯрдан.

Шурбои серравғанро бо фатири равғанизардӣ пасу расо хӯрданд.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 70. Аз паси чизе рӯзи касе гузаштан

бо коре машғул шуда аз паси он зиндагӣ кардан, маоши худро таъмин намудан.

Аз паси мевафурӯшӣ рӯзам мегузашт...

*П. Толис «Тобистон»*

### 71. Чизеро паси сар кардан (намудан)

гузаштан, чизеро аз сар гузаронидан.

1. Мо ҳама душвориҳоро паси сар карда, пеш хоҳем рафт.

*«Тоҷикистони советӣ»*

2. Сунбул бо ҳамроҳии духтар ва набераи хурдсолаш ин рузҳоро паси сар мекард.

*«Занони Тоҷикистон»*

### 72. Паси сар хорон-хорон

маҷбур шуда, ночор, ноумедона, маъюсона; фикр ва андешакунон.

1. Бозор паси сар хорон-хорон пеши арбоб рафта воқеаро ба вай гуфт ва аз вай маслиҳат ҷуст.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Гуё ки онҳо барои хизмати бемузди он ҷанобон халқ шуда бошанд, ризо ба қазо дода паси сар хорон-хорон кор кардан мегирифтанд.

*С. Айнӣ «Тирози ҷаҳон»*

3. Фақирмард тарсону ларзон ва паси сар хорон-хорон ба дарбори подшоҳӣ рафта арз кард...

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

### 73. Аз паси касе фуромадан

*Ниг.* Аз паси касе афтидан.

Баъзе кунҷковҳо ба ғайрату кӯшиш, ҳунару корнамоии Каримбой тан надода, аз паси ин марди софдил, одами поквиҷдон ва меҳнати фаромаданд.

*Қ. Наимӣ «Роҳи дуруст»*
*(«Шарқи сурх»)*

**ПАСАНДОЗ**

### 74. Пасандоз намудан (кардан)

захира намудан, барои рӯзи муҳтоҷӣ пул ё чизеро эҳтиёт карда мондан.

— Пули ман пасандозкардаро ҳам ба ҳисоб гир...

*«Маориф ва маданият»*

**ПАСТ**

### 75. Пасту (пастию) баландӣ

хубу бадӣ, ҷиҳати мусбату манфӣ; чигунагии аҳвол; норасогӣ, камбудӣ, мушкилӣ.

1. Умуман аз пасту баландии туман хабардорӣ карда ба ҳар кор тайёр истед.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

2. — Чандин сол ин ҷониб пасту баландиҳои кори як хоҷагии калонро аз ҳар кас беҳтар дониста гирифта, онро хуб саришта мекунад...

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

3. Раҳимов дид, ки дар бораи пасту баландиҳои кори у касе даҳон намекушояд..,

*«Хорпуштак»*

4. Чанд рузи аввалро мо ба ошношави бо пастию баландиҳои колхоз гузаронидем.

*Ҳ. Карим «Ҳикояҳо»*

5. Вай дар ин ҷо дугонаҳо, дӯстҳо ва ҳамфикрони худро ёфт. Хусусан Хадича, ки дар урда қариб шаш сол ин тараф машкобӣ мекунаду ҳамаи пастию баландии ин ҷоро медонад, Фирӯзаро дӯст дошт ва ба худ ҳамроҳ гирифт.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

## 76. Касе, чизеро паст задан

1. хор, оҷиз шумурдан, 2. поймол кардан, 3. обрӯи касеро резондан, 4. ба иззати нафси касе расидан, 5. наҳ задан.

1. Ман ҳаргиз ҳуқуқи занҳоро паст заданӣ нестам.

*А. Баҳорӣ «Одамони шинос»*

2. — Аз дасти ин чӣ ҳам меояд мегӯед, додар? — боз писари худро ноӯҳдабаро шуморида гуфт Умрихола.

— Муаллимро ин қадар паст назанед, оча,— гуфт Зебӣ тарафи Сафарро гирифта.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

3. — Қамбағал нестем мо, ту колхози маро паст назан! — ранҷидагӣ барин шуда гуфт Юнусбой.

*С. Улуғзода «Навобод»*

4. — Мо ба пирӣ гардан намефарорем, ҷонам. Маро дар назди ин рафиқ паст назанед...

*Ф. Ансорӣ «Имтиҳон»*

## 77. Паст наомадан

1. сар нафаровардан, тан надодан, таслим нашудан (мас. дар баҳс), розӣ нашудан, 2. дар гапи худ исрор кардан.

1. — Бригадаи ман — бригадаи ҳосилоти баланд ба шумор меравад, бинобар он ҳуқуқаш ҳам аз дигарон калонтар.

— Ҳа бале, бригадир, асло паст набиёед!

*Ҷ. Икромӣ «Ситора»*
*(«Шарқи сурх»)*

2. Лекин модари Зуҳра низ дар пеши онҳо шаъни духтари худро ҳимоя карда, аз ҳарифон паст намеомад.

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

3.— Мебахшед, модарҷон,— паст намеомад Баҳор,— ман розӣ нестам, мехоҳед, ки маро бароварда фурушед...

*Қ. Наимӣ «Ман бо шумо»*

### 78. Паст нафаромадан

*Ниг.* Паст наомадан.

1. — Ба хона ё шумо маро роҳ намедиҳед ё ман шуморо,— мегуфт зан ҳам паст нафаромада.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. II*

2. — Чӣ хел корам набудааст? — паст намефаромад Қобил,— пахта боигарии тамоми халқ аст ва пахтакорӣ ҳам кори умумихалқӣ.

*Р. Ҷалил «Таъсир» («Шарқи сурх»)*

### 79. Паст шудан

1. беобрӯ, шарманда шудан, хору зор шудан, 2. кам шудан, нест шудан, 3. ба ифоқа омадан, розӣ шудан; суст шудан.

1. Паст шудани шаъни духтарбача нағз нест.

*С. Ғанӣ «Тӯй»*

2. Қасе ки ба шумоён қасд кунад, паст шавад, пои ба пеш гузоштааш ба ақиб афтад.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. I*

3. Ҳамаи инҳо сабаби дар байни студентону муаллимон хеле паст шудани обруи Моҳру гардидааст.

*Ҳ. Аскар «Нишони одамият» («Шарқи сурх»)*

4. Офтоб ба мағриб ҳамида, тафси ҳаво то рафт паст мешуд.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

5. То гузашта рафтани ароба қаҳри Толиб паст шуд.

*Б. Умарӣ «Ду рафиқ» («Туҳфаи ҷавонон»)*

6. Ба Холнисо паи ҳам фишор меоварданд ва у тоб наоварда торафт паст мешуд.

*Қ. Наимӣ «Ҳабиба»*
*(«Айёми мо»)*

**ПАСТНОКӢ**

### 80. Пастнокӣ рафтан

ақиб рафтан, ру ба таназзул овардан.

Ҳол он ки ҳар қадар ки ба ту ёрӣ додам, ҳамон қадар монанди шогирди ресмонтоб пастнокӣ рафтӣ.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

**ПАТАК**

### 81. Патаку пайтобаи касе шудан

дар итоати касе шудан, зери дасти касе, фармонбардор гардидан.

Аз баҳри зану кӯдаки худ гузар намуда, патаку пайтобаи ин зани каҷрафтор шуда мегашт.

*Р. Ҷалил «Ҳамида»*

**ПАТТӢ**

### 82. Паттӣ-саттӣ

майда-чуйда, чизу чора.

1. Шолча ва намадҳои руи хонаро ғундошта дар як кунҷи хона ба руи курпа ва кӯрпача ва паттӣ-саттиҳои он ҷо партофта монда буданд.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

2. Номи маро гирифта чеғ зананд ва фармуданд, ки паттӣ-саттиҳоямро ғундошта бароям.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

**ПАХТА**

### 83. Пахтаро аз гӯш гирифтан

сухан шунидан, сухани касеро гӯш кардан, ба суханшунавӣ омода шудан.

Пахтаро аз гӯш гирифта, ба гапҳои ман диққат кунед.

### 84. Пахта дар гӯш кардан (хастан)

сухан нашунидан; худро ба кари задан.

У дар ин ҷанҷол пахта дар гӯш карда менишаст.

**ПАХШ**

### 85. Пахш карда гирифтан

бо зӯрӣ гирифтан, зер карда гирифтан.

Шумоён ҳам заминҳои бойро пахш карда гирифтанӣ нашавед...

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

**ПАШША**

### 86. Пашша газидан

аз чизи беҳудае ранҷидан, аз андак нохушӣ ранҷидан.

— Хуш, боз чӣ шуд? — пурсид у норозиёна ба кокулҳои дарози занаш нигоҳ карда,— боз кадом пашшаи боднок газид?

*Р. Амонов «Зиндагӣ»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 87. Пашшаи гирди лаби худро киш нагуфтан

беғам, бепарво, танбал будан.

Пашшаи гирди лабонашро «киш» намегӯяд ва ғами хонасозиро намедонад.

*«Хорпуштак»*

### 88. Бо пашша манша кардан

бекор будан, кори бефоида, бемаънӣ кардан.

— Ҳама аз каллаи курак ба кор мераванду мо бошем фақат бо пашшаҳо манша карда мешинем...

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид»*

### 89. Пашшаро фил карда нишон додан

чизеро аз будааш зиёд карда нишон додан, муҳобот кардан.

Ӯ оқсаққоли мо буда тарафи моро гирифтанаш лозим бошад ҳам, ба амлокдор ҷосусӣ мекунад, пашшаро фил, хаббаро қубба карда нишон дода, хонаамонро месӯзонад.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 90. Аз пашша фил сохтан

*Ниг.* Пашшаро фил карда нишон додан.

1.— Пахтаи Рузибой он қадар бад нест-ку. Рафик Қосимов шаб хеле воҳима карда буданд.

— Баъзан ба манфиати кор аз пашша фил сохтан ҳам лозим шуда мемонад.

*«Тоҷикистони советӣ»*

2. Агар онҳо зарра барин муваффақият пайдо кунанд, аз пашша фил месозанд...

*С. Ғанӣ «Табассум»*

### 91. Пашша шудан

ба касе халал расондан; касеро безор кардан.

1. — Дар ҳақиқат вақтатон хеле танг барин,— гуфт ӯ аз кисааш боз ким-чиҳоро кофтуков карда,— бинобар ин дар ин ҷо нишастаю пашша шуда истоданро раво намебинем.

*«Хорпуштак»*

2. — Аҳа, элак баҳона—дидор ғанимат... майлаш, иҷозат, бигузоред, дигарон фаҳмида пашша нашаванд.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

## ПАҲЛӮ

### 92. Дар паҳлӯи касе даромадан

ёрдамчии касе шудан, ба касе ёрдам расондан, ба касе дастьёр гардидан.

Меҳрмоҳ танҳо бо сарфаҷӯӣ кушиши худро бас накард, балки дар паҳлӯи шавҳараш даромада дар пеш бурдани корҳои деҳқонӣ ҳам ёрӣ дод.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

ПЕС

### 93. Песу махав шудан

1. расво, шарманда, масхара шудан, 2. вайрон, бад, бемаза шудан.

Якбора кор песу махав шуду ба бахтам завол омаддия.

*«Барои адабиёти социалистӣ»*

ПЕЧ

### 94. Печ дар печ

ба ҳам печида, дарҳамшуда, дарҳам-барҳам, чигил.

1. Ҳамин ки ба доманаи ягон кӯҳ мерасиданд, аз пайраҳаи печ дар печ миён хам карда, ё нимкола хазида мебаромаданд...

*Р. Ҷалил «Шуроб»*

2. Худам намедонам, чӣ воқеаҳои печ дар печ рӯй дода истодаанд.

*С. Ғанӣ «Арвоҳ»*
*(«Тоҷикистони советӣ»)*

### 95. Печу тоб хӯрдан

ба худ печидан, азоб кашидан.

Паҳлӯ ба паҳлӯ мегашт, печу тоб мехӯрд.

*Қ. Наимӣ «Ман бо шумо»*

ПЕШ

### 96. Пеш аз тӯй (ид) нағора (шудан) задан (навохтан)

1. пеш аз ба коре шурӯъ намудан онро овоза, таърифу тавсиф кардан, дар бораи кори ба анҷом нарасида гап задан, 2. муҳобот кардан.

1. Ниҳоят колхози худро ташкил мекунем.

— Пеш аз тӯй нағора назан, Шодӣ!—гуфт Дилбар.— Мабодо пагоҳ ҳам маҷлиси гузаштагӣ барин нашавад.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

2. — Ҳосилро бинед, ҳосилро! — гуфт вай бо ифтихор.

— Метарсам, ки мисли порсола пеш аз туй нағора нашавад.

*«Тоҷикистони советӣ»*

3. — Лекин ман намехостам, ки пеш аз ид нағора навозем.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

## 97. Пеш андохтан

1. касеро аз худ пеш гузаронидан, 2. роҳбалад, роҳбари худ намудан.

1. Уро қамчинкорӣ карда, пеш андохта аз байни мардум зудтар дур кунанд.

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

2. — Муҳаммад Назар қадре забони русиро медонад, ҳамин шахсро пеш андозем, хуб мешавад...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

## 98. Пеш бурдан

1. инкишоф кунонидан, ривоҷ додан, 2. савияи касеро баланд намудан.

1. Баъд аз он ақли худро кор фармуда ҳунари худро пеш бу ам...

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. I*

2. — Мақсади ман ба ту низ ёрӣ додан, туро ҳам камтар пеш бурдан аст.

*Ҷ. Икромӣ «Муҳаббат»*

## 99. Пеши гапро гирифтан

ғапро катъ кардан; дар аснои суҳбат барои ошкор нашудани сирре ё ба миён наомадани матлаби номатлубе сухане илова намудан, гапро ба ҷои дигар бурдан.

— Дармонам нест, раис,— ҷавоб дод Мамараҷаб.

— Дарди шикам хеле бедармон кард,— илова намуд Мирбадал пеши гапро гирифтанӣ шуда.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

## 100. Пеш гирифтан

1. бо коре машғул шудан, ба коре шуруъ намудан, 2. чизеро барои худ дастур, раҳнамо намудан.

1. Дар паси санге нишаста дидбониро пеш гирифт.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Як вақте Афандӣ касби нишоллопазиро пеш гирифтааст.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

3. Ин амри хайрро зудтар пеш гирифтан даркор аст.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

4. Уй аҳмақ, уй муйдарози ақлкутоҳ! Ин чӣ беҳаёгист, ки пеш гирифтӣ?

*С. Айнӣ «Дохунда»*

5. Ақлу адаб пеш гир, лаҳву лаъбро бигузор.

*Т. Усмон «Хористони «Хорпуштак» («Хорпуштак»)*

## 101. Пеши касе, чизеро гирифтан

ба касе, чизе мамониат кардан, роҳ надодан, ба пеш рафтани чизе монеъ шудан.

1. — «Ман бояд пеши ин ҷиноятро гирам, ман бояд хабар диҳам!»

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

2. — Намедонам, — гуфт бесаброна Ситора,— лекин ёфт шудани кирм нағз не, пеши инро гирифтан даркор.

*Ҷ. Икромӣ «Ситора» («Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

3. Агар зудтар пеши ин корро нагирӣ ва духтаратро ба касе номзад карда даҳони мардумро набандӣ, росту дуруғ ҳикоят бофта ба муфт бадном ва бепардааш мекунанд.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 102. Чизеро аз пеш гузаронидан

кореро аз корҳои дигар пештар карда гирифтан.

Ҳамин шабу рӯз дар вақти будани фурсат ин маъраҡаро аз пеш гузаронидани.

*Ҷ. Икромӣ «Дохунда» («Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

### 103. Пеш гузаштан

пешқадам шудан, касеро ақиб гузоштан.

Дар ин муддат пахтаи чидаи Қамар 2370, аз они Зуҳра 2420 килограмм шуда, Зуҳра пеш гузашт!

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 104. Аз пеши касе гузаштан

1. кори худро ба касе нишон додан, пеш аз кардани коре дар бораи он бо касе маслиҳат намудан, 2. розигии касеро гирифтан.

1. Дар вақти кушода будани чашмамон дасти бачаро ҳалол карда аз пеши дӯсту душман гузаштанамон беҳтар аст.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Аз пеши вай ҳам гузаштан даркор буд. Боз гилаву гузор карда нагардад мегӯям.

*М. Рабиев «Орзӯи ҷавонӣ» («Маҷмуаи пьесаҳои якпардагӣ»)*

3. — Ману ҳамин занам меҳнат карда, кор карда, ба ҳар ҳол як духтарамонро бароварем, аз пеши мардум гузашта, ба худамон муносиб тӯйча ҳам кардем.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 105. Ба пеш даромадан

пешопеши касе равона шудан.

1. Салимбой чору ночор ба пеш даромад, айбаш дар гарданаш буд.

*Р. Ҷалил «Гулрӯ»*

2. — Пеш даро! — гӯён фармон дод...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

## 106. Пеши даҳони касеро гирифтан

касеро аз сухани мегуфтагиаш боз доштан, сухани касеро буридан, ба давоми сухани касе халал расондан.

— Рафиқ директор...— гуён ба ман муроҷиат кард, вале ҳануз калимае нагуфта ман пеши даҳони уро гирифтам.

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

## 107. Пеш кардан

1. рондан, қавла кардан, 2. аз кор холӣ кардан.

Чун Гулбаҳор таклифи соҳиби фабрикаро рад кард, уро аз фабрика зада пеш карданд...

*К. Иосиров «Орият»*

## 108. Пеши кори касеро банд кардан

ба кори касе халал расондан, ба касе дар пешрафти кораш мамониат кардан.

— Бойро кушта партофтан лозим! — гуфт вай якбора, вале камтар ором шуда илова намуд: — Афсус ки коғонангиҳо пеши кори маро банд карда истодаанд.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

## 109. Пеши кори касе баста будан

кори касе пеш нарафтан, равнақ наёфтан, гирифтори мамониатҳо будани касе.

Бале, дар Бухорои мо ҳам олимҳои аҷоиб будаанд ва ҳастанд, афсус ки онҳо мисли ман бетолеъ ва пеши корашон баста буд...

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

## 110. Пеши кор баста шудан

коре аз иҷро мондан, чигил шудан, дар роҳи иҷрои хоҳиш, мақсаде мамониат пайдо гардидан.

— Писарам танҳо! — гуфт вай дар дилаш,— дар ҳамин ҳавлӣ як ману як худаш, ягонта бародар надорад, Муҳаммадҷон ака ҳам имрузҳо кам рафту омад мекунад, илоҳӣ пеши кори писарам баста нашавад.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

### 111. Пеши кореро кушодан

мушкилии кореро аз байн бардоштан, сабаби пешравии кор шудан.

— Справкаи шумо пеши кори маро мекушояд.

*«Намунаи адабиёти тоҷик»*

### 112. Дар пеши манаҳи касе будан

касе, чизе дар наздики касе будан, дур набудан, наздик будан.

— Дар пеши манаҳамон будию чашмамон надидааст!

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

### 113. Аз пеши назар гузаронидан

касе, чизеро дидан, тамошо кардан, аз назари диққати худ гузаронидан.

— Рост,— гуфтам, бисьёр касоне ҳастанд, ки мо онҳоро аз пеши назар гузаронида меравему нағз намеомӯзем ва баъд пушаймон мешавем.

*Ҷ. Икромӣ «Аз Душанбе то ба Киев» («Шарқи сурх»)*

### 114. Аз пеши назари касе гузаронидан

1. ба касе чизе нишон додан, 2. дар бораи чизе бо касе маслиҳат кардан.

— Шеърҳои туркӣ-ӯзбекии дар маҷлисҳои Муҳаммад Шайбонӣ хонда мешудагиро аз пеши назари Биноӣ гузаронида меистоданд.

*А. Мирзоев «Биноӣ»*

### 115. Пеши касеро нигоҳ доштан

касеро аз ҳаракат ба пеш боздоштан, садди роҳи касе шудан.

Ҳамаи мардон якҷоя шуда пеши душманро нигоҳ дорем...

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 116. Пеши обро бастан

иҷрои амалеро дар оғозаш қатъ кардан, чораи ҳодисаеро дарҳол дидан.

Ҷумъа фикри худро ба он гилкор баён кардан хоста, акнун даҳон кушода буд, ки устод зуд пеши обро баста, бо се-чор пичинги талху фаҷ, афзалияти ба ҳар ош қошуқ ва ба ҳар нон ҷазза нашуда, бетараф монданро фаҳмонда дод.

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

### 117. Пеши обро гирифтан

*Ниг.* Пеши обро бастан.

Ҳозир рафта пеши оби ин корро гирифтан лозим. Наход ки хоҳари ман ба як пойлучи куҳистонии беаслу насаб, ба як деҳқонбачаи намедонам чӣ зайлин дил медиҳад?!

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

### 118. Пеш овардан

изҳор намудан, ба миён гузоштан; гуфтан, далел овардан.

Узрҳои нодуруст пеш меорад.

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

### 119. Пешу паси чизе

оқибат, натиҷаи чизе, ҳама тарафи чизе.

1. Пешу паси корро пеш аз ҳама фикр кардан лозим аст.

2. Аввалин маротиба пешу паси фикри баён мекардагии худро ба дурустӣ санҷида барояд.

*А. Мирзоев «Биноӣ»*

### 120. Пеши по задан

*Ниг.* Пешпо задан.

— Ба мо таклифи хуб карданд. Нонро пеши по назанем, рафиқон, ба водӣ равем.

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

### 121. Пеши пои касе сар гузоштан

итоат кардан, сари таъзим фуру овардан.

Рав, ба ҳоким бигу, ки халқ дигар,
Пеши пояш намегузорад сар!

*М. Турсунзода*
*«Ман аз Шарқи озод»*

### 122. Ба пеши пои худ нигоҳ карда гаштан

кореро фикр, мулоҳиза намуда кардан; ҳушьёр шуда кардан, ба эҳтиёт кор кардан.

Каллаи мардумро гаранг накун, то рафтана ба пеши поят нигоҳ карда гард.

*Ф. Ансорӣ «Ҳаёт ва ишқ»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 123. Пеш рафтан

рӯ ба беҳбудӣ овардан, тараққӣ кардан.

1. Баъди ҳамин кори «Навобод» ва «Ситораи сурх» пеш рафтан гирифт.

*С. Улуғзода «Навобод»*

2. Агар саноат пеш равад, якчанд заводи равғанкашӣ ва собунпазӣ ин мамлакатро сер мекунад.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 124. Аз пеши роҳи касе баромадан

1. бо касе дучор шудан, ба касе вохӯрдан, тасодуф кардан, 2. пеши роҳи касеро гирифтан.

1. Дар район зиндагӣ дуруст буду хотирҷамъ мегаштам. Нохост аз пеши роҳам ҳамон Хадича баромада монд.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

2. Ҳар руз телефон карда, ба ҷону ҳолаш намондааст. Аз пеши роҳаш мебаромадааст.

*С. Ғанӣ «Магнитофон»*
*(«Маориф ва маданият»)*

### 125. Пеши роҳ баста шудан

набудани имконият, илоҷи иҷрои коре, ба мамониат дучор шудан.

Чаро пеши роҳам баста шавад?

*М. Рабиев «Орзуи ҷавонӣ»*
*(«Маҷмуаи пьесаҳои якпардагӣ»)*

### 126. Пеши роҳи чизе, касеро гирифтан

1. касеро аз харакате боздоштан, ба рафтан ё омадани касе монеъ шудан, ба касе халал расонидан, ба пешрафти кори касе имконият надодан, 2. ҷораи чизеро пешакӣ дидан.

1. Ҳаким ба тарафи дари куча равон шуд, аммо Зулайхо давида рафта, дари кучаро маҳкам баста, пеши роҳи акояшро гирифт.

*К. Носиров «Орият»*

2. — Фармонатро дигар кун, отрядро аз хатар халос кун! — Пеши роҳамро нагир! Ҳар касе ки аз фармони ман сар тобад, ҷо ба ҷо мепарронам.

*С. Улуғзода «Калтакдорони сурх»*

3. Ба қарибӣ рузи сиёҳаг ба охир мерасад, дасти зулми Азимшоҳ кутоҳ мешавад, ҳокимияти нав пеши роҳи уро мегирад.

*Ҷ. Икромӣ «Дохунда» («Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

4. Ин навъ «асар» пеши роҳи инкишофи танқиди адабиро мегирад...

*Ш. Ҳусейнзода «Масъалаҳои танқиди адабӣ дар адабиёти советии тоҷик» («Шарқи сурх»)*

5. То ки султон он гапҳоро шунавад ва шарм дошта пеши роҳи он корҳои нолоиқ ва нописандро гирад.

*С. Айнӣ «Алишер Навоӣ»*

### 127. Пеши роҳи касе, чизеро доштан

*Ниг.* Пеши роҳи чизе, касеро гирифтан.

1. Агар шумо маро фарзандам гуед, пеши роҳамро надоред, монед ман равам.

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

2. Сабаби то ин вақт ба сари мо наомадани онҳо ин буд, ки Холбута пеши роҳи онҳоро дошта меомад.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», к. I*

### 128. Аз пеши роҳи худ бардоштан

1. мамониатеро бартараф кардан, 2. касе, чизеро несту нобуд кардан.

1. — Пешрафти корро дида наметавонед, онро боздоштан мехоҳед ва дар ин роҳ ҳар касе, ки халал расонад, аз пеши роҳатон мебардоред.

*Ҷ. Икромӣ ва М. Қосимов «Роҳи бахт»*

2. Нисбат ба Мансуров кинаю адоваташ боз зиёд шуд ва қасд кард, ки чорае ёфта, уро «аз пеши роҳи худ бардорад».

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

### 129. Дар пеши руи касе

дар ҳузури касе.

Ана бо ин гуна масъалаҳо у муаллимҳои деҳотро мағлуб мекард ва «нодон» гуфта дар пеши руяшон таҳқир менамуд.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. I*

### 130. Ба пеши табиб нарав, пеши корафтода бирав

барои маслиҳат ба пеши каси кордон, кордида, ботаҷриба рав.

1. Худи Мирзоев бепадару модар калон шуда, сахтиҳои ҳаёти ятимонро аз сар гузаронидааст. Дар урфият мегуянд, ки «пеши табиб нарав, пеши корафтода бирав», Ҳоҷиназаров дар ин бобат ҳам табиб асту ҳам корафтода...

*Ф. Муҳаммадиев «Меҳри диёр» («Чароғи ирфон»)*

2. — «Пеши табиб нарав, пеши корафтода рав!»— гуфтаанд. Шумо таҷрибадида ҳастед, гуед, ки ба дарди чашмам чӣ даво кунам?

*«Латифаҳои тоҷикӣ»*

### 131. Аз пеши касе фалокат баромадан

бо касе фалокате руй додан.

— Ман бо чӣ умедҳо сарбоз шуда будам ва аз пешам чӣ фалокатҳо баромад...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 132. Аз пеши худ

мустақилона, ба сари худ.

1. Вақте ки дасташ ба қалам ром шуд, аз пеши худ ҳам баъзе чизҳоро навиштан гирифт.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III*

2. Лекин ягон мактубро аз пеши худ навишта наметавонист...

*С. Айнӣ «Мухтасар тарҷимаи ҳоли худам»*

### 133. Чизе пеши чашми касеро гирифтан

ба ягон чизи худ мағрур шудан.

— Аммо ақиб мондани худро ҳис намекунад. Каму беш қобилияти артистӣ пеши чашми уро мегирад.

*Ҷ. Икромӣ «Муҳаббат»*

### 134. Пеши чашм кушода шудан

*Ниг.* Чашми касе кушода шудан.

— Беилмӣ, бесаводӣ дасту поямро бо занҷир бастаанд. Агар хондагӣ мешудам, пеши чашмам кушода ва чораи кор дар даст мешуд.

*Ҷ. Икромӣ «Сангалӣ» («Шарқи сурх»)*

### 135. Пеши чашми касеро кушодан

*Ниг.* Чашми касеро кушодан.

Баъд вақте ки каме хондам, вақте ки устодони донишмандам пеши чашми маро кушоданд, аз ҳақиқати кор бохабар шудам.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 136. Пеши чашми касеро сиёҳи пахш кардан

*Ниг.* Чашми касе сиёҳ рафтан.

Дили мудир ба ларза даромада, пеши чашмонашро сиёҳи пахш кард.

*«Хорпуштак»*

### 137. Аз пеш ҷару аз пушт табар

вазъияти сахт, дар байни ду мушкилӣ.

— Мефаҳмӣ, зан, эҳтимол онҳо аз дару девори мо ҳам нигоҳу бо гапҳои мо гуш карда истода бошанд. Ҳай афсус! Ба гумонам, дер кардем. Ба гапи писари аҳмаку якрав даромадаму кор аз даст рафтагӣ барин. «Аз пеш ҷару аз пушт табар».

*Р. Ҷалил «Субҳи саҳро»*
*(«Шарқи сурх»)*

**ПЕШГИРӢ**

### 138. Пешгирӣ кардан

пешакӣ бартараф кардан, барои дафъи чизе чора дидан, пешакӣ халал расонидан.

«Пешгирӣ кардани суръат — қафо афтодан аст»
Дарси мо ин аст агар имруз, агар фардо бувад.

*М. Раҳими «Роҳи равшан»*

**ПЕШДАСТ**

### 139. Пешдаст будан

пешқадам будан, бартар будан.

Ман, ки дар дониш, дар ҳикмат ва фалсафа аз ӯ чанд дараҷа пешдаст мебошам, чаро ба дасти худ асои русӣ нагирам?

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III*

**ПЕШДАСТӢ**

### 140. Пешдастӣ кардан (намудан)

1. пеш аз дигарон ба коре икдом кардан, дар коре аз дигарон пеш гузаштан, 2. забардаст, ғолиб шудан.

1. Ҳамаи ҳимматхо дар ин сарф мешуд, ки ба дахонҳо лукма андозанд ва нахоида фуру баранд; хусусан имом ва муаззин дар ин пеша аз дигарон пешдастӣ мекарданд.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2 Аммо дер шуда буд. Зеро кори мекардагиашро кард, аз ман пешдастӣ намуд, аз ман бофаросаттар ва боақлтар баромад.

*Ҷ. Икромӣ «Лаҳзае ки дигар такрор намешавад» («Маориф ва маданият»)*

**ПЕШДАХОНӢ**

### 141. Пешдахонӣ кардан

маҳмаддоноӣ, пешхезӣ кардан.

— Ту пешдаханӣ накарда ба гап гӯш андоз, дар ин ҷо аъзоёни правления ҳастанд...

*С. Улуғзода «Навобод»*

**ПЕШКАШ**

### 142. Пешкаш кардан (намудан)

инъом намудан, тақдим кардан.

Ба ман китоби худро пешкаш карданд.

**ПЕШОНА**

### 143. Пешонаи касе ба касе дакка хурдаҳ

бо касе дучор шудан, бо хам бархурдан.

— Рузе нест, ки пешонаи ман ба Шодмон дакка нахурад.

*С. Улуғзода «Шодмон»*

### 144. Бо пешонаи кушода

хандон, шукуфон, хушҳолона, бо руи хуш.

Шумо меҳмонро бо пешонаи кушода қабул кунед.

*С. Айнӣ «Еддоштҳо», қ. III*

### 145. Пешона кушода шудан

хуррам, дилшод, хушҳол шудан.

Падар аз чояш хеста нишаста ба чойнушӣ ва нонхурӣ даромад ва ҳоло ҳам пешонааш кушода нашуд.

*С. Айнӣ «Еддоштҳо», қ. I*

## 146. Дар пешона навишташударо (будагиро) дидан

мувофиқи эътиқоди динӣ оянда и ҳар як кас пешакӣ аз тарафи худо таъин карда мешавад, барои ҳамин ҳам бо ҳар инсон ҳар чизе ки руй медиҳад, аз тақдири у мебошад, он чи тақдир аст, дидан.

1. Ба омаду рафти хостгорон корат набошад. Дар пешоният навишташударо мебинӣ.

*Қ. Наимӣ «Ман бо шумо»*

2. Чизе ки дар пешонаамон навишта шудагӣ бошад, дидан мегирем-дия...

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

3. — Одамизод дар пешонааш будагиро мебинад, ман ғами ҷони худамро намехурам, аммо аз ятим мондани фарзандонам метарсам,— гуфт модарам.

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

## 147. Пешонаи касе сахт будан

бетолеъ, бадбахт, шурабахт будан.

— Пешонаам сахт будааст! — бо овози гирьяолуд дод зад Сабоҳат,— аз куҷо ман ба шумо вохурдам.

*Р. Амонов «Зиндагӣ»*
*(«Шарқи сурх»)*

## 148. Пешонаи худро турш кардан

1. чеҳраи худро ғазабомез, қаҳромез намудан, қавоқи худро овезон кардан, 2. бо ифодаи чеҳраи худ норизогӣ баён намудан.

1. Духтари хатиб аз ин кори у зоҳиран дар хашм мешуд, пешонаи худро турш... мекард.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. I*

2. Ба занаш нигоҳ карда пешонаи худро қадре турш кард.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 149. Ба пешона ғунҷидан

бахти касе тохтан, бахт ба касе ёр шудан.

— Ҳаминакак ақаллан ба пешонаам ғунҷида намурда калон шавад...

*Р. Ҷалил «Гулрӯ»*

**ПЕШПО**

### 150. Пешпо (пешпой) задан

ношукрӣ кардан, қадри чизеро надонистан.

1. — «Не» нагуй, нағзакак фикр кун, бахти нахустинро пешпо назан, духтарам...

*«Тоҷикистон»*

2. Ҳануз ихтиёри ба даст даровардани ин давлат ба дасти ту; аммо намедонам, ки ту ин давлатро пешпой хоҳӣ зад, ё пешвоз хоҳӣ кард?

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 151. Пешпо хӯрдан

1. дар коре дар мондан, 2. хато кардан, 3. лат хӯрдан.

1. Вай дар роҳи ҳаёт пешпо мехурду аз он сабақ намегирифт.

*«Тоҷикистони советӣ»*

2. Дар гапаш ҳеҷ пешпо намехӯрд.

*Ҳ. Карим «Ҳикояҳо»*

**ПЕШРАВ**

### 152. Пешрав будан

омад кардан, дар авҷ ва тараққӣ будани кори касе.

Ҳоло кори «ёшҳо» пешрав аст, идораҳои ҳукумати Русия ҳам гап зада истодаанд, бинобар он вай тарафдори мактаб...

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

**ПЕШХЕЗӢ**

### 153. Пешхезӣ кардан

бемавқеъ ба гапи касе ҳамроҳ шудан, маҳмаддоноӣ кардан, гапдонӣ кардан.

1. — Пешхезӣ мекунӣ, кӯрнамак!

*Ҷ. Икромӣ «Духтари ноком»*

2. — Рустам ука,— гуфт ба ӯ,— ҳоло ту ҷавон ҳастӣ, пешхезӣ накун.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

**ПИЛК**

### 154. Пилки чашми худро овезон кардан

1. худро ғамгин, нохуш нишон додан, 2. нохуш, ғамгин будан, қавоқи худро андохтан.

— Ин қадар пилки чашматро овезон накуну мавзуъҳои гузаштаро ба хотир ор...

*А. Баҳорӣ «Одамони шинос»*

**ПИЛТАТОВ**

### 155. Пилтатов барин шудан

хаpобу лоғар шудан.

Бечора аз ғам пилтатов барин шудааст.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. II*

**ПИНАК**

### 156. Пинаки касеро вайрон кардан (намудан)

1. касеро аз ҳолати ғанав баровардан, 2. оромӣ, ҳузуру халовати касеро халалдор кардан, 3. касеро аз ғафлату бепарвоӣ баровардан.

1. Сухани охирини Қаламфур пинаки ин мардро вайрон кард, рангаш тағьир ёфт.

*«Маориф ва маданият»*

2. Баъди як сол райком пинаки роҳбарони колхозро вайрон намуд.

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

### 157. Пинак вайрон нашудан

1. парво накардан, беэътино будан, 2. дар ҳолати ғафлат мондан.

Вай мехоҳад, ки дуньёро об бараду аммо пинаки ӯ вайрон нашавад.

*«Хорпуштак»*

### 158. Пинаки худро вайрон накардан

1. ба чизе парво, эътибор, диққат накардан, 2. аз чизе натарсидан.

1. Подшохро аз тахташ зада фаровардем гуфта курта-курта гушт мегирифтему ҷои Хуҷаалиро Алихуҷа гирифт, боз пусти мо бечораҳоро меканд. «Кар додари кур» ... Боз Александрову Туранову балову қазоҳои дигар пинакашонро вайрон накарда шиштаанду ҳар чӣ хоҳанд, мекунанд.

*Р. Ҷалил «Шуроб»*

2. Аммо ба у дар болои қаҳр сад дахон гап занед ҳам, пинакашро вайрон намекунад.

*«Тоҷикистони советӣ»*

3. Лекин Медведов пинакашро вайрон накарда меистод (уро парронданӣ буданд — *М. Ф.*).

*Ҷ. Икромӣ ва М. Қосимов*
*«Роҳи бахт»*

**ПИР**

### 159. Пир нест, тадбир нест

пирон боақлу кордонанд, дар ҳама кор бо онҳо машварат бояд кард, барои бо муваффақият анҷом ёфтани ҳар коре бо пирон бояд маслиҳат кард, бе маслиҳати пирон кор наку наояд.

1. Соният, худи шумо, тоҷикон, бе дарак намегуед, ки «пир нест, тадбир нест». Номзади ман ёфтагӣ бағоят муносиб аст. Чашмони вай оиндаро хуб мебинад. Барои чунин кор бошад, махз дурандеш, тудакаш, дустдор ва ҷуяндаи навигарӣ будан лозим аст ва ин хусусиятҳо дар Назаров ҳастанд.

*Р. Ҷалил «Шуроб»*

2. — Медонам.

— Намедонӣ. Ҷавонӣ мекунӣ... «Пир нест, тадбир нест» гуфтаанд.

*«Тоҷикистони советӣ»*

**ПИРЧА**

### 160. Пирча пих занад, чуқа рих занад

аз ӯҳдаи кори мушкил пирон бароянд, пирон аз ҷавонон кордонтаранд, онҳо корро нисбат ба ҷавонон беҳтар ба анҷом мерасонанд.

— Аввал он ки ман дар бобати кор кардан аз ҳеҷ ҷавон худро кам намедонам, ҳатто аз баъзе ҷавононе, ки аз ин пеш корашон деҳқонӣ набуд ва аз бекорӣ ба колхоз омада аъзо шудаанд, худамро коркунтар гумон мекунам; магар масали «пирча пих занад, чуқа рих занад»-ро, ки дар ин мавридҳо гуфтаанд, нашунидаӣ?

*С. Айнӣ «Дохунда»*

**ПИРӢ**

### 161. Пирию хартозӣ

дар пирӣ орзую ҳаваси ҷавонӣ кардан, кори ба синну соли худ номувофикро кардан.

1. — Лухтакҳои ман канӣ?— гуфта аз кампир пурсид.— Дар ҷояш-мӣ?

Кампир табассум кард ва: «пирию хартозӣ!» — гуфт, — лухтакро чӣ мекунӣ?

— Даркор, ба меҳмонам нишон медиҳам! — гуфт ба таври ҷиддӣ Соро. Гулҷамол инро шунида давида аз ҷояш хест ва Сороро дар оғуш кард.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

2. — Ҷонакам, ширинакам, бархез, то,
Рақс бинмоем мо ҳам... «не» нагу!..
— Монда буд танҳо ҳамин як коратон,
«Пирию хартозӣ» мегӯянд, рост.
Мусафед, аз мо тамошо кардан аст,
Дер шуд, рақсидани мо норавост.

*Ф. Ансорӣ «Офтоб дар роҳ»*

**ПИСТА**

### 162. Пистая шикану мағзаша бин

бояд ба зоҳир диққат накарда, ба ботин, ба моҳият диққат кард, бояд мазмунро дар назар дошт.

Рост мегуфтаанд, ки «пистая шикану мағзаша бин». Ҳамин ки нонро шикаста мағзашро дидӣ, иштиҳоят сари халта барин баста мешавад.

*«Хорпуштак»*

**ПИЧИНГ**

### 163. Пичинг паррондан

1. сухани кинояомез гуфтан, 2. маломат, сарзаниш кардан, таъна задан; захми забон задан.

1. Вай ҳамеша ва бо ҳар бахона ба рассом сахт мерасид, пичинг мепарронд...

*А. Баҳорӣ «Одамони шинос»*

2. — Пичинг напарронед, ҷони акош! — гуфт...

*А. Деҳотӣ «Паёмҳои дустӣ»*

**ПИШАК**

### 164. Пишаки касеро пишт гуфтан

1. бо касе кордор будан, ба касе халал расондан, 2. касеро озор додан, кайфу ҳузури касеро вайрон намудан.

1. Ману ту чӣ кор кардем? «Хари киро иш, пишаки киро пишт ва саги киро тур гуфтем!» Гуноҳи ман аст, ки баъд аз даҳ сол хидмат кардан як пул музд гирифта натавониста, аз дари хонаи Ҷалолиддин Амини ғиҷдувонӣ гурехтам.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. — Ҳама гап дар ҳамин ҷо, ки,— ҷавоб дод ҷавони ношинос,— аз руи миш-миши мардум ӯ домоди эркатои раиси колхоз будааст. Бинобар он касе ҳақ надорад, ки пишаки уро пишт гуяд.

*«Маориф ва маданият»*

**ПОЙ (ПО)**

### 165. Пой аз кор афтодан

қудрати роҳ рафтан надоштан, хаставу бемадор гардидан.

Сад раҳ дар интизорат то пушти дар давидам,
Поям зи кор афтод, он гаҳ ба сар давидам.

*А. Лоҳутӣ «Куллиёт», ҷ. II*

### 166. Пои касеро канондан

касеро аз чизе маҳрум кардан, касеро ба ҷое намесмадаги кардан.

Вале Махсум рузе бегоҳӣ ба вай расонда ким-чӣ хел суханҳои аламангез гуфта, пояшро аз суҳбати деҳқонон канондааст.

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

### 167. По аз куҷо, сар аз куҷо

сарсарӣ, дарбадар, бехонумон.

Ту, ки ба хонаат бачаи по аз куҷо, сар аз куҷоро роҳ додӣ, ана натиҷааш ҳамин.

*Ҷ. Икромӣ «Дохунда» («Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

### 168. (Ду) пои касеро аз осмон овардан

1. касеро ба ҷазояш расондан, 2. несту нобуд кардан.

1. Боз эшон мешавам гуфта, нони маро ҳам нимта карда, ду поямро аз осмони ҳафтум набиёрӣ?

*«Тоҷикистони советӣ»*

2. Гар мо йигитҳои ҷавон
Аз як гиребон сар кашем,
Поҳои ин ғоратгарон,
Аз осмон меоварем!

*М. Турсунзода «Ман аз Шарқи озод»*

### 169. Пой аз осмон омадан

1. ҷазои худро дидан, 2. нобуд шудан.

1. Ҳама гумон доштанд, ки акнун пои ӯ аз осмон меояд.

*«Хорпуштак»*

2. — Ин «падари меҳрубони» падарлаънат хонаи писаронашро хароб карда истодааст-ку! Кошки пояш аз осмон меомад.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

### 170. Аз пой андохтан

1. касеро афтондан, 2. нобуд кардан, куштан.

Султон Абусаид барои «истеҳкоми давлати худ» на танҳо рақибони худро аз пой меандохт, у ҳатто бо андак сабаб (гоҳ бесабаб) навкарон ва сараскарони содиқи худро ҳам мекушт.

*С. Айнӣ «Алишер Навоӣ»*

### 171. Аз по афтидан

аз ҳаракат мондан, замингир шуда мондан; оҷизу нотавон шудан.

1. Бечора Қосимҷон аз тарс беҳуш шуда афтодааст ва аз ҳамон рӯз ин ҷониб аз по афтодааст.

*«Барои адабиёти социалистӣ»*

2. — Ман оҷиз шудам, лекин аз по наафтидам.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 172. Аз по афтондан

касеро оҷиз, ноҷор, заиф кардан.

1. Ин майда-чуйда бухтонҳо Анвар барин одами ба обрӯй ва ба ҳама машҳурро аз по афтонда наметавонад.

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

2. Охир хафагӣ, ғусса уро аз по афтонд.

*Ҷ. Икромӣ «Хурсанда»<br>(«Шарқи сурх»)*

### 173. Пои касеро ба замин нарасонда (гирифта рафтан) бурдан

касеро тозон бурдан, касеро бо шитоб бурдан, дарҳол бурдан.

1. Қурбошӣ агар бо ду йигиташ мефармуд, бастаю хаста поятро ба замин нарасонда, ба пешаш мебурданд.

*Р. Ҷалил «Ҳамида»*

2. — Худи ҳамин суханони туро рӯзе як шахтёри донбасии навомада ҳам гуфта буд, лекин пояшро ба замин нарасонида ба Исфара гирифта рафтанд.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

### 174. Пой ба замин нарасонида давидан

сахт давидан.

Хурсанд шуда давидам, ба тарзе ки поям ба замин намерасид.

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

### 175. Пой ба лаби гӯр расидан

1. пири фартут шудан, 2. умр кам мондан, вақти мурдан расидан.

1. Акнун ки поям ба лаби гӯр расидааст, мехоҳам дарди диламро ба шумо, ҷавонони қобил, кушоям...

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

2. — Пир шуда мондем, муаллима, пир шудем. Поямон ба лаби гӯр расидааст.

*У. Умаров «Кӣ айбдор?»*
*(«Пьесаҳои якпардагӣ»)*

### 176. Пой ба пой нарасидан

роҳ рафта натавонистан, по ба по хӯрдан.

Ҳама ба сӯи ин паҳлавони арросӣ бо ҳайрат нигоҳ карда, фаҳмиданд, ки вай девонавор маст буда, пой ба пояш намерасид.

*«Хорпуштак»*

### 177. По ба по рафтан

ҳамроҳ рафтан, бо касе қадам ба қадам роҳ паймудан; ҳамдамӣ кардан.

Вай пеш рафтан, сабзидан мехоҳад, инчунин мехоҳад, ки Муҳаббат низ бо вай по ба по равад.

*Ҷ. Икромӣ «Муҳаббат»*

### 178. Пои касеро банд кардан

касеро ба касе номзад кардан.

1. — Ҳоло, ба ғуфти янгаат, тую тамошои ту дар пеш. Аввал вақт ғанимат гуфта, зудтар поятро ба ягон ҷо банд карда мондан даркор.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

2. — Набераатон чаро мактаб нарафтааст?
— Магар хабар надоред? Пои уро банд кардаем.

*«Хорпуштак»*

### 179. Пой берун ниҳодан

аз ҷое бурун баромадан.

Ҳоло он тарафҳоро большевикон чунон сахт гирифтаанд, ки аз ағбаи Ракиф ва Оббурда пой берун ниҳодан ҳеҷ мумкин нест...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 180. Пой гирифтан

бо по хестан, сиҳат шудан; қувват гирифтан.

Ман ба давою ғизои соҳибхона ва зани ҳамсоя, ки шири шутур ба ман оварда мехуронд, дар байни чанд рузи дигар пой гирифта ба куча мебаромадаги шудам.

*Ҳ. Ирфон «Ду ёр аз ду диёр»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 181. Аз пои касе гирифтан

аз касе домангир шудан; касеро айбдор намудан.

Агар худо накарда пурсуҷую кофтуков кунанду фаҳманд, ки ту ба шутури ман савор шуда омадаӣ, аз пои ман ҳам гирифта метавонанд.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

### 182. Пой дар ҳаво

бемаънӣ, беробита, бемантиқ; сафсата.

1. Гоҳо монанди касе, ки дар хобаш сиёҳӣ пахш карда бошад, суханони пой дар ҳаво гуфта фарьёд мекунад.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Бо овози баланд ҳар гуна ғазалҳои по дар ҳаворо хонда мегашт...

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 183. Пой дар рикоби аспи чаҳл ниҳодан

ба хашм омадан, ғазабнок шудан, оташин шудан.

Абдунабӣ, ки пой дар рикоби аспи чаҳл ниҳода буд, на ба касе гӯш мекард ва на сухани касеро мешунавид.

*«Маориф ва маданият»*

### 184. Пой дар узангу будан

соҳиби мансаб будан.

Дам ғанимат. Ҳоло ки пой дар узангу аст, аз шуҳрати раиси колхози пешқадам истифода бурдан. каме давр рондан даркор.

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

### 185. Аз по даровардан

1. касеро афтондан, зада ғалтондан, 2. ба ҳалокат расондан.

1. Бо даступохои занҷирбандаш онҳоро мезад, як-ду нафарашонро аз по даровард.

*Ҷ. Икромӣ «Тори анкабут»*

2. Хоҷа ва одамонаш бераҳмона ба сару рӯи мо зада, аз по даровcovered and Акамирзоро бурданд.

*Ҷ. Икромӣ «Тори анкабут»*

### 186. Пой дароз кардан

1. истироҳат, кардан, 2. мурдан.

1. Ёфтем, ёфтем ҷои худ,
Дароз кунем пои худ.

*С. Ҷавҳаризода «Гулшани афрӯхта»*

2. Нафаси бемор се бор ба дарунаш афтода, қариб буд, ки по дароз кунад.

*«Хорпуштак»*

### 187. Аз пою домани касе гирифтан

*Ниг.* Аз домани касе гирифтан.

— Номард набошӣ, ба ту орден гирифта диҳам, номатро машҳур кунаму имруз аз пою домани ман мегирӣ.

*А. Сидқӣ «Иродаи зан»*
*(«Занони Тоҷикистон»)*

### 188. Пои дуруғ кутоҳ аст

гапи дуруғ ба зудӣ фош ва ошкор мешавад.

Имруз бошад, ба алами захми ба баданашон задашуда тоқат карда натавониста, маҷбуранд, ки дар хусуси самолётҳои якчанд бор «маҳвкардаашон» боз як бори дигар лаққанд. Пои дуруғ кутоҳ аст. Ин гапи ҳаққонист.

Шоҳинҳои дурпарвози советӣ ба сари «Олинажодони» Кенсберг, Данциг ва Берлин тухми аҷалро борҳо чун сели оҳанин пошиданд.

*С. Ғанӣ «Табассум»*

### 189. Аз пой ва забон мондан

дар натиҷаи шиддати бемориӣ аз ҷо хеста натавонистан ва гап зада натавонистан, дар дами марг будан.

Додарам якбора бемор шуда аз пой ва забон монд...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 190. Ба пои касе задан

ба кори касе зарба додан, ба кори касе халал расондан.

Ин Насрулло-қушбегии хонасухта ба пои Имомқул зад ва ба консулхонаи подшоҳи рус пораву ришва дода уро ба воситаи онҳо аз дарбори амир пеш кунонд.

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

### 191. Пой зер кардан

истодагарӣ кардан, муқобилият нишон додан.

Ҳоҷиҳанифа маро рухсат додани набуд, аммо баъд аз дидани Сулаймонбек ва исрори вай дигар пой зер накард.

*Ҳ. Ирфон «Ду ёр аз ду диёр»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 192. Пои касе канда набудан

1. омаду рафт доштан, 2. серодам будан.

Имруз аз пагоҳӣ то бегоҳ аз ҳавлии эшон пои одам канда набуд.

*А. Деҳотӣ «Паёмҳои дустӣ»*

### 193. Аз ҷое пой канда шудан

1. тамом шудани омаду рафти одамон, бе одам мондан, 2. ҷоеро тарк кадани касе.

1. Шаб торик шуда аз кучаҳо пои мардум канда шуд...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Дар паси дар мунтазир шуда истодам, ки пои одамон аз куча канда шавад, боз бароям, аммо нашуд.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. II*

3. Бинобар ин аз ин ҷо то бевақтии шаб пои одам канда намешуд.

*М. Юсуфов «Айби ман»*
*(«Истеъдодҳои ҷавонон»)*

### 194. Пой кашидан

барои рафтан ба ҷое, пайдо шудани майлу рағбат.

1. — Бубахшед, ба Қофурун меоед ё не?
— Агар поям кашад, шояд равам.

*Ғ. Абдулло ва Ш. Қиёмов «Туфон»*

2. Ба хонаи хешовандон поям намекашад...

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

3. Бо забонам гуфта бошам ҳам, лекин ҳеч поям накашида истодааст.

*Ф. Ниёзӣ «Духтари ҳамсоя»*

4. Ман аз боғи Григорьевбой баромада, ба манзили Мулло Раҳмат рафтанӣ шуда, якчанд сад қадам пеш рафтам. Аммо поям ҳеҷ намекашид. Зеро ман ба муқобили ақидаи худ мерафтам.

*Т. Усмон «Муборакқадам»*
*(«Тоҷикистони советӣ»)*

### 195. Дар чизе пои касе лангидан

дар коре худдорӣ, оҷизӣ кардан.

— То ҳол, дар роҳи куштани камбағалон, бо зану бачагонашон пои мо ҳеҷ налангидааст.

*С. Айнӣ «Ятим»*

### 196. Пой латта барин шудан

пои касе беқуввату бедармон шудан, қуввати роҳгардӣ надоштан.

Гулрӯ аз ақиби он нигоҳ мекарду мефаҳмид, ки чӣ гуна қуввате ӯро ба паси онҳо тела медиҳад, аммо пояш латта барин шуда буд.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. I*

### 197. Пой мемондагӣ ҷой надоштан

ҷои рафтанӣ надоштан.

— Ин бача на дар ин ҷо ва на дар Кӯлоб пой мемондагӣ ҷой надорад.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 198. Пойро монда бо сар давидан

1. тез, саросема давидан, 2. бо ҷону дил ба ҷое рафтан.

Агар вай аз паси кори худ бошад, пояшро монда бо сараш медавид, вале ба иҷрои вазифаҳои умумӣ хоҳаму нохоҳам қадам мепартояд.

*«Хорпуштак»*

### 199. По мондан

1. роҳ гаштан, рафтан, 2. омадан.

1. — У Собир, чаққонтар по мон, роҳ гаштанат кукнориҳо барин-а!

*Ҷ. Икромӣ «Дохунда» («Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

2. Ту ки по мондаӣ ба даргаҳи шоҳ,
Пешкаш бод бар ту ин даргоҳ.

*М. Турсунзода «Асарҳои мунтахаб»*

### 200. Аз по мондан

хаста шудан, монда шудан, тоби роҳгардӣ надоштан; бемадору фартут шудан.

1. Аспхое, ки се моҳ боз руи сериро надида аз пой мондаанд, барои аз лой кашида баровардани саворони худ кор намеоянд...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Дар чунин мавридҳо гумон мекард, ки ин кас як марди пири фартути аз по монда мебошад.

*К. Носиров «Орият»*

### 201. Пои мурғ чандта?

огоҳӣ ба сахт нигоҳ доштани сирре.

— Пои мурғ чандта?— гуфтам.

— Пои мурғ якта,— гуён онҳо баромада рафтанд.

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

### 202. Пои мурғ якта

ваъдаи қатъӣ ба нигох доштани сирре, ваъда ба устувор истодан дар қавли худ.

— Хайр, майлат, ука,— гуфт,— лекин «пои мурғ якта», ин сирро аз даҳонат набарор, ҳатто ба занат нагуй.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 203. По накашида мурдан

дарҳол, фавран мурдан.

Ба кулмаку чоҳҳои дашту биёбон захр мепошам, ки молу ҳолашон по накашида муранд.

*Р. Ҷалил «Субҳи саҳро»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 204. Пои касе остонаи дари ҷоеро надидан

ҳаргиз ба ҷое нарафтан, имконияти рафтан ба ҷое надоштан.

Агар ман дар шаҳр бошам, пои ту остонаи дари мактабро намебинад.

*Қ. Наимӣ «Ман бо шумо»*

### 205. Қасеро ба пои касе печондан

касеро бо касе часпондан; касеро ҳамдасти ҷинояти касе кардан.

Шояд роҳ додани он муйсафед барои он бошад, ки роҳе ёфта уро ҳам ба пои Ҳоҷӣ-Махдум печонад, то ки аз вай ҳам бо дилхоҳи худ никор гирад.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

### 206. Пою поча намондан

хаста, монда, нотавон шудан.

Агар меҳмон омада монад-ку, тамом ба Истад пою поча намемонад.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 207. Ба по рост кардан

устувор намудан, мустаҳкам кардан, тараққӣ додан,

Лекин бо як худи ҳамин колхозро ба по рост кардан мумкин аст.

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

### 208. Ба по рост шудан

устувор гардидан, мустаҳкам шудан; қад рост кардан.

Бо ҳамин сабабҳо ҳар ду колхоз як се сол ба по рост шуда натавонистанд.

*С. Улуғзода «Навобод»*

### 209. Ба по сохтан

барпо кардан.

Ба хурсандӣ ҳама ҳал шуд,
Ба по созем туи худ.

*М. Турсунзода «Асарҳои мунтахаб»*

### 210. Пои сухта давидан

тез, бо тамоми кувват давидан, шитобон давидан.

Ёдгор, ки ҳашамат ва дабдабаи қозию раисро ҳангоми дар обхона будани худ дида, хунрезии бераҳмона

ва бедодгарии ваҳшиёнаи онҳоро аз бандиёни инқило-
бӣ шунида буд, бисьёр мехост, ки рузи гирифтории он-
ҳоро ҳам ба чашми интиқом ва ибрат бинад: бинобар
ин пои сухта пештар давид.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

## 211. Ба пои касе теша задан

ба касе бадӣ кардан, ба сари касе балое овардан;
таги пои касеро кофтан, ба кори касе зарба ва рахна
задан.

1. — Медонед, Улфатов, ман ба дасти шумо ин қа-
дар ҳуқуқу ихтиёрро на барои он дода будам, ки охир
ба пои ман теша занед.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

2. Акнун ман фикр мекунам, ки ҳамин тавр дустии
ҳақиқии моро дида баъд аз ин душманон боз шур ме-
гиранд, онҳо ҳар як ҳаракати моро таъқиб карда ба
поямон теша задан мехоҳанд.

*Ҷ. Икромӣ «Тирмор»*

## 212. Пои фақир ланг нест, мулки худо танг нест

ҷои мерафтагӣ бисьёр аст.

— Ман бояд аз Хуросон берун равам, ғайр аз ин
чораи дигаре надорам. Ҷудоии хешу табор ва фироқи
ёру дустоне, ки дар Хуросон дорам, ба ман осон аст.
Аммо аз ту дил канда наметавонам ва ба муфорақати
(ҷудоӣ — *М. Ф.*) ту тоқат надорам. Гирьяву дилшикас-
тагии ман аз ин аст. Вагарна «пои фақир ланг нест, мул-
ки худо танг нест».

*С. Айнӣ «Восифӣ ва хулосаи»*
*«Бадоеъ-ул-вақоеъ»*

## 213. Ба по хезондан

барангезондан.

Даъвати пешвои бузурги халқҳо Владимир Ильич
Ленин меҳнаткашони Осиёи Миёнаро ҳам ба по хезонд.

*«Тоҷикистони советӣ»*

## 214. Ба по хестан (бархестан)

1. ба роҳ даромадан, 2. сиҳат шудан, 3. барои ёрдам, мудофиаи касе ё чизе тайёр, омода шудан, барои мубориза, мудофиа қиём кардан.

1. Қариб пас аз як моҳ бемор сиҳат шуда ба по хест.

*Ф. Ниёзӣ «Духтари ҳамсоя»*

2. Тамоми музофоти Балчувон ба по хеста буд.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

3. Ҳамаи ёру дӯстони ӯ ба по хестанд.

*«Тоҷикистони советӣ»*

4. Бар зидди душмани ваҳшигардида ба по бархостааст.

*Ғ. Мирзо «Сафари диёри дӯстон»*

## 215. Ба (дар) пои касе хор халидан (задан)

ба касе осебе расидан, нохушие руй додан.

1. Ҳамон вакт ӯро ба ҷавобгарӣ кашиданӣ шуданд. Вале меҳри ҷӯшони модарӣ зӯрӣ кард, ӯ нахост, ки ба пои фарзандаш хоре халад.

*«Тоҷикистони советӣ»*

2. Чашмони мураббиҳо ҳам ҳамеша ба суи мост, ки дар пои мо хор назанад.

*Ғ. Мирзо «Дар поёноби дарьёи Қаротоғ» («Шарқи сурх»)*

3. — Аз ман хотирҷамъ бош!— мегуфт вай,— ман дар ҷои бехатар ҳастам. Ана ин рафиқони шермарди ман имкон намедиҳанд, ки ба пои ман хасе халад.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

4. Вале моро як чиз ба ташвиш меандозад. Ин ҳам бошад, ревизияҳои бамавриду бемаврид. Агар мо дар район як одами худӣ медоштем, дар пои ягонтаамон ҳам хор намезад.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 216. Пои худро аз ҷое буридан

*Ниг.* Пои худро аз ҷое кандан.

Як бор пои худро аз сари он заминҳо буриданаш даркор аст...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 217. Пои худро аз ҷое кандан

ба ҷое дигарбора нарафтан, аз ҷое рафту омади худро қатъ кардан; алоқаи худро буридан.

1. Бе он ки сабабашро ба мо маълум кунад, вай якбора аз мактаб пояшро канд.

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

2. Азбаски Иброҳим ба ӯ ёрмандии моддӣ мекард, пояшро аз хонаи ӯ намеканд...

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III*

3. Боз ту ба вай фаҳмон, ки аз пагоҳ сар карда Калоншоҳ орзуи зани ҷавонро фаромӯш карда, аз хонаи арӯси вай пояшро канад.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

### 218. Пои худро аз ҷое кашидан

*Ниг.* Пои худро аз ҷое кандан.

Соро пои худро аз ҳавлии бой ба сурати қатъӣ кашида бошад ҳам, бой ҳанӯз умеди худро аз вай накандагӣ буд...

*С. Айнӣ «Ятим»*

### 219. Бо пои худ ба даст афтидан

худро дастгир кардан.

Руйрост ҳам ба миршаб рӯ ба рӯ шуда наметавонистем, зеро дар он сурат онҳо моро мешинохтанд ва медонистанд, ки мо дузд нестем ва бо пои худ ба даст меафтодем.

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

### 220. Пои худро ба даст гирифта рафтан

тез, давон ба чое рафтан.

Ман ба назди муаллим, агар бо иборои халқӣ гӯем, поямро ба дастам гирифта рафтам, зеро аз дидани он кас дилам равшан мешавад.

*«Газетаи муаллимон»*

### 221. Пои худро ба замин сахт мондан

1. дар коре ё фикре исрор, истодагарӣ кардан, 2. ба чизе розӣ нашудан, чизеро қабул накардан, рад кардан.

Аммо, бар хилофи чашмдошти вай, на дуғ таъсир карду на таваллою насиҳат. Латофат пояшро ба замин сахтакак монда буд.

*Ҳ. Содиқ «Пушаймонӣ суд надорад»*
*(«Қаламҳои пурумед»)*

### 222. Пои худро беҷо мондан

кори зишт, ношоиста кардан, ба роҳи бад даромадан; фикр, андеша накарда кореро кардан, бемулоҳиза рафтор кардан.

Эҳтиёт карда обамонро пуф карда хӯрданамон даркор аст, агар поямонро беҷо монем, боғдороне, ки меҳнат мекунанд, лингамонро аз осмон мебиёранд.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 223. Пои худро дароз кардан

*Ниг.* Пой дароз кардан.

Ёфтем, ёфтем ҷои худ,
Дароз кунем пои худ.

*С. Ҷавҳаризода «Гулшани афрӯхта»*

### 224. Пои худро даниста (дида) мондан

кореро фикр, андеша намуда кардан, кори худро дониста, бомулоҳиза, ҳушьёрона ба ҷо овардан; эҳтиёткорона рафтор кардан.

Онҳо огоҳ кунонида шуданд, ки агар пои худро дониста намонанд, дар ҳаққи онҳо чораи сахт дида мешавад.

*«Хорпуштак»*

## 225. Ба пои худ омадан

1. бе даъват, бехабар омадан (мас. ба меҳмонӣ),
2. бе меҳнат, муфт ба даст омадани чизе.

1. Лекин шумо ба пои худ омада, сарамро ба осмон расондед, раҳмат.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

2. Агар мову шумо зиндаву саломат бошем, зан худаш ба пои худ омадан мегирад...

*«Барои адабиёти социалистӣ»*

3. Баногоҳ аз ким-куҷо ба ибораи худаш «як одами худоҷӯй» пайдо шуду боз даста-даста червонҳо ба пои худ омадан гирифтанд.

*Ф. Муҳаммадиев «Тири хокхурда»*

## 226. Пои худро сахт мондан

*Ниг.* Пои худро ба замин сахт мондан.

— Мардум пои худро сахт монда истода мардикор намедиҳем гуяд, чӣ кор карда метавонанд?

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. I*

## 227. Ба пои худ теша задан

*Ниг.* Тешаро ба пои худ задан.

— Аз ту айб не-мӣ, ки худат ба пои худат теша мезанӣ,— гуфт хола камтар аз асаб фаромада.— Ҳамин тавр шавҳари нағз, олиҷанобро аз ҳуд меранҷонӣ, қадрашро намедонӣ.

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

## 228. Пои худро шумурда мондан

*Ниг.* Пои худро дониста мондан.

Акнун онҳо пас аз он воқеа пои худро шумурда мемонданд.

## 229. Ба пои худ шудан

бо роҳи худаш шудан.

Агар ба шумоён инъом карданӣ шавам, вай дар вақти худаш ба пои худаш мешавад...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 230. Ба пои касе часпидан

1. ба касе зид шудан, бар зидди касе мубориза бурдан, 2. ба касе айбгирӣ кардан.

1. Рафта-рафта ба пои шумо ҳам начаспад гуфта метарсам.

*Ҷ. Икромӣ «Дохунда» («Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

2. Онҳо чандин солҳо ба пои Алиев часпида гирифта исбот карданӣ мешаванд, ки вай Алиев зоти гусфанди ҳисориро вайрон мекунад.

*Ҷ. Икромӣ ва А. Одинцов «Аҷоиботи сафар» («Шарқи сурх»)*

### 231. Ба по шудан

1. хестан, рост шудан, аз ҷо хестан, 2. ба коре тайёр шудан.

Ҳозир ҳама ба по шавед.

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

### 232. Бо пою қадами касе

бо шарофати касе, ба муносибати ташрифи касе.

— Ин бо пою қадами шумо, меҳмони азиз.

*«Хорпуштак»*

### 233. Пою қадами касе ба ҷое расидан

ба ҷое рафтан.

Бале, пою қадами Мухтор ба ҳар куҷо ки расид, осори бади худро мегузошт ва ин осор ба зудӣ нест намешуд.

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

### 234. Пою қадами худро аз ҷое кандан

*Ниг.* Пои худро аз ҷое кандан.

Ман кайҳо пою қадами худро аз он ҷо канда будам.

### 235. Пою қадами худро ба ҷое гузоштан

ба ҷое дохил шудан, рафтан, ба ҷое пой мондан.

— Аз ҳамин рӯз сар карда писари ман пою қадамашро ба дукони ифлоси ту намегузорад.

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

### 236. Бо пою қадам шудан

бо шарофат, ба хосият шудан.

1. — Илоҳӣ бо пою қадам шав...

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

2. — Ҳамаи ин воқеаҳо баъд аз таваллуд ёфтани Гулнора рӯй доданд. Ба гуфти падараш, ин духтар бепою қадам шуд...

*Ф. Ниёзӣ «Духтари ҳамсоя»*

### 237. Пои ғоз (қоз) чандто?

*Ниг.* Пои мурғ чандта?

— Пои қоз чандто?

— Якто!

*У. Умаров «Кӣ айбдор?» («Пьесаҳои якпардагӣ»)*

### 238. Ба пой ҷон даромадан

ба қувват даромадан, мадор гирифтан (ёфтан).

Тез-тез қадам мон, ки пеш аз хӯрдани нон ба поҳоям ҷон даромад.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

## ПОБАНД

### 239. Побанд гардидан (шудан)

ба касе дилбастагӣ доштан, ба касе вобаста будан.

1. Мунаққид мебоист маҳз ба муайян кардани бартари ва камбудии повести «Тобистон» бештар диққат медод ва побанди фикрҳои дигар рафиқон намегардид.

*М. Муллоҷонов «Танқиди адабӣ ва тарбияи нависандагони ҷавон» («Шарқи сурх»)*

2. Фактҳоеро медонам, ки ҷавонон... побанди урфу одатҳои кӯҳна мешаванд.

*Р. Ҷалил «Дар роҳи иҷрои вазифаҳои муқаддас» («Шарқи сурх»)*

### 240. Побанд кардан (намудан)

*Ниг.* Пои касеро банд кардан.

1. — Ҳусейнҷон, ману хешовандонат бе иҷозати ту духтари Баротбой — Дилбарро ба ту побанд карда мондем.

*Р. Ҳайдар «Ду дилдода» («Шарқи сурх»)*

2. Маро ту мафтун ва маҷнун кардӣ! Ҳусну ҷамол, қадду қомат ва ақлу фаросати ту маро побанд намуданд.

*«Тоҷикистони советӣ»*

**ПОБАСТА**

### 241. Побаста шудан

*Ниг.* Побанди касе, чизе гардидан.

Ҳоло ман ба Ҳайдарова ном як муаллимаи ҳаминҷой побаста шудаам, ки дар рӯзҳои наздик шарики ҳаёти ман хоҳад шуд.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

**ПОЙДОР**

### 242. Пойдор будан

устувор будан, чизе барқарор, собит будан.

— Умед ҳаст, ки агар сулҳу амонӣ пойдор бошад, ин эҳтиёҷи мо ҳам зуд барҳам мехурад.

*Ф. Ниёзӣ «Дар сарчашмаи Шарқи бедор» («Шарқи сурх»)*

### 243. Пойдор намудан (кардан)

чизеро барқарор, мустаҳкам намудан.

Зафари соли гузаштаатонро пойдор намоед, аз зафар ба сӯи зафар равед!

*Ҷ. Икромӣ «Муҳаббат»*

**ПОЙМОЛ**

### 244. Поймол (помол) кардан

вайрон, хароб кардан, таги по кардан.

1. Босмачиёни ғоратгар моро буғӣ карданӣ шуданд, хоки муқаддаси ватанамонро поймол карданӣ шуданд...

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

2. Шарафи инсонии вайро бераҳмона поймол мекарданд.

*«Тоҷикистони советӣ»*

3. Номус ва обруи бечорагонро ҳам помол мекунад...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

**ПОЙМОНӢ**

### 245. Поймонии каси дигар шудан

рафтор, ахлоқи касе тағьир ёфтан, бад шудан.

1. Ин касалии ту ба дигарон ҳам сироят кардааст, Ана, поймонии Бердӣ ҳам дигар шудааст, аз ту «ибрат» гирифтааст. Мо лаҷоми уро кашида мемонем.

*«Тоҷикистони советӣ»*

2. Аммо пас аз ба дуньё омадани фарзанд помонӣ ва авзои Ҳабибуллохон якбора дигар шуд.

*«Хорпуштак»*

3. — Ба чоли ҳафтафаҳм сад бор гуфтам, ки помонии духтаратон дигар шудааст, сарашро соҳибдор карда монед, баъд ба Дилварзин-мӣ, ба ҷаҳаннам-мӣ равад, ихтиёраш.

*М. Сайфиддинов «Ҳусни оламоро»*
*(«Шарқи сурх»)*

**ПОДА**

### 246. Аз пода омадан

аз чизе бехабар будан; соддалавҳ, нодон будан.

— Рафиқ Давронов, мо ҳам аз пода наомадем, дар муддати панҷ сол дар институт дарс хондем, илм омухтем.

*А. Сидқӣ «Иродаи зан»*
*(«Занони Тоҷикистон»)*

### 247. Аз пода пеш чанг бардоштам (хезондан, баровардан)

пеш аз иҷрои коре онро овоза кардан, гапи кори нокардаро ба миён андохтан, таърифу тавсиф намудан.

1. «Аз пода пеш чанг бардоштан чӣ лозим?» — карор дод ӯ.

*Ф. Муҳаммадиев «Тири хокхурда»*

2. «Ҳоло маълум нест, ки духтараки холабеғам он одамро ба ёд меоварад ё не ва агар ба хотир орад ҳам, аниқ нест, ки маълумоти ӯ чӣ гуна хоҳад буд. Аз пода пеш чанг бардоштан чӣ лозим?»

*Ф. Муҳаммадиев «Тири хоккурда»*

3. Ҳоло чизе нагуй... Аз пода пеш чанг хезонда, ӯро хафа кардан чӣ лозим.

*Ш. Қиёмов «Хоҳӣ нашавӣ расво, ҳамранги ҷамоат шав» («Пьесаҳои якпардагӣ»)*

4. — Аз пода пеш чанг нахезон ту!.. Ин ҷо гап дар бораи зиёдатиаш рафта истодааст, беақл!

*С. Улуғзода «Навобод»*

### 248. (Агар) дар пода як гусолаи дарунрав бошад, ҳамаи говонро меолонад

*Ниг.* Гусолаи ифлос подаро меолонад.

— Ман дуруст кардан хостам, аммо ӯ ба гап гуш надод, маҳмаддоноӣ кард, «агар дар пода як гусолаи дарунрав бошад, ҳамаи говонро меолонад» мегуфтанд, ки рост будааст. Ба касофати як вайронкор ҳам кори якрӯзаамон нобуд шуд, ҳам бадном шудем.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

## ПОДАБОН

### 249. Подабон бисьёр бошад, мол ҳаром мемурад

*Ниг.* Қайвонӣ бисьёр шуд, дегу табақ мурдор шуд.
— Майлаш, худамон ҳал мекунем.
— Агар подабон бисьёр бошад, мол ҳаром мемурад.

*Қ. Наимӣ ва Н. Кладо «Найрангҳои беҳуда»*

## ПОЁН

### 250. Поён ёфтан

*Ниг.* Ба поён расидан.

Маҷлис, ки қариб ду соат тӯл кашида буд, ниҳоят поён ёфт.

*«Маориф ва маданият»*

### 251. Ба поён расидан

ба охир расидан, тамом шудан, хотима ёфтан.

1. Имрӯз дарсро бо ҳамин ба поён мерасонид...

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. II*

2. Ҳар гоҳ ки ин роҳи дур ба поён расад, вай Шодигулро хоҳад дид.

*С. Улуғзода «Навобод»*

### 252. Поёни шаби сиёҳ сафед аст

пас аз азобу уқубат ҳатман роҳат меояд, пас аз ғаму ғусса хурсандӣ хоҳад шуд.

«Поёни шаби сиёҳ сафед аст» гуфтаанд. Ин ҳама ташвишҳои Тоҳир беҳуда нарафтанд. Дар давоми таҳсил рафта-рафта дар ҳақиқат ҳам дили Мисқолбибӣ нармтар ва нигоҳҳояш ба ӯ гармтар шуданд.

*А. Баҳорӣ «Одамони шинос»*

**ПОЙГАҲ**

### 253. Пойгаҳро холӣ ёфтан

ҷоеро хилват ёфтан, барои иҷрои амале фароҳам омадани шароит мувофиқ.

Пойгаҳро холӣ ёфта, дар ҳолате ки зану бачаҳо дошт, ин беҳаё ба ин духтарак изҳори муҳаббат кард.

*«Хорпуштак»*

**ПОНЗДАҲ**

### 254. Понздаҳи моҳ торик бошад, понздаҳи дигараш рӯшноист (равшан аст)

дар паси ҳар хафагӣ — хурсандие, ҳар азоб — роҳате ҳаст.

1. — Лекин инро фаромӯш накардан даркор аст, ки як одами давлатманд абадӣ бодавлат шуда намемонад, «понздаҳи моҳ торик бошад, понздаҳи дигараш рӯшноист» гуфтаанд. Ин одам, ки имрӯз ба накбат дучор шудааст, аҷаб нест, ки фардо кораш дуруст шуда, боз савдогари пуст болои Масков ва макриёчӣ шавад.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Понздаҳи моҳ торик бошад, понздаҳи дигараш равшан аст.

Шифо ёфта, пештара барин хушу хурсанд мешавӣ...

*Қ. Наимӣ «Рузи равшан»*

**ПОС**

## 255. Поси намак

сипос ва шукронаи некӣ, нону намак.

Ман ҳаргиз поси намаки он касро фаромӯш нахоҳам кард.

## 256. Поси хотири касеро доштан

1. касеро эҳтиром кардан, 2. нисбат ба касе ғамхорӣ намудан.

— Мардум нағз медонад, ки ман ҳамеша ҳурмати модарии шуморо ба ҷо меорам, шуморо аз дилу ҷон дӯст медорам ва поси хотиратонро медорам.

*Ҷ. Икромӣ ва Е. Мительман «Гуноҳи кӣ?»*

2. Ана, бинед, ки чӣ тавр вай поси хотири дигаронро медорад: ҳатто хӯрокашро осуда нишаста нахӯрд, ниму нимкола фурӯ бурду баромад...

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

## 257. Поси хотир кардан

ба назар гирифтан; касеро эҳтиром намудан.

Гӯё то ин дам улфатҳо меҳмон будани моро поси хотир карда, нафаси худро ба дарун гирифта, забон хонда истода будаанд.

*Б. Азизӣ «Кӣ полвон?» («Шарқи сурх»)*

**ПОФИШОРӢ**

## 258. Пофишорӣ кардан

1. исрор, истодагарӣ кардан, 2. гарданшахӣ кардан.

Вай ҳам бисьёр пофишорӣ накарда, танбӯрро гирифт.

*Т. Усмон «Кашфи асрор»*

## ПОЧА

### 259. Поча дароз кардан

*Ниг.* По дароз кардан.

Ба чои шумо каси дигар мешуд, кайҳо поча дароз мекард.

*Ҷ. Икромӣ «Ситора» («Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

## ПУЛ

### 260. Пули бедардимиён

пули гайримеҳнатӣ, пули муфт.

Ба ҳамин тариқ у ҳар руз аз фурухтани намак садҳо сум пули бедардимиён ба даст оварда, кисаи худро пур мекунад, вале ин корро касе тафтиш наменамояд.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 261. Пул бошад, дар чангал шурбо

пул ҳамаи масъалаҳои мушкилро ҳал менамояд, бо пул ҳама чизро дар ҳама ҷо фароҳам овардан мумкин аст.

1. Ба вай духтар қаҳат нест, пул ки дорад, кист ки духтарашро ба вай надиҳад? «Пул бошад, дар чангал шурбо» гуфтаанд.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Тоҷикон як масали хуб доранд: «агар пул бошад, дар чангал шурбо» мегуянд. Дар он вақт ҳукуматдорони ин ҷо ихтиёр ва имтиёзи хазинаҳои ниҳонии мамлакатро бо қувваи коргариаш ба дасти давлатҳои пулдор супурда ба бадалаш хазина-хазина тиллоҳои нақд гирифта ба хушӣ ҳукмронӣ хоҳанд кард.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

3. — Мумкин масъалаи ЗАГС шуморо тарсонад. Аз ин тарафаш гам нахуред. «Пул бошад, дар чангал шурбо».

*«Маориф ва маданият»*

### 262. Пул газондан

1. пул инъом кардан, ба зери тоқии раққос дар вакти рақсидани он пул ҷо кардан, 2. пора додан.

Агар касе пул газонад, овозаш (ашулачӣ — *М. Ф.*) баланд мешуду пул нагазонад, хиррос мезад.

*«Хорпуштак»*

### 263. Пули гӯсоларо дода, говро бурдан

пули кам дода чизи қиматро гирифтан; дар ҳисоби пул касеро фиреб карда, моли ӯро гирифтан.

Як рӯз тобеони соддалавҳам ба шифоньери 779-сӯмӣ 288 сӯм нарх карда ба хонаам бурда мондаанд. Рӯи мол ширинӣ карда, нахостам, ки онро пас гардонам...

— Пули гӯсоларо дода, говро бурдам гӯед.

*«Хорпуштак»*

### 264. Пул дода дарди сар харидан

некӣ карда ба бадӣ мондан, кореро карда гирифтори ташвиш шудан.

— Пул додаму дарди сар харидам, гуфтагӣ барин, ту ҳам ҳоло ягон пишакбачаро аз мундӣ набароварда, имрӯз бе мулоҳиза ваъдаҳо дода, ба худат дарди сари зиёдатӣ харидӣ.

*«Маориф ва маданият»*

### 265. Чизеро пул кардан

чизеро фурӯхтан.

1. Ҳар сол падарам сабад-сабад ангур, анҷир, анор ва дигар хел меваҳоро ба бозорҳо фиристода пул мекард...

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

2. Шокирҷонака 17 тонна себро ба анбори колхоз даромад накунонда, пул карда гирифт.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 266. Чизеро пул кунонидан

чизеро ба фурӯш расонидан, фурӯхтан, фурӯхта пули нақд ба даст овардан.

Писари «якрави» Иззатбибӣ ба норозигии ӯ нигоҳ накарда ҳарро пул кунонд.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

### 267. Пули чизе касеро маст кардан

аз серпулӣ худро гум кардан, аз серпулӣ мағрур, ҳавобаланд шудан.

1. Аммо пулҳои бедардимиён ёфтан падару писарро маст кард.

*Р. Ҷалил «Хиҷолат»*
*«Хорпуштак»*

2. — Ҳамин қадар таранг шуда баромадааст, ки... пул мӯл-дия, пули савдогарӣ маст кардааст.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 268. Пул пулро меёбад

пул дар тиҷорат ва муомила зиёд мешавад, пулро ба кор андозӣ, фоида медиҳад, зиёд мешавад.

Пул пулро меёбад, мегӯянд. Вайро кор фармуда тавонистан лозим.

*«Хорпуштак»*

### 269. Пули пуч кардан (касеро)

касеро беобрӯ, шарманда, расво, беқадр кардан.

Далеле ки ҳозир мебиёрем, «ҳақ» будани шуморо ду пули пуч карда мемонад.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 270. Ба пули касе пучак баромадан

пули худро сарф накардан, хасисӣ кардан.

Магар ба пулашон пучак баромадааст, ки барои худ дег намехаранд.

### 271. Ба... пули пучак нагирифтан

қадр надоштан, беэътибор будан.

Ана ин дафъа ҳам гапи шумо маъқул шуду гапи моро ҳеҷ кас ба се пули пучак нагирифт.

*А. Сидқӣ «Иродаи зан»*
*(«Занони Тоҷикистон»)*

### 272. Пул хӯрондан

1. ба касе пул сарф кардан, 2. ба касе пора додан.

— Ҳама одамҳои даркорӣ... Ҳа! Ба як нафари инҳо ман камтар пул ҳам хӯрондагӣ, камтарак... як ҳашт ҳазор барин.

*Ҷ. Икромӣ «Ситора» («Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

### 273. Ба (як, ду, се...) пул ҳам наарзидан

ҳеҷ қадру қимат надоштан, беаҳамият будан.

Ин мақолаи шумо, рости гап, ба як пул ҳам намеарзад.

### 274. Ба (як, ду...) пул ҳам кор намеояд

ба ҳеҷ чиз намеарзад, ҳеҷ қимат, аҳамият надорад; бекора, бефоида.

Лекин, ба ин заминчаҳои мо (трактор — *М. Ф.*) ба ду пул ҳам кор намеомадааст.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

**ПУЛДОР**

### 275. Ба пулдор (пулнок) кабобу ба бепул дуди кабоб

1. шиками пулдор ҳамеша серу шиками бепул ҳамеша гурусна, 2. камбағал (бепул) ҳар вақт муҳтоҷ аст.

1. Хӯрокӣ муҳайё зи ҳар гуна ош
Палав бо чалов ҳар тараф чош-чош,
Ба пулдор рӯзӣ кабобу шароб,
Вале «бепулон хурда дуди кабоб».

*С. Айнӣ «Ашъори мунтахаб»*

2. — Магар ба мо ош намедиҳанд? — гуфт яке аз саисон.

— Калонон сер шаванд, мешавад, мо буғашро дидем бас,— гуфт як аробакаш,— «пулнок кабоб мехўрад, бепул дуди кабоб»,— гуфтаанд, ки бисьёр дуруст аст,— гуфт дигар.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

**ПУЛМАСТ**

### 276. Пулмаст шудан

аз серпулӣ худро гум кардан, аз серпулӣ рафторҳои ношоям кардан.

Ин ҷавони наврас монанди акою падараш пулмаст шуда, ба арақнушӣ сар кард.

*«Маориф ва маданият»*

**ПУЛЬЁБ**

### 277. Пульёбу чизьёб шудан

аз ўҳдаи ёфтани пулу чиз баромадан, меҳнат карда пулу чиз меёфтагӣ шудан.

Модарам ҳам акнун аз ман розӣ буд, «бачаякам пульёбу чизьёб шудааст» мегуфт...

*П. Толис «Тобистон»*

**ПУР**

### 278. Пури об

бемаънӣ будан, маза надоштан.

— Ҳозир китоби фалониро хонда тамом кардам. Дар рўи столам истодааст. Ғафс. Аммо пури об. Суюқ.

*Р. Ҷалил «Маҳбуби халқ»*
*(«Шарқи сурх»)*

**ПУРАШ**

### 279. Пураш рафту камаш монд

бисьёраш гузашту камаш монд.

Пураш рафту камаш монд (аз тюрьма — *М. Ф.*), омада мемонад.

*Р. Ҷалил «Шуроб»*

ПУФ

## 280. Ба пуф маътал будан

ба ишора, фармон маътал будан, интизори нишондод шудан.

Мардум ҳам аз ҷонашон сер шудагӣ, вай ба як пуф маътал аст, як ба кор андохта монед, шудааст.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. II*

ПУХТА

## 281. Пухта гуфтан

гапро оқилона, нағз гуфтан.

Халқ пухта мегӯяд: «ҷоҳкан ба зери ҷоҳ».

*М. Аминзода «Шеърҳо»*

## 282. Пухта кардан

1. фикру андеша намуда ба як қарор омадан, масъалаеро нағз мулоҳиза намудан, 2. чизеро аниқ ва равшан кардан, 3. касеро кордон, пурдон кардан.

1.— Гапро пухта карда монем...

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

2. Ҳозир ҳисобро пухта кардан даркор аст.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

3. Рафти ҳаррӯзаи кор одамро пухта мекунад.

*Р. Ҷалил «Гулрӯ»*

## 283. Чизеро пухта санҷидан

1. масъалаеро нағз фикру мулоҳиза кардан, масъаларо ҳартарафа фикр карда баромадан, 2. чизеро дуруст озмудан.

Масъалаи тараққии чорводориро пухта санҷидан лозим аст.

### 284. Пухта хуред

1. ихтиёр ба шумо, ҳар чӣ хохед кунед, 2. натарсед, ба шумо ҳодисае руй нахоҳад дод, ба шумо осебе нахоҳад расид, 3. шумо ба ҳеҷ кас лозим нестед.

1. — Хуб, мо меравем, раис, «Навобод»-ро ба шумо додем... пухта хуред!

*С. Улуғзода «Навобод»*

2.— Ҳеҷ кас шуморо пухта намехурад.

*Ҳ. Содиқ «Пушаймонӣ суд надорад»*
*(«Қаламҳои пурумед»)*

### 285. Пухта шудан

1. таҷрибадида, кордон, пурдон шудан, 2. обу тоб ёфтан.

1. Майор қарор дода буд, ки коркуни ҷавонро ҳамроҳи худ бигирад. Бигузор пухта шавад.

*Ф. Муҳаммадиев «Тири хокхурда»*

2. Дар он ҷо чӣ хел ҷанг карданро ёд гирифт, пухта шуд, аз душманон интиқом гирифт...

*Қ. Наимӣ «Рузи равшан»*

**ПУШАЙМОН**

### 286. Пушаймон хурдан

пушаймон шудан, афсус хурдан.

Сонитар пушаймон мехурӣ, бачем.

*«Занони Тоҷикистон»*

**ПУШТ**

### 287. Пушти касе ба замин нарасидан

дар гуштин мағлуб нашудан.

— Пушти падаратон ба замин расидагӣ не!

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

### 288. Пушти гуши худро мебинӣ

ҳаргиз, асло намебинӣ.

— Ту акнун машина не, пушти гуши худро мебинӣ.

## 289. Пушти ману табари қассоб

ба гап, илтимоси касе гӯш накардан, парвое накардан, аҳамияте надодан.

1.— Ман як духтари ба қад расида қати дар ҳамин ҳавлии вайронаю валангор хоб мекунаму ин мӯйсафед бепарво саланг-саланг дар кӯчаҳо мегардад,— гуфт вай дар фароварди манша, вақте ки хобаш меомад, хамъёза мекашид. Рустамамак бошад сарашро бо ҷомаи худ маҳкам печонда хоб мерафт. «Пушти ману табари қассоб, гӯши ману девори қиёмат» мегуфт ӯ.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. I*

2. Мо дар ин хусус борҳо ба ташкилотҳои дахлдор муроҷиат кардем, ки ёрӣ расонанд. Вале онҳо «пушти ману табари қассоб» гуфта мегарданд.

*«Тоҷикистони советӣ»*

3. Якрав. Гапнодаро! Рафту дилхостаашро кард. Шофер шуд. Чӣ илоҷ? Пушти ману табари қассоб гуфта шинам-мӣ? Модар ман охир.

*М. Хуҷаев «Домодшаванда»*
*(«Шарқи сурх»)*

## 290. Аз пушти чизе нон хӯрдан

*Ниг.* Аз паси чизе нон хурдан.

Як хел нимчамуллоҳо буданд, ки дар вақташ алифро таёқ гуфта хоки мадрасаро лесида баромада бошанд ҳам, дар ин давра аз пушти муллогиашон нон хӯрда наметавонистанд.

*А. Деҳотӣ «Паёмҳои дустӣ»*

## 291. Аз пушти касе офтоб надидан

1. касеро одами фавқулодда, ноёб ҳисоб кардан, 2. ба касе муҳтоҷ набудан.

— Шодигул! Ихтиёрат ба худат. Нахоҳӣ — даркор нест. Ман дар пушти Туроб офтоб надидаам...

*С. Улуғзода «Навобод»*

### 292. Ба пушти касе офтоб расидан

1. бақувват, тавоно шудан, 2. кори касе барор кардан.

Як рӯз дар меҳмонхона он кас ба дадот гуфтаанд, ки: «Писарам, ҳар вақт ту ба пеши ман дарой, ба пуштам офтоб мерасад».

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

### 293. Пушту паноҳ

мададгор, ҳомӣ.

1.— То омадани Пётр пушту паноҳи мо ҳамонҳо ҳастанд.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

2. Раис — пушту паноҳаш.

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

### 294. Пушту паноҳи касе будан

ҳимоягар, мудофиакунандаи касе будан.

Зан медонад, ки Қонуни советӣ пушту паноҳи ӯ мебошад.

*Қ. Наимӣ «Рӯзи равшан»*

### 295. Пушту паноҳи касе шудан

ба касе ҳомӣ, мудофиакунанда шудан.

Ҳозир оқсаққолбобом тараддуд карда гаштаанд, ки Фирӯзаро ёфта, пушту паноҳ шаванд...

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 296. Ба пушту пеши (паҳлу) гап нигоҳ карда гап задан (гуфтан)

фикр карда, бомулоҳиза гап задан, гапи худро донista задан; шароитро ба ҳисоб гирифта гап задан.

1. Аммо дар пеши вай ҳаромиҳо ба пушту пеши гап нигоҳ карда, бо мулоҳиза гап занӣ беҳтар аст.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

2. Баъди се-чор рӯз замин, боғу токзорҳоро бо ду дасти адаб бароварда ба чорьяккорҳояшон тақсим карда медиҳанду ту бошӣ ба пушту паҳлӯи гап нигоҳ накарда бойбобо мегӯӣ.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. II*

## 297. Ба пушти паҳлӯи гап рафтан

гапро ҳаматарафа санҷида, хуб мулоҳиза кардан.

Ту бошӣ ба пушту паҳлӯи гап нарафта, ба рӯи одам медавӣ.

*Р. Ҷалил «Ҳамида»*

## 298. Пушти по задан

касе, чизеро ба эътибор нагирифтан, рад кардан.

Расму оини моро пушти по задӣ! Ман аз ту ба қозии Самарқанд шикоят мекунам.

*С. Улуғзода «Қисмати шоир»*

## 299. Пушти сарам набинад

ҳаргиз набинам.

Ҳавлии ӯро дигар пушти сарам набинад!

*Р. Ҷалил «Фаранҷии охирин»*
*(«Шарқи сурх»)*

## 300. Чизеро ба пушти сар партофтан

чизеро фаромӯш кардан.

— Ту акнун, Муҳаммадсаид, аз гуноҳи акоят гузару хафагиро ба пушти сарат гирифта парто.

*Р. Ҷалил «Субҳи саҳро»*
*(«Шарқи сурх»)*

## 301. Аз пушти чизе рӯз гузаронидан

*Ниг.* Аз пушти чизе нон хӯрдан.

1. Аз пушти меҳнати ҳалоли худ рӯз мегузаронидаид...

*А. Деҳотӣ «Асарҳои мунтахаб»*

2. Ин хел одам... кунҷковӣ, иғвогарӣ карда мегардад, гоҳе аз пушти ҳамин кор рӯзашро ҳам мегузаронад.

*Қ. Наимӣ «Роҳи дуруст»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 302. Пушти худро ба душман намудан (нишон додан)

аз душман тарсида гурехтан.

Ба душман ҳар он кас, ки бинамуд пушт,
Зи олам хӯрад таъну лаъни дурушт.

*С. Ҷавҳаризода «Гулшани афрӯхта»*

### 303. Аз пушти (паси) шолӣ курмак об мехӯрад

аз паси (дар сояи) касе рӯз гузарондан, заҳмат накашида аз ҳосили меҳнати касе фоида бурдан.

1. — Мо намегузорем, ки аз пушти шолӣ курмак об хӯрад.

*«Хорпуштак»*

2. Ҳамин тавр «аз паси шолӣ курмак об хӯрдагӣ» барин онҳо хонаву айвон ва ҳатто саисхонаи худро аз чӯбу тахтаи бинои хукхона пол карда гирифтанд.

*«Тоҷикистони советӣ»*

**ПУШТБОН**

### 304. Пуштбони касе будан

*Ниг.* Пушту паноҳи касе будан.

Магар қозикалон намедонад, ки гургонаш ба аробакаш туҳмат карда истодаанд, медонист ва дида истода онҳоро ба ин даъво ҳақдор шумурд, чунки худаш пуштбони ин гургон буд.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. II*

**ПУЛАБОЙ**

### 305. Пулабой-шӯлабой

монанди ҳамин, ва ғайраҳо, аз қабили ҳамин, монанди ҳаминҳо.

— Туҳмат мезанем, ки аз даруни шаҳр истода ба босмачиҳои атроф ёрӣ медиҳад, пулабой-шӯлабой... ва ҳукми паррон баровардан мегирад.

*Ҷ. Икромӣ «Тори анкабут»*

**ПУК**

### 306. Пукки карда мондан

тасодуфан гаперо аз даҳон баровардан мондан, надониста сиррере ошкор кардан.

Агар худаш, ё ин ки ана ин «калла-кулӯла»-ҳоят пукки карда намонанд, хабардор намешавад.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

**ПӮСТ**

### 307. Пӯсти касеро аз чармгарӣ ёфтан (шинохтан)

касеро аз ҳар ҷо ки бошад, ёфта гирифтан.

1. Аммо вай ҳаминро фаромӯш кард, ки қонуни давлатӣ пӯсти ин навъ шахсҳоро аз чармгарӣ ҳам ёфта мегирад.

*«Хорпуштак»*

2. Ҳамин большевикҳо бошанд, пӯстатро аз чармгарӣ ҳам мешиносанд.

*Р. Ҷалил «Субҳи саҳро» («Шарқи сурх»)*

### 308. Пӯсти гӯсфанд пӯшида...

1. қиёфаи худро дигар карда... 2. худро одами бегуноҳ нишон дода...

1. Падараш аз муштзӯрони калон буда, налуги ҳукуматро надода ба кадом шаҳри номаълум гурехта, худаш бошад пӯсти гусфанд пӯшида ба курси тракторчиён даромада ба ин колхоз омадааст.

*«Барои адабиёти социалистӣ»*

2. Бояд мо ҳамин тавр пусти гусфанд пушида ба даруни рама даромадагонро ёфта, сирри онҳоро ошкор кунем.

*Ҳ. Обидӣ «Қаҳрамонҳои комсомол»*

### 309. Ба пусту гушти касе даромадан

ба боварии касе даромадан, касеро ба кор ё гапи худ бовар кунонидан.

Неъматбегимҷон бошад, ба пусту гушти раиси ҷамоа даромада, корашро — савдогариашро карда гаштааст...

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

### 310. Пусту каллаи гапро гуфтан

ҳеҷ чизро пинҳон накарда, ҳамаи гапи гузаштаро руйрост гуфтан, гапро хулоса карда гуфтан, кушоду равшан гуфтан.

Бинобар ин мо ба шумо буду шуд, пусту каллаи гапро мегуем.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

### 311. Пусти касеро канда гирифтан

*Ниг.* Ба пусти касе коҳ ҷой кардан.

Почо Масъуд ном касе як дукончаи ғамаке дошт, ки дар қатори намаку гугирди хас, усмаю ҳино бангу кукнор ҳам мефурухт ва ба қавли деҳқонон «пусти харидорро канда мегирифт».

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

### 312. Пусти касеро канда, коҳ ҷой кардан

*Ниг.* Ба пусти касе коҳ ҷой кардан.

— Ҳамин гапҳоятро тағои калонат шунаванд, пусти маҳмаддоноро канда, коҳ ҷой мекунанд,— гуфт бо таҳдид зан.

*Қ. Наимӣ «Рӯзи равшан»*

### 313. Касеро пуст кардан (кандан)

касеро ғорат, тороҷ, хонавайрон кардан.

1. Шумо маро пуст кардан мехоҳед, дигар гап не!

*Ҷ. Икромӣ «Духтари ноком»*

2. Аз деҳқонон ҳам салла ва ҳам каллаашонро гирифта онҳоро ба пӯст кардан даромадаанд.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. I*

3. Подшоҳро аз тахташ зада фуровардем гуфта курта-курта гӯшт гирифтему ҷои Ҳуҷаалиро Алиҳуҷа гирифт, боз пӯсти мо бечораҳоро меканд.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

## 314. Пӯст кандани касе

*Ниг.* Қасеро пӯст кандан.

Аммо эшонӣ ва дуохонӣ як пешаи бисьёр осуда аст, эшон ва дуохон ҳар чанд дар пӯст кандани мардум аз сипоҳ фарқ надорад, лекин ӯ ҷони касро бо пахта мегирад ва ба дасти ӯ гирифтор шудагон ҷон додани худро нафаҳмида мемонанд...

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. I*

## 315. Ба пӯсти касе коҳ тиққондан

*Ниг.* Ба пӯсти касе коҳ ҷой кардан.

Лекин ҳушьёр шаветон, ки боз мабодо аз ин маслиҳати мо дигарон бохабар нашаванд, ки ба пӯсти ҳамаамон коҳ метиққонанд, фаҳмидед?

*Р. Ҳайдаров «Шаҳид»*
*(«Истеъдодҳои ҷавонон»)*

## 316. Ба пӯсти касе коҳ ҷой кардан

ҷазои сазои касеро додан, адаби касеро додан.

1. Абдулазиз боботон фаҳманд, ба пӯстам коҳ ҷой мекунанд.

*С. Ғанӣ «Тӯй»*

2. Агар ба вай рӯ ба рӯ мешудам, худи ҳозир ба пӯсташ коҳ ҷой мекардам.

*Ғ. Абдулло ва Ш. Қиёмов «Тӯфон»*

### 317. Пуст наканда, нахоида фурӯ додан

1. чизеро ҳарисона хӯрдан, 2. чизеро аз худ намудан. Агар ҳамин тавр намебуд, шумо дӯкони китобфурӯшии Шаҳристонро пуст наканда ва нахоида фурӯ намедодед!

*«Хорпуштак»*

### 318. Пусти сагро ба рӯи худ кашидан

шарм надоштан, бешарму ҳаё шудан; бешармиро ба гардани худ гирифтан.

Ӯ пусти сагро ба рӯи худ кашида номаъқулиҳои зиёдеро карда гаштааст.

### 319. Пусти касе рафта ба устухонаш часпидан

*Ниг.* Пусту устухон шудан.

Пусташ рафта ба устухонаш часпидааст бачаякам!

*П. Толис «Тобистон»*

### 320. Пусту устухон шудан

сахт харобу лоғар шудан.

1. Ғаму ғусса азобам медод. Қоҳида пусту устухон шуда мондам.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

2.— Писарам, ба ман раҳм накунӣ ҳам, ба модарат раҳм кун, ба рангу рӯи вай ниғоҳ кун, баъди гӯрондани акоят пусту устухон шуда мондааст.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 321. Аз пусти худ баромадан

ниҳоят кӯшиш, ғайрат, ҳаракат кардан.

Гарчи ду сад зайл барой зи пуст,
Дуст нодоранд-надорандт дуст.

*Ғ. Мирзо «Тоҷи давлат»*

### 322. Ба пусти худ нағунҷидан

*Ниг.* Аз хурсандӣ дар пусти худ нағунҷидан.

— Ҳозир ба пусти худ намеғунҷидӣ, ки машинаи нави ангиштткан даркор аст.

*Р. Ҷалил «Шуроб»*

**ПӮСТАК**

### 323. Пустаки касеро афшондан (шиппондан)

касеро сахт ҷанг, коҳиш кардан, танқид намудан, адаби касеро додан.

1. Ин хел падару модарҳоро зудтар ба «Хорпуштак» хабар додан лозим, ки вай пӯстаки онҳоро афшонда, масхараашонро барорад.

*Ш. Қиёмов ва А. Мороз «Дил дили Зайнаб» («Шарқи сурх»)*

2. — Агар бесабаб дер монад, сонӣ аз мо гилагир нашаванд, пустакашонро шиппонда мемонем...

*«Тоҷикистони советӣ»*

**ПӮСТИН**

### 324. Пустини касеро афшондан

*Ниг.* Пустаки касеро афшондан.

Намояндаи ту омада, шикояти маро санҷида, пӯстини роҳбарони колхозро афшонд.

*«Хорпуштак»*

### 325. Ба пӯстини касе кайк даромадан

бесаранҷом, беқарор шудан, саросема шудан.

— Бисьёр хуб,— гуфтем мо ва аз дил гузарондем, ки ба пӯстини у аллакай кайк даромадааст.

*«Маориф ва маданият»*

### 326. Пӯстини худро чаппа пӯшидан

1. дар ҷаҳл будан, ба касе ҷаҳл, ситеза кардан, 2. якраҳагӣ, саркашӣ кардан.

1. Ба болокорӣ, кампир ҳам имрӯз пӯстинашро чаппа пӯшида гирифтааст. Ҳатто ба чой нушидан ҳам набаромад.

*Ҷ. Икромӣ «Ҳикоя ва очеркҳо»*

2. Ҳушьёр бошед Рузибой пустинашро чаппа пӯшидагӣ, ба бригадаи Соатой, баргбар нашавам, номамро дигар мемонам мегӯяд.

*«Тоҷикистони советӣ»*

3.— Ҳеҷ дер нашудааст,— гапи занашро бо қатъият бурид Усмонқул ака.— То бегоҳ боз як рӯзи зимистон ҳаст. Ҳозир ҳамроҳ бурда ба дасти сардори бригада месупораму баъд ба кори худам меравам. Қутбия дид, ки шавҳараш пустинашро чаппа пӯшидагӣ менамояд.

*«Тоҷикистон»*

### 327. Пӯстини касеро чаппа кардан

сирри касеро фош кардан, камбудиҳои касеро ёфта изҳор кардан.

Бюрои партиявии совхоз пӯстини ин қаллобро чаппа карда, ҷиноятҳои уро як-як аз сӯрохи сӯзан гузаронд...

*«Хорпуштак»*

## ПӮСТКАНДА

### 328. Пӯсткандаи гап

хулосаи гап, гапи кушоду равшан.

— Пӯсткандаи гап ҳамин, ки устo таъин карданд, ки дигар бекасу бемардона ба ин кӯдакҳо сарсону саргардон шуда нагашта, ба пешашон кӯчида равед будааст.

*Ф Ниёзӣ «Духтари ҳамсоя»*

## ПӮСТҒАФС

### 329. Пӯстғафс будан

1. гап таъсир накунанда будан, 2. бе ору номус будан.

Мегуянд, ки ин ҳар дуи ҷудои ҷумлашуда ҳарчанд бе ору номус, пӯстғафс бошанд ҳам, нафрату нафрини онҳое ки мешиносанд, корд шуда ба устухонашон расидааст.

*Р. Ҷалил «Ҳамида»*

## ПӮШИДА

### 330. Пӯшида будан

махфӣ, пинҳон будан.

То алҳол ин сир пӯшида буд.

# Р

**РАВЕД**

## 1. Равед ки...

хулоса, кисса кутоҳ, яъне.

Ба сари кӣ кулфате афтад, ӯ балогардон, дар хонае ки тую сур шавад, у саркор. Равед ки ба ҳар нон ҷаззаю ба ҳар ош қайла.

*Ҳ. Содиқ «Ҳазли падар»*
*(«Шарқи сурх»)*

**РАВҒАН**

## 2. Равған барин рафтан

бемамоният иҷро шудан.

Қор ҳам равған барин мерафт.

*А Деҳотӣ «Паёмҳои дӯстӣ»*

## 3. Равған кардани ҳалқ

*Ниг.* Гулуро равған кардан.

Чу фаҳмид ӯ ҷудо мегардад аз халқ.
Паноҳ овард ба равған кардани ҳалқ.

*М. Раҳимӣ «Тиллои тоҷик»*

## 4. Равғани худро об кардан

1. меҳнат кардан, 2. аз гушт фаромадан, худро лоғар кардан.

Ба ғайр аз шумо дигарҳо ҳам ҳастанд, имрӯз камтар равғанашонро об кунанд, боке нест.

*Ҷ. Икромӣ «Қадри инсон»*
*(«Шарқи сурх»)*

## 5. Равғани чашми касеро хӯрдан

1. чизҳои беҳтарини касеро гирифтан, гаронбаҳотарини чизи касеро аз худ кардан, 2. аз касе истифода бурдан.

— Шумо одами расво! Шумо виҷдон надоред. Равғани чашмамро хӯрдед, вақте ки ба сарам кор афтид, гурехтед.

*«Маориф ва маданият»*

**РАГ**

### 6. Раги даст кашидан

майл надоштан, нахостан, майл зоҳир накардан.

1.— Ана худатон дидед, ака бой,— гуфт даллол,— куҷои ин суннӣ аст? Агар ҳоло ҳам «намехарам» гуфта истед, маълум мешавад, ки ба бозор омаданатон на аз барои ғуломхарӣ, балки аз барои тамошо будааст ва барои ғуломхарӣ ва ба вай нондиҳӣ раги дастатон мекашидааст.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

2.— Барои ба фойтун пули бисьёр дода ба шаҳр рафтан раги дастам накашид...

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

### 7. Раги кунҷковии касе ҷӯш задан

барои донистани чизе ҳавасу мароқ пайдо кардан, шавқманд шудан.

Раги кунҷковиам ҷӯш зада, сабаби аз ин ҷо рафтани ӯро донистан хостам.

**РАДД**

### 8. Радди мардум шудан

*Ниг.* Радди маърака шудан.

Агар ақида накунӣ, дур нест, ки калоншавандагони қишлоқ ба хотири домулло туро аз маърака ва маврид бароранд, дар ин сурат радди мардум шуда мемонӣ.

*«Раҳбари дониш»*

### 9. Қасеро радди маърака кардан (намудан)

касеро аз ҷамъият берун баровардан, аз қатори ҷамоа берун кардан, аз тарафи омма тарк карда шудан.

1. Онҳоро радди маърака кардан даркор буд.

*Ҳ. Карим «Дар маҷлис»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 10. Радди маърака шудан

аз қатори мардум берун шудан, мавриди нафрати омма гардидан.

Қор ҳамин хел давом кардан гирад, худро расво мекунед ва радди маърака шуда мемонед.

*С. Ғанӣ «Табассум»*

**РАМАҚ**

### 11. Рамақе аз ҷон мондан

нафаси охирин кашида истодан, ба дами марг расидан.

Тохта ба сараш биём, рамақе аз ҷонаш мондагӣ. Ғиқ-ғиқ ҳиқичоқи мастҳо барин нафасаш канда-канда мебарояду ҳамин ҳам секин-секин кам шуда истодааст.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

### 12. То рамақ дар тан доштан

бо тамоми қувва; то ҷон дорад, то дами охирин.

1. Бачаҳо яке аз паси дигар ба гирьяву фиғон даромаданд, дере нагузашта, ҳар се то рамақ дар тан доштанд, баланд аррос зада, ба пойкӯбию ғел-ғелак сар карданд.

*Ф. Муҳаммадиев «Мактуби дӯст» («Шарқи сурх»)*

2. То рамақ дар тан доранд, мелакканд...

*«Хорпуштак»*

**РАНГ**

### 13. Ранг ба ранг

гуногун, ҳар хел, мухталиф, хел ба хел.

Устод Айнӣ барои ифода кардани мавзӯи инқилобӣ ва ғояҳои нав аз шаклҳои кӯҳна эҷодиёти бою ранг ба ранги классикони адабиёти тоҷик истифода бурдааст.

*М. Муллоҷонов «Танқиди адабӣ ва тарбияи нависандагони ҷавон» («Шарқи сурх»)*

### 14. Ранг бину ҳол пурс

қиёфаи зоҳирии касе, чизеро мушоҳида намуда ба моҳияти он пай бурдан мумкин аст, вазъияти зоҳирии ҳар чиз моҳияти онро баён мекунад.

1.— Ба ин повестка чӣ мегуед?..

— Ба ин бошад, ранг бину ҳол пурс. Дар ҳамон военкомат нишастагон ҳам ба афтатон як нигоҳ карда, ҳамон замон аз баҳри шумо барин ҷанговар мегузаранд.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

2. Пойтахти кишвари тоҷик сабзу хуррам аст,
Дар канораш сад хиёбон ҷо шуда пай дар ҳам аст,
Аз дарахтон соябоне бар сари хар одам аст.
Сояаш дар фори гуё ба дарде марҳам аст!
Лекин «аммо» дорад ин гап, ҷӯра, қилу қол пурс!
Андак аз баъзе дарахтон «ранг бину ҳол пурс!»

*А. Деҳотӣ «Ҳаёт қадам мезанад»*

### 15. Аз ранг гаштан

беҳол шудан, нотоб шудан, хаста будан, касалнамо шудан.

Бача аз рангаш гаштааст, хуб мешуд, ки ба духтур нишон диҳем.

### 16. Ранги чизеро гирифтан

ба чизе монанд шудан, ба шакли чизе даромадан.

Хонаи Латифҷон-махдум дар ҳар ҳафта се шаби таътил — сешанбе, чоршанбе ва панҷшанбе одатан ранги анҷумани шоирон, шеършиносон, латифагуён ва ширинкоронро мегирифт.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III*

### 17. Ранги дигар гирифтан

тағйир ёфтан, дигаргун шудан, ба шакли дигар даромадан.

1. Аммо дар рузи сеюм кор ранги дигар гирифт. Аз як тараф захираи тиру доруи коргарон кам монда бошад, аз тарафи дигар обу озуқа ҳам кам шуда буд.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

2. Ана аз ҳамон рӯз сар карда дӯстии онҳо ранги дигар гирифта, торафт доманаш васеътар мегардид.

*Т. Усмон «Кашфи асрор»*

3.— Ин тавр бошад, масъала ранги дигар мегирад.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

## 18. Ранг додан

тасаввур кардан.

Хусусан масъалаи зангирии ӯро Рашидов ҳеҷ ранг дода наметавонист.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

## 19. Ранг зард кардан

гардан хам кардан, зорӣ кардан; аз ноилоҷӣ ва эҳтиёҷ бо илтимос ба назди касе рафтан, чизеро хостан.

1. Муҳтоҷ намешудам, агар каллапӯшам ба хонаи хӯҷаинат меафтид ҳам, рафта намегирифтам, муҳтоҷӣ ва нобудагист, ки рангамро зард карда, маро ба дари ӯ мебарад.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

2. То имрӯз аз ягон махлуқ пул пурсида, рангамро зард накарда будам, тифоқо...

*К. Наимӣ «Соли 1916»*

## 20. Ранги касе кандан

*Ниг.* Ранги касе паридан.

1. — Бубин, ки аз гапи вакили мухтор ранги мингбошӣ канд.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2.— Имшаб хоб накардед, аз афташ, ҳамсоя, чашматон сурх, рангатон кандагӣ?

*Ф. Ниёзӣ «Духтари ҳамсоя»*

### 21 Ранги касе kаҳрабо барин шудан

ранги касе зард шудан.

— Напурсед, рангаш каҳрабо барин шуда мондааст, бечора бахташ натофт.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

### 22. Ранги нав гирифтан

*Ниг.* Ранги дигар гирифтан.

— Саринженери нав омад. Қор ранги нав мегирад,— мегуфтанд онҳо.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 23. Рангу нуқат намондан

*Ниг.* Ранги касе паридан.

— Лекин ба шумо дурӯғ, ба худо рост, рангу нуқаташ намондагӣ.

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

### 24. Ранги касе паридан

ранги руи касе тағьир ёфтан, ранги руй сафед шудан, тағьир ёфтани ҳол аз таъсири ҳодисаи ногуворе (аз тарс, беморӣ, бехобӣ ё дар натиҷаи ягон ҳодисаи ногуворе).

1. Ин ҷавобро шунида ранги Қорӣ Ишкамба парид, азои баданаш ба ларза афтод...

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

2. Ӯ андак хароб шуда, рангаш ҳам қадре паридагӣ буд.

*Р. Ҷалил «Ҳамида»*

3. Барои чӣ у банохост гапашро гум карда монд? Чаро рангаш парид?

*Ф Муҳаммадиев «Тири хокхӯрда»*

### 25. Ба чизе ранги расмӣ додан

ба чизе расмият додан, чизеро қонунӣ намудан.

Зудтар қайд кунонда ба кор ранги расмӣ доданамон даркор буд.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 26. Ранги рӯи касе дар ҷояш набудан

1. касалнамо будани касе, 2. дар изтироб ва ҳаяҷон будани касе.

Одам бесабаб бетоб намешавад. Ман дида истодаам, ки ранги рӯят дар ҷояш нест...

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

### 27. Ба рангу рӯ даровардан

касеро муолиҷа намуда сиҳату саломат кунондан.

Аз мобайн як ҳафта нагузашта, Мамараҷабро бо супориши военкомат дорую дармон карда, пештара барин ба рангу рӯ даровարданд ва ба по гузоштанд.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

### 28. Рангу рӯ даромадан

ба ҳол омадан, сиҳат ёфтан.

1. Танҳо дар курорт рангу рӯяш даромад.
2. Ӯҳӯ, хеле фарбеҳ шуда, рангат даромадааст-ку.

### 29. Рангу рӯ намондан

*Ниг.* Ранг паридан.

Бачагон гапи якдигарро бурида, ҳама ба якборагӣ кирдорҳои бади сардорро шумурдан гирифтанд. Ман ба Ҷаббор нигоҳ кардам: дар вай рангу рӯ намонда буд...

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

### 30. Ранги ҷиддӣ гирифтан

1. аҳамияти махсус пайдо кардан, 2. мушкил гардидани коре.

Корҳо хеле ранги ҷиддӣ гирифта истодааст. Дар муқобили мо қувваи асосии босмачиён ҷамъ гаштаанд.

*Ҷ. Икромӣ «Дохунда» («Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

**РАНГРЕЗ**

### 31. Рангрезро таъриф кунӣ, ришашро ранг мекунад

агар ягон рафтори нодонеро таъриф кунӣ, боз як ҳаракати ношоистаи дигар мекунад.

— Ҳақ асту рост, ки мегӯянд: рангрезро таъриф кунӣ, ришашро ранг мекунад! Ман туро камтар таъриф карда будам, ки ту дарҳол ба осмони ғурур баромадӣ!

*С. Улуғзода ва В. Виткович*
*«Ибни Сино»*

**РАНҶ**

### 32. Ранҷ бурдан (кашидан)

меҳнат кардан, азобу машаққати меҳнатро кашидан.

1.— Мо ранҷ мебурдему ганҷро дигарон соҳибӣ мекарданд.

*«Машъал»*

2. Гуфт ки: «Ранҷ агар, Ҳасан, набарӣ,
Нест дар корҳои ту баракат».

*М. Турсунзода «Асарҳои мунтахаб»*

3.— Мо то ба даст даровардани ин китоб хеле ранҷ кашидем.

**РАСВО**

### 33. Расвои касеро баровардан

касеро шарманда, беобрӯ кардан.

1. Ба рафиқ Мӯминов гуфта расвоата набарорам, ман одам не...

*Қ. Наимӣ «Роҳи дуруст»*
*(«Шарқи сурх»)*

2. Гулсара ҳам метавонист дар навбати худ аз гиребони ин одами аз худрафта гирифта бо як тарсакӣ таги гӯши ӯро тафсонад, ё гапҳои обдор зада расвояшро барорад.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 34. Расвои касе, чизе баромадан

ошкор гардидани ҳаромкорӣ, бемазагӣ, камбудии касе, чизе, сирраш фош шуда, бадном шудани касе.

1. Ба қарибӣ фаҳмидам, ки сир ошкор шуда, расвои Афтамабин баромадааст.

*Т. Усмон «Кашфи асрор»*

2. —Хайр, имрӯз вай кӯрнамака расвояш мебарояд гуед?

*Р. Амонов «Дар доманаи кӯҳҳои кабуд»*

3. Уфф... кариб расвои кор баромада буд...

*С. Ғанӣ «Табассум»*

### 35. Расвои касеро кашидан

*Ниг.* Расвои касеро баровардан.

— Беҳтар ки худат аз ин ҷо зудтар харата ҳай кун, ки набошад мардумро ҷеғ зада расвоата мекашам.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 36. Расвои олам кардан (сохтан)

сирр, айби касеро фош намуда ӯро дар байни мардум шарманда ва беобрӯ кардан.

1. Эҳ, писарам, писарам, маро расвои олам кардӣ!

*А. Деҳотӣ ва Б. Раҳимзода «Фоизҷон Таърифхӯҷаев» («Маҷмуаи пьесаҳои якпардагӣ»)*

2.— Ҳай, хомӯш бош, ки туро расвои олам месозад.

*С. Айнӣ «Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ»*

### 37. Расвои олам шудан

дар назари мардум шарманда, беобрӯ шудан.

Агар ин хел дудила шуда, аз ҳар чиз дузд барин ваҳмида гардед, расвои олам мешавед.

*Ф. Муҳаммадиев «Тири хокхӯрда»*

**РАСОНДА**

### 38. Расонда гуфтан

ба касе ишора карда сухани кинояомез гуфтан.

1. Дар давоми гап Душанбе равию пистафурушии худро ҳикоя карда истода ба занаш расонида табассум карда гуфт: — ин кампири ман чиро медонад?

*Ҳ. Назаров «Дар ҷустуҷӯи Карим-Девона»*

2. Вале Махсум рӯзе бегоҳӣ ба вай расонда ким-чӣ хел суханҳои аламангез гуфта, пояшро аз суҳбати деҳқонон канда кунондааст.

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

**РАФТА**

### 39. Рафта-рафта

тадриҷан, кам-кам, оҳиста-оҳиста, бо мурури замон.

1. Рафта-рафта калимаи «Исмат»-ро партофта «Қорӣ Ишкамба» гуфтаанд ва чунон ки мегӯянд, «лақаб равшантар аз ном аст».

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

2. Ин хел каллаварамҳо рафта-рафта чунон пушаймон хӯранд, ки суде набахшад.

*«Хорпуштак»*

**РАФТАН**

### 40. Қасе ба касе рафтан

касе ба касе монанд шудан, дар феълу атвор, кордор як хел будан.

Вай ҳам ба худи шумо рафтагӣ, шаб китобхонӣ, рӯз китобхонӣ...

*Ф. Ансорӣ «Имтиҳон»*

**РАХНА**

### 41. Ба чизе рахна задан

зарба задан, боиси вайронии чизе гардидан.

Инҳо ба дини ислом рахна задан мехоҳанд...

*Ҷ. Икромӣ «Духтари нокам»*

### 42. Рахна пайдо шудан

ба вуҷуд омадани вайронӣ, ихтилоф, нифоқ, носозгорӣ.

Дар муносибати осоиштаи арӯс ва модаршӯй якбора рахна пайдо шуд...

*А. Деҳотӣ «Паёмҳои дӯстӣ»*

**РАЪЙ**

### 43. Раъи касеро гардондан

касеро аз иҷрои фикр, мақсад, майл, қарораш боз доштан.

Ҳаққаш як тир буду «гирифта биёр» гуфтанатон раъямро гардонд.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. I*

### 44. Ба раъи касе мондан

ба ихтиёри касе мондан, бо хоҳиши касе вогузор кардан.

Агар корро ба раъи ин роҳбарҳои даҳаньяла монед, ҳукумат аз даст меравад.

*Ҷ. Икромӣ «Тори анкабут»*

### 45. Аз раъи худ гаштан

аз фикр, қарори аввалаи худ гаштан.

1. Аммо боз дар вақти кор малол наояд гуфта, аз раъям гаштам.

*«Тоҷикистони советӣ»*

2. Тавалло кардам, ки ақаллан даҳ синфро тамом кунад, нашуд. Аз раъяш нагашт.

**РАҚАМ**

### 46. Рақам додан

ҳисоб кардан, шумурдан, аз ҷумлаи (фалониҳо) донистан.

Ба хотираи ӯ хатми қуръонҳо карда, ӯро чун шаҳиди роҳи озодӣ рақам доданд...

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

**РАҲМ**

### 47. Раҳми ҷони худро хӯрдан

1. дар бораи хаёти худ андеша кардан, дар ғами ҷони худ будан, 2. аз марг тарсидан.

Як ҳарифам Одинаеви гарданшах буд, ки вай ҳам охир раҳми ҷони ҷавониашро хӯрда, ба роҳи онҳо даромадааст ва ҳамаи хизматҳояшонро ба ҷо оварда истода будааст...

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

**РАҲМАТ**

### 48. «Раҳмат бод ба кафандузди аввал» гуфтан

ба аҳволи бадтар аз пештара дучор гардида ба гузашта шукр кардан (дар мавриде гуфта мешавад, ки ҳозира (фарзанд) аз пешгузашта (падар) бадтар бошад).

Агар норизогии мардум аз ҳокиме ва амалдоре боло гирад, ӯро аз кор гирифта ба ҷои вай аз вай бадтарашро мегузорад, то ки мардуми норозӣ «раҳмат бод ба кафандузди аввал» гӯянд ва аз тарси он ки боз бадтараш наояд...

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

**РАҲСИПОР**

### 49. Раҳсипор гардидан

ба роҳ даромадан, роҳӣ шудан.

Мо ба он фойтунҳо савор шуда раҳсипор мегардидем.

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

**РАҲШИНОС**

### 50. Раҳшинос аз ғалат халос

одами пурдон, кордон, ботаҷриба иштибоҳ намекунад.

Деҳқонбой маро не, ман Деҳқонбойро хафа карда будаам... «Раҳшинос аз ғалат халос» мегуфтанд. Ман худамро раҳшинос ҳисоб мекардам...

— Ба раҳшиносиатон шубҳа нест, лекин ба як канори ҳамон роҳ бароМада будед, Мавлонака, ба як кӯчаи сарбаста рафта истода будед.

**РЕСМОН**

### 51. Аз ресмон савол диҳед, аз осмон ҷавоб медиҳад

ба савол ҷавоби мувофиқ намедиҳад, ҷавоби муносиб намегардонад, ҷавоби подарҳаво медиҳад.

Ман аз ресмон савол диҳам, аз осмон ҷавоб медиҳед. Медонам, ки плани молкашонӣ иҷро шудааст, аммо чизе ки харидорон талаб мекунанд, нест-ку?

*«Хорпуштак»*

**РЕША**

### 52. Решаи чизе, касеро буридан

ба чизе хотима додан, касе, чизеро несту нобуд кардан, решакан намудан.

Решаи ин камбудиҳои тоқатнопазирро буридан лозим аст.

### 53. Решаи гап

асос, моҳияти гап, мақсад.

— Решаи гап ҳам дар ҳамин гап-дия, нодон!

*«Хорпуштак»*

### 54. Реша давондан

мустаҳкам ҷойгир шудан.

1. Меҳри Адолат ба дили Алиҷон рӯз ба рӯз чуқуртар реша медавонд.

*Р. Ҳайдаров «Духтари бебок»*
*(«Занони Тоҷикистон»)*

2. Лекин назар ба фикри Абумуслим у ин мақсадро дар мартабаи аввал пеш ниҳода наметавонист, чунки арабҳо ба ҳама ҷо реша давонда буданд

*С. Айнӣ «Исьёни Муқаннаъ»*

### 55. То реша дар об аст, умеди самар аст

то қувват дар бадан ҳаст ва фурсат аз даст нарафтааст, умеди беҳбудӣ ва комьёбӣ ҳаст.

1. Ҳанӯз ҳам вақт ҳаст, то ҷон дорем, кушиш мекунем, шояд бача халос (аз касалӣ — *М. Ф.*) шавад, «то реша дар об аст, умеди самар аст» гуфтаанд.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Дуньё ҷои умед аст, «то реша дар об аст, умеди самар аст» гуфтаанд, агар кӯшиш кунед, дур нест, ки боз ба вай бирасад. Ҳеҷ набошад, ҷамоли ҷаҳонорои ӯро боз як бор бинад...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

3. Ҳанӯз ки Маҳмудҷон тамом вайрон нашудааст, ҳануз ки реша дар об аст, умеди самар аст!

*Ҷ. Икромӣ «Равои озори туро надоштам» («Шарқи сурх»)*

## 56. Ба решаи касе намак гӯр кардан

1. касеро несту нобуд кардан, 2. мусибатеро ба сари касе овардан.

1. Вай вақти мувофиқ меҷӯяд, ки ба решаам намак гӯр кунад.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. II*

2. — Ба решаи ин гуна азхудрафтагону бюрократҳо ҳамин тавр намак гӯр кардан лозим...

*У. Тоҷибоев «Қаҳрамони давраи мо» («Истеъдодҳои ҷавонон»)*

## 57. Ба решаи касе теша (табар) задан

1. ба сари касе мусибате овардан, 2. ба несту нобуд кардани касе кӯшидан.

1. — Ман гумон дорам, ки инҳо ба ҳукуматҳо хабарҳои дурӯғу ростро расонда, кӯшиш хоҳанд кард, ки ба решаи мову шумо теша зананд.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

2. Ба ҳар ҳол вай пеш аз мо ба решаи мо табар мезанад.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. II*

**РЕШАКАН**

### 58. Решакан намудан (кардан)

несту нобуд кардан, аз реша, асос канда партофтани чизе.

Халқ ва ҳукумат бо роҳбарии Партияи Коммунистӣ барои решакан намудани душманон мубориза мебурданд.

*Ҷ. Икромӣ «Мактаби драматургии ман» («Шарқи сурх»)*

**РИЗО**

### 59. Ризо ба қазо додан

ба тақдир тан додан.

Гӯё ки онҳо барои хизмати бемузди он ҷанобон халқ шуда бошанд, ризо ба қазо дода паси сар хорон-хорон кор кардан мегиранд.

*С. Айнӣ «Тирози ҷаҳон»*

**РИЗҚ**

### 60. Ризқи меҳмон пеш аз худаш меояд

барои меҳмон ҳамеша хӯрок ёфт мешавад.

Агар шумо меҳмон биёред, болои дида, «харҷашро худам мекунам» нагӯед, ки барои ман айб мешавад. Мегӯянд, ки «ризқи меҳмон пеш аз худаш меояд», ҳар кас дар ҳар ҷо ризқи худашро мехӯрад.

*С. Айнӣ «Еддоштҳо», қ. III—IV*

**РИКОБ**

### 61. Аз рикоб фуровардан

аз мансаб хо̣лӣ кардан.

Чӣ шуд, чӣ нашуду идораи колхоз, ки дар ҷои хонаи мо сохта буданд, ба раиси собиқ насиб накард, чунки ӯро ҳамчун ҳатулкор аз рикоб фуроварданд.

*«Хорпуштак»*

**РИШ**

### 62. Ришро дар осиёб сафед кардан

соддалавҳ, камақл, нодон будан.

— Ҷаноб, ман ин ришро дар осиёб сафед накардаам. Аз ҷиҳати Ҳасан хотират ҷамъ бошед.

*А. Ҳамидӣ «Сангар»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 63. Аз риш канда ба муйлаб часпондан

барои дуруст кардани чизе чизеро аз як ҷои муҳим гирифта ба ҷои дигар мондан, як чизи дурустро вайрон карда, аз он чизи дигар сохтан.

Суперфосфати бригадаи дуюмро гирифта ба бригадаи якум додан — аз риш канда ба муйлаб часпондан барин гап.

*Ҷ. Икромӣ «Ситора» («Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

### 64. То риш набарорӣ, ба куса наханд

1. то худат кореро ба иҷро нарасонӣ, ба дигарон наханд, 2. аввал айби худро дида, баъд ба дигарон айбҷуӣ кун.

1. Аҳмад ба бародараш нигоҳ карда:

— Маълум нест, ки ту ақиб мемонӣ, ё дигарон. «То риш набарорӣ, ба куса наханд» гуфтаанд, аввал худат нормаи ҳаррузаатро пур кун, баъд ба дигарон ханд.

*Ҳ. Карим «Ҳикояҳо»*

2. — Омадем, Рауф! Мабодо аз тарси имтиҳон таб набароварда бошӣ...

— «То риш набарорӣ, ба куса наханд!» гуфтаанд.

*Ф. Ансорӣ «Имтиҳон»*

### 65. Риши худро сафед кардан

дуру дароз бо коре ва ҳунаре машғул гардидан, умри худро ба коре сарф намудан.

Ман, ки парбоз шудам, ба думи бедона ришамро сафед кардаам.

*Б. Азизӣ «Бедонабозӣ»*
*(«Шарқи сурх»)*

**РИШТА**

### 66. Риштаи чизеро буридан

давомияти чизеро қатъ кардан.

Сонӣ риштаи дӯстиро буридам.

*Ҳ. Ирфон «Ду ёр аз ду диёр» («Шарқи сурх»)*

### 67. Риштаи гапро ба тарафи дигар бурдан

мавзӯи суҳбатро дигар кардан.

«Қиссаи ин лақаб дароз аст, худам ҳам аниқашро намедонам» — гуфта риштаи гапро ба тарафи дигар бурд.

*Р. Ҷалил «Шуроб»*

### 68. Риштаи гап халта шудан

суҳбат суст шудан, суҳбат ланҷ шудан.

Ҳаяҷони аввалини вохӯрӣ фурӯ нишаста, риштаи ғап халта шуда буд.

*П. Толис «Ҳикояҳои даҳ сол»*

### 69. Риштаро дароз партофта мондан

барои иҷрои чизе мӯҳлат, фурсати зиёд додан, ба касе имконияти фикру андеша карданро додан.

Риштаро дароз партофта мондем, канӣ бинем чӣ онҳо ба чӣ қарор меоянд.

### 70. Риштаи чизе канда шудан

қатъ шудан, канда шудан.

1. Риштаи фикру хаёли акои Олим канда шуд ва якбора аз пинак бедор шудагӣ барин ба ҳуш омада, ба пеш нигоҳ кард.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

2. Дар ҳамин ҷо якбора риштаи сухани Носиров канда шуда монд.

*«Тоҷикистон»*

3. Риштаи ҳаёти ин ҷавони садоқатманд бо ин тасодуф канда шуд.

## 71. Ба риштаи назм кашидан

1. ба назм даровардан, ба шакли шеър даровардан, 2. шеър гуфтан.

1. Вай ин ақидаро танҳо ба риштаи назм накашидааст...

*Ш. Ҳусейнзода «Сухансарои Панҷруд»*

2. Биноӣ, илова бар ин, қасидаҳо ҳам ба риштаи назм кашида, ба навиштани қасидаҳои бузург низ ҷуръат кардааст.

*А. Мирзоев «Биноӣ»*

## 72. Риштаи суханро ба даст гирифтан

ба гап сар кардан, ба сухангӯӣ шурӯъ намудан.

— Хуш, акнун ба курс мерави-мӣ, ё боз барои ту лекция хондан лозим меояд? — пурсид раис аз тракторчӣ аз нав риштаи суханро ба даст гирифта.

*«Тоҷикистони советӣ»*

## 73. Риштаи суханро боз кардан

ба гапзанӣ шурӯъ намудан.

Аз як тараф Қудрат нишаста гоҳ-гоҳ асабиёна ба сӯи Ҷӯра нигоҳ карда мемонд. Мансурбой, ки аз поёнтар менишаст, дар охир риштаи суханро боз карда ба гап сар кард...

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

## 74. Ба риштаи сухан кашидан

1. нақл кардан, баён намудан, 2. навиштан.

Ба риштаи сухан кашидани саргузаштҳои аламноки Остонзодаҳо фош кардани тортанакхонаҳои дар кунҷу бурҷ пинҳон монда...

*А. Деҳотӣ «32 сол дар майдони адабиёт» («Тоҷикистон»)*

### 75. Аз ришта то сӯзанаш донистан

чизеро аз сар то по, ҳаматарафа, пурра донистан.

Ман ҳамаи он воқеаро аз ришта то сӯзанаш дар хотир дорам.

## РОЗ

### 76. Рози дил гуфтан

1. сирр, матлаби пӯшида, ниҳонии худро гуфтан, 2. мақсад, замири дили худро баён намудан.

Вай муддати дарозе беҳаракат сар хам карда нишаст ва гӯё бо азизонаш (зану бачаҳои ӯ мурда буданд. Ӯ дар сари қабри онҳо меистод — *М. Ф.*) суҳбат кард, рози дил гуфт.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 77. Розу ниёз кардан

сирр, орзу, замири дили худро нақл намудан.

Шаҳло аз ин ки имшаб, пас аз муддате дар паҳлуи номзадаш нишаста ба ӯ розу ниёз карда буд, бе ҳад хушҳол менамуд...

*А. Ҳамидӣ «Машъали ҷовидон»*
*(«Шарқи сурх»)*

## РОСТ

### 78. Рости гап

сухани рост, дурусташро гӯям...

1. Мебахшед-ку, рости гап, ба дили ман шубҳа афтода буд.

*Қ. Носиров «Орият»*

2. Рости гап, раиси колхоз Собир Қабиров аввалҳо нағз кор мекард.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 79. Рост овардан

дучор шудан, рӯ ба рӯ шудан, вохӯрдан.

1. Махдуми Говро бошад дар кӯчаҳо ҳам рост наоварда будам.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

2. Бинобар ин у моли арбоби ҳукумат, бойҳои калон ва судхуронро рост оварда медуздид...

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

## 80. Рост овардани фурсат

пайдо кардани шароит ва имконият, мавриди мувофиқ, ёфтани вақти муносиб.

Барои ба амал овардани ин кор дар паи рост овардани фурсати муносиб афтод...

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

## 81. Рост омадан

1. бо касе рӯ ба рӯ шудан, дучор гардидан, 2. писанд, маъқул будан, дуруст, мувофиқ будан, 3. баробар будан.

1. Баъд аз он, ҳар гоҳ, ки ӯ дар кӯча ба ман рост меомад, бошишгоҳ ёфтед? гуён мепурсид.

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

2. Магар ба қонуни замони мо ин кор рост меояд?!

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

3. Аммо ӯ фикр накард, ки он кафш ба пои ман рост намеояд.

*С. Айнӣ «Мухтасар тарҷимаи ҳоли худам»*

4. Ба сухани як девона, хусусан ки ӯ зан бошад, гӯш додан, ҳатто ба тарафи вай нигоҳ кардан ба шаъну шавкат ва савлату ҳашамати калонон, албатта, рост намеомад.

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

5. Замони зиндагонии Навоӣ ба охирҳои замони давлати темуриён рост меояд.

*С. Айнӣ «Алишер Навоӣ»*

### 82. Рост омадани кор

фароҳам омадани шароити мусоид, пеш рафтани кор, барор гирифтани кор.

Рост омадани корро бинед, ки мо боз бо Раҳимзода ҳамсафар мешавем!

*Ғ. Мирзо «Сафар ба диёри дӯстон» («Шарқи сурх»)*

### 83. Росту ороста кардан

зебу зинат додан.

Дар сари роҳаш ҷавонмарди лӯхтак барин росту оростакардаро дида шармгинона ба замин сар хам мекард...

*«Маориф ва маданият»*

### 84. Рост-растӣ

агар рости гапро гӯӣ, ҳалос мешавӣ.

— «Рост-растӣ!» гуфтаанд. Агар рост гӯӣ, аз ҳар гуна ҷазо ва бозхост эмин хоҳӣ шуд.

*С. Айнӣ «Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ»*

**РОҲ**

### 85. Ба роҳ андохтан

1. гусел кардан; фиристодан, раҳсипор кардан, 2. ташвиқ, насиҳат карда розӣ кунондан, 3. чизеро ба ҳаракат даровардан, ба кор даровардан; кореро дуруст карда пеш бурдан.

1. Ҷомаашро ба дасташ дода ба роҳаш андохтанд.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

2. Ӯ он изчиро бо одами чор ҳаким ҳамроҳ карда, аз паи гурезагон ба роҳ андохта буд.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

3. Лекин ба шарте ки одамҳоро тарбия кунад, ба роҳи дуруст андозанд.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

4. Агар Ситора хоҳад, Қамолро ба рох меандозад.

*Ҷ. Икромӣ «Ситора»*
*(«Шарқи сурх»)*

5. Хуллас ки маро зӯран ба роҳ андохтанд.

*Ҷ. Икромӣ «Тори анкабут»*

6. — Шумо розӣ шавед, кифоя. Ман даҳ сол бошад ҳам, сабр мекунам. Падару модаратонро ҳам ба роҳ меандозам.

*«Хорпуштак»*

7. Аммо душворин кор дар ин ҷост, ки ин гуна заводҳоро танҳо бо қуввати дасти майдакосибҳо роҳ равонда намешавад ва ғулом харида кор фармуда ҳам ба роҳ андохтани инҳо мумкин нест.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

8. Агар Неъматов ин колхозро ба роҳ наандозад, ҳақикатан барои каси дигар душворӣ мекунад.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

### 86. Роҳи касе ба ҷое афтидан

аз ҷое гузар кардан, дар асноп роҳ ба ҷое расидан.
1. Роҳи шумо аз даруни Дараи Ниҳон меафтад.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Албатта, агар роҳатон ба шаҳр афтад, ба мо меҳмон мешавед.

*П. Толис «Ҳикояҳои даҳ сол»*

### 87. Аз роҳи бад баргаштан (гаштан)

дигар бор бадӣ, бадахлоқӣ, шӯрапуштӣ накардан, бадкориро тарк кардан, аз корҳои нодуруст даст кашидан, тавба кардан.

— Маслиҳати мо ба ту ин аст, ки насиҳатҳои Махдумро гуш кун ва аз роҳи бадат баргард.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. II*

## 88. Ба роҳи бад даромадан

ба бадахлоқи, шӯрапуштӣ, мастӣ ва соир корҳои ношоиста машғул шудан.

— Агар ҳаю бош карда наистед, ба ин феълу атвораш ба роҳи бад даромада рафта ва ба колхоз зарар оварданаш мумкин аст.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

## 89. Ба роҳи бад рафтан

*Ниг.* Ба роҳи бад даромадан.

Фарзанди одами меҳнаткаш ба роҳи бад набояд равад.

*Ҷ. Икромӣ «Ғусса»*
*(«Шарқи сурх»)*

## 90. Роҳи бадният кӯтоҳ

касе ки бадхоҳ ва бадандеш бошад, зуд ба сазои худ мерасад, бадхоҳӣ оқибат надорад, бадхоҳ ба балое гирифтор мешавад.

— Парво накун, ҷӯраҷон, ёфт мешавад, роҳи бадният кӯтоҳ аст.

*«Маориф ва маданият»*

## 91. Аз роҳ баровардан

1. касеро фиреб додан, гумроҳ кардан, 2. ба касе корҳои бад талқин намудан.

1. Духтари вай Гулрӯро аз роҳ бароварда ҳамроҳаш ба шаҳр бурд...

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. I*

2. Онҳо хату хабарҳои пинҳони карда дигар сарбозҳоро ҳам аз роҳ бароварда истодаанд.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 92. Аз роҳи касе баромадан

аз роҳи нишондодаи касе хориҷ шудан, таълими касеро рад кардан, маслиҳат, хоҳиши касеро иҷро накардан, панди касеро қабул накардан.

Беҳтар, ки ба насиҳати падарат гӯш кун, аз роҳи вай набаро!

*М. Рустамова «Зайнаб»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 93. Роҳ бастан

пеши роҳро гирифтан, ба гузаштани касе аз ҷое имконият надодан, монеъ шудан.

1. Лекин чандон дур рафта натавонистанд, аз рӯ ба рӯяшон ҳам се-чор нафар муллобачае ки ба воситаи дари партави мадраса, аз ақиб баромада омада буданд, роҳро бастанд.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

2. Роҳи душман зи ҳар тараф бандед,
Дар ҳама ҷабҳа зидди ӯ ҷангед!

*М. Раҳимӣ «Роҳи равшан»*

### 94. Роҳро буридан

бо роҳи ғайриасосӣ, бо роҳи наздик ба ҷое рафтан.

Мо роҳро бурида, рост ба саҳро рафтем.

### 95. Роҳро ваҷаб карда гаштан

бекорхӯҷагӣ карда гаштан; кӯчагардӣ кардан.

Аз ин бригада 21 нафар роҳи кӯчаю бозорро ваҷаб карда мегаштаанд.

*«Хорпуштак»*

### 96. Аз роҳ гардондан

гумроҳ кардан, ба роҳи нодуруст андохтан.

— Куҷост он бедиёнат, ки масҷидро таҳқир мекунад, мусулмононро аз роҳи дин мегардонад?

*С. Улуғзода ва В Виткович*
*«Ибни Сино»*

### 97. Аз роҳ гаштан

роҳи худро дигар кардан, аз мақсад, қарор, фикр, азми худ баргаштан.

— Содиқҷон ака, нависед, аз роҳатон нагардед.

*Ғ. Абдулло «Қарзи виҷдон»*

### 98. Роҳ гирифтан

равон шудан, рафтан.

Мирбадал берун баромад, ба тарафи чойхона роҳ гирифт.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

### 99. Роҳи касеро гирифтан

1. пеши роҳи касеро банд кардан, касеро аз роҳ боз доштан; 2. ба касе халал расонидан.

Як зане омада ба назди Қамол,
Роҳи ӯро гирифта дод салом.

*М. Миршакар «Меҳринисо духтари хоркаш» («Занони Тоҷикистон»)*

### 100. Роҳи гурез пеш гирифтан

ба қасди гурез афтодан, гурехтан.

— Агар ҳамин тавр танбеҳ надиҳам, ба ҷӯрааш (ба буз — *М. Ф.*) тақлид карда, ин ҳам роҳи гурезро пеш мегирад...

*«Латифаҳои тоҷикӣ»*

### 101. Ба роҳ даровардан

1. касеро ба чизе розӣ кунондан; ром кардан, 2. гапе ё кореро ба касе маъқул кунонидан, 3. ба ҳаракат даровардан, ба кор андохтан.

1. Холаамро ба роҳ даровардан осон-куя, лекин модари ман... дод гуфта ба маҷлис ҳам рафтан мегирад.

2. — Мо мехоҳем, ки ту занатро ба роҳ дарорӣ.

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

3. Агар кораш ҳамин тавр рафтан гирад, тамошо кунед, ки станцияи электрикии навамонро ҳам ана-мана гуфтана ба роҳ медарорад.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

### 102. Ба роҳ даромадан

1. ба роҳгардӣ шуруъ кардан, раҳсипор шудан, ҳаракат кардан, 2. пеш рафтан, рӯ ба хубӣ овардан, тараққӣ кардан.

1. Ҷумъа паси сар хорон-хорон бо Табар ба роҳ даромад.

*Ҷ. Икромӣ «Аз Москав чӣ овардӣ?»*

2. Поезди мо ҳам ба роҳ даромад.

*Ҷ. Икромӣ «Аз Душанбе то ба Киев» («Шарқи сурх»)*

3. Баъд охир, ана, Кузнецов омад, корҳои иҷроиямон ҳам ба роҳ даромада истодааст.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

### 103. Ба роҳи чизе, касе даромадан

ба чизе машғул шудан, кореро ба даст гирифтан.

Пас аз барқарор шудани ҳокимияти советӣ аз зулму машаққат озод шуда, ба роҳи илм даромадааст.

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

### 104. Роҳи дигарро пеш гирифтан

чораи дигар ҷустан, бо тариқи дигар амал кардан.

Бинобар ин муаллима барои фаҳмидани ҳақиқат, яъне кӣ ба Мурод дафтарашро барои рӯбардор кардан додааст, роҳи дигарро пеш гирифт.

*М. Боғиров «Учительница» («Тоҷикистон»)*

### 105. Роҳ додан

1. иҷозат, рухсат додан, имконият додан, 2. рухсати даромадан додан, 3, қабул кардан.

1. — Лекин сар деҳ, ки ман ӯро тавба дода, аз вай қавл гирам! — гуфт ӯ ба ман бо хитоби «ту-ту».

— Ман роҳ медиҳам, аммо худат ба ман қавл деҳ, ки дигар ӯро намезанӣ,— гуфтам бо ҳамон қатъияти аввалӣ.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

2. Махмуди бедодгар ба сухтори қасри дониш дидаю дониста роҳ дод.

*С. Улуғзода ва В. Виткович «Ибни Сино»*

3. — Он кас шабона ҳеҷ касро ба хонаашон роҳ намедиҳанд.

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

4. Мо ҳеҷ вақт бойҳо ва кулакҳоро ба колхоз роҳ намедиҳем...

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

5. Аммо сартарош ба ин кор роҳ надод...

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

### 106. Роҳи ҷоеро дониста мондан

1. чизеро нағз дониста гирифтан, 2. аз чизе воқиф шудан.

Агар ба мисли шумо якта-нимта занони муъмину мусулмон баромада намонад, дигар ҳама роҳи ҳамин таваллудхонаро дониста мондагӣ.

*Ф. Ниёзӣ «Духтари ҳамсоя»*

### 107. Роҳи чизеро ёфтан

тарзи ҳалли масъалаеро ёфтан, чораи чизеро ёфтан.

1. Ман як роҳ ёфтам. Шумо дар хонаатон танҳо, ман дар хонаам танҳо... ҳар дуямон ҳам квартираҳои пур-

ра дорем. Чӣ шавад, ки агар ман ба назди шумо равам, ё ки шумо ба назди ман биёеду як квартираро холи карда диҳем.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

2. Ман ба ҳамин хурсанд будам, ки барои хондан дар Бухоро роҳе ёфтам.

*С. Айнӣ «Мухтасар тарҷимаи ҳоли худам»*

## 108. Аз роҳ задан

касеро гумроҳ кардан, аз роҳ баровардан.

1. Аммо вай бошад, Умарҷони соддадилро аз роҳ зада, ба доми худаш даровардааст.

*Ҷ. Икромӣ «Ситора» («Шарқи сурх»)*

2. Аммо таълимотҳои Петровский ӯро аз роҳ зада истодаанд.

*М. Миршакар «Шаҳри ман» («Шарқи сурх»)*

3. Ҳар кас нахоҳад накучад, аммо дигаронро аз роҳ назанад.

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

## 109. Роҳ зану эҳсон кун

бо роҳҳои нораво (мас. дуздӣ) пул ба даст оварда зиёфату зарофат кардан, худоию эҳсон додан.

Ноиб дар пурхурӣ ва шикамбандагӣ аз Қорӣ Ишкамба монданӣ надошт, фарқе ки дар ин хусус инҳо доштанд, танҳо ҳамин буд, ки Қорӣ Ишкамба шиками худро ҳамеша аз хонаи мардум, аз хонаҳои қарздоронаш, ҳуҷранишинонаш, аз туйхонаҳо ва худоихонаҳо ва аз таомҳои сари дукони муомиладоронаш пур мекард ва дар хонаи худ ҳеҷ гоҳ бо харҷи худ таом тайёр кунонда намехурд, ноиб бошад, чунон ки шикамашро аз зиёфатҳои арбоб ва калоншавандагони қишлоқ сер мекард, инчунин бо маблағе, ки аз тороҷи деҳқонони фақир ба

даст даровардааст, дар хонаи худ ҳам таомҳои сергушту равған тартиб дода мехурд ва мувофиқи мазмуни «раҳ зану эҳсон кун» монанди Қорӣ Ишкамба дустон ва ҳамкорони худ ҳам бояду шояд зиёфат карда мехуронид.

*С. Айнӣ «Марги судхур»*

### 110. Роҳ кашида шудан

сохта шудани роҳ.
Роҳи оҳани Тирмиз — Душанбе кашида шуд...

*«Мактуби халқи тоҷик ба Комитети Марказии Партияи Коммунистии Иттифоқи Советӣ» («Шарқи сурх»)*

### 111. Роҳ кашидан

раҳсипор шудан.
Пас касе ки ба ин мамлакат рафтанӣ бошад, бояд ба тарафи тулуи офтоб ба Шарқи Дур роҳ кашад.

*А. Деҳотӣ «Паёмҳои дустӣ»*

### 112. Бо роҳи маслиҳат

маслиҳатомезона, ба тариқи маслиҳат.
Яке аз дустон бо роҳи маслиҳат ба ман гуфт...

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

### 113. Роҳро миёнбур кардан

1. бо роҳи рости дур нарафта бо роҳи кутоҳ рафтан
2. *Ниг.* Роҳро буридан.
Худам роҳро миёнбур карда зуд омадам...

*Ҷ. Икромӣ «Дохунда» («Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

### 114. Аз роҳ мондан

дар вақташ рафта натавонистан, дер кардан.
1. Машина аз роҳ мемонад.

*Ф. Муҳаммадиев «Тири хокхӯрда»*

2. Ба меҳмонӣ рафтанӣ будам... аз роҳам намонам.

*«Хорпуштак»*

3. — Раҳмат, тағоҷон, аз роҳатон намонед,— гуфт духтар аз забони Гавҳар.

*Б. Шоҳин «Гуфтори макр»*
*(«Тоҷикистон»)*

### 115. Роҳ мондан

*Ниг.* Роҳ додан.

1. Азбаски худаш зандуст ва молпараст аст, забонаш кӯтоҳ аст, бинобар ин ба айшу ишрат ва молғундории мо роҳ мемонад.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

2. Ҳар гоҳ ки ба ҳаракати руйрост ё нимруйрост роҳ намонд, ҷамъият бо ҳайати куҳнааш ба кор медарояд...

*С. Айнӣ «Мухтасар тарҷимаи ҳоли худам»*

### 116. Ба роҳ мондан

1. ҷорӣ кардан, ташкил намудан, 2. ба тартиб андохтан.

1. Тартибу интизоми колхозро нағз ба роҳ монда будем.

*Ҷ. Икромӣ «Шоди»*

2. Омаданаш ин тараф корҳоро хеле нағз ба роҳ монда буд.

*Ҷ. Икромӣ «Шоди»*

### 117. Аз роҳ монондан

касеро аз сафар боздоштан, ба рафтани касе ба ҷое мамониат кардан.

Маро беҳуда аз роҳ намононед, илтимос мекунам.

*«Маориф ва маданият»*

### 118. Роҳ нишон додан

тарики рафтори касеро муайян кардан, роҳбарӣ намудан.

Акнун худат роҳ нишон деҳ.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

### 119. Аз роҳи чизе нон хӯрдан

бо машғулияте пул ёфта умр ба сар бурдан.

Ту бо ин нармдилӣ ва саҳлкориат ҳақ надорӣ, ки амалдори ҷаноби олӣ шавӣ ва аз он роҳ нон хӯрӣ.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

### 120. Роҳ паймудан

роҳ рафтан, роҳеро тай кардан.

Аз паси рафиқони худ оҳиста-оҳиста роҳ мепаймудам.

*Л. Саид «Пеш аз субҳ»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 121. Роҳи ҷое (чизеро) пеш гирифтан

1. ба тарафи... (ҷое, мақсаде) равона шудан, раҳсипор гардидан, 2. интихоб намудан.

1. Ба ароба савор шуда роҳи саҳроро пеш гирифтем.

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

2. Ҳусайнӣ фаҳмид, ки аз бой чизе рӯёнидан илоҷ надорад, дигар гап назаду бо акохондаш роҳи хонаашро пеш гирифт.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

3. Шодмонов қад-қади ҷӯйбор роҳи бригадаи Нуралиевро пеш гирифт.

*«Тоҷикистони советӣ»*

4. То ба кай монӣ ба зиндони фаранҷӣ дар азоб?
Моҳи ман, бархез акнун роҳи дониш пеш гир!

*Л. Обидхӯҷаев «Асарҳои мунтахаб»*

5. Шукурбек роҳи дурусти муборизаро пеш гирифта натавонист.

*А. Сайфуллоев «Образи одамони нав дар «Еддоштҳо» («Шарқи сурх»)*

6. Пас лозим меояд, ки зоти модаговҳоро ба қадри имкон, дарача ба дарача ба воситаи дурагакунӣ бехтар намоем. Ҳозир ҳамин роҳро пеш гирифтем.

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

### 122. Роҳ равондан

ба кор андохтан.

Аммо душвории кор дар ин ҷост, ки ин гуна заводҳоро бо қуввати дасти майдакосибҳо роҳ равонда намешавад.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 123. Дар роҳи рост гаштан

ба тариқи ҳалол ва ҷоиз зиндагонӣ кардан.

— Бало дар ин ҷост, ки мо дар роҳи худ он қадар рост нагаштем...

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 124. Роҳи сафед диҳад

роҳатон хушбахтона, бехатар шавад.

— Хайр, хуш, худо роҳи сафед диҳад,— гуён аз меҳмонхона баромаданд...

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 125. Роҳи сафед талабидан

*Ниг.* Роҳи сафед хостан.

— Сиҳат-саломат бош. Роҳи сафед металабам.

*Ҷ. Икромӣ «Муҳаббат»*

### 126. Роҳи сафед хостан

ба касе дар сафараш муваффақият орзу кардан.

Гуруғлӣ ба писархондаш роҳи сафеду барори кор хоста, иҷозат дод.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

### 127. Ба роҳи худ баргаштан

ба ҷои худ рафтан.

Модар ҳам ночор ба роҳи худ баргаштааст.

*Ф. Муҳаммадиев*
*«Тири хокхӯрда»*

### 128. Касеро ба роҳи худ даровардан

1. касеро бо худ ҳамфикр ва ҳамкор намудан, 2. ба итоати худ даровардан, гапдаро кардан.

1. Ман дар ин бора ҳам қавл додам. Ман гумон карда будам, ки пас аз руйхат карда ба як болишт сарниходан уро ба роҳи худ дароварда метавонам.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

2. Бо вуҷуди ин камтар «ба тақдир тан дода», дигар барои духтарашро ба роҳи худ даровардан фикр намекард.

*Ҳ. Карим «Ҳикояҳо»*

### 129. Роҳи худро чапғалат додан

роҳи худро дигар кардан, банохост дигар кардани роҳ ё тарзи кордории худ бо мақсади ба хато андохтани ҳариф ё душман.

Пас аз он роҳи худро чапғалат дода худро ба тангкучае гирифтам.

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

### 130. Бо роҳи худаш...

1. ихтиёр ба худаш, бо майли худаш, 2. он дигару ин дигар.

1. — Шумо, Петр Васильевич, ба хоҳаратон Софья гӯед, наравад. Ман ба ҷои вай каси дигар меёбам...

— Хоҳарам бо роҳи худаш, ман бо роҳи худам, рафиқ Амонов.

*К. Носиров «Орият»*

2. — Прейскурант бо роҳи худашу пулгирии онҳо бо роҳи худаш.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 131. Роҳро чапғалат занондан

*Ниг.* Роҳи худро чапғалат додан.

Ба беруни қалъа баромаданду роҳро чапғалат занонда, ниҳоят ба кулбаи ҳақиронае... даромаданд.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 132. Ба роҳи касе чашм доштан

дар интизори касе будан, мунтазири омадани касе будан.

Вақто ки Сурайё аз тангкӯча ба кӯчаи калон баромад, дид, ки «шайх» ба рӯи суфачаи таги дарвоза нишаста гӯё ба роҳи ӯ чашм дорад.

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

### 133. Аз роҳи касе чашм кандан

дигар интизори касе нашудан, аз омадани касе ноумед шудан.

То ҳоло аз роҳатон чашм намекандам...

*К. Носиров «Орият»*

### 134. Ба роҳи шайтон даромадан

ба васвасаи шайтон афтодан, ба роҳи хато рафтан, аз роҳи рост баромадан.

1. — Рафту ба роҳи шайтон даромада ҷудо шаванд, баъд чӣ мешавад? — мегуфт ӯ худ ба худ.

*Б. Ортиқов «Нишона»*
*(«Шарқи сурх»)*

2. Одами мусулмон ба роҳи шайтон набояд дарояд.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

### 135. Ба роҳи касе ғав бастан

1. ба кори касе монеа шудан, пеши роҳи касеро гирифтан, садди роҳи касе шудан, 2. ба касе дар коре муқобилият нишон додан.

— Кор бурда истодаем, вале аз як тараф сарҳадчиён ва аз тарафи дигар худи колхозчиён ба роҳи мо ғав баста истодаанд.

*С. Ғанӣ ва Ф. Ниёзӣ*
*«Ватандӯстон»*

### 136. Ба роҳи чизе қадам гузоштан

ба иҷрои амале шурӯъ намудан, иқдом кардан.

Аз ин ҷост, ки ӯ фикр мекунаду ниҳоят боз ба роҳи ба даст овардани пули бедардимиён қадам мегузорад.

*«Тоҷикистони советӣ»*

**РОҲАШ**

### 137. Роҳаш ҳаст

чора, илоҷ дорад, роҳи ҳал дорад.

Ман писанд хам намекунам. Ғам нахӯр. Роҳаш ҳаст.

*Қ. Наимӣ «Роҳи дуруст»*
*(«Шарқи сурх»)*

**РОҲАТ**

### 138. Роҳати чизеро дидан

аз чизе ҳузур кардан, чизеро бо меҳнат ва азоб ба даст дароварда аз натиҷаи ранҷи худ баҳраманд гардидан.

Бигузор бехобӣ кашад, азоб кашад!.. Пагоҳ роҳаташро мебинад.

*Ф. Ансорӣ «Имтиҳон»*

### 139. Роҳати ҷон

1. ҳузур, ҳаловат, хушнудӣ, 2. айни муддао.

Қисмҳои ӯ сохтагӣ ҳамеша бенуқсон ва барои автомобильҳо роҳати ҷон аст...

*Ҷ. Икромӣ «Сафар кардан — ҷаҳон дидан» («Шарқи сурх»)*

**РОҲЗАНӢ**

### 140 Роҳзанӣ кардан

ғоратгарӣ, яғмогарӣ кардан.

Чанд гоҳ боз ба атрофи худ дуздонро ҷамъ карда роҳзанӣ мекунад.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

**РОҲӢ**

### 141. Роҳӣ кардан

касеро равона кардан.

Ин суханони модар Сафарро боз ба фикру андешаҳои дигар роҳӣ кард.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

### 142. Роҳӣ карда шудан

равона карда шудан, фиристода шудан.

Дар охирҳои моҳи октябрь барои корҳои комсомоли қишлоқи Гулистонро ба роҳ мондан Шариф ном комсомол роҳӣ карда шуд.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

**РУСТАМ**

### 143. Рустами Дастон шудан

далер, бошуҷоат, қаҳрамон, тавоно шудан.

— Одам бо даҳонкалонӣ Рустами Дастон шудан намегирад...

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

**РУСТӢ**

### 144. Рустию гургӣ

бо пинҳонӣ, пинҳонакӣ.

Нозукой рустию гургӣ ба фурӯхтани чизу чораи ба чашм намоёни хона сар кард.

*Р. Ҳайдаров «Дуздро қароқчӣ зад»*
*(«Занони Тоҷикистон»)*

**РӮБОҲБОЗӢ**

### 145. Рӯбоҳбозӣ ба кор бурдан

макр, ҳила, фиреб кардан.

— Пас барои даҳьякро ба даст даровардан чӣ гуна рӯбоҳбозиро ба кор бурдед?

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

### 146. Рубоҳбозӣ кардан

маккорӣ ва ҳилагарӣ кардан, фиребгарӣ кардан.

Чаро шумо дар ҳама кор рубоҳбозӣ мекунед?

**РӮДАКАН**

### 147. Рӯдакан шудан

сахт ва дуру дароз хандидан.

Хушнудона рӯдакан шуда механдид.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

**РӮДАКАНАК**

### 148. Рӯдаканак кунондан

бисьёр мондаву шалпар кардан.

Хонаи пионеронро дар чор фасли сол чил маротиба аз як катаки мурғ ба дигар катаки мурғ кӯчонда, ҳамаро рӯдаканак кунонидааст.

*«Хорпуштак»*

**РӮЗ**

### 149. Қасеро ба рӯзи бад андохтан

касеро ба вазъияти мушкил, ҳоли бад, ғаму ғусса, ба эҳтиёҷ гирифтор кардан.

— Ман духтарчаи булҳаваси нодон будам, содда будам, шумо маро ба доми фиреби худ кашида, ба ҳамин рӯзҳо андохтед!

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

### 150. Рӯзи касе ба подшоҳӣ гузаштан

бо серию пурӣ ҳаёт гузаронидан, ба ҳеҷ чиз муҳтоҷ набудан.

1. Ту чунин зӯрманд мебошӣ, ки ба ҳар касбу кор ки даст занӣ, рӯзат ба подшоҳӣ мегузарад.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. II*

2. Бо ҳамин кор рӯзам ва рӯзи хонаводаам ба подшоҳӣ мегузарад.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. I*

### 151. Рӯзи касе ба сари касе афтидан

*Ниг.* Ба рӯзи касе афтидан.

Рӯзи ман ҳеҷ гоҳ ба саратон наафтад!

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 152. Рӯзи касе ба шумур мондан

умр, ҳаёти касе ба охир наздик шудан.

Ҳар чи кунад, рӯзи амир ба шумур мондааст.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 153. Рӯзи бад

зиндагонии пуразоб, сахт.

Намедонам ин рӯзҳои бад кай ба охир мерасида бошад?!

### 154. Рӯз буд шудан

ба охир расидани умр.

— То рӯзаш буд нашавад, магас ҳам намемирад.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

### 155. Бо чизе рӯз гузаронидан

ба воситаи чизе, аз ҳисоби чизе зиндагонӣ кардан.

Ман ҳамеша бо пули ҳамон ҳалво рӯз мегузаронам, агар халқҳо бисьёр ва бешумор намебуданд, дар як рӯз бозорам касод шуда, сармояи зиндагиам барбод мерафт.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

### 156. Рӯзи касе гузаштан

1. як навъ карда рӯз гузарондан, 2. аз ҷиҳати моддӣ таъмин будан.

1. Дуньё дуньёи гузаро. Рӯзам гузарад шудааст.

*Қ. Наимӣ «Рӯзи равшан»*

2. — Гуё бе Шариф рӯзатон намегузашта бошад.

*Ф. Ансорӣ «Имтиҳон»*

3. Ҳамин корро накунам, рӯзам намегузарад.

### 157. Рӯзи дароз

аз пагоҳ то бегоҳ, тамоми руз.

Рӯзи дароз умри одамон дар саҳро бекора гузашт-ку!

*«Хорпуштак»*

### 158. Рӯз дида натавонистан

1. зиндагӣ карда натавонистан, 2. барор нагирифтани кор.

1. — Шумо ба осонӣ халос мешавам нагӯед. Дар ин замона одами бад рӯз дида наметавонад.

*Қ. Наимӣ «Рӯзи равшан»*

2. Қоргарон мегӯянд, ки ҳар кас ба табъи шумо нафорад, рӯз дида наметавонад.

*«Хорпуштак»*

### 159. Рӯз дидан

1. хотирҷамъона, осудаҳолона зиндагӣ кардан, 2. хушбахт шудан.

1. Ман танҳо дар колхоз рӯз дидам.

2. — Илоҳӣ калон шаву рӯз бин, соҳиби хонаю дар шав.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

3. Агар аҳволат ҳамин бошад, ба куҷое ки равӣ, ту рӯз намебинӣ.

*С. Саидмуродов ва И. Исмоилов*
*«Тӯҳмат»*

4. Чор пул-панҷ пул ҳам пайдо кардам. Ҳар чӣ бошад, рӯз дида гаштаам.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

### 160. Рӯзи камиро надидан

муҳтоҷ нашудан, ба эҳтиёҷ наафтодан.

— Ба ман ҳам камакак думба намедиҳӣ, дуо мекунам, ки умрат дароз шаваду рӯзи камиро набинӣ.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

### 161. Ба касе рӯз надодан

касеро бесаранҷом, нохотирҷамъ кардан, касеро танг кардан, ташвиш додан.

— Аз набудани ведомость якчанд рӯз аст, ки пулро дода наметавонам ва муаллимон ба ман рӯз надода истодаанд.

*«Газетаи муаллимон»*

### 162. Ба касе рӯз намешавад

*Ниг.* Рӯз дидан.

Зеро ки медонистанд ман одами ҳақгӯ ва ростқавл ҳастам, агар дар рӯи олам зиндаю солим гардам, ба онҳо рӯз намешавад.

*Ҷ. Икромӣ «Тори анкабут»*

### 163. Ба рӯзи нағз расидан

ба хушу хурсандӣ расидан, ба касе насиб шудани хурсандӣ, тӯю шодӣ.

Ман имрӯз ба вай гуфтам: «ба ин хел маъракаҳо ният карда рафтан лозим, ки мо ҳам ба ҳамин хел рӯзҳои нағз расем».

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

### 164. Рӯзи наҳс

рӯзи шум, пурфалокат, рӯзе ки кори касе дар он барор намегирад.

1. — Имрӯз як рӯзи наҳс будааст, Зумратбибӣ!

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

2. — Чӣ бало рӯзи наҳс шуд имрӯз.
Ки ягон кори кас барор накард,
Аз саҳаргоҳ то намози шом.
Барфу борон дигар қарор накард.

*М Турсунзода «Асарҳои мунтахаб»*

### 165. Рӯзи некро дидан

ба фаровонӣ, ҳузуру ҳаловат расидан, ба хушбахтӣ расидан.

— Хонаат сӯзад, бой, рӯзи некро набинӣ, бой!

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

## 166. Рӯзи касеро нишон додан

ҷазои касеро додан.

1. — Ба гапи ман надарой, рӯзатро нишон медиҳам!

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

2. Ман ҳозир рафта мебинам, агар вай боз ҳам фиреб карда истода бошад, рӯзашро нишон медиҳам!

*Ҷ. Икроми «Ситора» («Шарқи сурх»)*

3. — Чӣ кор кунам? Ин лаънатӣ рӯз нишон намедиҳад.

*Қ. Наимӣ «Соли 1916»*

4. Амакам худаш одами ганда набуд, лекин занаш ба ман рӯз нишон намедод.

*«Васияти Ленин»*

## 167. Рӯзи ноншиканон

маросими махсуси ба якдигар номзадшавии писару духтар.

Аввал ба тӯи Хурсанда тайёрӣ дид, чизҳои тӯйро тайёр кард, баъд рӯзи ноншиканонро муайян кард.

*Ҷ. Икромӣ «Хурсанда»*
*(«Шарқи сурх»)*

## 168. Рӯзи ноомад

рӯзе ки кори кас пеш намерафта бошад, рӯзе ки кори кас барор намегирифта бошад.

Назар ба қавли бой, дар миёни вай ва Бозор моли дунёва чизи дунёписанд набуд, танҳо саломатии якдигар даркор буд, пас аз ин аз руи эҳтиёт, як рӯзи ноомад, ҳар чизе ки ба Бозор даркор шавад, ҳозир буд, ки бо як парча хати қозӣ додан гирад.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

## 169. Рӯзи касе пур шудан

вақти марги касе расидан, умри касе ба охир расидан.

1. Агар тақдири худо шуда рӯзам пур шуда бошад, розӣ шавед.

*С. Айнӣ «Дохунди»*

2. Агар худо накарда рузи падарат пур шуда бошад, хароҷоти гӯру кафанаш ҳам аз ман шавад.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 170. Дар рӯзи равшан бо чароғ ёфта натавонистан

1. касе, чизеро бисьёр ҷустуҷу кардан, 2. хеле камнамо будан, 3. чизе ки ёфтанаш хеле мушкил аст.

Ҳоло бесаводро дар рӯзи равшан бо чароғ ёфта наметавонӣ.

*Р. Ҷалил «Тоҷикистони советӣ»*

### 171. Рӯзи равшанро ба чашми касе торик кардан

1. ба сари касе мусибати сахт овардан, 2. касеро ниҳоят ғамгин, хафа ва маъюс кардан.

Агар баногоҳ кӯтоҳие аз Одина сар мезад, агарчи ин кӯтоҳӣ бе ихтиёри ӯ шуда бошад ҳам, Арбоб рӯзи равшанро ба чашми ин бечора шаби торик мекард.

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

### 172. Рӯзи равшанро ба касе шаби торик намудан (кардан)

*Ниг.* Рӯзи равшанро ба чашми касе торик кардан.

Душвориҳои ҳаёти талхи гузаштаи лаънатӣ рӯзи равшанро шаби торик менамуд.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 173. Рӯзи равшан дидан

ба айёми озодӣ, беҳбудӣ, фаровонӣ ва хушбахтӣ расидан.

1. Наход мо ҳам рӯзи равшанро медида бошем?

*Р. Ҷалил «Субҳи саҳро»*
*(«Шарқи сурх»)*

2. — Ташаккур ба шумо, наҷотдиҳандагон! Мо боз рӯзи равшанро дидем!

*Қ. Наимӣ «Рӯзи равшан»*

## 174. Рӯзро рӯз, шабро шаб нагуфта

бо коре шабу рӯз машғул будан, тамоми вақти худро ба иҷрои коре сарф кардан.

Ман рӯзро рӯз, шабро шаб нагуфта, китоб мехондам, менавиштам, ба дарс тайёрӣ медидам.

*Қ. Наимӣ «Ман бо шумо»*

## 175. Рӯзи сафед

айёми осудагӣ, хуррамӣ, ҳузуру ҳаловат, хушбахтӣ.

Дар замони гузаштаи бедод,
Ошиқонро набуд рӯзи сафед.

*Ф. Ансорӣ «Гулдастаи дӯстӣ»*

## 176. Рӯз сафед шудан

субҳ дамидан, рӯз шудан.

Бедор шудам, ки рӯз сафед шуда омадааст.

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

## 177. Рӯзи сахт

1. рӯзи пур аз азобу машаққат, 2. рӯзи ғамнок, 3. рӯзи мушкил, эҳтиёҷмандӣ, дармондагӣ ва тангдастӣ.

1. — Чӣ балои азим, чӣ рӯзи сахт аст ҷанг!

*Ф. Ниёзӣ «Ҳиссае аз қиссаҳои ҷанг» («Шарқи сурх»)*

2. Вай туро муҳтоҷ намегузорад ва дар рӯзи сахтат ба кор меояд.

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

## 178. Рӯзи сахтро аз сар гузаронидан

дар азоб, тангӣ ва сахтию эҳтиёҷ умр ба сар бурдан.

Не, аз ин ҳам рӯзҳои сахтро аз сар гузарондем. Даҳшатҳои Перекоп... гуруснагӣ ва ташнагиҳои Қароқум...

*Ғ. Абдулло ва Ш. Киёмов «Тӯфон»*

### 179. Бар рӯзи сахт афтодан

1. гирифтори мусибат, азобу машаққат шудан, 2. ба вазъияти бад гирифтор шудан, 3. ба эҳтиёҷу тангӣ мондан.

Соли вабо падару модари инҳо мурданд. Ин бачагон ба рӯзи сахт афтоданд.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. II*

### 180. Рӯзи сахтро дидан

*Ниг.* Рӯзи сахтро аз сар гузарондан.

Вай рӯзҳои сахтро бисьёр дидааст.

### 181. Ба рӯзи сахт мондан

гирифтори мусибат, азобу машаққат, ғаму ғусса, тангӣ шудан.

Мардум ба рӯзи сахт монда буданд.

*М. Фатҳуллоев «Як саҳифа аз таърихи халқи тоҷик» («Шарқи сурх»)*

### 182. Рӯзи сиёҳ

1. бадбахтӣ, 2. маҳрумӣ, 3. сахтӣ.

1. Шабҳои тору нолаву афғон гузашту рафт,
Рӯзи сиёҳу ҳоли парешон гузашту рафт.

*Л. Обидхӯҷаев «Асарҳои мунтахаб»*

2. Гумон мекунам, ки рӯзҳои сияҳи як замонҳо аз сар гузаронидаатро дую дубора дидан намехоҳӣ...

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

### 183. Ба рӯзи сиёҳ афтидан

ба сахтӣ, маҳрумӣ, мусибат, азобу машаққат гирифтор шудан.

Ба чӣ ҳолҳои табоҳ ва рӯзҳои сиёҳ меафтида бошад?

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

### 184. Рӯзи касе сиёҳ будан

дар бадбахтӣ, маҳрумӣ, мусибат, азобу машаққат зиндагӣ кардан.

Хайрият ки колхоз ана ин хонаҳои бомаш сафолинро андохта дод, набошад рӯзамон сиёҳ буд...

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

### 185. Рӯзи касеро сиёҳ кардан

1. ба сари касе бадбахтӣ, мусибат, андӯҳ, ғаму ноxушӣ овардан, 2. касеро хафа кардан.

1. Исмат намехост, ки вай раис шавад, аммо вай раис шуд. «Акнун, албатта, рӯзамро сиёҳ мекунад»,— мегуфт Исмат дар дили худ.

*С. Улуғзода «Навобод»*

2. — Механики мо одами бадҷаҳл. Бепарвоии машинистро фаҳмад, рӯзи ӯро сиёҳ мекунад.

*Т. Усмон «Кашфи асрор»*

### 186. Ба касе рӯзи хуш надодан

ба азоб монондан, касеро хафа кардан, ба ҳоли худ осуда нагузоштан.

Амакам ҳар рӯз ӯро мезанад, рӯзи хуш намедиҳад.

*«Маориф ва маданият»*

### 187. Рӯзро шаб кардан

рӯзи дароз машғули коре будан, тамоми рӯз бо коре андармон будан.

Вай дар интизори мактуб рӯзҳоро шаб мекард.

*С. Улуғзода «Ёрони боҳиммат»*

### 188. Рӯз(-ат) ҳамин

тақдир, аҳвол чунин.

Ҳа, охир-ку рӯзат ҳамин (Дохундаро сахт зада, дасту пойҳояшро баста ба замин хобонда буданд — *М. Ф.*) будааст!

*Ҷ. Икромӣ «Дохунда» («Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

### 189. Руз ҳангию шаб бангӣ

одами оворагард, бекорхоҷа.

— Фотиҳа занад ту падарлаънати рӯз ҳангию шаб бангиро!

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

**РӮЗА**

### 190. (Ду, се, панҷ...)-рӯза умр мондан

аз умри касе андаке мондан, кам мондани умри касе.

— Ду-серӯза умрам монд, умед карда будам, ки маро худат мегӯронӣ...

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

**РӮЗАТ**

### 191. Рӯзатро бин

ҷазоатро бин, азобатро каш!

1. — Агар дафъаи дигар якта чигити пучро ёбам, бача, рӯзатро мебинӣ.

*Қ. Наимӣ «Роҳи дуруст»*
*(«Шарқи сурх»)*

2. Таклифи ин хел ошиқони беадабро рад куну рӯзатро бин.

*А. Баҳорӣ «Одамони шинос»*

3. Калонҳои ин ҷо ҳам, монанди бисьёр шаҳриён, ҳама фиребгару қаллобанд. Аммо ин гапи ҳакро гӯю рузатро бин!

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

**РӮЗАШ**

### 192. Аз рӯзаш пештар

пеш аз фаро расидани марг, аҷал.

1. Вай ҳам ману ҳам бачаамро аз рӯзамон пеш мекушад.

*Р. Ҷалил «Ҳамида»*

2. Амакамро ҳам ҳамон албастӣ аз рузаш пештар сил карда кушт.

*«Васияти Ленин»*

**РӮЗГОР**

### 193. Рузгор бе моҷаро намешавад

дар зиндагӣ, дар оила манша, хархаша, ҷанҷол ҷой дорад.

«Рӯзгор бе моҷаро намешавад», чӣ баҳона шуд, ки байни Хайруллохуҷа ва занаш урту шурт шуд.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

### 194. Рӯзгор гузаштан

*Ниг.* Рӯз гузаштан.

— Чӣ, рӯзгорат нагузашта монд магар?

*Ҷ. Икромӣ «Ғусса»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 195. Рӯзгор оинаро муҳтоҷи хокистар кунад

зиндагӣ ва эҳтиёҷ касро ба ҳар чиз маҷбур мекунад.

— Дар ин бевақтии шаб?

— «Рӯзгор оинаро муҳтоҷи хокистар кунад» гуфтаанд. Мо ба назди ту омадем.

*М. Миршакар «Афсонаҳои кӯҳистон»*

**РӮЗОНА**

### 196. Рӯзона бо чароғ кофта ёфта натавонистан

*Ниг.* Касе, чизеро дар рӯзи равшан бо чароғ ёфта натавонистан.

— Фаранҷидорро дар маҳаллаи мо рӯзона бо чароғ кофта ёфта наметавонию дар ҳавлии ман уро аз куҷо пайдо мекунӣ?

*Р. Ҷалил «Нутқи Бобомақсуд»*
*(«Шарқи сурх»)*

**РУЙ (РӮ)**

### 197. Аз ин рӯ

1. аз ин ҷиҳат, аз ин сабаб, 2. бинобар ин.

1. Ва аз ин рӯ барои пешрафти минбаъдаи корҳои тадқиқотӣ заминаи мусоид ба вуҷуд оварда нашудааст.

*С. Айнӣ «Мирзо Абдулқодири Бедил»*

2. Аз ин ру ҳам мо тайёр будем, ки то нафаси субҳ кӯчаҳои шаҳрро паймоем...

*Р. Ҷалил «Ҳамида»*

## 198. Аз руи...

1. ба сабаби..., бинобар... 2. мувофиқи...

1. — Ин кори ман аз руи дӯстӣ буд...

*М. Шарқӣ «Еру ҷӯраҳо»*

2. — Ин кор аз руи ба худ ғарра шудан, аз руи муштзӯрӣ, аз руи инқилобро писанд накардан меояд.

*Ҷ. Икромӣ «Тирмор»*

3. Аз руи гумон калонони худро бадном карданд...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

4. Аз руи одоб сейум маротиба тиқ-тиқ кардаму ин дафъа ҳам ки садое набаромад...

*«Хорпуштак»*

## 199. Руй андохтан

хоҳиш, илтимос, муроҷиат кардан.

1. Имсол ҳам агар ман руй андозам, бе хат медиҳад...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Қалоншавандагон аз думболи Бибиоиша рафта ба ӯ руй андохтанд ва аз сари ин даъво гузаштанашро хоҳиш карданд.

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

3. Аз ҷониби ту ба ҷониби ясавул руй андохтам, ин шахс ба мир восита шуда гуноҳатро металабанд.

*Ҷ. Икромӣ «Дохунда» («Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

## 200. Ру ба беҳбудӣ овардан

1. беҳтар шуда истодан, 2. сиҳат шуда истодан.

Қувваҳои асосии босмачиён шикаст хӯрда, хоҷагии халқ ру ба беҳбудӣ овард...

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 201. Руи касе ба касе гарм шудан

ба назари касе хуб намудан.

— Ин тир ба ду нишон мерасад: аввалан, руи ман ба вай ҳам гарм мешавад, ӯ фикр мекунад, ки ман ӯро иззату ҳурмат карда хатар овардаам.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

### 202. Ру ба гурез ниҳодан

гурезон шудан, роҳи гурезро пеш гирифтан.

Душман ба зарбаҳои Армияи Сурх тоқат накарда ру ба гурез ниҳодааст.

*«Тоҷикистон»*

### 203. Руи касе ба назди касе хунук шудан

ба назари касе бад намудан.

Агар ба руи ҳар кас давидан гирӣ, руят ба назди мардум хунук шуда мемонад.

*А. Сидқӣ «Иродаи зан»*
*(«Занони Тоҷикистон»)*

### 204. Рӯ ниҳодан

1. сар кардан, 2. майл кардан (мас. ба таназзул, тараққӣ).

1. Мо адабиёти нимаи дуйуми асри XV ва аввалҳои асри XVI-ро дар тамоми соҳаҳо рӯ ба таназзул ниҳод гуфта наметавонем.

*С. Айнӣ «Алишер Навоӣ»*

2. Он маданият гоҳ-гоҳе... як қадар ҷоннок шуда ру ба тараққӣ мениҳад, лекин на муддати дароз.

*С. Улуғзода «Аҳмади Дониш»*

3. Алафҳои дар аввали баҳор сабзшуда аллакай рӯ ба зардӣ ниҳодаанд...

*Ҷ. Икромӣ ва А. Одинцов*
*«Аҷоиботи сафар» («Шарқи сурх»)*

4. Вай ба ҳалокат руй ниҳодааст.

*Ғ. Абдулло «Шери занҷиршикан»*

## 205. Дар (ба) рӯ ба рӯ

1. руйрост, 2. дар пеши, дар тарафи муқобил.

1. Дар ин бора аз ӯ шеърҳо нақл мекарданд, ки дар онҳо калонони замони худро дар рӯ ба руяшон ба тарзи бадеҳа ҳаҷв кардааст.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III*

2. Дар рӯ ба руи айвон полизчаи дарозрӯяе воқеъ аст...

*П. Толис «Тобистон»*

3. Вай сар бардошта дид, ки дастурхончӣ ба рӯ ба руи ӯ омада нишастааст.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

## 206. Рӯ ба рӯ кардан

1. дучор кардан, 2. дакка хурондан, бо ҳамдигар бархурондан.

1. Маро ба Музаффар тасодуфи оддӣ рӯ ба рӯ кард.

*Ф Муҳаммадиев «Ду роҳи нав»*
*(«Шарқи сурх»)*

2. — Ҳар руз як нохушии нав ба нав пеш омаданаш магар кам буд, ки боз ҳаёт маро бо Сабур ру ба ру кард.

*А. Сидқӣ «Иродаи зан»*
*(«Занони Тоҷикистон»)*

## 207. Рӯ ба рӯ омадан (шудан)

1. бо касе дучор шудан, бархӯрдан, 2. мулоқот кардан.

1. Ӯ дар куча бо ман рӯ ба ру омад.

*«Тоҷикистони советӣ»*

2. — Ман намехоҳам бо он кас рӯ ба рӯ шавам.

*С. Ғанӣ «Туй»*

3. Бо халқ рӯ ба рӯ шудан намехост.

*«Тоҷикистони советӣ»*

4. Хостам бо шумо рӯ ба ру шуда, кушоду равшан гап занам...

*Ф. Ниёзӣ «Духтари ҳамсоя»*

### 208. Рӯи касе ба касе хунук намудан

ба назари касе бад намудан.

Вақте ки мӯҳлати нафақагирӣ ба охир расид, рӯи Мӯниса ҳам ба Рауф хунук намуд.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 209. Рӯи (фалониро) боди сиёҳ хӯрад

нафрин: бимирад, ба гӯри сиёҳ равад.

— Рӯи Сабурро боди сиёҳ хӯрад...

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. II*

### 210. Рӯи гапро пӯшондан

болои матлабро пӯшондан, рӯпӯш кардани матлабе.

Парешон шудани аҳволамро пай бурда аз гапи гуфтагиаш пушаймон шуд ва рӯи он гапро пӯшондан хоста гуфт...

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. II*

### 211. Рӯй гардондан

1. дилмонда шудан, 2. алоқаи худро кандан; рад кардан, 3. худдорӣ кардан.

1. — Ҳамаи ёру ошноҳоят аз ту рӯй гардондаанд.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

2. — Дуо кун, ки давлат аз мо рӯй нагардонад.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

3. — Дар таомули ин ҷо аз ош рӯй гардондан айб ҳисоб меёбад.

*С. Улуғзода «Эрони боҳиммат»*

4. «Ӯ барои беобрӯ накардани муллоҳои худ аз ҳабс кардан ва ҷазо додани ту барин касон рӯй намегардонад»...

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

### 212. Рӯи гарми худро сард кардан

бо рафтору кирдори худ боиси нисбат ба худ бад шудани назари касе гардидан.

— Ба ҳаракатҳои нолоиқ рӯи гарми худро сард макун!

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

### 213. Аз руи касе гузашта натавонистан

касеро иззату ҳурмат намуда, илтимоси уро рад накардан.

1. Ман ҳам аз руяшон гузашта натавониста, ин ҳафта ба кор мондам, вагарна кайҳо ба ёбон баромада мерафтам.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

2. Ана барои ҳамин шуда домулло ба миён даромаду падарам аз руи вай гузашта натавонист.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. II*

3. — Ман як бор аз руи шумою саркор гузашта натавониста, розӣ шуда будам...

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

### 214. Аз руи гуфт (гуфта)

мувофиқи гуфти..., ба қавли..., бино ба гуфтаи...

1. Аз руи гуфти падарам: вақте ки вай мехоҳад хонадор шавад, бой ба вай «ғамхорӣ» карда пул қарз медиҳад...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. — Шумо аввал аз доруи ман харед, баъд мушро хоҳ аз руи гуфти ман кушеду хоҳ аз руи гуфти худатон, ихтиёр ба дасти Бахтиёр!

*«Латифаҳои тоҷикӣ»*

3. Аз руи гуфтаҳои онҳо муҳаббатам дар ҳаққи Аҳмад-махдум руз то руз зиёдтар ва ҳавасам ба фаҳмидани хусусиятҳои аҳволи у соат ба соат афзунтар мегардад.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III*

### 215. Ба руи касе гуфтан

суханеро ба худи касе гуфтан, руйрост гуфтан.

1. Агар инро ман ба руятон гуям, аз ман хафа мешудед.

*Ҷ. Икромӣ «Ситора»*
*(«Шарқи сурх»)*

2. Шуморо дар ягон ҷой дучор карда, суханҳои талху тунди дар дилам ғундошта мондаамро ба рӯятон бигӯям, барои ранҷ ва озоре, ки дӯстам ноҳақ аз сар гузаронид, аз шумо қасос бигирам.

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

3. — Ҷо-ҳил! — бо хашм мушт бар руи стол зада хитоб кард Сангинов.— Ту ба руи ман чиҳо гуфта истодаӣ? «Овора нашавед?» Ту ба ман, ба муаллимат кор ёд медиҳӣ?

*П. Толис «Ҳикояҳои даҳ сол»*

## 216. Ба рӯи касе давидан

шарм надошта гапро бо касе беибо гуфтан, эҳтироми касеро ба назар нагирифта чизеро ба рӯяш гуфтан, бо касе густохона гап задан.

1. — Ака Эргаш дар замони амир дар ҳар кор аз ман бадгумон шуда, ба ман дарафтида ба рӯям давида мегашт.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

2. — Худи шумо дар куҷо будед,— пурсид Носир.

«Воаҷабо! Чӣ гап шуд, ки ин қашшоқбача якбора ба ин дараҷа ба рӯям медавидагӣ шуд?»

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. II*

3. — Он вақтҳо дигар буд, ҳозир дигар! — гуфт Садаф...

— Нағз не, Садаф! — гуфт Хола.

— Ба руи устоди худ надав!

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

## 217. Касеро ба рӯи даст (каф) бардоштан

касеро ниҳоят иззату ҳурмат кардан.

1. Ман ин ду муйсафедро ба руи дастам бардошта нигоҳубин мекунам ва иззаташонро баҷо меоварам.

*Ҳ. Карим «Гулбанд»*
*(«Шарқи сурх»)*

2. Шавҳараш ҳам як йигити мулоими боадаби одамдуст будааст, маро ба руи кафаш бардошт.

*Р. Амонов «Меҳрӣ»*
*(«Шарқи сурх»)*

3. У ба хар кадоме вохӯрда ваъдаҳои калон медод, аз ишқу мухаббат, зиндагонии хушбахтонаи оилавӣ гап мекушод — «ба рӯи кафам бардошта мегардам» гуфта ваъдаҳо медод.

*«Занони Тоҷикистон»*

### 218. Аз рӯи дид

тахминан.

Аз руи диди ман 15 пуд вазн дорад.

### 219. Руи касе, чизеро дидан

1. соҳиби касе, чизе гардидан, 2. ба касе рӯ ба рӯ шудан, мулоқот кардан.

1. У мехоҳад тезтар бисоти туйро ғун карда келиндор шавад, руи набераро бинад.

*А. Баҳорӣ «Одамони шинос»*

2. Дигар на рӯи ӯро мебинам ва на аз вай ҳуҷра мепурсам.

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

### 220. Аз рӯи дил

ғайри самимона, нуги забонӣ.

1. Одина ба ин далел ва исботҳои Шоҳмирзо ҳеч ваҷҳ наёфта, ночор шуда, аз руи дил ва нуги забон розигӣ дод...

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

2. — Не, он қадар монда нашудем...— гуфт Мансурбой аз руи дил...

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

### 221. Аз руи дил гуфтан

ғайрисамимона гуфтан, аз таҳти дил нагуфтан.

— Аммо ту хафа нашав, духтарам, гапҳои мана ба дилат нагир! Ман аз руи дил, аз нуги забон мегуям.

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 222. Руй додан

ба амал омадан, воқеъ гардидан.

1. Зеро акнун чунин ҳодисае руй диҳад, метавонед, ки худро ба канорае кашед ва аз пахш кардан, реза-реза намудани он эмин бошед...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Ин воқеа дар яке аз қишлоқҳои Украина, моҳҳои августи соли чилу як руй дода буд.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

3. Наход ки ҳеҷ дигаргунӣ руй надода бошад?

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

4. Панҷ дақиқа гузашт, духтарак наомад, андак маъюсӣ ба ман руй дод.

*Ҷ. Икромӣ «Интизорӣ»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 223. Руи дуньёро дидан

ба вуҷуд омадан, зоида шудан.

Акнун маълум буд, ки рисолаам руи дуньёро мебинад.

*Р. Амонов «Дар доманаи куҳҳои кабуд»*

### 224. Ба (бар) руи касе задан

камбудӣ, айби касеро беибо ба худаш гуфтан.

1. Шарм накарда начакконда оварда ба руи ман мезанӣ...

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. I*

2. Вазифаи ман он буд, ки разолати корҳои онҳоро бар руи худашон зада, баъд аз он ҷо бароям.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. III—IV*

3. — Шоҳиди бардуруғ ва харида будани инҳоро ба рӯяшон зада гувоҳии инҳоро рад хоҳад кард...

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

### 225. Ба руи кор овардан

1. ба арса, ба майдон овардан, 2. ба роҳбарӣ, ба ҳокимият гузоштан.

Мақсади ҳақиқии Абумуслим аз хуруҷ танҳо маҳв кардани банӣ Умийя-Марвониён ва ба руи кор овардани Аббосиён набуда, балки мақсади асосии ӯ нест кардан ва пеш кардани истилогарони араб аз Хуросон, Мовароуннаҳр ва умуман аз вилоятҳои тоҷикон-эрониён буд.

*С. Айнӣ «Исьёни Муқаннаъ»*

### 226. Бо (ба) руи кушод чизе кардан

кореро хушхолона, бо хушию хурсандӣ ба ҷо овардан.

1. Шокирова аз ҷояш хеста бо руи кушод ба Шарифзодаю Толиб даст дод...

*Р. Амонов «Дар доманаи кӯҳҳои кабуд»*

2. Мардон ин колхозчии зарбдорро бо руи кушод қабул карданд...

*Б. Азизӣ «Таҷриба» («Шарқи сурх»)*

### 227. Руи кушода надидан

аз тарафи касе муомилаи хуш, гапи нағз, илтифот зоҳир нашудан.

Бо ин ҳама меҳнат ва машаққат руи кушода ва забони хуше аз корфармоён надида буд, ки баъд аз ин ба завод кор кунад...

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

### 228. Руи касе кушода шудан

хушҳол, шод шудан.

Бо шунидани ин суханҳои юзбошӣ рӯи саркарда кушода шуда, ба ӯ бо табассум нигоҳ кард...

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. II*

### 229. Рӯй монанди пӯстак ғафс будан

бешарм, беҳаё; хира будан.

Хориш намояд гулӯяш,
Монанди пӯстак ғафс аст рӯяш.

*Н. Назирӣ «Чистонҳои хорпуштак»*
*«Хорпуштак»*

### 230. Чизе дар рӯи касе мондан

чизе ба худи кас баргаштан.

Илоҳӣ писаратон сиҳату саломат баргашта биёяду ҳамин таънаю буҳтонҳои ноҳақатон дар руи худатон монад.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

### 231. Аз (ба) рӯи касе моҳ (маҳ) дидан

1. ба касе дилбастагӣ доштан, 2. дар касе чизи фавқулодда, аҷоибе дидан.

1. Зудтар ягон одам харида деҳ, ба кори бечорагият рафтан гир, «ҳеҷ кас дар ин ҷо аз рӯи ту маҳ надидааст».

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. — Ҳа, гап зан! Чӣ нигоҳ карда мондӣ? Ба рӯи ман моҳ дидӣ магар?

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

### 232. Рӯи чизеро надидан

аз чизе маҳрум будан, ба чизе дастрасӣ надоштан.

1. Магар дер боз (салла — *М. Ф.*) рӯи тағораи ҷомашуиро надида будааст, ки аз хоки замини дӯкони ман чиркинтар менамояд.

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

2. Аз ҳамон вақт сар карда моҳигир руи хурсандиро надид.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

3. Шикам бошад бештарин вақтҳо танбур менавозад, дар ин наздикиҳо руи сериро надидаам.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

## 233. Руй надоштан

шарм, ҳаё надоштан.
Шумо ҳеҷ руй надоштаед.

## 234. Руй нашудан

1. ҷуръат накардан, 2. шарм доштан.
1. Дубора ба қарз талабидан руям намешавад.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. — Умуман ин таклифи бад не, лекин дар ин бора пеш аз ҳама бо агроном, бо Иванамак маслиҳат кардан лозим буд.
— Руям нашуд, ака Қосим. Ба ҳар ҳол вай одами муйсафед, баҳурмат, пешхезӣ кардан нағз не гуфтам ба худам.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

3. — Руи кас намешавад, ки ҳатто ин рақамро ба забон гирад.

*«Тоҷикистони советӣ»*

## 235. Аз руи касе наҳс боридан

аз зоҳири касе бешармӣ, осори накбат, номуборакӣ, фисқу фуҷур намоён будан.
«Дируз аз дур дида, ба худо, ки дилам беҳузур шуд. Аз руяш наҳс меборад».

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

## 236. Аз руи ноилоҷӣ

маҷбуран, ночор.

Аз афти кор, ин итоати вай ба амри соҳиб аз руи ноилоҷӣ ва маҷбурият буд...

*С. Улуғзода «Навобод»*

## 237. Ба руи об баровардан

1. касеро обруманд намудан, боиси обрумандӣ ва эътибору ҳурмати касе шудан, 2. чиз ё каси номаълум ва азьёд рафтаро маълуму намоён гардонидан, 3. амалӣ, зоҳир, ошкор, ба назар намоён кардан.

1. — Ба фикри ман, куҷое набошад, меҳнати ҳалол одамро ба руи об мебарорад.

*«Тоҷикистони советӣ»*

2. Рафиқ Ленин, фирқаи иштирокиюн, ҳукумати шурой қарор доданд, ки халқи тоҷикро ба руи об бароварда, аз илму маориф баҳравар кунанд...

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

3. Ниҳоят дар моҳи июли соли 1957 вай нақшаи худро ба руи об баровард.

*«Хорпуштак»*

4. Комиссияи тозагии шаҳр дар рузҳои наздик камбудиҳоро ба руи об бароварда, ин гуна бепарвохуҷаҳоро расво мекунад.

*«Хорпуштак»*

## 238. Ба руи об баромадан

1. баобру шудан, шуҳрат пайдо кардан, машҳур шудан, 2. дар амал иҷро гардидан, ба амал татбиқ ёфтан, 3. зоҳир, ошкор, ба чашм намоён шудан.

1. Пас аз Революцияи Кабири Октябрь имконият пайдо шуд, ки ҳамаи санъат ва ҳунари халқ ба руи об барояд ва гул кунад.

*Ҷ. Икромӣ «Дар меҳмонии бародарони ӯзбек» («Шарқи сурх»)*

2. — Дили ман,— гуфт духтарак сарашро бардошта бо ҷиддият,— танҳо бо никор гирифтан аз Ҳасан ором намегирад, аз колхоз ҳам, ки сабаби хонавайрон шудани мо гардида, барои ба руи об баромада ба худ зиндагонии осуда дуруст кардани ғуломон, ятимон, ҷупонон ва чорьяккорони мо боис гардидааст, никор гирифтанам даркор аст.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

3. Агар колхоз шуда ба ҳамдигар ёрӣ дода кор кунем, ҳамин мақсадамон ба руи об мебарояд.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

4. Тафтиш мекунанд, мефаҳманд, ҳақиқат ба руи об мебарояд.

*Ҷ. Икромӣ «Ситора»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 239. Руи обро надидан

1. хело вақт боз шуста нашудан, ниҳоят чиркин будан, 2. *Ниг.* Ба руи об баромадан.

1. Куртаи кабуди нимдоште пушида буд, ки хеле вақт боз руи обро надидани он маълум шуда меистод.

*Р. Амонов «Дар доманаи куҳҳои кабуд»*

2. — Агар ҳамин таълиму тарбияи ту бошад, худо хоҳад, руи обро намебинам.

### 240. Руи об шудан

*Ниг.* Ба руи об баромадан.

Чархи зиндагӣ гардиши худро дигар кард. Пойлуҷон руи об шуданд.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

### 241. Ба руи касе оби хунук задан

огоҳонидан, аз ҳолати ғафлат баровардан, ҳушьёр кардан.

Оқибат ин ҷавони беқарорро як бор ба руяш оби хунук зада, ҳушьёр карда мондан лозим, ки якзайл пеш ҷаҳида ба Юнусбой таълим додан нагирад.

*С. Улуғзода «Навобод»*

### 242. Руй овардан

1. ба ҷое раҳсипор шудан, 2. ба касе муроҷиат намудан, 3. насиб шудан, 4. воқеъ шудан.

1. Ба тарафи Хиёбон ру оварданд.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Фикркунон ба мо руй оварда пурсид...

*С. Улуғзода «Навобод»*

3. Очил-батрак сахт ақида дошт, ки бо омадани Оиша ба хонадони вай бахту толеъ рӯ меоварад.

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

4. Азбаски ғайр аз шумо ба каси дигар дилам пур намешавад ва медонам, ки шумо сирри маро нигоҳ медоред, ба шумо рӯ овардам.

*С. Айнӣ «Марги судхӯр»*

5. Мо метавонем ҳама дуздонро ба зери дасти худ гирифта, мусаллаҳ карда, ба худ нафар ва навкар кунем ва ба ин восита мардум ҳам маҷбур мешаванд, ки барои ҳар кори худ ба мо руй оваранд, зеро касе ки хонаашро дузд мезанад, маҷбур мешавад, ки бо мо ояд, моро хурсанд кунад ва аз мо ёрӣ талабад...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

6. Ҳамаи пешомаде ки аз он метарсид, ба вай ру овард: акнун ӯ ба корҳои Абдулло ёрирасони оддӣ набуда, бевосита шарик ва ҳамдасти ҷинояти уст.

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

### 243. Ба руи чизе омадан

барои чизе талош кардан.

Албатта, фоидаи инро ҳам, чи тавре ки худатон медонед, танҳо нахурдаам. Наход кас ба руи ҳамин омада, даҳон олонида, гап зада гардад?

*«Хорпуштак»*

## 244. Руй панҷаи офтоб

нихоят хушру, дилрабо.

Ҳодипиён ном ошнои ман ҳаст, ки як духтаре дорад, руй панҷаи офтоб.

*С. Ғанӣ «Туй»*

## 245. Ба рӯи касе пешхезӣ кардан

*Ниг.* Пешхезӣ кардан.

Мехост бо тамоми қаҳру ғазаб ба стол мушт зада Мансуровро мисли як аскаре, ки ба рӯи сардори худ пешхезӣ намуда, интизомро вайрон карда бошад, рост монда ба итоб гирад.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

## 246. Руй пинҳон кардан

пинҳон шудан.

1. Чанд рӯз боз ман аз дасти онҳо руй пинҳон карда мегаштам.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. «Аҷаб нест, ки барои дастгир кардани ман одамони ҳоким омада бошанд» — гуфта берун баромадам ва руй пинҳон кардам.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. II*

## 247. Ба рӯи касе пой мондан

1. нисбат ба касе беҳурматӣ кардан, касеро иззату хурмат накардан, поси эҳтироми касеро накардан, 2. касеро писанд накардан.

1. — Меравам, ҳар чи ки гуед, гуфтан гиред! — иноҷкорона ҷавоб дод Шодигул.

Ин тариқа «ба рӯи падару модар пой мондани» духтар дар оилаи Ҳоҷиумар аз ин пеш ҳеҷ дида нашуда буд.

*С. Улуғзода «Навобод»*

2. Ман амаки шумоён бошам ҳам, маро ҳаргиз иззату ҳурмат намекунед. Ҳар корро бе маслиҳати ман кардан мегиред, ба руи ман по монда, маро дар назди ёру дуст шарманда мекунед.

*А. Мусаввада «Гаҳворабахш»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 248. Руи касеро равшан намудан (кардан)

дар чеҳраи касе зоҳир шудани аломати хурсандӣ.
Руяшро табассуми мамнуният равшан намуд.

*М. Набиев «Чураҳо»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 249. Руи чизеро рост кардан

чизеро ба тартиб овардан.
Лекин таомфурушон ҳануз осуда нашуда буданд, онҳо акнун руи кори таомфурушии худро рост карда буданд, ки аз тарафи болои ҳавз машкобони арк пайдо шуданд.

*С. Айнӣ «Еддоштҳо», қ. II*

### 250. Руи касе сиёҳ

шарманда, беобру, расво.
1. Дар гузашта руи дузана сиёҳ мегуфтанд.

*«Хорпуштак»*

2. — Руи усто сиёҳ, магар дуйумашон пешакӣ ваъда додааст, ки албатта писар зоида медиҳад?..

*Ф. Ниёзӣ «Духтари ҳамсоя»*

3. — Оҳ, руям сиёҳ, аз ҳамин об хурдӣ?

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

### 251. Руи касеро сиёҳ кардан

касеро шарманда, беобру кардан.
1. Ин хел одамҳо то хаш-паш кардана руи одамро дег барин сиёҳ карда мемонанд.

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид»*

2. — Дафъ шав, беномус! Гумном шав! Рӯямро сиёҳ кардӣ.

*Ҳ. Карим ва Дунган*
*«Соли 1916» («Шарқи сурх»)*

### 252. Рӯи касе сиёҳ (руйсиёҳ) шудан

1. гунаҳкор, 2. шарманда, беобрӯ; расво шудан.
1. «Вой руям сиёҳ шуд».

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

2. Наход Сафар ако дар назди ҷураи деринааш рӯйсиёҳ шуда монад-а?

*Б. Ортиқов «Нишона»*
*(«Шарқи сурх»)*

### 253. Рӯи (фалон қадар) солро дидааст

ба чизе... сол пур шудааст.

Шавҳардориат руи се солро мебинаду аммо бача нест.

*Р. Ҷалил «Ҳамида»*

### 254. Бо руи сурх

1. бо хушу хурсандӣ, фараҳмандона, 2. бо муваффақият, 3. бо ифтихор, бо сарбаландӣ.

1. — Не, раҳмат, рафта ба дугонаам ёрдам мерасонам, бигузор нормааш пур шавад, бигузор пагоҳ тӯяшро бо руи сурх ва бо хурсандӣ гузаронад.

*М. Миршакар «Муаллими ишқ»*

2. — Коре карда аз ҷанг дар пеши маҳаллаю қишлоқи худ забонкутоҳ нашуда бо руи сурху болодасти баргардем, аз ин дида давлати калон нест.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

3. То он вақт мо мамлакатро аз душман холӣ карда истоданамон даркор аст, то ки ба пеши ҷаноби олӣ бо руи сурх бароем...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

4. Гашт дар гирди хонаву аммо,
Надаромад Ҳасан ба он хона.
Ба Сафар бо кадом рӯи сурх,
Менамояд нигоҳ мардона.

*М. Турсунзода*
*«Асарҳои мунтахаб»*

### 255. Рӯи суханро ба касе гардондан

суханро ба касе равона кардан, ба касе нигаронида гап задан.

Қалоншавандагон рӯи суханро ба Арбоб гардонида гуфтанд...

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

### 256. Рӯи сӯхта

шармандагӣ, беобрӯӣ, бадномӣ.

Номи Шароф Саъдӣ ба он муносибат чанд рӯз вирди забони мардум шуд ва ӯ ҷое наёфт, ки рӯи сӯхтаашро пинҳон кунад.

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

### 257. Рӯй сӯхтан

дар пеши касе, чизе шарманда, забонкӯтоҳ шудан.

1. — Рафту ба роҳи шайтон даромада ҷудо шавад, баъд чӣ мешавад? — мегуфт ӯ худ ба худ! Дар ин байн аз Собир рӯям сӯхта мемонад-мӣ?

*Б. Ортиқов «Нишона»*
*(«Шарқи сурх»)*

2. Сарамро бори хиҷолат ҳам кардааст, ба идора нарасида, аз ҳоло аз шарм рӯям сӯхта истодааст.

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 258. Касеро бар рӯи тахта гирифтан

касеро фиреб додан.

— Акнун вақти «бар рӯи тахта гирифтани кампир расида буд», чунки ӯ худро монанди мурдае ки ба дасти мурдашӯй афтад, ба дасти Ҳоҷизокир супурда буд.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. II*

### 259. Руй тофтан

1. аз касе, чизе руй гардондан, 2. касе, чизеро рад кардан, инкор намудан, қабул накардан, 3. саркашӣ кардан.

1. Хадича қаҳр кардагӣ барин аз Барака руй метобаду хомӯш мемонад.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

2. Пас аз ин ҳар вақт, ки Раиса Азимҷонро медид, эҳтимол барои «набинаму насӯзам» бошад, албатта аз ӯ рӯ тофта мерафт.

*Т. Усмон «Кашфи асрор»*

3. Охир, усторо занаш пеш накарда бошад, ҷанг накарда бошад, таъна маломат назада бошад, аз чӣ сабаб аз баргашта омадан рӯ метобад?

*Ф. Ниёзӣ «Духтари ҳамсоя»*

4. Аммо агар ишқу муҳаббат ва рашк чун ба кор раванд, вай аз онҳо рӯ наметобад...

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

### 260. Ба рӯи касе тохтан

1. гаперо бе ибо ва шарм надошта руйрост гуфтан, 2. густохона гап задан.

1. Эъзоз дар ҳузури мо шарм накарда ба рӯи шавҳараш тохта гуфт:

— Меравам ки гуфтам, меравам, дод гӯӣ ҳам меравам, вой гӯӣ ҳам меравам.

*С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»*

2. — Ба рӯи ман натоз, Шодмон.

*С. Улуғзода «Шодмон»*

### 261. Руй турш шудан

1. рӯи худро дарҳам кашидан, дар рӯи кас аломати норозигӣ пайдо шудан, 2. ғамгин, маъюс гардидан.

Бибизумрат ногаҳон аз ин хушҳолии яклаҳзагӣ якбора ба ҳолати дигар гузашт, ким-чӣ ба ёдаш омаду рӯяш турш, абрӯвонаш чин шуданд.

*А. Деҳотӣ «Ҳаёт қадам мезанад»*

### 262. Руи фиреб кушода шудан

фиреби касе ошкор шудан.

Нормурод дид, ки рӯи фиребаш кушода шуд, худашро ба шӯхӣ зад...

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 263. Рӯи худро ба хок молидан

сахт илтимос, илтиҷо, зорию тазарруъ кардан.

Агар онҳо дар ин вақт бедор шаванд, дигар рӯятонро ба хок молед ҳам, гашта хоб намекунанд.

*Ф. Муҳаммадиев «Тири хокхӯрда»*

### 264. Ба рӯи худ ниқоб кашидан

қиёфаи худро дигар кардан, ба шакли дигар даромадан.

Қариб буд, ки сиррам фош гардад, дарҳол ба рӯям ниқоб кашидам ва ба фаъолият даромадам...

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

### 265. Ба рӯи худ пӯстак (пӯстакча) кашидан

*Ниг.* Ба рӯи худ чарм кашидан.

1. Хайр, модоме ки шарму ҳаёро тах карда мондаед, ба рӯятон пӯстак кашида омадед, чӣ ҳам мекардам?

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

2. Дар концерт духтари ту усулу бозӣ мекунаду мо ба рӯямон пӯстакча кашида мешинем магар?

*Ш. Қиёмов ва А. Мороз «Дил дили Зайнаб» («Шарқи сурх»)*

### 266. Рӯи худро тофтан

рӯи худро аз касе гардондан.

Дина дар ошхона ҳам ҷеғ задам, рӯяшро тофта гузашт...

*Ф. Муҳаммадиев «Муҳоҷирон»*

## 267. Руи худро турш кардан

1. руи худро дарҳам кашидан, 2. дар руи худ осори норизоги, эътироз нишон додан.

1. Ин пирамард гоҳ руи худро турш карда пешонаи аз камоли пирӣ пурчиншудаашро дарҳам мекашид...

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

2. Мулло, ки дар вақти чапакзанӣ руи худро турш карда нишаста буд, пас аз хомуш гардидани садои қарсак, дар ҳолате ки сар то пояш аз оташи ғазаб гуё ки дар гирифта буд, ба сухан даромад.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

## 268. Руи худро чаппа кардан

1. аз касе, чизе руй гардондан, 2. ба касе бо назари нафрат нигоҳ кардан.

Агар ҳамин хел ба маслиҳати одамҳо руятонро чаппа кунед, коратон пеш намеравад.

*С. Улуғзода «Навобод»*

## 269. Ба руи худ чарм кашидан

шарму ор накардан.

1. Аз Бибисоро ду руз пеш аз ин якта нон қарз гирифта будам, имруз ки бача бисьёр гирья кард, боз ба руям чарм кашида ба сари девор рафта:

— Илоҳӣ барака ёбӣ, боз ягонта нон қарз деҳ,— гуфтам.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

2. Ба руятон чарм кашида як бор дар маҷлис ҳам гуноҳатонро ба гардан гиред...

*Ҷ. Икромӣ «Ситора» («Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон»)*

3. Аммо ба гапи ман гуш андозию наандозӣ, ба руям чарм кашида, беибо ба ту менависам...

*«Тоҷикистони советӣ»*

### 270. Аз касе руи хуш (руйхушӣ) надидан

аз тарафи касе илтифот, марҳамат, муомилаи хуб надидан.

1. Ба аспҳои дигар ба чашми бад нигоҳ кардани онҳоро дид, зуд тағйири ҳолат карда, ба меҳмонҳои шабонагӣ руи хуш намедодагӣ шуд.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

2. Ҳамида солҳо хидмат карда аз Абдуллобой ва зани ӯ ҳеҷ руйхушӣ намедид, гапи нағз намешунавид...

*«Раҳбари дониш»*

### 271. Ба касе руи хуш (руихушӣ) нишон додан

ба касе илтифот кардан.

1. Аҳли маҳалла аввалҳо Абдулатифро он қадар руи хуш намедоданд.

*П. Толис «Тобистон»*

2. Дар хонаи падараш зиндагонӣ кунам гӯяд — моиндар дида наметавонист, дар хонаи худаш бошад — шавҳар, хусуру хушдоман руи хуш намедиҳанд.

*«Тоҷикистон»*

3. Аммо азбаски Зайнаб пас аз машғул шудани Мухтор аз дарсҳояш баҳои хуб мегирифтагӣ шуд, падару модари Зайнаб хурсанд шуданду ба Мухтор руи хуш нишон доданд

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

4. Вай ба ҷавонони деҳа руи хуш нишон надиҳад ҳам, вале ҳамчун тамоми ҳамсолони худ нигарон буд, ки имруз не, фардо ҷавони муносибе талабгор шуда ба хонаашон хостгор мефиристонад...

*М. Шарқӣ «Марҳабо»*
*(«Шарқи сурх»)*

## 272. Ба рӯи касе чанг задан (андохтан)

1. ба касе дарафтодан, 2. ба касе эътироз, муқобилат кардан.

1. — Шумо мехоҳед акнун ба рӯи ман чанг занед, тушбераро хом шумурдаед...

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

2. — Ту, тирмизак, ин қадар чӣ иғвогарӣ мекунӣ. Ту мехоҳӣ, ки ғуломи зархариди ман ба рӯям чанг андозад?!

*Қ. Наимӣ «Соли 1916»*

## 273. Рӯи чизе ширинӣ кардан

ҳирси, меҳри чизе зӯрӣ кардан.

Як рӯз тобеони соддалавҳам ба шифоньери 779-сӯмӣ 288 сӯм нарх монда ба хонаам бурда мондаанд. Рӯи мол ширинӣ карда, нахостам, ки онро пас гардонам.

*«Хорпуштак»*

## 274. Аз рӯ шона, аз таг фона

дар ҳузури касе таърифу хушомад карда, дар ғиёбаш бадгӯӣ кардан.

1. — Одил Саркор аз он ки то ин вақт «аз рӯ шона, аз таг фона» зада гаштани Мирбадал дар вақташ хабардор нашудааст, асабонӣ шуда, ба ғазаб меомад.

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. I*

2. — Фақат корд не, досу табар, милтиқу шашпар ҳам ҷояш меояд, ки даркор шуда мемонад. Аммо онҳоро ҳамеша аз рӯ ба рӯ не, аз қафо ҳам ба кор мебаранд. Ҳамин тавр мекардем, ки аз ғулғулаҳои дирӯза эмин мондем. Ҷояш меояд, ки «аз рӯ шона, аз таг фона» мезанӣ.

*Р. Ҷалил «Субҳи саҳро» («Шарқи сурх»)*

### 275. Руи касе шукуфтан

хушҳол, хурсанд шудан.
Ин хабари хубро шунида рӯяш мешукуфт.

### 276. Ба руи қадам омадан

зоида шудан, таваллуд ёфтан.
Аз он наздикӣ як духтарча ба руи қадам омад...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 277. Аз руи эҳтиёт

эҳтиётан, ба ҳар ҳол.
— Ман бошам, аз руи эҳтиёт дар гирду атроф сечаҳор маротиба давр задам, то бифаҳмам, ки мабодо роҳро гум карда набошам.

*С. Ғанӣ «Марги муфоҷот» («Хорпуштак»)*

### 278. Аз руй ҳой-ҳою аз дарун вой-вой

зоҳиран ороста, вале ботинан зишт, бадкирдор.
Ман ба у гуфтам, ки маро мебахшед, рафиқ, ман сурати одамеро, ки «аз руяш ҳой-ҳою аз дарунаш вой-вой» бошад (сураташро — *М. Ф.*), намекашам.

*Р. Ҷалил «Ҳамида»*

## РУБИНӢ

### 279. Рубинӣ кардан

руи хотири касеро кардан.
Шурои ҳосилот рубинӣ карда истодааст.

*С. Улуғзода «Шодмон»*

## РУГАРДОН

### 280. Ругардон кардан (аз касе)

дилхунук кардан.
Амирро бад карда, ҳамаро аз мо ругардон кардаанд...

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 281. Ругардон шудан

дилхунук шудан.

Коре карданд, ки оммаи деҳқонон аз мо ругардон шуд.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

**РУЙГАРМ**

### 282. Руйгарм шудан

*Ниг.* Руи касе ба касе гарм шудан.

Як қадар бо вай руй гарм мешавад.

*С. Улуғзода «Қалтакдорони сурх»*

**РУДАВӢ**

### 283. Рудавӣ кардан

*Ниг.* Ба руи касе давидан.

— Санавбархон, гапатона дониста занед. Чӣ кор карданамонро медонем. Аз ҳоло ин қадар рудавӣ карданатон нағз не.

*Б. Раҳимзода ва М. Рабиев «Дар сояи шипанг» («Маҷмуаи пьесаҳои якпардагӣ»)*

**РУДАКАН**

### 284. Рудакан шуда хандидан

*Ниг.* Аз ханда рудакан шудан.

Ҳамаи ҳавлингиҳояш, аз хурд то калон, уро дида қоҳ-қоҳ зада рудакан шуда механдиданд.

*«Афсонаҳои халқи тоҷик»*

**РУИДИЛАКӢ**

### 285. Руидилакӣ узрхоҳӣ кардан

ғайрисамимона, риёкорона узр гуфтан.

Аз акои Олим руидилакӣ узрхоҳӣ карда гуфт...

*Ф. Ниёзӣ «Вафо», қ. II*

**РУИНОДИД**

### 286. Руинодид шудан

бо ҳамдигар чангӣ, ногап шудан.

1. «Ин тиррончакро чунон боб кунам, ки шавҳараш қатӣ мисли сагу гурба руйнодид шаванд!..»

*А. Деҳотӣ «Паёмҳои дустӣ»*

2. Онҳоро Шодӣ ҳарчанд насиҳат кунад ҳам, қабул намекарданд, бо Барака руйнодид шуданд.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

3. Албатта, дируз боз бо келинатон руйнодид шуда гаштед.

*«Тоҷикистони советӣ»*

**РУЙНАТАНӢ**

### 287. Руйнатанӣ кардан

густохӣ ва беругӣ кардан.

Одина дар ҳаққи ман чӣ курнамакиҳо ва руйнатаниҳо кард.

*С. Айнӣ «Асарҳои мунтахаб»*

**РУКАШ**

### 288. Рукаш кардан

нишон додан, пеш андохтан,

Сабаби сустии корро пурсед, бригадаҳои пешқадамро рукаш карда, корро тарзе нишон медиҳанд, ки гуё аҳвол умуман бад набошад.

*«Хорпуштак»*

**РУПУШ**

### 289. Рупуш кардан (намудан)

пинҳон намудан.

1. Вай нисбат ба сардори звено серталаб набуд, камбудиҳояшро рупуш мекард.

*Қ. Наимӣ «Роҳи дуруст»*
*(«Шарқи сурх»)*

2. Ё меҳоҳӣ, ки ба муносибати ба бинои нави мактаб кучидан он маблағҳои аз участкаҳои назди мактаби куҳна гирифташударо рупуш кунӣ.

*«Тоҷикистони советӣ»*

**РУСУРХӢ**

### 290. Бо русурхӣ

*Ниг.* Бо руи сурх.

Дар он дам мо ба вай бо русурхӣ мегуем, ки барои хотири вай шуда ҳануз қайд накунонидаем.

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

### 291. Руихотири касеро кардан

иззат ва ҳурмати касеро дар назар доштан.

1. Лекин муаллимаи пештараи онҳо падари Зайнабро руихотир карда ҳамаи кирдорҳои уро, агарчи ғайри қоидаи мактабӣ бошад ҳам, гузашт мекард.

*Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳкорам»*

2. Ту маро руихотир накарда рости гапро гуфтан гир...

*Р. Ҷалил «Фаранҷии охирин» («Шарқи сурх»)*

3. Ба ҳар кас, хоҳ хурд бошад, хоҳ калон, дағалона, ҳеҷ руихотир накарда гап мезад.

*П. Толис «Тобистон»*

**РӮЙХУНУК**

### 292. Рӯйхунук шудан

1. дар пеши касе шарманда, бадном шудан, 2. ба назари касон бад намудан.

1. — Ана сонӣ, холаҷон, рафта-рафта ба хама рӯйхунук шуда мемонанд.

*К. Носиров «Орият»*

2.— Ба ӯ маслиҳат доданд, ки барои андак пул шуда, дар назди Раҷабов рӯйхунук нашавад...

*«Хорпуштак»*

**РӮХУНУКӢ**

### 293. Рӯхунукӣ шудан

дилмондагӣ ба амал омадан, хафагӣ рӯй додан.

Агар шумо пас аз тамом кардани мактаб ягон касбу ҳунарро ба даст мегирифтед, ё ки боз ба хондан ҳаракат мекардед, дар байни мо ҳеҷ рӯхунукие намешуд.

*Ҷ. Икромӣ «Ғусса» («Шарқи сурх»)*

**РӮЯТ**

### 294. Рӯятро мурдашӯй бинад

нафрини занҳо дар мавриди нисбат ба касе марг хостан.

1. — Рӯятро мурдашӯй бинад, гадозан!

*Р. Амонов «Зиндагӣ» («Шарқи сурх»)*

2. — Рӯи ҳамин хел мардро мурдашӯй шӯяд.

*Р. Ҷалил «Ҳикояҳо»*

**РӮЯТОН**

### 295. Аз рӯятон гардам

садқа, қурбони шумо шавам.

— Аз рӯятон гардам, ба ману бачаҳои ман раҳм кунед,— зорӣ кард ӯ.

*Р. Ҷалил «Шӯроб»*

**РӮФТА**

### 296. Рӯфта чида бурдан

ҳеҷ чиз намонда гирифта бурдан.

Ба ҳама хабар додан даркор аст, ки ғаллаҳои зиёдатиашонро ба шаҳр оварда ба ҷояш чизҳои даркориашонро гиранд. Агар ҳамин тавр кардан гирем, ҷойҳои тороҷҳое ки амир ва туздони ӯ карданд ва ҳама асбоби хона ва бисоти рӯзгорамонро рӯфта чида бурданд, пур хоҳад шуд.

*С. Айнӣ «Дохунда»*

### 297. Рӯфта чидагӣ барин

1. хомӯшӣ, оромӣ, 2. ҳеҷ кас не.

— Мо аз куштану нимкушта кардани халқ кай хабар доштем? — гуфт яке,— садои тир баромад. Ба ҳамин тараф нигоҳ карда давидем. Омадем, ки «рӯфта чидагӣ барин». Ягонта одам нест...

*Р. Ҷалил «Одамони ҷовид», қ. I*

**РӮҲ**

### 298. Аз рӯҳ афтодан

маъюс, дилшикаста гардидан.

Вай аз рӯҳ афтидааст, камтар дилашро бардошта монед.

### 299. Руҳи касе баланд шудан

табъи касе чоқ шудан, хушҳол гардидан.

Баъд аз он ки падар ҳикояи кори худро кард, гуё ки аризааш натиҷаи амалӣ дода бошад, руҳаш баланд ва рӯяш кушода шуд.

*С. Айнӣ «Ёддоштҳо», қ. I*

### 300. Руҳ гирифтан

1. далер шудан, 2. қувваю дармон ёфтан.

1. — Ба муқобили ин зулми ғаддоронаи амир ҷавонони инқилобчии Бухоро, ки дар инқилоби февраль мағлуб шуда буданд, аз инқилоби октябрь руҳ гирифта, хостанд, ки ҳисоби худро бо амир баробар кунанд.

*С. Айнӣ «Ғуломон»*

2. Аз ин вохӯрӣ Шодӣ хурсанд шуда руҳ гирифт.

*Ҷ. Икромӣ «Шодӣ»*

3. — Ҳа, бале! — гуфт бригадир руҳ гирифта,— ана ҳн фикри маъқул.

### 301. Руҳи касе коҳидан

1. руҳан азоб кашидан, 2. ранҷидан.

— Дар Бухорои шарифи мусулмонободи мо корхое мешавад, ки руҳи кас ҳақиқатан мекоҳад...

*Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ»*

**РУҲБАЛАНД**

### 302. Руҳбаланд гаштан

*Ниг.* Руҳ гирифтан.

Очил аз ҳозир будани Анна руҳбаланд гашта, забонаш гуё шуда буд.

НАШРИЁТИ ДАВЛАТИИ
ТОҶИКИСТОН